**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД: 930.85+94(575.3)**
**ТКБ: 63.3(2т)**
**Ш-25**

**Шарифзода Ҷамолиддин Сафол**

# МАСОИЛИ МУБРАМИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК (НИМАИ ДУВУМИ ҲАЗОРАИ II ТО МЕЛОД – АСРИ IX) ВА ИНЪИКОСИ ОН ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

**Мушовири илмӣ: д.и.т., профессор Шарифов Р.Я.**

**Душанбе – 2025**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА..........................................................................................4-24**

**БОБИ I. БОЗТОБИ МАСОИЛИ МУБРАМИ ТАЪРИХИ АҚВОМИ ОРИЁӢ ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**

1.1. Масоили назариявӣ-методологии омӯзиши таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик..........................................................25-40

1.2. Таҳқиқи масъалаи ақвоми ориёӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон...............................................................................................................40-60

1.3. Масъалаи давлатдории сулолаҳои ориёӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон.............................................................................................................60-104

**БОБИ II. ДАРАҶАИ ОМӮЗИШИ ЗАБОН, ЭЪТИҚОД ВА ОИНҲОИ ДИНИИ ОРИЁИҲО ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**

2.1. Дидгоҳи Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба хостгоҳи забони ақвоми ориёӣ...............................................................................................................105-121

2.2. Сатҳи омӯзиши эътиқод ва оинҳои динии ориёиҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон.............................................................................................................121-142

**БОБИ III. ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАИ ИСТИЛОИ АРАБ ВА МУБОРИЗАИ ОЗОДИХОҲОНАИ АҶДОДИ ТОҶИКОН ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**

3.1. Вижагиҳои ҳуҷуми арабҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр дар осори Эмомалӣ Раҳмон...........................................................................................143-159

3.2. Дидгоҳи Эмомалӣ Раҳмон доир ба муборизаи озодихоҳонаи ниёкони тоҷикон дар қиболи Хилофати Араб.......................................................160-191

**БОБИ IV. ВИЖАГИҲОИ ГУСТАРИШИ ТАМАДДУНИ ИСЛОМ ДАР ХУРОСОНУ МОВАРОУННАҲР ВА ЭҲЁИ РУКНҲОИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**

4.1. Сатҳи омӯзиши неҳзатҳои фикрӣ ва маънавии тоҷикон (асрҳои VII-VIII) дар осори Эмомалӣ Раҳмон.....................................................................192-213

4.2. Нақши хонадонҳои маҳаллии Бармакиёну Саҳлиён дар низоми идории Хилофати араб аз нигоҳи Эмомалӣ Раҳмон............................................213-234

**БОБИ V. САТҲИ ОМӮЗИШИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҲИРИЁНУ САФФОРИЁН ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**

5.1. Бозтоби нуфуз ва ҷойгоҳи таърихии Тоҳириён дар осори Эмомалӣ Раҳмон.....235-265

5.2. Нақши Саффориён дар эҳёи давлатдорӣ ва фарҳанги миллии тоҷикон аз нигоҳи Эмомалӣ Раҳмон.....266-294

**ХУЛОСА.....395-303**

**ТАВСИЯҲО ДОИР БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.....303-305**

**РӮЙХАТИ САРЧАШМА ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА.....306-340**

**РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ.....341-345**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар раванди бархӯрди тамаддунҳо ва манофеи қудратҳои ҷаҳонӣ, ҳифзи истиқлоли давлатӣ ва арзишҳои миллӣ дар ҳар кишвар ба сатҳи иқтидори тафаккури неруҳои зеҳнӣ марбут аст. Миллати тамаддунофари тоҷик дар заминаи шинохти таҷрибаи таърихии ниёкон ва тафаккури созанда барои ҳифзи арзишҳои миллӣ ҳадафмандона қадам мегузорад. Омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои мубрами таърихи аҳди бостон ва асримиёнагии халқи тоҷик далели матраҳи муаммоҳоест, ки барои ҷомеаи муосир зарур мебошад. Махсусан, омӯзиш ва таҳқиқи ин марҳалаи муҳимми таърихӣ ба мо имкон медиҳад, ки муқобили ҳар гуна таҳдидҳои ғоявӣ мубориза барем.

Марҳалаи таҳқиқишаванда аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ сад сол инҷониб мавриди омузишу баррасӣ қарор дошта, вале дастовардҳои муосири илм имкон медиҳад, ки саҳифаҳои аз назар дур монда рӯшан гардад. Баъзе олимон осори худро зери таъсири идеологияҳои мухталиф навиштаанд, ки бо мурури замон арзиши илмиашон коста шудааст. Бинобар ин, имрӯз зарурати омӯзиши амиқи осори бо таваҷҷуҳ ба воқеияти таърихӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пеш омадааст, ки рӯи чоп омадаанд. Бо сабаби он, ки мазмуну муҳтавои осори таърихии Эмомалӣ Раҳмон аз аҳди ташаккули ақвоми ориёӣ то замони Сомониёнро фаро мегирад, доираи пажуҳиши илмии мавзуъ фарогири марҳалаи зикрёфтаи таърихӣ аст. Эмомалӣ Раҳмон бо таваҷҷуҳ ба ҳассосияти таъсири таърихи аҳди бостон ва асрҳои миёна дар сарнавишти ниёкони мо ба омӯзишу баррасии ин марҳалаи таърихӣ рӯ овարданд. Ҳарчанд, осори Эмомалӣ Раҳмон тамоми масъалаҳои таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи тоҷиконро фарогир набошад ҳам, вале масъалаҳои муҳим дар он инъикос гардидаанд. Аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон доир ба ин марҳалаи таърихӣ панҷ асари бунёдӣ рӯи нашр омад, ки арзиши баланди илмӣ доранд [5; 11; 12; 18; 21].

Баррасии моҳияти матолиби осори Эмомалӣ Раҳмон дар қиёс бо дигар таҳқиқоти илмӣ арзиши рисолаи илмиро боз ҳам зиёд менамояд. Мубрамии омӯзишу пажуҳиши осори мазкур дар доираи рисолаи докторӣ бо чунин нуктаҳо асоснок мешавад:

***Якум,*** масъалаҳои мубрами таърихи ақвоми ориёӣ мавриди пажуҳишу баррасӣ қарор гирифт. Махсусан, баррасии масоили ақвоми ориёӣ дар Осиёи Марказӣ, монанди хостгоҳ, асли баромад ва таркиби этникӣ, муҳоҷирати ориёиҳо, шуғл, қаламрави сукунат, меросбарони ориёиҳо, умумият ва тафовути зисти қавмҳои ориёӣ бар асоси таҳқиқоти бостоншиносӣ, мадорики забоншиносӣ, ҳамчунин ҷойгоҳи ориёиҳо дар тамаддуни ҷаҳонӣ; таҳлилу баррасии эътиқод ва оинҳои динии ориёиҳо ба монандӣ меҳрпарастӣ ва зурвония, таъсири ин афкоро дар дигар минтақаҳо, муштаракоти адёни бостонии ориёиҳо бо мардумони ҳамсоя, таъсири дину оини ориёиҳо бар афкори дигар ақвом;

***Дувум,*** таҳқиқу баррасии масъалаи давлатдории сулолаҳои ориёӣ дар мисоли Ҳахоманишиён, Порт ва Кушониён. Дар осори Эмомалӣ Раҳмон раванди зуҳур ва таҳкими оини давлатдории ориёиҳои ғарбӣ ва шарқӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Ӯ дар радифи дигар марҳалаҳои давлатдории ниёкони тоҷикон доир ба се империяи ҷаҳонии ориёиҳо – Ҳахоманишиён, Порт ва Кушониён бо таваҷҷуҳ ба мавқеъ ва нақши онҳо дар тамаддуни башарӣ андешаҳои худро баён намудааст. Маҳз дар замони вуҷуди ин се империя фарҳанги тамаддунофари ниёкони мо аз лиҳози таъсир бар расму оини дигар ақвом шуҳрат ёфт;

***Савум,*** таҳлилу баррасии нақши давлатҳои Сосониёну Ҳайтолиён дар таърихи тоҷикон ва тамаддуни башарӣ. Эмомалӣ Раҳмон дар асоси манобеъи таърихӣ доир ба шаҷараи Сосониёну Ҳайтолиён, мансубияти онҳо ба ориёиҳо, низоми давлатдорӣ, фарҳангу тамаддун, ҳудуди ҷуғрофӣ, сиёсати хориҷӣ маълумоти арзишманд пешниҳод намудааст. Махсусан, масъалаи асли баромади Ҳайтолиён, ки хеле вақт инҷониб баҳснок аст, дар осори ӯ шарҳу тавзеҳ ёфтааст;

***Чорум,*** инъикосу баррасии баъзе вижагиҳои масъалаи истилои араб дар сарзаминҳои тоҷикнишин ва раванди паҳншавии дини ислом дар ин манотиқ. Маълум аст, ки яке аз марҳалаҳои сарнавшитсози таърихи ниёкони тоҷик ба давраи истилои забткоронаи араб ва паҳншавии дини ислом рост меояд. Эмомалӣ Раҳмон бо таваҷҷуҳ ба вижагиҳои сиёсати забткоронаи арабҳо ва паҳншавии ислом дар сарзаминҳои паҳновари Хуросону Мовароуннаҳр паёмади онро дар шароити зуҳӯри ҳаракатҳои озодихоҳона дар минтақа барои мардуми мо хеле барҷаста арзёбӣ менамояд;

***Панҷум,*** таҳлилу баррасии густариши тамаддуни ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр ва эҳёи рукнҳои фарҳанги миллӣ. Муаллиф таъсири неҳзатҳои фикрии ниёкони тоҷик дар қиболи сиёсати золимонаи аксар хулафои араб ба риштаи пажуҳиш кашидааст. Махсусан, нақши ҳаракати шуубия ва ҷонибдорони он дар эҳёи арзишҳои фарҳангӣ аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон ба таври возеҳ баррасӣ мешавад. Маҳз шуубиҳо буданд, ки афзалияти арзишҳои илму адаби аҳли Аҷамро дар муқобили сиёсати авомфиребонаи аъроб ошкор сохтанд. Онҳо собит карданд, ки дар густариши фарҳангу тамаддуни исломӣ саҳми ниёкони тоҷикон хеле боризу мондагор аст. Дар радифи ҳаракати озодихоҳона шуубиҳо тавонистанд ба истиқлоли фикрии ниёкони мо замина гузоранд. Ҳамчунин, дар осори мазкур нақш ва корномаи хонадонҳои маҳаллии Хуросону Мовароуннаҳр, монанди Бармакиён, Саҳлиён ва Ковусиён дар пешрафти ҳаракати истиқлолхоҳии ниёкони мо инъикос гардидааст;

***Шашум,*** ҷойгоҳи таърихи давлатдории Тоҳириёну Саффориён дар осори Эмомалӣ Раҳмон таҳлилу баррасӣ шудааст. Бо чанд нукта собит шудааст, ки маҳз ба василаи корномаи намояндагони сулолаҳои маҳаллии Хуросони Бузург, монанди Тоҳириёну Саффориён дар муқобили сиёсати халифаҳои аббосӣ барои ташаккули халқи тоҷик ва истиқлоли миллӣ замина фароҳам гардид. Агар Бармакиёну Саҳлиён дар масири истиқлоли фикрӣ гом бардоштанд, пас Тоҳир ибни Ҳусайн ва Яъқуб ибни Лайс барои татбиқи ин ҳадаф дар Хуросону Мовароуннаҳр қадамҳои устувор гузоштаанд;

***Ҳафтум,*** Дар радифи таълифи осори таърихӣ, Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати эҳёи арзишҳои тамаддуни ориёӣ ва дар ин замина муаррифии тоҷикон ба унвони халқи тамаддунофар дар арсаи ҷаҳонӣ корҳои зиёд анҷом дод. Махсусан, эълони Соли тамаддуни ориёӣ (2006), мавқеи ҷаҳонӣ касб кардани Наврӯз, эҳёи ҷашнҳои Садда, Меҳргон, Тиргон ва ҷашни 5500 – солагии шаҳри бостонии Саразм ва сабти он дар феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО, 2700-солагии Кӯлоб, 3000-солагии Ҳисор, бузургдошти 1310 солагии Абуҳанифа Имоми Аъзам ва ғайра аз ташаббусҳои созандаи Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи муаррифии таъриху тамаддуни мардуми тоҷик аст. Ҷашнҳои мазкур миллати тоҷикро бо дарки амиқи ҳақиқати гузашта, дар вазъияти таҳаввулоти ихтилофбарангези замон метавонад мардумро дар бистари худшиносӣ, худогоҳӣ ва ҳамбастагии миллӣ нигоҳ дорад.

**Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш.** Ҳарчанд, доир ба дигар самтҳои фаъолияти Эмомалӣ Раҳмон китобу мақолаҳои зиёд нашр шудаанд, аммо дар хусуси масъалаи таҳқиқи мо то имрӯз таҳқиқоти махсуси илмӣ анҷом наёфтааст. Баъзе олимон дар китобу мақолаҳои хеш аз саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси омӯзишу инъикоси таърихи мардуми тоҷик ёдовар шудаанд, ки баъзе хулосаҳои онҳо дар анҷоми ин таҳқиқот судманд буданд.

Дар ин миён осори таърихшиносон, файласуфон, фарҳангшиносон ва сиёсатшиносони кишвар ба монандӣ Р.Я. Шарифов [418; 419; 420; 421; 422], Қ. Расулиён [405; 406; 407; 408; 409; 410; 411], А. Шарифзода [243], З. Акрамӣ [196], Т.М. Ғуломов [369], М. Ҳазратқулов [237], Н.С. Муродов [380], Н. Убайдулло [415] доир ба саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар пажуҳиши масоили мубрами таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик бисёр арзиши илмӣ доранд.

Профессор Р.Я. Шарифов зимни баррасии саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар омӯзиши масоили мубрами таърихи аҳди бостони халқи тоҷик роҷеъ ба масъалаи ҳиндуаврупоиҳо, давлатдории Мод, муносибатҳои Порт бо Рум ва

сиёсати забткоронаи арабҳо дар сарзамини тоҷикон пажуҳиши арзишманде анҷом додааст [418; 419; 420; 421; 422].

Муаррихи тоҷик Қ. Расулиён дар осори таҳқиқотии худ бештар ба масъалаҳои ориёишиносӣ – хостгоҳ, асли баромад ва инъикоси ваҳдати ориёиҳо дар осори таърихии Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳ намудааст. Дар асоси таҳлили ин осори таърихӣ ба чунин хулоса меояд, ки Эмомалӣ Раҳмон дар миёни муҳаққиқони таърихи ақвоми ориёиҳо бори нахуст унсурҳои тамаддуни онҳоро мавриди омӯзишу таҳлил қарор дод. Ӯ дар хусуси масъалаи хостгоҳ ва муҳоҷирати ақвоми ориёӣ бар асоси назарияи Эмомалӣ Раҳмон менависад, ки ин ақвом дар охири ҳазораи III ва аввали ҳазораи II то мелод аз сарзаминҳои шимолии Осиёи Марказӣ, Осиёи Шимолу Ғарбӣ ва даштҳои Авруосиё ба самти ҷануб муҳоҷират ва дар минтақаҳои имрӯзаи Эрон, Ҳинд ва Аврупо сокин шудаанд [408].

Профессор А. Шарифзода дар китоби худ «Эмомалӣ Раҳмонов: Соли тамаддуни ориёӣ» [243] ба ташаббусҳо ва иқдомҳои Эмомалӣ Раҳмон дар самти эҳёи арзишҳои таърихӣ ва фарҳангии аҷдоди тоҷикон – ориёиҳо ва таълифи осори илмӣ доир ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ зоҳир месозад. Дар робита ба ин таъкид менамояд, ки дар натиҷаи ин ташаббус бори дигар тоҷикон дар ҷаҳон ҳамчун меросбари тамаддуни ориёиҳо ва бундёгузори яке аз нахустин тамаддунҳои башарӣ эътироф шуданд.

Профессор З. Акрамӣ ҳангоми таҳия ва пешниҳоди консепсияи нави омӯзиши таърихи халқи тоҷик истифода аз усулу методологияи таҳқиқотии Эмомалӣ Раҳмонро барои муаррихон ба маврид ва зарур мешуморад. Ба ақидаи ӯ, консепсияи таҳқиқотии Эмомалӣ Раҳмон айни замон барои ҳифзи арзишҳои таърихии тоҷикон аҳаммияти зиёд дорад [196].

Муҳаққиқи дигари тоҷик Т.М. Ғуломов дар муқаддимаи рисолаи доктории хеш саҳми Эмомалӣ Раҳмонро дар пешафти консепсияи нави омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар партави ҳифзи манофеи миллӣ муҳим арзёбӣ менамояд. Ӯ таъкид месозад, ки дар раванди пажуҳиши илмӣ

истифода аз консепсияи таърихнигории Эмомалӣ Раҳмон дар айни замон бисёр муҳим ва ба маврид мебошад [369].

Н. Убайдулло ба арзиши махсуси консепсияи омӯзиши таърихи аҳди бостони халқи тоҷик дар осори Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунад. Ба ақидаи ӯ, Эмомалӣ Раҳмон тавассути таълифи осори таърихӣ ва омӯзиши масъалаҳои мубрами таърихи халқи тоҷик, ба консепсияи ҷадиде асос гузошт. Диққати муҳаққиқ бештар ба масъалаҳои таърихи давлатдории ниёкони мардуми тоҷик ва тамаддуни ориёӣ ҷалб шудааст [415].

Муаррихи тоҷик Н.С. Муродов дар муқаддимаи рисолаи номзадии хеш аз саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар таҳлилу баррасӣ ва инъикоси масоили муҳимми таърихи аҳди бостони халқи тоҷик ёдовар мешавад. Махсусан, ӯ саҳми Эмомалӣ Раҳмонро дар омӯзиши адёни бостонии ниёкони тоҷикон – меҳрпарастӣ, зурвония ва зардуштия муҳим арзёбӣ менамояд [380].

Доир ба саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар омӯзиши баъзе аз масъалаҳои мубрами таърихи аҳди бостони халқи тоҷик бархе аз муҳаққиқони варзидаи ватанӣ дар асари «Этногенез ва таърихи этникии халқи тоҷик» [245], ки бо ташаббуси Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон рӯи чоп омад, ибрози андеша намудаанд. Асари мазкур масъалаҳои муҳимми таърихи аҳди бостони тоҷиконро ба таври мушаххас инъикос менамояд.

Ҳамин тавр, дар осори муҳаққиқон нақши Эмомалӣ Раҳмон дар тадвини консепсияи нав ҷиҳати омӯзиши масоили мубрам, ба монанди пайдоиш ва ташаккули халқи тоҷик, ташаккул ва рушди забони ниёкони тоҷик, рушди фарҳанги моддию маънавӣ, ташаккули афкори ҷамъиятӣ мавриди омӯзиш ва инъикос қарор гирифтааст.

**Манбаъи асосии диссертатсия** осори Эмомалӣ Раҳмонро роҷеъ ба таърихи халқи тоҷик, махсусан аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёна фаро мегирад. Бояд гуфт, ки Эмомалӣ Раҳмон дар ин замина пажуҳиши арзишманде анҷом дод, ки дар пешрафти таърихнигории халқи тоҷик таъсири муассир гузоштанд.

Асари якум «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» [21] дар чор китоб нашр гардида, дар он масъалаҳои мубрами таърихи халқи тоҷик дар асоси манобеъи таърихӣ баррасӣ шудааст. Дар ин миён масъалаҳое, монанди таҷрибаи таърих ва озмоишҳои мактаби истиқлол, асри фарҳанги сулҳ ва ваҳдати инсоният, Эрон ва Тӯрон аз аҳди бостон то рӯзгори мо, густариши оини давлатдорӣ ва тамаддуни ориёӣ дар аҳди ҳукумати хонадонҳои ориёӣ, аз қабили Мод, Ҳахоманишиён, Порт, Кушониён, Сосониён, Ҳайтолиён, муборизаи истиқлолхоҳонаи ниёкони тоҷик ба муқобили юнону мақдуниҳо ва арабҳо, баҳору хазони тамаддуни ориёӣ дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ, хилофати исломӣ ва интишори дини ислом дар манотиқи тоҷикинишин, неҳзатҳои фикрии тоҷикон дар қиболи сиёсати хулафои араб, болоравии нуфузи сиёсии хонадонҳои тоҷик дар хилофат, ва ташкили ҳукумати Тоҳириёну Саффориён дар Хуросону Моварооуннаҳр муҳим арзёбӣ мешаванд.

Асари дигари Эмомалӣ Раҳмон «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» [18] ба баррасии масъалаҳои таърихи аҳди бостон аз замони ташаккули ақвоми ориёӣ то фурӯпошии шоҳаншоҳии Сосониён бахшида шудааст. Асари мазкур аз панҷ боб иборат аст ва дар он роҷеъ ба масъалаҳои ташаккули ақвоми ҳиндуаврупоӣ ва ҳиндуориёӣ, ориёиҳо дар Осиёи Марказӣ, таъсиси давлатҳои қадими ориёӣ, вазъи тамаддуни ориёӣ аз замони шоҳаншоҳии Ҳахоманишӣ то Сосониён, эътиқоду боварҳои ақвоми ҳиндуориёӣ, оини меҳрпарастӣ, зурвония, таълимоти Зардушт ва китоби Авесто маълумоти нодир гирдоварӣ шудааст.

Дар китоби дигар «Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ» [11] Эмомалӣ Раҳмон зарурати омӯзишу таҳқиқи таърих ва арзишҳои тамаддуни ориёиро шарҳу тавзеҳ медиҳад. Дар он муаллиф бар асоси асноду мадори илмӣ таъкид менамояд, ки ниёкони мардуми тоҷик, яъне ориёҳо дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ мақоми шоистае касб намуданд.

Асари дигари арзишманди Эмомалӣ Раҳмон «Забони миллат-ҳастии миллат» [5] дар ду ҷилд нашр гардидааст. Дар он муаллиф баъзе масоили

забоншиносиро аз замони зисти ақвоми ориёӣ то шаклгирии забони муосири тоҷикӣ-форсӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Асари мазкур аз лиҳози мазмуну муҳтаво дар боби омӯзиши забонҳои ниёкони мо арзиши зиёди илмӣ дорад. Дар асар баъзе масъалаҳои ихтилофангези забонҳои бостонӣ ва асримиёнагии аҷдоди тоҷикон дар асоси манобеъи таърихӣ ба таври хеле мушаххас инъикос мешавад.

Дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» [12] Эмомалӣ Раҳмон доир ба ҳаёт ва фаъолияти сӣ чеҳраи барҷастаи сиёсӣ ва фарҳангии халқи тоҷик, аз қабили Куруши Кабир, Зардушт, Спитамен, Деваштич, Муқаннаъ ва дигарон маълумот медиҳад. Ҳамчунин, хидмат ва ҷойгоҳи онҳо дар таърихи давлатдорӣ ва афкори истиқлолхоҳии мо бо далелҳои муътамади таърихӣ нишон дода шудааст.

Дар ин радиф, Эмомалӣ Раҳмон дар мақола ва баромадҳои хеш доир ба арзишҳои таърихию фарҳангии ниёкони мардуми тоҷик андешаҳои созандае иброз намудааст, ки аз таваҷҷуҳи хосаи ӯ нисбат ба таърихи аҳди бостон ва асрҳои миёнаи халқи тоҷик хабар медиҳад [2; 3; 13; 14; 16; 17; 24; 25; 26; 27; 28].

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот.** Сарчашмаҳои асосии таҳқиқот асосан осори хаттии таърихӣ ва ҷуғрофиёии форсӣ мебошад. Вобаста ба ин сарчашмаҳои мавриди истифодаро аз рӯи мазмуну муҳтаво метавон ба се гурӯҳ ҷудо намуд:

**Ба гурӯҳи аввал** осори ҷуғрофиёиро шомил намудем. Дар рисола бо мақсади мушаххас намудани қаламрави сукунати ниёкони мардуми тоҷик, аз осори зиёди ҷуғрофиёӣ, аз қабили «Авесто» [35; 36], «География»-и Страбон [55], «Ҳудуду-л-олам мин-ал-Машриқ-ила-л-Мағриб» [60] (муаллифаш номаълум), «Масолику-л-мамолик»-и Абӯисҳоқ Иброҳими Истахрӣ [34], «Сурату-л-арз»-и Ибни Ҳавқал [49], «Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим»-и Муҳаммад ибни Аҳмади Макдисӣ [51], «Муъҷаму-л-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ [46], «Ҷуғрофиё»-и Шиҳобиддин Абдуллоҳи Хофӣ [62]

(машҳур ба Ҳофизи Абрӯ), «Масолик ва мамолик»-и Ибни Хурдодбеҳ [48], «ал-Булдон»-и Яъқубӣ [38] ва ғайра мавриди истифода қарор гирифт.

**Ба гурӯҳи дувум** сарчашмаҳое дохил мешаванд, ки ба унвони таърихи умумӣ роҷеъ ба давраи мавриди таҳқиқи мо матолиби хуб доранд. Махсусан, «Таърих»-и Ҳеродот [45], «Таъриху-р-русули ва-л-мулук»-и Муҳаммад Ҷарири Табарӣ [52], «Таърихи Табарӣ»-и Абуалии Балъамӣ [40], «Ал-футуҳ» ва ё «Китобу-л-футуҳ»-и Муҳаммад ибни Алӣ ибни Аъсам ал-Куфӣ [47], «Футуҳу-л-булдон»-и Аҳмад Яҳё ибни Ҷобири Балозурӣ [39], «Осор-ул-боқия»-и Абурайҳон Берунӣ [43], «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ [58], «Равзату-с-сафо фи сирати-л-анбиёи ва-л-мулуки ва-л-хулафо»-и Мирхонд [50] ва ғайра истифода шуданд.

**Ба гурӯҳи сеюм** сарчашмаҳои таърихи маҳаллӣ дохил мешаванд, ки роҷеъ ба минтақаҳои таърихи маҳалҳои ҷудогона маълумоти тоза доранд. Осори мазкур дар радифи таърихи як минтақа, доир ба омӯзиши баъзе ҳаводиси Эрону Хуросон ва Варорӯд муҳим арзёбӣ мешаванд [53; 54; 56; 57]. Маълумоти ин гуна сарчашмаҳо, маъмулан дар манобеи дигар ба назар намерасанд, ки аз ин ҷиҳат низ аҳаммияти махсус доранд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмиву таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмиву таҳқиқотии кафедраи мазкур зери унвони «Консепсияи таърихнигории Эмомалӣ Раҳмон» фарогири мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти мавзуи диссертатсионӣ омӯзиши амиқу дақиқи масъалаҳои мубрами таърихи аҳди бостон то замони Сомониён бар асоси қиёси осори Эмомалӣ Раҳмон ва таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мебошад. Моҳияти асосии таҳқиқи мавзуи мазкур дар он ифода меёбад, ки баъзе масъалаҳои баҳсталаб дар заминаи манфиатҳои миллии мардуми тоҷик рӯшану возеҳ шаванд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо таҳқиқи мавзуъ баъзе аз масъалаҳои мубрами таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик бо таваҷҷуҳ аз назари Эмомалӣ Раҳмон дар таърихнигории муосир возеҳу рӯшан хоҳад шуд. Бо ин мақсад дар асоси таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон ва манбаъҳои таърихӣ муаллиф иҷрои вазифаҳои зайлро амри зарурӣ медонад:

– дар асоси таҳлилу баррасии манобеъи таърихӣ ва осори Эмомалӣ Раҳмон рӯшан намудани масъалаи хостгоҳ ва муҳоҷирати ақвоми ориёӣ;

– баррасии сатҳи омӯзиши эътиқод ва оинҳои динии ориёиҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон;

– таҳлилу омӯзиши масъалаи давлатдории сулолаҳои ориёӣ – Ҳахоманишиён, Порт ва Кушониён аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон;

– баррасии ҷойгоҳи шоҳаншоҳии Сосониён дар таърихи давлатдории ниёкони тоҷик ва аҳаммияти омӯзиши он аз нигоҳи Эмомалӣ Раҳмон;

– таҳлилу баррасии масъалаи мансубияти қавмию этникии Ҳайтолиён дар асоси қиёси манобеи таърихӣ ва осори Эмомалӣ Раҳмон ;

– таҳлили вижагиҳои сиёсати забткоронаи арабҳо дар сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр ва паёмади он бар асоси муқоисаи манбаъҳои таърихӣ ва осори Эмомалӣ Раҳмон;

– таҳқиқи муборизаи озодихоҳонаи ниёкони тоҷик дар қиболи сиёсати хулафои араб ва паёмади он аз нигоҳи Эмомалӣ Раҳмон;

– омӯзишу баррасии вижагиҳои неҳзатҳои фикрии тоҷикон дар қиболи сиёсати Хилофати араб ва паёмадҳои он дар пажуҳиши Эмомалӣ Раҳмон;

– ташхиси дурусти хидмати хонадонҳои маҳаллии Бармакиёну Саҳлиён дар низоми идории Хилофати араб ва сарнавишти тоҷикон;

– муайян намудани хадамоти Тоҳириён дар таърихи давлатдории тоҷикон аз нигоҳи Эмомалӣ Раҳмон;

– таҳлилу баррасии нақши хонадони Саффориён дар эҳёи рукнҳои давлатдорӣ ва арзишҳои фарҳангии тоҷикон дар асоси пажуҳиши осори Эмомалӣ Раҳмон.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он аст, ки бори нахуст дар таърихнигории муосир ва доираи рисолаи докторӣ масъалаҳои мубрами таърихи аҳди бостони халқи тоҷик то замони Сомониён бар асоси омӯзиши осори Эмомалӣ Раҳмон таҳқиқу баррасӣ мешавад. Албатта баъзе ин масоил дар доираи рисолаҳои ҷудогона мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Аммо дар таърихнигории муосир метавон бар асоси қиёси илмии манбаъҳои таърихӣ, осори Эмомалӣ Раҳмон ва муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ баъзе масъалаҳои норӯшани ҳаводиси сарнавиштсози таърихи халқи тоҷикро дар ин марҳалаи таърихӣ мавриди баррасӣ қарор дод:

– дар асоси таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон, муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ва манобеъи таърихӣ бори аввал масъалаҳои мубрами таърихи аҳди бостон то замони ташкили нахустин давлати миллии тоҷикон (асри IX) ба риштаи таҳқиқ кашида шуд;

– дар натиҷаи таҳлили манобеи таърихӣ, махсусан бозёфти бостоншиносӣ ва осори Эмомалӣ Раҳмон раванди ташаккулиақвоми ориёӣ дар Осиёи Марказӣ, мароҳили муҳоҷират, сукунат ва вижагии тамаддуни онҳо мушаххас гардид;

– вижагиҳои дину оинҳои бостонии ниёкони мардуми тоҷик – ориёиҳо дар мисоли меҳрпарастӣ ва зурвония бар асоси қиёси осори таърихӣ ва мулоҳизаҳои Эмомалӣ Раҳмон ташхис шуд;

– бар асоси таҳлили далоили таърихӣ ва хулосаҳои Эмомалӣ Раҳмон ҷойгоҳи давлатҳои мутамаркази сулолаҳои ориёӣ – Ҳахоманишиён, Порт ва Кушониён дар таърихи давлатдории тоҷикон мушаххас гардид;

– дар радифи дигар марҳалаҳои давлатдории тоҷикон, ҳамчунин нақши шоҳаншоҳии Сосониён дар эҳёи арзишҳои тамаддуни ориёӣ, эъмори давлати қудратманди ориёиҳо ба риштаи таҳқиқ кашида шуд;

– масъалаи асли баромади қавмии Ҳайтолиён ва ҷойгоҳи онҳо дар таърихи давлатдории тоҷикон бар пояи қиёси таҳқиқоти муҳаққиқон ва осори Эмомалӣ Раҳмон рӯшан гардид;

– вижагиҳои сиёсати забткоронаи арабҳо ва паёмади он дар сарнавишти мардумони Хуросону Мовароуннаҳр бар асоси қиёси илмии осори таърихӣ ва андешаҳои Эмомалӣ Раҳмон ошкор гардид;

– паёмади ҳаракатҳои озодихоҳонаи мардумони Хуросону Мовароуннаҳр дар қиболи хулафои араб собит шуд;

– паёмади неҳзатҳои фикрии аҷдоди тоҷикон дар масири эҳёи арзишҳои миллии мардуми Хуросону Мовароуннаҳр мушаххас шуд;

– нақши сулолаҳои тоҷик – Бармакиён, Саҳлиён ва Ковусиён дар густариши ислом ва ҳифзи арзишҳои фарҳангии мардумони Хуросону Мовароуннаҳр бар асоси назари Эмомалӣ Раҳмон ва далелҳои муътамади таърихӣ собит гардид;

– бо таҳлилу баррасии амиқи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ва муқоисаи осори Эмомалӣ Раҳмон ҷойгоҳи хонадонҳои ҳукмрони Хуросону Мовароуннаҳр – Тоҳириёну Саффориён дар таърихи давлатдории тоҷикон мушаххас шуд.

**Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқоти диссертатсияро** усулҳои муносибати комилу системавӣ ва маърифатии дар илми муосири таърих маъмул – таърихият, пайвастагии хронологӣ ва мантиқии баёни воқеаҳо, масъалагузорӣ, қиёси назарӣ, шаффофият ва воқеият дар асоси далелҳо ташкил медиҳад. Усулҳои мазкур дар пайвастагӣ бо ҳам ба мо имкон дод, ки масъалаҳои мубрами таърихи аҳди бостонро то асри IX дар асоси қиёси маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва осори Эмомалӣ Раҳмон таҳлилу баррасӣ намоем. Бо таваҷҷуҳ ба равандҳои таърихӣ ва инъикоси он дар осори муаррихон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мо имкон ёфтем, ки вижагиҳои таърихнависии Эмомалӣ Раҳмонро нишон диҳем. Усули таҳлилӣ-муқоисавӣ дар раванди баррасии масъалаҳои фарогири мавзӯъ имкон дод, ки хулосаҳои амиқу мушаххас ироа шавад.

Ҳамчунин, истифодаи усули пайвастагии хронологӣ-мантиқӣ имкон дод, ки ҳаводиси муҳимму сарнавиштсози аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёна пайдарпай шарҳу тавзеҳ ёбанд. Бо истифода аз усули шафофият ва

воқеияти таърихӣ маълум гардид, ки дар осори Эмомалӣ Раҳмон бо риояи ин принсип масъалаҳои мубрам дар асоси манобеи таърихӣ ба таври объективӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Дар ин радиф, дар диссертатсия аз равиши омехтаи соҳавӣ низ истифода бурда шуд, зеро баъзе масоили мавзуи таҳқиқоти мо бо илмҳои бостоншиносӣ, манбаъшиносӣ, таърихнигорӣ, хронологияи таърихӣ, ҷуғрофиёи таърихӣ, фарҳангшиносӣ, забоншиносӣ ва ғайра пайвастагии илмӣ ва мантиқӣ дорад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** ба таҳқиқи масоили мубрами таърихи аҳди бостон ва асримиёнагии барвақтаи халқи тоҷик бар асоси осори Эмомалӣ Раҳмон, маълумоти манбаҳои таърихии давраи таҳқиқ ба забони форсӣ, осори ҷуғрофӣ-таърихии сайёҳону муаррихони асримиёнагӣ, таҳқиқоти олимону муҳаққиқони русу араб, аврупоӣ, амрикоӣ ва дастовардҳои илмии таърихнигорони ватанӣ такя менамояд. Мавзуи таҳқиқот аз таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон маводу манбаъҳои таърихии форсӣ ва осори муҳаққиқони муосири ватанию хориҷӣ иборат мебошад ва раванди ташаккули ақвоми ориёӣ, тамаддуни ориёӣ, шоҳаншоҳиҳои муқтадири ориёӣ, омилҳои шикасту рехти давлатҳои ориёӣ, ҳуҷуми арабҳо ва интишори дини ислом, муборизаи озодихоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр бар зидди арабҳо, неҳзатҳои фикрӣ, саҳми сулолаҳои тоҷиктабор дар густариши ислом ва ҷойгоҳи хонадонҳои Тоҳириёну Саффориёнро дар таърихи давлатдории тоҷикон дар асоси вазифаҳои бамиёнгузошташуда, ки усулҳои шаффофият, таърихият ва мушаххасотро ба назар гирифтаанд, фаро мегирад.

Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки дар асоси таҳлилҳо ва таҳқиқотҳо масъалаҳои мубраму баҳсноки таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик (яъне то Сомониён) дар асоси осори Эмомалӣ Раҳмон муайян гардидааст. Омӯзиши таҳқиқоти мазкур ҳамчун мавзуи муҳимми таърихӣ, на танҳо аҳаммияти калони илмиву амалӣ дорад, балки барои равшан сохтани саҳифаҳои таҳқиқнагардида ва

норавшани давраи мазкури таърихи халқи тоҷик, ҳамчунин барои тарбияи наслҳои ҷавони имрӯза ва ояндаи миллат кумаки амалӣ хоҳад расонд.

Таҳқиқоти мазкур метавонад зимни таҳияи корҳои илмӣ доир ба масълаҳои муҳимми таърихӣ ва фарҳанги халқи тоҷик ва мардумони ҳамҷавор тартиб додани барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, таҳияи курсҳои махсус доир ба давраи мавриди таҳқиқ барои донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад. Дар давоми ду соли охир натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф дар раванди таълиму тарбия истифода шуда, фанни махсусе дар факултети таърихи ДМТ барои донишҷӯёни курси сеюм бо унвони «Консепсияи таърихнигории Эмомалӣ Раҳмон» дарс гуфта мешавад.

**Объекти таҳқиқоти** диссертатсионӣ аз таҳқиқи масъалаҳои мубрами таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёна (аз замони ташаккули ақвоми ориёӣ то Сомониён) бар асоси осори Эмомалӣ Раҳмон иборат аст. Дар радифи осори Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба масъалаи таҳқиқшаванда, ҳамчунин натиҷаи таҳқиқоти бостоншиносӣ ва осори илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор мегирад.

**Мавзуи таҳқиқот** аз омӯзиши масоили мубрами таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик дар асоси осори Эмомалӣ Раҳмон иборат мебошад. Махсусан, мавзуи ташаккули ақвоми ориёӣ, нахустмеҳан, муҳоҷират, унсурҳои фарҳанги ориёҳо – дину оин, забон, марҳалаҳои рушди давлатдории ориёиҳо, густариши дини ислом дар манотиқи тоҷикнишин, муборизаи озодихоҳона ва фикрии аҷдоди тоҷикон дар қиболи арабҳо, нақши сулолаҳои тоҷиктабор дар густариши тамаддуни исломӣ ва ташаккули ҳукумати сулолаҳои тоҷиктабори Хуросону Мовароуннаҳр таҳқиқу баррасӣ мегардад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, матлабҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмиву амалӣ ва семинарҳои назариявӣ, ҳамзамон дар таҳияи барнома ва васоити таълимӣ дар мактаби

олӣ саҳмгузор мебошад. Ҳамчунин, таҳияи нақшаву дебоча, таълифи таҳқиқот, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат менамояд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:** Дар асоси пажуҳиши осори Эмомалӣ Раҳмон, манбаҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ доир ба таърихи аҳди бостон ва асрҳои миёнаи халқи тоҷик матлабҳои зер ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:

1. Дар осори Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба таърихи аҳди бостон бештар ба далелҳои раднопазири таҳқиқоти бостоншиносӣ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Қисми аввали осори ӯ, ки таърихи ташаккули ақвом ва тамаддуни ориёиро фаро мегирад, дар асоси мадорики бостоншиносӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Маҳз, бо таваҷҷуҳ ба ин вижагӣ ду масъалаи муҳимме аз таърихи ақвоми ориёӣ шарҳи дурусти худро ёфт. Якум, масъалаи хостгоҳи ориёиҳо, ки дар натиҷаи пажуҳиш ба Осиёи Марказӣ нисбат дода шуд. Дувум масъалаи муҳоҷирати ориёиҳо, ки раванд ба нимаи аввали ҳазорсолаи II то мелод марбут аст;

2. Дину оинҳои бостонии аҷдоди тоҷикон – ориёиҳо монанди меҳрпарастӣ ва зурвония ҳамчун унсурҳои муҳимми тамаддун аз лиҳози орову андеша ва шарҳу тавзеҳи ҳаёти инсонӣ дар замони худ ба унвони таълимоти бартар, на танҳо дар манотиқи ориёинишин, балки дар сарзаминҳои ҳамҷавор ва хориҷи дур интишор ёфтанд. Ҳатто, дар империяи Рум замоне меҳрпарастӣ ҳамчун оини расмӣ эътироф гардид. Дину оинҳои мазкур, ки дар осори Эмомалӣ Раҳмон бисёр мушаххас баррасӣ шуд, аз таъсири тафаккур ва нуфузи тамаддуни ориёиҳо дар миёни мардумони ҳамҷавор шаҳодат медиҳад;

3. Дар асоси пажуҳиши манобеъи таърихӣ ва осори Эмомалӣ Раҳмон метавон замони шоҳаншоҳии Ҳахоманишиёнро ҳамчун давраи пешрафту

густариши тамаддуни ориёӣ ном бурд. Маҳз, дар ҳамин давра ориёиҳо тамоми ҳамқавмони худро аз лиҳози сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар атрофи як давлати қудратманд дар қалби ҷаҳони бостон муттаҳид карданд. Тибқи ахбори муаррихон он нахустин империяи ҷаҳонӣ буд, ки зиёда аз 70 ақвомро ба ҳам муттаҳид месохт. Марказҳои тамаддуни ҷаҳон, мисли Эрон, Варорӯд, Бобул, Миср дар зери таъсири фарҳанги ориёӣ қарор гирифтанд. Бо ташаббуси шоҳаншоҳони муқтадире, монанди Куруши Кабир ва Дорюши Кабир қудрати ориёиҳо бори аввал ҷаҳонгир шуд. Забону хатти ниёкони мо дар Шарқ то сарҳадди Чин ва дар Ғарб то Миср мақоми расмӣ гирифт;

4. Ташкили давлати Порт (Ашкониён) ба ҳаракати озодихоҳонаи аҷдоди тоҷикон бар қиболи юнону мақдуниҳо бастагӣ дошт. Бо таваҷҷуҳ ба хидмати мондагорашон метавон Ашкониёнро посдори арзишҳои тамаддун ва фарҳанги ориёиҳо (баъди аз заволи ҳукумати юнону мақдуниҳо) дар манотиқи ғарбии Ориёно номид. Корномаи шоҳони Порт аз Аршак то Меҳрдоди II дар ростои эҳёи оини кишвардории ориёиҳо – дар навбати аввал шикасти юнону мақдуниҳо ва баъдан румиҳо нишони ҷасорати аҷдоди тоҷикон мебошад. Портҳо дар манотиқи сукунати ақвоми ориёӣ ба раванди густариши тамаддуни ҳеллинизм хотима гузоштанд. Маҳз, ба ҳамин хотир имрӯз онҳоро посдори тамаддуни ориёӣ ва оини кишвардории аҷдоди тоҷикон меномем. Бо ташаббуси онҳо забону фарҳанг ва расму оини ниёкон эҳё ва ҳифз гардид;

5. Ташкили давлати Кушониён дар таърихи ақвоми ориёиҳои шарқӣ ва пешрафти тамаддуни ориёӣ як таҳавуллоти ҷиддӣ маҳсуб меёфт. Бузургтарин хидмати онҳо поён додан ба ҳукумати юнону мақдуниҳо дар сарзамини Бохтар буд. Кушониён унсурҳои тамаддун ва фарҳанги ориёиро дар сарзамини Бохтар ва манотиқи ҳамҷавори он эҳё намуданд. Талоши шоҳони кушонӣ, махсусан Вима Кадфиз ва Канишкаи Кабир боис гардид, ки давлати қудратманди Кушониён мақоми фарҳангӣ ва бозаргонии ақвоми ориёиҳоро дар Роҳи бузурги абрешим устувор намояд. Сиёсати ислоҳотхоҳонаи шоҳони

кушонӣ дар ҳаёти мардуми Бохтар як гардиши куллӣ ба вуҷуд овард. Кушониён дар раванди бархӯрди тамаддунҳо (тамаддуни юнонӣ, чинӣ ва Ҳинди Бостон) унсурҳои фарҳанги ориёиро ҳифз ва тақвият бахшиданд. Дар пасманзари сиёсати таҳаммулгароии шоҳони кушонӣ як фазои озоди эътиқоду андеша ба миён омад, ки мисоли онро мо дар ёдгориҳои бостонӣ, махсусан Ойхонум ва катибаҳои Сурхкуталу Работак мебинем;

6. Дар ҳоле, ки давлатҳои Порту Кушониён посдори тамаддуни ориёӣ эътироф мешаванд, пас Сосониён дар муддати наздик ба 500 сол онро рушд бахшиданд. Шоҳаншоҳони Сосонӣ аз аҳди Ардашер то Хусрави Парвиз ба унвони меросбари Ҳахоманишиён дар таърихи давлатдории аҷдоди тоҷикон хидмати арзанда намуданд. Дар таърихи давлатдории ориёиҳо Сосониён баъд аз Ҳахоманишиён дувумин шоҳаншоҳии қудратманду тавоно маҳсуб меёбанд. Сосониён бо ташкили бузургтарин марказҳои фарҳангӣ, илмӣ ва иқтисодӣ Эронро ба маркази тамаддуни ҷаҳон табдил доданд. Ҳатто, минбаъд Хилофати араб аз маркази Тайсафун (Бағдод) идора мешуд. Сосониён на танҳо дар машриқзамин, балки дар тамаддуни ҷаҳонӣ як таҳаввуллот ба миён оварданд. Махсусан, оини давлатдории онҳо таваҷҷуҳи аксар донишмандонро ҷалб намудааст. Низоми кишвардории Сосониён баъдан дар Хилофат низ мавриди қабул афтод. Заъфи шоҳаншоҳии Сосониён ҳамон низоми табақотӣ буд, ки минбаъд сабаби муноқишаҳои иҷтимоӣ ва заволи давлат гардид;

7. Масъалаи асли баромади қавмии Ҳайтолиён дар осори Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз манбаъҳои таърихӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Дар ин асос Ҳайтолиён ба монанди Кушониён сирф ба қавми турониёни ориёӣ нисбат ва зиёда аз сад сол дар ҳудуди Бохтар давлатдорӣ доштанд. Онҳо ба гурӯҳи ориёиҳои шарқӣ шомил мешуданд. Аз лиҳози забонӣ ва расму оин бо мардумони дигари ориёӣ муштаракоти зиёд доштанд, ки дар диссертатсия бо далелҳои муътамади илмӣ асоснок шудааст;

8. Дар осори Эмомалӣ Раҳмон сиёсати забткоронаи арабҳо дар сарзаминҳои тоҷикнишин бо тафсил баррасӣ гардидааст. Ин сиёсат дар

манотиқи тоҷикнишин бо як вижагӣ дар ду давра амалӣ гардид. Дар марҳалаи аввал арабҳо шоҳаншоҳии Сосониёнро шикаст дода, Эрону Хуросонро тасхир намуданд. То соли 705 ислом дар ҳудуди маъмулан интишор ва низоми иморат ташкил шуд. Дар марҳалаи дувум бошад сарзамини Варорӯд забт шуд ва то ибтидои асри IX ислом дар ин минтақа паҳн гардид. Дар марҳалаи якум ин сиёсат комилан хусусияти истисморӣ дошт ва дар марҳалаи дуюм бошад, акнун дастаҳо ва саркардаҳои маҳаллӣ дар интишори ислом саҳм гузоштанд;

9. Дарку фаҳмиши шариати исломӣ аз ҷониби мардумони Хуросону Мовароуннаҳр ва сиёсати золимонаи хулафои араб сабаби зуҳури ҳаракатҳои озодихоҳӣ гардид. Акнун ин маънои онро дошт, ки ислом қабул асту ҳукумати араб не. Яъне, ин шуру исёнҳо аксар на муқобили ислом, балки асабияти қавмӣ буд, ки дигар арабҳо ҳуқуқи маънавии ҳукумат дар ин минтақаро надоштанд. Он чи арабҳо ба сарзамини аҷдоди тоҷикон овардану паҳн намудан мехостанд, худ муқобили меъёри он амал карданд. Бинобар ин, дар минтақа ҳаракатҳои мардумӣ таҳти роҳбарии Деваштич, Муқаннаъ ва Сумбоди Муғ сар зад, ки баъзе муаррихони дарборӣ аз онҳо беасос интиқод менамоянд;

10. Неҳзати шуубия дар заминаи сиёсати таассубомези халифаҳои умавӣ ба амал омада, минбаъд ба афкори ҷомеа таъсири амиқ расонид. Аз омӯзиши осори Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, ки танҳо бедории миллӣ ва асабияти қавмӣ ба пайравони неҳзати шуубия имкон дод, ки бо зеҳни худ дар қиболи сиёсати таассубомези баъзе аз хулафои араб истодагарӣ намоянд. Ба пайравони ин фирқаи худогоҳ муяссар гардид, ки на танҳо бартарии фарҳангу тамаддуни хешро ба арабҳо собит созанд, балки ҳамчун пешвоёни ҷаҳони ислом дар густаришу рушди таълимоти исломӣ хидмат намоянд. Дар заминаи мактаби шуубиҳо минбаъд даҳҳо донишманду мутафаккири тоҷик ба камол расид, ки ҳар як бо зеҳну хиради хеш дар Шарқи исломӣ маъмулу машҳур гардиданд. Арабҳо дар муддати кӯтоҳе аллакай дарк намуданд, ки мардумони Аҷам ба чи қодиранд. МубоBoризаҳои фикрӣ ҳаракоти

истиқлолхоҳӣ аъробро водор намуд, ки намояндаҳои муътабару саршиноси маҳаллии тоҷикро ба низоми идорӣ ҷалб намоянд;

11. Бо инъикоси хадамоти сулолаҳои маҳаллии тоҷик, чун Бармакиён, Саҳлиён ва Ковусиён метавон гуфт, ки қисми меҳварии консепсияи Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи омӯзиши таърихи халқи тоҷик, пеш аз ҳама дар партави ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва гиромидошти корномаи чеҳраҳои мондагори миллат таҳия шудааст. Новобаста аз шикасту рехт, тоҷикон дар ҷаҳони ислом ва берун аз он собит намуданд, ки дар сиёсат ва илму фарҳанг бартарӣ доранд ва бе ширкати онҳо хилофати оламшумуле чун Аббосиён наметавонад побарҷо бошад. Дар радифи густариши ислом ва рушди улуми исломӣ, ҳамчунин дар олами сиёсат ва ҳарбу мубориза низ ниёкони тоҷикон ҷойгоҳи шоиста доштанд. Дар робита ба ин, бояд гуфт, ки на ҳама халқҳои ҳамҷавор ҳоло ба марҳилаи ташаккул расида буданд. Бо омӯзиши осори Эмомалӣ Раҳмон ва дигар манбаъҳои муътамади таърихӣ маълум мешавад, ки бар хилофи фарзияи баъзе донишмандон тоҷикон бо сайфу қалам дар рушди тамаддуни исломӣ хидмат кардаанд ва корномаи Салмони Форс, Абумуслими Хуросонӣ то Тоҳириёну Сомониён далели ин гуфтаҳост;

12. Тоҳириён пас аз Бармакиёну Саҳлиён муддати зиёда аз панҷоҳ сол ба арсаи сиёсат ва давлатдорӣ расиданд ва рисолати истиқлолхоҳиро дар радифи дигар вазифаҳо пеш бурданд. Маҳз намояндагони ин сулола, монанди Тоҳир ибни Ҳусайн ва Абдуллоҳ ибни Тоҳир бо тавону хиради хеш на танҳо дар Хуросон, балки дар тамоми қаламрави хилофат нуфузу мартабаи хос пайдо карданд. Ҳамчунин, онҳо ба унвони афроди таҳсилдида дар радифи забону фарҳанги худ ба арабӣ ва арзишҳои исломӣ арҷ мегузоштанд. Намояндагони сулолаи Тоҳириён дар радифи ҳимоя аз дини ислом, барои рушди асабияти қавмӣ ва унсурҳои фарҳанги маҳаллӣ талоши зиёде намуданд.

13. Сaффориён новобаста аз қудрати чиҳил солаашон нақши бузургу мондагоре дар таърих гузошта, баъди Тоҳириён оину суннати давлатдорӣ ва истиқлоли мардуми Хуросонро ба маротиб такмил ва неҳзатҳои милливу

озодихоҳиро миёни тоҷикон такон доданд. Давлати Саффориён асосан дар таркиби худ намояндагони мардуми заҳматкашу мазлум, ҷавонмардону айёрони адолатхоҳ ва дигар қишрҳои ҷомеаро муттаҳид менамуд. Онҳо бо корномаи хеш ба таъсиси нахустин давлати миллии тоҷикон – Сомониён замина гузоштанд. Корномаи Яъқуб ибни Лайс намунаи олии ҳимоя аз арзишҳои миллӣ ва мардуми заҳматкаш мебошад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро** маълумоти дақиқ, маълумоти муътамади сарчашмаҳои таърихӣ, маводди таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои асосии таҳқиқот, тақозо менамоянд. Хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

**Марҳалаҳои таҳқиқот.** Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири нимаи дуюми ҳазорсолаи II то мелод – асри IX мелодӣ мебошад.

**Пойгоҳи иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқотро** сарчашмаҳои таърихии маҳфуз дар марказҳои нусахи хаттии шаҳри Душанбе, Ганҷинаи мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва адабиёти Эрони «Китобхонаи милли»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Маркази илмӣ-таҳқиқотии Пешвои миллат» дар назди ДМТ, китобхонаи Энсиклопедияи миллии тоҷик, китобхонаҳои шахсӣ, ҳамчунин диссертатсияҳо, адабиёти илмӣ, порталҳои иттилоотӣ, сомонаҳои расмии марбут ба мавзуи таҳқиқот ва маълумоти матбуоти даврӣ ташкил менамоянд.

**Чаҳорчӯбаи хронологии таҳқиқот** аз ташаккули тамаддуни ориёӣ (нимаи дуюми ҳазораи II мелод) оғоз гардида, раванди ташаккул ва густариши дину оинҳои бостонии ориёӣ, замони ҳукумати Ҳахоманишиён, Порт, Кушониён, Ҳайтолиён, Сосониён, сиёсати забткоронаи арабҳо ва интишори ислом дар манотиқи тоҷикнишин, муборизаи озодихоҳонаи мардумони Хуросону Мовароуннаҳр дар қиболи арабҳо, ниҳзати шуубия, қудратёбии сулолаҳои маҳаллии Бармакиён, Саҳлиён, Ковусиён, дар касби

қудрати хонадонҳои Тоҳириёну Саффориён дар Хуросону Мовароуннаҳр ва таназзули ҳукумати онҳоро фаро мегирад.

**Чаҳорчӯбаи ҷуғрофии таҳқиқот** ҳудудҳои таърихии Эрон, Осиёи Марказӣ, Афғонистон ва қисман Покистону Ҳиндустонро, ҳамчунин минтақаи сукунати ниёкони тоҷикон – ориёиҳо дар бар мегирад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода ва дар ҷаласаҳои муштараки кафедраи мазкур ва кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносӣ муҳокима шудааст. Матлабҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, пешниҳоду тавсияҳои диссертатсия дар маводи конференсияи сатҳи байнламилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ баён шуда, бо забони тоҷикӣ нашр шудаанд.

Ҳамчунин, дар 28 мақолаи илмӣ ва илмӣ-оммавие, ки 19-тои он дар нашрияҳои тақризшавандаи маҷаллаҳои КОА-и назди Вазорати илм ва маълумоти олии Федератсияи Русия ва КОА назди Президенти ҶТ ворид буда, дар 2 монографияи муаллиф «Саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар омӯзиши таърихи тамаддун ва давлатдории ориёиҳо» (2020) ва «Освещение древней истории таджикского народа в трудах Эмомали Рахмона» (2022) инъикос ёфтааст.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Мазмуни асосии диссертатсия дар 2 монография ва 28 мақолаи илмӣ инъикос шудааст. Аз ин миён 19 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар конфронсҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 345 саҳифаи компютерӣ таълиф шуда, фарогири аҳдоф ва вазифаҳои таҳқиқот, пешгуфтор, панҷ боб, ёздаҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда (422 номгӯй) мебошад.

# БОБИ I. БОЗТОБИ МАСОИЛИ МУБРАМИ ТАЪРИХИ АҚВОМИ ОРИЁӢ ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

## 1.1. Масоили назариявӣ-методологии омӯзиши таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик то имрӯз ба таври умумӣ мавриди таҳқиқу омӯзиши муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ қарор гирифтааст. Аз сӯи дигар, шароити имрӯзи таърихнигории тоҷик тақозо менамояд, ки ин масъала бар асоси консепсияи мушаххаси илмӣ дар доираи рисолаи илмӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Барои ин заминаҳои лозима фароҳам омадааст. Махсусан, осори Эмомалӣ Раҳмон, ки дар доираи консепсияи нави омӯзиши таърихи халқи тоҷик бо таваҷҷуҳ ба воқеияти замон рӯи чоп омадааст, метавонад дар ин замина роҳнамо бошад. Қабл аз он, ки ба сабку услуби омӯзиши масоили мубрами таърихи аҳди бостон ва асримиёнагии халқи тоҷик то замони Сомониён дар осори Эмомалӣ Раҳмон ошно шавем моро зарур аст, ки консепсия ва методологияи таҳқиқотии олимони хориҷӣ ва ватаниро дар ин хусус таҳлилу баррасӣ намоем. Дар хусуси масоили мубрами таърихи халқи тоҷик – аз ташаккули ақвоми ориёӣ то Сомониён муҳаққиқони зиёди ватанию хориҷӣ бар асоси консепсияҳои мухталиф пажуҳиши илмӣ анҷом додаанд. Аммо мусаллам аст, ки то пажуҳиши ин олимон навиштаҷоти зиёди катибаҳо ва сиккаҳо ба унвони маъхази омӯзиши мавзуи таҳқиқотии мо барои аксар ношинос буданд. Хидмати муҳаққиқон дар он аст, дар натиҷаи пажуҳишу омӯзиши чунин сарчашмаҳо масъалаҳои мухталифи таърихи аҳди бостон ва асрҳои миёнаи халқи тоҷикро рӯшан намудаанд.

Дар навбати аввал, метавон осори муаррихону муҳаққиқони аврупоӣ ва амрикоиро тавсиф намуд, ки аксар бар асоси консепсияи тамаддунии омӯзишу таҳқиқи таърих таълиф гардидаанд. Махсусан, доир ба таърихи аҳди бостон ва асримиёнагии халқи тоҷик (то асри IX) В. Дюрант [271; 272], А. Тойнбӣ [340], Р. Линтон [295], К. Ҳуор [346], В. Гинзбург [93], Н. Дибвойз [107], Ф. Ҳордӣ [345], М. Дунон [270], Г. Уэллс [181], С. Ҳантингтон [183], Д.

Сурдел [177], А. Кристенсен [212; 292; 293], Ҷ.С. Тримингэм [179], Г.Э. Грюнебаум [97], А. Мюллер [152-153], Р. Фрай [180; 328], Э. Бенвенист [265], П. Сайкс, Т. Нёлдеке [312], О. Шпенглер [188], А. Метз [299], Ф. Старр [174, 232] ва дигарон таҳқиқот анҷом доданд.

Дар маркази диққати ин муҳаққиқон асли баромади қавмҳои ориёӣ, хостгоҳи онҳо ва раванди густариш, интишор ва таъсири мутақобилаи тамаддуни ориёӣ ва ислом қарор гирифтааст.

Тамаддуншиноси аврупоӣ Вилл Дюрант зимни омӯзиши таърихи тамаддуни ниёкони тоҷикон – ориёиҳо ба хулосае меояд, ки хостгоҳи ин тамаддун ба соҳилҳои баҳри Хазар ва сарзаминҳои ҳамҷавори он рост меояд. Дар робита ба ин Шаркро гаҳвораи тамаддун меномад. Ҳамчунин, нақши тамаддуни ориёиро дар ташаккул ва рушди тамаддуни ҷаҳонӣ муҳим арзёбӣ менамояд [272, с. 426]. Дар тақвияти ин ақидаи муаррих метавон гуфт, ки яке аз ҳомилони густариши тамаддуну фарҳанги сарзамини Шарқ маҳз ориёиҳо буданд.

Муҳаққиқи шинохтаи Ғарб Марсел Дунон ба баъзе аз масъалаҳои баҳсталаби таърихи ориёиҳо аз нигоҳи консепсияи тамаддунӣ баҳогузорӣ намуда, бар ин назар аст, ки ориёиҳо аз минтақаи хостгоҳи худ, яъне ҷануби Русия ба Эрону Ҳинд кӯч баста буданд [269, с. 86]. Вале ба ақидаи мо ин андеша комилан қобили дастгирӣ нест, чунки минтақаи мазкур яке аз марказҳои ташаккули ориёиҳо ва хостгоҳи онҳо мебошад.

Муаррихи англис Арнолд Тойнбӣ ба унвони яке аз поягузорони консепсияи тамаддунии омӯзиши таърихи аҳди бостон ва асримиёнагӣ дар масъалаи ташаккул ва интишори тамаддуни ориёӣ донишманди соҳибназар аст. Ба андешаи ӯ, дар асри XVII то мелод ориёиҳо дар соҳилҳои Ҷайҳуну Сайҳун мавқеи мустаҳкам доштанд ва тадриҷан ба Байнаннаҳрайну Ҳинд густурда шуданд [340, с. 57]. Муҳаққиқ дар маҷмуъ бештар ба масъалаи муҳоҷирати ақвоми ориёӣ ва интишори фарҳангу тамаддуни онҳо мароқ зоҳир менамояд. Аз таҳлили осори Тойнбӣ бармеояд, ки ӯ оғози муҳоҷирати

ақоми ориёиро ба нимаи аввали ҳазораи II то мелод мансуб медонад, вале на ҳама муаррихон чунин назарро қабул медоранд.

Дар осори пажуҳишгари таърихи тамаддуну фарҳанги аҷдоди тоҷикон – А. Кристинсен вазъи фарҳанг ва сабабҳои таназзули ҳукумати Сосониён ва истиқрори ислом бо далелҳои рӯшани илмӣ ва таърихӣ собит шуд [212; 292; 293]. Бояд гуфт, ки муҳаққиқи мазкур аз ҷумлаи камтарин донишмандонест, ки доир ба шоҳаншоҳии Сосониён ва тамаддун ориёӣ дар ин давра пажуҳиши махсуси илмӣ анҷом дод. Ӯ низ бар асоси консепсияи тамаддунӣ даврони ҳукумати шоҳаншоҳии Сосониёнро замони рушду пешрафти тамаддун ва фарҳанги мардумони ориёӣ номидааст. Бартарии методологияи таҳқиқии муҳаққиқи мазкур дар он ифода меёбад, ки ӯ ба аксар манбаъҳои молӣ ва ҳуқуқии аҳди Сосониён дастрасӣ дошт.

Муҳаққиц П. Сайкс ва Т. Нёлдеке бар асоси назарияи синфии омӯзиши илми таърих масъалаи низоми табақотӣ, вазъи ногувори ҷомеаи сосониро дар арафаи сиёсати забткоронаи арабҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор доданд [312]. Дар осори онҳо омилҳои коҳиши нуфузи баъзе аз унсурҳои тамаддуни ориёӣ, махсусан оини зардуштӣ дар раванди густариши ислом мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Донишманд ва муҳаққиқи шинохта Р. Фрай низ аз ҷумлаи муҳаққиқонест, ки дар доираи консепсияи тамаддунӣ баъзе аз масоили таърихи аҳди бостонии халқи тоҷикро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ӯ бештар ба омӯзиши масъалаи эътиқоду боварҳои бостонии эрониён ва афкори динии мардумони Хуросону Мовароуннаҳр мароқ зоҳир намудааст [180; 328].

Муҳаққиқони дигари аврупоӣ М. Бойс, У. Климо, Э. Бенвенист, Ҳ.С. Нюберг ва Ҳинаяна дар асоси консепсияи тамаддунӣ эътиқодоти бостонии ориёиҳоро таҳқиқ намуда, заминаҳои воқеии пешрафти исломро ба заъфу камбуди ҷавҳари динҳои қаблазисломии минтақа нисбат додаанд [267; 290; 265; 311; 343]. Ба ақидаи онҳо, маҳз заъфи боварҳои динии мардумони ориёӣ дар сарзамини Эрону Осиёи Марказӣ боиси заволи ҳукуматҳои ин минтақа ва

ғалабаи ислом гардид. Аз сӯи дигар онҳо саҳми мардумони эрониро дар густариши тамаддуни исломӣ барҷаста арзёбӣ менамоянд.

Ҳарчанд, донишмандони аврупоӣ ва амрикоӣ ба унвони аввалин муҳаққиқон аз нигоҳи тамаддунӣ ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи аҳди бостон ва асримиёнагии халқи тоҷик таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, вале дар байни онҳо дар хусуси аксар масъалаҳои таҳқиқ ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Бо вуҷуди ин, консепсияи тамаддунии омӯзиши таърих имкон дод, ки бисёр масъалаҳои норӯшан ҳалли мусбии худро ёбанд.

Аз нигоҳи назариявӣ ва методологияи омӯзишу пажуҳиши таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик дар навбати дуюм метавон осори олимони рус ва шуравиро мавриди баррасӣ қарор дод. Бояд гуфт, ки аксари ин муҳаққиқон ба таърихи аҳди бостон ва асрҳои миёна аз назари консепсияи марксистӣ-ленинӣ, яъне синфӣ (форматсионӣ) баҳогузорӣ мекарданд. Масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ин марҳалаи таърихӣ дар осори Т. Гамкрелидзе [88; 89], Р. Гиршман [94], Е. Грантовский [96], В. Иванов [88; 89], Е.Е. Кузмина [136], М. Дяконов [108; 109], В. Бартолд [69; 70; 71], Д. Беков [72], М. Дандамаев [100; 101], А. Колесников [127; 128], К. Красухин [133], В. Космина [131], Г. Кошеленко [132], В. Кузнецов [135], В. Лившитс [138], В. Луконин [139; 140; 141], А. Манделштам [142], В. Массон [143; 144; 145; 146], И. Оранский [158; 159; 160], И. Пянков [169], Г. Пугаченкова [168], Б.И. Вайнберг, Б. Ставиский [82], В. Струве [176], М. Шендаков [187] ва дигарон таҳлил шуд.

Муҳаққиқони рус В.И. Абаев [63; 64], Е. Кузмина [136], И. Дяконов [108; 109] дар осори хеш бо таваҷҷуҳ ба асноду мадорики таърихӣ ва бостоншиносӣ масоили хостгоҳ ва кӯчиши ориёиҳоро муфассал баррасӣ кардаанд. Аксари онҳо ноҳияҳои Сибири Ғарбӣ ва хостгоҳи байни Дунайю Балканро ба унвони хостгоҳи интишори тамаддуни ориёӣ медонанд. Аммо муаллиф, дар асоси ахбори манобеъи таърихӣ хостгоҳи ориёиҳоро ба Осиёи Марказӣ нисбат медиҳад ва тамаддуни ориёӣ бошад аввал дар Эрон ва баъдан дар сарзамини зикркардаи онҳо интишор ёфт. Ҳарчанд, фарзияҳои

муҳаққиқони мазкур қобили пазирой нест, вале барои рӯшану возеҳ намудани баъзе аз масоили тамаддуни ориёӣ аҳаммияти шоён дорад.

Ҳамчунин, муҳаққиқи дигари руси замони шуравӣ академик В.В. Бартолд дар бораи раванди сиёсати забткоронаи арабҳо, густариши ислом ва низоми идорӣ, вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа дар замони хилофати Умавиён ва Аббосиён, саҳми мардумони эронӣ дар низоми идории хилофат, аз ҷумла дар умури артишу сиёсат, густариши фарҳанги исломӣ ва ғайра таҳқиқоти муҳимму арзишманд ба анҷом расонидааст [69; 70; 71]. Инъикоси объективии масоили болозикр дар осори муҳаққиқ, бо таваҷҷуҳ ба қиёси далелҳои таърихӣ ҷойгоҳи хос дорад. Дар осори ӯ методи муқоиса ва таҳлили сарчашмаҳои муътамади таърихӣ истифода шудааст. Ҳарчанд, муҳаққиқ дигар марҳалаҳои таърихи халқи тоҷикро ба риштаи таҳқиқ кашидааст, вале осори ӯ дар масъалаи шинохти ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мардумони эронӣ дар замони интишори ислом ва баъд аз он назир надорад.

Муҳаққиқон О.Г. Болшаков [192; 193], А.И. Колесников [127; 128], Е.А. Беляев [73], В.Г. Луконин [139; 140; 141], Н.В. Пигулевская [164; 165; 166; 167], А.Ю. Якубовский [167; 168] ва Л.В. Струве [176] ба омӯзиши масъалаи забткории арабҳо дар манотиқи ғарбӣ, марказӣ ва шарқии Эронзамин ва муносибати онҳо бо мардуми Хуросону Мовароуннаҳр таваҷҷуҳ намудаанд ва осорашон дар таърихнигории ҷаҳонӣ шуҳрати зиёд дорад. Ҳарчанд, дар осори муҳаққиқони мазкур масоили иҷтимоӣ-иқтисодии таърихи аҳди бостон ва асримиёнагӣ дар асоси методологияи марксистӣ-ленинӣ таълиф шуда, баррасӣ шудааст, вале фарзияҳои онҳо барои пешрафти таърихнигорӣ таъсири муассир гузошт. Махсусан, ҷунбишҳои озодихоҳии мардумии Хуросону Мовароуннаҳрро дар қиболи сиёсати забткоронаи арабҳо як навъ норозигии иҷтимоӣ ва сиёсати хулафои арабро дар муносибат бо мардумони эронӣ омили асосии зиддиятҳо муаррифӣ кардаанд.

Муҳаққиқи дигари рус Л.С. Василев зимни омӯзиш ва таҳқиқи тамаддуни кишварҳои Шарқ раванди забткории арабҳоро ҳамчун замони

рукуди Хуросону Мовароуннаҳр медонад. Ӯ дар асоси консепсияи тамаддунӣ арзишҳои фарҳангии мардумони эрониро то ҳуҷуми арабҳо ба таври шоён арзёбӣ менамояд [83; 84; 85].

Муҳаққиқону донишмандони таърихи аҳди бостони халқи тоҷик Б.И. Вайнберг [82] ва Б. Ставиский [173] ба масъалаи таъриху фарҳанги ориёиҳо ва таркиби этникии турониён таваҷҷуҳ намудаанд. Саҳми онҳо дар омӯзиши ин марҳалаи таърихи ниёкони тоҷикон бо таваҷҷуҳ ба истифодаи васеи манбаъҳо муҳим арзёбӣ мегардад.

Яке аз муҳаққиқони таърихи аҳди бостони тоҷик – М.М. Дяконов дар мавриди тамаддуни мардумони ориёӣ дидгоҳи созанда дорад. Ӯ бар асоси омӯзиши катибаҳо, бозёфти бостоншиносони шуравӣ дар Осиёи Марказӣ ва Афғонистон ба хулосае омад, ки тамаддуни бостонии Эрон мероси муштараки мардуми имрӯзаи Эрон ва тоҷикон аст [110]. Аз ин дидгоҳ, ӯ дар мавриди таърихи қадими Эрон аз этноними «форсҳо» истифода мебарад.

Дар маҷмуъ, муҳаққиқону донишмандони рус масоили мубрами таърихи халқи тоҷикро аз аҳди бостон то замони Сомониён маъмулан бо назардошти методологияи марксистӣ-ленинӣ арзёбӣ менамоянд, вале на ҳама таҳқиқоти онҳо объективӣ мебошанд. Дар осори мазкур баъзе масъалаҳо нисбӣ ва якҷониба баҳогузорӣ шудааст, ки дар раванди ин таҳқиқот ба онҳо ишора мегардад.

Бо таваҷҷуҳ ба усулу методологияи таҳқиқу баррасии масоили мубрами таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик осори муҳаққиқони эронӣ хеле арзишманд аст. Аз миёни муҳаққиқони эронӣ, махсусан шеваи нигориш ва услуби пажуҳиши П. Ҳасан [319; 320], А. Ризоӣ [326; 327], Ҷ. Оштиёнӣ [316], И. Пурдовуд [321; 322], М. Малоирӣ [398], С.М. Ровандӣ [329; 330], Ҳ. Разӣ [323; 324; 325], Э. Искандарӣ [289], М. Муҳаммадӣ [304], Э. Табарӣ [335], Р. Шаҳрзод [348], Ҷ. Машкур [303], Саъид Нафисӣ [306; 307; 308; 309; 310] дар мавриди баъзе масъалаҳои бунёдии таърихи халқи тоҷик муассир мебошад. Арзиши осори мазкур дар он ифода меёбад, ки дар нигориши онҳо бештар ба манбаъҳои таърихии дасти аввал

руҷуъ шудааст. Ҳарчанд, дар осори муҳаққиқони эронӣ аз усул ва методологияи мухталифи таҳқиқоти илмӣ истифода мешавад, вале таъсири консепсияи тамаддунии таҳқиқи таърих дар онҳо бештар аст.

Донишманди эронӣ Муртазо Мутаҳҳарӣ ба масъалаи хеле муҳим – хадамоти мутақобилаи ислом ва Эрон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Ӯ дар радифи таъсири ислом ба сарнавишти мардумони Эрон, нақши эрониёнро дар тарвиҷу раванди илму фарҳанги навин низ мавриди пажуҳиш қарор медиҳад [216; 217]. Аз таҳлили осори муҳаққиқ бармеояд, ки мардумони эронӣ бо таваҷҷуҳ ба фарҳанги пешрафтаи хеш дар густариши ислом нақши бориз гузоштанд. Усули илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқ дар робита ба ин давраи таърихи ниёкони тоҷик имкон медиҳад, ки баъзе паҳлуҳои норӯшани воқеияти таърихӣ то ҷое барои хонанда ошкор гардад.

Муҳаққиқи дигари эронӣ Ҳасани Пирниё таърихи Эрони Бостонро дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, бахусус мадорики бостоншиносӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст, ки баъзе андешаҳояш дар бораи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ориёиҳо бисёр созанда арзёбӣ мешавад [319; 320].

Донишмандони эронӣ А. Иқбол [318], А. Халилӣ [341], А. Зарринкӯб [279; 280; 281; 282], З. Қурбонӣ [277; 278], А. Баҳромӣ [255], А. Розӣ [331], И. Ризо [288], А. Қадёнӣ [248], М. Меҳрин [300] доир ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Эрон дар давраи зуҳури ислом ва забткориҳои арабҳо пажуҳиши муфассал анҷом додаанд.

Дар хусуси таърихи Хуросон ошӯб ва муборизаҳои мардуми маҳаллӣ бар зидди арабҳо асари донишмандони эронӣ Абдуррафеъи Ҳақиқат [342] ва Муҳаммадазими Сиистонӣ [332] манбаи эътимодбахш маҳсуб меёбанд. Ин осор дар асоси методи қиёсӣ ва консепсияи тамаддунӣ таълиф шудаанд.

Дар пажуҳиши Ҷаъфар Муртазои Омулӣ [314], Малика Аббос [297], Абдулғанӣ Ҳасан [249], Забеҳуллоҳи Сафо [274; 275; 276], Зайнулобиддин Қурбонӣ [277; 278] саҳми эрониён дар рушди илмҳои ақлӣ, оини лашкардорӣ, умури идорӣ, таҳия ва тадвини қавонини исломӣ арзёбӣ гардидааст. Махсусан, онҳо масъалаи таъсиси ҳукумати сулолаҳои маҳаллии

эронитабор ва нақши онҳоро дар низоми идории Хилофати араб ба таври воқеӣ баррасӣ кардаанд. Арзиши илмии осори мазкур дар он ифода меёбад, ки базе муаллифон нақши мардумони эрониро дар ташаккули тамаддуни исломӣ ва таъсири афкори ориёӣ ба исломро бо далелу санадҳои муътамад собит сохтаанд.

Дар маҷмуъ, осори муҳаққиқони эронӣ барои пажуҳиши масоили мубрами таърихи аҳди бостон ва асрҳои миёна арзиши муҳим дорад, ки истифода аз он ба манфиати кор аст. Вале баъзе зери таъсири идеология ва мафкураи замон навишта шудаанд, ки наметавон заъфу камбуди онҳоро нодида гирифт.

Бо таваҷҷуҳ ба масоили назариявӣ ва усулуби таҳқиқот, осори муҳаққиқони ватанӣ дар омӯзиши масоили мубрами таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёна ҷойгоҳ ва арзиши хос доранд. Аксар муҳаққиқони тоҷик давраи мазкурро бар асоси методологияи марксистӣ-ленинӣ мавриди пажуҳиш қарор додаанд. Дар ин самт аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик Б. Ғафуров [90; 91; 204,], Н. Неъматов [154; 155; 156; 222], А. Мухторов [218], Ю. Яъқубов [194; 246], А. Ҷалилов [103; 104; 105; 106], Р.Я. Шарифов [186, 196; 244; 418; 419; 420], М. Исоматов [114], Қ. Расулиён [226; 227], Н. Ҳакимов [238], Н. Амиршоҳӣ [197], Ғ. Ғоибов [95, 206, 207], М. Ҳазратқулов [236; 237], Н. Хоҷаева [184; 185; 384; 385], Ф. Носирова [222], А. Ҳақназаров [182; 239; 240; 241], Ҳ. Муминзода [213; 214; 215], С. Муллоҷонов [397; 398; 399], С. Раҷабов [228], Л. Бойматов [199; 200], Ҳ. Камол [211; 394; 395; 396], Т.М. Ғуломов [369], Н.С. Муродов [380; 401; 402] ва дигарон таҳиқоти мондагоре анҷом дода шудаанд.

Бояд гуфт, ки муҳаққиқони мактаби таърихнигории шуравии Тоҷикистон, махсусан Б. Ғафуров, Н. Неъматов, А. Мухторов, Ю. Яъқубов, А. Ҷалилов, Ғ. Ғоибов новобаста аз корбурди консепсияи марксистӣ-ленинӣ доир ба масоили мубрами таърихи халқи тоҷик назарияҳои нави илмиеро ироа додаанд, ки то ҳол дар дохил ва хориҷи кишвар ҷонибдори зиёд дорад.

Муҳаққиқони замони истиқлол таърихи халқи тоҷикро дар партави манфиатҳои миллӣ аз нигоҳи консепсияи тамаддунӣ таҳқиқ менамоянд.

Академик Бобоҷон Ғафуров дар асоси натоиҷи ҳафриёти бостоншиносӣ дар минтақаҳои мухталифи Осиёи Марказӣ, Афғонистон ва осори муаррихони хориҷӣ таърихи ниёкони тоҷиконро аз аҳди ташаккули ақвоми ориёӣ то Сомониён таҳқиқ намуд [90; 91; 204]. Осори ӯ, ҳарчанд дар асоси консепсияи синфии омӯзиши таърих навишта шуд, вале барои ташаккули мактаби таърихнигории тоҷик ва шинохти тоҷикон заминаи мусоид фароҳам овард.

Академик Н. Неъматов ба унвони объекти омӯзиши таърихи ақвоми ориёӣ аз бозёфти бостоншиносӣ бештар истифода карда, дар мавриди ватани таърихии ориёиҳо ва кӯчиши онҳо чунин ақида дошт, ки Осиёи Марказӣ яке аз марказҳои ибтидоии ориёинишин аст [154; 155; 156; 222].

Академик Ю. Яъқубов яке аз муҳаққиқонест, ки бар пояи таҳқиқоти бостоншиносӣ ва таҳлилу пажуҳиши чандинсолаи хеш доир ба нақши ориёиҳо дар тамаддуни ҷаҳонӣ ва унсурҳои хосаи тамаддуни ориёӣ, махсусан оини давлатдорӣ ва суннату боварҳои онҳо маълумоти муфассал ироа кардааст. Ӯ дар осори худ, махсусан ба масоили ҷуғрофиёи таърихии Бохтар дар аҳди Каёниён, шоҳони каёнӣ, ҳаёту фаъолияти Зардушт ва дини ӯ таваҷҷуҳи бештар кард, ки дар омӯзиши яке аз саҳифаҳои норӯшани таърихи аҳди бостони халқи тоҷик муассир аст Ю. Яъқубов [194; 246]. Новобаста аз он, ки муаллиф дар мактаби таърихнигории марксистӣ-ленинӣ ба камол расид, вале аксар назарҳои ӯ мазмунан ба консепсияи тамаддунии омӯзиши таърих марбут аст.

Профессор А. Ҷалилов доир ба масоили лашкаркашиҳои арабҳо ба Суғд ва муборизаи озодихоҳонаи суғдиён ба муқобили арабҳо дар нимаи аввали асри VIII пажуҳиши илмӣ анҷом дод. Аксар осори муҳаққиқ низ ба ин давра марбут аст [103; 104; 105; 106]. Муҳаққиқ ин марҳалаи таърихиро барои халқи тоҷик як давраи таҳаввулот ва сарнавиштсоз меномад.

Муҳаққиқи дигари тоҷик Ғ. Ғоибов ҳангоми омӯзиши вазъи Осиёи Марказӣ дар арафаи ҳамлаи арабҳо бори аввал дар таърихнигории тоҷик собит сохт, ки марҳалаи аввали ҳуҷуми арабҳо дар ин сарзамин хусусияти ғоратгарона дошт [95; 206; 207].

Фарҳангшиноси тоҷик М. Ҳазартқулов бештар бар асоси таҳқиқоти муҳаққиқони эронӣ ва аврупоӣ асли баромад, ватан, таърихи сиёсӣ ва фарҳанги ориёиҳоро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор доданд. Доираи хронологии таҳқиқоти онҳо то аҳди Порт ва Сосониёнро фаро мегирад [236; 237]. Аз лиҳози назариявӣ муҳаққиқони мазкур бештар ба консепсияи тамаддунии омӯзиши таърих таваҷҷуҳ менамоянд.

А. Ҳақназаров дар мавриди муборизаҳои эрониён ба муқобили арабҳо таҳқиқоти арзишманде анҷом дода, вале дар хусуси муборизаҳои мардуми Хуросон бар зидди хилофати Умавиёну Аббосиён то соли 734 мелодӣ, ки хеле муҳиманд камтар таваҷҷуҳ намудааст [182; 239; 240; 241].

Профессор Р.Я. Шарифов дар асоси таҳлили манобеъи таърихӣ, махсусан «Авесто», ахбори муаррихони атиқа ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ вижагии тамаддуни ориёиҳоро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дод. Дар таҳқиқоти ӯ ба омӯзиши низоми илму маориф ва фарҳанги ориёиҳо дар сарзамини Хуросон (аҳди Ҳахоманишиён, давлатҳои ҳеллинӣ ва Кушониён) таваҷҷуҳ мешавад. Муаррих дар асоси натиҷаи таҳқиқоти бостоншиносӣ ба хулосае меояд, ки дар рушди тамаддуни ориёӣ пеш аз ҳама нақши идеологияи зардуштӣ ва китоби муқаддаси он «Авесто» барҷаста буд [186; 196; 244; 418; 419; 420]. Ҳамчунин, ӯ дар робита ба омӯзиши таърихи халқи тоҷик консепсияи наверо пешниҳод намуд, ки дар он ҳифзи арзишҳо ва решаёбии таърихии манфиатҳои миллии тоҷикон таъкид мешавад.

Муҳаққиқи тоҷик З. Акрамӣ аз нақши хосси Эмомалӣ Раҳмон дар тадвини консепсияи ҷадиде таъкид менамояд, ки дар меҳвари он манофеи миллӣ қарор дорад. Ҳамчунин, ӯ дар ҳамкорӣ бо профессор Р.Я. Шарифов консепсияеро доир ба омӯзиши таърихи халқи тоҷик таълиф намуд, ки даврабандии таърихи халқи тоҷикро бар асоси консепсияи тамаддунии

рушди ҷомеа пешбинӣ менамояд, ҳамзамон ӯ дар доираи ин консепсия якчанд мақолаи пурарзиши илмӣ таълиф намуд [196].

Муаррих Ҳ. Пирумшо низ дар тадвини масъалаҳои назарии консепсияи миллии таҳқиқи таърихи аҳди бостон ва асримиёнагии халқи тоҷик кори шоиста анҷом дод. Дар консепсияи ӯ, доир ба методологияи мавзуни таҳқиқи воқеии тамоми паҳлуҳои таърихи сокинони Осиёи Марказӣ, махсусан тоҷикон таъкид мешавад, ки онҳо дар тамаддуни минтақа ҳамеша пешоҳанг буданд. Консепсияи муҳаққиқи мазкур дар заминаи дастоварди илми таърихшиносии ватанӣ ва ҷаҳонӣ бо таваҷҷуҳ ба ҳадафҳои миллӣ мураттаб гаридааст. Албатта, ҳадафи консепсия аз он иборат буд, ки бо тадвини як методологияи муносиб роҷеъ ба таҳқиқи таърихи тоҷикон, нақши онҳо дар ташаккул ва тамаддуни ҷаҳонӣ ба таври беҳтар арзёбӣ шавад [225].

Дар омӯзишу таҳқиқи баъзе аз масъалаҳои муҳимми таърихи аҳди бостони халқи тоҷик саҳми профессор Н. Хоҷаева хеле назаррас мебошад. Ӯ дар асоси мадракҳои бостоншиносӣ дар доираи консепсияи тамаддунӣ паҳлуҳои мухталифи таъриху фарҳанги бостони тоҷиконро мавриди пажуҳиш қарор додааст. Самти таҳқиқотии муҳаққиқро унсурҳои тамаддуни ориёӣ, махсусан оини зардуштӣ – таърихи ташаккул ва густариши он фаро мегирад [184; 185; 384; 385]. Доир ба мавзуи мазкур таҳқиқоти арзишманде анҷом додааст, ки омӯзиши он ба манфиати кор мебошад.

Профессор С. Муллоҷонов ба унвони як муҳаққиқи таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик бештар бар асоси манобеъи таърихӣ ба омӯзиши неҳзати шуубия ва фазои динию мазҳабии асри IX таваҷҷуҳ намудааст [397; 398; 399]. Муаррих осорашро фаротар аз доираи консепсияи анаъанавӣ, яъне марксистӣ-ленинии омӯзиши таърих бо таваҷҷуҳ ба решаёбии манфиатҳои миллӣ навиштааст. Таҳқиқоти муҳаққиқ пеш аз ҳама бар асоси методи қиёсӣ сурат мегирад.

Муҳаққиқи дигари тоҷик Т.М. Ғуломов дар рисолаи доктории хеш таърихи ҳаркатҳои озодихоҳии мардумони Хуросону Мовароуннаҳр дар қиболи арабҳо, раванди паҳншавии ислом ва ҳамчунин, саҳми хонадонҳои

тоҷикро дар густариши тамаддуни ислом таҳлилу баррасӣ кардааст. Омӯзиши осори ӯ доир ба ин марҳалаи таърихӣ хеле судманд мебошад [369].

Ҳамчунин, дар асоси методология ва консепсияи мухталифи таҳқиқоти илмӣ назари баъзе муҳаққиқони варзидаи ватанӣ доир ба таърихи аҳди бостони халқи тоҷик дар асари «Этногенез ва таърихи этникии халқи тоҷик» [245] инъикос мегардад. Дар асари мазкур ҷойгоҳи консепсияи тамаддунии омӯзиши таърих барҷаста эҳсос мешавад. Дар он ҷанбаҳои назариявии таҳқиқи этногенез ва таърихи этникӣ, таърихнигории масъала, даврабандии таърихи этникии халқи тоҷик, инъикоси равандҳои қадими этникӣ дар «Авесто», заминаҳои таърихии тамаддуни ориёӣ ва таъсиси давлати тоҷикон инъикос мегардад.

Таҳлили осори муаррихони болозикр нишон медиҳад, ки аксари онҳо бар асоси консепсияҳои мухталиф ба мавзуи хостгоҳ, муҳоҷират, забон, урфу одат, оини давлатдории ақвоми ориёӣ, раванди истилои араб ва паҳншавии дини ислом, муборизаҳои озодихоҳии мардумони Хуросону Мовароуннаҳр бар муқобили арабҳо, неҳзатҳои фикрӣ, таъсиси аввалин давлатҳои маҳаллӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр руҷуъ карда, дар ин маврид андешаҳои гуногун доранд. Аз сӯи дигар, дар осори ин муаррихон баъзе масъалаҳое муҳим бар пояи андешаи муҳаққиқони хориҷӣ баррасӣ шуда, дар таърихнигории тоҷик то ҳол нисбат ба решаёбии онҳо назари қотеъ мушоҳида намешавад.

Дар робита ба асосҳои назариявии омӯзиши масъалаи таҳқиқи мо осори муҳаққиқони дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Афғонистон монанди Ш. Нуъмонӣ [223; 224], А. Ҳабибӣ [250; 251; 252; 253], М.М. Ғубор [301], Т. Қодирова [126] ва дигарон низ доир ба масоили мухталифи таърихи аҳди бостон ва асримиёнагии манотиқи тоҷикнишин судманд мебошанд. Бояд гуфт, баъзе аз муҳаққиқони кишварҳои ҳамҷавор ба ҷои решаёбии воқеияти таърихӣ, бештар ба таърихсозӣ майл доранд [118; 125]. Бинобар ин, зарур аст, ки доир ба омӯзиши масъалаҳои мубрами таҳқиқотӣ бештар ба манбаъҳои таърихӣ таваҷҷуҳ шавад.

Ҳамин тавр, муҳаққиқони дохилию хориҷӣ бар асоси консепсия ва методи таҳқиқотии ба худ муносиб ва таҳлилу баррасии сарчашмаҳо роҷеъ ба масъалаҳои мухталифи таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёна назарияи хешро иброз кардаанд. Дар осори муҳаққиқони фавқулзикр аксар масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқотии мо зери таъсири омилҳои субъективӣ ва объективӣ якранг баррасӣ нашудаанд. Бинобар ин, дар рафти таҳқиқот мо осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар муқоиса бо осори Эмомалӣ Раҳмон мавриди истифода ва омӯзиш қарор гирифтанд.

Бояд гуфт, ки дар ин миён Эмомалӣ Раҳмон тавассути осори мондагораш ба консепсияи нави таҳқиқоти таърихи аҳди бостон ва асрҳои миёнаи халқи тоҷик асос гузошт, ки барои решаёбии манфиатҳои миллии тоҷикон аҳаммияти хос дорад. Эмомалӣ Раҳмон дар осораш ба хотири тақвияти худшиносии миллӣ бештар ба зарурати пажуҳиши амиқи масъалаҳои мубрами таърихи аҳди бостони тоҷикон дар шароити муосир, аз ҷумла, ташаккули ақвоми ҳиндуаврупоӣ ва ҳиндуориёӣ, ақвоми ориёӣ дар Осиёи Марказӣ, оини давлатдорӣ, эътиқоду бовариҳои мардумони ориёӣ дар мисоли меҳрпарастӣ, зурвония, зардуштия, пайдоиши дини ислом, ҳуҷуми арабҳо ва интишори ислом дар манотиқи тоҷикнишин, ҳаракатҳои озодихоҳии мардумони Аҷам дар қиболи арабҳо, ҷунбишҳои фикрии мардумони Хуросону Мовароуннаҳр ба муқобили арабҳо, нақши тоҷикон дар густариши тамаддуни исломӣ, нуфузи сулолаҳои маҳалии тоҷик – Бармакиён, Саҳлиён ва Ковусиён дар Хилофати араб, таъсиси ҳукумати Тоҳириён ва Саффориён, ташаккул ва рушди забонҳои ориёӣ, ҳаёт ва рӯзгори чеҳраҳои мондагори халқи тоҷик ва амсоли он такид менамояд [5; 11; 12; 18; 21].

Дар осори Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои мубрами таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик дар муқоиса ба равандҳои имрӯзи давлатдории миллӣ баррасӣ мегардад. Ӯ бо истифода аз манобеъи таърихӣ хонандаи имрӯзро бо санаҳои тақдирсози аҷдоди тоҷикон, махсусан муборизаи озодихоҳона дар қиболи аҷнабиён баҳри сарзамини хеш ҳушдор

месозад. Таҷрибаи таърихии муборизаи чеҳраҳои мондагори аҳди бостонро дар муқобили сиёсати зулмгаронаи аҷнабиён барои имӯз дарси иборат медонад. Дар меҳвари мазмун ва муҳтавои осори Эмомалӣ Раҳмон пеш аз ҳама воқеияти таърихӣ бо дарназардошти манофеи аҷдоди тоҷикон қарор дорад. Усули таҳқиқотӣ ва баррасии масъалаҳои таърихӣ дар осори фавқулзикр комилан ба принсипи воқеанигорӣ мутобиқ мебошад. Яъне арзишҳои инсонӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҷомеа дар раванди баррасии масъалаҳои мубрами таърихӣ пурра ба инобат гирифта шудааст. Месазад, ки имрӯз муҳаққиқону пажуҳишагрони масъалаҳои меҳварии таърихи халқи тоҷик бештар аз рӯи чунин консепсия кор гиранд, то воқиеяти таърихӣ ба таври мушаххас барои ҷомеа рӯшан бошад.

Бояд, гуфт, ки Эмомалӣ Раҳмон бо таҳлилу баррасии масъалаҳои таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёна новобаста аз сатҳи баланди музмуну муҳтавои осори хеш даъвои таърихнигор будан надорад ва ҳалли бисёр масъалаҳои ин марҳалаи таърихиро ба муаррихони касбӣ пешниҳод менамояд. Вазифагузориҳо ва усулҳои корбурди таҳқиқоти илмӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон шаҳодат аз он медиҳад, ки барои тамоми қишрҳои ҷомеаи имрӯз омӯзиши масъалаҳои муҳимми таърихи аҳди бостон ва асрҳои миёнаи халқи тоҷик зарур мебошад. Зеро дарки мушаххаси аксар масъалаҳои замони муосир, ки ба манфиатҳои миллӣ бештар мансубанд аз омӯзиши амиқи марҳалаи таҳқиқшаванда вобастагӣ дорад.

Аз ин бармеояд, ки дар осори Эмомалӣ Раҳмон омӯзиши таърихи бостони халқи тоҷик то рӯзгори Сомониён бар асоси консепсияи нав, яъне бо таваҷҷуҳ ба решаёбии манфиатҳои миллӣ, ҳифзи арзишҳои таърихӣ ва фарҳанги ниёкон роҳандозӣ шудааст. Албатта, ин консепсия аз доираи идеологияи табақотӣ берун рафта, ба шавоҳиди манобеъи таърихӣ ва осори мустанади олимони дохилию хориҷӣ арҷ мегузорад. Дар осори Эмомалӣ Раҳмон бори аввал аз консепсия истифода шуд, ки асоси онро методи муқоисавӣ ва таҳлилӣ ташкил медиҳад. Дар ин гуна осор ҳаводиси таърихӣ

бо таваҷҷуҳ ба воқеияти дирӯзу имрӯз таҳлилу баррасӣ мешавад, ки дарки моҳияти он барои хонанда фаҳмо мебошад.

Мутахассисони соҳаро мебояд, ки пешниҳодҳои Эмомалӣ Раҳмонро бобати омӯзиши масъалаҳои мубрами таъриху тамаддуни аҷдоди тоҷикон ба инобат гирифта, дар рӯшан намудани ин марҳалаи сарнавиштсози таърихӣ таҳқиқоти ҷадидро роҳандозӣ намоянд. Махсусан, саҳифаҳои норӯшан ва баҳсангези таърихи аҳди бостон, ки марбут ба ақвоми ориёитабор мебошад, ҳалли масъалаҳоро боз ҳам печидатар сохтааст. Аз ин рӯ, дар замони муосир муҳаққиқонро мебояд, ки аз диду назари нави ба принсипҳои таҳқиқоти илмӣ ҷавобгӯ такя намуда, масъалаҳои марбутаро роҷеъ ба таъриху тамаддун ва давлатдории ориёиҳо на аз рӯи ба инобат гирифтани бартариятҳои ирқӣ ва нажодӣ, балки аз рӯи методҳои таҳқиқоти илмӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ карор диҳанд.

Муҳаққиқону муаррихонро мебояд, ки бо мақсади баланд бардоштани савияи худшиносӣ ва худогоҳии миллии насли наврас дар партави сиёсати фарҳангпарваронаи Эмомалӣ Раҳмон таҳқиқоти арзишманд анҷом дода, бо рӯшан намудани саҳифаҳои таърихии аҳди бостон пайвсатагии ориёиҳоро бо тоҷикон нишон дода, ба ин васила онҳоро дар рӯҳияи сабақгирӣ аз таъриху тамаддуни гузаштаи худ дар роҳи созандагию бунёдкорӣ ҳидоят намоянд.

Дар шароити муосир ҷиҳати раҳоӣ аз гирдоби омилҳои манфӣ ва таҳкиму гиромидошти арзишҳои миллӣ коршиносон ба таъриху тамаддуни хеш рӯ овардаанд. Талошҳо ҷиҳати муайяну мушаххас намудани марзу буми мояи фарҳанги муосир, тақвияти шинохти решаҳои маданию фарҳангӣ ва касбии ҳувияти қавмию миллӣ як амали зарурӣ мебошад. Яке аз роҳҳои асосии шинохт ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар ҷаҳони муосир рӯ овардан ба таъриху тамаддуни гузаштаи хеш ва муаррифии шоистаи он ба ҷаҳониён аст. Шинохти таърих ва ҳикмату фарҳанги оламгири ниёкон ба хотири муаррифии мақоми миллати хеш мебошад. Эътиқод ва эътимод доштан ба таърих, фарҳанг ва адабиёт яке аз омилҳои муҳимми устувории миллат ба шумор мераванд.

Аз ҷониби дигар Эмомалӣ Раҳмон дар шароити истиқлоли давлатӣ бори нахуст доир ба таърихи тамаддуни ниёкони тоҷикон – ориёиҳо осори бунёдӣ таълиф намуд, ки баъдан муҳаққиқону муаррихони кишвар дар пайравӣ ба он ба пажуҳиши масъалаҳои мубраму мухталифи таърихи аҳди бостон ва асрҳои миёнаи халқи тоҷик рӯ овардаанд. Дар робита ба ин метавон гуфт, ки дар шароити истиқлоли давлатӣ осори Эмомалӣ Раҳмон заминаи хубе баҳри рушди илми таърихи ватанӣ гузошт. Аз ҷониби пажуҳишгарони ватанӣ истифода бурдани консепсияи омӯзишии пешниҳодкардаи ӯ имрӯз ба таври хеле назаррас роҳандозӣ гардидааст, ки дар шинохти масъалаҳои муҳиммии таърихи аҳди бостон ва асрҳои миёна мусоидат менамояд.

## 1.2. Таҳқиқи масъалаи ақвоми ориёӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон

Дар хусуси масоили мубрами таърихи ақвоми ориёӣ, махсусан ориёиҳои шарқӣ дар сарзамини имрӯзаи Осиёи Марказӣ муҳаққиқони варзидаи ватанӣ ва хориҷӣ, ба мисли Т.В. Гамкрелидзе, В.В. Иванов [88], Ж. Дюмезил [111], В.М. Массон [144; 145; 146], В.И. Сарианиди [172], Н. Виноградова [86; 87], Е.Е. Кузмина [136], В.И. Абаев [63; 64], А. Аскаров, Ю.Ф. Буряков [66], А. Сомӣ [333; 334], М. Муин [302], Б. Ғафуров [204], Ю. Яъқубов [246], М. Ҳазраткулов [236; 237] ва дигарон таҳқиқот анҷом додаанд. Дар робита ба ин, Эмомалӣ Раҳмон барои таҳқиқи амиқи таърихи аҳди бостони тоҷикон омӯзиши бархе аз муҳаққиқони хориҷиро муҳим арзёбӣ менамояд. Ба андешаи ӯ, омӯзиши асарҳои А. Тойнбӣ ва В. Дюрант дар пажуҳиши таъриху тамаддуни Шарқ, бахусус тамаддуни ориёӣ муфид аст. Дар ин миён, омӯзиши асари 12-ҷилдаи «Баррасии таърих» [339]-и донишманди аврупоӣ ба мо имкод медиҳад, ки ба қонуниятҳои умумӣ ва суннатии рушди тамаддунҳо ошно шаваем. А. Тойнбӣ ҳафриёти бостоншиносиро барои таҳқиқи ин мавзуъ муҳим арзёбӣ менамояд. Ба таъкиди А. Тойнбӣ, маҳз тавассути кашфи осори бархе аз тамаддунҳои

бостонӣ назари фарҳангшиносон доир ба шумораи тамаддунҳо ва мутолиаи татбиқии онҳоро равшантар гардид [339, с. 16].

Эмомалӣ Раҳмон пажуҳиши 8-ҷилдаи Вилл Дюрантро ба унвони «Таърихи тамаддун» низ барои омӯзиши таърихи ақвомӣ ориёӣ зарур медонад. Дар он муаллиф ба таҳқиқи марҳалаҳои рушди тамаддунҳои Шарқи бостон бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

В. Дюрант дар мавриди вижагиҳои шаклгирии тамаддуни ориёӣ чунин менависад: «Ориёиён тоза аз зиндагии биёбонгардӣ берун омада буданд, вале дар ҳамон замон силоҳу абзорҳои мисӣ доштанд, заминро мекоштанд, ҷонваронро хонагӣ мекарданд, бозаргонии онон аз Миср то Ҳинд идома дошт. Дар канори афзорҳои сангии чақмоқии софшуда, ки моро ба замони ҳаҷари ҷадид мерасонад, гулдонҳои хушсохти гилӣ мебинем, ки бар онҳо тасвирҳои ҳандасӣ ба тасвири зебои ҷонварон ва гиёҳон расм шуда. Дар ҳамин ҷост, ки на танҳо нахустин чархи кӯзагарӣ ошкор мешавад, балки нахустин чархи ароба низ ба назар мерасад. Ин афзори содда ва камаҳаммияте, ки дар ҳақиқат барои инсон бисёр ҳаётӣ ва судманд аст, баъдҳо дар Бобул ва бисёр дертар ба Миср рӯи кор омадааст» [272, с. 186-187].

Баъди нашри китобҳои мазкур олимону муҳаққиқони зиёде ба омӯзиши соҳаҳои гуногуни фарҳангу тамаддуни Шарқ, аз ҷумла тамаддуни ориёӣ рӯ оварданд, ки Эмомалӣ Раҳмон таҳлилу баррасии онҳоро амри зарурӣ ва муфид арзёбӣ менамояд. Шояд Эмомалӣ Раҳмон зери таъсири омӯзиши ин китобҳои бунёдӣ маҳз ба омӯзиши таърихи тамаддуни ориёӣ рӯ овард. Дар ин хусус метавон асари ӯро бо унвони «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» [18] ҷамъбасти осори таҳқиқоти илмӣ роҷеъ ба тамаддуни бузурги ориёиҳо дар ибтидои қарни XXI ном бурд.

Лозим ба ёдоварист, ки Эмомалӣ Раҳмон дар радифи чунин муаррихони сатҳи ҷаҳонӣ роҷеъ ба таъриху фарҳанги ориёӣ якчанд асар рӯи чоп овард. Бояд афзуд, ки қаблан ягон сарвари дигаре барои муаррифии тамаддуни ориёӣ чунин иқдом накарда буд. Китоби «Нигоҳе ба таърих ва

тамаддуни ориёӣ» аз панҷ боби алоҳида иборат аст. Дар боби аввали китоб «Муруре ба сароғози таърих ва фарҳанги ориёиҳо» масъалаҳои муҳимме, аз қабили хостгоҳ ва омилҳои парокандашавии ҳиндуаврупориён ва ҳиндуориёиҳо, таъриху тамаддуни ориёӣ дар Осиёи Марказӣ ва вижагҳои шаклгирии он мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтааст. Дар ин асари Эмомалӣ Раҳмон бештар ба манобеъи таърихӣ, бозёфти бостоншиносӣ, мадорики забоншиносии муқоисавӣ ва этнографӣ таваҷҷуҳ мешавад [3-М, с. 56-61].

Эмомалӣ Раҳмон зарурати омӯзиши таъриху тамаддуни ориёиро чунин арзёбӣ менамояд: «Дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ ҳар як халқу миллат бо офаридаҳои моддию маънавиаш саҳми арзандаи худро мегузорад. Бинобар ин, омӯзишу таҳқиқи тамаддуни ҳар як халқ, аз як тараф, ба бою ғанӣ гардидани тамаддуни башарӣ, ки аз маҷмуи тамаддунҳои халқҳои ҷаҳон иборат аст, мусоидат мекунад, аз тарафи дигар, ташаккулу инкишофи маданияти ин ё он халқро дар масири таърих муайян карда, саҳифаҳои дар зери ғубори фаромӯшӣ мондаи онро таҷдид менамояд ва аз бархӯрди маданиятҳо наслҳои баъдиро огоҳ менамояд ва дар маҷмуъ сатҳи худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ ва умумибашариро вусъат мебахшад» [18, с. 1].

Қобили зикр аст, ки дар замони муосир вобаста ба рушди огоҳии миллӣ ҳар як қавму миллат даъвои фарҳанги тамаддунофарӣ карда, ба ин васила саҳми ниёкони хешро дар пешрафти ҷомеа барҷаста нишон доданӣ мешаванд. Вале дар айни замон чун дар миёни ин мардум нишони муътамаде аз аносир ва намоди ҳувияти миллӣ ба назар намерасад, онҳо наметавонанд нуфузи аркони сиёсии кишварашонро дар пешрафти ҷомеа собит созанд.

Ҳарачанд, омӯзиши таърихи ақвоми ориёӣ дар давраи антиқа шуруъ шуд, лекин то имрӯз ҳалли баъзе аз ҷанбаҳои масъала норӯшан боқӣ мондааст. Дар осори Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми омӯзиши таъриху фарҳанги бостонии ориёиҳо дар радифи таҳлили асарҳои бунёдӣ бештар ба бозёфти бостоншиносӣ руҷуъ менамояд. Албатта, ягона мадорики мувассақ доир ба таърихи аҳди бостон бозёфти бостоншиносӣ мебошад. Ҳамин аст, ки имрӯз

муҳаққиқон мекӯшанд, то масъалаҳои душвори таърихи тамаддуни ориёиро бар асоси қиёси сарчашмаҳои таърихӣ ва бозфти бостоншиносӣ таҳлил намоянд.

Дар осори Эмомалӣ Раҳмон барои собит кардани таъриху фарҳанги қадимаи ориёиҳо бештар ба бозёфти бостоншиносӣ дар Панҷакати бостонӣ (маданияти Саразм), доманакӯҳи Капатоғи Туркманистон (маданияти Ҷайтун), Олтинтеппа (маданияти ҳавзаи Мурғобу Марв), Намозгоҳтеппа (қисмати ғарбии дарёи Теҷен), тамаддуни Марғуш (Бохтар), бошишгоҳи бостонӣ дар резишгоҳи Мурғоб (Балхоб, Самангонрӯд, Чаганрӯд, Шеробод, Ому), соҳилҳои миёнаи рӯди Ому, Сафолтеппа, Ҷарқутан, Даштлӣ, осори неолит дар Хоразми қадим (Ҷонбозқалъа, Чакил, Оқчадар, Бӯрлӣ), бошишгоҳи Сарғозон дар наздикии Самарқанд, Теппаи Ғозиён (Ҳисор), Тутқавул, Норак, Сойи Сайёд, Дараи Шур, Кангуртут, Бӯлёни Поён дар ноҳияи Данғара ва Кӯлоб рӯ меорад [18, с. 4].

Ба ақидаи фарҳангшиноси тоҷик М. Ҳазратқулов, «Ҳафриётҳои солиёнаи маҳалливу ҳавзаӣ дар ҳудудҳои Осиёи Миёнаву Эрони бостон дастоварди собиқаи бостоншиносонро ғанӣ гардонданд ва дар маҷмуъ боиси тағйир ёфтани чеҳраи таърих дар сапедадами тамаддун гардиданд» [237, с. 8].

Эмомалӣ Раҳмон барои дарки комили таъриху фарҳанги қадимаи ориёиҳо, махсусан қавмҳои ҳиндуаврупоӣ ва ҳиндуориёҳо омӯзиши осори тамаддуни Осиёи Хурдро дар ҳавзаи маданияти баҳри Миёназамин ва дигар сарзаминҳои Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ зарур мешуморад. Ба андешаи ӯ, аксар унсурҳои фарҳанги бостони ниёкони мо пас аз давраҳои нави сангӣ ва сангу мис (неолиту мезолит) дар ҳамин минтақа ташаккул ва бо ҳам омезиш ёфтаанд [18, с. 5]. Муҳаққиқ дар ин ҷо маҳз ба минтақаи сукунати ориёиҳо ва муҳоҷирати минбаъдаи онҳо ба Ҳинд, Эрони Ғарбӣ ва Осиёи Хурд таваҷҷуҳ менамояд.

Ба назари инҷониб, дар ҳоли ҳозир барои ташхиси дурусти хостгоҳ ва манотиқи сукунати ориёиҳо мадорики бостоншиносӣ бисёр муассир аст.

Тули солҳои охир бо кашф чандин осори бостонӣ баъзе гиреҳҳои сарбастаи таърихи тамаддуни ориёӣ мушаххас шуд.

Мо вижагии осори Эмомалӣ Раҳмонро дар қиёс бо таҳқиқоти муаррихон дар он мебинем, ки муаллиф бештар ба қиёси бозёфти бостоншиносӣ ва мадорики забоншиносӣ таваҷҷуҳ намудааст. Эмомалӣ Раҳмон, махсусан омӯзиши осори маданияти Катакомба (дар Донетск), маданияти Аркаим-Синтошта (дар ҷануби Урал), ки баъдтар (асрҳои XVII–XV то м.) ба қисмати шимоли Қазоқистон паҳн шуда буд, муҳим арзёбӣ менамояд. Махсусан, омӯзиши осори маданияти Андроново дар навоҳии Сибири Ғарбӣ, Урали Ҷанубӣ ва Олтой (асри XV то мелод), ҳавзаи Дон, маданияти Срубу Андроново ва маданияти Тозабағоб дар ноҳияи Арал собит сохт, ки бошандагони ин манотиқ аслан ориёӣ буданд [18, с. 7]. Кашфи ин ёдгорӣ ва дигар мавзеъҳои бостоншиносон собит намуд, ки манотиқи сукунати ориёиҳо аз ҳудуди як ё ду давлат фаротар буд.

Дар ду асри охир дар ҷаҳон, махсусан дар Аврупо роҷеъ ба тамаддуни мардумони Шарқ, аз ҷумла ақвоми ориёӣ чандин таҳқиқоти арзишманд рӯи чоп омад. Дар ин раванд баъзе унсурҳои тамаддуни ориёиҳо ба сурати куллӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Бояд гуфт, ки дар ҳар давру замон тамаддунҳо вижагии хоси ташаккули худро доранд. Ҳеҷ тамаддун дар ҷои хушку холӣ ба вуҷуд намеояд ва он натиҷаи рушди тафаккури зеҳнӣ ва нуқтаи гардиши такомули ҷомеаи инсонӣ мебошад. Бар ин асос Эмомалӣ Раҳмон ҳадафи омӯзиши таърихи тамаддунро чунин шарҳ медиҳад: «Таҳқиқу омӯзиши таърихи тамаддуни ҳар халқу миллат ҳеҷ гоҳ ба хотири эҳсоси ғурур ва ифтихори ноҷо аз гузаштаи худ набуда, балки он бояд ҷиҳати нишон додани роҳи тулонии тайнамудаи ниёкони худ, шинохти заминаҳои аслию унсурҳои асосӣ ва муайян кардани махсусияти тамоюлҳои тамаддуни аҳди бостон равона гардад ва такони таъсирбахше барои рушди тамаддуни муосираш бошад» [18, с. 1].

Ба ин мазмун фарҳангшиноси тоҷик М. Ҳазратқулов зикр менамояд, ки «Шиносоии мо бо ганҷинаи фарҳанги ориёӣ дар паҳнои фарҳанги башарӣ

танҳо ба хотири эҳсоси ғурур ва ифтихори миллӣ не, балки барои омӯзишу талошҳо ҷиҳати рӯшан намудани буму мояи фарҳанги имрӯз, тақвияти шинохти решаҳои маданию фарҳангӣ ва касби ҳувияти қавмию миллӣ як амри зарурӣ мебошад» [237, с. 7].

Масъалаи дигари таърихи ақвоми ориёӣ, ки дар осори Эмомалӣ Раҳмон ба омӯзиши он таваҷҷуҳ мешавад, нуфуз ва ҷойгоҳи тамаддуни ориёӣ мебошад. Муаррихони ориёишинос бар он назаранд, ки тамаддуни ориёӣ дар сарзамини фарохе аз сарҳади Чин то Осиёи Хурд нуфуз дошт. Ба ақидаи аксар донишмандон, ниёкони тоҷик то замони истилои арабҳо дар ин манотиқ ҷойгоҳи шоиста доштанд, вале баъди интишори ислом гӯё тамаддуни ориёӣ ба завол рӯ овард. Ба назари Эмомалӣ Раҳмон чунин маънидод намудани масъала комилан иштибоҳ аст. Дар ин хусус ӯ таъкид менамояд, ки то вақте муаллифони воқеъии ҳар тамаддун вуҷуд доранд, тамаддуни он халқ низ аз байн намеравад [18, с. 9-10]. Бинобар ин, баъди интишори ислом тамаддуни ориёӣ на танҳо нуфузи худро ҳифз кард, балки дар ташакуули «тамаддуни исломӣ» таъсири муассире гузошт.

Дар ин хусус ҳаминро мебояд гуфт, ки дар радифи интишори дини ислом дар сарзамини фарохи Хилофат мактабҳои нави мазҳабӣ, илмӣ ва фарҳангӣ ташаккул ёфтанд. Махсусан, фаъолият мактаби тиббии «Гунди Шопур» ба таври густарда пеш рафта, дар заминаи он олимону мутафаккирони тоҷику форс ба камол расиданд. Ҳамин тавр, бо густариши ислом дар миёни қавмҳои ориёӣ махсусан, тоҷикон на танҳо унсурҳои тамаддуни ориёӣ ҳифз шуд, балки меросбарони онҳо дар пешрафти тамаддуни исломӣ саҳм гузоштанд.

Дар маҷмуъ, Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба таърихи ақвоми ориёӣ ва масоили мубрами ориёишиносӣ ҳалли чунин масъалаҳоро аз ҷониби муҳаққиқон зарур мешуморад:

- таҳқиқи маънои луғавӣ ва истилоҳи «ориё» дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, забоншиносӣ ва осори муаррихон;
- ташхиси хостгоҳи ориёиҳо дар асоси далелҳои муътамади таърихӣ;

- омилҳои асосии муҳоҷирати ақвоми ориёӣ ва паҳншавии онҳо ба сарзамини Шарқ (Ҳинд) ва Ғарб (Эрон, Осиёи Хурд).

Қабл аз он, ки ба сатҳи омӯзиши масоили умдаи ориёиҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон ва дигар муаррихон бипардозем, бояд ба маънои луғавӣ ва мафҳуми «ориё» мурур намоем. Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид ба матолиби таҳқиқоти муаррихони барҷаста Т.В. Гамкрелидзе, В.В. Иванов, П. Тимпе, Ж. Дюмезил, И.М. Дяконов, И.М. Оранский ва қадимтарин сарчашмаҳои таърихӣ – «Авесто» ва «Ригведа» таваҷҷуҳ кардааст [18, с. 32; 5, с. 35]. Ӯ пеш аз ҳама бар асоси таҳқиқоти муҳаққиқони дохилию хориҷӣ ва матолиби сарчашмаҳои таърихӣ, махсусан мадорики бостоншиносӣ ин масъаларо дар таърихнигории тоҷик масъалагузорӣ менамояд.

Т.В. Гамкрелидзе ва В.В. Иванов баромади луғавии вижаи «ориё»-ро ба решаи ar-и ҳиндуаврупоӣ ва таркиби онро ба маънии «ҷаноб, хуҷаин, меҳмон ва аҷнабӣ» нисбат медиҳанд [88, с. 775].

П. Тимпе соли 1938 дар асараш «Бегона дар Ригведа» вожаи «ари»-ро бо чунин маъно рашаёбӣ менамояд: амалкунанда, кӯшишкунанда; (дар муносибат ба худоён); ҳарис, ҳариси сарват, ҳариси ҷанг; худоношинос, даҳрӣ; душман. Аз сӯи дигар ба назари ӯ, «ари» дар Ригведа ба маънии «бегона» истифода мешавад. Муҳаққиқи мазкур масъалагузорӣ менамояд, ки «Чаро ориёиён худро чунин номиданд»? Ӯ дар ҷавоб ба саволи худ менависад, ки албатта барои тафовут аз барбарҳо ба ин иқдом даст заданд. Касоне, ки худро «соҳиб» ё «хӯҷаин» хитоб мекарданд, бояд дар миёни одамони забону динашон бегона дар қиболи барбарони ҳамсоя ба унвони пок ва асил намоиш медоданд» [111, с. 174-176].

Ба назари ориёишиноси дигари Жорж Дюземил аря (задааш дар охири калима) дар Ригведа ба маънии «ҷаҳони ориёиҳо» ва ё «фарди муқаррарии ориёӣ» истифода мешавад»» [111, с. 184].

Муҳаққиқи эронӣ А. Сомӣ вожаи мазкурро ба маънои каме фаротар «наҷиб, пок, шариф, озода» шарҳ медиҳад [333, с. 18].

Этимологияи «airiia»-ро муҳаққиқ Э. Беневенист ҳамучун «меҳмондӯст» («шахси зоҳиркунандаи меҳмондӯстӣ», нисбат ба «орӣ» (дӯст, душман, хориҷӣ) шарҳ додааст [18, с. 34].

Фарҳангшиноси тоҷик М. Ҳазратқулов маънои луғавии вожаи «ориё»-ро «беолоиш» шарҳ дода, дар ин маврид менависад, ки ориёиҳо худро аз тамоми олоишҳо ва зиштиҳо ба мисли эзидони порсои зардуштия ориву барӣ медонистанд [237, с. 36].

Эмомалӣ Раҳмон дар асоси манобеъи таърихӣ ва таҳқиқоти олимони ориёишинос ба чунин хулоса меояд, ки онҳо худро ба айирия, яъне халқҳои ғайриарайиря мансуб медонистанд. Ӯ бо таваҷҷуҳ бо матолиби Яштҳо арйирияро бештар ба қавм, номи кишварҳо ва мамлакатҳои ориёӣ нисбат медиҳад. Дар ҷои дигар менависад, ки ин истилоҳ беш аз ҳама дар тасрифи гуногуни калимаҳои мадании даҳюна (мамлакат, сарзамин), шаяна (маҳал), хшуса (ободӣ ҷойи зист) истифода гардидааст [18, с. 34]. Ба маънои манотиқи ҷуғрофӣ ва миллат истифодаи мафҳуми «ориё» нишондиҳандаи аз номи миллат маншаъ гирифтани ватани онҳо аст, ки ин анъана то ҳол идома дорад. Қисми зиёди кишварҳо аз номи миллате, ки аксари аҳолии онро фарогир мебошад, номи худро гирифтаанд.

Дар аксар маврид истилоҳи «ориё» чун ба маънои асолату покнажодии ориёиҳо истифода мегардад: меҳмоннавоз, соҳиб, ҷаноб, пок, беолоиш. Ин ҳама аз пойгоҳи иҷтимоии ақвоми ориёӣ дар байни дигар халқҳо шаҳодат медиҳад. Эмомалӣ Раҳмон дар тақвият бар ақидаи олимон менависад, ки пайдоиши этноними ориёӣ ва ташаккули тамаддуни онҳо ба асри биринҷ рост меояд [18, с. 35].

Аксар олимону донишмандон низ пайдоиш номи этникии ориёиро ба аҳди биринҷ марбут медонанд. Ба ақидаи академик Б. Ғафуров, дар аҳди биринҷ ҷараёнҳои этникии Осиёи Марказӣ ҳам барои рушди ин сарзамин ва ҳам барои таърихи кишварҳои ҳамҷавор, ки марзашон аз Ҳиндустон то Аврупои Ҷанубу Шарқӣ тул мекашад, таъсири муҳим дошт [202, с. 33]. Чи қадаре, ки таҳқиқи таърихи Осиёи Марказӣ инкишоф ёбад, ҷойгоҳи ин

сарзамин дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ ҳамон қадар рӯшантар мегардад. Мувофиқи аввалин манобеъи хаттии санавӣ дар асрҳои VII-VI то мелод дар Осиёи Марказӣ ақвоми эронитабор – бохтариҳо, суғдиҳо, марғиёниҳо, хоразмиҳо, портҳо, қабилаҳои мухталифи сакоӣ ва ғайра сукунат доштанд [202, с. 33]. Муҳаққиқон дар асоси таҳлилу муқоисаи бозёфти бостоншиносон ва мадорики забоншиносӣ гурӯҳҳои этникиро аз аҳди нави сангӣ, яъне неолит (ҳазораҳои VII-VI то мелод) бар асоси шуғлашон ба чанд гурӯҳ тақсим менамоянд. Чунки даврони неолит асри зуҳур ва рушди хоҷагии истеҳсолӣ ва истеҳсоли озуқа мебошад. Маҳз аз ин давра баробари афзоиши аҳолӣ ва коҳиши ҳосили рустаниҳои табиӣ инсон маҷбур шуд ба кишту кор даст занад. Эмомалӣ Раҳмон зимни руҷуъ ба таърихи қадими минтақа баъзе вижагиҳои рушди ҷомеаро таҳлилу баррасӣ намудааст, ки барои омӯзиши давраи аввали сукунати ориёиҳо дар ин ҳудуд аҳаммияти хос дорад. Ба ақидаи ӯ, ихтирои тиру камон дар аҳди мезолит ба инсон имкон дод, ки ҳайвонҳои ваҳширо ром ва парвариши чорворо ба роҳ монад. Зуҳури чорводорӣ одамонро водор намуд, ки хонаву оғил созанд ва иқоматгоҳи доимӣ ихтиёр намояд. Иқоматгоҳи доимӣ дар навбати худ ба зуҳури деҳа ва кишоварзӣ сабаб гардид [18, с. 35-36]. Дар асоси ин зикр кардан ба маврид аст, ки дар асри биринҷ инсонҳои қадим, аз ҷумла аҷдоди тоҷикон ба дигаргуниҳои бузурги иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, динӣ ва кашфи ҳунару кишоварзӣ муваффақ шуданд. Аз солҳои 60-уми асри XX дар манотиқи Осиёи Марказӣ чанд ёдгории аҳди биринҷ кашфу таҳқиқ гардид. Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон, ин кашфиёти бостоншиносӣ дар бораи зиндагии одамони қадим фикру мулоҳизаҳои нав ба миён омад. Махсусан, В.М. Массон ва В.И. Сарианидӣ бар асоси таҳлили ин бозёфт чанд хулосаи илмии муътамаду боварибахш ироа намуданд.

Боиси тазаккур аст, ки Эмомалӣ Раҳмон ба сарчашмаҳои бостоншиносӣ бештар таваҷҷуҳ менамояд. Ӯ монанди академик Б. Ғафуров пайдоиши номи этникии ориёиҳоро ба аҳди биринҷ марбут дониста, даврабандии фасли китоби худро дар робита ба таърихи ақвоми ориёӣ дар Осиёи Марказӣ аз

ҳамин давра шуруъ менамояд. Ӯ бо таваҷҷуҳ ба ҷойгоҳи мадорики бостоншиносӣ дар омӯзиши асри неолит ва биринҷ аҳаммияти ҳар як ёдгории ин давраро шарҳу баст медиҳад. Яке аз бошишгоҳи маъруфи асри биринҷи сарзамини имрӯзаи Тоҷикистон шаҳри Саразм (дар Панҷакент) мебошад, ки дар омӯзиши таърихи ақвоми ориёӣ дар Осиёи Марказӣ аҳаммияти хосса дорад. Кашшофи Саразм А. Исҳоқов дар хусуси ин мавзеи таърихию фарҳангӣ зикр менамояд, ки бошандагони ин ҷо аз ноҳияҳои Марви авестоӣ (Намозгоҳу Олтинтеппа) омада буданд [113, с. 100].

Эмомалӣ Раҳмон бо таваҷҷуҳ ба арзиши таърихии ёдгории Саразм дар Осиёи Марказӣ изҳор менамояд, ки тарҳи биноҳои истиқоматӣ, хоҷагӣ, маъмурӣ ва динӣ дар Саразм шаҳодати он аст, ки аллакай дар миёни бошангон тақсимоти табақотӣ шуруъ шуда буд. Аксар биноҳои истиқоматӣ дар қисми шимолу ғарбӣ ва маъмурӣ дар ҷанубу шарқӣ, дуконҳои ҳунармандӣ дар радифи биноҳои маъмурӣ ва кӯчаҳои асосӣ ҷойгир буданд. Ҳамчунин, нақшаи биноҳои истиқоматӣ аз маъмурӣ тафовут дошт. Эмомалӣ Раҳмон бар асоси тарҳи бошишгоҳи Саразм таъкид менамоянд, ки осори ин ёдгорӣ бо аксар марказҳои мадании он давра, ба мисли Намозгоҳ, Олтинтеппа, Мундигак, Шаҳри Сӯхта, Миргар, Пирак, Ҳараппа, Ҳисор ва Туронтеппа шабоҳату наздикӣ дорад [18, с. 37]. Яъне аз рӯи бозёфтҳо маълум мегардад, ки аллакай дар миёни мардуми ин ҷо тақсимоти шуғл ҷой дошт. Дар ин ҷо бостоншиносон осореро пайдо карданд, ки аз эътиқоду боварҳои мардум гувоҳӣ медиҳад. Тақдиси оташ ва гови тур нишонаи оини саразмиён маҳсуб меёфт.

Маълумоти мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки саразмиён ба оташ арҷ мегузоштанд ва яке аз пайравони оини оташпарастӣ буданд. Тамаддуни асри биринҷ ба ақидаи В.М. Массон, дар мисоли осори ёдгории дигари ин давра Намозгоҳ хуб омӯхта шудааст [144, с. 143]. Вижагии давраи мазкурро В.М. Массон бар асоси осори биринҷии Намозгоҳ IV чунин шарҳ медиҳад: «Зарфҳои рангаи дастсоз бо нақшҳои ҳандасӣ дар чархи кулолӣ сохта

шудаанд; гудохтани мис ва сохтани олоти корӣ аз мису марги муш вусъат гирифт» [144, с. 158].

Таҳлили андешаи Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси Саразм ва назари В.М. Массон доир ба Намозгоҳ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шояд дар заминаи комёбиҳои инсоният дар ин давра минбаъд тамаддуни ориёӣ дар сарзамини Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омада буд. Ёдгории дигар Олтинтеппа низ аз пешрафти шуғли мардуми Осиёи Марказӣ дар аҳди биринҷ гувоҳӣ медиҳад. Эмомалӣ Раҳмон дар асоси сарчашмаҳои муътамад Олтинтеппаро маркази табақаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, динӣ ва маъмурии ноҳия ном мебарад, ки кишоварзӣ ва чорводорӣ асоси даромади бошандагони он буд. Ҳамчунин, дар осори ӯ аз бинои сеошёнаи маъбади бузург сухан меравад, ки 12 м. баландӣ ва 21 м. паҳноӣ дошт [18, с. 40].

Ба назари инҷониб, аз ҳама муваффақияти бузурги инсонӣ дар соҳаи техника ихтирои чархи кулолӣ ва сохтани зарфҳои мухталиф буд. Аз маъданҳо, махсусан аз биринҷу тило сохтани олоти корӣ ва ашёи ороишӣ зиёд шуд. Эмомалӣ Раҳмон дар асоси пажуҳиши муҳаққиқон вижагии дигари рушди ҷомеаро дар афзоиши ҳайкалчаҳои занон, тағйири усули муҷассамасозӣ бо таваҷҷуҳ ба идеали зебоӣ, мавзунӣ ва тасвири симои ҳақиқии зан мебинад [18, с. 41]. Ба ақидаи В.М. Массон, илоҳаи Олтинтеппа нақшҳои гуногуни худоҳои ибтидоиро муҷассам месозад: расми растанӣ дар шиками худозан - бонии наботот, нақши мавҷ - худои об, нақши ситора - худои осмонро ифода мекард [145, с. 38-40]. Аз маълумоти боло рӯшан мегардад, ки дар ҷомеаи ибтидоии Осиёи Марказӣ, махсусан дар миёни ақвоми ориёӣ зан нуфузу мақоми шоиста дошт.

Дар осори Эмомалӣ Раҳмон доир ба таҳқиқи ҷомеаи ибтидоӣ бештар ба осори бостоншиносӣ муроҷиат мешавад. Бо таваҷҷуҳ ба ин осор, ӯ иброз менамояд, ки бошандагони Олтинтеппа аз се табақа иборат буданд. Бар ин асос дар ҳазораи III то мелод дар Олтинтеппа минбаъд раванди ташаккули иттиҳоди қабилаҳо ба зуҳури шаҳрҳо асос гузошт [18, с. 41-42].

Шаҳрҳо минбаъд оҳиста-оҳиста ба марказҳои маъмурию иқтисодӣ табдил меёфтанд. Ба ақидаи инҷониб, шаҳрҳои аввалин на дар ҷойи хушку холӣ, балки дар заминаи деҳаҳои аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта таъсис мешуданд. Ин паҳлуи масъала дар осори Эмомалӣ Раҳмон ба таври барҷаста таҳлил шудааст. Маслан, дар осори ӯ аз раванди ташаккули ҷомеаи қавмӣ дар ҳазораи дувуми асри биринҷӣ сухан меравад, ки баъзе аз марказҳои тамаддун ба монанди Намозгоҳ ва Олтинтеппа рӯ ба харобӣ оварданд ва баъзе бошишгоҳи нав дар резишгоҳи рӯди Мурғоб ба вуҷуд омаданд. Чунин марказҳои нави иқоматӣ асосан дар навоҳии росту чапи рудҳои Балхоб, Самангонрӯд, Чаганрӯд, Шерободу Омӯ арзи вуҷуд намуданд [18, с. 42]. Муҳаққиқон кӯчиши бошандагони минтақаро ба чанд омил нисбат медиҳанд, ки андешаҳои Эмомалӣ Раҳмон ҷамъбасти онҳо мебошад. Ӯ сабаби ин муҳоҷиратро ба тағйири иқлим вобаста медонад. Ақидаи В.М. Массон ба ин наздиктар аст ва ӯ сабаби муҳоҷиратро дар норасоии об нисбат медиҳад. Ба ақидаи ӯ, дар натиҷаи хушксолиҳои пайдарпай ва коҳиши оби дарёҳо, ки манбаъи асосии обёрии заминҳои Намозгоҳу Олтинтеппа маҳсуб меёфт, мардум макони зисти доимии худро тарк карданд [144, с. 172-173]. Эмомалӣ Раҳмон дар заминаи таҳлили осори бостонӣ, махсусан мӯҳрҳои ёдгории Тоиб I дар соҳили дарёи Мурғоб, зикр менамояд, ки резишгоҳи дарёи Мурғоб маркази зуҳури деҳаҳои кишоварзӣ буд. Маркази маъмурии онҳо дар мавзеи харобаҳои «Тоиб I» қарор дошт [18, с. 43].

Бояд гуфт, ки аллакай кишоварзӣ дар ҳаёти мардуми Осиёи Марказӣ дар давраи мазкур мақоми махсус касб карда буд ва онҳо бо мақсади ривоҷи соҳа ва накуаҳволии зиндагии хеш дар соҳили дарёҳо маскан мегирифтанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ориёиҳо дар Осиёи Марказӣ аз ибтидо маъмулан ба ҳаёти муқимӣ таваҷҷуҳ доштанд. Мувофиқи маълумоти Эмомалӣ Раҳмон, аҳолӣ дар шаҳркадаҳо, ба монанди Сафолтеппа мезистанд. Ҳамчунин, ӯ бар асоси маълумоти В.М. Массон таъкид месозад, ки аз нимаи дувуми ҳазораи II то мелод муштаракоти фарҳангӣ на танҳо дар навоҳии ҷануби Осиёи Марказӣ, балки дар манотиқи ҳамҷавор низ мушоҳида мешуд, ки намунаи

барҷастаи он осори «Тамаддуни археологии Марғушу Бохтар» мебошад. Метавон «Тамаддуни археологии Марғушу Бохтар»-ро дар пайвастагӣ бо ёдгориҳои бостонии Шаҳдод (дар Эрони марказӣ) ва Меҳргара дар шимолу ғарби Балуҷистон сароғози тамаддуни Бохтар номид [18, с. 44].

Ба назари муҳаққиқон таъсири маданияти ноҳияҳои ҳамҷавор дар пешрафти тамаддуни ориёӣ зиёд буд. Махсусан, дар осори Эмомалӣ Раҳмон аз таъсири маданияти Шумер ва навгониҳои маҳаллӣ дар ташаккули аносири тамаддуни ориёӣ сухан меравад. Ӯ ин таъсирро бештар дар рушду сайқали ҳунари зарфсозӣ ва мӯҳррезӣ мебинад.

Ба ақидаи мо, зуҳури ҳеҷ тамаддунро набояд ба пешрафти ҳаёти иҷтимоии мардумони алоҳида нисбат дод. Яъне таъсири унсурҳои фарҳанги халқҳои ҳамсоя ба пешрафти ин ё он тамаддун ҳатман ба чашм мерасад, ки тамаддуни ориёӣ низ аз ин гуфтаҳо орӣ нест. Пешрафту шукуҳи тамаддун низ ба фарҳанги муштараки он вобаста аст. Чи қадаре, ки тамаддун доираи васеъро фаро гирад, ҳамон қадар шукуҳманду пешрафта мегардад. Ҳамин аст, ки таъсири тамаддуни ориёӣ то замони мо ба хубӣ эҳсос мегардад. Он на танҳо ба таърихи иҷтимоии қавмҳои ориёӣ, балки минбаъд дар сарнавишти халқҳои ғайрриориёӣ низ таъсири махсус расонид [3-М, с. 56-61].

Барои дарки беҳтару хубтари ҷойгоҳи маданияти Бохтар дар рушди тамаддуни ориёӣ тавсифу таҳқиқи осори бостонӣ дар ин минтақа муассир аст. Қисми зиёди ҳудудҳои имрӯзаи Эрони Шарқӣ, Афғонистон ва Осиёи Марказӣ ба ҳайати Бохтар дохил мешуданд. Албатта, бо зуҳури яке аз аввалин нишонаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва ташаккули таҳаввулоти бостонӣ дар ин минтақа, муаррихону бостоншиносон таваҷҷуҳи бештар ба ҳафриёти густарда дар Бохтар пайдо карданд. Дар ин замина чандин ёдгорӣ ва осори шаҳрҳои куҳан дар Бохтар таҳқиқу кашф гардид, ки ба ин васила саҳифаи наве аз таърихи ориёиҳо дар минтақа боз шуд. Яке аз ин мавзеъҳо бо номи Ҷарқутан машҳур аст. Эмомалӣ Раҳмон ба асоси таҳлили осори бостоншиносӣ Ҷарқутанро давоми тараққиёти тамаддуни кишоварзӣ ва ҳунармандии Сафолтеппа меномад [18, с. 46]. Бар асоси натиҷаи ковишҳои

бостоншиносӣ метавон гуфт, ки фарҳанги шаҳрнишинӣ ҳанӯз дар Ҷаркутан (нимаи дувуми ҳазораи II то мелод)  дар ҳоли тавсеа қарор дошт. Бошандагони Сафолтеппа ва Ҷаркутан аз водии Мурғоб омада, маданияти Олтинтеппаро такмил бахшиданд [66, с. 17-35]. Эмомалӣ Раҳмон бар асоси омӯзиши мадорики бостоншиносӣ дар Бохтар ба хулоса омад, ки дар ин давра фарҳанги шаҳрсозӣ хеле рӯшан аст. Бунёди иморатҳои бузурги оташкада, ҳисорҳои баланду паҳн, мӯҳрҳои зиёд аз раванди босуръати оини идорӣ ва созмони давлатӣ хабар медиҳад. Маъбадҳо, ҳуҷраҳо, меҳробҳо, чортоқҳо, деворҳои давродавр асрори бузурги зиндагии аҷдоди тоҷиконро дар худ ҳифз менамоянд [18, с. 46].

Эмомалӣ Раҳмон рисолати аслии имрӯзаи бостоншиносон, таърихшиносон ва мардумшиносонро дар он мебинад, ки таърихи ниёкони хешро дар асоси омӯзиши осори модӣ мавриди пажуҳиш қарор дода, баъзе аз розҳои нуҳуфтаи зиндагонии ақвоми ориёиро дар ҳазораҳои пешин ошкор намоянд. Албатта, ҳамаи он осори модӣ, ки то замони мо боқӣ мондаанд, далели мустанаде аз пешрафти тамаддуни ориёӣ дар ин сарзамин мебошад.

Бояд зикр намуд, ки яке аз осори тамаддуни ориёӣ бино маъбад ба шумор меравад, ки дар он муҷассамаҳои гуногун бо тазйини махсуси ҳунарӣ сохта шудааст. Ҳамин зебоӣ ва тазйини ҳунарӣ хосси маъбадҳо буд, ки арабҳо баъд аз истилои ин сарзамин ва интишори ислом дар сарзамини Ориёно онҳоро ба масҷид табдил доданд. Муҳаммад Муин доир ба санъати хосси меъмории маъбадҳои оини зардуштӣ чунин менависад: «Дар Язд маъбади оташи аҳди бостон боқӣ мондааст, ки он аз чартоқи чордара иборат буда, гирдашро роҳрав бо девори чордара иҳота менамояд. Роҳрави хурд дари пӯшидан дорад» [302, с. 193-198]. Дар радифи ҳунари кулолӣ, ҳамчунин сохтани олот ва ашёи биринҷӣ низ рушд карда буд. Силоҳу олоти корӣ ва ашёи ороишӣ бо бо нақшу нигорҳои ҳунарӣ омода шуда, аз инкишофи соҳаҳои гуногуни маъдангудозӣ ва рушди ҳунармандӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар осори Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид ишора мешавад, ки дараҷаи инкишофи кулолӣ ва суръати баланди истеҳсоли ашё баёнгари он мебошад,

ки ҳунармандон ашёи худро ба муомилот бароварда, тиҷоратро рушд бахшиданд [18, с. 48]. Шоёни зикр аст, ки мавзеъҳои Сафолтеппа ва Ҷаркутан аксаран номи Ориёнам доштанд. Ин ном бо каме тағйирот дар шакли Айртам то дерзамон ба унвони яке аз бахшҳои Ориёна - Вейҷ ба кор мерафт.

Дигар ёдгорие, ки ба унвони осори тамаддуни ориёь мавриди омӯзиш қарор гирифт, маҷмӯи ёдгориҳои бостонии аҳди биринҷӣ дар минтақаи Дашлӣ, 30 км шимоли ш. Оқчаи вилояти Форёби Афғонистон мебошад. Мфиқи он дар қисми шимолии шаҳраки Оқча, дар наздикии Балх шаҳраки қолинбофон мавҷуд буд. Дар робита ба ин дар мавзеи Дашлӣ зиёда аз 40 осори бостонӣ (ҳазораи II то мелод) кашфу таҳқиқ шуд. Сокинони Дашлӣ барои кишти зироат аз Балхоб истифода мекарданд [18, с. 49]. Дар ин мавзеҳо чундин ёдгорӣ тули солҳои зиёд аз ҷониби муҳаққиқони мухталиф мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифт. Агар мо ба мавзеи ҷойгиршавии шаҳрҳои бостонии ориёӣ назар афканем, аксар дар соҳили дарё ва назди обанборҳо қарор доранд, ки ин аз интихоби дурусти макони шаҳрсозӣ гувоҳӣ медиҳад. Тарҳи ин бошишгоҳ ва рушди ҳунари шаҳрсозӣ нишоне аз пешрафти тамаддуни ориёӣ аст.

Боиси зикр аст, ки Эмомалӣ Раҳмон барои омӯзиши розҳои нуҳуфтаи ориёиҳо дар Осиёи Марказӣ, пажуҳиши осори бостонии мутаалиқ ба оини зардуштия, давлати Каёниён ва офаридаҳои ҳазораи II ва I то мелодро зарур мешуморад. Албатта, Зардушт асолати ориёӣ дошт ва давлати Каёниён аз нахустин далатҳои ориёӣ дар Осиёи Марказӣ буд. Бар ин асос, дини зардуштӣ ва афкори ислоҳотхоҳонаи Зардушт ба оини кишвардории ориёиҳо, аз ҷумла давлати Каёниён таъсири муассир гузошт. Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон, вобаста ба давраи мазкур дар ноҳияи Дашлӣ ду навъе аз осори модии асри биринҷ таҳқиқ шуд. Ба гурӯҳи аввал деҳаҳоеро шомил медонад, ки атрофашон девори истеҳкомӣ надоштанд ва бо ин сабаб бар асари офатҳои табиӣ хароб шуданд. Ба гурӯҳи дувум, деҳа ва бинои истеҳкомиеро шомил менамояд, ки баъзе аз диж ва деҳистон иборат буданд. Кушкро ҷойи нишасти

сарвари шаҳрак ва деҳистонро бошад, макони зисти бошандагони он медонад [18, с. 50].

Дар ин масъала андешаи В.И. Сарианиди ҷолиб аст, ки биноҳои истиқоматӣ дар дохили девори истеҳкомӣ сохта мешуданд. Дар оташдон дохили хонаҳо ва дудбарои он дар даруни девор буд. Дуд аз бом ба ҳаво хориҷ мешуд. Хонаҳои Даштӣ вобаста ба тарҳу сохташон ба хонаҳои Сафолтеппа шабоҳат доштанд [172, с. 23-27]. Тарҳи умуми биноҳои истиқоматию маъмурӣ дар ноҳияҳои мухталифи Осиёи Марказӣ аз муносибатҳои наздики офарандаҳои он – ориёиҳо хабар медиҳад. Аз навиштаҳои боло маълум мегардад, ки аҷдоди тоҷикон аллакай дар асри биринҷ дар баробари ҳунари биносозӣ, ба масъалаи таъмини амнияти гирду атрофи маҳалҳои аҳолинишин таваҷҷуҳ зоҳир месохтанд.

Муҳаққиқи бостоншинос В.И. Сарианиди бар он назар аст, ки қасру маъбадҳо бо таваҷҷуҳ ба ҳунари меъмории бошандагони Байнаннаҳрайн ва Мундигак (Афғонистон) бунёд мешуданд. Ба ақидаи ӯ, сокинони Бохтари Шимолӣ дар асри биринҷ аз қисми ҷануби Афғонистон, Балуҷистон ва Эрони Марказӣ ба ин ҷо кӯч бастанд [172, с. 40-41]. Эмомалӣ Раҳмон дар интиқод ба ин назар масъалагузорӣ менамояд, ки пас сокинони давраи неолит аз ин навоҳӣ ба куҷо рафтанд? Дар ҷавоб менависад, ки бешубҳа, робитаҳои байниқавмии ноҳияҳои Осиёи Марказӣ ва Ҳинду Эрони бостон доимӣ буданд ва дар заминаи ин иртиботи маданӣ дар асри биринҷ маданияти Дашлӣ ташаккул меёбад. Дар масъалаи офариниш ва омезиши он бо тамаддуни тоза набояд нақши сокинони маҳаллиро низ фаромӯш сохт. Ӯ бо мақсади тақвияти назараш, аз бозёфти бостоншиносӣ дар Намозгоҳ, Олтинтеппа, Дашлӣ, Сафолтеппа, Ҷаркутан, Саразм, Шаҳри Сӯхта, Ҳисор ва Мундигак ёдовар мешавад, ки ҳамагӣ аз робитаи мутақобилаи фарҳангии бошандагони онҳо гувоҳӣ медиҳанд. Бошандагони теппаи Ҳисор, Шоҳтеппа бошад, ба тамаддуни иломӣ, Мундигак, Ҳараппа ва Моҳенҷодару робита доштанд, ки дар он ҷойҳо хат рушду нумӯъ карда буд [18, с. 51].

Ба назари мо, новобаста аз он ки В.И. Сарианиди дар масъалаи шинохти ориёиҳо мутахассиси барҷаста мебошад, аммо дидгоҳаш доир ба хостгоҳи ақвоми ориёӣ чандон ба таври мушаххас пояи илмӣ надорад. Пеш аз ҳама ӯ хронология, яъне даврабандии ёдгориҳои археологиро ба назар намегирад. Бартарии дидгоҳи Эмомалӣ Раҳмон дар он аст, ки дар осори ӯ хронологияи таърихии ориёиҳо ба таҳқиқоти навини бостоншиносон ва таърихшиносон бастагӣ дорад. Аз таҳили осори ӯ маълум мегардад, ки ҳазораи II то мелод, яъне асри биринҷ давраи ташаккули тамаддун ва боварҳои эътиқодии ориёиҳо дар Осиёи Марказӣ маҳсуб меёфт. Ҳамчунин, бар асоси қиёси осори мушобеҳи бостоншиносӣ метавон гуфт, ки ориёиҳои Ориёно (Осиёи Марказӣ) робитаҳои хешро бо дигар ҳамқавмони худ доимо таҳкиму густариш доданд.

Таҳқиқоти солҳои охир нишон медиҳанд, ки дар байни ақвоми ориёӣ ҳамеша муносибатҳои фарҳангӣ побарҷо буд. Махсусан, таҳқиқоти илмии бостоншиносон дар ҳудудҳои мухталифи манотиқи Осиё ва Аврупо таҳкимбахши ин назар аст.

Минбаъд диққати муҳаққиқон ба ҳаракати ориёиҳои саҳронаворд ба тарафи ҷануб, яъне Осиёи Марказӣ ҷалб шуд. Аксари онҳо ин муҳоҷиратро ба рушди шуғли чорводорӣ ва зарурияти иваз кардани чарогоҳ дар мавсимҳои сол нисбат медиҳанд. Яке аз муҳаққиқони барҷастаи рус Е.Е. Кузмина бар асоси таҳлили бисёре аз таҳқиқоти бостоншиносонӣ, махсусан вижагии тарҳи манзил, осори моддӣ, хаттӣ, динӣ ба хулосае меояд, ки бошандагони Осиёи Марказӣ, Қазоқистон, Афғонистон дар асри биринҷ ориёӣ буданд [18, с. 54]. Эмомалӣ Раҳмон дар тақвият ба ақидаи мазкур менависад, ки тоҷикони қисми шимол ва ориёиҳои қадими Осиёи Марказӣ, саҳроҳои Аврупову Осиё аз нигоҳи антропологӣ ба гурӯҳи рӯйдароз ва паҳнустухони аврупоӣ шомиланд. Ӯ дар асоси қиёси тарҳи бошишгоҳи саҳронавардон ва манзилҳои иқоматӣ дар Украина ва Осиёи Наздик зикр менамояд, ки аз аҳди неолит сар карда, дар он ҷо хонаҳо дар рӯи замин сохта мешуданд. Махсусан, ӯ тарҳи хонаҳои аз гилӣ ва хиштиро дар Ҷайтун ва

ҷануби Осиёи Миёна мисол меорад. Бар асоси ин нукта метавон ақидаи В.В. Иванов ва Т.В. Гамкрелидзеро дар хусуси кӯчи ориёиҳо аз Осиёи Наздик тавассути Осиёи Марказӣ ба саҳроҳои Сибир ғайривоқеӣ донист [88, с. 776]. Яъне, ақидаи баъзе донишмандоне, ки ориёиҳоро маъмулан саҳронишин медонистанд, дар асоси таҳқиқоти бостоншиносон то ҷое хато баромад.

Мувофиқи маълумоти манбаъҳои ҳиндӣ мамлакати ориёиҳо аз Ҳимолой то кӯҳи Виндхя, аз баҳри шарқӣ то ғарбӣ идома мекунад. Ақвоми мазкур аҷдоди халқҳои Эрон ва Ҳиндустони қадим, ҳамчунин Аврупои имрӯза буданд. Аз таҳлили забоншиносон бармеояд, ки ҷудошавии ҳиндуориёҳо аз ақвоми ибтидоии эронӣ дар байни солҳои 2000 ва 1800 то мелод ба амал омад [245, с. 160].

Қобили зикр аст, ки ҳунармандӣ ҳанӯз дар байни ориёиҳо дар аҳди биринҷ то ҷое инкишоф ва маъмул гардида буд. Рушди ҳунари кулолӣ, асбобу ашёи биринҷӣ, олоти коркарди маъдан аз санъати қолабсозӣ ва рехтагарӣ дар маданияти Андроново гувоҳӣ медиҳад. Е.Е. Кузмина дар ин маврид тазаккур медиҳад, ки зарфҳои дастсохти занҳо дар маданияти Андроново ва зарфҳои гилии чархисохт ба ориёиҳо хос набуд. Ақидаи мазкур низ аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон рад карда мешавад. Ба андешаи ӯ, зарфҳои дастсохт (имрӯз дар баъзе деҳаҳои кӯҳистон маъмуланд) на ба кучманчиён, балки ба тоҷикони бумии кишоварз мансуб буданд [18, с. 55]. Дар баробари ин, аксар олимони таърихшинос бар он назаранд, ки кашшофи дучархаи ҷангӣ Куртивази ориёӣ буд. Дар ин хусус Е.Е. Кузмина барҳақ ориёиҳоро, ҳомили ҳунари ҷангии гардуна, савори аспу найза ва тирандозӣ меномад [136, с. 159-167].

Аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум мегардад, ки асоси шуғли саҳронвардон чорводорӣ буд. Ригведа, ки яке аз сарчашмаҳои муътамади ҳаёти ақвоми саҳронавард аст, бевосита аз ин гувоҳӣ медиҳад. Дар он буққа нақши Индра, асп нақши худои оташ, яъне Агнӣ, буз худои Пушанро ифода мекард [136, с. 47]. Агар ба асли баромади калимаҳо назар афканем, муҳаққиқон онҳоро дар асоси манбаъҳои хаттӣ дар чанд шакл тасниф

менамоянд. Масалан калимаҳои буққа, модагов, говядина решаҳои аврупоӣ доранд. Вожаҳои ҷӯшидани шир, равғани панир, дар забони ҳиндуориёӣ, фино-угрӣ, юнонию славянӣ якхел аст [64, с. 155-156].

Эмомалӣ Раҳмон расму оини ориёиҳоро дар осори худ тасвир ва вижагии онро нишон додааст. Тибқи маълумоти ӯ, дар боварҳои ориёӣ ҳайвонот ба унвони қурбонӣ аҳаммият доштанд. Барои худоён ва бузургонашон аввал асп, баъд гов ва гӯсфандро қурбон менамуданд. Дар радифи ин муҳаққиқ маънояшро шарҳ дода, зикр менамояд, ки аввал бузургдошти асп баъд буққа ва сипас гусфанд буд [18, с. 57].

Бояд гуфт, ки дар даврони неолит дар доманакӯҳҳои Осиёи Марказӣ гурӯҳи одамони зиндагӣ мекарданд, ки фарҳанги ба худ хос доштанд. Аксар муҳаққиқон шабоҳати осори бостониро дар ёдгориҳои Осиёи Марказӣ ба фарҳанги муштараки мардуми минтақа нисбат медиҳанд. Намунаи он шабоҳати осори бошишгоҳи «Саргазон 1-2» дар наздикии Самарқанд аст, ки Эмомалӣ Раҳмон онро як навъ омезиши маданияти Ҳисор ва Калтаманор меномад. Махсусан, ӯ ба шабоҳати олотҳои сангӣ ва зарфҳои гилии ин ду ёдгорӣ таъкид менамояд. Ин бори дигар аз фарҳанги муштараки бошандагони минтақа гувоҳӣ медиҳад. Дар осори Эмомалӣ Раҳмон Теппаи Ғозиёни ба унвони яке аз аввалин бошишгоҳи кашфшудаи маданияти Ҳисор тавсиф шудааст. Бошишгоҳи мазкур аз тарафи бостоншиноси маъруфи шуравӣ А.П. Окладников кашф гардид [157, с. 14-19]. Таъкид намудан ба маврид аст, ки намунаи осори маданияти Ҳисор дар бисёр ноҳияҳои Осиёи Марказӣ низ ёфт шуд.

Эмомалӣ Раҳмон бо таваҷҷуҳ ба ҷойгоҳи маданияти Ҳисор дар пешрафти тамаддуни ориёӣ менависад, ки аксар ёдгориҳои мутааллиқ ба он дар Тоҷикистон аз ҷониби бостоншиноси маъруфи шуравӣ В.А. Ранов дар водии Ҳисор, махсусан Тутқавули Норак, Дараи Шӯр, Кангурт, Булиёни Поён, Сои Сайёд ва Кӯлоб омӯхта шуданд. Ӯ дар мавриди аҳаммияти ҳафриёти солҳои охир менависад, ки мавзеи ҳозираи Душанбе ба унвони ҷузъе аз Ҳисори Шодмон таърихи қадим ва қалъаҳои хеле куҳна доштааст [18, с. 58]. В.А. Ранов аз ҷумлаи он

бостоншиносоне мебошад, ки дар даврони шуравӣ тамоми умри худро ба унвони муҳаққиқи асри санг ба кашфу ҳафри ёдгориҳои бостонии Тоҷикистон сипарӣ кард. Аз рӯи нишондодҳо маълум мешавад, ки бошишгоҳҳои асри биринҷ дар ҳудуди Тоҷикистон ё худ Бохтари Шимолӣ кам омӯхта шудаанд. Тибқи назари Эмомалӣ Раҳмон, ки аз маълумоти Н. Виноградова ва Е.Е. Кузмина маншаъ мегирад, тарзу услуби зиндагии кангуртиёну кӯлобиён ба чорводорони маданияти Андроново бештар монандӣ дошт [18, с. 59].

Ҳамин тавр, Эмомалӣ Раҳмон таҳқиқи бошишгоҳи аҳди биринҷро дар Даҳана, Тошгузар, Тутқавул, Ғелоту Лӯликутал ва Каримбердӣ муҳим арёзёбӣ менамояд. Зеро ба назари ӯ, ҳаёти бошандагони ин бошишгоҳ бо кангуртиён шабоҳат дошт [18, с. 60]. Аз таҳқиқи ёдгориҳои археологӣ, осори Эмомалӣ Раҳмон ва дигар муаррихон чунин бардошт мешавад, ки Осиёи Марказӣ, махсусан сарзамини ҳозираи Тоҷикистон ҷузъе аз хостгоҳи ориёиҳо ба шумор меравад. Дар ин хусус ақидаи В.Н. Виноградов бисёр муҳим аст, ки мувофиқи он мардумони хутталонии Бохтар дар ҳазораи II то мелод асосан аз ориёиҳо иборат буданд. Онҳо дар дашту доманакӯҳ зиста, дар ташаккул ва рушди тамаддуни ориёӣ нақши муносиб гузоштанд [87, с. 43].

Ин далелҳо назарияи Эмомалӣ Раҳмонро дар хусуси хостгоҳи ориёиҳо будани Осиёи Марказӣ тақвият мебахшад. Дар робита ба ин бояд гуфт, ки сарчашмаҳои бостоншиносӣ ягона далоили қотеъ дар омӯзиши таърихи бостон ба шумор меравbooнд. Аксар ёдгориҳои бостонӣ, ки Эмомалӣ Раҳмон дар осораш аз онҳо ба унвони мадорики мустанад ёд мекунад, дар сарзамини Осиёи Марказӣ ва манотиқи ҳамҷавори он ҷой доранд. Тамоми осори бостонӣ рози нуҳуфтаи чандҳазораи ақвом ва тамаддуни ориёиро дар Осиёи Марказӣ ошкор месозанд.

Хулоса дар асоси таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон доир ба масъалаи омӯзиши ақвоми ориёӣ дар Осиёи Марказӣ метавон ба чунин натиҷа расид:

- зуҳури номи этникӣ ва тамаддуни ориёӣ ба таҳаввулоти асри биринҷ дар Осиёи Марказӣ мутааллиқ аст;

- дар асоси таҳлили маводи бостоншиносӣ ва таҳқиқу фарзияи аксар олимон минтақаи Осиёи Марказӣ хостгоҳи ориёиҳо мебошад;

- бо сукунати доимии ориёиҳо дар соҳили Сайҳуну Ҷайҳун унсурҳои хосси тамаддун (кишти рустанӣ, фарҳанги шаҳрсозӣ ва ҳунармандӣ) ба миён омаданд;

- дар асоси таҳқиқи бошишгоҳи бостонӣ (Саразм, Тутқавул, Сойи Сайёд, Дараи Шӯр, Кангурт, Булиёни Поён, Кӯлоб ва ғ.) метавон гуфт, ки бошандагони маданияти Ҳисор дар бисёр ноҳияҳои Осиёи Марказӣ, махсусан дар Тоҷикистон ориёӣ буданд;

- дар заминаи омӯзиши маданияти Ҷайтун, Ҳисор ва Калтаманор дақиқ намудани унсурҳои хоссаи тамаддуни ориёиҳои Осиёи Марказӣ ва нақши онҳо дар рушди тамаддуни инсонӣ (махсусан, дар соҳаҳои кишоварзӣ, чорводорӣ, шикорчигӣ моҳидорӣ, ром кардани ҳайвонот, парвариши наботот заминаҳои ба вуҷудоӣ ва рушди ҳунармандӣ).

## 1.3. Масъалаи давлатдории сулолаҳои ориёӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон

**Давлати Ҳахоманишиён ва рушди тамаддуни ориёӣ.** Дар осори аксар муаррихоне, ки доир ба таърихи халқи тоҷик ва таърихи ҷаҳонӣ, махсусан давраи қадим таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд, роҷеъ ба шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён ва нақши онҳо дар тамаддуни ориёӣ маълумот ироа шудааст. Махсусан, дар ин самт таҳқиқоти М.А. Дандамаев [100], В.И. Авдиев [65], Эҳсон Табарӣ [335], Арнолд Тойнбӣ [340], Вилл Дюрант [271, 272], Саид Муртазо Ровандӣ [329, 330], Клеман Ҳуор [346], Муҳаммади Муҳаммадӣ [304], Маҳмадқул Ҳазратқулов [237] аз арзиши илмӣ бархурдоранд. Дар радифи чунин муаррихон метавон аз осори Эмомалӣ Раҳмон [11; 18; 21; 5; 12] ном бурд, ки аксар масоили таърихи шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён дар он таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Дар асоси таҳлилу муқоисаи осори Эмомалӣ Раҳмон ва дигар муҳаққиқон мавзуи империяи Ҳахоманишиёнро метавон чунин масъалагузорӣ намуд:

– дар такя ба манобеъи таърихӣ, махсусан навиштаҷоти шоҳони ҳахоманишӣ ва маълумоти муаррихони атиқа омӯхтани раванди ҳамсозии форсҳо, таъсиси империя ва сиёсати кишваркушоии Куруши Кабир;

– омӯзиши оини кишвардории Дороюши Бузург ва шоҳони ҳахоманиш;

– ташхиси ҷойгоҳи Ҳахоманишиён дар рушди тамаддуни ориёӣ.

Вобаста ба масъалаи якум ҳанӯз Клеман Ҳуор таъкид намуда буд, ки «дудмони ҳахоманишӣ аз нажоди ориёӣ буданд ва бар асари ҳаводисе, ки бар мо равшан нест, аз кӯҳҳои Порсуво ба зер омаданд ва дар миёни косиён ё аншониҳо, ки шояд аз тариқи забон хешованди гурҷиёни моварои Қафқоз буданд, сакана гузиданд... Ҳахоманишиён мардумеро ба худ бо Эншон оварда буданд, ки аз миёни онҳо порсиён бархостанд» [346, с. 34]. М. Ҳазратқулов бар пояи маълумоти ин олим ва асноди таърихӣ, махсусан санадҳои ошурӣ зикр менамояд, ки «Порсҳо (форсҳо) дар асри IX то м. дар ноҳияи Форс зери ҳукумронии сардори худ ҳукумат мекарданд. Посоргодиён ақвоми асосӣ дар миёни қабилаҳои порсиён ба монанди марифииён, моспииён, понтолиён, дурусиён, доиҳо, мордҳо, друпикҳо ва согортиҳо буданд ва ҳахоманишиҳо тоифаие аз ин қабила буданд». Қабилаҳои мазкур тақрибан дар асри VII то м. дар ноҳияи «Порсумош» ҷойгузин шуда, муддате таҳти фармонравоии эломиҳо, ошуриҳо ва баъдтар ҳамчун вассали давлати Мод зиндагии сода доштанд» [237, с. 123].

Эмомалӣ Раҳмон дар асоси манобеи таърихӣ давраи воруди форсҳоро дар силсилакӯҳҳои Эрон ва ҷанубу ғарбии он то халиҷи Форс ба нимаи дуюми ҳазорсолаи II-I то м. ё аз ин ҳам барвақтар нисбат медиҳад. Ӯ ба хешовандии наздики онҳо ва модҳо таъкид менамояд [18, с. 105].

Дар масъалаи ташкили аввалин иттиҳоди сиёсии порсҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон ва дигар муаррихон тақрибан ақидаҳои яксон мушоҳида мешавад. Албатта, дар ин осори чанд фосилаи замонӣ дар солшуморӣ вуҷуд дорад, ки ин дар таърихнигории бостон бо сабаби камбуди мадрак як амри маъмул аст.

М. Ҳазратқулов дар асоси маълумоти К. Ҳуор ҳамбастагии қавмӣ ва ташкили иттиҳодро дар миёни порсҳо ба солҳои 40-уми асри VII марбут медонад [237, с. 123]. Дар осори Эмомалӣ Раҳмон бошад, санаи ташкили иттиҳоди сиёсии форсҳо асри VIII то м. зикр шудааст [18, с. 105].

Дар масъалаи бунёди давлати Ҳахоманишиён ва таҳкими қудрати шоҳони ҳахоманиш маълумот зиёданд. Эмомалӣ Раҳмон Ҳахоманишиёнро вориси мантиқии тоҷу тахти Модҳо номидааст. Раванди таъсиси давлат дар замони Куруши Кабир анҷом ёфт, вале то ҳол дар таърихнигорӣ баъзе масоил норӯшан аст. Махсусан, ба назари Эмомалӣ Раҳмон, масъалаи шинохти Ҳахоманиш ба унвони нахустин шоҳи Порс дар илм боиси зуҳури баъзе шубҳаҳо шуд, ки ин ҳам то ҷое ҳақиқат дорад. Ин воқеият манбаи зуҳури худро дорад. Ба унвони сарчашма метавон аз солномаи шоҳи Бобил Набонид ёд кард. Куруш дар ин навиштаҷот аз худ ба номи подшоҳи Аншон писари Камбуҷия, шоҳи бузург, навасаи Куруш шоҳи бузург, шоҳи Аншон, аз насаби Теисп шоҳи бузург, шоҳи Аншон ёд менамояд. Шояд дар такя ба ҳамин сарчашма М. Ҳазратқулов низ аз аввалин ҳукмрони Порс Чишпеш (Тиспес) фарзанди Ҳахоманиш ном мебарад, ки ҳукумати Эломи Шимолиро бу уҳда дошт [237, с. 123].

Аз ин маълумот рӯшан мегардад, ки Ҳахоманиш саравлод ва Чишпиш аввалин ҳокими Форс буд. Албатта, Чишпиш дар ибтидо зери тобеъияти эломиҳо ва баъдтар ошуриён қарор дошт. Бо вуҷуди ин, то замони касби қудрати Куруши Кабир ҳеч як намояндаи ин дудмон мустақилияти Порсро таъмин карда натавонист.

Аксар муаррихон зуҳури Куруши Кабирро дар арсаи сиёсат як таҳавуллоти ҷиддӣ дар таърихи дунёи қадим медонанд. Аз ҷумла, Эмомалӣ Раҳмон зуҳури фардеро чун Куруш омиле барои тағйири фарҳанги моддиву маънавии тамоми мардумони эронитабор медонад, ки ба унвони як сиёсатмадори варзида тамаддуни ориёиро бар арсаи ҷаҳонӣ бардошт [12, с. 7]. Маҳз бо ин вижагӣ муррихони ватанӣ ва хориҷӣ аз аҳди қадим то имрӯз ӯро чун беҳтарини шоҳ тавсифу таъриф кардаанд. Аз ҷумла, Ксенофонт дар

рисолааш «Курушнома» Куруши Кабирро ҳамчун шахси таърихӣ ва кишваркушое тавсиф менамояд, ки номи худро бо дарҳам шикастани се давлати муқтадири бостони – Модҳо, Лидия ва Бобул дар таърих бо кишваркушоӣ ва хираду заковат сабт намуд [272, с. 518].

Дар таърихнигорӣ масъалаи ба масъалаи кишваркушоӣ ва таҳаммулпазирии Куруши Кабир нисбат ба халқҳои мазлум бештар таваҷҷуҳ мешавад. Аз ҷумла, Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба ин масъала менависад: «Вақте, ки Куруш мустаҳкам будани ҳокимият ва пурқувват шудани сипоҳи худро эҳсос намуд, соли 533 то мелод бар муқобили шоҳи Мод Астиаг исён бардошта, дар ду муҳориба ӯро ба шикаст мувоҷеҳ сохт» 18, с. 106]. Аксар муҳаққиқон аз се муҳорибаи Куруш ва Астиаг ёд мекунанд [18, с. 106; 346, с. 46].

Ҳамин тавр, Куруш ба ҳокимияти Мод соҳиб гардид. Тибқи маълумоти Клеман Ҳуор «Куруш дар соли 549 то мелод ба лақаби шоҳи Аншон, дар «албоҳ» зоҳир мегардад ва алакай соли 546 то мелод ба лақаби шоҳи Порс соҳиб шуд» [346, с. 46].

Ба назари ин ҷониб, силсилаи муваффақияти Куруш ба чанд омил бастагӣ дошт. Аз натиҷаи таҳлили осори муаррихон ва Эмомалӣ Раҳмон маълум мегардад, ки дар аҳди Мод ӯро ҳамчун шоҳи қонунӣ ва меросбари ҳокимият шинохтанд. Сиёсати кишваркушоии Куруши Кабирро мо дар осори аксар муҳаққиқони таърихи сиёсии ориёиҳо мушоҳида карда метавонем. Махсусан, Эмомалӣ Раҳмон дар осори худ ин масъаларо ба таври хеле возеҳу рӯшан инъикос намудааст. Ӯ дар китоби «Аз Ориён то Сомониён» аз як воқеияти таърихӣ ҳарф мезанад, ки Куруши Кабир баъди исён бар зидди шоҳи Мод – Астиаг ва мағлуб намудани ӯ, баҳри таҳкими иқтидори давлати Форс тақрибан дар солҳои 547–546 то мелод пайдарпай аввал Порт, Гиркания, Лидия ва давлатҳои юнонии Осиёи Хурдро тасхир намуд. Ҳамчунин, бо мақсади таҳкими амнияти марзҳои шимолу шарқии қаламрави давлат, тақрибан солҳои 545–540 то мелод, яъне дар давоми бештар аз панҷ

сол ба ҳудуди Марғиён, Хоразм, Суғд Бохтар ва сарзамини скифҳо (саккоиҳои резишгоҳи рӯди Ому ва канораҳои Сир) лашкар кашид [20, с. 82].

Вақте барои баррасии ин масъала ба осори дигар муаррихон рӯ меорем, аксари онҳо бар ин боваранд, ки «мо аз сафарҳои ҷангии дар Машриқ, пас аз фатҳи Осиёи Сағир тақрибан чизе намедонем. Муддати 6 сол, яъне аз соли 545 то 539 то мелод бар мардуме, ки бар мо шинохта нестанд ва миёни дарёи Хазар ва Ҳиндустон сукунат доштанд, дар ҷанг буд. Ӯ то сарҳади рӯдхонаи Яксартес (Сирдарё) пеш рафт, истеҳкомоте дар он ҷо бино кард, ки ҳанӯз то замони Искандар барпо буданд, назири Кариполис, ки мушариф бар яке аз гузорҳои умдаи рӯдхона буд» [346, с. 46].

Тибқи навиштаи Вилл Дюрант, Куруш аз ҳисоби сарбозони мод ва порсӣ чунон як сипоҳи муназзаму шикатнопазире ташкил намуд, ки баъди ишғоли Сардису Бобул ба ҳукумронии ақвоми сомӣ дар ғарби Осиё хотима дод. Ҳама кишварҳои тахти нуфузи Ошуру Бобил, Лидия ва Осиёи Сағир ба Эрон ҳамроҳ шуданд ва империяи Куруш яке аз хушадвортарин давлатҳои ҳамаи даврахои қадим ба ҳисоб мерафт [272, с. 518].

Дар воқеъ, Куруши Кабир аввалин империяи ҷаҳониеро бунёд гузошт, ки марзҳояш дар се қитъа, дар шарқ то Ҳиндустон ва дар ғарб то соҳилҳои баҳри Миёназмин тул мекашид. Бояд зикр намуд, ки тафсилоти кишваркушоии Куруш дар осори Эмомлаӣ Раҳмон бо таваҷҷуҳ ба даврабандии таърихӣ инъикос ёфтааст. Махсусан, ӯ барои инъикоси забти Лидия бештар ба ахбори муаррихони атиқа, аз ҷумла Ҳеродот таваҷҷуҳ менамояд. Азбаски ин ҳаводис дар аксар осори илмӣ бозтоб ёфтааст, мо такрори матолиб зарур намешуморем, аммо як чиз мусаллам аст, ки Эмомалӣ Раҳмон забти Лидияро дар асоси маълумоти сарчашмаҳо ба моҳҳои октябр - декабри соли 547 то м. марбут медонад [18, с. 108].

Дар замони имрӯз аксар муаррихон бештар ба забти Эрони Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Махсусан, дар масъалаи чигунагии ишғоли минтақа аз ҷониби Куруш Кабир фарзияҳои мухталиф ҷой дорад. Дар ин маврид муҳаққиқи тоҷик Давлатхоҷа Довудӣ бар асоси

таҳлили ахбори таърихнависони Юнони Қадим ба хулоса меояд, ки «як қисми вилоятҳои Осиёи Марказӣ ихтиёран ва қисми дигарашон маҷбуран ба Куруш тобеъ шуданд. Аммо ҷангҳои Куруш дар Осиёи Марказӣ ба маънои томаш забткорона набуда, бештар хусусияти ҷангҳои дохилиро доштанд. Ҳадафи асосии ин ҷангҳо дар ҳайати як давлат муттаҳид намудани халқҳои эронӣ буд. Куруш ин мақсадро амалӣ кард ва самараи хуб ба бор овард» [237, с. 125]. Эмомалӣ Раҳмон бошад бар асоси ахбори муаррихони аҳди бостон – Ҳеродот, Ктесий ва Плиний менависад, ки Эрони Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ бе ҷанг ба ҳайати империяи Ҳахоманишиён шомил шуданд [18, с. 109]. Дар асоси маълумоти муаррихони атиқа ва таҳқиқоти солҳои охир, метавон ақидаи Эмомалӣ Раҳмонро дуруст арзёбӣ намуд. Ин дар ҳолест, ки таърихнигорон ба ғайр аз як набарди Куруш ва массагетҳо дигар аз муҳорибае дар Осиёи Марказӣ ёд намекунанд. Агар маълумоти Ҳеродотро, ки дар аксар осори таърихӣ шарҳу тавзеҳ ёфтааст, ба инобат гирем, массагетҳо дар ҳавзаи байни баҳри Арал ва атрофи он сукунат доштанд. Қабл аз воруди Куруш онҳо ба минтақаҳои сукунати мардуми бумии Порт, Гиркания ва ҳудудҳои ҳамҷавор тохт оварданд ва шаҳру деҳотро хароб карданд. Эҳтимол, Куруш зери таъсири ин омил ба ин минтақа ҳуҷум намуда бошад [12, с. 15].

Аксар муаррихон ба муноқишаи байни Куруш ва массагетҳо бо сарварии Малика Томирис таваҷҷуҳ менамоянд, ки ин бе сабаб нест. Дар ин маврид аксар қатли Курушро бар асоси маълумоти Ҳеродот аз ҷониби масагетҳо як воқеият медонанд [91, с. 73-75; 237, с. 125]. Аз ҷумла, Эмомалӣ Раҳмон низ дар осори хеш воқеияти рухдоди ин ҳодисаро зери суол мебарад [12, с. 17].

Ба ақидаи ин ҷониб, куштори Куруш аз ҷониби қавми кӯчии масагет қобили қабул нест. Куруш чун шоҳи таҷрибадор ва кишваркушои Мод, Лидия ва Бобил ҳеҷ гоҳ ба доми чунин саркардаи бодиянишине гирифтор намешавад. Аз маълумоти муаррихони аҳди бостон бармеояд, ки ӯ ҳам дар сиёсат ва ҳам дар соҳаи низомӣ ҳамто надошт. Имрӯз шарт нест, ки як

ривояти шунидаи Ҳеродотро мо садҳо соли дигар дар китобҳои дарсӣ ҷой диҳем. Чун имрӯз мо Курушро ҳамчун чеҳраи сиёсӣ ва бунёдгузори нахустин имерияи ҷаҳонӣ медонем ва эътироф дорем. Албатта, ин ба маънои он нест, ки мо шуҷоати Томирисро ба унвони як намояндаи қавми ориёӣ нодида бигирем, вале ба ҳеҷ ваҷҳ ӯ ҳатто қудрате шикаст додани Курушро надошт. Албатта, дар таърихнигории шуравӣ ва ғарб ин ягона ривояти муътамад перомуни фавти Куруш буд, ки тавассути таълифоти муаррихон ба осори таърихӣ роҳ ёфта, ҳоло чандон ҷонибдор надорад. Ин ақидаро бори нахуст Ҳеродот тибқи ривояти шунидааш зикр карда, менависад, ки «Дар мавриди марги Куруш ҳикоят зиёд аст, ривояте, ки овардам ба ҳақиқат наздиктар аст». Аз ин нигошта маълум мешавад, ки Ҳеродот ба навиштаи худ каме шакку шубҳа дошт. Ба қавли баъзе донишмандон (М. Дандамаев, Р. Фрай, А. Озод, В. Юсуфия, А. Сомӣ, Ф. Бадраӣ) эҳтимоли ривояти Ҳеродот дар бораи фавти Куруши Кабир баръакси ҳақиқати юриши ӯ ба Осиёи Миёна як достони сохта аст.

Куруш аз зумраи шоҳоне набуд, ки дар миёни мардум бо зулму ситам машҳур шавад, балки ӯ бори аввал дар таърих эъломияе доир ба ҳуқуқи инсон тадвин намуд, ки ҳамаи инсонҳо новобаста аз баромади иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва этникию мазҳабӣ аз ҷойгоҳи баробар бархурдор буданд. Ҳақ бар ҷониби Эмомалӣ Раҳмон аст, ки менависад «Куруши Кабир аз забткорон ва ҷаҳонкушоёну қудратталабоне монанди Чингиз, Темур ҳатто Искандари Мақдунӣ фарқияти ҷиддӣ дошт. Ӯ ҳеҷ гоҳ ба қатли мардум роҳ намедод, дар ҳамон давраҳои аввали рушду густариши тамаддуни башарӣ риояи ҳуқуқи инсон ва адолату инсофро, аз ҷумлаи шартҳои муҳимми давлатдорӣ медонист. Эъломия аз дурандешӣ ва хирадмандии ӯ хабар медиҳад. Ӯ бунёдгузори нахустин давлати муназзам ва мутамаддини инсонӣ буд» [12, с. 18].

Эмомалӣ Раҳмон як ҳаводиси таъсиргузори замони ҳукумронии писари Куруш – Камбизро ба забти Миср пайванд медиҳад. Тибқи маълумоти ӯ, Камбуҷия то моҳи августи соли 525 Мисрро ишғол ва расман худро шоҳи ин

кишвар эълон кард. Вале ӯ бо шунидани хабари табаддулоти Бардияи дуруғин дар роҳ ба сӯи Эрон фавтид [18, с. 116]. Мувофиқи маълумоти аксар муаррихон, Дорои I дар ин давра бо пуштибонии шаш оилаи ашроф Бардияро ба қатл расонид ва ҳокимиятро соҳиб гардид [100, с. 85-124]. Эмомалӣ Раҳмон дар ин замина бар хилофи дигар муҳаққиқон, марги ногаҳонии Камбуҷияро на тасодуф, балки ба суиқасди ҷосусони Дорои I нисбат медиҳад. Ӯ ду нутаро дар ин ҳаводис шубҳаовар медонад: 1) бехабарии мардум аз куштори Бардия; 2) шабоҳати бисёри муъбад бо Бардия. Вале Эмомалӣ Раҳмон бо вуҷуди ин, даврони ҳукумронии Дороро як саҳифаи дурахшони давлатдории на танҳо форсҳо, балки ориёиҳо медонад [18, с. 118].

Дар ин бора М. Ҳазратқулов менависад, ки «Муҳаққиқон ба таваҷҷуҳ ба иқдомоте, ки Доро ҷиҳати саркуб намудани шӯришҳо анҷом дода буд, ба хулосае омадаанд, ки ӯ шоҳаншоҳии ҳахоманиширо бори дигар фатҳ карда, барои таҳкими ҳокимияти марказӣ ва боло бурдани вазъи иқтисодиву сиёсӣ як қатор ислоҳот гузаронид» [237, с. 126].

Барои рӯшан сохтани баъзе ҷанбаҳои ин масъала ақидаи Вилл Дюрант хеле муҳим аст: «Доро дарк намуд, ки шоҳаншоҳии васеъ ҳар вақт вориди буҳронӣ шавад, ба зудӣ аз ҳам пошида хоҳад шуд, зиреҳи ҷангиро аз тан берун карда ва ба сурати яке аз мудаббиртарин ва фарзонатарин фармонравоёни таърих даромад ва созмони идории кишварро ба сурате даровард, ки то ҳол ба сукут пайваста, ба унвони намунаи олӣ аз он пайравӣ карданд» [272, с. 552].

Қобили зикр аст, ки аксар муаррихон даврони ҳукумати Дороро бинобар анҷоми иқдомот ва сиёсати кишваркушоии ӯ ба унвони марҳалаи авҷи шукуфоӣ ва пешрафти империяи Ҳахоманишиён тавсиф менамоянд. Эмомалӣ Раҳмон низ бо таваҷҷӯҳ ба ин воқеият, ин равандро дар таърихи сиёсии империяи Ҳахоманишиён ба таври муфассал таҳлилу баррасӣ кардааст. Ӯ зикр менамояд, ки «Барои барқарор намудани роҳи бевоситаи алоқа байни Эрон ва Миср Доро фармон дод, то аз Нил ба баҳри Сурх ҷӯй кананд, ки он 84 километр тул мекашид» [18, с. 119].

Дар тақвияти ин маълумот як матлабро метавон илова кард, ки яке аз минтақаҳои муҳимми империяи форсҳо Миср буд, ки он дар баробари пайванди ду тамаддуни бузург дар минтақа аз назари иқтисодӣ ва рушди тиҷорӣ мавқеи стратегӣ дошт. Доро, ки аз таҷрибаи шоҳони пешин хуб огоҳӣ дошт, барои васл намудани ин минтақа тадбири муассир андешид, ки дар натиҷа ин минтақа ба яке аз бандарҳои бузурги тиҷорӣ табдил ёфт. Шояд Доро мехост Мисрро чун дарвозаи кишваркушоӣ дар Африқо истифода барад ва қаламрави давлат боз ҳам фарохтар гардад. Исҳоқ Олимов ва Франк Войт перомуни масоили мазкур менависанд, ки «Зери фармондеҳии Доро Порс ба авҷи азамат расид ва аз тамоми императориҳои собиқ дар Осиёи Ғарбӣ калонтар ва масоҳаташ баробари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва аҳолиаш ҳудуди 13 млн нафар буд» [315, с. 71].

Ҳамин тавр, бо ибораи Эмомалӣ Раҳмон Куруш бо ворисонаш – Камбуҷия ва Доро мардумони се қитъа – Осиё, Африқо ва Аврупоро дар ҳайати як давлати бузурги ориёӣ муттаҳид намуданд. Дар натиҷа се тамаддуни ҷаҳонӣ бо ҳам бархӯрданд ва унсурҳои фарҳангии мардумони се қитъа такмил ёфт [18, с. 119].

Ба ақидаи мо, чунин бархӯрди тамаддунҳо аз назари миқёс дар таърихи башар бори аввал рух дод. Аввалин бор халқҳои се манотиқ, ки ҳар кадом тарзу усули зиндагии ба худ хос доштанд, дар зери як низоми сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии муштарак муттаҳид шуданд.

Усули идории давлати Ҳахоманишиён масъалаи дигарест, ки дар осори Эмомалӣ Раҳмон ба он таваҷҷуҳи бештар мешавад. Бояд таъкид намуд, ки дар мавзуи мазкур садҳо донишманду сиёсатмадори ҷаҳон ақидаи гуногун доранд. Эмомалӣ Раҳмон сухани Гегелро дар мавриде, ки мардуми эронӣ нахустин миллати таърихӣ ва шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён нуқтаи оғози таърихи ҷаҳонӣ аст, бисёр шосита медонад.

Аз таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон ва дигар муаррихон бармеояд, ки низоми сиёсии империяи Ҳахоманишиён хеле муназзам тарҳрезӣ шуда буд. Ҳокимияти олӣ ба шоҳаншоҳ ва ҳалли тамоми масъалаҳои муҳимми давлатӣ

ба ҳукми вай тааллуқ дошт, дар назди дарбор шурое вуҷуд дошт, ки аз хешу табор, наздикони шоҳ ва аъёну ашрофи бонуфуз таркиб ёфта буд. Пас аз шоҳ мақоми дувумро ҳазорпат ишғол менамуд. Ӯ ҳокимияти иҷроияро роҳбарӣ ва тамоми мансабдорони давлатиро назорат мекард. Ҳазорпат мансаби вазирро бар дӯш дошт. Дар замони Дорои I ҷиҳати таҳкими низоми идорӣ девони марказӣ ташкил карда шуд, ки аз се вазоратхона – хазина, артиш ва суд иборат буд [18, с. 28].

Роҷеъ ба масоили мазкур М. Ҳазратқулов аз Арнолд Тойнбӣ иқтибосе меорад, ки барои бозтоби низоми девондории Ҳахоманишиён бисёр муассир аст: «Ба назар чунин мерасид, ки ташкилоти дарбори шоҳ дар такомули худ аз сурати фармондеҳи муҳофизони подшоҳ ҳазорпатис ё минбошӣ – ба хазинадор ё вазири кишвар иртиқоъ ёфта ва бо истифода аз муншиёну мустахдимони моҳиру бешумор ниёзи шоҳро ба як мақоми марказӣ дар ҷамъоварию нигоҳдорӣ ва истифода аз ин шохаҳои бисёр густурда, контроли идории шоҳро посух медоданд» [237, с. 129].

Аксар пажуҳишгарони таърихи шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён зимни тавсифи низоми маъмурии ин давлат теъдоди хшатрапҳо (вилоятҳо)-ро зиёда аз 20 адад нишон медиҳанд [91, с. 77; 18, с. 129; 237, с. 126]. Сарчашмаи ин маълумот ахбори Ҳеродот ва навиштаҷоти катибаи кӯҳи Бесутун аст. Дар хусуси хшатрапанҳо (волиён) маълумоти Эмомалӣ Раҳмон бештар ҷолиб аст: «Хшатрапанҳо низ дар навбати худ девон доштанд ва он дар шакли хурд аз девони олӣ нусхабардорӣ мешуд. Дар он хазинадор, дабирон, муҳосибон, додварон ва дигар маъмурон фаъолият доштанд». Дар ин радиф баъзе муаррихон аз мавҷудияти муфаттишоне ба унвони «чашму гӯши шоҳ» хабар медиҳанд, ки ҳангоми чархзанӣ дар қаламрави империя ғайричашмдошт худро ба масъулин муаррифӣ ва бар кори эшон назорат менамуданд.

Бояд тазаккур дод, ки тарҳрезии чунин сохтори маъмурӣ дар аҳди бостон аз таҷрибаи воло ва рушди тамаддуни Ҳахоманишиён гувоҳӣ медиҳад. Ихтирои оини нави кишвардорӣ ва таҳаввулоту омезиши унсурҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мурдумон дар тамаддуни ҷаҳонӣ саҳифаи

наверо кушод, ки минбаъд на танҳо мардумони ориёӣ, балки юнониёну румиён низ аз он суд бурданд. Эмомалӣ Раҳмон унсурҳои нави тамаддуни Ҳахоманишиёнро дар осораш бо делелу санадҳои мушаххас тавсиф менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон бар асоси навиштаҷоти шоҳони ҳахоманишӣ, махсусан катибаҳои мехии форсии қадим, эломӣ ва аккадӣ аз нақши забони форсии қадим дар пешбурди корҳои идорӣ ва давлатӣ ёдовар мешавад. Ба андешаи ӯ, забони давлатӣ - форсии қадим буд, ки ба он шоҳон ва аъёну ашроф гап мезаданд, машваратҳои давлатӣ гузаронида мешуданд [18, с. 128]. Дар хусуси мақоми барҷастаи забони форсӣ дар корҳои идории давлат ягон шакку шубҳае нест, зеро дар дарбор аксар мансабҳои муҳимми давлатӣ ба ихтиёри форсҳо ҳавола шуда буд.

Масъалаи артиши империяи Ҳахоманишиён мавриди таваҷҷуҳи аксар олимон қарор гирифтааст. Мувофиқи маълумоти Вилл Дюрант гули сари сабади сипоҳи шоҳ Горди ҷовидон ба шумор мерафт, ки аз 2 ҳазор савора ва 2 ҳазор пиёда иборат буд. Аксари эшон аъёну ашроф буданд. Сипоҳи асосӣ танҳо аз ҳисоби форсҳо ва модҳо ташкил мешуд [272, с. 532-533]. Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон дар артиши Ҳахоманишиён ҷанговарон яке аз панҷ табақаи иҷтимоӣ буданд. Дар миёни онҳо ҳазор нафар нигаҳбони шоҳ буданд, ки сарвари ин артиши яккачинро ҳазорпат меномиданд [18, с. 130].

Дар масъалаи шумора, таркиб ва ҷангафзорҳои лашкар Эмомалӣ Раҳмон бештар ба маълумоти Ҳеродот такя менамояд. Аз маълумоти Ҳеродот бармеояд, ки ба сифати силоҳи асосӣ дар лашкари Ҳахоманишиён камон ва найза хидмат мекард. Аксари олимон аз истифодаи тиру камон, шамшер, зубин, ханҷар, сарнайза, фалохун, корд, сипару кӯлоҳ ва зиреҳҳои чармию оҳанӣ низ ёдовар мешаванд [272, с. 532].

Эмомалӣ Раҳмон асари муштараки академик Б. Ғафуров ва Д.И. Сибукидисро барои омӯзиши оини лашкардории Ҳахоманишиён, махсусан навъи қӯшун, тарзи таъминот аслиҳа, тактикаи ҷангӣ ва ғайра муҳим арзёбӣ менамояд.

Аз маълумоти Эмомалӣ Раҳмон ва дигар олимон рӯшан мегардад, ки сипоҳи Ҳахоманишиён дар аҳди ҳукумати Куруш, Камбуҷия ва Доро ҳамто надошт, аммо минбаъд баробари ба тахт нишастани баъзе шоҳони тасодуфӣ заъфи қудрату иқтидори лашкар яке аз сабаби комёбии Искандар дар баробари ниёкони мо гардид.

Бояд гуфт, ки Эмомалӣ Раҳмон дар осори хеш ба масъалаи омӯзиши фарҳангу ҳунари замони ҳахоманишӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар пешрафти тамаддуни башар бештар таваҷҷуҳ кардааст. Дар робита ба ин хидмати бузурги онҳоро дар рушду инкишофи фарҳангу ҳунар, махсусан бунёди шаҳрҳои Посоргод, Тахти Ҷамшед, Шуш, Экбатан, Бобул, Мемфис, Бохтар, Марв ва Самарқандро намунаи беҳтарини осори тамаддуни ҳахоманишӣ медонад. Дар баробари ин шаҳрҳо ӯ аз чанд шаҳри нисбатан хурд, ба монанди Киропол (Курушката), Хуҷанд, Нуртеппа, Байтудашт ва ғайра зикр менамояд [18, с. 148-151].

Осори дигари ҳунари тасвирӣ ва кулолии аҳди ҳахоманишӣ имрӯз дар Эрмитажи давлатӣ, Метрополитени ИМА ва музейи Британия таваҷҷуҳи ҳазорон дӯстдорони таъриху тамаддунро ба худ ҷалб менамоянд. Онҳо бо истифода аз сабку услуби хосси ҳахоманишӣ сохта шудаанд [101, с. 261].

Ҳамин тавр, Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди ҷойгоҳи тамаддуни Ҳахоманишиён менависад, ки «Ҳахоманишиҳо бо истинод ба фарҳангу маданияти қадимаи ориёии худ ва истифодаи эҷодкоронаи таҷрибаи тамаддунҳои ҳамсоя санъату маданияти сифатан ҷадидеро ба вуҷуд овардаанд, ки зиёда аз 200 сол дар қисми калони Осиё ҳамчун дастоварди муҳим роиҷ буд ва ин тамаддуни волоро ба ворисони худ мерос гузоштанд» [18, с. 156]. Ӯ тамоми вижагиҳои рушди тамаддуни мардумони ориёиро дар аҳди империяи Ҳахоманишиён дар асоси мадракҳҳои бостоншиносию забоншиносӣ ва таҳқиқоти олимони варзида мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, дар ин маврид матлабаш аз назари таҳлилу қиёс аз осори дигарон фарқ дорад. Дар он таърихи давлатдорӣ ва тамаддуни Ҳахоманишиён аз нигоҳи нав ва ба талаботу меъёри илм ҷавобгӯ, мавриди инъикос қарор гирифтааст.

Дар робита ба шоҳаншоҳии Ҳахоминишиён муаллиф пешниҳод дорад, ки дар шароити имрӯз вобаста ба ҳар як марҳалаи рушди тамаддун ва давлатдории ниёкони тоҷикон – ориёиҳо таҳқиқоти илмии касбӣ дар шакли рисоли номзадӣ ва докторӣ навишта шавад. Ин таҳқиқот бояд ҳатман аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва бо таваҷҷуҳ ба решаёбии манфиатҳои миллӣ анҷом дода шавад. Мутаассифона дар робита ба омӯзиши чунин мавзуъҳои таърихан судманд муҳаққиқони хориҷӣ пешгомӣ дорад, ки осори онҳо ба аҳли илми мо дастрас нест.

***Давлати Порт (Ашкониён, Аршакиён).*** Дар таърихи ақвоми ориёӣ ва рушди тамаддуни онҳо нақши давлатдории Порт бағоят бузург мебошад. Роҷеъ ба масъалаҳои мухталифи давлатдории Ашкониён ва нақши хосси онҳо дар инкишофи тамаддуни ориёӣ дар радифи осори Эмомалӣ Раҳмон [18], ҳамчунин дар осори баъзе муаррихон, аз қабили М. Коллеҷ [129], Л. Блойс, Р. Спек [266], К. Ҳуор [346], В. Дюрант [271; 272], С.М. Ровандӣ [330], Б. Ғафуров [91], М. Ҳазратқулов [237] маълумоти муфассал ироа шудааст.

Таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон нишон медиҳад, ки ӯ дар омӯзиши ин мавзуъ бештар ба чунин масъалаҳо таваҷҷуҳ менамояд:

- раванди муборизаи Аршакиён ба муқобили юнону мақдуниҳо ҷиҳати касби қудрат дар Порт ва эҳёи оини давлатдории ориёиҳо;
- шарҳу тавзеҳи ҷуғрофиёи таърихии Порт;
- вижагии низоми идории давлати Порт;
- таҳлилу баррасии авзои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;
- сиёсати хориҷии Порт ва мубориза бар зидди Селевкиёну Рум;
- саҳми Ашкониён дар эҳё ва рушди тамаддуни ориёӣ.

Бо мақсади таҳлили комили масъала мебояд, ки аввалан дар асоси осори Эмомалӣ Раҳмон ва дигар пажуҳишгарони таърихи Порт ба ҷуғрофияи таърихии Порт назар биандозем. Тибқи маълумоти Эмомалӣ Раҳмон, вилояти Порт дар қисми ҷанубу шарқии баҳри Хазар, аниқтараш дар водии дарёи Теҷен қарор дошт ва дар шарқ бо Марғиён ҳамсарҳад буд. Ҳамчун воҳиди

махсуси маъмурӣ ҳанӯз ба ҳайати давлати Мод дохил мешуд ва аҳолиаш ориёӣ буданд [18, с. 157].

Дар хусуси мавзеи ҷуғрофии мулки таърихии Порт аксар олимон қариб фикру мулоҳизаи яксон доранд. Дар бораи таркиби этникии он андешаи Вилл Дюрант хеле ҷолиб аст: «Портҳо дар равишҳои ороиши шахсӣ маҳорат доштанд. Мардҳо аз риши пурҳалқа ва аз сибилҳои маввоҷии худ мувозибат мекарданд. Бошандагони Порт озод ба шикор мерафтанд, то метавонистанд савора мерафтанд. Ҷангҷӯёни диловар ва душманони обрӯманде буданд, бо душманони хеш рафтори шоиста доштанд ва бо паноҳандангон паноҳ медоданд... танаввуъи мазҳабиро таҳаммул мекарданд ва ба яҳудиёну юнониён ва масеҳиён иҷозат медоданд, ки дар мазоҳиби хеш бе маҳдудият амал намоянд... Офтобу Меҳрро мепарастиданд, Меҳрро ба Аҳурамаздо тарҷеҳ медоданд» [272, с. 138].

Аз сӯи дигар, муаллифони асари «Дебочае бар ҷаҳони бостон» портҳоро бо номи қабилаи порнӣ, қабилаи эскетию эронӣ ва фотеҳи Эрону Байнаннаҳрайн дар асрҳои III-II то м. ёд мекунанд, ки қудраташон мабнӣ ба саворанизоми қудратманд аз ашрофи ашконӣ ташкил ёфта буд [266, с. 222].

Ин маълумоти Вилл Дюрант дар мавриди портҳо бори дигар ақидаи Эмомалӣ Раҳмонро дар бораи ориёӣ будани онҳо тасдиқ менамояд. Портҳо шояд ба хотири он бо номи фотеҳи Эрон ёд мешаванд, ки ҳокимияти Эронро аз дасти Селевкиён кашида гирифтанд. Бояд зикр намуд, ки Порт ҳанӯз дар даврони Ҳахоманишиён вуҷуд дошт ва дар радифи Хоразму Суғд ба хшатрапанаи XVI дохил мегардид [204, с. 131].

Як масъалаи баҳсбарангез дар осори Эмомалӣ Раҳмон санаи таъсиси давлати Порт маҳсуб меёбад. Доир ба ин масъала дар осори муаррихони атиқа – Страбон, Помпей Трог, Юстиниан, Плутарх, Арриан ва дигарон маълумоти фаровон вуҷуд дорад. Ба назри Эмомалӣ Раҳмон, дар ин хусус сарчашмаҳои яҳудӣ (махсусан, Талмуд), сурёнӣ, чинӣ, арманӣ низ ахбори ҷолиб доранд, аммо ӯ дар омӯзиши масъала ба ҳуҷҷатҳои портии Нисо (Нусай) ва мадорики бостоншиносӣ бештар таваҷҷуҳ менамояд. Ӯ дар асоси

таҳлили ин сарчашмаҳо ба хулоса меояд, ки аз миёнаи асри III то м. марҳалаи заъфи ҳокимияти Селевкиён ва густариши доманаи ҳаракатҳои озодихоҳӣ дар вилоятҳои шарқӣ (Осиёи Марказӣ) оғоз мешавад [18, с. 158]. Дар ин бора навиштаи М. Ҳазратқулов низ ҷолиб аст: «Дар миёнаҳои асри III то м. ноҳияҳои шимолу шарқии Эрон аз сиёсати таҷовузкоронаи Селевкиён ба танг омада, бо роҳбарии сатрапҳои юнонӣ Андрагор дар Порт ва Диодот дар Бохтар ба муқобили империяи Селевкиён шӯриш бардоштанд ва ҳар ду ҳамчун давлати алоҳида ба истиқлол расиданд [237, с. 144].

М. Коллеҷ ҳамчун пажуҳишгарони варзидаи таърихи давлати Порт бо иқтибос аз Помпей Трог дар ин маврид менависад, ки аввал шоҳи Порт Андрагор ва сипас шоҳи Бохтар Диодот аз вобастагӣ ба истиқлол рӯ оварданд [129, с. 11-15]. Аз таҳлили навиштаҳои боло, бахусус Эмомалӣ Раҳмон маълум мешавад, ки ғолибияти Андрагор тасодуф набуд, балки он ба ҳаракати озодихоҳии мардуми маҳаллӣ бастагӣ дошт. Вале ӯ низ чун ҳокимони дигари юнонӣ бар хилофи манфиати омма барои тақвияти ҳокимияти истибдодии худ мубориза мебурд. Дар ин ҷо маълумоти Эмомалӣ Раҳмон бо иқтибос аз Арриан ҷолиб аст, ки сиёсати золимонаи Адрагор нисбат ба мардуми маҳаллӣ боиси сар задани шӯрише бо сарварии пешвои қабилаи парнҳо Аршак ва Тиридот гардид [18, с. 158].

Дар таърихнигории тоҷик тули солҳои охир дар мавриди санаи истиқлоли комили Порт дар баробари давлати Селевкиён баҳсҳои зиёде ба миён омад. Дар аксар таҳқиқот масоили мазкур сарфи назар шудааст. Дар ин робита чанд сана 256, 250, 247, 238, 234–228 [204, с. 124; 18, с. 159; 237, с. 144; 129, с. 19] аз ҷониби олимон ироа шудааст, ки ҳеҷ кадом мавриди эътирофи умум нест. Аз ин лиҳоз пажуҳишгаронро зарур аст, ки дар асоси таҳлили амиқи манобеъи таърихӣ ва таҳқиқоти илмӣ санаи мушаххаси ташкили давлати Портро дақиқ намоянд. Зеро бо таъсиси давлати Порт дар таърихи тамаддуни ориёӣ як марҳалаи нав оғоз гардид ва «дар натиҷаи ҳаракати озодихоҳонаи портҳо ё худ парнҳо ба ҳукумронии 80-солаи юнону мақдуниҳо дар ин минтақа хотима дода шуд ва аввалин сулолаи тоҷикӣ-

эронӣ ё худ ориёӣ баъд аз истилои Искандари Мақдунӣ ва давраи элинизм дар Осиёи Миёнаву Эрон ба қудрат расид» [18, с. 159].

Ба назари Эмомалӣ Раҳмон, Аршакиён дар маҷмуъ, 473 сол ҳукумронӣ карданд, ки дар ин миён зиёда аз 100 солаш дар мубориза бар зидди Селевкиён ва касби қудрат дар Эрон сипарӣ шуд [18, с. 159]. Албатта, ин мубориза ба барномаи сиёсии Аршакиён бастагӣ дошт, ки худро вориси тоҷу тахти Ҳахоманишиён медонистанд. Тасхири Эрон ба унвони хостгоҳи империяи Ҳахоманишиён барои Аршакиён бисёр муҳим буд. Махсусан, дар замони ҳукумронии Тиридат дар байни ӯ ва Селевкиён чанд муҳориба ба миён омад. Дар ин робита Юстин аз ҳамлаи Селевки II ба Порт хабар медиҳад [117, с. 90]. Бо таваҷҷуҳ ба ин маълумот пажуҳишгарони таърихи сиёсии Порт, махсусан Эмомалӣ Раҳмон аз муносибати ҷангҷӯёнаи ду давлат ва шикасти лашкари Порт дар ҷанги аввал ёд мекунанд.

Дар давлатҳои Шарқ гоҳ-гоҳ баъзе давлатмандоне ба сари қудрат меомаданд, ки бо андешидани иқдомоти муассирашон давлат ба авҷи қудрат мерасад. Таҳлили осори аксар олимон нишон медиҳад, ки чунин давлатмард дар Порт Меҳрдод буд. Саид Муртазо Ровандӣ бар ин маънӣ менависад: «Дар ташкили шоҳаншоҳии Порт Меҳрдоди I нақши Курушро ифо кард ва Меҳрдоди II нақши Дорюшро. Подшоҳи аввал мутасаррифоти арзии шоҳаншоҳиро ташкил дод ва подшоҳи охир онро тасбияту интизом бахшид» [330, с. 564]. Аз ин арзёбии муҳаққиқ бар меояд, ки Меҳрдоди I баъди кишваркушоӣ дар робита бо мамолики Шарқу Ғарб сиёсати иқтисодию иҷтимоии созандаеро ба роҳ монд ва нуфузи шоҳаншоҳиро дар минтақа тақвият бахшид.

Эмомалӣ Раҳмон дар асоси маълумоти Помпей Трог аз Меҳрдоди I ба унвони «шахси фавқулодда ва ҷасур...» ёд менамояд, ки яке аз марҳалаи муҳимми таърихи Порт ба номи ӯ алоқаманд буд. Маҳз дар ҳамин давра ҳудуди давлат ба Шарқу Ғарб тавсеа ёфт ва пас аз забти Мод ба унвони «Подшоҳи Бузург» соҳиб шуд [18, с. 160]. Дар хусуси заковату қудрати ин шоҳ М. Ҳазратқулов менависад «Аз байни шоҳони ашконӣ танҳо ба

Меҳрдоди I муяссар гардид, ки бо тадбиру заковати шоҳона ва қудрат ҳамаи ноҳияҳои шарқию ғарбӣ (Марв, Илом, Форс, Бобул, Шуш)-ии тасарруф намудаи шоҳаншоҳии Ҳахоманишиёнро солҳои 160–140 то м. таҷдид намояд. Ба ҳайти давлати Порт Марв, Илом, Ҳирот, Порс, Мод, Бобул, Байнаннаҳрайн, Фаластин ва қисмате аз Осиёи Хурд дохил мешуд» [237, с. 146]. Аз тавсифи ҷуғрофиёи таърихии Порт бар меояд, ки давлат дар ин марҳалаи рушд ба империя табдил ёфта буд. Бар асоси таҳлилҳои Эмомалӣ Раҳмон ва дигар муҳаққиқони таърихи Порт метавон хулоса кард, ки агар Аршак асосгузори давлат бошад, пас Меҳрдоди I асосгузори империя аст. Эмомалӣ Раҳмон дар асоси мадракҳои мавҷуда хидмати ӯро дар пешрафти тамаддуни ориёӣ чунин арзёбӣ менамояд: «Ӯ Портро аз як вилояти на он қадар калон ба як давлати паҳновару пурқувват, ки ҳудудаш аз сарҳади Бохтар то Байнаннаҳрайн тул мекашид, мубаддал гардонид... Аршак портҳоро аз асорату тобеъият бар юнониён озод кард ва Меҳрдоди I онҳоро ба ҳукумрони як минтақаи бузург расонид» [11, с. 16]. Дар воқеъ, дар заминаи тадбирҳои андешидаи ӯ сарзамини ориёиҳо аз зери тасарруфи истилои юнону мақдунӣ озод ва дубора оини кишвардории маҳаллӣ эҳё гардид. Юнониён дигар дар баробари ӯ қудрате надоштанд, ки ба сиёсати зулмпарваронаи хеш идома бахшанд. Дар натиҷа рӯз то рӯз ҳудуди давлати Порт аз ҳисоби мулкҳои ғарбӣ васеътар шуда, қудрати Ашкониён дар баробари империяҳои бузурги Чин ва Рум тақвият ёфт.

Дар ин радиф бояд зикр намуд, ки барои таҷассуми комили таърихи тамаддуни ориёӣ тавзеҳи сиёсати ҳамаи шоҳони ашконӣ як амри зарурӣ аст, вале дар доираи ин диссертатсия мо танҳо ба тавсифи сиёсати шоҳоне мепардозем, ки дар осори Эмомалӣ Раҳмон ба омӯзиши корномаи онҳо таваҷҷуҳ шуда бошад.

Шоҳи дигари муқтадири портҳо, ки дар таърихи рушди давлатдории ориёиҳо нақши барҷаста гузошт, Меҳрдоди II мебошад. М. Колеҷ бештар ба сиёсати кишваркушоӣ ва муваффақияти ӯ таваҷҷуҳ намуда, дар ин маврид ишғоли дубораи Бобил, шикасти шоҳи Арманистон – Артавозд ва асорати

писари ӯро муҳим медонад [129, с. 26]. Эмомалӣ Раҳмон аз Меҳрдоди II ҳамчун шахси ҷасур ва болаёқат ном мебарад, ки «Дар замони ҳукумати ӯ давлати Порт хеле пурзӯру тавоно гашт. Ҳамин буд, ки ҳамзамононаш ба ӯ лақаби «Бузург»-ро дода буданд. Ӯ ҳам дар Шарқ ва ҳам дар Ғарб сарзаминҳоеро, ки портҳо аз даст дода буданд, аз нав барқарор намуд» [18, с. 164].

Бояд гуфт, ки портҳо ягона монеа барои тақвияти нуфузи румиҳо дар Шарқ буданд. Аз ҳамин сабаб, дар давоми ҷангҳои бардавом, ки гоҳ як тараф ва гоҳ тарафи дигар ғолиб меомад, асирони занҷирбастаи портҳо баъди ҳар муҳориба тавассути убури кӯчаҳои васеъи Рум ба сӯи зиндон равон мешуданд ва баръакс, ҳазорҳо бандиёни румӣ ба азоби дардноки зиндонҳои давлати Порт гирифтор мешуданд.

Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси набарди миёни румиҳо ва портҳо менависад, ки баъди муҳорибаи фоҷеабори назди Карра ва шикасти румиҳо дар муносибати ин ду давлат тағйироти калон ба амал омад.

Шоёни тазаккур аст, ки сиёсати сулхоҳӣ ва мудофиавии шоҳони Портро набояд ба маънои заъфи қудрат ва тарсу ҳароси онҳо нисбат дод. Зеро давлати Порт то дараҷае дар таърихи давлатдории Рум таъсирпазир буд, ки ҳатто баъзе императорони Рум бо дахолати онҳо интихоб мешуданд. Тибқи маълумоти муаллифони китоби «Таърихи халқи тоҷик», баъд аз 11 соли муҳорибаи бардавом, портҳо сиёсати ғарбии хешро боз ҳам фаъол намуда, дар ҷанги шаҳрвандии Рум бо тарафдорӣ аз ҷумҳурихоҳон бар зидди Филипп мубориза бурданд. Баъди ғалаба дар ин ҷанг Октавиан Август императори Рум шуд [123, с. 364]. Императори нав аз сиёасти мусолиҳа дар Шарқ пуштибонӣ кард.

Ба назари ин ҷониб, маҳз дар заминаи ин сиёсати «ҳамсоягии нек» дар замони зимомдории шоҳи дигари Порт Фарҳоди IV аз муносибати сард ва марги ҳазорон нафар пешгирӣ шуд. Эмомалӣ Раҳмон дар тавсифи замони ҳукумронии Фарҳоди IV менавсиад, ки ӯ дар мубориза бар муқобили Рум, маъмулан ба мардумони Эрони Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ такя менамуд. Ӯ

ҷонибдори рушду тавсеаи маданият ва урфу одати мардуми ориёӣ буд. Ба ин манзур Гирконияро маркази давлат қарор дод. Аз ин маълум мегардад, ки дар он замон низ бисёр давлатмардону сиёсатмадорони меҳандӯст дар фикри эҳёи тамаддуни аҷдодӣ буданд. Ҳамин сиёсат буд, ки минбаъд баъзе унсурҳои тамаддуни даврони Ҳахоманишиён аз нав эҳё шуд.

Аксар муаррихон аз замони ҳукумронии Вологези I (51–80 м.) ҳамчун давраи рушди фарҳангу анъанаҳои ориёӣ ёд мекунанд [237, с. 148; 18, с. 171], баъзе олимон бо таваҷҷуҳ ба мадорики сиккашиносӣ бар ин назаранд, ки гӯё дар давраи ҳукумати Вологези I, Ҳиркания ва Марв аз ҳайати давлати Порт хориҷ шуда бошанд [123, с. 365-366]. Аз назари мо, ин масъала дар осори Эмомалӣ Раҳмон баръакс тасвир шудааст. Ба назари ӯ, Ҳиркания ва вилояти Порт ватану такягоҳи муҳимми Ашкониён буданд. Ашрофи он (Гутарзи II ва Вардон) ҳатто соҳиби тахти шоҳӣ шуданд. Дар вақти мубориза бар зидди душманони хориҷӣ, махсусан Рум такягоҳи шоҳони Порт маҳз ҳамин вилоятҳои шарқӣ буданд [18, с. 171].

Аз баррасии осори баъзе олимон маълум мегардад, ки пас аз фавти Вологези I шоҳони минбаъдаи Порт фақат ба ҳалли даргириҳои дохилӣ ва мунокиша ба Рум машғул буданд. Бар ин асос баъзе аз ҳокимони маҳаллӣ ба хотири касби қудрат марказгурез шуданд. Яке аз онҳо Ардашери Бобакон буд, ки корномаи ӯ дар мавзуи Сосониён мавриди омӯзиш қарор хоҳад гирифт.

Масъалаи мубрами дигар дар осори Эмомалӣ Раҳмон таҳилили оини давлатдории Порт аст. Таҳлили осори мазкур нишон медиҳад, ки аксар оини кишвардории Порт аз замони Ҳахоманишиён мерос монда буд. Яъне, таҷассуми ҳокимияти олии подшоҳ, интихоби валиаҳд аз миёни намояндагони сулолаи ҳукумрон, мутлақияти ҳокимияти шоҳ, вогузор шудани баъзе умури идории давлат ба давлатмарди дуюми кишвар – ҳазорпат, сатрапҳо ва тавсифи дагар ниҳодҳои идорӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон [18, с. 171-172] ҳама исботи гуфтаҳои болоянд.

Дар асоси таҳлили ақидаҳои Эмомалӣ Раҳмон дар радифи муштаракоти оини идории ниёкон боз метавон беъзе вижагиҳоро мушоҳида намуд, ки ин пеш аз ҳама ба нуфузи сатрапҳо бастагӣ дорад. Яъне, сатрапҳои Порт нуфузи нисбатан кам доштанд. Эмомалӣ Раҳмон бар асоси ахбори Плиний ва Исидори Хараксӣ менависад, давлати Порт аз 18 хшатрапан, яъне 11 сатрапияи боло (Порт, Ҳиркания, Марв, Ҳирот ва ғ.) ва 7 сатрапияи поин (Бобул, Байнаннаҳрайн, Мод ва ғ.) иборат буд [18, с. 173].

Ғ. Ҷаводӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои Нисо (Нусай) аз як вилояти дигар бо номи Порт Козефат ном мебарад [347, с. 259].

Давлати Порт дар радифи хшатрапанҳо вилоятҳои тобеъ дошт. Муаллифони «Таърихи Эрон» дар радифи Порс, Элом, Атрапантена боз Ҳиркания, Марғинон ва Сакистонро ба ин феҳрист шомил менамоянд [117, с. 101]. Эмомалӣ Раҳмон бар асоси феҳристи Плиний ва Исидори Хараксӣ дар интиқод ба ин андеша менависад, ки вилоятҳои тобеъ дар фарқ бо хшатрапанҳо аз ҷониби сулолаҳои маҳаллӣ идора мешуданд. Вилоятҳои тобеъ бо нишони итоат ба шоҳ ба хазинаи марказӣ андоз месупориданд ва ҳангоми амалиёти ҷангӣ ба ёрии ӯ артиш мефиристоданд [18, с. 175]. Эмомалӣ Раҳмон ин ақидаи худро ба мадорики бостоншиносии шаҳри қадимаи Нисо, (маркази давлати Порт) асоснок менамояд. Шоёни тазаккур аст, ки дар ин ҳол барои анҷоми дилхоҳ таҳқиқоти илмӣ асноди молӣ нисбат ба дигар маъхазҳои хаттӣ суди зиёд доранд.

Масъалаи дигари баҳснок дар осори Эмомалӣ Раҳмон ба тартиби боҷситонӣ дар давлати Порт бастагӣ дорад, ки ин масоил дар осори аксар муаррихон қариб норавшан аст. Мувофиқи сарчашмаҳои хаттӣ дар давраи мазкур аз замин ду намуд андоз ситонида мешуд, яке узбарӣ, дигаре патибаж [117, с. 101-102] Эмомалӣ Раҳмон дар шарҳи ин низоми боҷситонӣ менависад, ки андози узбарӣ ба манфиати хшатрапанҳо – ҳокимони маҳаллӣ, сарварони гепархияҳо, статмаҳо, дизпатҳо ва навъи андози патибаж бошад, барои хазинаи шоҳ ҷамъ карда мешуд. Ҳамчунин, андоз аз савдо ва дигар уҳдадории молӣ низ вуҷуд дошт [18, с. 175].

Ба ақидаи мо, ҳарчанд номи ин индозҳо назар ба таърихи бостон ва баъдӣ каме фарқ дошт, аммо равишу услуби гирдоварии онҳо яксон буд. Академик Б. Ғафуров низоми андозситонии Портро дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи И.М. Дяконов ва А.В. Лившитс дар Нисо чунин тасвир менамояд: «Дар ҷамъоварии хироҷу андоз ва андӯхтани маҳсулот як гурӯҳ амалдорон масъул буданд. Масалан, барои кашонидани шароб ба анбори подшоҳ, ки мадустон номида мешуд, амалдороне мутасаддӣ буданд, ки унвонҳои зерин доштанд: «шаробкаш», «мӯҳрдор», «котиб», «муҳосиб» «дастархончӣ». Вазифаи амалдорони маҳаллӣ, аз мардум ҳар чи бештар ситондани хироҷу андоз ва мутеъ нигоҳ доштан онҳо буд» [202, с. 123]. Дар воқеъ, ин маълумот ақидаи Эмомалӣ Раҳмонро дар мавриди низоми боҷситонӣ дар Порт боз ҳам тақвият мебахшад. Агар мо ба маълумоти дигар муҳаққиқони соҳа назар афканем, маъхази таҳқиқоти онҳо низ ҳуҷҷатҳои Нисо мебошад. Яъне, дар омӯзиши низоми иҷтимоии давраи мазкур ин ҳуҷҷатҳо ягона сарчашмаи боварибахшанд. Эмомалӣ Раҳмон низ бо таваҷҷуҳ ба таҳқиқиқи ин мадорик ба низоми табақотӣ дар Порт назар медиҳад. Ӯ бар ин асос аз «озодагон» ба унвони табақаи болоӣ дар ҷомеа ёдовар мешавад, ки ба он дарбориён, аёну ашроф ва сарлашкарон дохил мешуданд [18, с. 176]. Дар қиёс бо ин, муаллифони «Таърихи Эрон» бар асоси маълумоти Помпей Трог аз вуҷуди табақаи «вобастагон» ёд мекунанд, афроди дигари ҷомеа, аз қабили ҳунармандон ва кишоварзон ба он дохил мешуданд. Ин табақа аз лиҳози пардохти андоз вобаста ва назари моликият ва ҳуқуқ озод буданд [117, с. 99].

Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба вижагиҳои оини лашкардории Порт бар асоси таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқони портшинос маълумоти мухтасар медиҳад. Мувофиқи навиштаи ӯ, дар давлати Порт артиши доимӣ вуҷуд надошт ва дар замони осоишта танҳо дастаи аскарони шоҳӣ хизмат мекарданд, ки шумораи онҳо низ чандон зиёд набуд. Мансаби сарлашкар ҳамчун ирс танҳо ба хонаводаи Сурон мансуб буд. Бо вуҷуди оне, ки артиш сершумор набуд, аммо оини пешрафтаи ҷангӣ дошт [18, с. 177].

Шоёни зикр аст, ки бар асоси ин арзёбии умумии Эмомалӣ Раҳмон наметавон гуфт, ки дар ҳама давру замон лашкари портҳо чунин оин дошт. Аз таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон ва дигар муаррихон маълум мешавад, заъфу камбуди ҳайати сипоҳ ба мисли давраи Ҳахоманишиён дар ибтидои давлатдории портҳо низ дида мешуд. Ҷалби сарбозони кироя аз миёни халқҳои бегона, махсусан юнониён зиёд ба назар мерасид. Вале мувофиқи маълумоти М. Коллеҷ, ҷалби сарбозони зархариди юнонӣ пас аз ҷанги соли 130 то мелод ва хиёнаташон ба Ашкониён дигар чандон маъмул набуд [129, с. 58-60].

Осори Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба дигарон бо он ҷиҳат фарқ менамояд, ки ӯ бештар ба тавсифи навгониҳои портҳо дар ин ё он соҳа диққат медиҳад. Махсусан, ӯ ҳамин гуна навгонии онҳоро дар оини лашкардорӣ, ба ташкили горди савораи сангинаслиҳа ва ҷавшанпӯш нисбат медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон таъсири унсурҳои фарҳангии замони Ашкониёнро дар рушди тамаддуни ориёӣ муҳим арзёбӣ карда, ба таҳлили ин масоил таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Махсусан, забон ҳамчун унсури меҳварии фарҳанг дар маркази таваҷҷуҳи Эмомалӣ Раҳмон қарор мегирад. Ӯ барои таҳлили масоили забон аз ҳуҷҷатҳои қасри Нисо ва таҳқиқоти олими рус И.М. Дяконов истифода мебарад. Боиси тазаккур аст, ки аз харобаҳои қасри Нисо зиёда аз 200 ҳуҷҷат ёфт шуд, ки қисми зиёди онҳо ба асри I то м. мансубанд [108, с. 23]. Эмомалӣ Раҳмон дар асоси ин ҳуҷҷатҳо зикр менамояд, ки алифбои забони портӣ дар заминаи алифбои оромӣ омода шуд. Ҳамчунин, ӯ сангнавиштаҳои ду-се забонаи портӣ, сосонӣ ва юнонии солҳои аввали ҳукумати Сосониёнро дар омӯзиши забон ва хатти портҳо муҳим медонад. Ба назари Бобоҷон Ғафуров, вуҷуди чунин катибаҳо баъди заволи ҳукумати портҳо гувоҳи он аст, ки забони портӣ муддати тулонӣ мавриди истифода қарор дошт [202, с. 120-121]. Ҳамчунин, Эмомалӣ Раҳмон барои омӯзиши забони портӣ навиштаҷоти сиккаҳои портӣ ва монавиро зарур мешуморад. Ӯ тазаккур медиҳад: «Дар миёнаи асри I мелодӣ дар сиккаҳои портӣ ба ивази навиштаҷоти юнонӣ навиштаҷоти портӣ пайдо мешаванд, ки падидаи

муҳимми фарҳангӣ дар самти эҳёи анъанаҳои миллии ориёӣ баъди истилои фарҳангии юнониён маҳсуб меёфт» [18, с. 178]. Дар асоси омӯзиши ин мадракҳо Эмомалӣ Раҳмон ба хулосае омад, ки забоншиносон бояд ба таҳқиқу баррасии решаҳои муштараки забони тоҷикию портӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

Дар осори Эмомалӣ Раҳмон ба инъикоси унсури дигари фарҳанги аҳди Порт – боварҳои динӣ таваҷҷуҳ мешавад. Дар ин хусус ӯ аз маълумоти Авесто, осори муаррихони Юнони Қадим, ҳуҷҷатҳои Нисо, навиштаҷоти сиккаҳо ва маъхазҳои дигари портӣ истифода бурда, омӯзишу таҳлили ин қабил манбаъҳоро барои пешрафти илми таърихнигорӣ мусбӣ арзёбӣ менамояд. Аз сӯи дигар, ӯ хидмати академик Б. Ғафуровро дар таҳқиқи ин мавзуъ низ арзанда медонад. Ба назари Б. Ғафуров, дар миёни ҳуҷҷатҳои Нисо 200 номи ашхос зикр мешавад, ки аксар пайрави дини зардуштия буданд [202, с. 120-121]. Эмомалӣ Раҳмон барои ташхиси дурусти боварҳои динии портиҳо ва густариши таълимоти зардуштия дар миёни онҳо аз осори муаррихони аҳди аттиқа, махсусан Юстин, «Таърихи Эрон» [117, с. 97-98] ва хулосаҳои Б. Ғуфуров истифода менамояд.

Тибқи ақидаи Б. Ғафуров, дар Порт тақвими зардуштӣ низ истифода мешуд. Дар китоби «Таърихи Эрон» бошанд, бар асоси навиштаҷоти динии портӣ аз фармони Вологези I ёд мешавад, ки дар асоси он гирдоварӣ ва китобати матнҳои қадими Авесто сурат гирифта буд. Юстин бошад аз шеваи гӯрондани майитҳо дар замони Ашкониён ёдовар мешавад, ки он ба оини зардуштӣ хос аст [202, с. 122].

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили таҳқиқоти болозикр ва осори Эмомалӣ Раҳмон метавон ба хулосае омад, ки зардуштия ба унвони оини бостони ақвоми ориёӣ дар Порт мақоми расмӣ дошт. Дар ин радиф, Эмомалӣ Раҳмон аз хирад ва фарҳанги таҳаммулгароии доираҳои сиёсии Порт ситоиш менамояд, ки «бо дарназардошти ҳуқуқи табиии инсонҳо ва халқҳо шоҳони Порт барои озодии виҷдону эътиқод амал карда, нисбат ба адёну бовариҳои халқҳои дигар сиёсати таҳаммулпазириро пеш мебурданд» [18, с. 180].

Таҳлилу омӯзиши осори Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси давлати Порт ва саҳми он дар рушди тамаддуни ориёӣ моро ба чунин хулоса овард: 1. Маълум гардид, ки портҳо ҳамчун аҷдоди бевоситаи тоҷикон бо ташкили империяи дувуми ориёиҳо ба ҳукумронии юнону мақдуниҳо дар сарзамини Ориёно хотима бахшиданд; 2. Портҳо бори нахуст баъди заволи ҳокимияти юнону мақдуниҳо ба истиқлол расиданд. Тавассути тадбирҳои созандаи онҳо дигар халқҳои ориёӣ дар Осиёи Марказӣ ва тамоми Эрон тадриҷан дар атрофи ин хонадон муттаҳид шуданд; 3. Портҳо бо эҳёи баъзе арзишҳои бостонии ориёӣ тадриҷан тамаддунеро ба вуҷуд оварданд, ки он дар рушди асабияти қавмии ниёкони мо таъсири мусбӣ гузошт. Ҳамчунин, ба ҷои забони юнонӣ забони портӣ ҳамчун шохае аз оилаи забонҳои ҳиндуориёӣ мақоми расмӣ ёфт; 4. Дар оини лашкардорӣ портҳо ба муваффақияти калон даст ёфанд. Таъсиси горди савораи сангинаслиҳа ва ҷавшанпӯш навгонии муҳим дар оини лашкардорӣ маҳсуб мeёфт. Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи шоҳони Порт дигар тохтутози румиҳо дар сарзамини Эрон қатъ шуд. Шоҳони Порт наздик ба 500 сол истиқлоли мардумони ориёиро дар Эрон ва Осиёи Марказӣ таъмин намуданд; 5. Аршакиён таҷрибаи нотавонии шоҳони вопасини ҳахоманиширо дар баробари юнониёну мақдуниҳо дар муносибат бо Рум дигар такрор накарданд; 6. Ашкониён таъсири унсурҳои фарҳанги юнониро дар пешрафти тамаддуни ориёӣ каму беш коҳиш доданд.

***Давлати Кушониён.*** Эмомалӣ Раҳмон дар радифи дигар давлатҳои аҷдоди тоҷикон, баъзе аз масоили мубрами давлатдории Кушониёнро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳад. Агарчи бисёр ҷанбаҳои таърихи давлатдории Кушониён бо таваҷҷуҳ ба нақши онҳо дар пешрафти тамаддуни ориёӣ дар осори таърихӣ бозтоб ёфтааст, вале дар ин маврид то ҳол баъзе масоил норӯшан мебошад. Аз ин нигоҳ, Эмомалӣ Раҳмон дар таърихнигории тоҷик ба таҳқиқу баррасии амиқи чанд масъалаи давлатдории Кушониён таъкид менамояд:

- таърихи воруди қавму қабоили юэҷӣ ба Осиёи Марказӣ ва тохтутози онҳо ба Бохтар (заволи ҳукумати юнону мақдуниҳо);

- таъсиси иттиҳоди сиёсии ақвоми ориёӣ дар Бохтар ва эҳёи оини давлатдории ориёиҳо (яъне, таъсиси давлати Кушони Бузург);

- мушаххас намудани замони ҳукумати шоҳони кушонӣ дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ;

- тасвири дурусти ҷуғрофиёи таърихии давлати Кушон дар партави сиёсати кишваркушоии онҳо;

- ташхиси дурусти иқдомоти Канишка барои тақвияти нуфузи давлат;

- баррасии муносибати давлати Кушон бо империяи Чин ва густариши тиҷорат дар заминаи Роҳи бузурги абрешим;

- таҳлилу баррасии унсурҳои тамаддуни Кушон дар мисоли забон, дин ва меъморию шаҳрсозӣ.

Дар масъалаи замони вуруди қавми юэҷиҳо ба Осиёи Марказӣ ва омили муҳоҷирати онҳо аксар олимон ҳамфикранд. Махсусан, муаллифони китоби «Таърихи халқи тоҷик» бар асоси маълумоти солномаҳои хитоӣ сабаби асосии ин муҳоҷиратро дар минтақа ба шикасту нокомии қабилаҳои юэҷӣ дар набарди зидди хунҳо нисбат медиҳанд. Яъне, дар ҷанги миёни ду қавм юэҷиҳои ноком соли 165 то мелод макони зисти худро тарк намуда, рӯ ба ҷануб оварданд [120, с. 342-343].

Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми баррасии ин масъалаи бештар ба ахбори осори хаттӣ таваҷҷуҳ менамояд. Масалан, ӯ омили асосии шикасти юнону мақдуниҳоро дар Бохтар аз ҷониби қавму қабоили кӯчӣ дар сарчашмаҳои юнонӣ, пеш аз ҳама дар осори Юстин ва Помпей Торог ҷӯё мешавад. Мувофиқи ақидаи ин ду муаррихи юнонӣ, қабилаи тахорҳо, ассианҳо ва пассианҳо аз шимоли Сирдарё ба Бохтар омада, юнониҳоро аз ин минтақа ронданд [18, с. 185].

Дар хусуси таркиби этникии қавмҳои болозикр ва тасаллути қудрати кадоме аз ақвом дар сарзамини Бохтар миёни олимон ақидаи яксон нест. Эмомалӣ Раҳмон низ дар шарҳи ин масъала чунин менависад: «Аксари олимон сакараулҳоро бо саккоиҳои хаумаварга, пасионҳоро бо апасака, яъне сакоиҳои назди об як мешуморанд. Юэҷиҳоро бо

тохарҳо як шумурда, онҳоро як шохаи қабилаҳои массагетӣ меноманд. Мувофиқи хулосаи олимон Бохтарро ақвоми саккой-массагетии шимол ва шимолу шарқии Осиёи Марказӣ забт карданд» [18, с. 185]. Бо назардошти ин андеша метавон гуфт, ки ин қавмҳои кӯчӣ ориёитабор (яъне, ориёҳои туронӣ) буданд.

Эмомалӣ Раҳмон зуҳури давлати Кушони Бузургро ба паёмади тохтутозу ҳуҷуми қабилаҳои кучӣ ба Бохтар нисбат медиҳад. Олими рус Н. Бичурин дар асоси омӯзиши солномаи чинии Хоу Хан-Шу менависад, ки баъди Бохтарро забт намудан, ақвоми юэҷи онро ба панҷ мулки алоҳида тақсим карданд, ки яке аз онҳо Гуйшуан (Кушония)  номида мешуд. Баъди сад сол ҳокими Гуйшуан мулкҳои дигарро муттаҳид ва худро ҳокими ягонаи давлати Кушон эълон намуд. Е.А. Давидович барои баррасии таърихи ташкили давлати Кушони Бузург ба мадорики сиккашиносӣ дар водии Вахши Тоҷикистон рӯ меорад, ки дар рӯи сиккаҳо акси шоҳони кушонӣ ҳаккокӣ шудааст [99, с. 17-35].

Эмомалӣ Раҳмон низ мадорки сиккашиносиро дар омӯзиши солшумории аҳди ҳукумати шоҳони кушонӣ ва баромади этникии онҳо муҳим арзёбӣ менамояд. Тибқи маълумоти ӯ, дар тарафи рости рӯи сиккаҳо акси шоҳ ва дар пушташ бошад, ҳамон шоҳ аспсавор инъикос шудааст, ки чеҳраи ориёӣ – аврупоӣ дорад. Дар гирди сикка бошад, матни юнонӣ ба мазмуни – «ҳоким Ҳерай Санаб, кушонӣ» сабт шудааст [18, с. 186]. Аз ин бар меояд, ки ӯ низ Ҳерай-Санаброяке аз ҳокимони панҷ мулк, яъне Кушония меномад.

Масъалаи дигари мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқони давлати Кушониён тавсифи Куҷула Кадфиз ба ҳайси бунёдгузори давлат мебошад. Аксар кушоншиносон барои баррассии ин мавзуъ маълумоти солномаҳои чиниро тарҷеҳ медиҳанд. Махсусан, Эмомалӣ Раҳмон дар асоси таҳлили маълумоти солномаҳои чинӣ ба хулосае меояд, ки Куҷула Кадфиз баъд аз муттаҳид намудани панҷ мулк бо

Порт ҷангид ва Кобул, Арахосия, Ғазнӣ, Гибинро ишғол кард. Дар катибаҳое, ки номи ӯ зикр шудааст, солҳои 103–136 зикр мешавад, вале асли солшумории он маълум нест [18, с. 187]. Дар асоси таҳлили навиштаи боло метавон гуфт, ки Эмомалӣ Раҳмон дар ҳоле солномаҳои чиниро маъхази судманд медонад, агар матолиби он бо мадорики таҳқиқоти бостоншиносӣ дар манотиқи мухталифи Осиёи Марказӣ ва Афғонистон қиёс шавад.

Бояд гуфт, ки дар ташхиси дурусти солшумории аҳди ҳукумати шоҳони кушонӣ то ҳол баъзе мушкилоти ҷиддӣ мушоҳида мешавад. Шаҷараи шоҳони аввали кушонӣ то аҳди Канишка дар катибаи Работак сабт шудааст. Аз ин нигоҳ, Эмомалӣ Раҳмон низ чун дигар муҳаққиқони муосир ба матни ин катиба руҷуъ менамояд. Албатта, катибаи Работак аз он назар муҳим аст, ки тавассути он боз номи як шоҳи кушонӣ ифшо шуд. Ҳарчанд, катиба ба аҳди Канишкаи Кабир марбут аст, вале дар он шаҷараи шоҳони кушонӣ аз Куҷула Кадфиз, Вима Такту, Вима Кадфиз то замони Канишка пайдарпай зикр мешавад [414, с. 3-10]. Эмомалӣ Раҳмон дар радифи маълумоти катибаи Работак дар таърихнигорӣ ба тасвир ва навиштаҷоти сиккаҳои нодир низ таваҷҷуҳ менамояд. Масалан, бостоншиноси шуравӣ Е.А. Зеймал ҳангоми таснифи сиккаҳо аз симои шоҳи ҷавоне ёдовар мешавад, ки дар дасташ найза дошт ва дар гирди сараш нурҳои офтоб парафшонӣ мекард [112, с. 160-177]. Ба назари Эмомалӣ Раҳмон, дар ҳарду намуди сиккаҳо чеҳраи шоҳи кушонӣ Вима Такту писари Куҷула Кадфиз тасвир шудааст [18, с. 190].

Маълумоти мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар замони Вима Такту марзҳои давлати Кушон то шимоли Ҳиндустон, Афғонистон ва дар Осиёи Марказӣ то Чоч васеъ гардид. Эмомалӣ Раҳмон бо таваҷҷуҳ ба матни катибаи Работак ва Ладака ба мисли дигар муҳаққиқон Вима Кадфизро вориси Вима Такту меномад. Шоёни зикр аст, ки Вима Кадфиз дар таърих бо анҷоми ислоҳоти пулияш маъруф аст, ки мадорики сиккашиносӣ низ инро тасдиқ менамоянд. Сиккашиноси шуравӣ Е.А. Зеймал дар асоси таҳлили осори санскритӣ ва навиштаҷоти сиккаҳои Вима Кадфиз аз тангаҳои ӯ бо номи

динор ёд мекунад, ки аз калимаи румии «денариус» муштақ шудааст [112, с. 160-177]. Ҳақ бар ҷониби Эмомалӣ Раҳмон аст, ки ӯ корбурди тилоро дар сикказанӣ нишоне аз рушди иқтисоди давлат ва нуфузи Кушонониён дар тиҷорати байналхалқӣ медонад [18, с. 194].

Дар осори Эмомалӣ Раҳмон аз замони ҳукумати Канишкаи Кабир ҳамчун давраи тараққиёт ва пешрафти давлати Кушониён ёд мешавад. Мувофиқи назари бархе муҳаққиқон, ӯ аз ҳисоби забти мулкҳои Ҳиндустон қаламрави давлатро дар шарқ то поёноби Ганг ва дар ҷануб то дарёи Нарбад васеъ намуд ва маркази давлатро ба Пешовар кӯчонид [123, с. 356-357].

Эмомалӣ Раҳмон саҳми бузурги Канишкаро дар эҳё ва тарвиҷи унсурҳои фарҳанги маҳаллӣ, махсусан забони бохтарӣ нишон дода, дар ин хусус аз матни катибаи Работак далел меорад. Донишманди маъруф Симс Вилямс дар натиҷаи таҳлили катибаи Работак аз фармони махсуси Канишка дар бораи ба ҷои забону хатти юнонӣ ҷорӣ намудани хатту забони бохтарӣ хабар медиҳад [414, с. 3-10]. Бояд гуфт, ки дар ин маврид таваҷҷуҳи Эмомалӣ Раҳмон бештар ба корбурди мафҳуми забони ориёӣ дар катибаи Работак ҷалб шудааст. Дар асоси ин катиба иброз медорад, ки забонҳои суғдӣ, бохтарӣ ва хоразмӣ бо номи ориёӣ маъмул буданд [18, с. 195].

Ба ақидаи мо, хадамоти Канишкаи Кабир дар эҳёи унсурҳои фарҳанги маҳаллӣ хеле бориз аст. Канишкаи Кабир пас аз ҳукумати чандинсолаи юнону мақдуниҳо тавонист, ки корбурди забони ориёиро ҳамчун унсури муҳимми фарҳанг дар коргузории давлатӣ ба роҳ монад. Албатта, ин иқдом ба пешрафти бахшҳои гуногуни илму фарҳанг ва дар умум ба рушди тамаддуни ориёӣ таъсири мусбӣ гузошт.

Масъалаи дигар, ки дар осори Эмомалӣ Раҳмон баррасӣ мешавад, рушди равобити муштараки Кушониён бо Чин аст, ки албатта ахбори солномаҳои чинӣ ва асноди бостоншиносӣ низ инро собит месозанд. Тибқи маълумоти ин манобеъ, Туркистони Шарқӣ дар сарҳади байни ду давлат як муддате ба ҳайати давлати Кушониён шомил мешуд. Баъзан бар сари ин сарзамин миёни тарафайн ҷангу мунокиша ба миён меомад. Ҳанӯз аз замони

Канишка дар миёни ҷонибҳо муносиботи дипломатӣ роҳандозӣ шуда, ҳато аҳднома ба имзо расида буд. Дар ин маврид навиштаҳои Эмомалӣ Раҳмон ҷолиб аст: «ҳокимияти Кушон дар Кошғар дер давом накард. Соли 125 чиниҳо аз нав Қошғарро ишғол менамоянд. Соли 132 бошад, Кушониён бори дигар талоши Туркистони Шарқиро забт намудан карданд. Аммо натиҷа ва ҷузъиёти ин ҳаводис маълум нест. Солномаи чинӣ доир ба сафорати Кушониён шоҳи онро ном набурдааст» [18, с. 196]. Аз ин навишта маълум мешавад, Кушониён бо Чин дар давраи ҳукумронии Вима Кадфиз равобити ҳасана доштанд, вале муваффақияти асосии Кушониён дар замони Канишка ба даст омад. Дар ин робита Эмомалӣ Раҳмон аз сарчашмаҳои чинӣ маълумотеро зикр мекунад, бар асоси иқдоми созандаи Канишка ҳавзаи Тармими Туркистони Шарқӣ ба ихтиёри Кушониён гузашта буд [18, с. 196].

Дар аксар манбаъҳо, хусусан сарчашмаҳои ҳиндӣ аз ворисони Канишка ба номи Васишка ва Хувишка ёд мешавад, вале то ҳол намунаи вориси дувум ёфт нашудааст. Мувофиқи назари Лохвизен-де-Леев, Васишка ҳамгӣ панҷ сол ҳукумат намуда буд [123, с. 366]. Эмомалӣ Раҳмон бо таваҷҷуҳ ба навиштаҷоти катибаҳои ҳиндӣ ва тартиби солшумории ҷадид солҳои ҳукумати Хувишкаро ба солҳои 147–179 марбут медонад. Дар осори ӯ аз бозёфти тангаҳои аҳди Хувишка дар ҳудуди Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон таъкид мешавад. Асосан сиккаҳо дар ҷануби Тоҷикистон – Қубодиён, Ёвон, Вахш, Турсунзода, Шаҳритус ва Хуросон кашф шудаанд. Ҳамзамон, Муаррих ва сиккашиноси тоҷик Д. Довудӣ аз кашфи намунаи дигари сиккаҳои Хувишка дар димнаи Ҳалқаҷар (назди Сарбанди Хуросон) дар соли 1999 ёдовар шуда буд [391, с. 91]. Сиккашиноси шуравӣ Е.В. Зеймал дар асоси омӯзиши катибаҳои ҳиндӣ ба хулоса омад, ки баъд аз Хувишка Васудева ба тахти шоҳӣ нишаст, ки замони ҳукуматаш ба солҳои 64–98 мелодӣ рост меояд [112, с. 215]. Тибқи нишондоди

Эмомалӣ Раҳмон, Васудева солҳои 180–214 мелодӣ ҳукумронӣ дошт [8, с. 199].

Новобаста аз давраи хронологӣ, ҳарду нишондод ба 34 сол рост меоянд. Аз сӯи дигар, ҳар ду маълумот бар асоси асноди сиккашиносӣ ироа шудааст. Е.В. Зеймал талош мекард, ки сиккаҳои бо ҳам шабеҳро ба се шоҳ бо номи Васудева нисбат диҳад. Аз рӯи ақидаи Эмомалӣ Раҳмон ҳарчанд, сиккаҳо аз якдигар тафовуте надоранд, аксар олимон Васудеваро охирин шоҳи тавонои давлати Кушон медонанд, зеро пас аз ӯ ҳокимияти Кушониён ба таназзул рӯ меорад.

Академик Б. Ғафуров аз ҳуҷуми шоҳи Сосониён Шопури I дар солҳои 242–243 мелодӣ ба давлати Кушон таъкид менамояд. Албатта, манбаъи ин маълумот катибаи замони Шопур «Каъбаи Зардушт» аст [202, с. 122].

Бояд гуфт, ки ҳеҷ муаррихе номи ин шоҳи кушониро дар давраи мазкур мушаххас накардааст. Дар ин хусус Эмомалӣ Раҳмон менависад: «Таърихи сиёсии Кушон пас аз ҳукумати Васудева дар давоми асрҳои III–IV норавшан мебошад. Аз манбаҳои хаттӣ рӯшан аст, ки ин давлат бо вуҷуди аз даст додани бисёр мулкҳояш, ҳанӯз нерӯманд буд ва то асрҳои IV ё ҳатто V арзи ҳастӣ дошт. Аммо кадом шоҳон дар ин давра фармонфармоӣ намудаанд, маълум нест» [202, с. 200-201]. Дар робита ба ин метавон зикр кард, ки раванди заволи давлати Кушониён низ аз ҷониби муаррихону муҳаққиқон ба таври мушаххас таҳлилу баррасӣ нашудааст.

Хулоса, аксар муаррихон замони давлатдории Кушониёнро новобаста аз баъзе норӯшаниҳо, марҳалаи рушду намуи унсурҳои тамаддуни ориёӣ ва иқтисоди минтақа меноманд. Яке аз бахшҳои пешрафта дар замони Кушониён тиҷорат ба шумор мерафт. Тибқи назари аксар муҳаққиқон, давлати Кушон ба василаи чанд шохаи роҳи бузурги тиҷорӣ, ки дар миёни румиҳо бо номи «Роҳи абрешим» машҳур буд, бо Чин ва Рум пайваст мешуд. Дар осори Эмомалӣ

Раҳмон ин масъала бар асоси сарчашмаҳои румӣ ва чинӣ баррасӣ мешавад.

Дар мавриди рушди муомилоти пулӣ ва бозаргонӣ мадорики сиккашиносӣ маълумоти нодир доранд. Ба назари Эмомалӣ Раҳмон, бозёфти сиккаҳои кушонӣ ҳатто аз ҳавзаҳои Урал ва Кама низ аз вусъати муносибатҳои бозаргонӣ дар замони Кушониён шаҳодат медиҳад. В.М. Массон бо иқтибос аз китоби «Перипли баҳри Эритрей» дар ин маврид чунин менависад: «Дар қисми ғарбии Ҳиндустон, аниқтараш дар резишгоҳи дарёи Ҳинд бандари Арабрикон ва дар дарёи Нарбада бандари Баригаз мавҷуд буданд» [146, с. 177]. Аз таҳлили ин маълумот чунин бар меояд, ки шоҳони Кушон ҷиҳати рушду тавсеаи тиҷорат ва нуфузи иқтисодияшон аз роҳҳои обӣ низ суд мебурданд.

Унсури дигари тамаддуни бузурги кушонӣ хат ва забон низ дар осори Эмомалӣ Раҳмон ба таври мушаххас инъикос гардидааст. Як гурӯҳ муҳаққиқон дар асоси таҳлил навиштаҷоти сиккаҳо ба чунин хулоса омаданд, ки забони юнонӣ дар давлати Кушониён мақоми расмӣ дошт. Далели ин гуфтаҳо бозёфти сиккаҳои аҳди Куҷула Кадфиз, Вима Такту ва Вима Кадфиз аст, ки дар рӯяшон навиштаҷоти юнонӣ доранд. Аммо Симс Вилям мутарҷим ва муҳаққиқи катибаи Работак бар ин назар аст, ки аз замони Канишка дар масъалаи корбурди забон тағйироти ҷиддӣ ба амал омад. Дар катибаи Работак ба таври мушаххас Канишка амр медиҳад, ки ин ҳуҷҷат аз забони юнонӣ ба забони ориёӣ баргардонида шавад [414, с. 3-10]. Забони ориёӣ, ки дар катибаҳои Сурхкуталу Работак истифода шудааст, аз як ҷониб ба забони суғдӣ, портӣ, хоразмӣ ва аз ҷониби дигар бо забони пашту ва помирӣ наздикӣ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон назари олимонро дар мавриди боварҳои динии аҳди Кушониён ба ду гурӯҳ ҷудо месозад. Гурӯҳи якум дар асоси омӯзиши осори хатти буддоӣ ва натоиҷи таҳқиқоти бостоншиносон

дар Осиёи Марказӣ ба хулосае омадаанд, ки дини асосӣ дар аҳди Кушониён буддоӣ буд. Гурӯҳи дигари муҳаққиқон бар он назаранд, ки дини аҳди Кушониён дар Бохтар ва Осиёи Марказӣ зардуштӣ буд [120, с. 375].

Назари Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус ба ҳақиқат наздик мебошад, зеро ӯ давлати Кушониёнро аз лиҳози рушди унсурҳои этникӣ, фарҳангӣ, динӣ ва ҷуғрофӣ ба ду қисм ҷудо месозад: 1. Бохтар, Суғд ва дигар манотиқи Осиёи Марказӣ то Чочу сарҳади Ҳафтрӯд. Дар минтақаи мазкур дини зардуштӣ заминаи устувор дошт; 2. Ҳиндустон. Дар ин ҷо динҳои ҳиндуӣ ва пеш аз ҳама шивопарастӣ ва буддоӣ нуфуз доштанд [18, с. 212].

Аз таҳлили сиккашиносӣ, аз ҷумла навиштаҷоти сиккаҳои Вима Кадфиз ва Канишка бармеояд, ки дини зардуштия дар ҷомеа нуфуз дошт [393, с. 30-32]. Дар аксари сиккаҳои Канишка низ эзадони зардуштӣ тасвир шудаанд, ки аз дурустии ин ақида шаҳодат медиҳад. Дар ин радиф, омӯзиши катибаи Сурхкӯтал гувоҳӣ медиҳад, ки дини зардуштӣ дар ин замон мақоми расмӣ дошт. Дар он аз фармони бевоситаи Канишка дар хусуси бунёди маъбаде сухан меравад, ки ба ғайр аз худо (марбут ба будоия) дигар бояд муҷассамаи эзадони зардуштӣ дар онҷо насб мешуд [414, с. 3-10].

Дар осори Эмомалӣ Раҳмон унсури дигари фарҳанги аҳди Кушон – шаҳр ва шаҳрсозӣ хеле хуб баррасӣ мешавад. Дар ин хусус бештар ба осори муаррихони қадим ва натоиҷи таҳқиқоти бостоншиносӣ мурур мешавад. Мувофиқи ахбори Птоломей (солҳои ҳаёташ 100–170) дар сарзамини Арея 35 шаҳр ва деҳа, аз ҷумла танҳо дар Бохтар 18 шаҳр вуҷуд дошт [146, с. 169]. Эмомалӣ Раҳмон дар радифи шаҳрҳои марказии давлати Кушон Бохтар, Самарқанд, Марв, димнаҳои Саксанохур ва Тахти Сангин аз кашфи осори чанд шаҳри кушонӣ дар ҳудуди Тоҷикистон, ба монанди димнаи Кайқубодшоҳ дар Қубодиён, Теппаи Шоҳ дар Шаҳритус, Куҳнақалъа (дар ноҳияи

Ҷайҳун), Ҳалқаҷар (дар Хуросон), Саксанохур (дар Фархор), Қалъаи Чармгарони Поён (дар шаҳри Кӯлоб), Тамошотеппа (дар ноҳияи Ёвон) ва ғайра ном мебарад [18, с. 202]. Таҳқиқи қабатҳои маскунӣ ва тарҳи ин ёдгориҳо аз рушди ҳунари шаҳрсозӣ дар замони Кушониён ва пешрафти муносибатҳои фарҳангию тиҷоратии он замон гувоҳӣ медиҳад. Маҳз дар натиҷаи иқдоми шоистаи шоҳони кушонӣ бисёр унсурҳои фаромушшудаи тамаддуни ориёӣ дар ин давр эҳё гардид.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилу баррасии навиштаҳои боло метавон саҳми Эмомалӣ Раҳмонро дар таҳқиқи таърихи давлатдории Кушониён чунин арзёбӣ кард:

- ташхиси дурусти заминаҳои асосии зуҳури давлати Кушониён ва табори муштаракаи ақвоми юэҷӣ ва мардуми ориёӣ дар Бохтар;
- дар асоси таҳлили дурусти сарчашмаҳои таърихӣ, асноди бостоншиносӣ, осори олимони дохилию хориҷӣ ироа намудани солшумории ҷадиди аҳди ҳукумати шоҳони кушонӣ;
- дар заминаи таҳқиқоти бостоншиносони дохилию хориҷӣ қаламрави давлати Кушонро вобаста ба густариши нуфузи тамаддуни ориёӣ мушаххас сохт. Ин амр даъвои баъзе олимони ҳамсоя кишвари мо - Чинро дар хусуси табори чинӣ доштани Кушониён ботил менамояд;
- Эмомалӣ Раҳмон, махсусан омӯзиши таркиби этникӣ, боварҳои динӣ ва ҷуғрфияи таърихии Кушониёнро дар таърихнигории тоҷик барои решаёбии манфиатҳои таърихии миллати тоҷик муфиду судманд медонад.

**Нақши шоҳаншоҳии Сосониён дар таърихи халқи тоҷик.** То имрӯз дар хусуси паҳлуҳои мухталифи таъриху тамаддуни замони Сосониён муҳаққиқони зиёд таҳқиқот анҷом доданд, ки то ҷое барои пешрафти таърихнигории мавзуъ таъсири муҳим гузошт. Дар ин маврид хидмати муҳаққиқони варзидаи хориҷӣ ва ватанӣ, монанди Л.Г. Луконин [139; 140; 141], М.М. Дяконов [110], А. Кристенсен [212], С.Б. Дашков [102], А.И.

Калесников [128; 129], Н.В. Пигулевская [164; 165; 166; 167], А.И. Периханян [163], С. Нафисӣ [306; 307; 308; 309; 310], А. Ризоӣ [326; 327], А. Сомӣ [334], А. Найр Нурӣ [305], А. Зарринкуб [279; 280; 281; 282], М. Исоматов [372] ва дигарон хеле бузург аст. Аз ҷониби дигар, ироаи фарзияҳои зиёди илмӣ таҳқиқи мавзуъро мушкил месозад. Аз ин назар, Эмомалӣ Раҳмон дар радифи таҳқиқи таърихи давлатдории сулолаҳои ориёӣ ба инъикоси вазъи тамаддуни аҷдоди тоҷикон дар давраи Сосониён рӯ овард, ки ин амр барои рӯшан сохтани баъзе масоил метавонад таъсиргузор бошад. Дар осори Эмомалӣ Раҳмон ба чанд масъалаи давлатдории Сосониён бештар таваҷҷуҳ мешавад:

- асли баромади Сосониён ва таъсиси шоҳаншоҳии қудратманди ориёӣ;
- нуфузу қударати шоҳаншоҳии сосонӣ дар баробари давлатҳои ҳамсоя;
- вижагиҳои низоми идорӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар замони Сосониён;
- нақши дини зардуштӣ дар низоми давлатдории Сосониён.

Эмомалӣ Раҳмон барои ташхиси дурусти асли баромади Сосониён ва касби қудрати онҳо бештар ба маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ ва осори муаррихони асримиёнагӣ руҷуъ менамояд. Бояд гуфт, ки бастагӣ ба ин масъала дар осори муаррихон аз Муҳаммад Ҷарири Табарӣ то В.Г. Луконин маълумоти нодир вуҷуд дорад. Мувофиқи навиштаи Табарӣ, саромади ин хонадон Сосон ҳокими яке аз мулкҳои Истахр ва муъбади оташкадаи он ҷо ба шумор мерафт [260, с. 481-485]. Муаллифони «Таърихи Эрон» Сосонро марди далеру мубориз медонанд, ки маҳз писараш Бобак соли 208 бар асари анҷоми табаддулот бар зидди ҳокими вилояти Форс ба ҳокимият расид [117, с. 107]. Аммо В.Г. Луконин бар хилофи онҳо бар ин назар аст, ки Бобак ба таври осоишта ҳокимиятро ба даст гирифт [141, с. 107].

Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси ин масъала назаре надорад, аммо аз иқдоми дигари Бобак ёдовар мешавад, ки ӯ ҳанӯз дар замони қудраташ писари калони худ Шопурро ба тахт нишонд. Ӯ ин фикри худро бо ахбори М. Табарӣ ва навиштаҷоти сиккаҳои Тахти Ҷамшед асоснок менамояд. В.Г. Луконин низ дар асоси сарчашмаҳои мазкур ба натиҷае расид, ки аллакай Бобак худро

мустақил медонист ва ҳокимияти портҳоро дар минтақа эътироф намекард [141, с. 34]. Эмомалӣ Раҳмон дар асоси маълумоти М. Табарӣ зикр менамояд, ки аз миёни писарони Бобак Ардашер бо рафтори худ фарқ мекард. Ӯ дар ибтидо ба унвони ҷонишини ҳокими Форс чанд шаҳрро, ба монанди Ҷубонон, Манушаҳр ва Ларверро тасхир намуд. Тақрибан, соли 220 ба тахти шаҳри Истахр, ки маркази вилояти Форс буд, нишаст. Подшоҳи Порт ба ҳарос афтода, аз ӯ дархости итоат намуд, вале ҷавоби рад гирифт. Дар муҳорибаи соли 224 Артабони V аз Ардашер шикаст хӯрд. Солҳои 226–227 Ардашер ба тахти Эрон нишаст ва ба унвони шоҳаншоҳӣ соҳиб гардид [18, с. 232].

Сиёсати кишваркушоии Ардашер аз ҷониби муҳаққиқони зиёди таърихи давлатдории ориёиҳо мавриди таҳлил қарор гирифт, ки яке аз онҳо Эмомалӣ Раҳмон аст. Ӯ барои дарки омили асосии таҳкими давлатдории Сосониён бештар ба шарҳи музаффарияту тадбирҳои андешидаи муассири Ардашер рӯ меорад.

Мувофиқи маълумоти Табарӣ Ардашер дар зарфи 14 соли ҳукуматаш ҳашт шаҳри наве бо номҳои Ардашер – Ҳурра, Ром Ардашер, Будо Ардашер, Ҳурмуз Ардашер, Устобод Ардашер, Рев Ардашер ва ғайра сохт [260, с. 485]. Эмомалӣ Раҳмон Бобакро поягузори ҳукумати сулолаи Сосониён дар Форс ва Ардашерро бунёдгузори давлати Сосониён медонад, ки маҳз дар замони ҳукумати дувуммӣ ҳокимияти марказӣ таҳким ёфт. Дар воқеъ омӯзиши осори таърихӣ ва илмӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳукумати ташкилнамудаи Ардашер мутамарказ буд. Ҳатто Ф. Энгелс давлати Сосониёнро «подшоҳии ботартиб» номида буд [202, с. 193].

Бояд тазаккур дод, ки тақвияти нуфузи Сосониён дар минтақа бештар ба замони ҳукмронии писари Ардашер Шопури I (242–272) рост меояд. Мувофиқи ақидаи Эмомалӣ Раҳмон ва дигар олимон, ӯ бо ғолибият ба империяи Рум сарҳад ва нуфузи Сосониёнро дар минтақа ва ҷаҳон мустаҳкам намуд [18, с. 237-238; 202, с. 193-194]. Дар хусуси ҷанги миёни Шопур ва императори Рум Гордиан муҳаққиқон ба маълумоти сарчашмаҳои румӣ ва

сангнавиштаҳои Шопури I руҷуъ менамоянд. Мувофиқи ин маълумот дар сарҳади Асурестон, дар наздики шаҳри Месиха муҳорибаи асосӣ ба вуқуъ пайваст. Дар натиҷа император Гордиан кушта ва лашкари Рум шикаст хурд. Императори навбатии Рум Филипп иҷборан бо Шопур шартномаи сулҳ баст [141, с. 53]. Боиси таъкид аст, ки Эмомалӣ Раҳмон дар асоси катибаи «Каъбаи Зардушт» аз муҳорибаи дигари байни Шопур ва румиён дар солҳои 251–253 хабар медиҳад. Дар натиҷаи ин ғалаба Сосониён 37 шаҳр ва қалъаро ишғол намуданд [18, с. 238]. Дигар муаррихон ғалабаи бузурги Сосониёнро дар ин муҳориба ба он нисбат медиҳанд, маҳз император Валериан пас ин ҳодиса дар назди Шопур ба зону зад ва сулҳ хост. Дар натиҷа соли 256 байни ҷонибҳо сулҳ баста шуд [141, с. 57; 260, с. 488-490]. Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон ва дигар муаррихон метавон давраи ҳукумронии Шопури I-ро замони таҳкими нуфуз ва давлатдории Сосониён номид.

Эмомалӣ Раҳмон дар раванди омӯзиши давраи мазкур бар асоси таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ва таҳқиқоти солҳои охир аз нокомии сиёсати хориҷии Сосониён дар замони ҳукумати ворисони Шопур, ба монанди Ҳурмуз-Ардашер (272–274), Баҳроми I (274–277), Баҳроми II (277–294) ва Нарсӣ (294–302) хабар медиҳад [18, с. 240]. Шоёни тазаккур аст, ки ҳам Эмомалӣ Раҳмон ва ҳам муаррихон зимни баррасии ҳаводиси таърихӣ зиёдтар ба нокомии Сосониён таваҷҷуҳ менамоянд, вале далели ин амр чандон мушаххас нест. Метавон гуфт, ки шояд ин амр ба вазъи ноором ва муборизаҳои дохилӣ бастагӣ дошт, ки дар натиҷаи он шоҳон зуд-зуд иваз мешуданд.

Мувофиқи баъзе маълумотҳо пас аз шикасти Нарсӣ аз румиҳо дар соли 298 ва баста шудани шартномаи Нисибин чанд вилояти шимолу ғарбӣ ба ихтиёри Рум гузашт [110, с. 264]. Таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон нишон медиҳад, ки танҳо дар замони ҳокимияти Шопури II (309–379) ба Сосониён муяссар гардид, ки дубора бо таҳкими сиёсати дохилӣ ва сиёсати хориҷӣ, махсусан бо пирӯзӣ дар чанд набард, сарзаминҳои собиқи хешро соҳиб

шаванд. Пеш аз оне ки Шорпури II сиёсати кишваркушоиро дар минтақаҳо барои бозпасгирии баъзе мулкҳо бар зидди румиҳо оғоз намояд, ба ӯ лозим омад, ки дар аввал хатари қабилаҳои сакоӣ ва хиёниро дар сарҳади шарқии давлат бартараф созад. Шопури II маҳз бо ин мақсад бо онҳо шартномаи дустӣ баст [18, с. 242]. Тибқи маълумоти Аммиан Марселин, минбаъд хиёниҳо дар ҷанги Шопур бар зидди румиён бо ҷонибдорӣ аз Сосониён ба набард пайвастанд, ки шикасти император Константин то андозае ба ин омил бастагӣ дошт [110, с. 266].

Бояд зикр намуд, ки дар осори олимон баъди Шопури II аз иқдомоти шоҳаншоҳи дигаре бо номи Яздигурди I (399–420) бисёр тавсиф мешавад. Тибқи маълумоти Эмомалӣ Раҳмон ва дигар муаррихон, дар замони ӯ нуфузи руҳониёни зардуштӣ хеле тақвият ёфт. Яздигурд бо мақсади таҳкими ҳокимияти марказӣ ва коҳиши нуфузи онҳо чанд иқдом анҷом дод. Аз ҷумла, ӯ дар сиёсати дохилӣ дар аввал аз насрониён пуштибонӣ намуд [222, с. 109]. Боиси зикр аст, ки Яздигурд бо чунин аъмолаш дар осори насронӣ бо номи шоҳаншоҳи одил ва дар адабиёти форсӣ баръакс золим тавсифу муаррифӣ мешавад [260, с. 502].

Эмомалӣ Раҳмон аз вориси Яздигурд – Баҳроми Гур (421–439) баръакс ба унвони як давлатмарду сиёсатмадори кордон ном мебарад, ки дар умури давлат ба аъёну ашрофи эронӣ ва мубадони зардуштӣ такя намуд ва идораи давлатро пурра ба дасти онҳо супорид. Ҳамчунин, дастоварди бузурги ин шоҳро дар асоси ахбори Табарӣ ва Диноварӣ ба ғолибияташ дар набард бар зидди хиёниҳо нисбат медиҳад [18, с. 245]. Маълум мешавад, ки Баҳром аз таҷрибаи зимомдории Яздигурд дарси ибрат гирифт ва минбаъд сиёсати идории Ардашери Бобаконро идома дод. Бояд зикр намуд, ки Сосониён дар симои муъбадони зардуштӣ ва афроди суннатгаро такягоҳи худро медиданд. Баъд аз марги Баҳром тибқи маълумоти муаррихон, писараш Яздигурди II ба тахт нишаст. Дар хусуси замони зимомдорӣ ва сиёсати дохилию хориҷии ӯ дар Шарқ сарчашмаҳои арманӣ маълумоти нодир доранд. Ҳамчунин, дар

осори Табарӣ ва М.М. Дяконов дар ин мавзуъ матолиби хуб гирдоварӣ шудааст [110, с. 274-275].

Давраи авҷи тараққиёт ва таҳкими нуфузи давлатдории Сосониён ба замони ҳукмронии Хусрави I Анушеровон (531–579) мансуб аст. Эмомалӣ Раҳмон омилҳои асосии ин пешрафтро ба иқдомоти андешидаи Хусрав, махсусан ислоҳоташ нисбат медиҳад. Маълумоти ӯ дар мавриди ислоҳоти молӣ ва оини лашкардори ин шоҳи сосонӣ ҷолиб аст. Албатта, ин иқдомот дар муносибатҳои хориҷӣ низ таъсир гузошт, ки дар натиҷа марзҳои давлат дар ғарб то Антиохия ва дар шарқ то соҳилҳои Ому васеъ гардид [18, с. 247]. Эмомалӣ Раҳмон ба ҳаводиси сиёсии замони ҳукумати дигар шоҳони сосонӣ ба таври хулоса назар андухта, бештар ба шарҳи шуру ошӯбҳо, аз ҷумла шӯриши Баҳроми Чӯбин таваҷҷуҳ менамояд. Ин равиши таърихнигорӣ бисёр мантиқӣ аст, ин ошӯбҳо ба заволи қударати Сосониён ва нокомии онҳо дар баробари тохтутози араб таъсири мустақим дошт.

Баъзе масоили низоми иҷтимоӣ ва оини давлатдории Сосониён низ дар осори Эмомалӣ Раҳмон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Аксар муаррихон бар он ақидаанд, ки оини давлатдории Сосониён идомаи низоми кишвардории сулолаҳои ориёӣ – Ҳахоманишиён ва Порт аст [110, с. 288]. Таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон нишон медиҳад, ки ин ақида дуруст аст, вале дар навбати худ баъзе оини давлатдории Сосониён бевосита дар замони кишвардории худашон зуҳур намуд. Албатта, ҳокимияти олӣ ба мисли пешин ба шоҳ марбут буд, вале шоҳони сосонӣ аз замони Ардашеру Шопур дигар худро «шоҳаншоҳ» (шоҳи Эрон ва ғайри Эрон) эълон мекарданд [141, с. 163-168]. Ба таъкиди Эмомалӣ Раҳмон, вижагии дигари кишвардории онҳо дар он буд, ки шаҷараи шоҳон ба худои зардуштӣ Аҳурамаздо рафта мерасид ва гувоҳи ин гуфтаҳо тасвири тангаҳои Ардашер аст. Шоҳаншоҳ дар маъбади оташ бо анҷоми маросими расмӣ ба тахт соҳиб мешуд [18, с. 247].

Дар осори Эмомалӣ Раҳмон ба нақши зардуштия дар таҳкими низоми идории давлати Сосониён таъкид мешавад, ки ин андешаро маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ собит месозанд. Бар асоси навиштаҳои боло метавон

гуфт, ки дар осори Эмомалӣ Раҳмон зимни таҳлилу баррасии ҳаводиси таърихии замони Сосониён бештар ба чанд масъалаи таъсиргузор таъкид мешавад:

- шаҷараи шоҳаншоҳ тибқи суннати ҷомеаи табақотӣ ва оини кишвардории ориёиҳо ба эзади зардуштӣ Аҳурамаздо мерасид;
- дар оини кишвардорӣ ниҳоди марказии мақомоти ҳокимияти олӣ ба вуҷуд омад, ки онҳоро девон, аз ҷумла девони дабирони шоҳӣ, боҷу хироҷ меномиданд;
- вуҷуди низоми табақотӣ дар ҷомеа, аз қабили руҳониён, артишдорон, дабирон, кишоварзон ва ҳунармандону тоҷирон;
- мақоми расмӣ касб кардани дини зардуштӣ ва нуфузи муъбадони зардуштӣ дар ҷомеа;
- тақвияти нуфузу ҷойгоҳи забону адабиёти паҳлавӣ;
- ташаккули заминдории феодалӣ ва низоми вижаи андозситонӣ;
- ташаккули фарҳанги шаҳрсозӣ дар марказҳои бузурги тамаддуни ориёӣ;
- зуҳури академия ва рушди илму фарҳанги тамаддунсози ориёӣ;
- зуҳури зарробхона ва ғайра.

**Масъалаи Ҳайтолиён: мансубияти қавмию этникӣ.** Марҳалаи дигари рушди давлатдории сулолаҳои ориёӣ, ки Эмомалӣ Раҳмон ба омӯзиши он таваҷҷуҳ зоҳир менамояд, таърихи давлатдории Ҳайтолиён аст. Ҳарчанд, аз даврони шуравӣ то ин ҷониб дар иртибот ба таърихи давлатдории Ҳайтолиён чи дар дохил ва чи дар хориҷ таҳқиқоти зиёд анҷом дода шуд, вале дар таърихнигории мавзуъ чанд масъалаи норӯшан боқӣ мондааст. Эмомалӣ Раҳмон бо таваҷҷуҳ ба ин мушкилот, таҳқиқи чанд масъаларо дар бастагӣ ба қиёси мадорики бостоншиносӣ ва осори муаррихону сайёҳон дар таърихнигории давлати Ҳайтолиён зарур мешуморад:

- ташхиси дурусти асли баромади этникии Ҳайтолиён ва таҳкими қудрати онҳо дар сарзамини Осиёи Марказӣ;

- тавсифи низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар замони ҳайтолиён бар асоси осори хаттӣ ва модӣ;

- рақобати Ҳайтолиёну Сосониён ва паёмади он дар таърихи давлатдории ақвоми ориёӣ;

- ташхиси дурусти ҷойгоҳи Ҳайтолиён дар рушди тамаддуни ориёӣ ва ташаккули асабияти қавмии ниёкони тоҷик.

Вобаста ба таркиби қавмии Ҳайтолиён то имрӯз миёни олимон назари гуногун ироа шудааст, ки ин амр шинохти асли баромади онҳоро дар таърихнигорӣ бисёр душвор сохт. Аз ин назар, Эмомалӣ Раҳмон барои шинохти дурусти масъала ба маълумоти сарчашмаҳои хитоӣ, муаррихони форсу тоҷик, осори олимони аврупоӣ, рус, таҳқиқоти олимони тоҷик, махсусан, бостоншиносон рӯ овард. Барои шинохти дурусти хидмати Эмомалӣ Раҳмон дар омӯзиши масъала дар навбати аввал мебояд, ба таснифи сарчашмаҳои мавриди истифодаи ӯ руҷуъ намоем. Дар солномаҳои хитоӣ аз назари мансубияти этникӣ як шохае аз Кушониён (юэҷиҳо), қабилаи туркӣ-турфонӣ, авлоди Канка муаррифӣ мешаванд [18, с. 223]. Академик Б. Ғафуров таъкид менамояд, ки дар сарчашмаҳои сурёнӣ номи онҳо ба шакли абдол ё эпталит, дар маъхазҳои юнонӣ абдел ё эфталит, дар маъхазҳои арманӣ ҳаптал, идал ва тетал, дар осори забони миёнаи форсӣ ефтол ва ҳефтол дар забони арабӣ ҳайтал ва яфтал, дар маъхазҳои хитоӣ е-да ва е-диен мушоҳида мешавад [202, с. 206]. Муаррихи арманӣ Прокопий Кесарӣ ҳайтолиёнро аз гурӯҳи гуннҳо меномад, дар фарқ бо онҳо подшоҳ доштанд, зебо ва шаҳрнишин буданд [18, с. 223].

Ҳатто солҳои охир баъзе олимон (Ҷ. Клапорт, Ҷ. Маркварт ва ғ.) ҳайтолиёнро турку муғул муаррифӣ намуданд [120, с. 415-416]. Эмомалӣ Раҳмон ба монанди Р. Гиршман ва К. Еноки барои ташхиси дурусти мансубияти этникии ҳайтолиён мадорики сиккашиносиро сарчашмаи муҳим мешуморад. Дар сиккаҳо тасвири шоҳони ҳайтолӣ имкон медиҳад мансубияти қавмии онҳо муайян карда шавад. Аз сӯи дигар, Эмомалӣ Раҳмон асноди сиккашиносиро барои ташхиси дурусти ин масъала кофӣ намедонад,

зеро дар сарзамини собиқ Ҳайтолиён намунаи сиккаҳо кам ёфт шудааст. Дар баробари ин, метавон гуфт, ки агар сиккаҳо ҷуғрофиёи таърихии давлати Ҳайтолиёнро ба таври комил тасвир насозанд ҳам, вале дар муайян кардани забони онҳо, ки ба таркиби қавмияшон пайванди мустақим дорад, кумаки амалӣ хоҳанд расонид. Тибқи маълумоти олимон, сиккаҳои ҳайтолӣ навиштаҷоти ориёӣ (бохтарӣ) доранд [202, с. 208].

Ҳамин тавр, дар асоси навиштаҳои боло метавон гуфт, ки ягона далели раднопазир дар мавриди ташхиси дурусти таркиби этникии Ҳайтолиён мадорики бостонишиносӣ, махсусан навиштаҷот ва тасвири сиккаҳои шоҳон мебошад, ки пайвандҳои қавмӣ ва забонии онҳоро бо ориёҳо тақвият мебахшанд. Масъалаи муаррифии Ҳайтолиёнро дар сарчашмаҳои хитоӣ баъзан ба унвони турк, метавон ба сатҳи ноогоҳии муаллифони хитоӣ аз асли баромади қавмии ин сулола нисбат дод. Ҳамин аст, ки Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус бештар ба сиккаҳо руҷуъ менамояд.

Масъалаи дигари баҳснок дар осори Эмомалӣ Раҳмон хостгоҳи аслии Ҳайтолиён мебошад. Доир ба масъалаи мазкур дар миёни олимон ақидаҳо мухталифанд. Аксари ин ақидаҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон, дар нашри русии «Таърихи халқи тоҷик» ва «Тоҷикон»-и Б. Ғафуров ба таври муфассал мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтаанд. Эмомалӣ Раҳмон дар асоси таҳлилу баррасии осори таърихӣ ва таҳқиқоти муосир дар хусуси хостгоҳи Ҳайтолиён се ақидаро нисбатан машҳур медонад: шарқи баҳри Каспий, Туркистони Шарқӣ ва Бадахшон. Ӯ дар миёни ин се назария сеюмиро дар асоси далелҳои мавҷуда, махсусан сарчашмаҳои хаттӣ, аз ҷумла солномаи Бэйшӣ ба ҳақиқати таърихӣ наздик, Ҳайтолиёнро ориёинажод ва Бадахшонро ватани онҳо медонад [18, с. 225]. Дар ин радиф, Эмомалӣ Раҳмон барои асоснок намудани ин ақида ба маълумоти осори Егише Вардапет ва Ҷарири Табарӣ рӯ меорад. Мувофиқи маълумоти Табарӣ, давлати Ҳайтолиён дар ибтидои марҳалаи таъсис ҳудудҳои Ғарҷистон, Тахористон, Балх ва Бадахшонро фаро мегирифт. Имрӯз дар Бадахшони Афғонистон ноҳияи

калоне бо номи Яфтал маълум аст ва бошандагони онро мардуми ҳамҷавор яфталӣ меноманд.

Масъалаи низоми муносибатҳои иҷтимоӣ дар замони Ҳайтолиён низ аз ҷумлаи паҳлуҳои норавшани мавзуъ мебошад. Махсусан, перомуни низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии онҳо то имрӯз дар таҳқиқот ва осори муаррихон маълумоти кам ба назар мерасад. Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси масоили мазкур матолиби маъхазҳои хаттии бостониро нисбат ба маълумоти муаррихони румӣ, аз қабили Прокопий Кесарий (409/507–565) нисбатан воқеӣ медонад. Махсусан, иқтибоси овардаи Б. Ғафуров аз ин олими варзида ин гуфтаҳоро тасдиқ менамояд: «Гарчанде, ки яфталиён аз тоифаи гуннҳоянд ва чунин номида мешаванд, вале онҳо бо гуннҳое, ки барои мо маълуманд, омехта намешаванд ва алоқа надоранд, чунки бо онҳо ҳамсарҳад нестанд ва аз онҳо дур зиндагӣ мекунанд…, онҳо мисли дигар халқҳо кӯчманчӣ нестанд ва аз қадим дар сарзамини серҳосил зиндагӣ мекунанд… Аз байни гуннҳо танҳо онҳо дороянд ва безеб нестанд ва мисли онҳо зиндагии ваҳшиёна намекунанд, онҳо як подшоҳ ва давлати қонунӣ доранд ва дар муносибат байни якдигар ва ҳамсояҳо адолатро на камтар аз румиҳо ва форсҳо риоя мекунанд» [202, с. 211]. Эмомалӣ Раҳмон дар асосӣ ин ахбор ва маълумоти муаррих Менандр, ки ҳайтолиёнро ба унвони «қабилаи шаҳрнишин» муаррифӣ менамояд, хостгоҳи ҳайтолиёнро Бадахшон медонад [18, с. 226].

Ба назари Эмомалӣ Раҳмон низоми иҷтимоии ҷомеаи Ҳайтолиён низ ба ҳаёти қавмҳои ориёитабор шабоҳати зиёде дорад. Махсусан, ба табақаҳо тақсимшавии онҳо, яъне ба бойҳо ва камбағалҳо нишонаи ҷомеаи табақавӣ буд. Эмомалӣ Раҳмон дар омӯзиши ин масоил ба солномаҳои Бейшӣ ва Ляншу руҷуъ менамояд [20, с. 124; 18, с. 227].

Бар асоси маълумоти аксар сарчашмаҳои таърихӣ, Ҳайтолиён ба илоҳаи оташ ва унсури марказии он – Офтоб эътиқод доштанд. Бояд гуфт, ки аксар муҳаққиқон барои таҳлили вазъи эътиқоду боварҳои мардум ба сиккаҳои Ҳайтолиён рӯ меоранд, ки дар пушти онҳо оташи муқаддаси зардуштӣ ва муъбадон акс шудааст. Дар робита ба дини ҳайтолиён Эмомалӣ Раҳмон зикр

менамояд, ки «дар аксари сарзаминҳои ба ҳайати давлати Ҳайтолиён шомилшуда, яъне Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Бохтар, аз давраҳои қадим то аҳди Ҳайтолиён дини зардуштӣ ҳукумрон буд» [18, с. 228].

Дар осори Эмомалӣ Раҳмон мунокишаи Сосониёну Ҳайтолиён ба унвони як омили заволи давлати Ҳайтолиён мавриди баррасӣ қарор мегирад. Аксар муаррихон ҳузури Ҳайтолиёнро то миёнаҳои асри VI дар минтақа, яке аз субъектҳои таъсиргузор нишон додаанд. Махсусан, навиштаҳои Эмомалӣ Раҳмон аз таъсири Ҳайтолиён ба Эрони Сосонӣ то замони ҳокимияти Хусрави Анушервон гувоҳӣ медиҳад [18, с. 228]. В.М. Массон давраи ҳукумронии Хусравро замони тақвияти давлатдории Сосониён меномад, маҳз аз он даврон аз боҷсупорӣ ба Ҳайтолиён раҳо шуданд [146, с. 207-208].

Пас аз ислоҳоти Хусрави Анушервон Сосониён аз назари сиёсӣ ва иқтисодӣ ба рақиби қудратманди Ҳайтолиён табдил ёфтанд. Хусрав барои ситонидани қасос аз Ҳайтолиён фурсати муносиб меҷӯст. Дар ин лаҳза душмани нави Ҳайтолиён дар шимол – Хоқонии турк низ қудратманд шуд. Сосониён ин фурсатро барои бархӯрди низомӣ бо Ҳайтолиён муносиб диданд.

Бояд гуфт, ки дар хусуси мунокишаҳои минбаъдаи Сосониёну Ҳайтолиён Эмомалӣ Раҳмон ба маълумоти Фирдавсӣ низ рӯ меорад. Тибқи ахбори Фирдавсӣ, ҳоқони турк бо мақсади таҳкими робитаҳо бо Сосониён ба маркази Эрон сафорат фиристод. Ин сафорат бояд аз сарзамини Ҳайтолиён мегузашт. Шоҳи Ҳайтолиён дар мавриди дастгир намудани сафирон фармон баровард, вале ҳангоми бархӯрд як сафир ҷон ба саломат бурд. Хоқон барои ситонидани хунбаҳо ба мулҳои шимолии Ҳайтолиён ҳуҷум намуд. Дар муҳориба назди Бухоро Ҳайтолиён аз туркон шикаст хӯрдан. Сосониён дар ин лаҳза аз ҷануб сарҳади Ҳайтолиёнро убур нумуданд. Мувофиқи маълумоти Эмомалӣ Раҳмон ва дигар муаррихон сарзаминҳои соҳили рости Амударё ба туркҳо ва соҳили чап (Тахористон) ба ихтиёри Сосониён гузашт [18, с. 228]. Ҳамин тавр, аввалин давлати феодалии ақвоми ориёӣ дар ҳудуди Осиёи Марказӣ завол ёфт. Санаи рух додани ин набарди Ҳайтолиён дар

баробари иттиҳоди Сосониёну Хоқонати турк дар сарчашмаҳо дақиқ зикр нашудааст. Э. Шеван дар натиҷаи таҳлил ва муқоисаи осори таърихӣ ин санаро ба солҳои 563–567 [352, с. 38] ва А. М. Менделштам ин ҳаводисро ба соли 563 [121, с. 43] марбут медонад.

Эмомалӣ Раҳмон охирин санаи ҳузури сиёсии Хайтолиёнро дар қаламрави сарҳади нуфузи Сосониён ва туркҳо, номаълум нишон медиҳад Вале дар умум, замони давлатдории онҳоро беш аз 100 сол (450–563) зикр месозад [18, с. 228].

Ҳамин тавр, Эмомалӣ Раҳмон дар радифи муаррихон масоили мубраму норавшани таърихи давлатдории Ҳайтолиёнро дар таърихи тамаддуни ориёӣ бар асоси манобеъи таърихӣ ва таҳлили осори муҳаққиқон инъикос месозад. Ӯ саҳми Ҳайтолиёнро дар иттиҳоди мулкҳои парокандаи сарзамини Бохтар ва мавзеъҳои дигари Осиёи Марказӣ дар қаламрави як давлати мутамарказ муҳим арзёбӣ менамояд, ки дар заминаи он иқтисоду фарҳанги мардум рушду такомул ёфт. Дар осори Эмомалӣ Раҳмон бо таваҷҷуҳ ба рушди низоми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа собит мешавад, ки ватани аслиии Ҳайтолиён ба унвони қавми ориёӣ сарзамини имрӯзаи Осиёи Марказӣ аст.

Ба ақидаи мо, имрӯз вазифаи ҳар як муаррих аз он иборат аст, ки дар асоси мадракҳои таърихӣ ин марҳалаи зиндагии сарнавишсози ақвоми ориёиро боз ҳам амиқтар таҳқиқ намоянд. Зеро вақте ақвоми ҳамтабор аз лиҳози сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ дар қаламрави як иттиҳоди сиёсии қудратманд муттаҳид мешаванд, марҳалаи ибтидоии ташаккули халқи тоҷик оғоз мегардад, вале бо воруди ақвоми кучии турк ва тохтутози арабҳо ин раванд боз муддати тулонӣ таваққуф мепазирад.

Ҳамин тавр, ба Эмомалӣ Раҳмон муяссар гардид, ки дар асоси таҳлилу муқоисаи мадракҳои муътамади таърихӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ таҷрибаи таърихи давлатдории ақвоми ориёиро барои тарбияи ватандӯстии насли ҷавон ва шинохти решаҳои амиқи манфиатҳои миллӣ боз намояд. Ӯ дар радифи муаррихони касбӣ вижагиҳои давлатдории ақвоми

ориёиро бо таваҷҷуҳ ба марҳалаҳои ташаккули тамаддуни онҳо ва меъёрҳои хронологии таърихи ҷомеаи башарӣ мавриди омӯзиш қарор дод. Чунин иқдом бори аввал аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон ба таври илмӣ роҳандозӣ шуд. Агар академик Бобоҷон Ғафуров истилоҳи таърихи халқи тоҷикро ироа карда бошад, пас Эмомалӣ Раҳмон тавассути омӯзиши саҳифаҳои тираи таърихи ташаккули давлаторӣ ва тамаддуни ориёиҳо яке аз бунёдгузору посдори оини давлатдорӣ ва таърихи тамаддуни ориёӣ мебошад. Осори илмӣ ва ташаббусҳои созандааш дар ин самт далели равшан аст. Новобаста аз касби сиёсатмадорӣ ба ӯ муяссар гардид, ки дар инъикоси таърих тамоми методу усулҳои таҳқиқу омӯзиши илмро риоя намояд. Ӯ ҳамчун давлатмард таҷрибаи давлатдории аҷдоди хешро имрӯз сармашқи кор қарор додааст. Ин ташаббус имкон фароҳам овард, ки дар даврони истиқлол аз таҷриба ва беҳтарин унсурҳои оинии давлатдории ниёкон дар роҳи эъмори давлати миллию мутамаддин истифода гардад. Аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон ва дигар муаррихон пажуҳишу таҳқиқи таърихи давалтдории тоҷикон имрӯз ба маврид ва саривақтӣ мебошад. Зарур аст, ки оини давлатдории ниёкони тоҷик барои наслҳои имрӯз ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таври шоиста муаррифӣ гардад. Дар акси ҳол, таърихсозии баъзе халқҳои дигар метавонад ба арзишҳои таърихии мо таъсири манфӣ гузорад. Имрӯз бояд ҳатман миллати тоҷик бо огоҳии комил аз таҷрибаи давлатдории ниёконамон, монанди Бохтар, Мод, Ҳахоманишиён, Порт, Кушониён, Ҳайтолиён ва Сосониён дар пешрафти тамаддуни башарӣ таъсири муассир гузорад.

# БОБИ II. ДАРАҶАИ ОМӮЗИШИ ЗАБОН, ЭЪТИҚОД ВА ОИНҲОИ ДИНИИ ОРИЁИҲО ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

## 2.1. Дидгоҳи Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба хостгоҳи забони ақвоми ориёӣ

Яке аз унсурҳои ҷудонопазир ва пешбарандаи фарҳангу тамаддуни башарӣ забон ба шумор меравад. Забон чун восиати муҳимтарини муомилот, интиқоли афкору эҳсосот ва хостаҳои инсон омили ҳастии миллат мебошад. Забонҳои ақвоми ориёӣ шохае аз забонҳои ҳиндуаврупоӣ аст, ки вобаста ба марҳалаҳои рушду такомули он як зумра муҳаққиқони русу аврупоӣ таҳқиқот анҷом додаанд [63; 64; 72; 98; 74; 88; 158; 159; 160; 108; 109]. Ҳамчунин, Эмомалӣ Раҳмон низ дар радифи олимони варзида дар мавриди шинохти забони ниёкони тоҷикон – ориёиҳо чанд асар таълиф намудааст [5; 11; 18; 21]. Махсусан, китоби ӯро ба унвони «Забони миллат – ҳастии миллат» [5] метавон дар ин мавзуъ нахустин таҳқиқоти ҷомеъ дар ибтидои асри XXI донист. Муаллиф дар ин асар мекӯшад таърихи такомули забони қавмҳои ориёӣ бар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ва натоиҷи таҳқиқоти муҳаққиқон тавсиф намояд.

Аз сӯи дигар, асари мазкур хулосаи таҳқиқоти муҳаққиқон, муаррихон, забоншиносон ва олимони машҳури эронӣ, тоҷик, фаронсавӣ, англис ва шуравӣ аст, ки муаллф зарурияти таълифи онро чунин арзёбӣ менамояд: «Танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва ростини миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад» [5, с. 4]. Воқеан, забон дар умум як ҷузъи ҷудонопазири фарҳанг ва бо ибораи дигар таърихи шебу фарози ҳар як халқ мебошад. Имрӯз агар ба таърихи забони ҳар миллату қавм назар афканем, тарвиҷу такомули он ба дараҷаи тараққиёт, тафаккуру андеша ва сатҳи инкишофи фарҳанги моддиву маънавии ҳомилони онҳо бастагӣ дорад [7-М, с. 61-62].

Омӯзиш ва таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон нишон медиҳад, ки бахши аввали асар ба даврабандии марҳалаҳои тарвиҷу такомули забони ориёиҳо бахшида шудааст. Ӯ дар аввал масъалаи пайвандҳои хешовандии забонҳои

ҳиндуэронӣ ва ҳиндуаврупоиро баррасӣ карда, гурӯҳи аввалро шохаи бостонии ин хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ меномад, ки қариб дар тамоми ҷаҳон паҳн шуда буд. Ҳамчунин, ӯ дар асарҳои дигараш «Тоҷикон дар оинаи таърих» (дар чор китоб), «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» ва «Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ» дар радифи фарҳангу забони ориёӣ, саргузашти нимасотирӣ ва воқеи ин ақвомро бар асоси пажуҳиши донишмандони хориҷиву дохилӣ баррасӣ менамояд [18; 20; 21]. Ӯ дар хусуси такомулу таҷзияи забонҳои ориёӣ чунин андеша дорад, ки бори аввал донишманди англис Вилямс Ҷонс ба пайванди хешовандӣ ва иртиботи шохаҳои ин забонҳо пай бурд буд. Ӯ ҳанӯз соли 1786 нишон дод, ки забонҳои санскритӣ, олмонӣ, келтӣ, юнонӣ, авестоӣ (зандӣ) ва гетӣ бо ҳам қаробати наздик доранд. Аммо Эмомалӣ Раҳмон донишманди фаронсавӣ Франс Боппро муҳаққиқи воқеии ин масоил медонад [5, с. 27].

Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаи шинохти хостгоҳи ориёиҳо ва мароҳили такомули забони онҳо дар радифи натиҷаи таҳқиқоти олимони мазкур, бештар ба мадракҳои забоншиносӣ, таърихӣ, бостоншиносӣ ва ҷуғрофӣ рӯ меорад. Масалан, бар асоси сарчашмаҳои юнонӣ аз хостгоҳи ориёиҳо ба номи Арйана (Ориён) ном мебарад [11, с. 17-19]. Аксар муҳаққиқони дигар низ дар асоси баррасии ин сарчашмаҳои ҳудуди зист ва минтақаи нуфузи забони ориёиҳоро ба даштҳои ҷануби Русия, соҳилҳои баҳри Сиёҳ, назди баҳри Азов то шимоли Қафқоз (скифҳо ва сарматҳо), Осиёи Марказӣ, минтақаҳои назди Сирдарё, қисмати шарқ то Туркистони шарқӣ (мардумони саккоӣ), водиҳо ва воҳаҳои Осиёи Миёна дар ҳавзаи Зарафшон, Қашқадарё ва ноҳияҳои атрофи он (суғдиҳо), поёноби Омӯ (хоразмиҳо), болооб ва қисматҳои миёнаи соҳилҳои рост ва чапи Омӯ (бохтариҳо), як бахши Хуросон то ҷануби Туркманистон (портҳо), шимолу ғарби Эрон (модҳо) ва ҷанубу ғарби Эрон (порсҳо) нисбат медиҳанд [7-М, с. 61-62].

Ба ақидаи мо, минбаъд дар натиҷаи муҳоҷирати бузурги ориёиҳо ба сарзаминҳои шарқу ғарб лаҳҷаҳои ақвоми бар тарвиҷу такомул ба забони мустақили ин ё он халқи ориёитабор мубаддал гардид. Донишмандони ғарбӣ

ин марҳалаи нахустини забони аҷдодии моро зуҳури шохаҳои ҳиндуориёӣ ва эронӣ меноманд, вале бар ин мо гуфта наметавонем, ки онҳо билкул аз ҳамдигар фарқ доштанд. Дар ин хусус Эмомалӣ Раҳмон бар ҳақ зикр менамояд, ки дар ин давраи тамаддуни бостонии мо қавмҳои ориёӣ ҳарчанд ба сарзамин ва кишварҳои мухталиф паҳн шуданд, вале асолати этникӣ ва фарҳангии худро нигоҳ доштанд ва забони худро дар осори бозмондаашон бо таъкид ба муштаракоти забонӣ, фарҳангӣ, ва қавмӣ ориёӣ номидаанд [30].

Бояд тазаккур дод, муҳаққиқони ориёишинос дар се асри охир дар марказҳои илмии ҷаҳонӣ дар робита ба омӯзишу таҳқиқи марҳалаҳои рушду такомули забонҳои ориёӣ ба дастоварди назаррас ноил гардиданд. Махсусан, дар давлатҳои аврупоӣ роҷеъ ба таърихи тамаддуни ориёӣ ва таҳқиқи масоили забонҳои бостонии эронӣ осори зиёде рӯи чоп омад. Аз ҷумла, асарҳои «Асосҳои филологияи Эрон» ба забони олмонӣ, «Асосҳои забоншиносии эронӣ» («Основы иранского языкознания») [161; 162] ба забони русӣ, «Роҳнамои забонҳои эронӣ» («Compendium Linquarum Iranicarum») [247] ба забони англисӣ ва асарҳои ховаршиносони ҷаҳон [88] доир ба омӯзиши ин масъала матлаби муҳим доранд. Мувофиқи ақидаи баъзе олимон, дар ҳудуди ҳазораи V то мелод модарзабони ягонаи ибтидоии забонҳои ҳиндуаврупоӣ арзи вуҷуд дошт, ки минбаъд ба шохаҳо тақсим шуд [88, с. 891].

Бояд гуфт, ки дар масъалаи ташхис ва муайян намудани умумияти забонҳои ҳиндуэронӣ дар байни донишмандон то ҳол ихтилофи назар вуҷуд надорад ва ҳамагӣ бар онанд, ки пеш аз ҷудо шудани ақвоми ориёӣ ба ду гурӯҳ (баъзе пажуҳишгарон гурӯҳи сеюм ва ҳатто чорумро илова намудаанд) - эронӣ ва ҳиндӣ, онҳо тайи як марҳалаи ниҳоят тулонӣ бо як забони муштараки умумиориёӣ ё ҳиндуэронӣ ҳарф мезаданд. Марҳалаи мазкур ҳиндуориёӣ ва забони он бо номи умумияти забонии ориёӣ (ҳиндуэронӣ) ё забонҳои ориёӣ (ҳиндуэронӣ) дар байни муҳаққиқон маъмул мебошад, ки албатта эҳтимолӣ ва шартӣ номгузорӣ шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон аз донишманди маъруф, Г. Моргенстерне иқтибос овардааст, ки бар асоси далелҳои забонӣ дар бахши муштаракоти фаровони луғоту истилоҳот дар ин забонҳо ва чанде аз иқтибосоти замони Ҳахоманишиён дар забонҳои ҳиндуориёӣ ба ин натиҷа расидаанд, ки дар асрҳои VI-V пеш аз милод низ кишоварзон ва кӯчиёни ориёии эронӣ ва ҳиндӣ бидуни шубҳа дар муошират гуфтори ҳамдигарро хуб дарк мекардаанд. Гурӯҳи дигари қабилаҳои ориёии эронӣ аз шарқ ба ҷанубу шарқи Аврупо, ба сӯйи Кавказ ва соҳилҳои баҳри Сиёҳ муҳоҷират карданд. Ин мардумон скифҳо ва ё қабилаҳои сакоӣ буданд, ки дар асрҳои IX-VIII пеш аз милод ин сарзаминҳоро макони зисти хеш қарор додаанд [22, с. 55].

Мутобиқи маълумоти бархе муҳаққиқон забони умумиориёӣ эҳтимол, дар ҳазорсолаи III ё аввали ҳазорсолаи II  то мелод мавҷуд буд. Дар замони ҷойгузинӣ дар Осиёи Марказӣ, шимоли ғарби Ҳиндустон, Эрони Шарқӣ, ё андаке баъдтар, забонҳои ориёӣ ба се гурӯҳ ҷудо шуданд: ҳиндуориёӣ, эронӣ ва нуристонӣ (забони «кофирӣ») [245, с. 582].

Як шохаи бузурги он гурӯҳи забонҳои ҳиндуэронӣ мебошад, ки дар хусуси муштаракот ва пайвандҳои таърихии зершохаҳои ин оила имрӯз дар Осиёи Марказӣ, Афғонистон, Эрон ва Ҳиндустон миёни олимон ҳеҷ ихтилофе дида намешавад. Эмомалӣ Раҳмон дар натиҷаи омӯзиши осори муаррихон ба хулосае меояд, ки муҳаққиқони забонҳои бостонии эронӣ дар хусуси забони ягона ва муштараки қабилаҳои ҳиндуэронӣ андеша ва фарзияе беш намедонистанд [5, с. 36]. Дар нимаи дувуми асри XX бошад, олимон ва муҳаққиқони забонҳои бостонии эронӣ, ба монандӣ В.И. Абаев ва Р.Х. Додихудоев дар хусуси вуҷуди забони ягонаи ориёӣ фарзияеро дар мавриди модарзабони махсуси ҳиндуэронӣ ироа менамоянд, ки аз лиҳози замонӣ дертар аз ҳолати модарзабонии ҳиндуавропоӣ аст [162, с. 27]. Вале бояд зикр намуд, ки дар илм бар асоси фарзия наметавон масъаларо ба таври мушаххас ҳал намуд. Ҳарчанд, вуҷуди фарзияҳои мухталиф бар душвории масъала далолат мекунад, дар айни ҳол ироаи хулосаи илмӣ ҳам барои муҳаққиқ

мураккаб мешавад. Дар ин ҳол, танҳо бо таваҷҷуҳ ба сарчашмаҳои таърихӣ метавон ба матолиби судманд даст ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон дар ҳоли вуҷуди фарзияҳои забоншиносӣ бештар ба таҳлили осори хаттӣ ё асосҳои илмӣ таъкид дорад ва дар ин маврид менависад, ки «Забонҳои ҳиндуэронӣ бо доштани манобеи муҳим ва арзишманд дар бозсозии нахустзабони муштараки ҳиндуаврупоӣ дар миёни дигар забонҳои ҳиндуаврупоӣ дорои мартаба ва мақоми хос мебошанд, ки инро пажуҳишҳо ва баррасиҳои илмии беш аз ду аср дар забоншиносии ҳиндуаврупоӣ ва забоншиносии муқоисавии таърихӣ ба хубӣ собит намудаанд» [23, с. 54-85]. Мо метавонем барои тақвияти ин фикр китобҳои муқаддаси ин қавм «Авесто» ва «Ведо»-ро, ки осори забону фарҳанги онҳо аст, мисол биёварем. Дар он муштаракот ва пайвастагиҳои хосаи забонӣ, фарҳангӣ ва диниву суннатии таърихан ташаккулёфтаи ориёиҳои эронӣ ва ҳиндӣ инъикос гардидаанд. Ҳарчанд, ки аз ҳазорсолаи III то мелод ҷудошавии ориёиҳо шуруъ гардида бошад ҳам, муддати тулонӣ умумиятҳои забонӣ дида мешуд. Дар такя ба сарчашмаҳои таърихиву бостоншиносӣ ва забониву ҷуғрофӣ муҳаққиқон ҳудудҳои густариши ақвом ва забони ориёиро аз ҷанубу шарқи Аврупо то Туркистони шарқӣ ва аз ҷануби Сибир то ҷануби Эрон муайян намудаанд. Ориёиҳои шарқӣ бошанд, ба монанди суғдиҳо, бохтариҳо, хоразмиҳо ва дигар қавмҳои марбут ба ин умумияти этникӣ дар ҳудуди Осиёи Марказӣ мавкеъ гирифта буданд [5, с. 44].

Баъд аз таҷзияи қабилаҳои ҳиндуориёӣ ба ду гурӯҳи бузург, яъне эронӣ ва ҳиндӣ Эмомалӣ Раҳмон омӯзиши шеваҳои гуфтории ин ду гурӯҳро дар осораш зарур мешуморад. Аксар муҳаққиқон дар асоси далелҳои мавҷуда зуҳур ва рушди забонҳои бостонии ҳиндӣ ва эрониро ба ҳазорсолаи III то мелод мансуб медонанд. Маҳз дар ҳамин давра қабилаҳои ориёитабори Ҳинд аз ҳамтаборони худ дар Осиёи Марказӣ ҷудо шуда, тавассути Афғонистони муосир ба кишвари Ҳинд ҳиҷрат намуданд. Асоси ин гуфтаҳо далели таҳқиқоти муҳаққиқон ва таҳлили «Ведо» аст [68, с. 33-35].

Эмомалӣ Раҳмон бар асоси таҳлили таҳқиқоти олимон ба хулоса меояд, ки баъд аз ҷудоӣ дар марҳилаи дувуми муҳоҷират як гурӯҳи дигари ориёитаборҳо ба самти сарзамини имрӯзаи Эрон раҳсипор шуданд. Дар натиҷа қабилаҳои эронии ориёӣ ба шарқӣ ва ғарбӣ ҷудо шуданд. Маҳз давраи мустақил шудани забонҳои эронӣ ва ҳиндии ориёӣ аз ҳамдигар оғози даврабандии ин забонҳо ба шумор меравад [108, с. 43-57; 109, с. 37; 159, с. 60-61]. Минбаъд дар заминаи ин раванд марҳалаи такомули забонҳои муосири мардуми ориёитабори Осиёи Марказӣ, Эрон, Афғонистон ва Ҳиндустон оғоз меёбад. Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси даврабандии забонҳои ориёӣ ва таҳаввули минбаъдаи онҳо ба таҳқиқоти забоншиносии муқоисавӣ рӯ меорад. Ӯ аҳаммияти илми мазкурро дар омӯзиши таърихи забонҳои ориёӣ муҳим арзёбӣ мекунад, ки маҳз тавассути он олимони Аврупо бори аввал катибаҳои аҳди бостонро рамзкушоӣ ва имлои забони форсии миёна ва ё паҳлавиро тадвин нумуданд. Донишмандон дар асоси равиши муқоисаи осори забонҳои авестоӣ, форсии бостон, форсии миёна дар муқоиса бо ҳиндии бостон таърихи забони моро аз аҳди бостон то давраи нав бар асоси манобеи хаттӣ бо таври амиқ таҳқиқ карданд [5, с. 47].

Масъалаи дигаре, ки дар миёни олимон баҳси доманадоре ба вуҷуд овард, даврабандии таърихи рушду такомули забонҳои эронӣ мебошад. Муаллифони китоби «Асосҳои забоншиносии эронӣ» дар асоси таҳили чанд фарзияи илмӣ ба чунин хулоса омаданд, ки «Он чи ки ба масъалаи даврабандии таърихии забон дахл дорад, на танҳо ҳал, балки гуфтан мумкин аст, ҳанӯз ба таври воқеӣ масъалагузорӣ нашудааст» [162, с. 62]. Қобили зикр аст, ки дар бархе аз осори илмӣ даврабандии забонҳои ориёӣ на танҳо аз рӯи осори хаттӣ, балки аз рӯи меъёрҳои забонҳои зинда ва матрук ироа шудааст. Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус чунин андеша дорад, ки агар ин вижагиҳо ба эътибор гирифта шаванд, пас забонҳои бостонии эрониро ба забони эронии миёна ва нав ҷудо намудан мумкин аст. Ҳамзамон, масъалаи камбуди намунаи осори хаттии забонҳои мухталифи эронӣ низ омӯзиши ин мавзуъро печидатар менамояд. Маҳз дар асоси омӯзиши маъхазҳои хаттӣ марҳалаҳои

рушду такомул, вижагиҳои овӣ, луғавӣ ва сохтори грамматикии ҳар забон дар тули ҳазорсолаҳо ташхису дақиқ мешавад.

Бояд гуфт, ки Эмомалӣ Раҳмон бешатар ба омӯзиш ва таҳлили таърихи гурӯҳи забонҳои эронӣ таваҷҷуҳ менамояд. Ӯ забонҳои эрониро дар асоси намунаи осори хаттӣ аз назари вижагиҳои таърихӣ ва овӣ ба ду гурӯҳи бузурги ғарбӣ ва шарқӣ тақсим менамояд: ғарбӣ (шимоли ғарбӣ – модӣ, портӣ, курдӣ, толишӣ, симнонӣ, балуҷӣ ва ғ., ҷанубии ғарбӣ – форсии бостон, форсии миёна, форсӣ, тоҷикӣ, тотӣ, лаҳҷаҳои Форс ва ғайра) ва шарқӣ (шимоли шарқӣ – скифӣ, аланӣ, суғдӣ, хоразмӣ, осетинӣ ё осӣ, яғнобӣ) ва ҷануби шарқӣ – саккоӣ, бохтарӣ (кӯшонӣ), афғонӣ (пушту), мунҷонӣ, забонҳои помирӣ [5, с. 55]. Сайёҳон ва муаррихон муштаракоти забонҳои эрониро бештар ба пайвандҳои таърихии ҳомилони тамаддуни ориёӣ – форсҳо, модҳо, ариҳо, бохтариён ва суғдиён нисбат медиҳанд. Эмомалӣ Раҳмон низ дар асоси таҳлилу баррасии амиқ осори ин ақидаи муҳаққиқонро дастгирӣ менамояд. Олими дигар Н.Я. Бичурин барои исботи ин андешаҳо навиштаи сайёҳи чиниро бо номи Чжан-Тсян иқтибос меорад, ки : «Аз Давон (Фарғона) ба тарафи ғарб то давлати Ансӣ (Порт) гарчи дар шеваи гуфторӣ тафовут ба назар мерасад, забони онҳо ба ҳамдигар хеле монанд аст ва дар гуфтугӯ ҳамдигарро дарк менамоянд» [74, с. 161-188].

Масъалаи дигаре, ки роҷеъ ба забоншиносии ақвоми ориёӣ дар маркази таваҷҷуҳи Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифтааст, норасоии осори хаттӣ ба забонҳои мухталифи эронӣ ба ҳисоб меравад. Дар робит ба ин таъкид мегардад, ки бархе аз забонҳои эронӣ (масалан, забони тоҷикӣ-форсӣ) барои тамоми давраҳои инкишофи худ, албатта аз лиҳози замонӣ нобаробар, осори хаттӣ дорад, вале аксари забонҳои эронӣ на танҳо барои ҳар се марҳала осори хаттӣ надоранд, балки худи пайдоиши ин забонҳо ба давраҳои мухталифи ин даврабандӣ рост меояд [5, с. 52].

Дар таърихи бисёре аз забонҳои эронӣ давраҳо ва марҳалаҳои тулоние мавҷуданд, ки осори хаттие ба ин забонҳо боқӣ намондааст ва ин муддат ҳатто ҳазорсолаҳоро фаро мегирад. Масъалаи мазкур дар таърихи инкишофи

гурӯҳи забонҳои эронӣ агар аз як ҷониб таҳқиқ ва пажӯҳиши марҳалавии онро душвор гардонанд, аз ҷониби дигар ҳатто баромад ва таҳқиқи решашиносии онҳоро на танҳо душвор, балки дар баъзе ҳолатҳо ҳатто имконнопазир мегардонанд. Дар робита ба ин метавон аз таърихи забони тоҷикӣ мисол овард. Таърихи забони тоҷикӣ (форсӣ) тақрибан аз асрҳои VI то милод ба андак доғҳои сафед (тахминан 600 соли баъди инқирози сулолаи Ҳахоманишиён то қарни III мелодӣ) бо осори ғанӣ ва рангини назмиву насрӣ ва ғайра давра ба давра маълум аст. Вале забонҳои дигари эронӣ ин гуна осори хаттиро барои се марҳилаи инкишоф надоранд ва аксари онҳо фақат дар садаҳои ахир соҳиби осори хаттӣ шудаанд ва ё барои онҳо дар садаҳои охир алифбо тартиб додаанд. Забонҳои курдӣ, пушту, осетинӣ мутаносибан аз асрҳои XI, XII, XIII ва охири асри XVIII осори хаттӣ доранд. Таърихи баъзе забонҳои эронии мавҷудро бештар аз рӯйи сабти гӯйишҳо, ки дар садаҳои охир ҷамъоварӣ шудаанд, метавон таҳқиқ кард. Ин даврабандӣ, ки ба таърихи дигар забонҳои эронӣ низ иртибот дорад, дар асоси осори ҳар яке аз даврaҳои таърихии забони тоҷикӣ (порсӣ) муқаррар шудааст [160, с. 96-103].

Дар ин хусус ҳақ бар ҷониби Эмомалӣ Раҳмон аст, ки таъкид менамояд: «Маҳз даврaҳои таърихии ташаккули ҳар кадом забон дар асоси осори хаттии ҳар як давраи инкишоф ташхис ва таҳқиқ гардида, чигунагии ташаккули вижагиҳои овоӣ, луғавӣ ва сохти грамматикии забон дар тули ҳазорсолаҳо муайян карда мешавад. Ба воситаи осори хаттии даврaҳои таърихӣ мо метавонем таҳаввулоти забонро аз он даврони дури таърих то ба имрӯз мушоҳида намоем. Ҳама он таҳаввулоти забонӣ, ки ба қоидаҳо ва қонуниятҳои дохилии он иртибот дорад, дар осори хаттии даврaҳои таърихӣ дарҷ гардида, равиши ташаккули забонро дар ҷомеа дар иртибот ба омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ акс менамояд» [5, с. 53].

Бояд гуфт, ки он забонҳо ва лаҳҷаҳое, ки ба лаҳҷаҳои қадими қисми ғарби Эрон дахл доранд, ба гурӯҳи ғарбӣ ва ҳама он забонҳову лаҳҷаҳое, ки ба лаҳҷаҳои куҳани ориёии шарқӣ (ҳудуди Осиёи Миёна ва як бахши Хуросон) марбутанд, ба гурӯҳи шарқӣ шомиланд. Дар ин хусус Эмомалӣ

Раҳмон тазаккур медиҳад, ки то миёнаи ҳазорсолаи пеш аз мелод миёни забонҳои ғарбӣ ва шарқӣ тафовути назаррас вуҷуд надоштааст. Аммо аз ин давра ба баъд миёни ин забонҳо тафовутҳо бештар мегарданд, ки инро дар мисоли муқоисаи тамоми забонҳо ва лаҳҷаҳо дар ҳама давраҳои таърихӣ бар асоси осор метавон мушоҳида намуд. Осори хаттии давраҳои таърихии забонҳои ориёӣ якҷо бо осори мероси фарҳангию бостоншиносӣ ва номҳои таърихии ҷуғрофии ин кишварҳо далели раднопазир роҷеъ ба гузаштаи дури мардумони ориёӣ дар сарзаминҳои таърихии зисти онҳо то ба имрӯз маҳсуб меёбанд. Номҳои ҷуғрофии таърихии Хуросону Мовароуннаҳр харитаи густариши забонҳо ва лаҳҷаҳои куҳани ориёии шарқӣ ва муҳимтарин шоҳид аз таърихи сукунати қавмҳои ориёӣ дар ин сарзаминҳо ба шумор мераванд [5, с. 54].

Эмомалӣ Раҳмон гурӯҳи забонҳои ориёиро аз рӯи чанд вижагӣ, махсусан мабдаи таърихӣ ва марҳалаи тарвиҷу такомулашон ба чанд шоха тақсим менамояд, ки дар ҷои аввал **забони авестоӣ** қарор дорад. Мувофиқи таҳлили ӯ, забони авестоӣ бар асоси матни китоби «Авесто» ду лаҳҷа дорад, лаҳҷаи қисми аввали китоб «Готҳо» нисбат ба дигар бахшҳо қадимтар мебошад. Дар гӯйиши ин қисм ҳам хусусияти забонҳои эронии шарқӣ ва ҳам эронии ғарбӣ мушоҳида мешавад. Ӯ далели асосии қадим будани лаҳҷаи готиро дар наздикӣ ва муштаракоту ҳамоҳангии он бо забони «Ведаҳо»-и санскрит мебинад. Маълум аст, ки номи ин забон аз номи китоби муқаддаси зардуштиён «Авесто» муштақ шудааст. Ба қавли аксар олимон, дар ибтидо матни навиштории «Авесто» вуҷуд надошт ва дар замони Ҳахоманишиён ин китоб гирдоварӣ, вале бадан аз ҷониби юнониён оташ зада шуд. Минбаъд дар давраи Ашкониён ва Сосониён бо хатти диндабира китобат шуд, ки аз ду лаҳҷа «готӣ» (қадимӣ) ва «хурдавестоӣ» иборат буд [7-М, с. 61-62].

Мутобиқи маълумоти бархе аз донишмандон забони авестоӣ ба ду вариант ҷудо мешуд: кӯҳнаавесто (ё забони Готҳо, сурудҳое, ки муаллифашон худи Зардушт буд) ва ҷавонавесто, ки ба он қисми зиёди Авесто тартиб дода шудааст [245, с. 585]. Ҳарду ин варинатҳо ба ҳам хеле

наздиканд, новобаста аз он ки забони Готҳо назар ба ҷавонавесто куҳантар мебошад.

Масъалаи дигаре, ки дар осори Эмомалӣ Раҳмон мавриди таҳлил қарор мегирад, ин ба кадом гурӯҳи забонҳои эронӣ нисбат доштани забони авестоӣ аст. Ӯ дар ин хусус иброз менамояд, ки «Агар қисматҳои қадимии «Авесто» – «Готҳо» бештар аз лиҳози забоншиносӣ хусусияти шарқии эронӣ дошта бошад, бахшҳои дигари он бештар махсусияти забонҳои ғарбии эронӣ, ба вижа гӯйишҳои шимоли ғарбӣ дорад» [5, 58].

Дар ин радиф, мебояд ба ақидаи олимони дигари эроншинос низ назар андозем. Бархе аз онҳо, аз қабили А. Мейе ва П. Тедеско забони авестоиро ба гурӯҳи забонҳои шимолу ғарбии эронӣ марбут медонанд [363, с. 255]. Баъзе олимон аз он бо номи забони бохтарии қадим ёд мекунанд. Мувофиқи ин назар авестошиносон муътақиданд, ки чун қисматҳои аввалини он дар Бохтар суруда шуд, баъдан ба сарзамини Мод ва марказҳои дигари тамаддуни ориёӣ паҳн гардид [162, с. 133]. Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади тақвият додани назари хеш аз навиштаи олими аврупоӣ Ф. Алтҳайм иқтибос меорад, ки сурудаҳои шифоҳии забони авестоӣ баъд аз чанд муддат дар асри VI то мелод бори аввал аз тарафи муъбадони зардуштӣ дар аҳди Ҳахоманишиён бо хатти оромӣ китобат шуд. Мувофиқи маълумоти ӯ, матни «Авесто» минбаъд дар Суғд бо хатти оромӣ тадвин ва дар замони Кушониён матни комилтари он бо таваҷҷуҳ ба баъзе вижагиҳои овоии забони юнонӣ таҳия гардид [350, с. 66]. Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми баррасии макони пайдоиш ва такомули забони авестоӣ бо таваҷҷуҳ вижагиҳои овоии он хулоса меояд, ки ин осор, яъне китоби Авесто на дар як макону замон, балки дар даврони гуногун ва сарзаминҳои мухталиф эҷод шудааст. Ба андешаи ӯ, дар Авесто вижагиҳои забонӣ, аз ҷумла ҷиҳатҳои фарқкунандаи лаҳҷавӣ ба назар мерасад [5, с. 60]. Чунин назария дар осори И.В. Оранский низ мушоҳида мешавад, ки вижагиҳои овоӣ дар «Авесто» далели пайвастагии он ба забонҳои суғдӣ ва хоразмӣ мебошад [159, с. 97].

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон ва муҳаққиқони дигари соҳа ба хулоса омадан мумкин аст, ки забони авестоӣ новобаста аз замон ва макони пайдоишаш як аз шохаи бостонии забони ориёиҳои Эрону Осиёи Марказӣ аст, ки минбаъд дар такомули забонҳои суғдӣ, хоразмӣ ва бохтарӣ нақши муассир гузошт. Аз сӯи дигар, он ба унвони забони осори динӣ ва дигар унсурҳои фарҳангии мардуми ориёӣ баромад менамуд. Дар ин хусус ҳақ бар ҷониби Эмомалӣ Раҳмон аст, ки таъкид намудааст: «Арзиши забони авастоӣ ҳамчун намунаи забони ориёии бостон на танҳо дар шинохти таърихи забонҳои эронии муосир, балки якҷо бо забони «Веда» дар бозсозӣ ва дарёфти нахустзабони ҳиндуаврупоӣ низ аз манбаъҳои муҳим эътироф гардидааст» [5, с. 61].

Бояд гуфт, ки дар осори Эмомалӣ Раҳмон марҳалаҳои рушди забонҳои ориёӣ аз рӯи вижагиҳои овоӣ ва тасрифии онҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Дар навбати худ таърихнигорӣ низ дар масъалаи шинохти таърихи такомули забон қонуниятҳои хешро дорад, як бахши он даврабандии таърих аст. Эмомалӣ Раҳмон низ ҳангоми дастабандии забонҳои ақвоми ориёитабор ин меъёрро ба инобат мегирад. Ин аст, ки ӯ дар натиҷаи таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқони соҳа дар ҷойи дувум забони моддиро дастабандӣ менамояд. Дар осори ӯ бо сабаби камбуди сарчашмаҳои муътамад танҳо ба вижагӣ ва минтақаи густариши забони модӣ таваҷҷуҳ мешавад. Аз ҷумла, давраи такомули забони модиро ӯ ба замони муҳоҷирати қабилаҳои эронии модҳо ва таъсиси давлати пурқудрати Модҳо марбут медонад [5, с. 63]. Аксар муҳаққиқон бар асоси таҳлили манобеи хаттии ошурӣ муҳоҷирати қабилаҳои ориёиро ба қисматҳои ғарбии Эрони муосир тахминан ба асри якуми ҳазорсолаи I то м. мансуб месозанд [96, с. 67]. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқони дигар, дар катибаҳои ошурӣ соли 835 то мелод аз модҳо ва соли 843 то мелод аз кишвари Порсуа ёд мешавад, ки он аввалин маълумоти катбӣ дар бораи порсҳо мебошад. Пас аз ин номи вилояти Порс ба вуҷуд омад [388, с. 94; 109, с. 161; 158, с. 479, 480]. Олирағми ноҳамгунии маълумот, аксар муҳаққиқон тахмин менамоянд, ки шояд

аллакай дар асрҳои VII-VI то м. забони гуфтории ориёиҳои эронӣ то наздикиҳои соҳили халиҷи Форс паҳн шуда буд [160, с. 64]. Дар ин замина, минбаъд ин ду забони бостонии ориёиҳо дар давлати Мод ва Форс мақоми расмӣ ёфтанд. Ин гуфтаро мо метавонем бар асоси навиштаи Эмомалӣ Раҳмон асоснок намоем, ки забони модӣ дар ибтидо чун дар навоҳии шимолу ғарбии Эрон густариш ёфт, дар давраи давлатдории Мод ҳамчун забони давлатӣ пазируфта шуд. Ӯ дар ин хусус ӯ таъкид менамояд, ки маркази асосии интишори забони модӣ пойтахти давлати Модҳо шаҳри Экботан маҳсуб меёфт [5, с. 64]. Таҳлили осори олимони соҳа ва Эмомалӣ Раҳмон нишон медиҳад, ки аз забони модӣ то ҳол намунаи осор ё наввиштае боқӣ намондааст.

Ҳамин тавр, Эмомалӣ Раҳмон бо таваҷҷуҳ бо намуни чанд калимоти моддӣ дар забони юнонӣ, форсии бостон, бобулӣ, эломӣ ва андешаҳои олимони варзида дар хусуси ин забони бостони ориёӣ маълумоти мушаххас пешниҳод менамояд, ки матлаби он дар омӯзиши ин унсури фарҳанги ориёӣ муассир аст [7-М, с. 61-62].

Эмомалӣ Раҳмон дар радифи забонҳои бостонии ориёӣ дар осораш ба баррасии **забони форсии қадим** таваҷҷуҳ менамояд. Шоёни зикр аст, ки нисбат ба дигар забонҳои бостонӣ дар хусуси забони форсии қадим то ҷое маъхази хаттӣ вуҷуд дорад. Махсусан, катибаҳои шоҳони ҳахоманиш муҳимтарин намунаи осори катбии ин забон аст. Эмомалӣ Раҳмон зимни таҳлили осори муаррихони касбӣ ба аҳаммияти ин сарчашмаҳои хаттӣ ишора менамояд. Махсусан, ӯ бар асоси сангнавиштҳои даврони Дорои I зикр менамояд, ки ин забон дорои хату алифбо ва луғоти муайян мебошад [5, с. 64]. Аз даврони Ҳахоманишиён то имрӯз чанд катиба дар минтақаҳои мухталифи Тахти Ҷамшед, Порс, Мод ва Элом дар рӯи тахтасангҳо, оромгоҳи шоҳон, девору сутунҳои қасри шоҳон ва олоти филиззӣ ҳаккокӣ шудаанд. Маъмултарини онҳо катибаҳои Бесутун, Тахти Ҷамшед, Шуш, Нақши Рустам, Алванд ва Ҳамадон аст. Мувофиқи таҳқиқоти муҳаққиқон ин

катибаҳо намунаи шеваи гуфтории вилояти Форс аст, ки онро дар илми забоншиносӣ шартан «забони форсии бостон» меноманд [189, с. 8].

Мутобиқи маълумоти бархе аз донишмандон забони авестоӣ ба ду вариант ҷудо мешуд: кӯҳнаавесто (ё забони Готҳо, сурудҳое, ки муаллифашон худи Зардушт буд) ва ҷавонавесто, ки ба он қисми зиёди Авесто тартиб дода шудааст [245, с. 585]. Ҳарду ин варинатҳо ба ҳам хеле наздиканд, новобаста аз он ки забони Готҳо назар ба ҷавонавесто куҳантар мебошад.

Ин забони минбаъд дар замони Ҳахоманишиён мақоми расмӣ гирифт. Дар катибаи хатти мехии Дорои I бо номи ориёӣ ёд мешавад. Чунончӣ дар катиба «Шоҳ Дориюш гӯяд: ба хости Аҳурамаздо ин навиштаи ман (аст), ки ман кардам, ҳамчунин ба (забони) ориёӣ буд, ҳам дар лавҳ, ҳам дар чарм нигошта шуд» [356, с. 130-132].

Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус зикр месозад, ки ин забон дар давраи Ҳахоманишиён бо номи ориёӣ, дар замони Сосониён (асрҳои III-VII мелодӣ) бо номи вилояти Порс ҳамчун pārsīg (порсӣ) ва баъдан ба шакли муарраби он – форсӣ маъмул гардид [5, с. 65].

Муҳаққиқон дар хусуси пайванди забони форсии қадим бо гурӯҳи дигари забонҳои ҳиндуориёӣ ҳар гуна далел ироа менамоянд. Махсусан, фарҳангшиноси тоҷик М. Ҳазратқулов муътақид аст, ки забони форсии бостонӣ бо санскрит пайванди зиёде доштааст. Ӯ дар ин маврид аз сохти грамматикӣ ва фонди луғавии ин забонҳо мисол меорад [237, с. 78]. Аз таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ маълум мегардад, ки аз замони таҷзияи забони ориёии эронӣ ва ориёии ҳиндӣ то давраи навишта шудани катибаҳои ҳахоманишӣ тақрибан ҳазор сол сипарӣ шуда буд. Дар ин хусус Эмомалӣ Раҳмон барҳақ менависад, ки «Дар ин давраи бисёр тулонӣ дар забонҳои шарқӣ ва ғарбии эронии бостон ҳам дар бахши савтиёт ва ҳам бахши дастури забон тағйироту таҳаввулоти таърихӣ рух додааст, ки инро дар мисоли осори забонҳои авестоӣ ва форсии бостон метавон мушоҳида кард» [5, с. 65-66].

Ҳамин тариқ, мо бар асоси таҳлилу омӯзиши осори Эмомалӣ Рамҳмон ва дигар муҳаққиқон ба хулоса омадем, ки забони форсии бостон чанд тафовут дошт:

- дорои алифбо, хат ва луғоти муайян буд;
- доираи корбурдаш доираи весеъро фаро мегирифт;
- забони давлатии нахустин империяи ориёиҳо – Ҳахоманишиён буд;
- муҳимтарин осори бозмондаи он катибаҳо имрӯз дар таърихи тамаддуни ориёӣ ягона василаи ташхиси забонҳои дигари бостони мардуми ориёитабор мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми баррасии таърихи фарҳанги ақвоми ориёӣ ба таҳлилу омӯзиши баъзе ҷанбаҳои илмии забони форсии миёна рӯ меорад. Ин забони аз рӯи даврабандӣ баъд аз забони форсии бостон қарор дорад. Ӯ марҳилаи дувуми такомули забони тоҷикӣ-форсиро ба унвони забони форсии миёна ба замони империяи дигари ориёӣ – Сосониён марбут медонад. Ӯ аз ин забон ба сурати пайвандгари миёнаи давраи бостон ва нав тавсиф менамояд, ки аз замони заволи давлати Ҳахоманишиён то паҳншавии ислом, яъне асрҳои VII-VIII мелод корбурд дошт [5, с. 66].

Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба омӯзиши масъалаи мазкур бештар ба маълумоти олимони аврупоӣ руҷуъ менамояд, ки манбаъи асосии кори онҳо катибаҳои паҳлавӣ, навиштаҷоти рӯи сиккаҳо, муҳрҳо, пӯст, папирус, «Забур»-и паҳлавӣ ва осори монавӣ ва зардуштӣ аст. Ҳамчунин, дар осори ӯ аз матнҳои паҳлавии катбӣ ёд мешавад, ки дар омӯзиши забони форсии миёна муфиданд. Имрӯз ин осор дар илм бо номи осори паҳлавӣ маълум аст [170, с. 48-89; 161, с. 9-16; 230, с. 13-79; 336, с. 83-352]. Осори катбии замони Сосониён ба монанди «Динкард», «Бундаҳиш» (Нахустофариниш), «Додистони дениг» (Достонҳои динӣ ё қазоват дар бораи дин) [5., с. 67-68] дар айни замон аз манбаъҳои муҳимми забоншиносӣ шуморида мешаванд.

Нававарии асосии форсии миёна дар муқоиса бо форсии қадим соддакунии моделҳои тасрифкунӣ буд (қариб пурра аз байн рафтани анҷомаҳои падежӣ, инкишофи шаклҳои таркибии феълӣ), ҳамчунин гузариш

аз j ба z, нармии ҳамсадоҳои гуногун баъди садонокҳо ва дар байни садонокҳо [245, с. 589].

Дар осори Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои дигари забони форсии миёна, аз қабили марҳалаҳои такомули он таваҷҷуҳ мешавад. Ӯ бар асоси таҳлили маъхазҳои катбии сосонӣ ба хулоса меояд, ки забони форсии миёна ду марҳалаи такомул дорад: паҳлавӣ ва монавӣ. Ҳамчунин, зикр менамояд, ки номи забони паҳлавии сосонӣ аз як лаҳҷаи ҷануби Эрон вилояти Форс мушта шуда, ҳазор сол, яъне аз асри IV то м. то асрҳои VII-VIII арзи вуҷуд дошт [5, с. 68]. Аз ин бар меояд, ки лаҳҷаи мазкур ҳанӯз аз даврони Ҳахоманишиён миёни ақвоми ориёии Эрон ва қисмати ғарбии Осиёи Марказӣ маъмул буд. Он ҳамчун унсури асосии тамаддуни ориёӣ дар такомули забонҳои имрӯзаи мардумони минтақа таъсири амиқе гузошт. Мувофиқ бар осори Эмомалӣ Раҳмон таърихи инкишофи забони форсии миёна ба аҳди ашкониён ва сосониён тақсим шудааст. Дар ҳар ду марҳала расмулхатти он оромӣ буд [5, с. 68-69]. Қобили зикр аст, ки ин забон то вуруди арабҳо ба сарзамини Сосониён ва Осиёи Марказӣ ба таври маъмул дар густариши тамаддуни ориёӣ нақши бориз гузошт.

Зершохаи дигари забонҳои эронии миёна – портӣ (паҳлавии ашконӣ) дар осори Эмомалӣ Раҳмон мавриди таҳлилу омӯзиш амиқ қарор гирифтааст. Мувофиқи ташхиси муҳаққиқон, забони портӣ ба гурӯҳи ғарбии забонҳои эронӣ дохил мешуд, ки ҳомилони он ақвоми портҳо дар шимолу шарқи Эрон сукунат доштанд. Намунаи маъхаз ва осори катбии ин забон ҳангоми ҳафриёти шаҳри Нисо ба даст омаданд. Баъзе муҳаққиқон бар асоси омӯзиши ин осори ба хулосае омаданд, ки дар ибтидои асри III то мелод забони портӣ дар Порт мақоми расмӣ дошт [181, с. 156]. Эмомалӣ Раҳмон бо таваҷҷуҳ ба тамоми вижагиҳои забони портӣ ба хулоса меояд, ки он бо забони форсии миёна наздикӣ дошт. Дар ин хусус, ӯ ба муштаракоти хат, мифология ва фонетикаи онҳо ишора менамояд. Махсусан, вай аз алифбои забони портӣ ёд мекунад, ки ба монанди дигар гурӯҳи забонҳои эронии миёнаи ориёитаборҳо расмулхатти оромӣ дошт. Ӯ хусусияти дигари забони портиро ба он рабт

медиҳад, ки он ҳамчун забони динии монавиён истифода мегардид [5, с. 69]. Аз ҷониби дигар, забони портиро забони паҳлавии ашконӣ низ меноманд, ки давоми такомули забонҳои ориёии эронии бостон маҳсуб меёбад. Ҳамин тавр, аз навиштаҳои Эмомалӣ Раҳмон ва муаррихони дигари ориёишинос маълум мешавад, ки мабдаи густариши забони паҳлавии ашконӣ ба унвони унсури асосии тамаддуни ориёӣ сарзамини ғарбу ҷануби Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад.

Забони портӣ ба зергурӯҳи шимоли ғарби забонҳои эронӣ дохил мешуд. Он асосан дар ду варианти хат боқӣ мондааст: оромии идеографӣ ва монӣ. Рушди таърихии забони портӣ аз бисёр ҷиҳат ба форсии миёна монанд мебошад [245, с. 589].

Хулоса, аз навиштаҳои боло маълум мешавад, ки Эмомалӣ Раҳмон барои таснифи дурусти марҳалаҳои рушду такомули забонҳои бостони қавмҳои ориёитабори Эрону Осиёи Марказӣ аз натиҷаи охирин таҳқиқоти муҳаққиқон, махсусан донишмандони аврупоӣ суд бурда, дар инъикоси ин масъала пеш аз ҳама ба қонуниятҳои илми забоншиносии муқоисавӣ ва хронологияи таърихӣ таваҷҷуҳ намудааст. Аз ин лиҳоз, дар осори ӯ масъалаи даврабандӣ ва дастабандии хонаводаи забонҳои ҳиндуэронӣ аз дигарон фарқ мекунад. Дар замони истиқлоли Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон яке аз ҳаводорони таъриху тамаддуни ориёӣ мебошад, ки дар бобати унсури марказии он – забон китоби махсуси илмӣ рӯи чоп овард. Китоби мазкур дар рӯшан намудани баъзе масъалаҳои мубрами таърихи рушду такомули забонҳои бостонии ниёкони мо ҳамто надорад. Ӯ нақши ҳар як забонро вобаста ба вижагиҳои овоӣ, тасрифотӣ ва корбурди онҳо дар умури идории давлаҳои ориёӣ бар асоси маъхазҳои забоншиносӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Махсусан, ӯ омилҳои зуҳури гурӯҳу шохаи забонҳои ақвоми ориёиро дар таърихи тамаддуни башарӣ хуб баррасӣ менамояд. Эмомалӣ Раҳмон мекӯшад дар асоси шинохти дурусти пайвандҳои хонаводагии забонҳои модӣ, форсии бостон, форсии миёна, портӣ, бохтарӣ, суғдӣ ва

намунаи осори бозмондаи онҳо марҳалаҳои такомули забони имрӯзаи тоҷикиро амиқтар муаррифӣ намояд.

## 2.2. Сатҳи омӯзиши эътиқод ва оинҳои динии ориёиҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон

Эътиқод, боварӣ ва дину оин аз ҷумлаи падидаҳои муҳимми фарҳанг аст, ки таърихи тафаккури ақлӣ ва мантиқии ин ё он мардумро собит месозад. Ориёиҳо аз ҷумлаи халқҳое мебошанд, ки барои шинохти дурусти ҳаводиси табиӣ ба шавоҳид ва рафторҳои марбут мутавассил мешуданд. Дар хусуси расму оин ва боварҳои бостонии ақвоми ориёӣ ҳанӯз Ҳеродот ва дигар донишмандон маълумот дода буданд. Дар масъалаи шинохти эътиқод ва оинҳои динии ориёиҳо таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ба мисли М. Бойс [267], Г.М. Бонгард-Левин, Э.А. Грантовский [80], И.М. Стеблин – Каменский [175], Л.С. Васильев [84], А. Мейе [148], И.С. Брагинский [181], Ҷ. Оштиёнӣ [316], А. Қадиёнӣ [294], Пурдовуд [321, 322], Ҷ. Ҳиннелз [344], Ҷ. Дӯстхоҳ [270], Р. Фрай [180], Х.Х., Муминҷонов [214, 215], М.Д. Диноршоев [208], Н. Ходжаева [384, 385] ва дигрон хеле судманд аст.

Дар радифи муҳаққиқони касбӣ, ҳамчунин масъалаи эътиқод, боварӣ ва дину оинҳои ниёкони тоҷикон – ориёиҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Ӯ ин масъаларо дар як боби китобаш «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» [18] бар асоси натиҷаи пажуҳиши олимон таҳлил менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси омӯзиш ва таҳлили дину оинҳои бостонии қавмҳои ориёӣ ба чунин масъалаҳо таваҷҷуҳ менамояд:

- шаклгирии бовариҳои мардумӣ дар миёни ақвоми ориёӣ;
- вижагиҳои эътиқод, боварӣ ва дину оинҳои ақвоми ориёӣ;
- марҳалаҳои асосии такомули боварҳои мардумии ақвоми ориёӣ;
- нақши боварҳои мардумӣ дар пешрафти тамаддуни ориёӣ.

Ориёиҳо ба монанди қавмҳои дигар дар аввал ба ҳодиса, унсур ва падидаҳои дигари табиӣ эътиқод доштанд [134, с. 48]. Эмомалӣ Раҳмон дар асоси баррасии сарчашмаҳои бостоншиносӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқон ба чунин натиҷа мерасад, ки ориёиҳо низ аз фарҳангу боварҳои ниёкон пайравӣ мекарданд. Чи дар сатҳи оила ва чи дар сатҳи ҷомеа барои ориёиҳо оташ муқаддас буд. Суннати ин арҷгузорӣ нисбат ба оташ, ки ҳамчун рамзи покӣ эътироф мешуд, миёни қавмҳои ориёиҳои эронӣ ва ҳиндӣ аз «Авесто» ва «Ведо» сарчашма мегирифт. Масалан худои оташ дар миёни ведоиён бо номи Агонӣ ва қавмҳои авестоӣ бо номи Атар маълум буд [18, с. 268].

Тибқи таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон ва дигар муаррихон ориёиҳо дар радифи эзадони зардуштӣ ба худоҳои дигар, ба монанди Индра, Митро, Варуна ва Агниро эътиқод доштанд. Митро дар ибтидо чун худои нигаҳбони аҳду паймон, баъдан худои ҷангу пирӯзӣ, фурӯғ, рушноӣ ва сарояндаи оила маъруф гардидааст [134, с. 68-69]. Мувофиқи маълумоти муаллифи асари «Скифҳо», ориёиҳои ғарбӣ, ки дар байни юнониён бо номи скифҳо машҳур буданд, дар ҳазорсолаи III-то мелод то соҳилҳои Днепр минтақаи сукунати худро васеъ карданд.

Ба назари Эмомалӣ Раҳмон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, як рамзи муқаддаси боварҳои мардумии ақвоми ориёӣ оташ буд, ки намунаи он дар таълимоти зардуштӣ ва оинҳои дигари ибтидоӣ мушоҳида мешавад. Онро мардуми дашту кӯҳистон сарчашмаи ҳаёт медонистанд. Дар ин радиф Эмомалӣ Раҳмон аз навиштаи Мери Бойс дар мавриди оини бостонии қурбонӣ иқтибос меорад, ки аз се унсур иборат буд. Дар асл рақами се ва ҳафт дар байни ориёиҳо ба манузури мафҳуми муҳимми офариниш муборак шумурда мешуд. Дигар оини хосси ориёиҳо ин буд, ки онҳо бидуни зарурат ба куштори ҳайвонот даст намезаданд. Тибқи ин оин рӯҳи ҳайвонот ҷовидон буд ва аз ин нигоҳ ҳайвонро пеш аз қурбонӣ бо дуову аврод тақдис ва татҳир менамуданд [267, с. 20-21].

Таҳлил ва омӯзиши осори Эмомалӣ Раҳмон нишон медиҳад, ки бо мурури замон боварҳои мардум баробари рушди тафаккури ақвом нисбат ба

зиндагӣ ва олам тағйир ёфт. Барои мисол метавон аз «Ведо» ва «Авесто» ҳарф зад. Ҳамчунон, ба назари баъзе муҳаққиқон, ориёиҳо ҳанӯз то зуҳури Зардушт ба эзадон ва худоёни зиёд эътиқоду боварӣ доштанд [267, с. 19]. Яъне гуфтан мумкин аст, ки ориёиҳо дар заминаи эътиқод тафаккури хеле қадим доштанд, намунаи он боварӣ ба қувваҳои фавқулодда аст. То замони Зардушт дар таълимоти динии мардуми ориёӣ эзадони зиёде ба мисли Атар (оташ), Вота (фариштаи бод), Ҳаума, Геуша–Урвана (рӯҳи Гови нахустин) мавриди парастиш қарор гирифта буданд. Ҳамчунин, Эмомалӣ Раҳмон аз эзадони дигари ориёӣ ёдовар мешавад, ки намоди унсурҳои мухталифи табиат, нигаҳдори осмону замин, боду ҳаво ва хуршеду моҳ буданд. Масалан, Осмон номи худои чарх Зам ё Замин – номи худои хок, Моҳ – номи худои моҳ, Хвар - номи худои Хуршед, Вота – номи Худои бод ва Ваю номи худои ҳаво буданд [18, с. 267].

Эмомалӣ Раҳмон дар осори худ барои собит намудани афкори муштараки мазҳабии ақвоми ориёиҳои эронӣ ва ҳиндӣ аз «Авесто» ва «Ригведа» – қисмати аввали «Ведо» чанд мисол меорад. Масалан, ӯ аз Ваю-худои ҳаво ёдовар мешавад, ки ҳам дар «Ригведа» ва ҳам дар Авесто васф шудааст. Худои дигар Вота абрҳоро дар осмони ҳафт кишвар идора мекард ва бо ёрии Тиштрия дар болои кишварҳои об мепошид. Ориёиҳои бостон бовар доштанд, ки ҷаҳони онҳо аз ҳафт иқлим, қитъа ва ё мамлакат иборат аст. Номи ҳар як аз кишварҳо дар Вандидод ва Меҳряшт зикр шудааст [18, с. 267].

Донишманди тоҷик Х. Муминҷонов бар асоси таҳлили маълумоти Ригведа ва «Авесто» ба хулоса меояд, ки мувофиқи эътиқоди ориёиҳо дар табиат қонуне ҳукмфармо буд, ки дар асоси он офтоб, фаслҳои сол ва шабу рӯз гардиш мехурданд ва ба ин васила ҳастии инсон низоми муайяне мегирифт. Қонуни мазкур дар «Авесто» – аша ва дар «Ригведа» – рта ном гирифта буд [150, с. 231].

Ҳамчунин, бояд гуфт, ки дар осори Эмомалӣ Раҳмон вижагии расму оин ва боварҳои ақвоми ориёӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар

ин хусус ӯ зикр менамояд, ки «Ориёиёни бостон ростӣ, ҳақиқат ва дурустиро ба дараҷаи қудсият бардошта, ҳар чизе, ки бо он мувофиқат намекард, дурӯғ (авестоӣ-друг, санскрит-друх) ҳисоб мекарданд. Аз ин рӯ, сарфи назар аз тамоми мансубиятҳо одамонро низ ба ду гурӯҳи калон тақсимбандӣ намуда буданд: ашаван - пайрави ростӣ, ҳақиқат, воқеият ва другван - пайрави дурӯғ. Дар ин ҷо ростӣ - баландтарин ва арзишмандтарин хусусияти инсонӣ маҳсуб меёфт. Сухан, лафз-арзиши баландтарин дошта, иҷрои амалии он ҳатмӣ буд. Аҳду паймон зинаи боз ҳам баландтари он ҳисоб мегардид» [18, с. 267]. Ин ин афкори фалсафии бостонӣ дар миёни ақвоми ориёитабор ҳамчун қонуни зиндагӣ пазируфта мешуд. Масъалаи мазкур дар таҳқиқоти М. Бойс низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба назари ӯ, сухани муназзаҳ як навъ аҳду паймон ё шартнома ба номи митра (эҳтимол аз меи ҳиндуаврупоӣ, «мубодила кардан») буд, ки бар асоси он ду тараф бо ҳам дар бораи чизе тавофуқ карда буданд. Дар ҳар ду ҳолат чунин боварӣ вуҷуд дош, ки Маин дар пушти савганди пинҳон аст. Ин ба унвони эзад ба шахси содиқ ёрӣ медод ва ба шахси дуруғгӯ зарба мезад [267, с. 27].

Масъалаи дигаре, ки Эмомалӣ Раҳмон дар осораш инъикос менамояд, ин мавзуи эзадони ориёиҳои ғарбӣ мебошад. Дар ин хусус аз даврони атиқа сар карда, олимони Юнони Қадим маълумот додаанд. Эмомалӣ Раҳмон низ баҳри рӯшан намудани масъала ба сарчашмаҳои таърихӣ, махсусан ахбори муаррихи атиқа Ҳеродот рӯ меорад. Ҳеродот дар хусуси дину оини қавму қабоили скифҳо зикр менамояд, ки «Онҳо фақат худоёни зеринро мавриди парастиш қарор медиҳанд. Пеш аз ҳама Гестияро, баъд Зевс ва Геяро (онҳо Геяро ҳамсари Зевс мешуморанд). Баъд аз онҳо Аполлон ва Афродитаи осмонӣ, Геракл ва Аресро. Ин худоёнро ҳамаи скифҳо намоз мегузориданд, скифҳои шоҳӣ бошанд, дар баробари ин ба Посейдон ҳам қурбонӣ нисор мекарданд. Дар забони скифӣ Гестия - Табити номида шуда, Зевс - Папей номида мешавад. Гея-Апи, Аполлон Гайтасир, Афродитаи осмонӣ – Аргимпаса, Посейдон – Фагимасад» [44, с. 253].

Эмомалӣ Раҳмон бар асоси таҳлили ахбори ин муаррих ба чунин хулоса меояд, ки зиндагии скифҳо дар соҳилҳои шимолии баҳри Сиёҳ ва Хазар бо дину оини ориёиҳои бостон шабоҳати зиёде дошт. Ӯ ба хотири тақвияти андешаи худ аз тафовути номи худоҳо дар «Авесто», «Ведо» ва нақди навиштаи муаррихи барҷастаи рус И. Коломийтсев дар бораи Ҳеродот ёдовар мешавад [18, с. 270]. Агар фикр кунем, ахбори овардаи Ҳеродот аз ҳама нофаҳмо ва мармуз менамояд, ҳатто аз ҳикояҳо дар бораи гипербориягиҳо ва амазонкаҳо ҷолибтаранд. Дар навбати якум, худи дастаи худоёни скифҳо бисёр ҷолиб мебошанд. Пеш аз ҳама дар байни худоёни аз ҳама дӯстдоштаю муътабари кӯчманчиҳои ашадӣ ногаҳон дидани Гестия – худованди учоқи оилавӣ ҳайратангез аст. Гея – худованди зироаткорист ва тамоман нофаҳмо аст, ки сокинони хушкӣ, ки аз кадом як даштҳои Осиёи Миёна ба Аврупо омадаанд, Посейдон – ҳокими баҳру уқёнусҳоро ситоиш мекунанд. Аз ин чунин хулоса бароварда мешавад, ки асотири эллинҳо бо дини сокинони даштҳои шимоли баҳри Сиёҳ амалан якхела аст, ба истиснои ҷузъҳои алоҳида, масалан, Гея ҳамчун зани Зевс [130, с. 49].

Шоёни зикр аст, таҳилили беъзе унсурҳои муштараки боварҳои динии мардумони шимоли баҳри Хазарро то шимоли баҳри Сиёҳ дар осори Эмомалӣ Раҳмон бар асоси муқоисаи ахбори Ҳеродот ва андешаҳои муаррихони дигар хеле дурусту мантиқӣ мебошад. Аммо баъзе аз вижагии динӣ, ки дар миёни қавмҳои ориёитабори кӯчманчии минтақаи мазкур дида мешавад, бояд ҳатман пайванди онҳо бо анаъанаҳои маҳаллии ақвоми ориёиҳои бостон собит шавад. Масъалаи дигар, ки дар осори Эмомалӣ Раҳмон мавриди баҳс қарор мегирад, ин таъсири боварҳои юнониён ба афкори қавму қабоили скифҳо мебошад. Аммо ахбори Ҳеродот ба масъала тобиши дигар мебахшад, ки «Скифҳо монанди соири халқҳои дигар аз расму суннатҳои аҷнабиён шадидан гурезон ҳастанд. Онҳо на танҳо аз расму анъанаҳои халқҳои бегона, балки аз юнонӣ канорагирӣ менамоянд» [44, с. 259]. Мутаасифона дар навиштаи ин муаррих идомаи баҳс ва сабаби асосии канорагирии скифҳо аз расму оини юнонӣ маълум нест. Аз ҷониби дигар,

метавон гуфт, ки ин иқрори Ҳеродот шояд асоси дигар дошта бошад, ки таҳқиқоти минбаъда онро дақиқ хоҳад намуд.

Дар ин радиф, Эмомалӣ Раҳмон масъалаи шабоҳату тафовути оину боварҳои диниро дар миёни ориёиҳои эронӣ ва ҳиндӣ ба миён мегузорад. Ӯ дар омӯзиши ин масъла ба навиштаҳои А. Кристенсен ва Г. Нюберг руҷуъ менамояд. Аз ҷумла, ӯ бар асоси таҳлили навиштаҳои А. Кристенсен ба чунин бардошт мерасад, ки эзадони онҳо шабеҳ ба ҳамдигар буданд ва дар айни ҳол вижагиҳои хос низ доштанд. Ва омили асосии ин тафовут ба паёмади муҳоҷирати онҳо ба минтақҳои мухталиф бастагӣ дошт. Ӯ аз мавҷудияти ду гурӯҳи худоён дар миёни ориёиҳо хабар медиҳад. Дастаи аввалро девҳо меномиданд, ки пешвои онҳо худои ҷангҷӯ Индра буд ва дастаи дигарро бо лаҳҷаи эронӣ аҳураҳо ном мебурданд, ки роҳбарии онҳо Митро ва Варуна буданд. Ба бовари аксари донишмандон, Маздои эрониён ҳамон Варунаи ҳиндуён мебошад [18, с. 270-271]. Навиштаи А. Кристинсен тақрибан бозгӯи ин андеша аст, ки «аз давраи сар даровардани эрониён ба саҳифаи таърих мо ба ду шакли мухталифи мазҳаби ибтидоии онҳо бархӯрд менамоем: як гурӯҳ бо парастиши Митра машғуланд, ки дар ин вақт дар раъси девҳо (ба маънии изадон) қарор дорад ва гурӯҳи дигар, ки худои бузурги онҳо Аҳуромаздо маҳсуб меёфт» [164, с. 48-49].

Дар ин радиф, Эмомалӣ Раҳмон бар асоси таҳлили маъхазҳои муътамад ба хулоса меояд, ки дар боварҳои бостонии мардумони ориёӣ худоёни дигар, ба монанди Аши (олиҳаи заношӯӣ), Срауша (худои итоат ва уммат) Рашну (худои ростӣ) ва ғайра дар атрофи Митра ҷамъ шуда буданд [18, с. 271]. Мавриди тазаккур аст, ки аксар муҳаққиқон замони зуҳури Зардушт ва мубориза ӯро ба муқобили политеизму бисёрхудоӣ маҳз ба ҳамин давра марбут медонанд [164, с. 48-49].

Назари яксони муҳаққиқон дар боби шабоҳати Варуна бо Аҳурамаздо ва зуҳури ҳамзамони Зардушт моро бар ин хулоса овард, ки новобаста аз тафовути мавзеи ҷуғрофиёӣ дар миёни боварҳои ақвоми ориёии ҳиндӣ ва эронӣ афкори зиёди муштарак дида мешавад.

***Меҳрпарастӣ.*** Дар осори Эмомалӣ Раҳмон меҳрпарастӣ ва зурвония ба унвони оинҳои бостонӣ муарррифӣ мешаванд, ки тули зиёда аз ҳазор сол ба афкори динию фалсафии мардумони ориёӣ таъсири мустақим гузоштанд. Эмомалӣ Раҳмон барои тасдиқи андешаҳояш аз навиштаҳои авестошиноси шведӣ Ҳ. Нюберг иқтибос меорад. Ба қавли А. Мейе оини меҳрпарастӣ дар ҳазорсолаи II то мелод дар маркази Осиёи Миёна зуҳур карда, баъдан дар Аврупо ба афкори насронӣ бархӯрд намуд [148]. Ақидаи мазкур аз ҷониби муҳаққиқоне чун Ҳ. Разӣ [148], А. Ризоӣ [326] низ тасдиқ мешавад. Маълум аст, ки меҳрпарастӣ дар замони зуҳури дини зардуштӣ таъсиру мақоми худро нигоҳ дошт. Дар ин бобат Эмомалӣ Раҳмон менависад, ки чун таъсири меҳрпарастӣ дар миёни омма зиёд буд, минбаъд баъзе аз рукнҳои он ба василаи зардуштия ба Авесто ворид шуд. Таҳқиқи маҳалли зуҳури Меҳр дар осори Эмомалӣ Раҳмон як масъалаи баҳснок аст. Дар хусуси таҳқиқи ин масъала ӯ ба банди 14-уми Меҳряшт рӯ меорад, ки дар он минтақаи ҷуғрофии Осиёи Марказӣ тавсиф ёфтааст [18, с. 274]. Баъзе муҳаққиқони аврупоӣ ва шарқӣ бар ин асос аз Осиёи Марказӣ ба унвони маҳалли зуҳри Меҳр ном мебаранд. Меҳрро эзаде медонанд, ки пеш аз тулуи Офтоб бо ҳолаи дурахшон аз болои кӯҳи Ҳара Березайти баромада, ба ватани ориёҳо назар мекунад. Дар банди 14 нахустин номи ҷуғрофиёӣ, ки зикр мешавад, Новтог аст. Мувофиқи маълумоти Бундаҳишн боби 20, банди 24 (чопи Вэст ва Анклессария), Минуи хирад, боби 27, банди 44 Новтог дарёест, ки шоҳи Турон Афросиёб масири онро тағйир дода, ба кӯли муқаддаси Чаечест пайваст мекунад. Ақидаи мазкурро баъзе муҳаққиқони аврупоӣ низ ҷонибдорӣ менамоянд [18, с. 273].

Бояд гуфт, ки маҳалли зуҳур ва такомули оини меҳрпарастӣ дар Меҳряшт чунин тавсиф шудааст: Нахустин эзиди минавӣ, ки қабл аз тулуи хуршеди ҷовидонаи тезасп бар фарози кӯҳи Ҳара барояд. Нахустин касе, ки ороста бо зеварҳои заррин, аз фарози он кӯҳи зебо сар бароварад. Аз он ҷост, ки Меҳри бисёр тавоно бар ҳамаи хонумонҳои ориёӣ бингарад (Банди 13) [35, с. 356].

Ҳамчунин, донишманди аврупоӣ Р.С. Зеҳнер ҳам Осиёи Марказиро хостгоҳи оини меҳрпарастӣ меномад [366, с. 18].

Ба ақидаи мо, дар масъалаи шинохти оинҳои бостонӣ маълумоти сарчашмаҳои бостоншиносӣ бештар боварибахш мебошад. Эмомалӣ Раҳмон дар омӯзиши масъала бештар ба таҳлили осори муҳаққиқоне рӯ меорад, ки корашон аз назари корбурди мадорики таърихӣ мавриди итминон бошад. Тибқи маълумоти лавҳаи гилине, ки соли 1907 аз мавзеи Бағозкӯйи Туркия кашф шуд, ҳанӯз ин оин дар асри XIV то мелод равнақ дошт [148, с. 88]. Олими дигар С. Викандер ба унвони маҳалли зуҳури оини меҳрпарастӣ аз нимҷазираи Балкан, олимони эронӣ Меҳрдоди Баҳор ва Ҳошими Розӣ аз Осиёи Марказӣ ном мебаранд [175, с. 6-7; 163, с. 30; 324, с. 55-56].

Ба ақидаи Меҳрдоди Баҳор, бояд таҳаввули афкори Меҳрро дар Меҳряшт ба вазъи хос ва тозаи ориёиён дар Осиёи Марказӣ марбут донист. Маҳз дар ҳамин давра дар Осиёи Марказӣ шаҳракҳо ва қабилаҳо бо ҳам муттаҳид шуда, даврони падид омадани шоҳаншоҳӣ дар миёни қавмҳои ориёӣ оғоз мегардад [163, с. 30].

Таҳлили андешаҳои олимони мазкур ва осори Эмомалӣ Раҳмон нишон медиҳад, ки Осиёи Марказӣ маҳалли зуҳури меҳрпарастӣ буд ва баробари кӯчиши ориёиҳо ба сарзамини имрӯзаи Эрон ва Осиёи Хурд минбаъд доираи паҳншавии он то ба Юнону Рум васеъ гардид. Дар ин хусус метавон гуфт, ки маҳз оини мазкур тавассути баҳри Миёназамин ба Аврупо роҳ ёфт. Ҳанӯз, Плутарх навишта буд, ки меҳрпарастӣ тавассути роҳзанони баҳрӣ ба Аврупо нуфуз ёфт. Диншиноси рус Л.С. Василев замони нуфузи афкори меҳрпарастиро дар Аврупо ба ҳазораи I то мелод мансуб медонад [84, с. 64]. Агар пайдоиши дини зардуштияро ба асри VII то мелод мансуб донем, пас маълум мешавад, ки оини меҳрапарастӣ ҳафт аср муқаддам арзи вуҷуд намуд. Ҳарчанд, Эмомалӣ Раҳмон паҳлуҳои мухталифи оини меҳрпарастиро мавриди таҳлил қарор медиҳад, вале дар хусуси замон ва макони пайдоиши он андешаи собит надорад. Аз ин маълум мешавад, ки ҳанӯз баҳс дар атрофи ин масъала доманадор аст. Ин мавқеъ дар мавриди баррасии таърихи зуҳурот

ё афкори бостонӣ то ҷое мантиқӣ аст, зеро ҳанӯз дар ин замина осори бозмонда хеле кам аст. Ҳамин аст, ки Эмомалӣ Раҳмон хонандаро бо ақидаҳои гуногуни олимон ошно сохта, интихоби дурусти ин ё он андешаро ба онҳо вогузор менамояд. Новобаста аз ин шеваи таърихнависӣ метавон гуфт, ки нуфузи ин оини бостонии ориёиҳо дар замони худ ҳамчун таълимоти созанда аз сарҳади Осиёи Марказӣ хориҷ шуда, дар шарқ то Ҳинд ва дар ғарб то Аврупо густариш пайдо кард. Ҳатто як муддат ба дини давлатии императории Рум табдил ёфт. Чун асоси онро ормонҳои дӯстӣ, бародарӣ, дурустӣ ва ростӣ ташкил медод, ин таълимот босуръат дар гӯшаву канори Аврупо бо номи митроизм паҳн гардид.

Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки худои Меҳр дар Ведоҳо низ ҷойгоҳи муносиб дорад. Новобаста аз тафовути оини ҳиндуориёиёҳо, дар мавриди худованди Меҳр маъмулан дорои нуктаҳои муштарак мебошанд. Дар ҳар ду оин Меҳр (Митра) ҳамчун худовандгори рӯшноӣ, нур ва осмон аст. Аз дидгоҳи симо ва вазифа ӯро ҳомии ростӣ ва душмани сарсахти дурӯғ ва роҳи каҷ муаррифӣ намудаанд [18, с. 275].

Тибқи маълумоти Авесто худованди Меҳр сарват, фарзанд ва хонаводаи некро бо равони ором, некномӣ, хирадмандӣ, беҳрӯзӣ ва беҳкомӣ пайваста, сабаби ҳамбастагӣ, ваҳдати муъминон ва ситоишгарони худ мешавад (банди 73, 74).

Муҳаққиқи эронӣ Ҳошим Разӣ бар он ақида аст, ки аз як ҷониб мушаххасоти табиат ва хислату хӯи Меҳр, ки дар Авесто омадааст, аз ҷониби дигар сиёсати мазҳабии шоҳони хоҳоманишӣ заминаи мусоиде барои тасбияти ҷойгоҳ ва интишори минбаъдаи он дар Осиёи Ғарбӣ, шимоли Африқо ва Аврупо падид овард [323, с. 21].

Таҳлилҳо собит месозад, ки дар доираи сиёсати шоҳони ориёӣ, махсусан шоҳаншоҳони аввали ҳахоманишӣ баъзе аз унсурҳои меҳрапарастӣ хеле густариш ёфта буд. Мувофиқи маълумоти муаррихи юнонӣ ва ходими муваққатии дарбори шоҳони ҳахоманишӣ – Ктесий, ҷашни рӯзи Меҳрро шоҳон бо фарру шукӯҳи хоссе истиқбол менамуданд. Шоҳони ҳахоманишӣ

ҳеҷ вақт дар бодахорӣ ба ифрот маст намешуданд, ба ғайр аз рӯзи ҷашни Меҳр. Маҳз дар ҳамин рӯз онҳо ҷомаи арғувонӣ ба тан бода менӯшиданд ва дар маросими омми шодию сурур иштирок менамуданд. Дар ин радиф, дар маросими мазкур анҷоми қурбонӣ зиёд мешуд. Ҳеродот хабар медиҳад, ки Хашоёршо пас аз тасхири Юнон ба Афинаи Троя 1000 гов қурбонӣ намуда буд [109, с. 396].

Донишманд ва ҷуғрофидони атиқа Страбон бар асоси хотироти зиндагиаш дар Каппадокия (охири ҳазораи якуми то мелод) аз ин ҷашн ба номи митракана ёд мекунад, ки шоҳи Арманистон ҳар сол дар рӯзи ин оин ба шоҳаншоҳи ҳахоманишӣ 20 ҳазор той ё курра пешкаш менамуд [55, с. 499].

Аз маълумоти муаррихони аҳди бостон бармеояд, ки шоҳони ҳахоманишӣ дар радифи тавсеаи сиёсати худ, ҳамчунин барои рушду такомули фарҳанги аҷдодии хеш ҳар ҷашнро дар сатҳи расмӣ истиқбол менамуданд.

Ба ақидаи олими рус И.М. Дяконов, дар асрҳои VI-IV то м. дар ҳудуди Мод номҳое истифода мешуд, ки аз вуҷуди оини Митро гувоҳӣ медиҳад. Дар асрҳои IX-VI то м. дар бастагӣ ба густариши оини Аҳуромаздо бештари номҳо иваз шуданд [109, с. 373]. Ҳамчунин, Ф. Куман муътақид аст, ки дар Бобул Калда ва дар Осиёи Хурд Меҳр ба унвони худои бузург ҷилва намуданд, эътиқодмандон барои онҳо дар маросими динии алоҳида қурбонӣ анҷом дода, вазифаҳои Аҳуромаздоро низ ба онҳо вогузор мекарданд [18, с. 277].

Страбон дар манотиқи сукунати ақвоми ориёӣ муддати тулонӣ зиндагӣ карда, дар мавриди вижагиҳои фарҳанги тамаддунофар ёдовар мешавад, ки «Расму суннатҳои форсӣ дар байни ин халқҳо (ориёӣ), модҳо ва бисёр халқҳои дигар якранг аст… Онҳо Гелиосро, ситоиш намуда, ӯро Мифра (Митро) меноманд. Дар ин радиф, аз Селена ва Афродита (Анаҳито) низ ситоиш мекарданд. Баъдан оташ, замин, бодҳо ва обро (ситоиш мекунанд)». Страбон аз анъанаҳои муғон дар Каппадокия (Осиёи Хурд) ба тафсил ёдовар

шуда, дар ин маврид менависад, ки ин ҳама расму оинҳоро бо чашми худ дида буд [55, с. 680].

Ахбори таърихнависони аҳди бостон гувоҳӣ медиҳад, ки дар тафаккури эътиқодии мардуми ин минтақа худои Митра ҷойгоҳи махсус дошт. Аз натиҷаи таҳқиқоти муҳаққиқон бармеояд, ки таълимоти меҳрпарастӣ то Аврупо густариш ёфта буд. Ба ақидаи муҳаққиқи асри XIX В.П. Максутов, Меҳр дар Рум тамоми рисолати Аҳуромаздоро ба дӯш гирифт. Меҳрро ба унвони эзади офарандаи ҷаҳон, офтоб, сарчашмаи зиндагӣ ва поку беолоиш мавриди парастиш қарор доданд. Вобаста ба ин М. Баҳор иброз менамояд, ки ин оин дар Эрон унвони зурвония гирифта, дар Аврупо бо тобиши наве бо номи меҳрапарастӣ ва ё митроизм густариш ёфт [264, с. 15-16].

Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба ин масъала бар он назар аст, ки дар оини Меҳр Зурвон (дар Авесто, Зрвана акарена-замони бекарон) худои бузург маҳсуб меёфт. Пайравони худои Меҳр Аҳуромаздоро мавриди ситоиш қарор дода, барои дур кардани бадиҳои Аҳриман қурбонӣ менамуданд. Дар дини мазкур Меҳр, ки мазҳари равшанӣ буд, дар миёни биҳишти Аҳуромаздо ва дӯзахи Аҳриман мавқеъ дошт. Бинобар ин, ба ӯ бо номи Меҳри миёнарав, Меҳри восита ва Меҳри миёнҷӣ муроҷиат мешуд. Дар Авесто ҳам дорои чунин рисолат буда, миёни Худои Бузург ва мардум диданашванда шумурда мешуд [18, с. 280].

Тибқи маълумоти муҳаққиқон, оини меҳр то соли 68 мелодӣ ба Аврупои Марказӣ ва то соли 107 дар тамоми нимҷазираи Балкан густариш ёфт [294, с. 97]. Доир ба раванди густариш ва ҷойгоҳи дини меҳрпарастӣ Э. Ренан чунин андеша дорад, ки агар омил ё сабабе садди роҳи дини масеҳӣ мешуд, дар ҳар ҳол оини Меҳрпарастӣ ҷаҳонро тасхир мекард [322, с. 406]. Бо назардошти ин метавон гуфт, ки ҷаҳонбинии фалсафӣ ба тафаккури ориёиҳо низ хос буд, ки чунин як идеологияи муназзамро офариданд ва он минбаъд ба эътиқоду боварҳои мардумӣ дар Аврупо, Осиё ва Африко таъсир гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин дар асоси баррасии мазмун ва муҳтавои оини Меҳр ва шинохти ақоиди олимону муҳаққиқон дар ин замина ба чунин хулоса меояд, ки Меҳр дар ин оин ба унвони офарандаи ҷаҳон ҳамеша бар зидди қувваҳои бадӣ, махсусан Аҳриман мубориза мебарад.

Нуфузи аҳкоми ахлоқии оини Меҳр боис шуд, ки ситоиши ӯ на танҳо дар байни мардумони эронӣ, балки дар миёни табақаҳои иҷтимоии Осиёи Ғарбӣ ва империяи Рум густариш ёбад ва деҳқонон, сарбозон, ҳунармандон ва ҳатто подшоҳон аз он пайравӣ намоянд. Ҳар табақаи иҷтимоӣ мувофиқи ниёзашон ба ин ё он аҳкоми оини Меҳр эътиқод доштанд [115, с. 285-286].

Бино ба ақидаи В.П. Максутов, пайравони оини Меҳр дар рӯҳияи диловарӣ, ҷасорат ва ҷанговарӣ тарбия меёфтанд. Онҳо бварӣ доштанд, ки танҳо бо тариқи муборизаи оштинопазир бо қувваҳои аҳриманӣ метавон ба ғалабаи ниҳоӣ расид. Маҳз ҳамин вижагии оини меҳрпарастӣ ба сарбозон ва ҷанговарони империяи Рум таъсири бештар мерасонид [147, с. 391-392].

Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба ҳузури пайравони Меҳр дар маросими динӣ иброз медорад, ки дар онҳо танҳо мардоне ширкат меварзиданд, ки ба синни балоғат расида бошанд. Занон дар маросимҳои меҳрпарастӣ ҳаққи ширкат надоштанд. Дар миёни пайравони Меҳр, мақоми иҷтимоӣ ва сарвату боигарӣ аҳаммият надошт ва ҳамагӣ якдигарро «бародар» мехонданд. Сарварон ва пешвоёни дин бошанд, бо сабаби ситоиши зиёд аз эҳтиром бархурдор буданд [18, с. 281].

Бояд гуфт, ки маросими тоату ниёиши оини Меҳр бештар дар ғорҳои табиӣ сурат мегирифт. Маъмулан, сақфи ибодатгоҳро бо тасвири ситора ва манзараҳои мухталифи осмонӣ зебу зинат мебахшиданд. Шарти асосии ҳузур дар ниёиши Меҳр покии ҷисму рӯҳ буд ва бо назардошти ин дар дохил ё атрофи маъбад ҳатман бояд оби равон ҷорӣ мешуд. Бинобар адами ғорҳои табиӣ дар шаҳр, дар зери замин ниёишгоҳи ғоршакл сохта мешуд. Ба ақидаи М. Баҳор, пайравони оини Меҳр тавассути зинаҳои тулонӣ ба маъбад дохил мешуданд. Роҳрави зинадор ба толоре мепайваст, ки он ҷо пайравонро ба маросими динӣ омода мекарданд. Маҳз аз ҳамон ҷо ба толори асосии маъбад

ворид мегардиданд. Сақфи маъбад мисли осмони шабонгоҳ зинат дода мешуд [263, с. 32-33].

Ба ақидаи донишманди маъруф Хертсфелд, ки дар осори Эмомалӣ Раҳмон иқтибос шудааст, нахустин маҳалҳои густариши оини меҳрпарастӣ Калда, Бобул ва Арманистон буд. Дар ин минтақа Меҳр ба ҷойи Баал - худои Осмон ва Шамаш ба ҷойи худои Хуршед ниёиш шуд. Ҳамчунин, дар харобаҳои маъбади зардуштие воқеъ дар наздикии шаҳри Порса, катибаҳое ба забони юнонӣ кашф шуд, ки дар он аз Аҳуромаздо, Меҳр ва Анаҳито бо номи юнонии Зевс, Аполлон ва Афина ёд мешавад [18, с. 281-282].

Ба андешаи А. Кристенсен, худоёни бобулӣ ва юнонӣ бо эзадони ориёӣ иваз шуданд. Аҳуромаздо бо Баал, Меҳр бо Шамаш, Анаҳито бо Иштар ҳамсон дониста мешуданд [134, с. 56].

Оини митроизм то дараҷае дар манотиқи сукунати ақвоми юнонӣ густариш ёфт, ки муғҳо метавонистанд имтиёзи ходимони ниёишгоҳи маҳаллиро маҳдуд намоянд. Бобул, Арманистон ва Калда ба маркази густариши дини меҳрпарастӣ табдил ёфт. Ҳамчунин, меҳрпарастӣ тавассути марзҳои Байнаннаҳрайн минбаъд дар Фригия, Галатия ва саросари Осиёи Хурд интишор ёфт. Ба ақидаи Эмомалӣ Раҳмон, таълимоти оини Меҳр бо сабаби заволи империяи Ҳахоманишиён боз ҳам густариш пайдо кард. Ӯ ин омилро то ҷое ба сиёсати Искандари Мақдунӣ марбут медонад, ки ҳангоми забти сарзамини ориёиҳо ба дини нерӯманди маздоясно рӯ ба рӯ гардад. Аз ин дидгоҳ, Искандар ба хотири маҳдуд кардани нуфузи оини маздоясно китобҳои муқаддаси онро оташ зад. Ӯ андешаи донишманди аврупоӣ Ф. Куманро мисол меорад, ки мувофиқи он сиёсати Искандарро дар муносибат ба дини маздоясно сарлашкарони юнонӣ 200 сол дар Осиё идома дода, онҳо дар Шарқ аз дини буддоӣ ва дар Ғарб аз оини Меҳр ҷонибдорӣ мекарданд [18, с. 282].

Таҳлили таърихи эътиқоду боварҳои бостони ниёкони тоҷик аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Искандар бо мақсади заъфи мафкураи мардумони эронӣ, қабл аз ҳама ба маҳви арзишҳои фарҳангӣ даст зад. Оташ задани осори динӣ,

донишномаи мардумони эронӣ – китоби Авесто, аз ҷумлаи он тадбирҳои Искандар аст, ки ба хотири коҳиши  нуфузи маънавии ориёиҳо амалӣ мешуд.

Эмомалӣ Раҳмон муътақид аст, ки сулолаҳои юнонтабори ҳукумрон дар Понт, Каппадокия, Арманистон, Коммаген ва ғайра гузаштаи худро бо Ҳахоманишиён пайваста, аз лиҳози фарҳанг, ахлоқ, маросим ва одоб бо ориёимаобӣ ифтихор мекарданд [18, с. 282].

Ҳамин тавр, дар асоси натиҷаи таҳлили таҳқиқоти муҳаққиқон ва осори Эмомалӣ Раҳмон метавон гуфт, ки оини Меҳр ҳамчун аҳкоми ахлоқӣ дар сарзаминҳои ғайриориёӣ, махсусан Аврупо ба таври васеъ паҳн шуда, то пайдоиш дини насронӣ ва пуштибонии он аз ҷониби императорони Рум мақоми устувор дошт. Дар маҷмуъ, муҳаққиқи оини Меҳр Ҳ. Разӣ се омили интишори меҳрпарастиро дар Аврупо нишон медиҳад: сиёсати императорони Рум ба хотири забти заминҳои нав дар Шарқ ва вобастагии халқҳои гуногун дар қаламрави васеи империя, муҳоҷиратҳои мухталиф, васеъ кардани миқёси тиҷорат, муносибатҳои молиию пулӣ ва истифодаи васеи артиш дар саросари минтақаи густардаи давлат дар ҳудуди қитъаҳои Осиё ва Аврупо [324, с. 274].

Дар тақвияти навиштаҳои Эмомалӣ Раҳмон ва муаррихон метавон гуфт, ки Меҳр дар Аврупо рисолати Аҳуромаздо ва таълимоти маънавии оини маздаясноро иҷро намуда, принсипҳои муҳимми ахлоқии он ба дини нави – масеҳӣ интиқол ёфт. Арконе ба мисли офариниши ҷаҳон, сарнавишти инсон, биҳишту дӯзах, подошу азоби ухравӣ, табақоти зерину забарини осмон, дӯзах – макони Аҳриман, мабдаи ҷаҳон, тӯфони сангин, поёни ҷаҳон, оташсӯзии ҳавлнок, растохез, доварӣ, навшавии ҷаҳон, ақидаи ҳакамӣ дар байни инсон ва худованд, ки яке аз номҳои Меҳр дар Авестост, мақоми паёмбар ва расул, рӯшноӣ ё ҳолаи атрофи сари Исои Масеҳ, ҳамсонии меҳроб ва калисо ва ғайра аз ҷумлаи аҳкомест, ки оини навпардози насронӣ аз дини меҳрпарастӣ ба орият гирифт [18, с. 303]. Таъсири оини меҳрпарастиро ба дини масеҳӣ бо мисолҳои мушаххас тамоми манбаъҳо собит месозанд.

Хулоса, оини Меҳр то асри V мелодӣ дар манотиқи мухталифи Аврупо нуфуз ёфта, дар натиҷаи муборизаи шадид бо калисои насронӣ нопадид мешавад. Ба Эмомалӣ Раҳмон низ муяссар шуд, ки дар асоси таҳлилу баррасии мушаххаси осори муҳаққиқони касбӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ аҳкоми ахлоқиву динии ин оини бостониро ба таври амиқу дуруст ташхис диҳад. Дар таърихи ватанӣ ин иқдом нахустин ташаббус аст. Маҳз Эмомалӣ Раҳмон дар осораш бар асоси консепсияи решаёбии манфиатҳои миллӣ доир ба ин унсури фарҳанги аҷдодӣ, ки нишоне аз тафаккури созандаи бостонӣ аст, маълумоти васеъ гирд овард. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар оини меҳрпарастӣ ва зардуштӣ шабоҳат хеле зиёд аст.

***Зурвония.*** Оини дигари аҳди бостонии ақвоми ориёӣ, ки аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад, зурвония мебошад. Пеш аз ҳама бояд зикр намуд, ки зурвония ба унвони ҷараёни динию фалсафии аҷдоди тоҷикон дар густаришу инкишофи тамаддуни ориёӣ таъсири муассир гузошт. Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси масоили мазкур дар навбати аввал ба Авесто таваҷҷуҳ менамояд. Дар Авесто Зурвон бо ду унвон хитоб шудааст: «Зрванаакарана - яъне давраи бекарон ва зурвона дареғухвазота – даврони каронманди худофарида. Дар яснои 24 банди 10 Зурвон бо ҳарду унвон зикр шудааст. Аз ӯ дар Авесто бо унвони хос, номи худои замони бекарон ва ба ҷои калимаю луғати даврон вақт ба унвони бахше аз замон борҳо истифода шудааст» [18, с. 304].

Таҳлилу омӯзиши китоби Авесто ва бахшҳои дигари он гувоҳи он аст, ки Зурвон худои бузург ва холиқи Ҳурмузду Аҳриман ба шумор мерафт. Мувофиқи таълимоти зурвония ва тавсифи Авесто ӯ мабдаи офариниш ва қоим ба зот аст. Ӯ манбаъи ҳастӣ, модда ва ҳастии куллӣ мебошад. Ӯ гавҳар ва буну мояи ҳар ашёву ҳаводис аст. Неруе вуҷуд надорад, ки дар муқобили ӯ нофармонбардорӣ намояд. Хирад ва қудрату тавони номаҳдуд дорад. Ин ном дар маъхазҳои бостонӣ ба шакл, маънӣ ва талаффуз гуногун мушоҳида мешавад. Рӯҳониёни аҳди бостон онро саросари кайҳон, аҷроми самовӣ,

ҳамаи осмону замин, ҳақиқати вуҷуди якто, замони азалӣ ва макони лоятаноҳӣ (бепоён) тасаввур менамуданд [18, с. 305].

Муҳаққиқон роҷеъ ба манбаъҳои зурвония асосан ба «Готҳо», «Худойнома» ва лавҳи мисии пайдошуда аз Луристон ишора менамоянд. Дар манбаи аввал нишоне аз номи Зурвон ва оини зурвония вуҷуд надорад, вале аз муҳтавои матни «Готҳо» (банди 3, Яснои 30) бармеояд, ки дар он роҷеъ ба ду «гавҳари ҳамзод» сухан меравад. Аз ин нукта ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки зурвония дар сарзамини Эрони бузурги аҳди қадим маъмул будааст. Дар ин радиф, ба як ҷанбаи омӯзиши ин масъала дар осори Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳ мешавад, ки ҳам замони зуҳури Зурвон мебошад. Аксар муҳаққиқон зуҳури Зурвонро пеш аз Зардушт медонанд [344, с. 207; 270, с. 995]. Махсусан, А. Ризоӣ бар он ақидааст, ки таълимоти динии Пешдодиён дар ибтидо зурвония ва баъдан то зуҳури Зардушт меҳрпарастӣ буд. Эмомалӣ Раҳмон бар асоси маълумоти бахшхои мухталифи «Авесто», махсусан «Яштҳо» бар он назар аст, ки дар ҳақиқат гурӯҳе аз эзадону фариштагони оини маздаясно ба давраи ташаккули динҳои ибтидоӣ марбут мебошанд ва Зардушт дар марҳалаи аввал бо таваҷҷуҳ эътиқоду боварҳои мардумӣ ва шароити замон ҷилави нуфузи комили бисёре аз эзадони бузургу мустақили пешинро гирифт ва бо элони ваҳдонияти Аҳуромаздо онҳоро ба шакли эзад ва ё фариштае вориди дини худ кард. Меҳр, Зурвон, Аредвисура Анаҳито аз ҷумлаи онҳо мебошанд [18, с. 305].

Дар хусуси зурвония ва пайдоишу моҳияти ин таълимот олимони тоҷик ақидаи гуногун доранд. Файласуфи тоҷик М. Диноршоев зурвонияро ҳамчун ҷараёни динӣ-мазҳабӣ медонад, ки дар асрҳои V–IV то м. ба унвони ҷаҳонбинии мушаххас пайдо шуда буд [208, с. 29]. Маълум мегардад, ки он ҳамчун ҷараёни илмӣ-фалсафӣ дар натиҷаи коҳиши нуфузи идеологияи зардуштия ба вуҷуд омад. Дар осори мутафаккирони асримиёнагӣ низ зурвония ҳамчун шохае аз зардуштия муаррифӣ мешавад. Махсусан, Абдулқоҳири Бағдодӣ дар «ал-Фарқу байн-ал-фирақ» чунин менависад: «Ва

дар бораи маҷус гуфтаанд, ки онҳо чор фирқаанд; зурвониён, масхиён (масхия), хуррамдинон ва африидиён» [259, с. 368].

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили сарчашмаҳо ва ақидаи олимон Эмомалӣ Раҳмон ба чунин хулоса меояд, ки макони зуҳур Зурвон ва такомули таълимоти ӯ Осиёи Марказӣ мебошад ва дар ин маҳал мардумони зиёде ба ӯ боварию эътиқод доштанд ва Зардушт чорае ҷуз он надошт, ки ӯро чун эзаде вориди дини худ намояд [18, с. 306]. Дар асоси ин далелҳо метавон гуфт, ки ақидаи Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси қадимияти зурвония нисбат ба зардуштия як воқеияти бебаҳс аст.

Ба ақидаи мо, маҳз дар заминаи омезиши таълимоти меҳрпарастӣ ва зурвония, ки ҷавҳари онҳоро мубоpизаи қувваҳои некӣ ва бадӣ ташкил медод, идеологияи динию фалсафии зардуштия ба вуҷуд омад. Ҳеҷ таълимоти динӣ дар замина холӣ ба вуҷуд намеояд. Таърихи минбаъдаи рушди ҷомеаи башарӣ низ гувоҳи он аст, ки дини ислом ҳам дар заминаи таълимоти яҳудия ва насронӣ ташаккул ёфт.

Эмомалӣ Раҳмон андешаи В. Виденгренро мисол меорад, ки мутобиқи он қадимтарин санаде, ки дар он исми Зурвон ёд мешавад, лавҳи кашфшуда дар маҳали Нузи Байнаннаҳрайн мебошад. Лавҳҳои мазкур ба асри XII то м. тааллуқ доранд ва номи Зурвон  дар он ба шакли «Ar. Zaar. wa», «it. hi. za.ar. wa» ва «Zaar-wa an» омадааст [18, с. 307].

Дар робита ба ин бояд гуфт, ки мардумони Шарқи Миёна ва Ғарби Эрон дар аҳди қадим ба ин худованд эътиқод доштаанд. Чун далели дигаре ҷиҳати исботи ин ақида то ҳол дар даст нест, донишманди дигар Бэйли муътақид аст, ки барои исботи он санадҳои бештару возеҳтаре лозиманд [323, с. 1182]. Аз сӯи дигар, М. Шварс изҳор менамояд, ки исми Зурвон дар лавҳаҳои кашфшуда аз Тахти Ҷамшед ба шакли «zru (va) taukhtam ва Jzrutukhma», яъне писари Зурвон ё Зурвондод мушоҳида мешавад.

Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон, дар мавриди парастиши худои Зурвон дар сарзамини Варорӯд то замони Зардушт маълумоти дақиқ мавҷуд нест. Зурвон дар осори кашфшудаи Турфон, ки ба асрҳои VII–VIII марбут

мебошад, дар мартабаи худои рӯшноӣ зикр мешавад. Мадорики мазкурро донишмандон ба осори хаттии дини монавӣ мансуб медонанд [355, с. 179-194].

Натиҷаи таҳқиқи солҳои охири бостоншиносон гувоҳи он аст, ки эътиқоду боварӣ ба Зурвон дар Осиёи Марказӣ маъмул буд. Бостоншиноси тоҷик Ю. Яқубов дар ин маврид менавсиад, ки «Мо дар асоси омӯзиши манобеъи хаттӣ ва маводи бостоншиносии Тӯрон бо чунин хулоса омадем, ки дар давраи тоисломӣ дини ин минтақа зардуштияи тариқати зурвония бо унсурҳои бутпарастӣ будааст». Навиштаҳои академик Ю. Яъқубов дар ин маврид чанд нуктаи норӯшанро ба миён меорад. Муҳаққиқ бар он назар аст, ки зурвония на танҳо дар ғарби Ориёно, балки дар шарқи он (Суғд, Бохтар, Фарғона, Чоч ва Туркистони шарқӣ) ба таври васеъ пайравони худро дошт [194, с. 139-160]. Воқеан ҳар дине эътироф мегардид, софу беолоиш қабул нашуда, болои он суннатҳои писандидае, ки хусусияти мардум, сатҳи маънавӣ ва ҳатто шароити ҷуғрофии онро инъикос мекард, ба эътибор гирифта мешуд.

Аз миёни муаррихон бори нахуст Дамаский бар асоси навиштаҳои муаррихи Юнони Қадим Теопомп (асри IV то мелод) аз Зурвон ном мебарад [323, с. 1154-1155]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки минбаъд дар замони Ҳахоманишиён ва Сосонинён низ оини зурвония то ҷое мақоми муносиб касб намуд. Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси ҷойгоҳи муносиби зурвония дар даврони Сосониён се далел меорад. Далели якум он, ки дар миёни номҳои ин давра бо номҳои зиёде, аз қабили Зурвондо, Зурвондухт дучор мешавем. Омили дигар бо густариши дини буддоӣ аз Шарқ, масеҳӣ аз Ғарб дар қаламрави империяи Сосонӣ мубоҳисаҳои динӣ ба авҷи камол расида, мавқеи дини расмии кишвар – зардуштия заиф мегардад. Далели сеюм дар он нуқта зоҳир мегардад, ки баъзе шоҳони сосонӣ ба фирқаи зурвонӣ гаравида, омили иғтишоши мазҳабӣ мешаванд [18, с. 308]. Илова бо ин далелҳо, дар давраи мазкур чандин осори катбии паҳлавӣ, ба монанди «Бундаҳишн», «Гузидаҳои Зодспарам», «Ривоёти Дороби Ҳурмуздёр», «Минуи хирад» ва ғайра

мураттаб шуданд, ки дар онҳо таъсири афкори зурвония зиёд ба назар мерасад.

Бояд гуфт, ки дар атрофи оини Зурвон ва вижагии таълимоти он ҳанӯз аз замони қадим дар радифи ривояту устура ақидаҳои фалсафӣ низ вуҷуд дошт. Муҳаққиқи варзидаи англис Ҷон Носс дар асараш «Таърихи ҷомеи адён» зимни таҳлили вижагиҳои ирфонии мазҳаби мазкур иброз медорад, он ба зардуштия шабоҳати зиёде дошт [313, с. 316].

Дар асоси таҳили осори Эмомалӣ Раҳмон ва хулосаи бостоншиносон маълум мегардад, ки дар мавриди таълимоти фалсафии зурвонӣ то ҳол намунаи осори хаттие дар даст надорем. Масъалаҳои муносибати собиту ҷовидонаи замони бекаронаи офоқӣ бо замони тағйирёбандаю гузарои анфусӣ, офариниши замони каронманд, табдили сукун ба ҳаракат ва робитаи онҳо, истиҳола, таҳаввул, табдилу табодул, аз ҷумлаи баҳсҳои доманадори таълимоти зурвония мебошанд.

Яке аз масъалаҳои муҳимме, дар осори Эмомалӣ Раҳмон ба он таваҷҷуҳ мешавад, ин тафовути таълимоти зурвония ва зардуштия мебошад. Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон, Зурвон дар миёни пайравонаш ҳамчун худованди нерӯманди замону макони бекарон эътироф мешуд. Ба бовари онҳо Ҳурмузд мабдаи некиҳо ва Аҳриман офаридгори бадиҳо, гавҳари дугонаи азалӣ ва фарзандони Зурвон буданд. Баъзе бовару эътиқоди зурвония низ ба таълимоти зардуштия мувофиқат намекард. Махсусан, эътиқод ба сарнавишту тақдир ва фармонравоии 9 - ҳазорсолаи Аҳриман ба мазмуну мундариҷаи Авесто, мувофиқат наменамояд. Қабл аз интишори ислом ақидаҳои зурвония дар Арабистон низ густариш ёфта буд [18, с. 317].

Тибқи маълумоти фарҳанги Деҳхудо, дар аввали асрҳои миёна зурвония ба андешаҳои ирфонӣ, аз ҷумла ҷараёнҳои фалсафии даҳрия, қадрия ва ҷабрия аз бисёр ҷиҳат таъсир расонид. Дар ин таълимот ҳамеша пойдор ва ба иборати дигар қадим ва ҷовидонӣ дониста мешавад. Ба қавли файласуфи тоҷик М. Диноршоев, ин нуқтаи назар ба таълимоти файласуфи ҳолландии асри XVIII Б. Спиноза дар бораи «natura naturans» шабоҳат дорад

ва аз назари раванди инкишофи олам дорои мафҳуми амиқ мебошад [18, 318].

Вобаста ба мазмуну муҳтавои оини мазкур Эмомалӣ Раҳмон ба чунин хулосае меояд, ки масъалаи таквини дунё дар дини зурвония бо вижагиҳои хоссаш аз оини маздоӣ маншаъ мегирад. Тибқи бовари зурвониён, қадимияти ҷаҳон ба монанди дини маздояно баъзан ба 12 ва баъзан ба 9 ҳазор сол мерасад. Ин ақидаро Эмомалӣ Раҳмон ба афкори кайҳоншиносии маздоясно марбут медонад [18, с. 309]. Бояд гуфт, ки ақидаҳои зурвония ба таълимоти монавия ва зардуштия бештар таъсир гузошт. Маҳз зери таъсири ин омил таълимоти дуалистӣ дар динҳои мазкур шакл гирифт. Дар хусуси ҷойгоҳи иҷтимоии дини зурвония дар Осиёи Марказӣ муҳаққиқон андешаи гуногун доранд. Ба андешаи Ричард Фрай, суғдиён баробари худоёни дигар ба Зурвон боварӣ доштанд [180, с. 281].

Мувофиқи маълумоти «Ҳикмати хусравонӣ» ва «Ҳикмат-ул-ишроқ»-и Сӯҳравардӣ дар таълимоти Зурвония ҳама чиз ба бахту тақдир вобаста аст. Тавлиду фавти инсон бо хости табиату афлок ва ситорагон бастагӣ дорад. Баробари таваллуд ҳамчунин, замони фавти ҳар як инсон тибқи ҳаракати ситорагон муайян мешавад. Маҳз ба хости онҳо таваллуд ва марги касе пасу пеш намеояд. Дар умум, ситораҳо сарчашмаи комёбӣ ва нокомӣ ба шумор меравaнд. Танҳо замоне, ки ситораҳо дар бурҷи хос ва дар даврҳои муайян мавқеъ мегиранд, омили ҳаводис гуногун мешаванд. Онҳо бар он бовaранд, ки агар мусул ҳар гоҳ дар Ҳафт додарон бошад, касе ба подшоҳӣ мерасад, ҳангоме, ки дар бурҷи Савр бошад, ба молу давлат мерасад [283, с. 419].

Эмомалӣ Раҳмон дар асоси афкори кайҳоншиносии зурвония ба хулоса меояд, ки давраи мубoризаи нерӯҳои рӯшноӣ ва торикӣ 9 ҳазор сол муқаррар шудааст. Ҳамчунин, ӯ аз Плутарх иқтибос меорад, ки гардиши кайҳонӣ тибқи таълимоти зурвония 9 ҳазор сол идома меёбад [18, с. 309].

Донишманди ва таърихнигори Юнони бостон Плутарх бар он назар аст, ки осмони ориёиён пур аз фаришта аст [256, с. 371]. Чун ба китоби Авесто назар мекунем ғайр аз шаш амшоспанд – ёварони наздиктарини Аҳуромаздо

дар умури ҷаҳон ва фариштагони моҳ, фариштагони гоҳҳои рӯз, ҳамчунин, фариштагони дигар низ зикр мешаванд, ки зиндагии осудаву шоиста ва ороми пайравони динро на танҳо ҳар соат, балки дар тамоми сол кафолат медоданд [150, с. 94].

Омӯзиши осори муҳаққиқон нишон медиҳад, ки гурӯҳи зиёди фариштагони оини зардуштӣ, ба мисли Меҳр, Зурвон, Аредвисура, Анаҳито аввал дар Шарқи Миёна ва Наздик ва баъдан дар Осиёи Хурд таъсиру нуфузи зиёде доштанд.

Зурвон дар оини меҳрпарастӣ мақому манзалате дошт. Дар ин хусус Ф. Кюмон менависад: «Зрвана акарана ё даврони бекарона дар ин оин (оини Меҳр) дар раъси тамоми худоёни осмонӣ мабдаи мавҷудият қарор дорад, ки ӯро Саекулум, Кронос ё Сатурн меномиданд. Ин худо дар ҳолати ибҳом ва розу рамз қарор дошт. Номи ӯ пӯшида, бидуни вазифаи мушаххас ва беҷинс буда, дорои ҳеҷ навъи эҳсосе нест» [18, с. 315].

Мувофиқи маълумоти Эмомалӣ Раҳмон аввалин нақшу пайкараҳои Зурвон дар Осиёи Хурд пайдо шуда, сипас ин ҳунар дар Аврупо рушду нумуъ намуд. Нақшу ҳайкалҳои ӯро чун худованди замон бо шукуҳу тазйини зиёд омода менамуданд.

Ҳамин тавр, Эмомалӣ Раҳмон новобаста ба баъзе аз паҳлуҳои торики масъала, таълимоти динӣ-фалсафии зурвонияро бо таваҷҷуҳ ба омили замону макон ва таъсири минбаъдаи он дар пешрафти тафаккури мардумони Шарқ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Аз ин нигоҳ, шеваи таҳқиқи масъала имкон медиҳад, ки таърихи пайдоиши боварҳои бостонӣ дар тамаддуни ориёӣ мушаххастар шавад. Омӯзиши таъсири оини зурвония бар кеши зардуштия ва монавия нишон медиҳад, ки афкору биниши ақвоми ориёӣ дар бораи офариниш ба пешрафти таърихи афкори ҷомеа таъсири зиёд дошт. Новобаста касби давлатмардӣ ба Эмомалӣ Раҳмон муяссар гардид, ки ақидаҳои бостони фалсафӣ ва динии ориёиҳоро бо таваҷҷуҳ ба макону замони пайдоиш ва ҳудудҳои паҳншавӣ ба таври барҷаста инъикос намояд. Ӯ бо назардошти истифодаи васеи мадракҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқони хориҷӣ дар

таърихнигории тоҷик ба омӯзиши ҷомеи афкори динии ориёиҳо даст зад. Дар ин замина ба ӯ муяссар гардид, ки таърихи ташаккул, густариши дину оини бостони мардумони ориёро бар асоси истифодаи васеи сарчашмаҳои таърихӣ ва таҳқиқоти нави муҳаққиқони дохилию хориҷӣ таври возеҳ рӯшан намояд. Ин аввалин ташаббус дар роҳи омӯзиш ва муаррифии оину боварҳои тамаддуни бузурги ориёӣ аст, ки метавонад таъсири афкори созандаи ниёкони моро дар пешрафти ҷомеаи инсонӣ собит созад. Таъсири чунин фарҳанги созандаи тамаддуни ориёиҳо дар пешрафти афкори халқҳои ҳамҷавори минтақа ба таври барҷаста мушоҳида мешавад. Аз ин рӯ, ин ташаббуси Эмомалӣ Раҳмонро дар роҳи омӯзиш ва инъикоси унсурҳои фарҳангии бостонии тамаддунофари ниёкони тоҷик – ориёиҳо як амали хирадмандона дар роҳи эъмори давлатдорӣ ва бақои истиқлоли комили миллӣ медонем. Таҳлилу баррасии унсурҳои фарҳанги ниёкон дар мисоли забону эътиқод ва боварҳои динӣ имкон медиҳад, ки сатҳи маърифату ҷаҳонбинии аҷдоди тоҷикон ва нақши онҳо дар тамаддуни башарӣ мушаххас гардад.

# БОБИ III. ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАИ ИСТИЛОИ АРАБ ВА МУБОРИЗАИ ОЗОДИХОҲОНАИ АҶДОДИ ТОҶИКОН ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

## 3.1. Вижагиҳои ҳуҷуми арабҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр дар осори Эмомалӣ Раҳмон

Дар радифи дигар масъалаҳои мубрами таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик, ҳамчунин дар осори Эмомалӣ Раҳмон истилои араб ва раванди густариши дини ислом дар сарзаминҳои ниёкони тоҷик – Хуросону Мовароуннаҳр мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Ӯ дар китоби хеш «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» масъалаи мазкурро дар ду боби алоҳида бар асоси манобеи таърихӣ ва осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ таҳлил менамояд [22].

Аз сабабе, ки доираи ҷуғрофии омӯзиши масъала рӯшан аст, мо маҳз ба тавсифи сиёсати забткоронаи Хилофати араб дар сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр рӯ меорем. Эмомалӣ Раҳмон дар осори хеш баррасии мавзуъро аз пайдоиши дини ислом дар асоси манобеи таърихӣ ба роҳ мемонад. Баъди вафоти Алӣ ибни Абутолиб муддате дар хилофат мубориза барои касби қудрат оғоз шуд ва дар ин раванд Муовия ба унвони пирӯзи ҷанг ба маснад нишаст.

Эмомалӣ Раҳмон замони касби қудрати Муовияро давраи дуюми ҳукумати исломӣ – хилофати Умавиён (661–750) меномад. Дар воқеъ, мазмунан ин марҳилае аст, ки аз аҳди хилофати рошиддин тафовут дошт. Сиёсати забткоронаи хулафои рошиддин дар аҳди Алӣ, ки бештар ба муборизаҳои дохилӣ шабоҳат дошт, амалан ба ҷанги миёни мусулмонон табдил ёфт ва маъмулан дар заминаи он ислом аз нав ба самти мамолики ғарбу шарқ интишор пайдо кард.

Ҳамин тавр, то оғози ҳукумати Умавиён аксар мулкҳои ғарбии манотиқи сукунати тоҷикон аз ҷониби арабҳо забт шуда буд. Эмомалӣ Раҳмон тазаккур медиҳад, ки халифа Муовия солҳои 661–662 барои забти комили мулкҳои шарқии Эрон, махсусан Хуросон ва Мовароуннаҳр Қайс ибни Ҳайсамро амири Хуросон таъйин намуд. Соли 661 нахустин волии Умавиён ба

Нишопур ворид гардид. А. Балъамӣ зикр месозад, ки ҳукумати Қайс ибни Ҳайсам дар Хуросон ҳамагӣ ду сол (то соли 663) идома кард. Дар ин муддат шаҳрҳои Бодғис, Ҳирот, Бушанҷ ва Балх аз нав забт шуданд. Сарлашкари Қайс – Ато ибни Соиб қалъаи Балхро хароб ва сокинони шаҳрро маҷбур намуд, ки бар ивази пардохти товони ҷанг сулҳ банданд [42, с. 1159-1160]. Пас аз ин сарлашкари дигари араб Ҳаким ал-Ғифорӣ, ки бо маслиҳати Муовия барои забти Хуросон шитофт дошт, баъди шикаст дар вилояти Ғур ба самти Марв рӯ овард.

Муаррихи тоҷик Ғ. Ғоибов дар ин масъала менависад, ки Муовия ибни Абусуфён дар шароити нооромиҳои Ироқ ва хатари исёни ниҳонии ҷонибдорони Алӣ Абдуллоҳ ибни Омирро дар Басра волӣ таъйин кард ва ҳамчунин вилояти Хуросонро ба ихтиёраш гузошт. Абдуллоҳ ҳамчунон ҳокими Хуросон Қайс ибни Ҳайсамро барои тасхири мулкҳои боқимондаи Хуросон равона кард. Муовия ҳамчун сиёсатмадори зираку дурандеш, ҳамчунин муносибати мусолиҳатомезро бо фармондеҳони собиқи Алӣ ба роҳ монд ва онҳоро ҳам бо сухани ширин, ҳам бо зар, ҳам бо таҳдиди шамшер ба худ тобеъ мекард.

Новобаста аз тадбирҳои Муовия, зиддиятҳои дохилӣ дар Хилофат авҷ гирифт ва бар асари он дар муддати кутоҳ ҳокимони вилоятҳо иваз мешуданд.

Эмомалӣ Раҳмон дар асоси маълумоти Табарӣ менависад, ки Муовия соли 665 Абдуллоҳ ибни Омирро (ба қавли Табарӣ «марде бесиёсат буд ва кори дуздон хор дошт ва ҳеҷ касро адаб накардӣ, то аҳли фасод ғалаба карданд») аз мансаби волии Басра ва қаламрави Хуросон сабукдӯш ва Зиёд ибни Абусуфёнро волии Басра, Сиистон ва Хуросон таъйин кард [22, с. 220].

Ба қавли муаррихи тоҷик Ғ. Ғоибов, чун Зиёд ибни Абусуфён дарк намуд, ки чаҳор ҳокими дастнишонаш дар Хуросон мустақим амал менамоянд ва лашкари ислом чандон пешравӣ надорад, дар муддати кӯтоҳ ҳамаи ҳокимонро барканор намуд ва Ҳакам ибни Амри Ғифориро волии ягонаи Хуросон баргузид [95, с. 87].

Бояд гуфт, ки дар шароите шаҳри Марвро бошишгоҳи марказӣ дар минтақа қарор дод, ки лашкари араб баъди тохтутози зиёд то канори рӯди Омӯ расид ва мулкҳои сарсабзи соҳили рости Ҷайҳунро хатар таҳдид мекард. Соли 670 Ҳаками Ғифорӣ ногаҳон вафот кард. Ба ақидаи Табарӣ, ба ӯ танҳо муяссар гашт, ки ба соҳили муқобили рӯди Ҷайҳун гузараду намоз гузорад ва пирӯзии лашкари исломро аз даргоҳи Худо илтиҷо кунад [201, с. 409; 95, с. 88].

Ба ҷойи Ҳаками Ғифорӣ Рабеъ ал-Ҳорисӣ волии Хуросон таъйин шуд. Мувофиқи маълумоти Табарӣ, Рабеъ ал-Ҳорисӣ аз муқаррабони Зиёд ибни Абусуфён буд, ки «шаҳри Балх бо сулҳ бикушод ва ба Мовароуннаҳр шуд ва бо турк ҳарб кард ва ғанимат бисёр ёфт ва зуд бозгашт» [42, с. 1168].

Табарӣ дар мавриди нуфузи рӯзафзуни Рабеъ ал-Ҳорисӣ дар соли 53-и ҳиҷрӣ (673) менависад, ки ҳарчанд аз лаби Ҷайҳун то Ироқу канораҳои Даҷларо дар ихтиёр дошт, вале дар номае аз Муовия хоҳиш намуд: «Ин ҳама подшоҳӣ ба дасти чап ҳамедорам ва дасти ростам фориғ аст, агар бинад, ки Макка ва Мадина маро диҳад, то дасти ман тиҳӣ набошад, ки маро ин орзуст» [42, с. 1168].

Ҳарчанд, дар солҳои 50-60-уми асри VII Хуросон комилан забт шуд, вале сипоҳи араб ҳуҷуми худро аз Марв ба Тахористон ва аз Сиистон ба Кобул идома медод [146, с. 220].

Акнун бо ин ҳама омодагӣ ва забти аксар шаҳрҳои марказии сарзамини Хуросон ҳадафи ниҳоии арабҳо фатҳи минтақаи дигари тоҷикинишин – Мовароуннаҳр маҳсуб мееёфт. Эмомалӣ Раҳмон масъалаи тасхири сарзамини Мовароуннаҳрро аз ҷониби арабҳо бо таваҷҷуҳ ба мубориза ва исёни озодихоҳии мардуми минтақа мавриди таҳлилу баррасии қарор медиҳад. Ӯ низ чун дигар муаррихон парокандагии сиёсиро дар арафа ва оғози истилои араб яке аз вижагиҳои таърихи таҳаввулоти минтақа медонад. Дар ин хусус бо тафсил зикр менамояд, ки ҳангоми салтанати туркҳо ва ҳуҷуми араб дар Мовароуннаҳр давлати мутамарказ, ки тамоми минтақаро муттаҳид намояд,

амалан вуҷуд надошт ва ҳар кадом музофоту мулкҳои ҷудогона аз ҷониби подшоҳ ё ҳокими мустақилу ниммустақиле идора мешуд [22, с. 222].

Аз маълумоти муаррихони асримиёнагӣ маълум мешавад, ки арабҳо шаҳри Марвро ба қароргоҳи ҳарбӣ табдил дода, минбаъд аз он ҷо нақшаи тохтутозро ба шаҳрҳои мухталифи Мовароуннаҳр тарҳрезӣ менамуданд. Дар Мовароуннаҳр мулкҳои хурди зиёде, монанди Бадахшон, Шумон, Хутталон, Тирмиз, Чағониён, Аҳорун, Бухоро, Кеш, Нахшаб (Насаф), Суғд, Хоразм, Истаравшан, Чоч ва Фарғона аз ҷониби шоҳону ҳокимони маҳаллӣ идора мешуданд. Онҳо ҳамеша дар ҳолати ҷангу муноқишаи дохилӣ қарор доштанд. Ҳатто, ҳангоми тохтутози арабҳо дар Бухоро ва музофоти атрофи он ду худот байни ҳам барои касби қудрат мубориза ва талош меварзиданд.

Бухорхудот Хутакхотун барои мубориза ба муқобили амири нави Хуросон Убайдуллоҳ ва ҳимояи шаҳр мардуми Суғд ва урдуи туркҳоро барои ёрӣ даъват кард. Тибқи маълумоти Балозурӣ, дастае аз туркҳо ба мадади Бухоро омаданд, вале баъди набарди шадид ва шикаст дар қиболи лашкари муҷаҳҳазу ҷангозмудаи Убайдуллоҳ рӯ ба фирор оварданд [22, с. 223].

Дар хусуси муборизаи байни Бухорхудот ва Убайдуллоҳ ҳам Наршахӣ ва ҳам Балозурӣ маълумот медиҳанд, ки Убайдулло новобаста аз ғалабаи комил барои муоҳидаи сулҳ ва пардохти товони ҷанг аз Хутакхотун як миллион дирҳам ва зару хостаи зиёде талаб намуд.

Садриддин Айнӣ дар бастагӣ ба ин мавзуъ менависад, ки Хутакхотун ҷиҳати раҳоӣ аз муҳосираи тӯлонӣ ва куштори аҳли шаҳр шартҳои ин лашкаркаши сангдилу бешафқатро пазируфт ва баъди кушодани дарвозаҳои шаҳристон Бухоро гирифтори ғорату тороҷи зиёд гашт. Дар маҷмуъ арзиши молу ғанимати арабҳоро метавон аз рӯи он қиёс намуд, ки танҳо як мӯзаи ҷавоҳиркории маликаро дар бозор дусад ҳазор дирам нарх гузоштанд [195, с. 88].

Ба қавли Балозурӣ, Убайдуллоҳ баъди инқиёди шартномаи сулҳ бо Хутакхотун пешниҳод ва дарёфти як миллион дирҳами товони ҷанг қалъаи

Ромдин, Байканд ва Бухороро тасхир намуд ва ба ғорату тороҷи мардумони он даст зад [67, с. 19].

Бояд гуфт, ки Убайдуллоҳ, ки дар бераҳмӣ, хунрезӣ ва асорату тороҷи мардумон аз падараш Зиёд чандон камӣ надошт, аз ҷумла чор ҳазор камонкаши моҳирро аз аҳолии маҳаллӣ ба ғуломӣ бурд ва бо ғанимати бешумор Бухороро тарк намуд. Эмомалӣ Раҳмон ҳамин хислати Убайдуллоҳро сабаби бозхонди ӯ аз ҷониби халифа ва амир таъйин шуданаш дар Басра меномад. Убайдуллоҳ декабри соли 674 аз Хуросон бозхонд ва дертар ба ҷои падараш амири Басра шуд [22, с. 223].

Мувофиқи маълумоти Табарӣ, Муовия Саид ибни Усмонро аз Мадина ба ҳузураш даъват кард ва маншури волии Хуросонро барояш дод. Ба ин восита ӯро барои ҷиҳод дар роҳи ислом ба мулки дуру хатарнок равона кард ва аз як рақиби эҳтимолӣ халос шуд.

Саид ибни Усмон бо илтифоту эътимоди халифа дар Басра 4 ҳазор ғозӣ ҷамъ кард ва ба самти Хуросону Мовароуннаҳр раҳсипор гардид.

Мувофиқи маълумоти Ғ. Ғоибов, ҳангоми убури Саид ибни Усмон аз вилояти Форс, мардум аз ҷабру зулми сарвари роҳзанон Молик ибни Райб шикоят намуданд. Саид ибни Усмон баръакси вокуниши мардум дастаи роҳзанон ва бандиҳои зиндониро ба сипоҳ ҳамроҳ сохт. Хулоса, ба сипоҳи ғазоталаби ислом боз чор ҳазор дузду авбош пайваст ва онҳо ба самти Мовароуннаҳрро равона шуданд [95, с. 90-91].

Ҳамин тавр, тобистони соли 676 Саид ибни Усмон дарёи Омуро убур карда ба самти Бухоро ҳаракат намуд. Дар ин росто, яке аз сарлашкарони бухороӣ қабл аз убури сипоҳи пешсафи Саид бо панҷсад савораи яккачин дар деҳаи Хуҷада воқеъ дар канори шаҳристон ҷой гирифт. Дар рафти муҳорибаи нахустин, ки тобистони соли 676 дар назди Бухоро ба амал омад, лашкари пешсафи араб бо талафоти зиёде рӯ ба фирор овард [22, с. 224].

Нависанда ва таърихнависи тоҷик Сотим Улуғзода дар «Ривояти суғдӣ» зикр менамояд, ки Саид ибни Усмон аз ин густохии сипоҳи малика барошуфт ва дарҳол шаҳри Бухороро муҳосира намуд. Лашкари на он қадар зиёди

Хутакхотун дар муқобили сипоҳи чилҳазораи арабҳои ғазоталаб, ки шаҳристонро аз қадду бар печонида буданд, бо вуҷуди ҷонбозиҳо то охир истодагарӣ карда наметавонист. Бинобар ин, маликаи Бухоро, ки дар муҳорибаи собиқа аз таомули ғазо сулҳи арабҳо таҷриба гирифта буд, намояндаҳояшро барои бастани паймон фиристод [235, с. 139-140]. Саъид дар Бухоро 300 ҳазор дирҳам ва тамоми дороии мардумро ба ғорат бурд ва бо асорат гирифтани 80 шоҳзода ба сӯйи Самарқанд ҳаракат кард [307, с. 120].

Пас аз муҳорибаи Бухоро ва дарёфти ғанимати зиёд лашкари Саид ибни Усмон дар наздикии Самарқанд мавқеъ гирифт. Таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки дар он замон Самарқанд ҳамчун маркази Суғд аз лиҳози рушди тиҷорат ва иқтисод бузургтарин шаҳри Мовароуннаҳр буд. Ин шаҳр барои мардуми маҳаллӣ ва тоҷирон аҳаммияти бузурге дошт. Ҳамин омили стратегӣ буд, ки атрофи шаҳр ду қабат девори истиҳкомӣ ва дувоздаҳ дарвоза дошт. То ин замон Самарқанд ба аҷнабиёни дигар ҳам рӯ ба рӯ шуда буд. Таърихи таҳаввулоти минбаъда ҳам нишон медиҳад, ки саркардаҳои дигари аҷнабӣ низ ба тасхири ин шаҳр бештар таваҷҷуҳ меварзиданд.

Эмомалӣ Раҳмон дар осори худ тохтутози арабҳоро нисбатан дар ин маркази фарҳангу тамаддуни ниёкони тоҷик бо тафсил таҳлилу баррасӣ менамояд. Махсусан, ӯ ба тарҳи муҳосираи шаҳри Самарқанд дар замони тохтутози амири арабтабори Хуросон Саид ибни Усмон таваҷҷуҳ менамояд. Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон, Саид ибни Усмон шаҳристони Самарқандро ба муҳосира гирифт ва мехост тавассути аробаю манҷаниқ девори қалъа ва дарвозаҳои шаҳрро шиканад. Мубориони суғдӣ баъзан ба василаи шабохун ва ҳамлаи ногаҳонӣ аз дарвозаҳо ба истилогарон зарба мезаданд. Аммо шумораи лашкари араб нисбат ба муҳофизони шаҳр се баробар зиёд буд ва аз сӯи дигар, дастаҳои тозаи ғазоталаб ба ёрии онҳо аз Нишопуру Марв расида меомаданд. Сипоҳи барзиёди Саид ибни Усмон деҳу рустоҳои атрофро ғорат ва пиру ҷавонро асир сохта, онҳоро ҳангоми ҳуҷум пешопеши фавҷи лашкар чун сипар кор мефармуданд [22, с. 225].

Ҳарчанд, муҳорибаи Самарқанд як моҳ тӯл кашид, вале сипоҳи араб ба забти он даст наёфт. Дар муҳорибаи мазкур писари амаки пайғомбар (с) Қусам ибни Аббос кушта шуд, Саид ибни Усмон ва сарлашкараш Муҳаллаб ибни Абӯсуфра як чашми худро аз даст доданд [22, с. 225].

Дар ин радиф бояд гуфт, ки мақбараи эҳтимолӣ ё воқеии Қусам ибни Аббос дар Самарқанд баъдтар бо номи Шоҳи Зинда маъруф гардид, ки имрӯз зиёратгоҳи машҳури мусулмонон аст.

Саид дар раванди набард аз мубориазаи сахти мардуми Самарқанд ва имкони пайвастани суғдиёну туркон ба ҳарос омада, ба гуфтугузори сулҳ розӣ шуд. Дар ин раванд, Саид мулкҳои меросӣ ва қасрҳои хосси ихшидҳоро дар берун аз шаҳри Самарқанд забт ва пешвои муборизонро ба созишномаи сулҳ даъват намуд. Тибқи созишномаи сулҳ, ихшиди Самарқанд мебоист дар радифи пардохти ҳафтсад ҳазор дирҳам товони ҷанг ва ба гаравгон гузоштани 20 ихшидзода (ба қавли Табарӣ, 50 нафар) ба Саид ибни Усмон, ҳамчунин як дарвозаи шаҳрро мекушод, то писари халифаи сеюм аз рустою бозор ва қасру кушкҳои муҳташам дидан намояд. Саид ибни Усмон баъди дарёфти товони ҷанг бо зиёда аз ҳазор нафар сарлашкару сипоҳии бонуфузаш аз дарвозаи Навбаҳор даромад ва як миқдор зару молро дар бозор гирифт ва тавассути дарвозаи Кеш Самарқандро тарк нумуд [235, с. 189].

Таҳлили ҳуҷумҳои амири собиқ Убайдуллоҳ ибни Зиёд ва Саид ибни Усмон нишон медиҳад, ки ғорату истимори мардуми маҳаллӣ ва дарёфти боигарии шаҳрҳо дар маркази таваҷҷуҳи онҳо қарор дошт. Арабҳо дар баробари дидани ганҷу сарват ва табиати созандаи ин минтақа мақсади асосии худро фаромуш сохтанд, яъне ин ҳуҷумҳо комилан моҳияти ғоратгарона касб кард.

Пас аз тохтутози нобарор Саид ибни Усмон дар музофоти фатҳшуда моликони хироҷ ва дигар намояндаҳои худро таъйин намуд ва худ ба маркази шарқии хилофат шаҳри Нишопур рафт.

Ҳарчанд Саид ибни Усмон ба ганҷи зиёд даст ёфт, вале дар забти комили сарзамин комёб нашуд. Мушкилоти идораи умури мулкҳои Хуросон

ва забти манотиқи Мовароуннаҳр Саид ибни Усмонро маҷбур кард, ки ба истеъфо равад. Соли 677 Саид ибни Усмон бар ин асос аз халифа Муовия хоҳиш нумуд, ки ӯро аз мансаби амирии Хуросон озод намояд.

Ҳарчанд, соли 678 халифа Муовия пас аз Саид ибни Усмон аморати Хуросонро ба ихтиёри Абдурраҳмон ибни Зиёд гузошт, вале ӯ дар муддати қариб ду соли ҳокимияташ ягон ҳуҷуми муассире ба самти Мовароуннаҳр анҷом надод [95, с. 93].

Дар ин миён Абдурраҳмон ибни Зиёд бо пахши ҳангомаҳо дар бораи хабари фавти халифа Муовия дар марказ ва кушта шудани Ҳусейн ибни Алӣ аз Хуросон ба Димишқ баргашт. Ӯ қабл аз рафтанаш ба ҷойи худ Қайс ибни Ҳайсамро роҳбари умури идории Хуросон гузошт.

Бояд гуфт, ки бо фавти Муовия ва ба тахти хилофат нишастани писараш Язид дар хилофат бар асари шуру ғавғо субoти зиёда аз бистсола аз байн рафт. Акнун мубориза ва мунокишаҳои дохилӣ маркази хилофатро фаро гирифт [42, с. 1173].

Ин зиддияту даргириҳо ба қатли Ҳусейн ибни Алӣ (дар Карбало, 10-уми октябри соли 680) хотима ёфт. Мувофиқи маълумоти Табарӣ, ба подоши қатли имоми шаҳид Ҳусайн халифаи бешафқат Язид ибни Муовия маснади волии Куфа ва саводи Ироқро ба Убайдуллоҳ ибни Зиёд муносиб дид ва бародари сеюми онҳо Салм ибни Зиёди 24-соларо амири Хуросон ва Сиистон таъйин намуд. Салм маншури аморат дар даст ба ҳузури бародари калонаш Убайдуллоҳ омад, ки бо дастури Язид ибни Муовия аз қароргоҳи лашкари Ироқ шаш ҳазор сипоҳ интихоб намояд. Ҳарчанд, Убайдуллоҳ, дар дил ҳавои волии Хуросон шуданро дошт, бо супориши халифа шаш ҳазор сипоҳӣ ва харҷи онҳоро ҷудо кард [152, с. 515]. На танҳо Убайдуллоҳ, балки аксар саркардаҳои сипоҳи араб орзу мекарданд, ки ба мансаби волии Хуросон даст ёбанд.

Ҳамин тавр, Эмомалӣ Раҳмон зикр менамояд, ки амири нави Хуросон Салм ибни Зиёд бо сарлашкарони таҷрибадоре, монанди Абдуллоҳ ибни Ҳозим, Муҳаллаб ибни Абусуфра, Ҳанзал ибни Арод ҷониби Хуросон

ҳаракат намуд ва бо ҷалби арабҳои ғоратмуштоқи муқими Нишопуру Марв ва дигар маволии ғазоталаб шумораи сипоҳашро се баробар афзуд. Мувофиқи маълумоти Табарӣ, Салм баъди убур аз дарёи Ҷайҳун ва набардаш бо туркон, «ба дари Хоразм шуд ва як сол дар он ҷойгоҳ бимонд» [42, с. 1189].

Ҳоло бухорхудот аз ҳуҷумҳои ғоратгаронаи Убайдуллоҳ ва Саид ибни Усмон ба худ наомада буд, ки боз ба таҳдиди ҳуҷуми навбатии амири нави Хуросон Салм гирифтор шуд. Ӯ аз ихшиди Суғд Тархун ва ҳоқони туркҳо Бидун ёрӣ пурсид. Бухорхудот ва ихшиди Самарқанд бо ҳам издивоҷ намуда, ҳоқони туркро ҳам ба мубориза зидди арабҳо даъват карданд. Дастаҳои пешсафи артиши Салм ибни Зиёд аз Хоразм ба Бухоро расид ва тибқи паймони пешакӣ ба шаҳр ворид гардиданд [95, с. 93-94].

Бухорхудот дар миёни душман ночор бо арабҳо шартномаи сулҳ баст, ки мувофиқи он бояд ҳамчун товони ҷанг ба онҳо хироҷи афзун пардохт менамуд. Тибқи маълумоти Абубакри Наршахӣ, ғанимати ҷангӣ ба ҳар ҷанговари савора 2400 дирам ва ба ҳар ҷанговари пиёда 1200 дирам тақсим гардид. Сипас Салм ибни Зиёд ба фатҳи вилояти Суғд ва пойтахти он Самарқанд рӯ овард [221, с. 57].

Дар Самарқанд ҳам муҳосира чандон тӯлонӣ давом наёфт ва ихшид Тархун баъди пардохти ҳазор дирҳам фидя бо арабҳо созиш баст. Амири Хуросон Салм ибни Зиёд зимистони соли 682-ро дар Самарқанд сипарӣ намуд ва писари навзодашро Суғдӣ ном гузошт. Ба андешаи Наршахӣ ва Балозурӣ, Салм ибни Зиёд дар муддати 2 соли лашкаркашияш тақрибан даҳ миллион дирҳам ба хазинаи хилофат пешкаш фиристод [121, с. 57; 95, с. 95].

Дар ин радиф, амири Хуросон соли 683 лашкарашро қисман барои ишғоли шаҳри Хуҷанд фиристод, вале сипоҳиёни ӯ ба ғалаба даст наёфтанд.

Эмомалӣ Раҳмон дар асоси ахбори муаррихони асримиёнагӣ зикр менамояд, ки соли 683 Салм ибни Зиёд бо ғанимати зиёд ба шаҳри Марв бозгашт ва низоми идории Хуросон ва вилоятҳои забтшудаи Мовароуннаҳрро ба таври муназзам ба роҳ монд. Тирамоҳи соли 683 хабари

марги халифа Язид ба Салм ибни Зиёд расид, вале аз тарси сар задани шуру ошӯб ин мусибатро махфӣ нигоҳ дошт [22, с. 231].

Волии нави Хуросон Абдуллоҳ ибни Ҳозим баъди фавти халифа Марвон ва ташдиди вазъи носубот дар маркази хилофат худро мустақил эълон кард ва ҳатто ба номаш аз тило сикка зарб зад [121, с. 56]. Ҳамзамон, мардуми Хуросон, ки аз ҷабру зулми волиёни умавӣ ва ғорати онҳо  ба ҷон расида буданд, зоҳиран ин иқдомро хеле хуб қабул намуданд. Абдуллоҳ ибни Ҳозим писараш Мӯсоро волии Марв таъин кард ва ба самти Ҳироту Нишопур лашкар кашид. Ӯ баъди ишғоли чанд шаҳр писари дигари худ Муҳаммад ва сарлашкараш Букайрро дар мулкҳои ишғолӣ ҳоким гузошт.

Халифа Абдулмаликро зарур буд, ки барои саркӯб намудани қувваҳои марказгурез ва таҳкими мақоми ҳукумати марказӣ аз таҷрибаи халифаҳои собиқ истифода барад. Мувофиқи маълумоти Август Мюллер, дар давраи Абдулмалик сипоҳи араб зери фармондеҳии Валид аз нав ҳуҷумҳои худро дар заминҳои шарқ то Ҳиндустон, Туркистон, дар шимол то Қафқоз, деворҳои Константинопол, дар ғарб то соҳилҳои уқёнуси Атлантика ва марзи Фаронса идома доданд [152, с. 313].

Эмомалӣ Раҳмон зикр менамояд, ки кӯшишҳои истиқлолхоҳии амири Хуросон Абдулмаликро ба ташвиш оварда буд. Бинобар ин, халифа миёни Абдуллоҳ ибни Ҳозим ва сарлашкари ӯ Букайр низоъ ангехт. Сабаби низоъ дар он буд, ки халифа Абдулмалик мехост волии истиқлолхоҳ Ибни Ҳозим барои дарёфти маншури ҳафтсола ва тоза намудани байъат ба Димишқ ҳозир шавад. Ибни Ҳозим медонист, ки ин даъват барои ӯ як навъ сӯиқасд аст ва бинобар ин, даъвати халифаро рад кард. Халифа Абдулмалик дар ин муддат маншури аморати Хуросонро ба Букайршоҳ фиристод ва ӯро муқобили Ибни Ҳозим таҳрик дод. Соли 692 Ибни Ҳозим бар асари сӯиқасд кушта шуд ва писараш Мусо дар Тирмиз худро мустақил эълон кард. Мусо пас аз фавти падараш бар хилофи интизори арабҳо бо ихшиди Самарқанд Тархун ва шоҳи Хутталон Шаҳбол тарҳи дӯстӣ ва ҳамкорӣ баст [22, с. 232].

Баъд аз таҳкими вазъи дохилӣ дар маркази хилофат ҳама таваҷҷуҳи доираҳои сиёсии ҳукмрон ба танзими умури идории мулкҳои дурдасти марказгурез равона шуд. Аз лиҳози сиёсӣ идораи минтақаи Хуросону Мовароуннаҳр барои халифа бисёр мураккаб буд. Соли 704 яке аз сарлашкарони маккор ва зираки умавӣ Қутайба ибни Муслим амири Хуросон таъйин шуд. Қутайба аз рӯзҳои аввали ҳукуматаш забти Мовароуннаҳр ва саркӯб сохтани ҳокимони саркашу марказгурезро дар ин минтақа ҳадафи ниҳоӣ қарор дод. Ӯ ба унвони саркардаи соҳибтаҷриба медонист, ки ҳар қадар парокандагии сиёсӣ ва зиддияти дохилӣ дар миёни ашрофи маҳаллӣ таҳким ёбад, ҳамон қадар ба мақсади ниҳоияш дар Мовароуннаҳр наздиктар мешавад.

Тибқи навиштаи Эмомалӣ Раҳмон Қутайба ибни Муслим, ки мактаби набардҳои зиёду беамон, қатлу куштор, таъқибу ҷазодиҳии волии Ироқ - Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуфи золимро гузашта буд ва барои тарсондани чашми шӯришгарону истиқлолхоҳон ва ҷазо додани мардуми озодандеш аз фитнаю дасиса, таҳқиру саркуб, қатлу куштор, дар маҷмуъ аз ҳама гуна усулҳои хиёнату ноҷавонмардӣ басо моҳирона истифода мекард [22, с. 233].

Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми таҳлилу баррасии муносибати байни Қутайба ибни Муслим ва ҳокимони маҳаллӣ бештар аз навиштаҳои Табарӣ иқтибос меорад, ки «Қутайба ибни Муслим ба Низак нома навишта, бар ивази озод кардани сарбозони мусулмон ба ӯ амон дод ва ба сифати фармондеҳ лашкари афзуну ҷангозмудаашро барои ширкат варзидан дар ғазоҳои минбаъдаи ислом даъват кард. Низак баъди гирифтани номаи Қутайба ва чандин бор ташриф овардани расули ӯ Сулайми Носеҳ ба ваъдаҳои афзуни волии нав фирефта шуда, ба Марв омада сулҳ баст, ислом пазируфт ва дар чандин лашкаркашиҳои ӯ, аз ҷумла фатҳи Пайканду Форёб (соли 706) ширкат намуд» [22, с. 234].

Низак дар муҳорибаҳои Пайканду Форёб бо мушоҳидаи зулму хунрезиҳои бешумори Қутайба бо нафрат аз вай иҷозат хост, ки ба Тахористон баргардад. Ҳамин тавр, Низак робитаю ҳамкорияшро бо ин

сарлашкари ғосибу бераҳм қатъ ва ҳокимияти арабҳо эътироф накард. Эмомалӣ Раҳмон зикр менамояд, ки ӯ дар дараи Хулм исён бардошт ва ба «маликони Балх Марворӯд, Толиқон ва Кобулшоҳ кас фиристод» ва онҳоро ба муборизаи зидди Қутайба даъват намуд [22, с. 234].

Аз сӯи дигар, Қутайба ибни Муслим дар забти Мовароуннаҳру Хуросон пайдарпай зафар меёфт, ки аслан ин омил ба шиддати мухолифати миёни подшоҳону ҳокимони мустақилу ниммустақил дар ин сарзамин бастагӣ дошт.

Эмомалӣ Раҳмон дар асоси маълумоти муаррихони асримиёнагӣ таъкид менамояд, ки Қутайба маҳз бо ёрӣ ва машварати баъзе ҳокимони маҳаллӣ, аз ҷумла Тиши Аъвар дарёи Ҷайҳунро убур карда, соли 706 дар роҳ ба самти Бухоро Пайкандро забт намуд. Ҳамчунин, ӯ зикр менамояд, ки дар ин футӯҳоти қаблии Қутайба родмарди истиқлолхоҳ Низаки Тархон низ бо лашкараш пайваст ва аз амири мусулмонон риояи адолату инсофро интизор буд [22, с. 235].

Бояд гуфт, ки Пайканд яке аз шаҳрҳои тиҷоратии Мовароуннаҳр буд ва бошандагони он ба арабҳо зиддияти сахт нишон додаанд. Ақиб нишастани арабҳо дар муҳорибаи мазкур аз муқобилияти сахти сипоҳи суғдиён ва мардуми Пайканд гувоҳӣ медиҳад. Мутаассифона, дар замони муҳосираи шаҳр (аз 2 то 10 моҳ) арабҳо роҳҳои асосии иртиботиро бастанд ва муборизони шаҳр дар ин ҳол таслим шуданд.

Дар осори Эмомалӣ Раҳмон тохтутози Қутайба ва вижагиҳои муомилаи ӯ дар шаҳрҳои Мовароуннаҳр ба тафсил таҳлилу баррасӣ мешавад. Ӯ бар асоси маълумоти «Таърихи Табарӣ» менависад, ки Қутайба пас аз истинтоқу шиканҷаи мардуми Пайканд ба самти Бухоро рӯ овард, вале ҳанӯз 5 фарсах дур нарафта буд, ки хабари исёни дубораи мардуми шаҳр ва кушта шудани дастнишондааш иштиҳор ёфт. Пас аз ин ҳодиса ӯ ночор ба Пайканд баргашт ва аксар муборизони шаҳрро қатл ва занону кӯдаконро ба ғуломӣ бурд. Аз маълумоти Табарӣ бар меояд, ки Қутайба аз тохтутози навбатии Пайканд ғанимати хеле зиёд, махсусан зару зевар, ҷомаву матои хушбофт, яроқу аслиҳа ва дигар лавозими ҷангӣ ба даст овард [22, с. 235]. Ба қавли Табарӣ,

дар миёни асирон тоҷири якчашмае хост бар ивази наҷоти ҷонаш «панҷ ҳазор ҷомаи ҳарири чинии қиматаш ҳазор-ҳазор дирам» пешкаш намояд, вале Қутайба бо макр ҳам тоҷирро кушт ва ҳам ҷомаҳоро соҳиб шуд. Дар миёни ғанимати Пайканд «буте, заррин буд, панҷоҳ ҳазор мисқол ва ду марвориди бузург, чунон ки Қутайба андар он шигифт бимонд аз бузургию равшании он» [42, с. 1262].

Қутайба ибни Муслим соли 707 ва 708 ду бор зимни ҳуҷум ба Бухоро барои забти шаҳрҳои Кеш, Нахшаб ва Самарқанд талош варзид. Ӯ бо вуҷуди талошҳои зиёд дар ҳар ду набард аз сипоҳи муттаҳидаи суғдиёну туркҳо шикаст хӯрд ва ба Марв баргашт.

Пас, Қутайба дар ҳоли даргирӣ ва зиддияти ҳокимони маҳаллӣ роҳкори низомии худро дар Мовароуннаҳр иваз кард. Ӯ баъди чанд нокомӣ дар ҷанги мустақим, аз ҳилаву найранг кор гирифт. Мувофиқи маълумоти Абубакри Наршахӣ, Қутайба дар миёни ҷосусони хеш афроди боэътимоди Тархунро ба назди ихшиди Суғд равон кард ва онҳоро мутмаин сохт, ки арабҳо баъди чанд муддат Бухороро тарк менамоянд ва хоқони турк дар ин фурсати муносиб бо лашкари муназзамаш ҳатман Суғди пурсарвату зеборо забту ғорат менамояд [54, с. 59].

Қутайба ибни Муслим баъди ин созиш ба муқобили туркҳо ва фидоиёни дигари Бухоро ҳамла овард. Ба қавли Табарӣ, Қутайба эълом дошт, ки бар ивази ҳар сари куштаи рақиб ба сипоҳиён сад дирам подош медиҳад. Дар натиҷа аз сари муҳофизони Бухоро пуштаи баланд падид омад ва шаҳр таслим шуд. Саркардаи бераҳм Қутайба ибни Муслим Вардонхудотро бо ҳама аҳлу иёлаш маҳв ва ҳар ду мулки Бухороро бо ҳам муттаҳид ва як муқаррабашро ҳоким таъйин кард.

Эмомалӣ Раҳмон бар асоси маълумоти Табарӣ ва Наршахӣ менависад, ки Қутайба пас фатҳи Бухоро соли 710 Шумон, Кеш ва Нахшабро забт ва тамоми ғанимати ҷангиро дар миёни сипоҳиёнаш тақсим кард ва барои ҳуҷум ба Самарқанд омодагӣ медид. Дар ин раванд хоразмшоҳ ба назди ӯ омада, барои пахши исёни бародараш Ҳурзод аз ӯ ёрӣ хост. Ҳамин тавр, Қутайба соли

711 зимни лашкаркашӣ ба Хоразм шӯриши Ҳурзодро пахш намуд ва дар асоси созишнома бо хоразмшоҳ қудрати арабҳоро дар ин ҷо таҳким бахшид. Пас аз ин Қутайба барои ситонидани андоз намояндаҳояшро ба ҳузури Тархун фиристод, вале чун мардуми Самарқанд аз қасди лашкаркашии Қутайба ва сиёсати созишкоронаи Тархун норозӣ буданд, дар натиҷаи исён ӯро сарнагун ва Ғуракро пешвои худ интихоб намуданд. Тархун, ки ҳам эътимоду дастгирии арабҳо ва ҳам боварии мубориузони суғдиро аз даст дода буд, соли 710 дар зиндон худкушӣ кард [120, с. 61].

Қутайба то дараҷае макор буд, ки дар ибтидо муттаҳидонро аз ҳам ҷудо мекард ва баъдан дар фурсати муносиб бо ёрии як ҷониб дигареро аз қудрат дур месохт.  Албатта, ин амали баъзе аз ҳокимони маҳаллӣ дар муносибат бо чунин гумоштаи аҷнабӣ бисёр сода буд. Ҳатто Қутайба бо баҳонаи ситонидани қасоси Тархун бо дастаҳои ҳарбии муттаҳидаи бухориёну хоразмиён соли 712 ҳамроҳи бародараш Абдурраҳмон ба Самарқанд ҳуҷум намуд. Дар тарҳрезии чунин амали ношоиста баъзе ҳокимоне маҳаллӣ низ бо Қутайба ҳамдаст шуда буданд. Яке аз ин гуна афроди хиёнаткор ҳокими Хоразм буд, ки Қутайбаро ба муқобили бародари худ таҳрик дод.

Бояд гуфт, ки лашкари муттаҳидаи тақрибан бистҳазораи Қутайба инбни Муслим қалъаи Самарқандро муҳосира карда, дар давоми беш аз як моҳ бо 300 манҷаниқ ва чанд дастаи тирандоз ба рахнаи қалъаи истеҳкомӣ машғул буд. Сарони Самарқанд аз подшоҳони Чочу Фарғона ва дастаҳои турк ёрӣ хостанд, вале туркҳо бо сабаби хиёнати Тархун ба кумаки мардум ҳозир нашуданд.

Хулоса, муҳофизони Самарқанд дар муборизаи зидди Қутайба танҳо монда, иҷборан бо шартҳои номувофиқ бо арабҳо созиш бастанд. Мувофиқи маълумоти Табарӣ, «Қутайба бо онҳо сулҳ кард, бо даҳ бор ҳазор-ҳазор дирам, ки ҳар соле бидиҳанд ва имсол се ҳазор сар барда бидиҳанд, ки андар миёни онҳо кӯдаки хурд набувад ва на марди пир ва ҳар чӣ андар оташкадаҳост аз зинатҳошон баргирад ва бутонро бисӯзонад. ... бутҳо ва

ҷумлаи мехҳои заррину симинро гудохтанд, ки аз он 50 ҳазор мисқол зару сим ҳосил гашт» [42, с. 1278].

Дар радифи бозтоби қатлу ғорат, тохтутозу харобкорӣ, ҷабру зулм, хиёнату риёкории Қутайба ибни Муслим Эмомалӣ Раҳмон ба таври мухтасар аз ҳуҷуми ӯ дар солҳои 713–714 ба Хуҷанд, Чоч ва Фарғона ёдовар мешавад, ки танҳо дар Истаравшан мардуми зиёдро ба қатл расонид. Ҳамчунин, соли 714 Исфиҷобро ишғол карда, ба воситаи Чоч ба Фарғона омад ва муддате ин мулки хушбоду ҳаворо маскани зисти худ қарор дод. Мувофиқи баъзе маълумот, Қутайба дар Фарғона маҳалле арабнишин сохта, мехост дар охири умраш ин мулкро ба иқоматгоҳи доимӣ ва маркази кишваркушоӣ ба самти Чин табдил диҳад. Дар ин хусус Эмомалӣ Раҳмон барҳақ менависад: «Ҳар чӣ ҳам набошад, ин орзуи вопасини ӯ мустаҷоб гардид ва Фарғона макони зисти охирини ӯ қарор ёфт» [22, с. 238].

Акнун пас аз даҳ сол амири дигари арабтабори Хуросон Асад ибни Абдуллоҳ бояд мулкҳои дигари Мовароуннаҳрро забт мекард. Аз осори муҳаққиқон бармеояд, ки амири нави Хуросон ҳарчанд ба мисли волиёни пештар чандин бор ба Самарқанд тохтутоз анҷом дод, вале номи ӯ дар таърих ҳангомаи лашкаркашӣ ба Хутталон машҳур шуд.

Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми баррасии тохтутози Асад ибни Абдулло зикр менамояд, ки баъди расидан ба маснади волии Хуросон, ӯ ба Нишопуру Марв омада, барои ҳуҷуми ғоратгарона ба Суғд омодагӣ гирифт. Баъди ҳуҷуми нобарор ба Суғд, афроди содиқашро масъули хироҷи музофоту ноҳия ва ҳоким таъйин кард. Ҳамчунин, бо афшини Истравшан шартнома баст ва аз ӯ маблағи зиёде ситонид. Асад ибни Абдуллоҳ зимни боздид аз ноҳияи Барукани Балх тадриҷан маркази амoратро аз Нишопур ба Балх кӯчонид ва ба таъмири девори шаҳр, ободонии шаҳристон ва бунёди қароргоҳи муҳташам машғул гардид. Ӯ яке аз муъбадони бонуфузи балхӣ - Бармакро меъмори иншооти Балх - таъйин карда, баръакси сиёсати зӯроварии амирони собиқ бо ашрофи маҳаллӣ наздик шуд. Дар навбати худ ашрофи маҳаллӣ дар ивази

унвону мансаб тадриҷан ислом оварданд ва барои густариши ислом хидмати шоиста анҷом доданд.

Эмомалӣ Раҳмон зикр менамояд, ки Асад ибни Абдуллоҳ дар навбати аввал ба Ғур, Нимруд ва Толиқан ҳуҷум намуд ва бо ҳокимони ин вилоят дар ивази созиш ва пардохти маблағи муайян мустақилияти худро нигоҳ доштанд. Ҳамин тавр, Асад ибни Абдуллоҳ баъди пирӯзиҳо соли 725 ҷиҳати ҳуҷум ба Хатлон омодагӣ гирифт [22, с. 244].

Омӯзиши осори муаррихон нишон медиҳад, ки амири арабтабори Хуросон ҳангоми лашкаркашӣ ба Хутталон, дар радифи ҷалби сарлашкарони таҷрибадор аз ҳисоби пиёдаҳои муҷаҳҳаз ва саворони ҷавшанпӯш дастаҳои зиёди даҳҳазора омода сохт. Асад ибни Абдуллоҳ бо сипоҳи пиёдаву савора аз дарёи Омӯ гузашта, ба ҳудуди Хутталон ҳуҷум кард. Сипоҳи Хутталон ба лашкари афзуни арабҳо ҳамла карда, ба он талафоти зиёд расонид. Сипоҳи арабҳо дар натиҷаи ҳуҷумҳои Шаҳбол пароканда ва аз ночорӣ рӯ ба гурез овард. Асад ибни Абдуллоҳ бо сипоҳаш худро ба рӯди Омӯ зада, ҷон ба саломат бурд. Сипоҳи Хатлон дар ҳоли таъқиб ва убур аз дарё дастаҳои сипоҳи ақибгоҳро пурра нест сохт [120, с. 75].

Ба қавли Балозӯрӣ, ки дар осори Эмомалӣ Раҳмон иқтибос шудааст, Асад ибни Абдуллоҳ баъди шикасти шармандавор сарлашкарону ашрофи бонуфузашро барои талафоти зиёд ва нокомияш дар лашкаркашӣ ба Суғду Хутталон, зуҳури даргириҳои дохилӣ дар миёни ақвоми араби яманиву мударитӣ гунаҳкор карда, онҳоро ҳатто, ҷазои сахти ҷисмонӣ дод [22, с. 245]. Мувофиқи маълумоти Табарӣ, овозаи шикасти шармандавори Асад ибни Абдуллоҳ то ба халифа Ҳишом ибни Абдулмалик (724–743) расид ва ӯро ҳамчун сарлашкари ноуҳдабаро аз мансаби волии Хуросон дур намуд [42, с. 1357].

Пас аз чунин нобарорӣ соли 727 Ашрас ибни Абдуллоҳи Суламӣ амири Хуросон таъйин шуд ва соли 728 бо лашкари зиёд барои саркӯби шӯриши суғдиён ба Самарқанд омад. Ӯ бинобар, муқовамати шадиди суғдиён аз рӯди Омул се моҳ гузашта натавонист ва дар Пайканд қарор гирифт.

Асад ибни Абдуллоҳ соли 735 дубора амири Хуросон таъйин шуд. Ӯ баъди омодагии зиёди ҷангӣ соли 737 бори дуюм ба Хутталон лашкар кашид. Дар ин замон ҳокими Хутталон Ходаш ном бисёр марди нотавон буд. Ӯ дар рафти ҳуҷуми арабҳо қалъаи Зигаракро тарк карда, ба хоқон паноҳ бурд. Дар натиҷа арабҳо қалъаи Зигаракро забт карда, ба молу амволи зиёд соҳиб шуданд. Вале Асад чун аз омадани лашкари хоқон ҳаросон буд, ғанимати ҷангиро ба соҳили дигар интиқол дод. Хутталониён ба соҳили дарёи Панҷ ҳамлавар шуда, лашкари ошуфтаи арабҳоро қисман ғарқ ва қисман маҳв сохтанд. Дар ин ҷо номи ду тан аз лашкаркашони шуҷоъ Иштиҳонӣ ва Ашкандӣ зикр мешавад, ки ба арабҳо зарбаи сахт заданд ва сарбозони онҳоро шикаст доданд. Асад ибни Абдуллоҳ бори дуюм шармандавор шикасти худро пазируфт ва ба Балх баргашт [122, с. 75].

Ҳамин тавр, Асад ибни Абдуллоҳ бори сеюм соли 738 ба Хутталон ҳуҷум намуд. Ин бор аз парокандагии сипоҳи Хутталон истифода намуда, тавассути лашкари имдодии арабҳо ва ҳокимони хиёнатпешаи маҳаллӣ аз дарёи Омӯ гузашт. Дар рафти ҳуҷуми сеюми Асад ба сипоҳи Хутталон лашкаркаши шуҷоъ Бадри Тархун сарварӣ менамуд.

Академкик Б. Ғафуров дар асоси таҳлили осори муаррихони асримиёнагӣ зикр менамояд, ки Асад ибни Абдуллоҳ дарёи Панҷро гузашта, ҷониби кӯҳи Намак (Хоҷамӯъмин) ҳаракат кард. Дар аввалин муҳориба сипоҳи Бадри Тархун талафоти зиёд дода, ба ақиб нишаст. Сипоҳи муттаҳидаи Хутталон, ки баъзе пешвоён аз сарвари мулк шудани Бадри Тархун норозӣ буданд, дар ҷанг дудила буданд. Ҳамин буд, ки дар муҳорибаи Хористон дастаҳои савораи Асад ибни Абдуллоҳ бо як бартарӣ аз истеҳкоми муносиби ҳарбӣ ба ҳуҷум мегузашт. Дар ин раванд Бадри Тархун талафоти зиёд дода бошад ҳам, ҷангро давом дода, мақсади роҳи рафтуои арабҳоро ба Балх бастан ва шикаст дондани онҳоро дошт. Асад хатари муҳосираро дарк намуда, гуфтушуниди сулҳ ва музокиротро оғоз кард [201, с. 428].

Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки маҳз таҷрибаи талхи ду шикаст Асадро маҷбур сохт, ки аз рӯи принсипи «гоҳ ба зӯрӣ, гоҳ ба зорӣ, гоҳ ба зар» амал намояд. Хулоса, Хутталон ҳам баъди муборизаҳои шадиди озодихоҳӣ ба арабҳо таслим шуд, ки албатта ин амр ба номуттаҳидии лашкар, камбуди тарҳи ҷангӣ, хиёнати баъзе ашроф ва ҳокимони маҳаллӣ бастагӣ дошт.

Ҳамин тавр, Эмомалӣ Раҳмон раванди истилои арабҳоро дар сарзамини Мовароуннаҳр дар асоси таҳлили манбаъҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба таври воқеӣ инъикос менамояд. Аз таҳлили осори ӯ бар меояд, ки футуҳоти араб дар ин ё он минтақаи Осиёи Марказӣ ба чанд омил бастагӣ дошт, ки миёни онҳо албатта кордонии сарлашкарони араб ва хиёнати ашрофи маҳаллӣ бисёр муассир арзёбӣ мешавад. Маҳз пароканадагии сиёсии минтақа сабаб мешавад, ки арабҳо дар аксар набардҳо пирӯз шаванд. Осори Эмомалӣ Раҳмон моро ба хулосае меорад, ки қудрати ҳар миллату халқ дар ваҳдати ӯст. Ин саҳифаи таърих бори дигар ҳушдор месозад, ки пояҳои ваҳдати миллӣ боз ҳам устувор гардонида шавад. Ваҳдат умри миллат ва истиқлоли ӯро пойбарҷо месозад.

### 3.2. Дидгоҳи Эмомалӣ Раҳмон доир ба муборизаи озодихоҳонаи ниёкони тоҷикон дар қиболи Хилофати Араб

Дар радифи муҳаққиқону донишмандон, ҳамчунин Эмомалӣ Раҳмон дар осори худ ба масъалаи муборизаи озодихоҳии ниёкони тоҷикон ба муқобили арабҳо таваҷҷуҳ менамояд. Ӯ сиёсати золимонаи маъмурони хилофатро нисбат ба мардуми маҳаллӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон омили асосии зуҳури ҷунбишҳои озодихоҳӣ медонад. Ба назари Б. Ғафуров, муборизаи мардуми Суғд дар шаклгирии ин зуҳурот хеле муассир буд, вале аз сӯи дигар, тақсимшавии онҳо ба гурӯҳи ҷонибдори Ғурак, Қарзанҷ ва Деваштич ба ҳаракати муташаккилонаи ин ҷараён таъсири номатлуб гузошт. Ҳамчунин, мардуми Суғд ҳам ба ду қисм яке бо сарварии Ғурак ва қисми дигар бо сарварии Деваштич тақсим шуданд [201, с. 425].

Сипоҳиён баробари пайвастан ба Қарзанҷ ба самти Фарғона раҳсипор шуданд, ки баъзе манотиқи ин водиро комилан забт намояд. Дар ин раванд, баъзе аз пешвоёни шӯриши Суғд мехостанд бо миёнаравии Деваштич ба мулки ихшиди Фарғона паноҳ баранд. Вале Алутар зери таъқибу фишори саркардаи араб Саид ал-Ҳаршӣ муносибати худро нисбати паноҳҷӯёни суғдӣ дар Фарғона дигар кард.

Эмомалӣ Раҳмон зикр менамояд, ки Алутар бо баҳонаи он ки паногоҳи онҳо дар Истам ном мавзеи Аспара (Исфара) пас аз чил рӯз омода мешавад ва дар ин муддат амнияти онҳо зери хатар аст, хилофи ваъдааш амал кард. Шӯришгарони суғдӣ ночор дар Хуҷанд қарор гирифтанд. Дар ин миён, Алутар бар хилофи аҳд писари амакаш Ниланро ба назди Саид ал-Ҳаршӣ равон кард, то ки ӯро бар зидди ошӯбгарони суғдӣ дар Хуҷанд таҳрик намояд. Дар ин ҳангом Саид ал-Ҳаршӣ дар наздикии Дабусияи Самарқанд лашкар гирд оварда, барои мубориза ба муқобили ҷонибдорони Деваштич омодагӣ дид. Ӯ бо ин мақсад тобистони соли 722 сарлашкар Абдурраҳмон ал-Қушайрӣ ва писараш Зиёд ибни Абдурраҳмонро бо сипоҳи зиёд ҳамроҳи Нилан ба самти Хуҷанд равон намуд. Ҳамчунин, аз паси онҳо сипоҳи асосии арабҳо бо сарварии Саид ал-Ҳаршӣ ба самти Хуҷанд равона шуд [22, с. 242].

Шоёни зикр аст, ки муборизони суғдӣ бо наздик шудани сипоҳи барзиёди арабҳо аз ихшиди Фарғона Алутар ёрӣ хостанд. Ин бор низ Алутар бо баҳонаи мушкилоти таъмини амният ба ҷанги арабҳо мудохила накард. Ошӯбгарон ноилоҷ барои ҳимоя ва пешбурди ҷанги нобаробар берун аз дарвозаҳои работи Хуҷанд хандақ канда, болояшро бо қамишу хок пӯшонданд. Новобаста аз ин талошу икдом муборизаи ошӯбгарон чандон натиҷаи дилхоҳ надод. Ба қавли Табарӣ, онҳо ночор бо шарти озод намудани 150 асири араб, супоридани силоҳ, пардохтани хироҷи соли гузаштаву оянда ва бозгашт ба Суғд бо арабҳои сулҳ бастанд, вале ба доми найранги Саид ал-Ҳаршӣ гирифтор шуданд.

Аз сӯи дигар, Саид ал-Ҳаршӣ бо баҳонаи он ки Собит ном шоҳзодаи Иштихони Суғд зани араберо кушта зери девори қалъа гӯрондааст, паймони

сулҳро шикаст ва чанде аз ҳамроҳонашро ба қатл маҳкум сохт [122, с. 68; 119, с. 86, 89].

Омӯзиши таҷрибаи сиёсати забткоронаи арабҳо дар баъзе манотиқ нишон медиҳад, ки онҳо пас аз шикасти мардуми маҳаллӣ маъмулан ба истисмору ғорат рӯ меоварданд. Мардуми Хуҷанд ҳам дар ин раванд ба чунин сиёсати носолим гирифтор шуд. Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми таҳлили ин масъала иброз медорад, ки пас аз истисмори Хуҷанд ва атрофи он Саид ал-Ҳарашӣ ҳафт ҳазор марди қобили ҷангро ба қатл расонид ва Алутари хиёнатпешаро водор намуд, ки ҷиҳати ҳифзи маснадаш сад ҳазор динор сулҳона, панҷоҳ ғулом ва панҷоҳ канизи яккачин пешкаш кунад. Пас аз ин ӯ бо мақсади пахш намудани шӯриши дастаи Деваштич ба болооби Зарафшон равона машавад. Аслан, ҳадафи дастаҳои Деваштич гузаштан аз ағбаи Шаҳристон дар Фарғона, муттаҳид шудан бо ошӯбгарони Қарзанҷ ва бо ёрии ҳокимони маҳаллӣ идома бахшидани муборизаи оштинопазир бар зидди арабҳо буд. Вале дар натиҷаи хиёнати Алутар ва Ғурак онҳо ба нокомӣ дучор шуда, дар наздикии деҳаи Кум дар қалъаи Абаргар (Қалъаи Муғ) паноҳ гирифтанд [22, с. 242-243].

Ҳамин тавр, мардуми муборизу озодихоҳи Суғд дар дохили қалъаи Абаргар бо камбуди захираи обу хӯроквορӣ рӯ ба рӯ шуданд.

Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус менависад, ки ҳарчанд Деваштич муборизаро дар қалъаи Абаргар идома медод, вале доимо аз ҳоли нокомӣ ва гуруснагии ҳамсафонаш азият мекашид. Дар натиҷа ӯ маҷбур мешавад, ки бо арабҳо гуфтушунид намояд. Дар ин раванд ӯ пешниҳод намуд, ки дар сурати бахшидани ҳаёти сад хонадони асилзодаи ҳамсафаш шахсан таслим шуда, ба назди Саид ал-Ҳарашӣ хоҳад рафт [22, с. 243]. Вақте арабҳо ҳаёти сад хонадони бонуфузи суғдӣ ва адами ранҷу озори Деваштичро кафолат доданд, ӯ ихтиёран ба назди Саид ал-Ҳарашӣ рафт. Саид ал-Ҳарашӣ Деваштичи зираку хирадмандро хуш пазируфт, ҳатто ба худ ҳамсафару ҳамнишин сохт. Вале чун дигар саркардаҳои хиёнатпешаи араб баъд аз чанд ҳафта, ӯро дар байни роҳи Кеш ва Арбинҷон дар чаҳормех ваҳшиёна ба қатл расонанд,

сарашро ба пойтахти хилофат шаҳри Димишқ ва дасти росташро ба Сулаймон ибни Абусарӣ волии Тахористон фиристонданд [120, с. 69].

Ҳамчунин, Саид ал-Ҳарашӣ ба мисли афроди хиёнатпеша ҳамаи молу амволи сад хонадони асилзодагонро мусодира кард, онҳоро чун ҷонибдори Деваштич ба ихтиёри Ғурак супурд.

Ҳамин тавр, Эмомалӣ Раҳмон зимни баррасии муборизаи озодихоҳии солҳои 720–722 таъкид менамояд, ки ошӯбгарони суғдӣ бо сабаби хиёнати ҳамватанони хеш ба нокомӣ гирифтор шуданд, бар асари ин то ҷое мавҷи исёнҳои озодталабӣ дар Суғду Фарғона пахш гардид. Дар ин хусус, ҳақ бар ҷониби ӯ мебошад, ки корномаи фарзандони фидоӣ ва ватанхоҳро мондагору хотирмон меномад [22, с. 243].

Бояд гуфт, ки дар хусуси воқеаҳои таърихии солҳои 720–722 матолиби зиёде дар китобҳои дарсӣ, таърихи бисёрҷилдаи халқи тоҷик, осори муҳаққиқони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Афғонистон рӯи чоп омадааст [204; 227; 240; 228; 124; 125; 118; 301; 250].

Шоёни зикр аст, ки соли 1932 дар харобаҳои кушки Қалъаи Муғ, яъне Абаргар 76 навиштаҷоти суғдӣ дар рӯи чарму коғаз ва чӯб ёфт шуд, ки ҳамагӣ рӯзгору корномаи диловарони суғдиро бозтоб менамоянд.

Ҳарчанд, халифа Саид ал-Ҳараширо бар асоси ҷабру зулми зиёдаш нисбат ба мардуми маҳаллӣ аз мансаби волӣ озод намуд, вале ӯ дар ҳузури фиристодаи халифа ба сиёсати золимонааш идома медод.

Таҷрибаи омӯзиши замони ҳукумати арабҳо нишон медиҳад, ки бо иваз шудани волиёни хилофат дар манотиқи тоҷикнишин ҳамоно вазъи зиндагии мардум мушкил боқӣ мемонд. Яъне, яке аз дигаре дар истисмори мардуми маҳаллӣ камӣ надошт. Волии нав низ бо мақсади пахш намудани муборизаи суғдиён ба муқобили ихшиди Фарғона Алутар ҳуҷум намуданд, ки ӯ дар асл чанд бор ғанимати ҷангии арабҳоро дар ҳамдастӣ бо туркон ба ғорат бурда буд. Арабҳо дар натиҷаи ҷанги шадид дар Фарғона ба шикаст дучор омада, бар асари он сарлашкарони ҷангозмудаи араб Мусайиб ибни Бишр, Муҳаллағ ал-Барра ва бародари Ғурак ҷон доданд. Дар ин миён Муслим ибни Саид бо

сипоҳи начандон зиёди худ ба Марв баргашт ва ҳуҷуми навбатияшро ба самти Мовароуннаҳр ба таъхир гузошт [119, с. 90; 120, с. 70].

Акнун, рисолати лашкаркашӣ ба сӯи Суғду Самарқанд ба уҳдаи волии Хуросон Асад ибни Абдуллоҳ (724–727) ҳавола шуд. Ӯ низ чун волиёни собиқ чанд бор ба Самарқанд ҳуҷум кард, вале номаш дар таърих бештар тавассути тохтутоз ба Хутталон машҳур шуд.

Эмомалӣ Раҳмон зикр менамояд, ки сипоҳи Хутталон дар аввалин муҳориба ба лашкари чағонхудот, ки аз ҷониби арабҳо меҷангид, шикасти сахт расонид ва чағонхудот ҷон бохт. Сипоҳи ғолиб тавассути ҳамла ба лашкари афзуни арабҳо талафоти зиёд расонид. Дар натиҷаи ҳуҷуми пайдарпайи Шаҳбол лашкари парокандаи арабҳо ба фирор рӯ овард. Асад бо сипоҳаш аз Омӯ гузашта, бо мушкилии зиёде ҷон ба саломат бурд. Муборизони Хутталон дастаҳои ақибгоҳи сипоҳи арабҳоро зери таъқиб ҳангоми убур аз дарё нест сохтанд.

Ҳамин тавр, Солҳои 726 ва 737 дар натиҷаи муборизаи шадиди озодихоҳонаи мардуми Хутталон лашкари барзиёду корозмудаи арабҳо ва муттаҳидонашон дар муҳорибаҳои шадид бо талафоти зиёди ҷонӣ сарафканда шуд. Асад ибни Абдуллоҳ ба ҳоли табоҳ ба Балх баргашт. Дар васфи ин набарди таърихӣ ва шикасти Асад аввалин қитъаи шеъри машҳури тоҷикӣ суруда шуд:

Аз Хуталон омадия,
Ба рӯ табоҳ омадия,
Овора боз омадия,
Хушку низор омадия.

Волии нави Хуросон Ашрас ибни Абдуллоҳи Суламӣ соли 728 бо лашкари бузурге барои саркӯби шӯриши суғдиён ба Самарқанд раҳсипор шуд. Ашрас бино бар шиддати сабаби муборизаи суғдиён, муддати се моҳ аз рӯди Омӯ гузашта натавонист ва ба Пайканд рӯ овард. Муборизони Суғд саргаҳи оби дарёро хушк намуд, ки дар натиҷа гурӯҳи зиёди арабҳо аз ташнагӣ фавтиданд. Ашрас дар ин ҳол шарт гузошт, ки дар сурати ислом

овардан аз ҷизя озод мешаванд. Вале Табарӣ зикр менамояд, ки «чун ислом оварданд ҷизяро бар онҳо ниҳод ва онро талаб кард, ки ба ҷанги вай омаданд» [52, с. 4093].

Донишманди эронӣ Абулазими Сиистонӣ менависад, ки «Ашрас дар соли 727 дар Мовароуннаҳр аз мардуми мусалмоншудаи навоҳии Самарқанд ҷизяи айёми куфрро гирифт ва онҳо низ аз дин тамарруд карданд ва бо араб дар ҷанг шуданд» [332, с. 477].

Ашрас дар солҳои нахусти ҳокимияташ ҳамеша аз шиоре ба мазмуни «нерӯи хилофати араб дар ислом аст» пайравӣ мекард. Муаррихи тоҷик А. Ҷалилов зикр мекунад, ки шиори Ашрас баъдан зери касодии хазинаи хилофат ва коҳиши дороии ашрофони маҳаллӣ ба «неруи хилофати араб дар хироҷ аст» табдил ёфт [105, с. 148].

Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди поёни корномаи Ашрас менависад, ки ӯ зиёда аз 58 рӯз дар муҳосираи Камарҷо талафоти зиёде дода, баъдан ба ҳалокат расид.

Ҳамин тавр, муборизаи озодихоҳии ниёкони тоҷик дар Хатлон боис шуд, ки арабҳо дар пешбурди сиёсаташон дар Хуросон аз мардони кордида кор гиранд. Бар ин асос, соли 735 Асад ибни Абдуллоҳ дубора волии Хуросон таъйин шуд. Асад шикасти шармандаворашро дар Хутталон ба ҳеч ваҷҳ фаромӯш накард. Ҳамин буд, ки баъди омодагии ҷиддӣ соли 737 ба Хутталон ҳуҷум овард. Тибқи ахбори Табарӣ Ходаши – писари Шаҳбол, ки табиатан тарсончаку камҷуръат буд, ҳангоми ҳуҷуми арабҳо қалъаи Зигаракро тарк намуда, ба назди ҳоқон паноҳ бурд. Дар натиҷа арабҳо қалъаи Зигаракро забт карда, молу амволи зиёдеро соҳиб шуданд. Ин бор Асад чун аз лашкари муттаҳидаи хутталониён ва ҳоқон хавф дошт, ғанимати ҷангиро ба соҳили дигари Панҷ интиқол дод. Сипоҳиёни ҷасур Иштиҳонӣ ва Ашкандӣ бар зидди арабҳо мубориза бурда, онҳоро шикаст доданд. Асад бори дуюм шармандавор шикаст хӯрда, ба Балх фирор намуд [122, с. 75].

Ҷасорати мардуми Хутталон дар муқобили ин саркардаи араб нишон дод, ки ҳукумати аҷнабӣ дар ин минтақа чандон пойдор нест. Аз сӯи дигар, арабҳо

ба ин бовар расиданд, ки намояндагони ақвомашон дар забти минтақа ва пахши ҳаркатҳои мардумӣ ҳамеша заъф нишон медиҳанд. Бинобар ин, маъмурони хилофатро минбаъд барои ҷилавгирӣ ва зуҳури ҳаракати озодихоҳии мардуми Хатлону Суғд ва пойдор нигоҳ доштани мақоми худ ба аёну ашрофи маҳаллӣ созиш намуданд.

Таҳлили таърихи ҳукуматдории арабҳо дар хилофат минбад собит намуд, ки онҳо бидуни ширкати намояндагони маҳаллӣ дар умури идории сарзамини тоҷикон ва ҳатто берун аз он муваффақ шуда наметавонанд. Аз нимаи дувуми солҳои чилуми асри VIII акнун мушкилот на танҳо дар муносибат ба мардуми Аҷам, балки дар дохили доираҳои ҳукумрони араб ба миён омад. Ба ақидаи муаллифи китоби «Биҳору-л-анвор», «рӯзе гурӯҳе аз мavoлӣ омаданд ба ҳузури амиралмуъминин ва аз араб шикоят карданд ва гуфтанд: Расули Худо ҳеч гуна табъизе миёни араб ва ғайриараб дар тақсими байтулмол, ё дар издивоҷ қоил набуд. ... Баъди суҳбат бо аъроб Алӣ ба маволӣ гуфт: Бо камоли таассуф инон ҳозир нестанд ба шумо равиши мусовот пеша гиранд ва монанди як мусулмони мутасаввиулҳуқуқ рафтор кунанд, ман ба шумо тавсия мекунам, ки бозаргонӣ пеша кунед. Худованд ба шумо баракат хоҳад дод» [220, с. 84-85].

Дар натиҷаи зиёдаравӣ ва дуршавӣ аз асли шариати исломӣ ҷомеаи мусулмонон ба ду гурӯҳи ба ҳам зид ҷудо гардид, яъне ҷонибдорони Усмон ва мухолифони ӯ. Дар ростои Алӣ ҳам чунин ҳол сурат гирифт, ки минбаъд боиси зуҳури равияҳои суннӣ ва шиа шуд.

Бояд гуфт, ки чунин зиддияти дохилӣ дар аҳди хилофати Умавиён боз ҳам шиддат гирифт. Ихтилофи дохилӣ аз як ҷониб ва таассуби қавмии халифаҳои умавӣ аз ҷониби дигар боиси зуҳури шуру исёнҳои нав гардид. Мувофиқи маълумоти манбаъҳои таърихӣ, акнун доираи васеи қавму қабилаҳои арабтабори Арабу Аҷам низ ба ҷунбишҳои сиёсию иҷтимоии маволӣ ҳамроҳ шуда, дар қиболи сиёсати миллатгароӣ ва тафриқаангезии Умавиён ба мубориза бархостанд. «Рафъу дафъи хонандони Умавиён эрониҳо ва арабҳоро ба ҳам муттаҳиду муттафиқ сохта буд» [402, с. 9].

Эмомалӣ Раҳмон мунсифона бар пояи манбаъҳои таърихӣ таъкид менамояд, ки пас аз хулафои рошиддин дар аҳди Умавиён сиёсати миллатгароӣ, ғуруру худхоҳӣ, зулму ситам, дасткашӣ аз аркони муқаддаси ислом, монанди баробариву мусовот, зиёдаравӣ дар идораи давлат сабаби норозигӣ ва шуру исёнҳои қавмҳои мухталифи сокини Хуросону Мовароуннаҳр гардид [21, с. 559].

Дар ин хусус бояд гуфт, ки зуҳури ҳаракати озодихоҳии мардуми Суғду Хутталон ва шикасти пайдарпайи волии арабтабори Хуросон Асад ибни Абдуллоҳ барои амирону волиёни минбада дарси ибрат шуд. Бинобар ин, онҳо мекӯшиданд дар раванди кишваркушоӣ исломро бо ҳусни тафоҳум, муросо, паймон ва дар маҷмуъ ба таври мусолиҳаи қавмӣ густариш диҳанд. Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дарки нодурусти вазъи минтақа аз ҷониби халифаҳои умавӣ ва тафриқаҷӯии онҳо боиси зуҳури ихтилофоти дигар мешуд.

Донишманди тоҷик Ҳ. Назаров, сиёсати ғайриодилонаи халифаҳои умавиро дар масъалаи принсипи адлу доди исломӣ сабаби зуҳури ҷунбишҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва мазҳабие, монанди фирқаҳои динии хориҷӣ, шуубия, хуррамия, ровандия ва дигар ҳаркати озодихоӣ медонад [219, с. 22].

Маҳз, бар асари сиёсати тафриқаҷӯйии халифаҳои умавӣ бузургтарин ҷунбиши сиёсию иҷтимоӣ бо роҳбарии Абумуслими Хуросонӣ дар хилофат ба амал омад, ки минбаъд таърихи давлатдории онро ба таври дигар рақам зад. Вале то замони зуҳри ҷунбиши Абумуслим ҳаракатҳои дигаре дар Хуросону Муовароуннаҳр ба амал омаданд, ки дар заминаи онҳо афкори мардум дар муқобили сиёсати истибдодии халифаҳои умавӣ тағйир ёфт. Мувофиқи маълумоти Табарӣ пешвои ҳаракатҳои зиддиумавӣ дар минтақаи Хуросону Мовароуннаҳр Ҳорис ибни Сурайҷ ва Ҷудайъ ал-Кирмонӣ буданд, ки бо баҳонаи ҷизяситонӣ навмусулмонон ба муқобили волии Хуросон Наср ибни Сайёр шӯриш бардоштанд. Ҳатто, деҳқоқону ашрофи бонуфузи маҳаллӣ ба ин шӯриш ҷалб шуданд [21, с. 561].

Аз ин бармеояд, ки бар асари таассуби қавмӣ ва хусумати сулолаҳои араб дар Хуросону Мовароуннаҳр вазъи минтақа ноором шуд, ки як паёмади

он зуҳури ҳаракати хориҷиёну алавиён аст. Тибқи маълумоти Т. Қодирова, дар натиҷаи ин зиддиятҳо волии арабтабори Хуросон Насри зираку дурандеш дар миёни обу оташ монд ва дар симои ашрофи маҳаллӣ пуштибони қавӣ меҷӯст. Соли 739 бар асоси тағйири низоми андозситонӣ амр дод, ки сӣ ҳазор мардуми навмусулмон аз андози сарикасӣ озод ва андози гаронеро ба дӯши зиёда аз 80 ҳазор пайрави зардуштӣ ва мушрик бор намоянд. Вале ин ҳама тадбир оташи шӯришу ошӯбро дар Хуросону Мовароуннаҳр хомӯш карда натавонист [126, с. 6-7; 92-95].

Дар ин хусус навиштаи Табарӣ ҷолиб аст, ки мувофиқи он Ҷудайъи Кирмонӣ марде буд бузургвору соҳибсипоҳ ва чанде аз ҳамқавмонаш дар ҳузури ӯ аз зулму тундравии ҳамқавмони Наср ибни Сайёр шикоят карданд. Кирмонӣ низ аз Наср даъват ба амал овард, ки барои риояи адлу инсоф ҳамқавмонашро насиҳат намояд, то дар байни ақвоми араб фитна барнахезад. Наср дар ҳоли хашм Кирмониро зиндонӣ намуд. Ҳамқавмони Кирмонӣ ӯро шабонгоҳ аз зиндон озод сохтанд. Кирмонӣ дар муқобили хашму рафтори Наср сипоҳ ором ва бар зидди ӯ бархост [42, с. 1394-1395].

Эмомалӣ Раҳмон ба таври хеле мушкифона тадбирҳои Наср ибни Сайёрро дар самти коҳиш андоз ва созиши сулҳ баррасӣ менамояд, ки тавассути анҷоми онҳо метавонист ҷойгоҳашро аз назари сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар минтақа тақвият бахшад. Ба ақидаи ӯ, Наср сиёсати созишкорона ва муслиматомезро густариш бахшид ва мехост ба ин васила мақоми Умавиёнро дар Хуросоун Мовароуннаҳр устувор намояд. Эмомалӣ Раҳмон барои тақвияти ин андешаҳояш аз Абӯбакри Наршахӣ иқтибос меорад [21, с. 563; 54, с. 53-54].

Абубакри Наршахӣ менависад, ки Кирмонӣ ба Наср пешниҳод кард, ки «чандон, ки хоҳад, аз моли Хуросон бардорад ва бархезад ва ба наздики амири хеш шавад, то мову шумо андар кори хеш бинигарем. Агар ин чиз накунад ва нахоҳад, валлоҳ, ки ӯро ба назди ман ҷуз шамшер нест» [54, с. 1397]. Наср дар вокуниш ба муқобили Ҷудайъи Кирмонӣ  сипоҳ фиристод ва ӯро ба қатл расонид. Шоёни тазаккур аст, дар ин муборизаҳои дохилӣ ҳеҷ яке

аз ҷониб ба манифтаи мардуми маҳаллӣ кор намекард. Ҳар ду ҷониб ба хотири ҳадафу мақоми худ талош дошт. Дар ин раванд муҳим он буд, ки то чи дараҷа аз норозигии мардуми маҳаллӣ нисбати сиёсати хилофат ба таври муассир истифода мешавад.

Омӯзиши осори Эмомалӣ Раҳмон ва таҳқиқоти муҳаққиқони варзидаи ватанию хориҷӣ гувоҳӣ медиҳад, ки дар натиҷаи афзудани сиёсати истисмории халифаҳоии умавӣ, махсусан маҷбурияти зиёди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ шуълаи ҳаракатҳои озодихоҳӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр рӯшантар мешуд. Мардумони ин сарзамин маҳз бо дарку шинохти амиқи шариати исломӣ бештар ба ҳаракатҳои озодихоҳӣ майл пайдо мекарданд. Риоя нашудани принсипҳои меҳварии ислом аз ҷониби волиёни арабтабор ба зуҳури ҳаракатҳои озодихоҳӣ доман мезад. Баъзан дар шароити зуҳури ҳаракатҳои озодихоҳии мардуми Аҷам саркардаҳои ҳукуматхоҳи араб, яъне мухолифони Хилофати умавӣ бедор мешуданд. Дар ин хусус, Абдурафеъ Ҳақиқат тазаккур медиҳад, ки таҳқир ва таллаву тороҷи ҳамешагии маъмурини араб ба мардумони фарҳангии зердасти онҳо хеле вазнин ва тоқатфарсо буд. Бинобар ин, аз ҳамон лаҳзаи аввали ворудӣ арабҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр ҷунбишҳои миллӣ ва озодихоҳии эрониён шакл гирифт [342, с. 113]. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки бузургтарин шӯриш дар замони хилофати Умавиён неҳзати Абумуслими Хуросонӣ буд, ки минбаъд аз он сулолаи дигари ҳукуматхоҳи араб истифода намуданд.

Муҳаққиқи тоҷик Т.М. Ғуломов дар рисолаи докторияш ба маврид зикр менамояд, ки аз ҳукмронии Умавиён, ҳатто худи арабҳо норозӣ буданд ва ҳукумати онҳоро қонунӣ намедонистанд. Дар ин радиф, Аббосиён аз соли 718 бар зидди Умавиён тарғибот мебурданд [369, с. 198].

Аз маълумоти академик Б. Ғафуров бармеояд, ки норозогӣ ва зиддият нисбат ба хилофати Умавиён дар аҳди халифа Марвони II бештар гардид [204, с. 433]. Тибқи маълумоти Абдулғанӣ Ҳасан, ҳанӯз дар ибтидои солҳои 30-юми асри VIII Аббосиён таблиғотро дар Хуросон вусъат бахшиданд.

Муҳаммад ибн Алӣ ибн Абдуллоҳ ибн Аббос гурӯҳи дувоздаҳнафараеро ҷиҳати таблиғи афкори зиддиумавӣ ба Хуросон равон сохт [249, с. 12].

Эмомалӣ Раҳмон зимни таҳлили таркиби иҷтимоии ин қиёми мардумӣ зикр менамояд, ки неҳзати инқилобии Абумуслими Хуросонӣ аз ҳисоби мусулмонони ҷабрдида ва норозӣ аз сиёсати Умавиён, ҳамчунин маволиву хавориҷ ва пайравони мазҳаби сунниву шиа ҷонибдорони худро меафзуд ва тадриҷан ба нерӯи тавонои сиёсиву иҷтимоӣ табдил ёфт [21, с. 564].

Шоёни зикр аст, ки корномаи Абумуслим дар таърихнигории форсу тоҷик хеле хуб баррасӣ шудааст. Тибқи маълумоти манбаъҳои таърихӣ ӯ соли 720 дар қарияи Сапеддижи шаҳри Анбор (Сарипули Афғонистон) ба дунё омад. Ҳамчунин, баъзе манбаъҳо зодгоҳи ӯро ба Марв, Исфаҳон ва Ҳирот нисбат медиҳанд [199, с. 6].

Новобаста аз зодгоҳ ва ё хостгоҳи Абумуслим ӯ як давлатмарде хуросонӣ ва тоҷик буд. Аз зумраи он тоҷикони меҳандӯсте буд, ки бо шинохти дурусти сиёсати авомбфиребонаи халифаҳои умавӣ мардумро барои пойдо кардани адолат ба қиём бархезонд.

Ба ақидаи баъзе аз муаррихон, номи Абумуслим дар аввал Абуисҳоқ Иброҳим ибни Ҳайкон буд ва шаҷарааш ба Бузургмеҳри Бухтакон – вазири машҳури шоҳаншоҳии Сосониён мерасад. Ӯ вақте аз ҷониби имом Иброҳим ҳамчун пешвои доиёни Хуросон таъйин гардид, номи худро ба Абдурраҳмон Ибни Муслим ва кунияташро ба Абумуслими Хуросонӣ иваз кард. Номи расмияш дар сиккаҳо Абдурраҳмон сабт гардидааст. Падари ӯ Бандод ном дошт ва баъд аз пазируфтани дини ислом ба исми Усмон ба сафи маволӣ ҳамроҳ шуд. Маҳз бо ин сабаб Абумуслим дар миёни доираи васеи маволӣ роҳ ёфта, минбаъд ба Куфа сафар кард [199, с. 6].

Тибқи ахбори Табарӣ: «Ва ин Буслим ғуломе буд ва сарроҷӣ кардӣ ва номаш Абдурраҳмон ибни Муслим буд ва андар хидмати гурӯҳе мардумон буд аз бани Иҷл ба Хуросон, ки эшонро Исо ибни Маъқил гуфтандӣ. Ва ин Бумуслим ғуломе буд зирак ва хирадманду ҳушёр ва фарҳангӣ...» [42, с. 1399].

Абумуслими Хуросонӣ дар соли 745, ки ҳамагӣ 19 сол дошт, бо дастури имом Иброҳим бо 70 нафар аз доӣ ба Хуросон омад ва неҳзатеро зери парчами сиёҳи сулолаи Аббосиён фаро хонд [332, с. 478].

Абумуслим зери таъсири мактаби хуфия ва таҷрибаи сиёсиву мазҳабии Аббосиён ба камол расида, соли 746 дар зодгоҳи аҷдодияш, яъне Марв гурӯҳи ҷонибдорони ҳаракати Ҳорис ибни Сурайҷро дар қалъаи Сафеддиж сарҷамъ кард. Бо вуҷуди 19 солаш бо зиракӣ ва ҷасорату қобилияти сарварияш дар муддати кӯтоҳ миёни ҷонибдорони Аббосиён мақому манзалати хос ёфт.

Мувофиқи маълумоти Эмомалӣ Раҳмон, яке аз дастурҳои имом Иброҳим буд, ки «Бояд дар Хуросон касеро, ки забони арабиро медонад, зинда нагузорӣ» ва «Зинҳор ба Сулаймон ибни Касир мухолифат накунӣ» [21, с. 566]. Яъне, мақсади асосии имом Иброҳим зери фишор маҳви арабҳое буд, ки ба унвони ҷонибдори Умавиён тақвияти нуфузи Аббосиёнро дар минтақа намехостанд. Ба ин восита ӯ мехост, ки тамом мухолифонашро қабл аз касби маснади хилофат нест намояд.

Дар ин раванд Абумуслим тамоми фаъолияташро баҳри ҳимоя ва татбиқи манфиатҳои Аббосиён, яъне сарнагунии хилофати Умавиён равона кард. Тибқи маълумоти муаллифони асари бисёрҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик» Абумуслим ҳамаи доиёнро аз Сафедзанҷи Марв, ба монанди Абудовуд ва Амр ибни Айён ба Тахористон, Надр ибни Субайҳи Тамимӣ ва Шарик ибни Ғадйи Тамимиро ба Марврӯд, Абуосим Абдурраҳмон ибни Сулаймонро ба Толиқон, Абдуҷаҳм ибни Атияро ба Хоразм равон намуд [121, с. 79].

Абумуслим бо таваҷҷуҳ ба вазъи нооромии сиёсӣ дар Хуросон ва ҷунбиши қудратхоҳии Шайбони Салмӣ, Алии Кирмонӣ ва Наср ибни Сайёр пойгоҳи иҷтимоияшро дар Марв устувор кард. Дар муддати кӯтоҳ, ҳатто ӯ миёни онҳо нифоқ барангехт. Ҳамчунин, ӯ дар ҳамдастӣ бо Кирмонӣ нахуст Шайбонро аз миён бардошт ва пасон ба хилофати Умавиён дар Хуросон

хотима бахшид. Дар охир Кирмонӣ ва писаронашро низ нобуд сохт [52, с. 4547].

Ба Абумуслим муяссар гардид, ки тавассути таблиғоти доиён дар чанд навоҳии Хуросону Мовaронуннаҳр аз ҳисоби ғуломону фирориён, мардуми азиятдида ва норозӣ аз сиёсати иҷтимоии Умавиён пайравони зиёдеро дар атрофаш муттаҳид намояд.

Ба ақидаи Табарӣ, ӯ ба унвони «худованди аламҳои сиёҳ» дар шароити зиддияти миёни Наср ибни Сайёр ва мухолифони арабтабораш, махсусан Ҳорис ибни Сурайҷ ва Ҷудайъи Кирмонӣ пайравони зиёдеро ба номи «сиёҳҷомагон» гирд овард [42, с. 1400-1401]. Ба Аббосиён ҳамчун рақиби сарсахти Умавиён муяссар шуд, дар ин шароити муносиб аз қиёми Абумуслими Хуросонӣ баҳри расидан ба ҳадафи олии хеш ба таври шоиста истифода намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон ин масъаларо бар асоси манобеъи таърихӣ ба таври мунсифона баррасӣ карда, дар ин маврид менавсиад, ки дар ҳоли муборизаи шадид миёни Наср ибни Сайёр ва Ҷудайъи Кирмонӣ, соли 747 Абумуслим парчами муборизаро дар муқобили Умавиён ба таври ошкор барафрохт [21, с. 567].

Ҳагоми баррасии таркиби иҷтимоии қиёми Абумуслим, набояд як чизро аз мадди назар дур созем, ки ин мафкураи озодихоҳӣ дар миёни мардум собиқаи тӯлонӣ дошт. Яъне, то зуҳури ин неҳзат мардуми Хуросону Моварoуннаҳр чандин зинаҳои муборизаро дар муқобили арабҳо сипарӣ намуда буданд ва аз назари фикрӣ барои роҳандозии чунин як қиём омодагӣ доштанд. Дар ин ҷо барҳақ донишманди эронӣ Муртазо Муттаҳирӣ менависад, ки неҳзати Абумуслим аз ҳаракати шуубия ва дигар равияҳои мазҳабии зидди Умавиён маншаъ мегирифт [217, с. 371].

Бояд гуфт, ки пайравони Абумуслим, яъне «сиёҳҷомагон» қиёми худро дар рафти хондани хутбаи намози иди фитр эълом карданд ва он намозро Сулаймон ибни Касир аз банни Аббосиён хонд.

Тибқи назари Р.Н. Фрай, таҳрики Аббосиён аз қиёми Абумуслим, на танҳо ҳаракати сиёсӣ ва динӣ буд, балки моҳияти иқтисодӣ ҳам дошт. Маъмулан, ҷонибдорони Абумуслим аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ ва арабҳои норозӣ аз сиёсати иқтисодии Умавиҳо то чанд зиёд мешуд. Бинобар ин, онҳо ба сипоҳи Абумуслим пайвастанд [171, с. 335].

Мувофиқи маълумоти Табарӣ, акнун Наср ибни Сайёр ба волии Ироқ Язид ибни Умар ибни Ҳубайра нома навишт ва аз ӯ ёрӣ хост [42, с. 1401].

Садриддин Айнӣ дар асоси ин номаи Наср ибни Сайёр, ки дар он аз пайравони Абумуслим бо номи фосиқони Хуросон ёд мешавад, шаҷараи Абумуслимро ба тоҷикони сарзамини Хуросон пайванд медиҳад. Ба назари ӯ, Абумуслим ба ҳайси пешвои мардуми маҳаллӣ дар неҳзати зидди Умавиён ҷасорати шоён дошт [195, с. 102].

Ҳамин тавр, ҷонибдорони Абумуслим моҳи июни соли 1747 зери парчам ва ҷомаҳои сиёҳ қиём намуданд.

Бояд гуфт, ки саркардаҳои ошӯбгарон дар кӯҳҳои баланд зери шуълаи гулхан мардуми гушаву канорро ба мубориза даъват менамуданд. Дар муддати як шаб аз рустоҳои ҳамсоя ва канораҳои Марв шумораи зиёди сиёҳҷомагон дар Сафедзанҷ барои қиём ба ҳам пайвастанд. Луқмон Бойматов дар ин хусуси менависад, ки «Ситамдидагон дар либосҳои сиёҳ ва бо алами сиёҳ ва бо чубдастаҳояшон, ки онро «кофаркӯб» меномиданд, берун омаданд. Баъзе асп доштанд ва баъзе бар дарозгӯшҳо нишаста, ба харашон «Марвон» гӯён хитоб мекарданд. Шӯриш дар воқеъ мардумӣ буд ва муаррихини араб аз онҳо ба унвони «шаётони сиёҳ» ё ба киноя ба шахсияти Абумуслим «сароҷзодагон» ном мебурданд» [199, с. 9].

Аз маълумоти муаррихони асримиёнагӣ бармеояд, ки дар ибтидо аз 60 ноҳияҳои наздики Марв тақрибан ду ҳазору дусад саркардаи сиёҳҷома ҷамъ омад ва дар намоз рӯзи ид бо роҳбарии Абумуслим бар муқобили Умавиён қиём намуданд. Дар ин хусус Эмомалӣ Раҳмон  бар асоси маълумоти устод Айнӣ менависад, ки ҳадафи аслии Абумуслим на танҳо барканор сохтани хилофати Умавиён ва ба қудрат овардани Аббосиён буд, балки мехост бо ин

васила истилогарони арабро аз ҳудуди Хуросону Мовароуннаҳр ва дар маҷмуъ аз манотиқи тоҷикниши пеш намояд [21, с. 568; 195, с. 103].

Табарӣ, ки аз шуру исёнҳои мардумӣ дар муқобили арабҳо хуб огоҳӣ дошт, дар ин маврид менависад, ки Абумуслим нахуст зиёда аз 7 ҳазор сиёҳҷомагонро барои набард ба муқобили амалдорону маъмурони умавии манотиқи мухталифи Хуросону Мовароуннаҳр равона кард. Баъдан чун ӯ мақоми хешро дар байни заминдорони калони маҳаллӣ, ашрофи бонуфуз ва мардуми заҳматкашу оддӣ устувор сохт, гурӯҳи зиёди ғуломонро ба муқобили Умавиён даъват намуд.

Абумуслим бо афроди бонуфузе, мисли Холиди Бармакӣ ва писарони ӯ Абумансури Талҳа, Қаҳтаби Шабиб, Асад ибни Абдуллоҳ ва дигарон такя менамуд [156, с. 109].

Дар маҷмуъ аз тамоми шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр дар атрофи Абумуслим ҳудуди дусад ҳазор шӯришгари пиёдаву савора ҷамъ омада, таҳти роҳбарии ӯ ба дастаҳо тақсим шуданд. Аз сӯи дигар, Абумуслим дар шароити munоқиша ва даргирии Наср ибни Сайёр бо писарони Ҷудайъи Кирмонӣ бо ҳуҷуми барқосо Марвро муҳоисра ва аҳволи Наср ибни Сайёрро хеле танг сохт [21, с. 570].

Бояд гуфт, ки дар атрофи Абумуслим аз ҳама бештар мардумони ҷабрдидаи Ҳирот, Фушанҷ, Марворӯд, Толиқон, Марв, Ниссо, Абевард, Тӯс, Нишопур, Сарахс, Балх, Чағониён, Тахористон, Хатлон, Кеш ва Насаф муттаҳид шуданд.

Мувофиқи маълумоти Табарӣ, Наср баъди шикасти пайдарпай аз Нишопур ба ҷониби Рай фирор карда, мехост ба Ироқ паноҳ барад, вале чун ба Қустана расид, дар ҳафтфарсангии роҳи Рай шояд дар асари ҷароҳат соли 747 дар синни 85 солагӣ фавтид [42, с. 1404].

Ҳамин тавр, мардумони Хуросону Мовароуннаҳр аз сиёсати золимонаи охирин маъмури умавӣ раҳо шуда, ба хотири сарнагун сохтани низоми Хилофати уммавӣ зери парчами Абумуслим муттаҳид гардиданд.

Абумуслим пас аз касби шуҳрат сипоҳи муттаҳидаи шӯришгаронро зери сарварии Қаҳтаба ибни Шабиб ба самти Тӯсу Нишопур ва Ироқ равона кард. Ҳамчунин, ба сипоҳи ӯ силаҳшӯри дигари аҳли Хуросон – Холиди Бармакӣ ҳамроҳ шуд.

Муҳорибаи охирину шадидтарини сипоҳи Абумуслим бо Умавиён таҳти роҳбарии писари халифа Абдуллоҳ ибни Марвон дар наздикии Мависили Ироқ дар охири соли 749 бо шикасти сахт анҷом ёфт. Халифа Марвон дар навбати худ пас аз ин шикаст ба кавли Л. Бойматов, аз хилофат дилу даст шуста, ба самти Миср фирор кард ва моҳи июни соли 750 аз ҷониби Бӯсири Мисрӣ – яке аз доиёни Хуросон кушта шуд ва сарашро ба назди Абумуслим фиристонданд [199, с. 13]. Ӯ дар ибтидои соли 750 дастаҳои 120 000 ҳазораи охирин намояндагони умавиро дар Ироқ ва Димишқ шикаст дода, хилофатро ба дасти Аббосиён таслим кард. Ҳамин тавр, Хуросон, ки маркази аслии неҳзати зиддиумавӣ буд, чанд муддат зери ҳукумати роҳбари воқеии ҷунбиши озодихоҳӣ Абумуслим аз адолату озодии нисбӣ бархӯрдор гардид [280, с. 59].

Ба қавли устод Айнӣ, дар ин раванд Абумуслим зиракии модарзодиро ба кор бурда, дар номааш ба Абусалама ибни Сулаймони Ҳамадонӣ аз ӯ ба унвони «вазири олӣ Муҳаммад» ёд кард. Ҳамчунин, «ихтиёри интихоби халифа»-ро ба дасти ӯ вогузор намуд [195, с. 105-106].

Намояндаҳои дигари Аббосиён, ба мисли Абулаббоси Саффоҳ ва Абуҷаъфар Мансури Давониқӣ дар паноҳи ӯ аз нома огоҳ шуда, фирор намуданд. Баъди пайвастан бо Ҳасан ибни Қаҳтаба онҳо аз сипоҳиён байъат хостанд. Абусалами Ҳамадонӣ бо огоҳӣ аз ин раванд, ночор байъати ӯро эътироф намуд. Ҳамин тавр, тавассути ғалаби Абумуслим, ки қувваи асосии сипоҳашро тоҷикони Хуросону Мовароуннаҳр ташкил медоданд, моҳи октябри соли 749 Абулаббоси Сафоҳ намояндаи хонадони Аббосиён ба тахти хилофат нишаст.

Аз ахбори манобеи таърихӣ бармеояд, ки ҳоло ҳафтае нагузашта Абумуслим аз ҷониби Аббосиён қоиммақоми Хуросону Мовароуннаҳр

таъйин гардид. Албатта, ба ақидаи муаллиф, ин амал нишонаи он нест, ки Аббосиён ба ин сипаҳсолори тоҷик назари нек доштанд, балки бо сабаби нуфузи зиёдаш дар миёни мардум ба ин иқдом тан доданд. Дар навбати худ Абумуслим низ бо нишони ризоият дар хилофат ба хидмати Аббосиён камар баст.

Аз таҳлили сиёсати Аббосиён бармеояд, ки онҳо низ мисли Умавиён дар ҳукуматдорӣ нисбат ба мардуми ғайриараб чандон таваҷҷуҳе надоштанд. Дар ин робита Аббосиён аз рӯзҳои нахуст шиори худро дар бораи имтиёзи баробари иҷтимоӣ ва иқтисодии тамоми мардумон фаромӯш намуданд. Дар аввалин соли хилофаташон баръакси ҳол мизони хироҷ ва миқдори бағо (бинои коххо, шаҳрҳо ва кандани каналҳо) нисбат ба давраи қаблӣ ба маротиб афзоиш ёфт [369, с. 202]. Маҳз ҳамин сиёсат боиси зуҳури шӯришҳои навбатӣ дар сарзамини тоҷикнишин гардид.

Баъзе муаррихон ба он андешаанд, ки Абумуслими Хуросонӣ дар чунин шароити пуртаззод наметавонист барои касби маснади хилофат аҳкоми исломӣ, имтиёзи насаб ва хонаводагии паёмбарро ба инобат нагирад. Ба қавли С. Айнӣ, ӯ умедвор буд, ки дар байни сулолаҳои Аббосиён ва Алавиён оташи кинаву адоват барои тахти хилофат боло мегирад ва дар фурсати муносиб истиқлоли Хуросону Мовароуннаҳро таъмин месозад [195, 106-107].

Дар ин маврид Эмомалӣ Раҳмон дуруст менависад, ки Абумуслим наметавонист якбора барои касби истиқлол иқдом намояд, зеро сипоҳи сершумори ӯ таркибан аз намояндагони чандин мазҳаб, фирқаву равияҳои мухталиф ва табақаву гурӯҳҳои сершумори аҳолӣ, ҳатто дастаҳои ғуломону бардаҳо ва мардумони аз ҳуқуқ маҳрум иборат буд [21, с. 573].

Дар воқеъ, чунин ба назар мерасад, ки чун Абумуслим як хуросонӣ буд ва аксар сипоҳиёни тоҷикон аз ӯ ҳимоя ва пуштибонӣ мекарданд, бояд имкони озодии марзу буми аҷдодиро аз даст намедод. Албатта, мардуми Хуросону Мовароуннаҳр низ бо мақсади барҳам задани ҳукумати арабҳо дар минтақа ба Абумуслим пайваста буданд. Онҳо умедвор буданд, ки дар

натиҷаи ҷунбиши иҷтимоӣ ба озодӣ мерасанд. Дар ҳар сурат аҳкоми ислом низ иҷозат медод, ки мардум барои барҳам задани ҷабру зулм бар зидди дилхоҳ ақвом мубориза баранд. Вале маълум аст, ки Абумуслим дар ин ҳол ба мисли дигар мусулмонон ба хезиши хешовандони паёмбар эътимод дошт. Ҳамин эътимод буд, ки сулолаи Аббосиён ба ҷои Умавиён ба хилофат расиданд.

Воқеаҳои минбаъда нишон медиҳад, ки Аббосиёнро ҳам баъзе ақвоми араб ва пайравони равияҳои мухталифи исломӣ қабул надоштанд. Махсусан, норозигии алавиён боиси зуҳури чандин шуру ошӯби хурду бузург гардид. Агар аз як ҷониб, зоҳиран зуҳури ин ҳаракатҳо ба шоистагии набераҳои Алӣ ибни Абутолиб ба маснади хилофат бастагӣ дошта бошад, аз ҷониби дигар вазъи номусоиди иҷтимоӣ ва иқтисодии мардум, махсусан мардуми Хуросону Мовароуннаҳр низ метавонист ба таҳаввулоти манотиқи мухталифи Хилофат ба он таъсир гузорад.

Як исёни мардумӣ, ки баъди ба маснади хилофат расидани Аббосиён ба амал омад, шӯриши Шарик ибни Шайх мебошад. Омили зуҳур ин шӯриш ва паёмади он дар осори Эмомалӣ Раҳмон низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ӯ дар асоси маълумоти Абубакри Наршахӣ менависад, ки Шарик ибни Шайх ҳамчун пайрави мазҳаби шиа ба муқобили Аббосиён ва ҳаммаслакони суннии онҳо бархост ва соли 750 доираҳои норозии Бухороро ба шӯриш бархезонд [21, с. 573].

Муовофиқи маълумоти Наршахӣ, Шарик ибни Шайх мардумро бо нишони пуштибонӣ аз фарзандони Алӣ ибни Абутолиб даъват менамуд, ки «Мо аз ранҷи Марвониён то кунун халос ёфтем, моро ранҷи оли Аббос намебояд. Фарзандони Пайғамбар бояд, ки халифаи Пайғамбар бувад. Халқе азим ба вай гирд омаданд ва амири Бухоро Абулҷаббор Шуайб буд ва бо вай байъат кард ва амри Хоразм Абдулмалик бинни Ҳарасма бо вай байъат кард ва иттифоқ карданд ва амири Барзам Мухаллад бини Ҳусайн бо вай байъат кард ва иттифоқ карданд ва пазируфтанд, ки ин даъватро ошкоро кунем ва

ҳар кас, ки пеш ояд бо ӯ ҳарб кунем. Ин хабар ба Абумуслим расид, ӯ Зиёд ибни Солеҳро бо даҳ ҳазор мард ба Бухоро фиристод» [54, с. 54].

Дар ин раванд чун халифа Абулаббоси Саффоҳ дар Арабистону Ироқ ба масъалаи байъат ва тақвияти аҳду паймон машғул буд, Абумуслимро ба саркӯби шӯриш вазифадор кард. Аз маълумоти Наршахӣ бармеояд, ки Абумуслим дар ин кор Зиёд ибни Солеҳро ҷалб сохт.

Ба ақидаи С. Айнӣ, ҳарчанд, Шарик ибни Шайх аз сокинони маҳаллӣ буд, вале бо сабаби зисту зиндагӣ дар миёни арабҳо аз урфу одат ва ихтилофи қавмии онҳо хабар дошт. Ӯ мардуми ситамдида ва ноумедро ба муқобили Аббосиёни ваъдахилоф барангехт ва шӯришгарони Бухоро, Хоразму Самарқандро дар атрофаш муттаҳид намуд [195, с. 115-116].

Дар маҷмуъ шӯриш соли 750 дар Бухоро зуҳур карда, дар муддати кӯтоҳ тарафдорони зиёде пайдо намуд [126, с. 8].

Ба қавли Наршахӣ, набарди байни Зиёд ибни Солеҳ ва ҷонибдорони Шарик ибни Шайх 37 рӯз идома ёфт ва дар ин раванд бисёре аз сипоҳиёни аввалӣ кушта шуданд. Эмомалӣ Раҳмон тахмин мезанад, ки шумораи ошӯбгарон ба сӣ ҳазор нафар мерасид ва он суғдиён ва арабҳои камбағали музофоти Бухоро ва Самарқанд низ ҷонибдорӣ мекарданд. Бо назардошти он, ки муҳориба тӯлонӣ шуд, писари бухорхудот Туғшода – Қутайба ибни Туғшода бо даъвати Зиёд ибни Солеҳ бо сипоҳи даҳ ҳазораи худ ба ёрӣ омад. Дар соли 753 сипоҳи муттаҳида аз ошӯбгарон шикаст хӯрд ва роҳбаронаш рӯ ба гӯрез оварданд [21, с. 574].

Албатта, ин шикаст нишоне аз қудрати шӯришгарон ва ифшои сиёсати номатлуби Аббосиён дар миёни халқ буд. Вале ҷанбаи номатлуби масъала ин буд, ки саркардаҳои мазҳабӣ аз ин норозигии иҷтимоӣ ва иқтисодии мардум бештар истифода ва суд мебурданд. Яъне, баъзан муборизаҳои озодихоҳӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ дар минтақа хусусияти мазҳабию қавмӣ касб мекарданд.

Бинобар ахбори Наршахӣ, «Бухорхудот бифармуд аҳли русто ва аҳли кушкҳоро, ки бо лашкари Шарик дарҳо баста доранд ва таом ва алаф надиҳанд ва фармуд, то таом ва алаф ба лашкаргоҳи Зиёд баранд. Ва ба ҳар

тарикe кор ба лашкари Шайх сахт карданд, то лашкар ба танг андаромаданд ва гурусна шуданд…ва фурӯ монанд» [54, с. 56].

Пас аз ин аксар шӯришгарон аз майдони мубориза ба саҳро ва боғу роғ пароканда шуданд. Дар ин фурсати муносиб Зиёд ибни Солеҳ ва Қутайба ибни Туғшода аз чанд самт ба шӯришгарон ҳуҷум намуданд. Маҳз дар ҳамин муҳориба Шарик ибни Шайх бо ҷонибдорони зиёдаш кушта шуд. Бухорхудот ва мардуми маҳаллӣ, ки дар аввал аз исёни Шарик ибни Шайх ҷонибдорӣ мекарданд, пас аз муҳорибаи аввал дигар ба шӯришгарон ёрӣ нарасониданд [126, с. 113].

Ба ақидаи муаллиф, ҳарчанд ҳаркатҳои озодихоҳии мардумони Хуросону Мовароуннаҳр, монанди исёни Шарик ибни Шайх ба шикаст мувоҷеҳ мешуданд, вале таъсири онҳо ба руҳияи истиқлолхоҳии мардум замина хеле зиёд гузошта буд. Исёни мазкур ба унвони аввалин ҳаракати зидди аббосӣ доираҳои ҳукумрони хилофатро ҳушдор сохт, ки барои мардуми ин минтақа озодӣ ва соҳибихтиёрӣ арзиши воло доранд. Ин исён ва дигар ҳаракатҳои озодихоҳӣ сабаб шуд, ки дар оянда муносибати халифаҳои аббосӣ бо тоҷикон тағйир ёбад.

Бояд гуфт, ки баъди шикасти Умавиён ва ба қудрат расидани Аббосиён мақоми Абумуслим дар хилофат рӯз то рӯз устувор мегардид. Халифаҳои аббосӣ акнун дар тамоми набард ва саркӯбии мухолифон аз қудрати сарлашкари тавоно Абумуслим истифода мебурданд. Корномаи минбаъдаи ин давлатмарди шинохтаи тоҷик нишон дод, ки ӯ на танҳо ба муқобили душманони дохилӣ, балки дар марзи шарқии хилофат бар зидди рақибони қудратманди хулафо дар минтақа, махсусан императорони Чин мубориза мебурд. Бар асари набарди Абумуслим дар муҳорибаи соҳили дарёи Талас (соли 751) сипоҳи сершумори чиниён бо сарварии Гао Сян Чжи ба шикаст мувоҷеҳ шуд. Дар ин муҳориба зиёда аз бист ҳазор сипоҳиёни чинӣ асир афтоданд [201, с. 435-436].

Ба ақидаи Ричард Фрай, «Асирони зиёде аз миёни онҳо ба Самарқанд оварда шуд ва тибқи маълумоти манбаъҳо онҳо ба ҳунари қоғазсозӣ

пардохтанд... Яке аз ҷузъиёти ҷолиби ҷангҳои Осиёи Марказӣ дар миёни арабҳо ва мардуми маҳаллӣ вуҷуди шумораи зиёди фирориён аз Эрон буд, ки онҳо умед доштанд муборизаи худро бар зидди арабҳо бо ёрии сарбозони маҳаллӣ ва чиниёну туркҳо идома бахшанд» [229, с. 228].

Эмомалӣ Раҳмон бар асоси маълумоти муаррихони асримиёнагӣ – Табарӣ ва Яъқубӣ менависад, ки Абумуслим дар муддати амири Хуросон буданаш, то дараҷае мақому нуфуз пайдо кард, ки бе ҳидояту ёрии Аббосиён сипоҳи сершумори Чин ва туркҳои бодиянишинро аз сарҳади шарқии Мовароуннаҳр садҳо фарсах дур афканд ва ваҳдати мардумони Хуросону Мовароуннаҳрро устувору қавӣ сохт. Ӯ ба ҷанбаи муҳимми неҳзати Абумуслим таваҷҷуҳ менамояд, ки дар натиҷаи он равобити сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мардумони ду солҳили рӯди Омӯ, яъне ақвоми ориёӣ аз нав тақвият ёфтанд. Маҳз ин неҳзат собит кард, ки дар натиҷаи ҳамбастагӣ ва густариши ҳамкории тарафайн ақвоми ориёӣ метавонанд бо саркӯби аҷнабиёни золим нуфузу эътиборашонро тақвият бахшанд [21, с. 576].

Воқеан, неҳзати Абумуслим арабҳоро ҳушдор сохт, ки муборизаи озодихоҳии аҷдоди тоҷикон ва ҳамбастагии онҳо метавонад дар минтақа дилхоҳ табадулоту тағйиротро ба миён биёрад. Дар натиҷаи ҳамбастагӣ мардумони Хуросону Мовароуннаҳр қодиранд, ки баъзе ҷанбаҳои сиёсати тафриқаҷӯйии халифаҳои арабро тағйир диҳанд. Ин неҳзати мардумӣ бори дигар қудрату тавони аҷдоди тоҷикро дар қиболи аҷнабиён нишон дод ва онҳоро водор сохт, ки дар муносибат ба ин мардуми фарҳангӣ ва озодихоҳ ҳушманд бошанд.

Ғалабаи пайдарпайи Абумуслим албатта, саркардаҳои арабтаборро нигарон мекард, ки ин ба тақвияти нуфузи ӯ дар миёни мардумони шарқи Хилофат бастагӣ дошт. Ҳатто, бародари халифа Абулаббоси Сафоҳ – Абуҷаъфари Давониқӣ дар симои Абумуслим як навъ душмани қавиро тасаввур мекард. Вақте халифа аз бародараш дар мавриди садоқати Абумуслим пусон шуд, ӯ чунин ҷавоб дод: «Агар хоҳӣ, ки ҷаҳон бар ту софӣ

шавад, Абумуслимро аз миён бардор, ки ӯ мехоҳад аз оли Абутолиб якеро бар тахти хилофат бинишонад» [42, с. 1425].

Новобаста аз туҳмати баъзе саркардаҳои араб Абумуслим чанд бор садоқаташро ба халифа собит намуд. Аз ҷониби дигар, ворисӣ тахти хилофат Абуҷаъфари Мансур ҳам нисбат ба Абумуслим бадбинӣ дошт. Масалан, ӯ дар ҳоли байъат хостани Абумуслим чанде аз арабони соҳибмансабро ба қатл расонид. Ин албатта, нишоне аз нуфузи мутлақи ҳокими Хуросону Мовароуннаҳр буд.

Ҳангоми бозгашти Абумуслим аз ҳаҷ ба самти Ироқ дар тобистони соли 754 хабари марги халифа Абулаббоси Саффоҳ расид. Абуҷаъфари Мансур ба тахти хилофат нишаст ва Абумуслимро дар Шом ва Миср волӣ таъйин кард, то ӯ ба муқобили муддаии тахт ва рақибаш Абдуллоҳ ибни Алӣ мубориза барад. Дар натиҷа моҳи октябри соли 754 Абумуслим сипоҳи Абдуллоҳро шикаст дод ва ғанимати зиёд ба даст овард [21, с. 578].

Ба қавли Табарӣ, ин ғанимат то ҷое боиси нофаҳмӣ миёни халифа ва Абумуслим гардид. Баъди чанде ин муносибат боз ҳам шиддат ёфт ва халифа ба хотири раҳоӣ аз он ба макру ҳилла даст зад. Мувофиқи маълумоти муаррихон Яъқубӣ ва Табарӣ, туҳмату буҳтони ҳокимону наздикони халифа ва суханони зишти Абумуслим дар ҳаққи Мансур, ба марги ӯ таъсир гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон менависад, ки халифа Абуҷаъфари Мансур чанд бор Абумуслимро дар маросими даъват ва пазироӣ хайрхоҳии худро нисбат ба ӯ эълом дошт. Халифа баъди чанде аз миёни муқаррабонаш чаҳор сипоҳии бераҳму хунхорро бо шамшерҳои тез дар паси парда ҷой дод ва Абумуслимро ба нишасти маҳрамона ва суҳбати хосса даъват кард. Мувофиқи маълумоти Табарӣ, вақте Абумуслим ба Мадоин наздик шуд, халифа амр дод, ки ӯро пешвоз гиранд. Ӯро бо эҳтироми хосса пешвоз гирифта, ба хаймаи халифа бурданд. Абумуслим баъд аз баҳси зиёд бо халифа Мансур аз ҷониби сипоҳиён кушта шуд. Дар охир ҷисми ӯро бо фарш печонида, ба амри халифа дар Даҷла партофтанд, то ин ки сипоҳиён аз марги ӯ бохабар нашаванд. Бо дастури халифа ҳазор ҳамён зари холис ба сипоҳиёни

Абумуслим подош дода шуд, то онҳо аз ҳузури роҳбарашон дар дастгоҳи хилофт мутмаин шаванд.

Хулоса, бо дасисаи халифаи нотавонбину мағрури араб яке аз саркардаҳои неҳзати миллии мардуми тоҷик 12-уми феврали соли 755 дар сини 33-35 солагӣ кушта шуд [152, с. 651]. Эмомалӣ Раҳмон марги Абумуслимро бузургтарин фоҷиаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр медонад. Дар воқеъ, Абумуслим бори дигар қудрати тоҷиконро дар муқобили зулму истибдод ва сиёсати золимонаи халифаҳои араб нишон дод, ки мардуми ин минтақа барои пойдории адолат ва озодӣ ба ҳама кор қодиранд. Агар шуубия бартарии нерӯҳои ақлониро ифшо сохт, пас неҳзати Абумуслим нишоне аз ҷасорату тавонмандии тоҷикон дар баробари шамшери арабҳо буд. Неҳзати Абумуслим дар радифи тағйири низоми хилофат, ҳамчунин масири ҳамбастагии қавмӣ ва ҳаракати истиқлолхоҳии мардумони Хуросону Мовароуннаҳрро ҳамвору тақвият бахшид.

Муаррихи тоҷик Т.М. Ғуломов аҳаммияти таърихии ҷунбиши Абумуслими Хуросониро дар он мебинад, ки он ҷунбишҳо ва иттиҳодияҳои истиқлолхоҳонаи то ин замон шаклгирифтаи ду соҳили Ҷайҳун – Хуросону Мовароуннаҳрро бо ҳам муттаҳид намуд [369, с. 297-208].

Ба таъкиди Ф. Старр, Абумуслим бо дарки вазъи сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр нахуст ба душманони сарсахти дохилии онҳо аҷвоми турктабори ғарбӣ ва шарқӣ, ки муддате барои кӯмаки ҳарбӣ бо ҳокимони маҳаллӣ паймон мебастанд, рӯбарӯ шуд. Ӯ бо рондани онҳо аз ин сарзамин ҳокимияти туркҳоро дарҳам шикаст ва аз лиҳози сиёсӣ таъсири онҳоро дар минтақа заиф кард [232, с. 161].

Бояд гуфт, ки дар таҳқиқоти олимони хориҷӣ, махсусан русҳо ва аврупоиҳо аз қиёми Абумуслим ба унвони бузургтарин неҳзати зидди хилофат ва ҷунбиши мардумӣ ёд мешавад. Мутаассифона чуноне, баъзе аз мутаассибони исломӣ аз Абумуслим ба номи марди аҳдшикану зиёдараве дар умури дину лашкардорӣ ёд мекунанд, ки «агар канизе бар ин амр даъват

мекард, муваффақ мешуд ва агар ту ба нерӯи худат мехостӣ қиём кунӣ, аз уҳдаи як нафар ҳам барнамеомадӣ» [217, с. 371].

Эмомалӣ Раҳмон дар такя ба асноди таърихӣ аз Абумуслим ба унвони сарвари воқеӣ, сиёсатмадори дурандеш, инсони зираку қавиирода, ҷасуру дилогоҳ ёд менамояд, ки бо руҳияи қавӣ, заковати лашкаркашӣ, ҳунари беназири набарду майдондорӣ, сабру тамкини мардона ва рӯҳияи шикастнопазири қаҳрамонӣ дар миёни ҳама табақаҳои мардум шуҳрат ёфта буд [21, с. 581].

Минбаъд дар мавриди қаҳарамонии ӯ қиссаву ривоёти зиёде бо номи «Абумуслимнома» падид омад, ки ҳамчун достони размию таърихӣ рӯйдодҳои ҳам воқеиву ҳам хаёлиро фаро мегирад.

Таҳлили вазъи сиёсии Хилофат нишон медиҳад, ки қатли Абумуслим боиси зуҳури чанд ҷунбиши озодихоҳӣ ва мазҳабӣ дар байни мардумони арабу аҷам гардид. Дар соли 755 аввалин неҳзати бузургтар бо сарварии Сумбоди Муғ ба вуқуъ пайваст.

Эмомалӣ Раҳмон дар инъикоси шӯриши Сумбоди Муғ бештар ба маълумоти Табарӣ рӯ меорад. Мувофиқи маълумоти ин муаррихи асримиёнагӣ, Сумбод «маҷусие буд аз мардуми деҳкадае ба Нишопур ба номи Оҳан» [40, с. 1454]. Ӯ ба унвони дӯсти Абумуслим соли 755 «дар Рай то ҳадде ба хунхоҳии ӯ қиём кард» [280, с. 63].

Бояд гуфт, ки дар манбаъҳои таърихӣ ӯ бо номҳои Сумбоди Муғ, Синбоди Зардуштӣ, Сунбоди Маҷусӣ ва Сумбоди Габр ёд мешавад. Аз ахбори манбаъҳо ва маълумоти баъзе муҳаққиқон бармеояд, ки муҳимоти ҷангӣ ва дороии Абумуслим ба Сумбод мерос монда буд. Сумбод ин дороиро барои ҷалби 100 000 сипоҳӣ сарф кард ва дар муддати кӯтоҳ манотиқи миёни Рай то Нишопурро ба даст овард [182, с. 204]. Сумбод, ҳанӯз дар замони зиндагии Абумуслим ба ӯ пайваста буд. С. Айнӣ зикр менамояд, ки «Абумуслим аз аскарони худ ду ҳазор нафар савораро ба ихтиёри ӯ ва барои мадад расондан ба ӯ фиристод. Сумбод бо ин қувваи мусаллаҳ арабҳои Нишопурро пурра кушта, нест намуд, худаш ва бародараш либосҳои сиёҳ

пӯшида, тарафдори Абумуслим ва Аббосиён шуданд. Вақте, ки Абумуслим аз ҷониби Аббосиён кушта шуд, ҳамин Сумбод аввалин касе буд, ки ба тарафдории Абумуслим хурӯҷ карда, бар зидди арабҳо ва ислом шӯриш барпо кард» [195, с. 109].

Ҳамин тавр, Сумбоди Муғ ҳамчун ҳаммаслаки Абумуслим мардумро ба манзури қасоси хуни ӯ ва барҳам задани ҳокимияти истибдодии арабҳо ба исён даъват намуд. Таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон ва муаррихони касбӣ нишон медиҳад, ки дар як муддати кӯтоҳ шумораи ҳамсафони ӯ ба 60000 нафар расид. Ӯ соли 755 нахуст Нишопурро фатҳ намуд. Пас аз ин шӯришгарон барои забти Рай кӯшиш карданд.

Сумбод зери шиори «қасоси хуни Абумуслим» мардуми музофоти Хуросону Табаристонро ба исён даъват намуд. Дар зери ин шиор ӯ шаҳрҳои Рай ва Қумисро тасхир ва ба самти Қазвин ҳаркат кард [21, с. 581].

Мувофиқи маълумоти Табарӣ, халифа Абуҷаъфари Мансур зери таъсири хабари хатарзои шӯриши мардумӣ сарлашкараш Ҷавҳар ибни Маррор ал-Иҷлиро бо даҳ ҳазор сипоҳӣ бар зидди Сумбод фиристод. Дар муқобили ин икдом Сумбод дар Рай бо дарёфти хазинаи Абумуслим худро дар ин набард ҳақтар медонист, ки «ман ба талаби хуни худованди ин хазина ҳамешавам» [40, 1454].

Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон, дар ин шӯриш намояндаи табақаҳои мухталифи мардум ва пайравони мазҳабҳои гуногун, махсусан оташпарастон, маздакиён, шиаҳо, хуррамдинон ва ровандиён ширкат доштанд [21, с. 582].

Охири соли 755 миёни шӯришгарон ва сипоҳи Ҷаҳвар ибн Маррор муҳорибаи шадид ба амал омад, ки дар натиҷа пайравони Сумбоди Муғ ба шикаст мувоҷеҳ шуданд. Дар ин миён Сумбоди Муғ аввалан ба Рай ва баъдан ба Гургон фирор намуд. Волии Гургон Ҳурмуз ибни Фурҷон ӯро ба хотири дарёфти ганҷинаи Абумуслим дастгир ва ба қатл расонид.

Ба қавли Табарӣ, «Аз қиёми Сумбод то вақти кушта шудани вай ҳафтод рӯз буд» [40, с. 1455]. Эмомалӣ Раҳмон навиштаҳои Абдурафеи Ҳақиқатро дар хусуси шукӯҳи исёни Сумбод хеле ҷолибу мантиқӣ медонад, ки ба мисли

Абумуслим ҳадафе ҷуз истиқлоли Эрон ва раҳоӣ додани мардуми ин сарзамин аз чанголи тозиён надоштааст ва дар орои мазҳабии худ низ таассуб намеварзидааст ва умуми эрониёнро, ки аз ҳар мазҳаб ва фирқаву маслак будаанд, мавриди таваҷҷуҳу ҳимоят қарор медодааст [342, с. 203].

Новобаста аз шикасти исёни мазкур, ҳамоно оташи ҳаракати озодихоҳии мардумони Хуросону Мовароуннаҳр рӯшану пурҷило буд. Аз сӯи дигар, таъқибу фишори маъмурони хилофат нисбат ба исёнгарон ва сарварони онҳо, махсусан, куштори ваҳшиёнаи саркардаҳои исёни мардумӣ ба афкори озодихоҳӣ дар ҷомеа таъсир мерасонид.

Ҳаракати дигари озодихоҳии мардумӣ, ки дар осори Эмомалӣ Раҳмон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад, ошӯби ровандиён аст. Дар ин хусус ӯ ба маълумоти муаррихони асримиёнагӣ руҷуъ менамояд. Тибқи маълумоти Табарӣ, ровандиён «мардумоне буданд аз бақияти лашкари Бумуслим аз Хуросон. Ва эшонро ровандиён гуфтандӣ, миқдори ҳазор мард буданд ва мазҳаби таносух доштанд» [40, с. 1455]. Ровандиён дар аввал бо халифа Мансур муносибати дӯстона доштанд ва мекӯшиданд ӯро мисли Абумуслим дар ҳоли ғафлат ба қатл расонанд. Онҳо ба унвони аҳли Хуросон чунон вонамуд менамуданд, ки Мансурро худои хеш медонанд. Ҷонибдорони ин фирқа дар Куфа атрофи қасри ӯро зиёрат мекарданд ва Мансурро ба худоӣ мехонданд [342, с. 205].

Эмомалӣ Раҳмон иброз медорад, ки Абуҷаъфари Мансур бо огоҳӣ аз хатари ин пайравони Абумуслим ровандиёни аҳли таносухро таъқиб ва саркардаҳои онҳоро маҳбус намуд. Акнун пайравони дигар ҷиҳат гирифтани қасоси Абумуслим ва озод намудани сарварони худ аз маҳбас ҳаркатро оғоз бахшиданд. Ба зиндон ҳамла ва ҳамсафони хешро озод намуданд. Ҳатто қасри халифаро дар иҳота гирифта, ба ҷони ӯ хатар эҷод намуданд. Бо омадани сипоҳи зиёд ровандиён шикаст хӯрда, пароканда шуданд [21, с. 582-583].

Мувофиқи маълумоти Диноварӣ «ровандиҳо барои гирифтани интиқоми Абумуслим хуруҷ ва эълони исён намуданд, вале саранҷом дар

ҳоли нокомӣ ба дасти Хозим ибни Хузайма кушта ва пароканда шуданд» [342, с. 205].

Пас аз шикасти ровандиён барои хунхоҳии Абумуслим исёни дигари мардумӣ таҳти роҳбарии Устод Сис низ пояҳои тахти хилофати Аббосиёнро зиёд такон дод.

Исёни Устод Сис ба дунболи ҳаракатҳои озодихоҳии мардуми Хуросон соли 767 ба амал омад. Номи аслии Устод Сис Беҳофарид ном фарде аз Бодғис буд. Тибқи маълумоти Табарӣ, Устод Сис наздик бо сесад ҳазор сипоҳӣ қисматҳои муҳимми Хуросонро фатҳ кард [121, с. 81]. Эмомалӣ Раҳмон менависад ки дар пойгоҳи Марврӯд сипоҳи Устод Сис бо лашкари сершумори халифа таҳти роҳбарии Аҷсами Марврӯдӣ мубориза бурд. Дар рафти ҷанги шадид Аҷсам кушта шуд ва сипоҳиёни ӯ рӯ ба фирор оварданд. Баъди чанде халифа сипоҳи 40 ҳазорaро бо роҳбарии Хозим ибни Хузайма ба муқбили шӯришгарон равон кард. Дар натиҷа 70 ҳазор фидоии Устод Сис кушта ва 14 ҳазор ба асорат афтод [21, с. 583].

Худи Устод Сис бо баъзе аз пайравон ва аҳли оилааш асир афтод ва бо фармони халифа Абуҷаъфари Мансур ба дор овехта шуд. Тибқи баъзе маълумот, духтари Устод Сис бо номи Муроҷил зани қонунии халифа Ҳорунарашид ва модари Маъмун гардид [342, с. 208].

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин, аз исёни дигари мардумӣ бо роҳбарии Исҳоқ ёд менамояд, ки ӯ низ аз пайравони Абумуслим буд. Аз маълумоти осори таърихӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқон бар меояд, ки тӯли солҳои 755–776 мардумони Хуросону Мовароуннаҳр ба муқобили хилофати Аббосиён борҳо шӯришу исён бардоштанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки бузургтарин шӯриши мардумӣ таҳти роҳбарии Ҳошим ибни Ҳаким сар зад, ки дар таърих бо номи исёни Муқаннаъ маъмул аст. Эмомалӣ Раҳмон бар асоси манобеи таърихӣ ва осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар мавриди ин ҳаракати озодихоҳии мардуми Хуросону Мовароуннаҳр маълумоти мушаххас медиҳад. Дар баъзе таҳқиқоти

донишмандону муҳаққиқон, монанди С. Айнӣ, Т. Қодирова, А. Ҷалилов, Л. Бойматов, А. Ҳақназаров, С. Раҷабов корномаи ӯ хеле хуб инъикос мешавад.

Тибқи маълумоти манбаъҳои таърихӣ падари Муқаннаъ Довудия пайравӣ зардуштия ва аз мардумони тоҷики Балх буд [200, с. 4]. Аз ахбори Наршахӣ ва Табарӣ бармеояд, ки Муқаннаъ аз ҷумлаи сарҳангони муътабари Абумуслим ва дабири дастгоҳи волӣ ва омили Хуросон Абдуҷаббор ибни Абдураҳмон (757–759) буд. Баъд аз муноқишаи халифа Абуҷаъфари Мансур ва Абдуҷаббор ибни Абдурраҳмон ва қатли ҷониби дуюм Муқаннаъ тавассути маъмурони халифа дастгир ва дар Бағдод зиндонӣ шуд. Ба қавли Наршахӣ, Муқаннаъ баъди раҳоӣ аз зиндон ба Марв фирор намуд. Тибқи маълумоти С. Айнӣ, ӯ бо мақсади ошкор нашудан ба рӯяш ниқоб зад ва бо ин сабаб ба номи Муқаннаъ иштиҳор ёфт. Муқаннаъ ҳамагӣ се сол дар зиндон буд ва соли 767 ба Марв фирор кард ва соли 768 ба шӯриш омодагӣ дид [195, с. 126].

Ба ақидаи Теодор Нёлдекке, Муқаннаъ бар асоси барномаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии Маздак, аз ҷумла «ҳамаи мардум яксон офарида шудаанд ва одилона нест, ки сарват ва зани яке бештар аз дигаре бошад», соли 769 ба даъвати худ оғоз бахшид [312, с. 493]. Донишманди маъруфи тоҷик Берунӣ зикр менамояд, ки: «Муқаннаъ аз рӯди Ҷайҳун гузашт ва бо навоҳии Кеш ва Насаф рафт, бо хоқон вориди мукотаба шуд ва аз ӯ кумак хост ва фирқае сафедҷомагон ва туркон гирди вай ҷамъ шуданд ва амвол ва занонро мубоҳ кард. Кулли қавонини Маздакро воҷиб шумурд ва сипоҳиёни Маҳдиро пароканда сохт» [342, с. 217-218].

Эмомалӣ Раҳмон бар асоси маълумоти Наршахӣ менависад, ки Муқаннаъ дар Марв ба Абдуллоҳ ибни Амр ном араби бонуфуз наздик ва бо духтари ӯ оиладор шуд. Абдуллоҳ ба Муқаннаъ пайваст ва мардумро дар Нахшабу Кеш ба ҷонибдорӣ аз ӯ даъват намуд [21, с. 585].

Наршахӣ, ки ба таври маъмул ҷонибдори ашроф ва волиёни хилофат буд, аз ин шахсияти маъруфи ниёкони мо ба хубӣ ёд намекунад. Ба навиштаи ӯ, даҳҳо рустову шаҳрҳои Суғд ва атрофи Бухоро ба Муқаннаъ пайваста ва

куфр ошкор карданд ва ба мусодираи корвонҳо ва молу мулки сарватмандон, махсусан арабҳо пардохтанд [54, с. 57-58].

Муқаннаъ баъди устувор сохтани пойгоҳи иҷтимоияш, соли 776 бо убур аз рӯди Омӯ ҳаморҳи 36 саркардаи дигар ба деҳаи Наршахи Бухоро рӯ овард. Дар ин раванд ҳокими Бухоро Ҳусайн ибни Муоз бар зидди Муқаннаъ сипоҳи сешумореро бо шумули дастаҳои араб равон кард. Дар раванди муҳориба Муқаннаъ 700 пайравашро аз даст дод. Маҳз дар ҳамин набарди аввал пайравони Муқаннаъ бо пӯшиши ҷомаҳои сафед бо номи «сафедҷомагон» маъруф гардиданд.

Тибқи маълумоти Наршахӣ, Муқаннаъ пас аз шикаст ҷиҳати илқои сулҳ сафир фиристод. Бо ӯ сулҳнома навиштанд ва шартҳо карданд, ки ба амали исёнаш хотима мебахшад. Вале шартнома дер давом накард ва аз нав шуру исён оғоз шуд [54, с. 60].

Эмомалӣ Раҳмон зикр менамояд, ки халифаи аббосӣ Маҳдӣ чун соли 755 ба маснад расид, ба хотири пешгирӣ аз ҳаракати тундравии пайравони Муқаннаъ аз Бағдод ба Нишопур омад ва амири Хуросонро уҳдадор намуд, ки ба ёрии ҳокими Бухоро сипоҳ фиристад. Бо сарварии вазири дарбори халифа Ҷабраил ибни Яҳё сипоҳи зиёде ба муқобили Муқаннаъ фиристода шуд. Ҷабраил бо ёрии сипоҳи ҳафтҳазора қароргоҳи шӯришгарон – қалъаи кӯҳи Сиёмро ба муҳосира гирифт. Дар натиҷаи муборизаи шадиди шӯришгарон арабҳо ноком шуданд [21, с. 586].

Бояд гуфт, ки дар муддати кутоҳ исёни Муқаннаъ тамоми Бухоро ва Суғдро фаро гирифт ва қувваҳои наве, аз қабили ғуломон, мазлумон ва ҳунармандону косибон ба он ҳамроҳ шуданд. Баъд аз нокомии Ҷабраил халифаи араб саркардаи дигар Муоз ибни Муслимро соли 777 волии Хуросону Мовароуннаҳр таъйин намуд.

Тибқи маълумоти Нархашӣ деҳқонони сарватманди Бухоро аз қудрати рӯзафзуни шӯришгарон ба ҳарос омада, наздик ба 570 ҳазор сипоҳии пиру ҷавон дар атрофи Муоз ибни Муслим муттаҳид шуданд [54, с. 62]. Пас аз тайёрии ҷиддӣ рӯ ба Суғд ниҳод ва ба Наршах ҳуҷум намуд. Ӯ дар ду соли

муборизa бар зидди Муқаннаъ ва пайравонаш ноком шуд ва халифа ба ҷойи ӯ Мусайяб ибни Зуҳайрро волии Хуросон таъйин кард [121, с. 83].

Дар вақти волии Хуросон будани Мусайяб ибн Зуҳайр (780–783) Муқаннаъ бо ҷонибдоронаш дар Бухоро сар бардоштанд. Мусайяб барои пахши шӯриш ба Бухоро омад ва баъди фатҳи шаҳр ба маркази дуввуми шӯриш – Самарқанд рӯ овард. Ҷонибдорони Муқаннаъ ба ҳадде ба роҳбари худ эътиқод ва боварӣ доштанд, ки ба қавли Гардезӣ: «ё Ҳошим мадад деҳ!» гуфта, бонг мезаданд [332, с. 491].

Дар робита ба муборизаи оштинопазири шӯришгарон метавон гуфт, ки се сипаҳсолори араб – Ҷабраил ибни Яҳё, Муоз ибни Муслим ва Мусайаб ибни Зуҳайр дар муқобили Муқаннаъ ва пайравонаш ба шикаст мувоҷеҳ шуданд. Ҳамин тавр, халифа маҷбур гардид, ки яке аз хунхортарин лашкаркаши худ Саид ибни Ҳараширо ба муқобили шӯришгарон равона созад.

Ба қавли Наршахӣ Муқаннаъ дар охир ба шӯришгарон дар Самарқанд ваъда дод, ки «ҳама вилоятҳо бар шумо мубоҳ кардам ва ҳар ки ба ман нагаравад, худ ва молу фарзандони ӯ бар шумо ҳалол аст» [54, с. 63-64].

Бо иттиҳоди сипоҳиёни Саид ибни Ҳарашӣ ва Мусайаб ибни Зуҳайр вазъи шӯришгарон мураккаб гардид. Дар ин замина Мусайяб Самарқандро аз шӯришгарон озод намуд. Ӯ дар ибтидои соли 783 ҷунбиши сафедҷомагони Мовароуннаҳрро комилан саркӯб ва исёнро ба зудӣ пахш намуд.

Эмомалӣ Раҳмон дар асоси маълумоти муаррихон ва манбеъи таърихӣ иброз медорад, ки Муқаннаъ баъди муборизаҳои хеле зиёд ва шикасти қарибулвуқуи ҷонибдоронаш соли 783 ногузир ба худкушӣ даст зад.

Бояд гуфт, ки дар бораи марги эҳтимолии Муқаннаъ ду сана ёд мешавад, яке 782–783 ва дигаре 783–784. Тибқи маълумоти аксар сарчашмаҳо ва қавли Берунӣ марги ӯ ба соли 783 рост меояд.

Дар воқеъ, исёни Муқаннаъ хусусияти озодихоҳона дошта ва комилан ба муқобили сиёсати халифаи араб ва волиёни онҳо нигаронида шуда буд. Новобаста аз он, ки Наршахӣ аз лиҳози мавқеи иҷтимоӣ нисбат ба Муқаннаъ

баъзе ҳарфҳои нодуруст иброз медорад, ӯ дар воқеъ қаҳрамони мардум ва сарзамини худ буд. Эмомалӣ Раҳмон барҳақ онро бузургтарин ошӯби мардумии Хуросону Мовароуннаҳр медонад. Қариб чаҳордаҳ сол Муқаннаъ бо пайравонаш баҳри озодӣ ва истиқлол мубориза бурд. Дар ин хусус, Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки новобаста аз номуташаккилӣ, парокандагии дастаҳои мубориз ва адами таҷрибаи кофии ҷангӣ ва омодагии стратегӣ исёни Муқаннаъ дар таърихи ҷаҳони ислом чун як муборизаи бузургу бесобиқаи истиқлолхоҳӣ буд, ки пояи хилофати Аббосиёнро ба ларза овард [21, с. 588].

Дар воқеъ, новобаста аз шикаст Муқаннаъ ва пайравонаш бори дигар қудрат ва тавонмандии мардуми тоҷикро дар роҳи озодӣ бар муқобили сиёсати золимонаи маъмурони хилофат собит намуданд. Маҳз дар натиҷаи муборизаи озодихоҳонаи мардум халифаҳои араб дар Хуросону Мовароуннаҳр сиёсати хешро тағйир доданд. Ин ҳаракати мардумӣ халифаҳои арабро маҷбур намуд, ки дар низоми идории хилофат ба ашрофзодаҳои маҳаллӣ ва дигар роҳбарони мардумӣ такя намоянд. Дар аввал Бармакиён ва баъдан Тоҳириёну Сомониён.

Ҳамин тавр, Эмомалӣ Раҳмон дар асоси манобеъи таърихӣ ба омӯзиши ҳаракатҳои озодихоҳии мардуми Хуросону Мовароуннаҳр рӯ оварда, дар мавриди таҷриба ва паёмади онҳо назари созанда дорад. Албатта, бартарии фикру ақидаи Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба шуру ошӯбҳои зидди хилофати араб дар он ифода меёбад, ки ӯ арзиши ин зуҳуротро фаротар аз дидгоҳи синфӣ, яъне бар асоси омилҳои иҷтимоӣ ва объективӣ баҳогузорӣ ва таҳлил менамояд. Ҳамчунин, дар меҳвари андешаи ӯ ҳифзи манфиати мардумони маҳаллӣ, заҳматкаш ва решаёбии манфиатҳои миллӣ қарор мегирад. Аз таҳлили матолиби навиштаҳои Эмомалӣ Раҳмон хонандаи имрӯз метавонад дарси хештаншиносӣ гирад ва ба таърихи афкори созандаи ниёкони худ ошноӣ пайдо намояд. Дар ин марҳилаи бунёди давлатдории миллӣ ва таҳкими истиқлоли давлатӣ омӯзиши чунин осори бунёдии таърихи ниёкон барои ҳар миллат муҳимму зарур мебошад. Бинобар ин, омӯзиши таҷрибаи

муборизаи озодихоҳии мардум дар муқобили сиёсатҳои аҷнабиён имкон медиҳад, ки насли имрӯзи худшиносу худогоҳ нисбат ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ бетараф набошанд. Маҳз ҳамин омилҳо омӯзишу таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмонро дар шароити феълӣ боз ҳам мубрамтар мегардонад.

# БОБИ IV. ВИЖАГИҲОИ ГУСТАРИШИ ТАМАДДУНИ ИСЛОМ ДАР ХУРОСОНУ МОВАРОУННАҲР ВА ЭҲЁИ РУКНҲОИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

## 4.1. Сатҳи омӯзиши неҳзатҳои фикрӣ ва маънавии тоҷикон (асрҳои VII-VIII) дар осори Эмомалӣ Раҳмон

Сиёсати забткоронаи арабҳо дар сарзаминҳои тоҷикнишин ва раванди густариши дини ислом дар ин минтақа, аз ҷумлаи масъалаҳои меҳварии осори Эмомалӣ Раҳмон аст, ки дар ҷилдҳои се ва чоруми китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» [21] мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Дар осори Эмомалӣ Раҳмон дар радифи муборизаи озодихоҳии ниёкони тоҷикон дар қиболи Хилофати араб, ҳамчунин ба масъалаи таърихи неҳзатҳои фикрӣ ва бедории миллии тоҷикон низ таваҷҷуҳ зоҳир мешавад. Қабл аз он, ки неҳзатҳои фикрии зидиарабиро дар асоси қиёси осори Эмомалӣ Раҳмон ва таҳқиқоти муҳаққиқон баррасӣ намоем, зарур аст, ба фазои идеологӣ ва маънавии тоисломӣ ошно шавем. Маълум аст, ки ниёкони мо дар қиболи сиёсати истисмории арабҳо на танҳо бо шамшер, балки бо қалам низ мубориза мебурданд. Чун то омадани арабҳо ва густариши ислом тамаддун ва фарҳанги бою пурғановати ниёкони мо нишони тафаккур ва ҷаҳонбинии пешрафта буд. Маънавиёту ҷаҳонбинии мардуми тамаддунофари Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр намегузошт, ки дар муқобили чунин сиёсати истисмории ақвоми бадавӣ бетараф бошанд.

Дар ин хусус, Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки заволи давлатдории Сосониён, бурду бохти унсурҳои тамаддуни ориёӣ ва ташаккули тамаддуни исломӣ дар манотиқи тоҷикинишин бо назардошти шебу фароз ва бархӯрду таҳаввулот инқилоберо мемонд. Дар воқеъ, яке аз марҳалаҳои асосии рушди унсурҳои тамаддуни ориёӣ ба замони ҳукумати Сосониён марбут мебошад. Маҳз дар чунин як марҳалаи авҷи пешрафт тамаддуни ориёӣ ба тамаддуни исломӣ рӯ ба рӯ гардид. Таҷрибаи таърихи минбаъдаи минтақа нишон дод, ки ду тамаддуни ғанӣ баъзе унсурҳои фарҳанги якдигарро такмил доданд.

Эмомалӣ Раҳмон ба таъкид дар се китоби аввали «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» менависад, ки тамаддуни ориёӣ дар пайвастагӣ бо таърихи давлатдории Каёниён, Ҳахоманишиён, Ашкониён, Кушониён, Ҳайтолиён ва Сосониён ба фазои сиёсӣ, фарҳангӣ, арзишҳои иҷтимоӣ-мазҳабӣ ва ҷаҳони маънавии ориёиҳои Орёнои Шарқӣ ва Ғарбӣ муддати 14 аср таъсири амиқ гузошт ва аз комёбии дигар тамаддунҳои башарӣ баҳра гирифт [21, с. 541].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар фазои чунин сарзамини тамаддунхези ниёкони тоҷик баъзе сиёсатҳои тасодуфӣ ва истибдодие роҳандозӣ мешуд, ки ихтилофу тазодҳоро дар ҷомеа ба вуҷуд меовард. Дар солҳои охири ҳукумати Сосониён айнан авҷи чунин бархӯрду зиддиятҳо боиси норозигии мардум гардид.

Ҳамчунин, оини масеҳӣ низ дар Эрон ҷонибдори зиёд дошт. Баробари он, ки императори Рум Константини I ба унвони рақиби тавонои Шопури II дини насрониро давлатӣ эълон кард, тамоми масеҳиёни сарзамини Эрон таҳти ҳимояи ӯ қарор гирифтанд. Ба қавли тамаддуншиноси тоҷики муқими Амрико Айзек Азимов, маҳз аз ҳамон давра пайравони дини насронӣ дар симои руҳониён ва қайсарони Рум, баъдан Византия хайрхоҳу иттифоқчии худро пайдо намуданд.

Ҳамзамон, дар ҳудуди шоҳаншоҳии Сосониён оинҳои монавия, маздакия, зурвония ва яҳудия буддоия амал мекард. Яъне, дар фазои динии ҷомеаи Сосониён афкору боварҳои гуногун вуҷуд дошт. Бар асари зиёдаравии руҳониёни зардуштӣ, махсусан сахтгириву нуфузхоҳии онҳо на танҳо пайравони монавия, маздакия ва зурвония афзуд, балки динҳои насронӣ, яҳудӣ ва буддоӣ ҳам дар натиҷаи коҳиши нуфузи зардуштия дар миёни мардуми бенаво пайравони худро пайдо карданд [21, с. 544].

Дар чунин як марҳалаи пешрафти афкору ақидаҳои мухталиф ва баъзан ба ҳам зиду мухолиф, ки нишоне аз танаввуи эътиқоду боварҳои мардумӣ буд, тамаддуни исломӣ аз дарвозаҳои фарҳангии сарзамини бостонии

тоҷикон убур кард. Дар тӯли қариб 30 сол ислом дар сарзамини Эрон интишор ёфт ва ба сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр расид.

Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус таъкид менамояд, ки шоҳи фирории Сосониён Яздигурди III маркази давлат шаҳри Тайсафунро қариб бе муқовимат тарк намуд ва пас аз шикаст дар муҳорибаи Наҳованд ба Ҳамадону Рай рӯ оварда, ба ҳимояи марзбонони маъмулу машҳури Хуросону Мовароуннаҳр умед дошт. Вале набудани ҳокимияти ягона ва тавоно дар ин минтақа, ҳамчунин парокандагии сиёсӣ, яъне мавҷудияти мулкҳои мустақилу нимустақили алоҳида вазъро мураккаб месохт [21, с. 544].

Бо сабабҳои субъективӣ баъзе аз унсурҳои тамаддунӣ ориёӣ, махсусан расму оини мазҳабӣ ба завол рӯ ба рӯ мешуданд. Аксар унсурҳои тамаддуни ориёӣ дар шароити вуруди фарҳанги нав ба пешрафти тамаддуни исломӣ таъсир гузоштанд.

Аксар донишмандону муаррихон, зуҳури тамаддуни исломиро дар маҷмуъ як падидаи бузурги инқилоби маънавӣ медонанд, ки дар муддати хеле кӯтоҳи таърихӣ на танҳо мардумони нимҷазираи Арабистон аз лиҳози сиёсию мафкуравӣ муттаҳид гардонид, балки ҳамчун тамаддуни созандаи иҷтимоӣ ва дарвозаҳои сангини тафриқаҳои табақавию мазҳабиро шикаста ва дар Эронзамин, аз Даҷла то Сирдарё пайраву ҳаводори хеле зиёд пайдо намуд. Пешвоёни дини ислом аз миёни халқҳои ғайриараб, махсусан тоҷикон унсурҳои ҷудогонаи ин тамаддунро тавсеа ва рушду нумуъ бахшиданд. Дар таърихи тамаддуни исломӣ метавон номи садҳо донишманду давлатмарди тоҷикро мисол овард.

Дар ин хусус муаррихи барҷастаи асримиёнагӣ Ибни Халдун ба маврид зикр менамояд: «Аз умури ғариб яке ин аст, ки ҳомилони илм дар ислом, ғолибан, аз Аҷам буданд; чи дар улуми шаръӣ ва чи дар улуми ақлӣ. Ва агар дар миёни уламо марде дар нисбати арабӣ буд, дар забону тарбият ва парвариш аз Аҷам шумурда мешуд. Ва ин аз он рӯй буд, ки дар миёни миллати ислом дар оғози амр илму санъате бино ба муқтазои соддагӣ ва бадовати он вуҷуд надошт ва аҳкоми шариату авомир ва навоҳии

Худовандро риҷол ба синаҳо нақл мекарданд ва маъхази онро Китобу Суннат ба наҳве, ки аз соҳиби шаръ ва асҳоби ӯ гирифта буданд, мешинохтанд. Дар ин ҳангом таълиму таълифу тадвин иттилое надошт ва ҳоҷате онҳоро бад-ин кор намеангехт ва дар тамоми муддати саҳоба ва тобеин вазъ ба ҳамин минвол буд» [33, с. 543-544; 209, с. 69].

Ҳарчанд мардуми ориёӣ аз лиҳози сиёсӣ шикаст хурд ва зимоми давлатдориро аз даст доданд, вале тамаддуну фарҳанги ғанӣ ва таҷрибаи давлатдории онҳо боис гардид, ки минбаъд дар ривоҷу равнақи тамаддуни исломӣ саҳми беназир гузоранд.

Дар ин хусус ҳақ бар ҷониби исломшиноси тавонои эронӣ Муртазо Мутаҳҳарӣ аст, ки менависад: «Мардуми эронӣ пай бурданд, ки шикасти низомӣ шикасти ниҳоӣ нест, шикасти ниҳоӣ шикасти милливу фарҳангӣ аст. Эрониён таҳти таъсири эҳсосоти миллӣ барои он ки дар муқобили ақвоми дигар, махсусан арабҳо, ҳадде нишон диҳанд ва зимнан, афкору одоби хешро бо сибғаи Исломӣ ҳифз намоянд, даст ба фаъолияти фарҳангӣ заданд. Ба ибороти дигар чун Исломро ба унвони як воқеият натавонистанд напазиранд, ба фикр уфтоданд онро эронӣ намоянд ва барои ин мақсуд роҳе беҳтар аз қабза кардани шууни илми исломӣ набуд» [217, с. 347].

Омӯзиши таърихи мардуми араб аз он шаҳодат медиҳад, ки то пайдоиш ва интишори дини ислом онҳо ҳеҷ вақт ба мардумони ориёӣ дар масъалаи тамаддуну фарҳанг баробар набуданд ва шуда ҳам наметавонистанд. Ҳатто як қисми ниҷазира зери нуфузи қудрати шоҳаншоҳии Сосониён қарор дошт. Таҷрибаи давлатдорӣ ва фарҳанги тамаддунофари мардуми ориёӣ дар муносибат бо халқҳои ҳамҷавор ҳамто надошт, ки суннати шаҳрсозӣ дар аҳди сосонӣ намунаи он аст.

Дар ин хусус Эмомалӣ Раҳмон иброз медорад, ки арабҳо дар аҳди ҷоҳилият, ки аз таҷрибаи низоми давлатдории мутамарказ ва девону дафтардорӣ маҳрум буданд, тадриҷан пас аз интишори ислом ба низоми давлатдории Сосониён ва аҳли хираду фарҳанг ва дабирону давфтардорони эронӣ ниёз пайдо карданд. Тамоми унсурҳои муҳимми давлатдории

сосониёнро пазируфта ва низоми идории хешро тадриҷан ба забони арабӣ ба роҳ монданд. Ташаккул ва рушди фарҳанги навин, ки заминагузорони он мусулмонони эронӣ буданд, дар китобати дафтару девони хилофат ҳиммат баста, дар роҳи ташаккул ва рушди тамаддуни исломӣ саҳми беназри хешро гузоштанд [21, с. 546].

Дар воқеъ, ба арабҳо муяссар гардид, ки аз нерӯи маънавии мардуми тамаддунофари ориёӣ ба таври хеле самаранок истифода барад. Таҷрибаи таърихи қабл аз вуруди арабҳо ва баъд аз он ҳам нишон дод, ки аҷнабиён ҳама вақт дар манотиқи тоҷикнишин ҳатман аз фарҳангу тамаддуни он баҳра меҷӯстанд. Махсусан, пас аз интишори ислом ин эҳсос бештар гардид.

Арабҳо аз сулолаҳои маҳаллӣ ва афроди барҷастаи илму ирфони мардумони эронӣ аз рӯзҳои нахуст ба таври созанда истифода намуданд.

Дар воқеъ, дар ду асри аввали раванди интишору густариши ислом намояндагони илму фарҳанги халқи тоҷик чи дар Эрон ва чи дар Хуросону Мовароуннаҳр тамоми зеҳну маърифати хешро ба хидмати ислом бахшиданд. Ҳатто дар дигар минтақаҳои ғайриориёӣ намояндагони тоҷик дар густариши ислом ва тақвияти нуфузи он дар ҷаҳон нақш гузоштанд.

Оид ба ду қарни сукукти фарҳанги ориёӣ шоири маъруфи эронӣ Нодири Нодирпур чунин менависад: «Кӯтоҳи сухан он ки дар он дувист соли нахустин эрониёни шефта мероси моддӣ ва маънавии худро чандон, ки метавонистанд, ба тороҷи бегонагон доданд ва гумонашон ин буд, ки гавҳари ягонаи ҳақиқатро дар садафи ислом ба ҷанг овардаанд. Танҳо дар авохири қарни дувуми ҳиҷрӣ буд, ки эҳсоси фиребхӯрдагӣ озорашон дод, зеро ба тадриҷ дида буданд ва медиданд, ки ҳамон имтиёзот ва ихтиёроти табақотӣ, ҳамон шукӯҳи дарборӣ, ҳамон табъизҳо ва ситамкориҳои даврони сосонӣ низ ҳамон маҳрумиятҳои тӯдаи мардум ҳанӯз барҷост ва танҳо тафовуте, ки бо замони гузашта дорад, такя задани хулафои араб дар тахти подшоҳони эронӣ аст» [403].

Ҳамин тавр, аз таҳлилу баррасии осори Эмомалӣ Раҳмон ва дигар муаррихони касбӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки фазои минбаъдаи

даъвои арабҳоро дар масъалаи бартарии фарҳангу тамаддуни исломӣ (ба қавле арабӣ) худи ориёиҳо (тоҷикон) фароҳам оварданд. Яъне, хадамоти шоистаи донишмандони тоҷик дар садри густариши тамаддуни исломӣ боис гардид, ки дар ду қарни аввал ҳеҷ осори илмӣ ва адабӣ ба забони форсӣ навишта нашавад. Ба забони арабӣ навиштану эҷод намудани аҳли илму адаби мо, ба қавли арабҳо гӯё пайравӣ аз фарҳанги онҳо бошад. Новобаста ба ин, аҳли илму ирфони мо намунаи зиёди осори бостонии ниёконро ба забони араб тарҷума намуданд, ки ин иқдом минбаъд аз ҷониби шуубиҳо идома ёфт. Ҳаракати шуубия дар заминаи тарғиби ҳувияти миллӣ ва муқоисаи ҷаҳонбиниву дастовардҳои мардумони эронӣ бо арабҳо ташаккул ёфт. Ба ақидаи донишмандон, ҷунбиши шуубия пас аз интишори дини ислом ва нуфузи бесобиқаи он дар сарзамини тоҷикон падид омада ва ҳамчун эътирози сиёсиву иҷтимоӣ рушд намуд.

Ба қавли муаррихи тоҷик Нозим Ҳакимов, ҳукумати зиёда аз 100 солаи арабҳо дар сарзаминҳои тоҷикнишин ба он овард, ки забони форсӣ забони хонагӣ ва фарҳанги он моли бегонагон гардид. Тамаддуни ҳазорсолаи онҳоро бештар ҳамчун тамаддуни аъробӣ мешинохтагӣ шуданд. Ҳолати мазкур баъзе хонадонҳои бонуфуз ва ҳокими эронитаборро водор мекард, ки ҷиҳати эҳёи забону фарҳанги абвоӣ қувва ба харҷ бидиҳанд. Дар Хуросон ва Мовароуннаҳр ҳаракате бо номи шуубия сар зад ва ба ин ҳаракат аввалан заминдорони калон ва шаҳриён шомил буданд. Шуубиҳо, агар дар аввал баҳри эҳёи забон ва фарҳанг баромада бошанд ҳам, баъдтар даъвои ҳокимияти сиёсӣ ҳам мекардагӣ шуданд. Аммо ин мақсадашонро ба таври ошкоро гуфта наметавонистанд [238, с. 277].

Эмомалӣ Раҳмон дар осораш ба таври хеле васеъ масъалаи ташаккули ҳаракати шуубия ва фаъолияти намояндагони онро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор медиҳад. Ӯ зикр менамояд, ки бо сабаби рафтори ифроту хушунтаомези халифаҳои умавӣ, махсусан таҳқиру шиканҷаи мусулмонони ғайриараб ва мавлоӣ, ҳамчунин таъқиби мазҳабҳои ғайриисломӣ, кирдору рафтори ношоиста, монанди китобсузӣ ва харобсозии маъбадҳои зардуштӣ,

ситонидани ҷизя аз мусулмонони ғайриараб ва дигар омилҳое, ки аз доираи аҳкоми ислом берун буд, шӯру исёнҳои маҳаллӣ дар манотиқи тоҷикнишин зиёд гардид [21, с. 548-549].

Бояд гуфт, ки мардумони эронӣ, ки аксаран дар шаҳрҳо ва марказҳои тамаддуну фарҳангӣ ба сар мебурданд, сиёсати халифаҳои арабро нисбат ба худ ба хубӣ дарк мекарданд. Маърифату дарки аҳкоми дини ислом мардумони эрониро бетараф гузошта наметавонист. Дар аввал бо принсипи бародарию барбарӣ арабҳо исломро интишор доданд ва ниёкони мо онро қабул намуданд. Яъне, адолати иҷтимоӣ, ки принсипи меҳварии ислом аст, аз ҷониби тоҷикон пазируфта шуд. Вале минбаъд бо дурӣ ҷустани маъмурони хилофат аз принсиҳои ислом ва ба сиёсати миллатгароию қавмгароӣ рӯ овардани онҳо, норозигии мардуми маволӣ дар шакли шӯру исёнҳо зиёд гардид. Онҳое, ки аслан ба василаи маърифат хостанд ба кирдори зиддисломии арабҳо ҷавоб гӯянд, минбаъд ба унвони ҷонбидори шуубия шинохта мешуданд. Вуруди арабҳо ба манотиқи тоҷикнишин паёмади манфиеро ба бор овард, ки баъзе аз намояндаҳои илму ирфон барои бартараф намудани он ба по бархостанд.

Эмомалӣ Раҳмон дар хусус иброз медорад, ки дар натиҷаи истилои арабҳо забон ва хатти паҳлавӣ аз байн рафт ва бар ивази хатту забони ниёкон забону хатти арабӣ ба миён омад. Ҳамчунин, дар фазои мазҳабӣ тангу маҳдуд шудани ҷойгоҳи зардуштия, аз арсаи сиёсат ва умури давлатдорӣ барканор гарштани аҳли девону дафтар ва илму фарҳанги замони Сосониён, заъфи асолату ҳувияти миллӣ ва расму оинҳои ниёкон сабаби зуҳури ҳаракатҳои гуногуни милливу мазҳабӣ гардид, ки дар байни онҳо неҳзати шуубия ҷойгоҳи намоёне дорад [21, с. 549].

Ба қавли донишманди эронӣ Содиқи Оинаванд, «Сиёсати табъизгаронаи баъзе аз давлатмардони қурайшӣ ва Умавиён дар таҳқири ақвоми дигар барои таъкид ба сарварии арабӣ, мисли маҳрум кардани мусулмонони ғайри араб аз баҳрагии ҳамсони аъроби мусулмон дар байтулмол, канор ниҳодани онҳо аз тасаддии масъулиятҳо ва мудириятҳои

иҷорӣ ва дур доштанашон аз бархӯрдорӣ аз шаъну манзалати иҷтимоӣ ва ҳуқуқи ҳамсони аъроби мусалмон заминасозии инфикок дар миёни ҷомеаи навзуҳури маволиёни мусулмонони ғайри араб, ки аксарашон эрониёни мусулмон буданд, бо аъроби мусулмон шуд» [411, с. 319-320].

Дар натиҷаи сиёсати ноодилонаи халифаҳои умавӣ мардуми Хуросон, Мовароуннаҳр ва Ироқи Аҷам, ки аксар тоҷик буданд, бар зидди арабҳои мутаассиб бархостанд, ки сахт муътақид ба бартарии араб бар аҷам буданд.

Ба қавли муаррихи тоҷик Қаҳҳори Расулиён, таҳқир, таҳвин ва тазъиқи ҳамешагии арабҳои бодиянишин ва ҷоҳил бар мардуми мутамаддин ва дорои нангу номуси баланди ориёӣ сахт вазнин ва тоқатфарсо гардида буд. Ҳамин буд, ки аз овони аввал неҳзати миллӣ ва озодихоҳии шуубия арзи вуҷуд намуда буд ва ҷунбиши мазкур аз аввали асри VIII ба фаъолият шуруъ намуда, то интиҳои асри XII идома кард [411, с. 320].

Аз ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ва маълумоти муаррихони ватанӣ маълум мегардад, ки бар асари фишори сиёсати истисморӣ ва номатлуби арабҳо дар баробари шӯришҳо ва муборизаҳои низомию сиёсӣ ва неҳзатҳои фикрию иҷтимоӣ, ҷунбишҳои динию мазҳабӣ, ҳамчунин афкори шуубӣ бо мақсади ҳифзи расму оин ва фарҳанги миллӣ зуҳур кард.

Донишманди маъруф Забеуллоҳ Сафо дар мавриди омили муқовимати мардуми аҷам бар зиди арабҳо менависад, ки «Араб дар садри ислом ва ҳангоми нашри ин оин низ мубашшири ҳамин усул (яъне баробарии мусулмонҳо) буд. Вале дар ҳақиқат ва воқеъ камтар тавонист бо ин усули олии ахлоқӣ рафтор намояд. Махсусан, дар замони ҳукумати Умавиён, ки сиёсати арабии маҳз дар миён омад. То поёни аҳди Умавиён тамоми машоғил ба араб ихтисос дошт ва нисбат ба ақвоми дигар камоли таҳқир ва иҳонат маъмул буд...» [231].

Ҳамин тавр, сиёсати ғайриодилонаи арабҳо нисбат ба мардуми тамаддунофари тоҷик боис гардид, ки дар радифи муборизаҳои низомӣ ва сиёсӣ, шӯру ошӯби озодихоҳӣ, хамчунин неҳзатҳои фикрӣ ба амал ояд, ки

дар ин миён шуубия ба пешрафти муносибатҳои иҷтимоӣ таъсири нисбатан амиқ дошт.

Яке аз масъалаҳои асосӣ, ки дар осори Эмомалӣ Раҳмон баррасӣ мешавад, шарҳу тавзеҳи мафҳуми «Шуубия» аст. Вобаста ба ин ӯ дар асоси маъхазҳои таърихӣ зикр менамояд, ки дар асл истилоҳи «шуубия» аз забони арабӣ муштақ шуда, ба маънои миллатпарастӣ истифода мешавад. Ин мафҳум дар раванди неҳзати миллии эрониён пайдо шуда, дар аввал тибқи таълимоти Қуръон баробариву бародариро тарғиб ва бартариву фазилати як миллатро бар миллати дигар инкор мекард [21, с. 549].

Эмомалӣ Раҳмон ба тотири тақвияти андешаҳояш аз Ибни Манзур иқтибос меорад, ки шуубӣ касест, ки арабро ҳақиру нотавон медонад ва бартариву афзалияти ӯро қабул надорад. Дар ин радиф Ибни Ҳоҷиб дар китоби «Эзоҳ», шарҳи «ал-Муфассал»-и Замахшарӣ дар мавриди тафсири истилоҳи шуубия менависад, ки «Қавми мутаассибе ҳастанд, ки аҷамиёнро аз арабҳо болотар медонад» [21, с. 549].

Вале ин ин ақидаи онҳо нисбат ба шуубиҳо қобили қабул нест. Чун шуубиҳо аз ҷумлаи озодандешону аҳли маърифат буданд, ки арабро таҳқир не, балки ҳушдор сохтанд, ки эронӣ ва ё тоҷик кӣ аст ва чи қудрате дорад. Ҳамчунин, онҳо ҳамчун донандаи хуби аҳкоми исломӣ ба маъмурони арабтабор хотирнишон сохтанд, ки ислом ба онҳо чи ҳуқуқу имтиёз додааст. Дар асл истилоҳи шуубия аз ояи 13-уми сураи Ҳуҷурот маншаъ мегирад, ки «Эй мардум, мо шуморо аз нареву модае биёфаридем. Ва шуморо ҷамоатҳо ва қабилаҳо кардем, то якдигарро бишносед. Ҳар оина гиромитарини шумо назди Худо парҳезгортарини шумост. Худо донову кордон аст».

Ҳадафи шуубиҳо ҷалби таваҷҷуҳи баъзе маъмурони арабтабор ба аҳкоми ислом буд, ки дар китоби муқаддас ба он таъкид мешавад. Арабҳо ба ҳеҷ ваҷҳ пас аз интишори ислом дар манотиқи тоҷикнишин ба идомаи ҳукумат ҳуқуқ надоштанд. Ислом ва аҳкоми он умуман ба арабҳо чунин имтиёз надодааст. Танҳо рисолати араб овардани ислом буд, ки аллакай мардуми маҳаллӣ рисолати онҳоро дар интишори минбаъдаи он ба хубӣ

анҷом медоданд. Дар маҷмуъ шуубиҳо аз арабҳо даъват ба амал меоварданд, ки дар маносибат ба мардуми мусулмон аз китоби «Қуръон» пайравӣ намоянд.

Даъвати мазкур ба фармудаи паёмбари ислом дар хусуси ҷойгоҳи минбадаи қавми эронӣ дар ҷаҳони ислом пайвастагии мантиқӣ дошт: «Ба Худо қасам, охири кор аҷам шуморо ба дини ислом ва китоби Худо даъват хоҳад кард, ончунон, ки дар аввали кор онҳоро ба китоби Худо даъват кардед» [411, с. 319-320].

Эмомалӣ Раҳмон дар такя ба асноди таърихӣ таъкид менамояд, ки шуубия ҳамчун неҳзати ватанхоҳии эрониён дар аҳди ҳукумати Умавиён, ки дар сиёсати хеш бештар ба арабҳо бартарӣ медоданд ва аз манфиатҳои онҳо пуштибонӣ мекарданд, ба амал омад. Дар аввал шуубия ҳамчун неҳзати бузурги фарҳангиву иҷтимоӣ падид омада, дар радифи мардуми эронӣ қавму миллатҳои дигарро низ муқобили сиёсати халифаҳои умавӣ даъват менамуд. Дар аввали кор ҳарчанд пайравони шуубия барои баробарии ҳуқуқи арабу мардуми ғайриараб ва дар маҷмуъ тамоми мусулмоноро мехостанд, вале пасон онро ба як даъвати фарҳангиву инқилобӣ ва исёну талошҳо табдил дода, бартарии мардуми аҷамро аз арабҳо тарғиб менамуд [21, с. 549].

Пайравони шуубия, ки як навъ ба ҳаркати қавмӣ монанд буд, ҳам дар замони хилофати Умавиён ва ҳам Аббосиён ба таври ниҳонӣ ва ошкоро алайҳи хулафо мубориза мебурданд. Ақида ва шиори шуубиён чунин буд, ки «мо дини исломро қабул дорем, вале ҳукумати арабро қабул надорем» [257, с. 26].

Шуубиҳо дар асоси аҳкоми исломӣ мехостанд собит созанд, ки инсон аз рӯи кирдору рафтори хайру шарраш посух меёбад, на аз рӯи алоими шахсӣ, қавмӣ ва ё нажодӣ. То дараҷае арабҳо дар масоили қавмӣ ба тундравӣ роҳ доданд, ки гурӯҳе аз онҳо арабҳоро аз ҳама халқҳои ҷаҳон бартару волотар меҳисобиданд. Махсусан, дар аҳди ҳукумати Умавиён фишори сиёсию иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва зулму ситам нисбат ба дигар ақвоми мусулмони ғайриараб хеле афзуд.

Эмомалӣ Раҳмон низ дар асоси маълумоти муҳаққиқон ба ин масъала ишора менамояд, ки миллатгароёни араб бар он назар буданд, ки қабилаҳои бадавӣ, махсусан бани умая, ки хуни асили арабӣ доранд, барои фармонфармоӣ, сарварӣ ва ҳидоят намудани мардумони дигар халқ шудаанд. То дараҷае шефтаи бартарӣ ва афзалияти хеш гардиданд, ки сулолаи умая дигар бо қавмҳои ғайриараб никоҳ кардану хонадор шуданро раво намешумориданд [21, с. 550].

Донишманди тоҷик Ҳ. Назаров дар бора ба маврид аз китоби «Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон» чунин иқтибосе меорад: «Муроқиби эрониёни мусулмон бош, ҳаргиз онҳоро бо араб ҳампоя қарор мадеҳ. Араб ҳақ дорад аз онҳо зан бигирад ва онҳо ҳақ надоранд аз араб зан бигиранд, араб аз онҳо ҳирс бибарад ва онҳо аз араб ирс набаранд. Ҳаддалимкон ҳуқуқи онҳо камтар дода шавад, корҳои паст ба онҳо вогузор шавад. Бо будани араб ғайриараб имомати ҷамоат накунад, дар сафи аввали ҷамоат ҳозир нашаванд, марзбонӣ ва қазоватро ба онҳо вомагузор» [402, с. 160].

Чунин мисолҳо дар мавриди ҳирсу нотавонбинии баъзе аз миллатгароёни араб нисбат ба миллатҳои дигар дар осори таърихӣ зиёд ба назар мерасад. Вале сатҳи баланди тафаккури мардумони тоҷик дар Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр боис шуд, ки бори дигар тавассути шуубиён воқеиятро дар ҷомеа ошкор сохтанд.

Мутаассифона дар миёни уламои мардумони эронӣ афроде буданд, ки аз таассуби қавмии араб ҷонибдорӣ ва шуубиҳоро маҳкум менамуданд. Яке аз онҳо Саолабии Нишопурӣ буд, дар китоби «Ятимату-д-даҳр» чунин менависад: «Ҳар кас Худоро дӯст дорад, паёмбараш Муҳаммади Мустафо (с)-ро низ дӯст дорад ва ҳар кас, ки паёмабарро дӯст бидорад, арабро дӯст медорад ва ҳар кӣ арабро дӯст бидорад, забони арабиро, ки беҳтарини китобҳо ба беҳтарин инсонҳо ба он забон нозил шудааст, дӯст медорад ва ҳар кӣ забони арабиро дӯст бидорад, ба он эҳтимом меварзад...» [217, с. 373].

Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус таъкид менамояд, ки шуубиён ба василаи Қуръону ҳаводиси набавӣ бартарӣ ва фазилати инсониро дар байни ақвоми мусулмон ба ҳусни ахлоқ, парҳезкорӣ, порсоӣ ва тақво нисбат медоданд. Шуубиён барои собит сохтани дурустии ақидаи хеш ба оятҳои қуръонӣ ва далелҳои раднашаванда рӯ меоварданд ва аз баробарии арабу аҷам ва ҳатто бартарии милливу фарҳангии эрониён дифоъ менамуданд [21, с. 550].

Бояд гуфт, ки далели машҳури шуубиён ин буд: «Ло фазла ли арабӣ ъало аъҷамӣ ва ло ли абйаз ъало асвад ва ло ли асвад ъало абйаз илло би-т-тақво», яъне фазилати араб бар аҷамӣ, сафед бар сиёҳ ва сиёҳ бар сафед танҳо дар тақвост.

Бояд зикр намуд, ки муҳаққиқон пайравони шуубияро дар маҷмуъ ба се гурӯҳ тақсим менамоянд: 1. Онҳое, ки тамоми мардуми мусулмонро баробару бародар медонистанд ва бо назардошти ин хусусияташон онҳоро дар таърих ба унвони «аҳли тасвия» мешинохтанд. 2. Гурӯҳе, ки мардуми аҷамро аз арабҳо бартар дониста ва бо номи «аҳли тафзили аҷам бар араб» машҳуранд. 3. Онҳое, ки дар зиддият бо арабҳо аз доира ва меъёри таълимоти исломӣ гузашта ва ба илҳоду зиндақа васл шудаанд [411, с. 323].

Новобаста ба он, ки шуубиён бо кадом унвон ёд мешаванд, бояд сабаби зуҳури чунин неҳзати фикриро дар сиёсати пешгирифтаи халифаҳо ва маъмурони умавӣ ҷустуҷӯ намуд. Дар сиёсати маъмурони умавӣ арабгароӣ ва таассуби қавмӣ ба дараҷаи хеле олӣ расида буд. Ин таассуб дар миёни мардумони эронӣ боиси зуҳури неҳзатҳои фикрӣ ва бедории миллӣ гардид ва онҳо на танҳо бар зидди Умавиён, балки нисбат ба арбҳо низ як навъ муносибати хасмона доштанд. Ҳатто кор ба ҷое расид, ки мардумони эронӣ дар муқобили таҳқири Умавиён ба таври ошкор арабҳоро ҳаҷв мекарданд.

Аз ҷониби шуубиён китобҳое низ дар мавриди кирдори баду зишти арабҳо навишта шуд. Баъзе мунтақидони ҳукумати арабҳо тамоми мардумро новобаста аз арабу эронӣ будан яксон эътироф мекарданд. Ҳамин буд, ки онҳоро аҳли тасвия меномиданд. Яке аз хусусияти шуубиён дар он ифода

меёфт, ки онҳо дар муқобили сиёсат ва таассуби арабҳо аз манфиати тамоми мардум дифоъ менамуданд. Дар навиштаи онҳо як навъ ошкорбаёнӣ мушоҳида мешуд: «Араб ҳеҷ гуна ҳақ ва сарбаландӣ надорад», зеро ба мисли гургҳои хунхор ба ҷони ҳам меафтоданд. Махсусан, онҳо барои исботи афкори худ аз ашъори шоирони араб иқтибос меоварданд, ки ниёконашон барои касби ғанимат ва чаповул ба миллат ва номуси худ ҳам раҳм намекарданд.

Баръакси ин назарро мо дар ривояте мансуб ба халифа Маъмун мебинем: «Насаб иборат аз шараф аст, ҳар кӣ аз арабҳо шариф бошад, бар фурӯмоягони аҷам муқаддам мешавад ва ҳар кӣ аз аҷам шариф бошад, бар ашхоси пасти араб бартарӣ дорад» [21, 552].

Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба ин таъкид менамояд, ки ҳаракати шуубия аҳли уламои аҷам, махсусан тоҷиконро, ки нисбат ба арабҳо тамаддуни куҳану мутараққӣ доштанд, ба шӯр оварда, сабаби ба амал омадани падидаҳои эътирозӣ, афкори афзалиятҷӯӣ ва таараннуми дастовардҳои ниёкон дар илму адабиёт ва дигар бахшҳои фарҳанг гардид [21, 552].

Бояд гуфт, ки шуубиён чун ба таъриху фарҳанги тоҷикон ва арабҳо ошноӣ доштанд, ба хотири тарғибу муаррифии бештари фарҳанги ориёӣ осори худро ба забони арабӣ таълиф мекарданд. Албатта, эҳсоси миллӣ ва фарҳанги шукуҳманди бостонӣ ин гурӯҳро дар мисоли шоирону олимон водор намуд, ки дар муқобили арабгароён бе тафовут набошанд. Маҳз дар натиҷаи талошу пайкори чунин афроди фарҳангдӯст нақши тоҷикон ва ниёкони онҳо дар ташаккул ва рушди унсурҳои тамаддуни башарӣ собит шуд.

Аз таҳлилу омӯзиши осори аксар донишмандон маълум мегардад, ки онҳо кӯшиш доштанд, то корҳои мондагори афроди фарҳангдӯст дар таърихи ниёкон ба таври муассир сабт шавад. Махсусан, дар муқаддимаи нашри крилии яке аз манбаъҳои муътамади таърихӣ – «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд зикр мешавад, ки «баъд аз тасаллути аъроб ва сукути бештар аз садсолаи

эрониён, замони бедориҳои миллии эрониён фаро расид. Ва аввалини ин зуҳурот он буд, ки эрониён оҳиста-оҳиста аз гузаштаи пурифтихор дар муқобили ақвоми мутағаллиб сухан оғоз карда, рӯ ба таърихи худ оварданд» [50, с. 80].

Муаррихи тоҷик Сайфулло Муллоҷонов дар мақолаи худ чунин хулосае меояд, ки натиҷаи таъсири фаъолияти шуубияро дар умури иҷтимоӣ ва он ҳам ташаккули неҳзатҳои динӣ-мафкуравии беҳофридия, сафедҷомагон, ровандия ва хуррамия, ки дар ҳамаи онҳо унсури ғайриарабӣ фаъол буд, метавон дид [398, с. 6-10].

Ҳамчунин, муҳаққиқи дигари тоҷик Т.М. Ғуломов дар рисолаи таҳқиқотии хеш зикр менамояд, ки неҳзати шуубия аввалин ҷунбиши зиддиарабии мусулмонони Эронзамин буд, ки онҳо аз ҳукмронии арабҳо ва боло гузоштани арабҳоро бар эрониён - тоҷикон намехостанд ва баробариву бародарии тамоми халқҳоро талаб мекарданд. Пайравони ин ҷунбиш, ки хусусияти қавмӣ гирифта буд, ҳам дар замони хилофати Умавиён ва ҳам Аббосиён ба таври ниҳониву ошкоро ҷангҳое алайҳи хулафо ба роҳ меандохтанд [369, с. 190].

Пайравони ҳаракати шуубия на танҳо аз ақвоми ориёӣ, балки аз миллатҳои ғайриараб дар муқобили арабҳо дифоъ менамуданд ва ҳар вақт сухан дар боби подшоҳон ба миён меомад, фиръавнҳои Миср, Искандари юнонӣ, шоҳаншоҳони Эронзамин, қайсарҳои Рум, шоҳони Ҳинд, Сулаймони ҳаким ва амсоли онҳоро ба арабҳо мисол меоварданд. Ҳамчунин, агар сухан дар боби паёмабарон мерафт, исбот менамуданд, ки тамоми паёмбарон ба ғайр аз чаҳор тан (Ҳуд, Солеҳ, Исмоил ва Муҳаммад (с) ғайриараб буданд. Ҳамзамон, дар хусуси илму фалсафа аз ҳикмати Юнони қадим ва ашъору донишҳои ориёиҳо ва ҳиндуён сухан мегуфтанд.

Шоёни зикр аст, ки Абуусмон Саид ибни Ҳумайди Бухтагон муаллифи китобҳои «Интисофу-л-аҷам мина-л-араб» ва «Фазлу-л-аҷам ъала-л-араб ва ифтихориҳо», Ҳайсам ибни Адий муаллифи китобҳои «Ал-масолиб ас-сағира», «Китобу-л-масолиб ал-кабир», «Китобу масолиб рабиъа», «Ахбору-

л-фурс» ва ғайра, Саҳл ибни Ҳоруни Даштимешанӣ муаллифи китоби «Рисола фи-л-бухл», Аллонии Шуубӣ муаллифи китоби «Китоба-л-майдон фи-л-масолиб», Абуубайда Муаммар ибни Мусанно муаллифи китобҳои «Усула-л-араб», «Фазоила-л-фурс», «Китобу-л-масолиб», «Китобу масолиб боҳила», Алӣ Исфаҳонии Даймартӣ «Китобу масолиб сақиф ва соира-л-араб», Исҳоқ ибни Салма «Китобу фазли-л-аҷам ъала-л-араб» мебошанд [411, с. 325].

Яке аз паёмади муҳимми фаъолияти шуубиён дар он буд, ки мардумони эронӣ дар муқобили ақвоми мутағаллиб аз таъриху фарҳанги шукуҳманди гузашта сухан дар миён меоварданд.

Таҳлили ҷуғрофияи таърихии хилофати ислом аз он шаҳодат медиҳад, ки ягона минтақае, ки мардумони он асолати миллию фарҳангии хешро ҳифз намуданд, Хуросону Мовароуннаҳр мебошад. Мардуми қисми шимолии Африқо, Шарқи наздик ва дигар сарзаминҳо на танҳо дин, балки арзишҳои миллӣ ва фарҳангии хешро зери таъсири арабҳо аз даст доданд. Дар ин хусус навиштаи Рафеъ хеле ба маврид аст: «Мардумони Хуросону Мовароуннаҳр бар хилофи эрониёни Мағриб бо тамоми хасоису сифоти эронии худ боқӣ монда буданд ва монанди аслофи хеш алоиқи гузаштаи худро бо бузургдошти аҷдод ва таъзими аъмол ва ёдгориҳои онон ҳифз карда буданд. Далели таваҷҷуҳи шадиди онон ба нигориш ва таълифи китобҳои таърих у ривоёт ва достонҳои қадим низ ҳамин аст. Мунтаҳо бояд дар назар дошт, ки ин амр бештар ба ҳиммати бузургону ашрофи он навоҳӣ сурат мегирифт ва амирону шоҳон ва бузургон чун ағлаб худро аз аъқоби шоҳону бузургони қадим медонистанд, дар эҳёи ном ва осори онон мекӯшиданд ва бад-ин кор майлу алоқаи вофир доштанд» [50, с. 82].

Бо назардошти нақши созандаи пайравони ҳаракати шуубия дар рушди бедории миллӣ ва ҳифзи арзишҳои фарҳанги ниёкон метавон хидматҳои онҳоро мондагор донист. Воқеан дар он марҳила, ки ҳоло арабҳо дар умури идории минтақаи Шарқ таъсири зиёд доштанд, дилхоҳ хадамот барои пойдории фарҳанги миллӣ муҳим арзёбӣ мешавад. Маҳз таҷрибаи таърихӣ,

эҳсосоти миллӣ ва дарки амиқи паёмади ин равандҳои сарнавиштсоз боис гардид, ки мардумони Хуросону Мовароуннаҳр зери таъсири афкори шуубия дар ҳифзи асолати миллӣ муваффақ шаванд.

Яке аз шуубиҳои асил, ки бо осори хеш дар ташаккул ва рушди асолати мардумони эронӣ нақши муҳим гузошт, Ибни Муқаффаъ (724–759) мебошад. Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки Ибни Муқаффаъ дар назди худ мақсад гузошт, ки тамоми осори боқимондаро ба забони паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума намояд ва ба ин восита дар ҷаҳони ислом бартарии «аҷамро бар араб» эълом дорад [21, 553].

Мувофиқи маълумоти муаррихи асримиёнагии тоҷик Мирхонд Рӯзбеҳ ибни Ҷушнаш маъруф бо Ибни Муқаффаъ дар аввал пайрави дини зардуштӣ буд ва пасон дар дарбори Аббосиён исломро қабул намуд. Ӯ аз ҷумлаи ҳушёртарин ва ҷасуртарин афроди саршиноси тоҷик буд, ки тамоми саъю талош ба тарҷумаи осори ниёкони худ машғул шуд. Муҳимтар аз ҳама тамоми заҳматро бе супориши касе ва аз роҳи ҷавонмардию ватанпарастии хеш ба анҷом марасонд. Ӯ на танҳо осори фарҳангу тамаддуни мардумони эрониро тарҷума ва муаррифӣ намуд, балки дар илму адаби араб низ ба насри бадеӣ асос гузошт ва ба воситаи ашъори худ шеъри арабро такмил дод. Муаррих дар охир бо он ишора менамояд, ки гуноҳи Ибни Муқаффаъ танҳо дар он буд, ки бартариҳои миллии эрониёнро исбот намуд ва баъдтар аз ин гузаштаи эрониён ва илми эшонро бар аъроб тафзил дод [52, с. 100-101].

Дигар адиби арабзабони шуубия, ки дар осори Эмомалӣ Раҳмон зикр мешавад, Абуубайда Маъмар ибни Мусанно (728–827) мебошад. Ӯ дар китобҳояш «Масоилбу-л-ъараб» ва «Фазоилу-л-фурс» бартарии фарҳанги мардумони эрониро ба арабҳо исбот намуд. Эмомалӣ Раҳмон таъкид месозад, ки ӯ бо таълифи осори мондагораш дар соҳаи фарҳангу тамаддуни ниёкон дар бедорӣ ва худшиносии ақвоми эронӣ нақши назаррас гузошт [21, с. 553].

Омӯзиши осори ҳам Ибни Муқаффаъ ва ҳам Ибни Мусанно аз он шаҳодат медиҳад, ки дар маркази таваҷҷуҳи онҳо қабл аз ҳама ҳифзи манфиати мардумони эронӣ қарор дошт. Вале ин на ба он маъно нест, ки

онҳо ба фарҳангу оини арабҳо қоил набуданд. Албатта, осори пайравони шуубия аз таҳқири ҷониби мухотаб орӣ буд, баръакс онҳо дар рушду нумуи илму адаби араб низ нақши муҳим гузоштанд. Минбаъд дар заминаи мактаби шуубиён садҳо намояндаи илму адаб ба камол расид, ки ҳамагӣ дар густариши тамаддуни исломӣ хидмати мондагор анҷом доданд. Маҳз бадрафторӣ, таҳқир ва таассуби қавмии Умавиён маволии мусулмонро водор намуд, ки дар неҳзатҳои зидди хилофат ширкати фаъол намоянд. Аз таҳлили осори муҳаққиқон бармеояд, ки Хуросону Мовароуннаҳр дар замони хилофати умавӣ ба майдони мубориза ва муқовимати фикрии мардумони эронӣ табдил ёфтанд. Дар зимн аксар ходимони эронитабор дар маркази хилофат ва ё дар дастгоҳи маъмурони араб худ ва ё падару модарашон аз Эронзамини шарқӣ буданд.

Мувофиқи маълумоти Ибни Қурбон яке аз чунин шахсиятҳо Исмоил ибни Ясори Нисорӣ – аз ҷумлаи аввалин шоири арабзабони эронӣ буд, ки дар қасидаҳояш ифтихороти баланди миллиашро бар муқобили аъроб изҳор намуд [209, с. 298].

Дар миёни дигар саромадони дигари ҳаракати шуубия метавон аз Башшор ибни Бурд, ибни Ярҷуҳи Тахористонӣ (714–783) ном бурд. Эмомалӣ Раҳмон дар асоси манобеъи таърихӣ аз ӯ ба унвони шоиру адиби бузурги арабзабони эронӣ ва пайрави фаъоли неҳзати шуубия ном мебарад. Ӯ аз он нигаронӣ мекунад, ки дар доираҳои илмӣ фаъолияти эҷодии ин шахсият кам таҳқиқ гардидааст, дар сурате ки «Девон»-и ӯ то ҳол дар се ҷилд дар Қоҳира нашр шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки омӯзишу таҳқиқи осори ин намояндаи шуубия барои возеҳ намудани саҳифаҳои норӯшани таърихи миллати мо муфид мебошад, зеро ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон ба зодбуми ниёкони ӯ Тахористони Хуросон ҳам мутаалқиқ аст [21, 554]. Мувофиқи баъзе маълумот насаби Ибни Бурдӣ ба шоҳзодагони Тахористон мерасид. Ӯ дар ашъораш халифа ва муқаррабони ӯро танқиду мазаммат менамуд.

Дар радифи ин намояндагони илму ирфони тоҷик Асбағи Сиҷистонӣ, Абунувос, Ҳамиди Бахтакон, Хуррамӣ, Саҳл ибни Ҳоруни Даштимешонӣ,

Аллони Шуъубӣ, Абулянбағӣ, Муҳаммад ибни Баъис, Мутаваккили Исфаҳонӣ ва дигарон аз ҷумлаи намояндагони маъруфи неҳзати фикрии шуубия буданд, ки дар осори Эмомалӣ Раҳмон аз онҳо ёд мешавад. Ҳамагӣ ин афрод бо ёрӣ ва мадади ҳамдигар дар роҳи ҳифзи асолати миллӣ ва арзишҳои фарҳанги ниёкон хидмати арзанда анҷом доданд. Маҳз тавассути хидмати онҳо азамату шукӯҳи фарҳанги мардумони эронӣ дар миёни дигар ақвом муаррифӣ ва собит шуд.

Осори донишмандони шуубӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки осори онҳо бо ду равиш дар миёни доираҳои илмӣ шуҳрат меёфт. Равиши аввал фарогири тарҷумаи осори бостонии ақвоми эронӣ ба забони арабӣ аст, ки тавассути он андеша ва афкори мардумони ориёӣ ба тамаддуни ислом роҳ ёфт. Дар ин хусус профессор Қ. Расулиён менависад: «Табиист, ки дар тарҷумаҳои хеш мутарҷимони эронӣ афкору ақоиди шуубиашонро ошкор карда наметавонистанд, вале ангезаи асосие, ки қалами онҳоро ба тарҷума таҳрик намудааст, ҳамон эҳсоси ватандӯстиву эронгароии шуубиёнаи онҳо буд» [411, с. 326].

Намояндагони неҳзати шуубӣ ба равиши дигар дар осори қаламияшон андешаву ақидаҳои худро ба мухотабон мерасониданд. Аслан осори намояндагони ин равиш бештар дар асрҳои VIII-IX эҷод гардиданд. Онҳо дар аввал тариқи китобу рисолаҳои хеш аз андешаҳои баробарии арабу аҷам ҷонибдорӣ менамуданд. Махсусан, китоби «Интисоф ул-аҷам» (Баробарии эрониён бо арабҳо) намунаи ин осор аст. Дар ин хусус Ҷоҳиз дар «Китоб-ут-тавсия байн ал-араб ва-л-аҷам» ва Мадоинӣ дар «Муфохарат ул-араб ва-л-аҷам» шоистагиҳои арабу мардумони эрониро бе таҳқиру таъриф инъикос менамоянд. Донишманди асримиёнагӣ Абуабдуллоҳи Исфаҳонӣ дар хусуси шуубиёне, ки баробарии арабҳо ва мардумони эрониро талқин менамуданд, китобе бо унвони «Китоб ут-тавшиҳ ва-т-таршиҳ фи баҳз ат-тавсия байн аш-шуубия» навиштааст [411, с. 327].

Маҳз шуубиҳо руҳан мардумро ба истиқлол ва ҳимояи арзишҳои инсонии хеш даъват менамуданд. Онҳо бо таълифи осор ва густариши

таълимоти худ нагузоштанд, ки халқи тоҷик руҳанваршикаста шавад. Маҳз ҳамин руҳияи истиқлолхоҳӣ буд, ки дар заминаи он минбаъд таҳаввулоти сарнавиштсозе халқи тоҷикро насиб гардид.

Муаррихи асримиёнагӣ ва шоҳиди фаъолияти густурдаи пайравони неҳзати фикрии шуббия Муҳаммад Ҷарири Табарӣ дар такя ба асноди таърихӣ зикр менамояд, ки «... Ба Худо қасам дар саросари гетӣ қавмеро намешиносам, ки аз араб тирабахтар ва хортар бошад, ҳамин ки ислом зоҳир шуд, онҳоро соҳиби Китоб ва қодир бар ҷаҳон ва дорои рӯзӣ ва моликуррикоб ва подшоҳ намуд» [411, с. 328].

Бояд гуфт, ки зиёдаравӣ ва таассуби баъзе аз хулафои умавӣ нисбат ба мардумони эронӣ дар ду асри аввал аҳли илму ирфонро водор намуд, ки афкору назари хешро бо забони фаҳмо барои арабҳо, яъне забони арабӣ тарҷума ва нашр намоянд. Аз як ҷониб, ситезаи арабҳо ҳам паёмади мусбӣ дошт, ки дар заминаи он шуубиён ба тарҷума ва гирдоварии осори ниёкони тоҷик даст заданд.

Эмомалӣ Раҳмон бисёр дурусту мантиқӣ менависад, ки мардуми ғайриараби мусулмон, яъне маволӣ дар густариши ислом ва тақвияти нуфузи он аз арабҳо камтар хизмат надоштанд. Маҳз рафтору кирдори хулафо, ҳокимони Умавӣ ва арабгароии онҳо сабаби коҳиши мақому мартабаи маволӣ ва тафриқа дар миёни мумсулмонони ғайриараб гардид [21, с. 555].

Аз осори муаррихон маълум мегардад, ки дар замони охирин хулафои умавӣ то андозае ғурури миллатгароии арабҳо боло гирифт ва онҳо рафтуомад, суҳбат ва нишастухезро бо мардумони ғайриараб далели разолат медонистанд ва ҳатто дар як саф бо маволӣ намоз намегузоштанд. Баъзан ҳангоми маросими динӣ донишмандони бофазли маволиро дар як радиф бо арабҳо ҷой намедоданд. Дар рафти ҷиҳод ва лашкаркашӣ дастаи маволиро ҳамроҳӣ намекарданд ва ширкат дар ҷанозаи онҳоро ба худ раво намедонистанд.

Мувофиқи маълумоти баъзе манбаъҳо, Ҳаҷҷоҷ  ба дастҳои маволӣ доғ мегузошт, ки аз дигарон фарқ кунанд. Вақте, ки Ҳаҷҷоҷ пас аз 20 соли

ҳукумат бар Ироқ, Эрон ва Хуросон аз дунё рафт, 50 ҳазор мард ва 30 ҳазор зан дар зиндонҳои ӯ бо азобу шиканҷа ба сар мебурданд [279, с. 100].

Эмомалӣ Раҳмон барои тақвияти ин андеша аз Ибни Ҷоҳиз иқтибос меорад, ки яке аз саркардаҳои араб Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуфи Сақафӣ дастае аз маволиро ҳангоми мубориза дар рикоби Ибни Ашъас дастгир намуд ва фармон дод, ки ба танашон доғ бизананд. Бо ин нишон фарқ намудани онҳо осон мешуд, то як умр аз ғуломиву бардагӣ нараҳанд [21, с. 555].

Муаллифи «Таърихи Сиистон» тазаккур медиҳад, ки Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф ба Ашъас ном коргузори худ амр дод, ки аз маволӣ «молҳо бистон ва сӯйи Ҳинду Синд тохтан кун ва сари Абдуллоҳи Омил дарвақт наздики ман фирист» [56, с. 124].

Умавиён бар ин ақида буданд, ки «касе, ки хуни холиси арабӣ дар рагу решаи ӯ бошад, барои сарварӣ ва фаромонравоӣ ва пешвоӣ халқ шуда ва миллатҳои дигар барои хидматгузорӣ ва корҳои паст офарида шудаанд» [300, с. 238].

Эмомалӣ Раҳмон барои дарки дурусти омилҳои асосии ошӯби истиқлолхоҳи маволӣ ба навиштаҳои Ҷурҷи Зайдон рӯ меоварад, ки бани Умая нисбат ба маволӣ бисёр сахтгир буда ва дар рафти ҷанг онҳоро пойи пиёда ва бо шиками гурусна ба майдони ҷанг ворид менамуданд ва ҳар замон ба онҳо озор мерасониданд [21, с. 555-556]. Бинобар ин, онҳо аз бедодгарӣ ба муқобили Умавиён шӯриш мебардоштанд. Иштироки маволиён дар шӯриши Мухтор (аслан худ араб буд) аз фаъолияти минбаъдаи онҳо дар муқобили Умавиён гувоҳӣ медиҳад.

Ҳамин тавр, таҳлили осори муаррихони асримиёнагӣ ва муосири ватанию хориҷӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки нехзати фикрии шуубия дар заминаи сиёсати тассубомези халифаҳои умавӣ ба амал омад ва минбаъд афкори истиқлолхоҳии мардум ба таври амиқу дақиқ таъсир расонид.

Дар радифи дигар муаррихону муҳаққиқон Эмомалӣ Раҳмон низ дар такя ба асноди таърихӣ баъзе ҷанбаҳои норӯшани неҳзати шуубияро мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор дод. Аз омӯзиши осори ӯ бармеояд, ки бедории

миллӣ ва эҳсосоти адолатхоҳӣ ба пайравони неҳзати фикрии шуубия имкон дод, ки бо афкори шоиста дар муқобили сиёсати таассубомези баъзе аз хулафои араб истодагарӣ намоянд. Ба пайравони ин ҷунбиш муаяссар гардид, ки на танҳо бартарии фарҳангу тамаддуни хешро бар арабҳо собит созанд, балки дар густаришу рушди таълимоти исломӣ минбаъд чун пешвоёни ҷаҳони ислом хидмат намоянд. Дар заминаи мактаби шуубиён минбаъд даҳҳо донишманду мутафаккири тоҷик ба камол расида ва бо зеҳну хиради волояшон дар Шарқи исломӣ маъмулу машҳур гардиданд. Арабҳо баъди муддати кӯтоҳе аллакай бар тавону қудрати маънавии мардумони эронӣ қоил шуданд. Эмомалӣ Раҳмон дуруст таъкид менамояд, ки чи муборизаи шуубия ва чи ҷонисории ҷонибдорони Абумуслими Хуросонӣ дар кадом шаклу сурате зоҳир нагардад, онҳо ҳадафи муштараку муқаддаси барандохтаи миллатгароёни араб, яъне сарнагунии халифаҳои умавӣ дар сар доштанд, ки дар заминаи он чандин ҳукумати мустақили маҳаллӣ зуҳур кард [21, с. 556].

Дар воқеъ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки талошу пайкорҳои шуубиён пеш аз ҳама дар он ифода меёфт, ки нигоҳи маъмурони хилофат нисбат ба мардумони эронӣ тағйир ёбад. Ин талошу заҳматҳо дар аввал заминаи бедории миллиро дар масири истиқлол гузошт ва минбаъд арабҳоро водор кард, ки дар муносибат ба мардуми Хуросону Мовароуннаҳр гузашт намоянд. Таҷрибаи умури идории Хилофати Аббосиён нишон дод, ки дар танзими он нақши тоҷикон барҷаста аст. Аз Абумуслим то Бармакиёну Тоҳириён ва Сомониён дар таҳкими низоми идорӣ ва густариши тамаддуни исломӣ нақши бағоят бузург гузоштанд.

Ҳамакнун, омӯзиши таърихи неҳзати фикрии шуубия аз нигоҳи консепсияи таърихнависии Эмомалӣ Раҳмон барои решаёбии манфиатҳои миллӣ ва рушди тафаккури миллӣ аҳаммияти муҳим дорад. Маҳз чунин консепсияи фарогири таърихи ниёкон имкон фароҳам меорад, ки насли наврас ва ҷавони имрӯз дар руҳияи арҷгузорӣ ба хидматҳои шоёни ниёкони хеш ба камол расанд. Ҳаракати фикрии шуубия ва талошҳои минбаъдаи пайравони он мисоли рӯшанест аз нақши тоҷикон дар густариши тамаддуни

исломӣ, ки насли имрӯз метавонад аз таҷрибаи он суд барад. Маҳз чунин равиши масъалагузории таърихи афкори миллӣ ва таърихнависии Эмомалӣ Раҳмон аст, ки доираи омӯзиши осори ӯ дар ҷомеа ба маротиб васеъ мешавад.

### 4.2. Нақши хонадонҳои маҳаллии Бармакиёну Саҳлиён дар низоми идории Хилофати араб аз нигоҳи Эмомалӣ Раҳмон

Омӯзишу таҳлили манобеи таърихӣ ва осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки истисмор ва сиёсати золимонаи маъмурони хилофат дар сарзаминҳои паҳновари тоҷикнишин боиси зуҳури шӯру исёнҳои озодихоҳӣ гардид. Воқеан арабҳо ҳеҷ хуш надоштанд, ки қавмҳои дигар ба низоми идории хилофат ҷалб шаванд, вале зери таъсири ҳаракатҳои мардумӣ ногузир дар ин амр гузашт карданд. Албатта, аксари мардум исломро қабул доштанд, вале тасаллути арабҳо дар ин сарзамин барои онҳо қобили қабул набуд. Зеро тасаллути қудрати арабҳо Эрону Хуросон ва Мовароуннаҳр ба адолати иҷтимоии таълимоти ислом мухолифат дошт. Аз ҷониби дигар, сиёсати нодурусти қавмии маъмурони араб боиси зуҳури норозигӣ дар сарзаминҳои тоҷикнишин мегардид. Новобаста аз шикасти ҳаракатҳои озодихоҳии мардумони минтақа, маъмурини араб маҷбур шуданд, ки дар муносибат бо аҳолии маҳаллӣ бо эҳтиёт рафтор намоянд. Абумуслим, ки Аббосиёнро ба тахти хилофат овард, дар натиҷаи амали хоинонаи ин сулолаи араб аз миён бардошта шуд. Баъди қатли Абумуслим пояҳои хилофат зери таъсири шӯришҳои абумуслимия ба ларзиш омад. Дар ин хусус Эмомалӣ Раҳмон зикр менамояд, ки ҳарчанд халифа Абуҷаъфари Мансур (754–755) Абумуслими Хуросонӣ ба унвони як рақиби тавоно ба таври ноҷавонмардона аз миён бардошт, вале дар муддати 21 соли ҳукуматаш ба ашрофу сулолаҳои бонуфузи Хуросону Мовароуннаҳр такя менамуд [21, с. 590].

Халифаҳои аббосӣ дарк намуда буданд, ки бидуни ҷалб ва ширкати ашрофзодаҳои тоҷик наметавонанд дар сиёсати шарқиёнаашон муваффақ бошанд.

Маҳз арабҳо зери таъсири ҳаракатҳои озодихоҳӣ ва ҷунбишҳои фикрии мардумони эронитабор водор шуданд, ки дар сиёсати шарқиёнаашон аз тадбирҳои дигар кор гиранд. Ҳамин буд, ки дар муттати кӯтоҳ сулолаҳои бонуфузи маҳаллии эронитабори Хуросону Мовароуннаҳр, ба мисли Бармакиён, Саҳлиён, Ковусиён, Мусоиён ва Навбахтиён ба умури идораи хилофати исломӣ ҷалб шуданд.

Бояд гуфт, ки масъалаи нақши сулолаҳои эронитабори Хуросону Мовароуннаҳр, аз қабили Бармакиён ва Саҳлиён дар таҳкими низоми идории хилофати Аббосиён дар осори Эмомалӣ Раҳмон ба таври барҷаста мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Ӯ дар асоси манобеъи таърихӣ зикр менамояд, ки Бармакиён ҳамчун хонадони бонуфузи Хуросон аз соли 754 ба муддати ним аср дар таҳкими қудрати Аббосиён нақши бориз гузоштанд. Ӯ дар асл Бармакиёнро як дудмони қадими тоҷикони Балх медонад, ки маъбади Навбаҳорро сарпарастӣ менамуданд [21, с. 590].

Тибқи маълумоти баъзе муаррихон, сулолаи Бармакиён ҳанӯз дар аҳди ҳукумати Сосониён мақоми вазорат доштанд ва баъдан дар Балх низ ба умури динӣ ва маъмурӣ ҷалб шуданд.

Ба қавли муаррихи тоҷик Н. Ҳакимов, ин хонадони тоҷик дар давраи Сосониёни аввал вазифаи коҳини дайри буддоиро ба уҳда дошт ва баъди он ки дайри буддоӣ дар Балх ба оташкадаи зардуштӣ табдил ёфт, нафаре аз ин оила бармак - саркоҳини маъбади Навбаҳори Балх шуд ва бо ин сабаб оилааш бо ин ном машҳур гардид, Яъне, Бармак исми хос не, балки унвони саркоҳини маъбад буд. Соли 705 арабҳо Балхро забт, шаҳр ва маъбади Навбаҳорро хароб карданд. Минбаъд хонадони Бармакиён бо пазириши ислом ба хидмати хилофат ҷалб шуданд [238, с. 277].

Муаррихи рус В.В. Бартолд навиштааст, ки ин хонадон ҳанӯз дар замони давлатдории Сосониён машҳур гашта буданд. Саравлоди ин хонадон Бармак

аз илми фалсафа ва нуҷум ба хубӣ огоҳ буд ва дар дарбори Ардашери Бобакон хизмат менамуд. Ҳамзамон, онҳо дар маъбади буддоии Балх-Навбаҳор вазифаи саркоҳинро иҷро мекарданд.

Марҳалаи баъдии нуфузи мақоми сулолаи Бармакиён ҳамчун ашрофзодаи Балх ба замони раёсати волӣ Асад ибни Абдуллоҳ рост меояд. Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси тақвияти нуфузи намояндагони маъруфи ин сулола маълумоти мушаххас медиҳад. Ба андешаи ӯ, яке аз намояндагони маъруфи ин сулола Холиди Бармакӣ сарлашкари бонуфузи Абумуслими Хуросонӣ буд. Ӯ дар набарди зидди Умавиён, махсусан ҳангоми забти Ироқ, Шом ва озоди баъзе мулкҳои Эрон корномаи мондагоре анҷом дод. Маҳз баъд аз ҳамин корнамоӣ бо тавсияи Абумуслим ба вазифаи вазорати халифа Абумансури Саффоҳ таъйин шуд. Эмомалӣ Раҳмон дар такя ба асноди таърихӣ иброз медорад, ки Холиди Бармакӣ дар замони ҳукумати Абумансури Саффоҳ сардори девони лашкару хироҷ ва масъули вазорат буд, вале баъди қатли Абумуслим муддате аз ин маснад барканор гардид. Баъди чанде дар аҳди хилофати Абуҷаъфари Мансур солҳои 765–769 ба ҳайси волии Табаристон таъйин шуд [21, с. 590].

Дар ҳоле, ки арабҳо барқарорсозии шаҳри Балхро тасмим гирифтанд, онҳо пеш аз ҳама ба писари Бармак Холид рӯ оварданд. Баъди бозсозии Марв Холид ҳамкориро бо арабҳо оғоз бахшид. Тибқи маълумоти Ф. Старр, дар Марв Холид бо донишманди барҷастаи замон Навбахт Аҳвозии ал-Форисӣ вохӯрд ва бо тавсияи ӯ бо халифа Мансур ҳамкориро ба роҳ монд [174, с. 144].

Баъди қатли Абумуслим ва барканории муваққатии Холиди Бармакӣ халифа бо ашрофзодаҳои дигари тоҷик ҳамкорияшро идома дод, зеро арабҳо имкон надоштанд, ки мустақиман дар ин сарзамин ҳукумат дошта бошанд. Омили ҷалби дубораи Холид ба низоми идорӣ ва таъйини ӯ ба маснади волии Табаристон ба ҳаракати озодихоҳӣ ва амали қувваҳои марказгурез дар ин манотиқ бастагӣ дошт.

Бояд гуфт, ки яке аз ҳунари муҳимми намояндагони сулолаи Бармакиён, махсусан Холид бунёду тазйини шаҳрҳо маҳсуб меёфт. Тибқи маълумоти муаррихон, Холид дар Табаристон шаҳреро бо номи Мавсил бунёд сохт ва баъди чанде ба маркази хилофат шаҳри Бағдод даъват шуд. Дар ин муддат барои бунёду таҷдиди шаҳри Бағдод хидмати шоён анҷом дод. Донишманди эронӣ Абдулҳусейни Зарринкӯб таъкид мекунад, ки «Холид дар Марв бо Навбахт ҳамроҳ нақшаи бинои шаҳри Бағдодро тарҳрезӣ мекунанд» [282, с. 442]. Холид бо ақлу дониш, хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, фурӯтанию раъиятпарварӣ, инсондӯстӣ ва маърифати воло диққати халифаҳои Аббосиро ҷалб намуд ва қадру манзилаташ тадриҷан устувор гардид. Муҳаммад Абдурраззоқи Конпурӣ менависад, ки «Холид дар ҳукуматҳои худ бо адлу дод бо мардум рафтор мекард, шикоётро мавриди расидагӣ қарор медод ва намегузошт, ки ҳаққи касе поймол гардад» [291, с. 230]. Дар воқеъ, Холид дар минтақаҳое, ки зимоми ҳокимият ба ӯ супурда шуд, бо адлу дироят барои пешрафту нумуи он тадбирҳои судманд меандешид. Маҳз ҳамин сифатҳои ӯ буд, ки Ҷаҳшиёрӣ менависад «…тамоми мардуми Хуросон Холидро дӯст медоштанд ва камтарин касе буд, ки аз хони неъмати ӯ бархӯрдор нагардида…» бошад. Маҳз хидматҳои Холид дар бунёду ободии шаҳрҳо ва таҳкими нуфузи ислом буд, ки худи ӯ бо фармони халифа дар Мавсил ва писараш Яҳё дар Озарбойҷон волӣ таъйин шуданд.

Эмомалӣ Раҳмон дар такя ба маълумоти Табарӣ зикр менамояд, ки Яҳё ибни Холиди Бармакӣ ба унвони бонуфузтарин шахсияти хонадони Бармакиён чор писар дошт: Фазл, Ҷаъфар, Мӯсо ва Муҳаммад. Фарзандонаш Фазл ва Ҷаъфар ба ҷойи падарашон Яҳё ҳамчун вазирони бонуфуз хилофатро идора менамуданд. Худи Яҳёи Бармакӣ дар вазъи ҳассоси хилофати Аббосиён низоми идориро ба даст дошт ва бо халифаи ҷавон Ҳорунаррашид ошӯбу қиёмҳоро дар манотиқи Хуросону Мовароуннаҳр ва Шому Сурия пахш менамуд. Ҳамчунин, ӯ дар ҷанги муқобили Рум ба ғалаба ноил шуд [21, с. 591].

Аз таҳлили манобеи таърихӣ бармеояд, ки халифаҳои аббосӣ дар лаҳзаҳои мураккаб ба намояндагони ин сулолаи бонуфузи тоҷик такя менамуданд. Махсусан, дар фурӯ нишондани шӯру исёнҳои мардумони маҳаллӣ ва даргириҳои қавмии арабҳо намояндагони Бармакиён нақши хос доштанд. Аз ҷумла, бо ташаббуси Яҳёи Бармакӣ соли 786 исёни яке аз пешвоёни мазҳабӣ дар Ҳиҷоз Мусои Козим пахш шуд. Эмомалӣ Раҳмон хотирнишон месозад, ки Яҳёи Бармакӣ ҳатто дар пахши исёни Муқаннаъ ҳам даст дошт ва пасон ба хотири ин хадмат аз сӯи халифа Маҳдӣ ба вазифаи сарвари девони рисолати музофотҳои ғарбии хилофат таъйин гардид. Яъне, халифа дар пахши ҳаракатҳои озходихоҳии мардумони маҳаллӣ аз нуфузи сулолаи Бармакиён сӯйистифода менамуд. Албатта, худи арабҳо барои пахши чунин ҳаркатҳои озодихоҳӣ, ба мисли исёни Муқаннаъ метавонистанд аз қувваи худ истифода намоянд, вале барои таҳкими қудараташон ба нерӯи иловагӣ эҳтиёҷ доштанд. Бинобар ин, аз элитаи сиёсие чун Бармакиён на танҳо барои саркӯби шӯру исёнҳо, балки барои таҳкими қудрат ва густариши ислом дар сарзаминҳои дигар самаранок истифода мешуд.

Ба ақидаи мо, дар ин ҷо намояндагони сулолаи Бармакиён на ба хотири вазифа ва ҷойгоҳ бо саркардаҳои араб ҳамкорӣ мекарданд, балки ҳузури онҳо дар садри хилофат барои таъмини амнияти мардумони маҳаллӣ ва пешрафти иқтисоди минтақа муҳим буд. Таҷрибаи фаъолияти минбаъдаи онҳо гувоҳи он аст, ки ҳама талошҳои онҳо баҳри рушди тафаккур ва зиндагии мардумони шарқи хилофат – Хуросону Мовароуннаҳр хеле созанда буд. Тадбири ободӣ ва бунёди шаҳрҳо аз ҷониби фарзандони Яҳё дар сарзаминҳои тоҷикнишин далели ин гуфтаҳост.

Баъди марги Маҳдӣ чун писараш Ҳодӣ ба маснади хилофат нишаст, ӯ нисбат ба намояндагони сулолаи Бармакиён, махсусан вазири бонуфузи хилофат Яҳё муносибати нек надошт. Шояд ин омил ба нуфузи мураббии бародараш Ҳорун – Яҳёи Бармакӣ бастагӣ дошт, ки ҳамеша дар ҳузури халифа Маҳдӣ дар хусуси масъалаи ирси Ҳорун сухан мекард. Аммо ин суханони Яҳё ба Маҳдӣ чунин таъсир накард ва Ҳодӣ баъди марги падараш

ба маснади хилофат расид. Халифаи нав дахолати Яҳёро ба корҳои идорӣ қабул надошт ва ҳатто кор то ҷое расид, ки ӯро чанд муддате ба ҳабси хонагӣ кашид.

Табарӣ хабар менависад, ки вақте Яҳёи Бармакӣ ба пирӣ расид ва аз Ҳорунаррашид хоҳиш кард, ки бо иллати заъфи пирӣ ба ӯ иҷозат диҳад, то барои тавба ба Макка равад. Ҳорунаррашид ин хоҳиши ӯро напазируфт ва фармуд, ки пирсарони ту Фазл ва Ҷаъфар «ҳарду назоратро шоянд, ҳар кадом хоҳӣ, халифат кун... Ва Рашидро майл сӯйи Ҷаъфар буд. Ва Яҳё Фазлро гузид. Ва Ҷаъфар дабиртару некӯҳадистар ва некӯрӯйтар буд. Валекин Фазл ба сол меҳтар буд ва кордидатар ва озмоиш бештар ва ботадбиртар. Яҳё ӯро гузид ва ангуштарии амирулмуминин бад-ӯ дод. Ва ӯро ба вазорат халифа кард» [42, с. 1536].

Пас аз ин фарзанди бузурги Яҳё – Фазли Бармакӣ муддати ду сол ба ҷойи падараш идораи хилофатро ба дӯш дошт. Баъди ду соли иҷрои вазифаи бисёр муҳим бо амри халифа Ҳорунаррашид Фазли Бармакӣ солҳои 792–797 волии Эрони Ғарбӣ ва пасон Хуросон таъйин гардид. Ангуштарини хилофатро бошад ба Ҷаъфари Бармакӣ тақдим кард. Эмомалӣ Раҳмонро ба чанд ҷанбаи муҳимми замони раёсати Фазли Бармакӣ таваҷҷуҳ менамояд. Ба назари ӯ, Фазл баъди волии Хуросон таъйин шуданаш шаҳри Балхро қароргоҳи худ интихоб намуд ва дар ин радиф дар рушду обёрии шаҳрҳои дигари манотиқи Хуросону Мовароуннаҳр саҳми бориз гузошт. Фазл барои пешрафти зиндагии иҷтимоӣ ва иқтисодии мардумони ин минтақа, аз ҷумла кишту боғдорӣ дар Балх ҷӯйҳои нав канд, ки бар асари он шумораи деҳқонони осудаҳол зиёд гардид [21, с. 592]. Ҳамчунин, муаррихони асримиёнагӣ аз тадбирҳои дигари андешидаи Фазл дар Хуросону Мовароуннаҳр дар ин замон хабар медиҳанд. Махсусан, анҷомиислоҳот дар низоми идорӣ, бунёди масҷиду корвонсарой, пулҳо ва ҳафри ҷӯй аз ҷумлаи тадбирҳои дурандешонаи ӯ буданд. Тибқи маълумоти Абубакри Наршахӣ, Фазл дар гӯшаи оташкадаи Навбаҳори Балх масҷиди нав бунёд сохт, масҷиди

ҷомеи Бухороро боз ҳам васеъ кард, дар шафати масҷидҳо манора ва андаруни масҷидҳо чароғу қандилҳо тарҳ андохт [54, с. 44].

Эмомалӣ Раҳмон дар асоси манобеъи таърихӣ ба ислоҳоти низомии Фазл ишора менамояд. Фазли Бармакӣ дастаи хоси сипоҳиёнро таъсис дод, ки бо номи «фавҷи бағдодӣ» машҳур буданд. Лашкари ӯ бо 500 ҳазор сипоҳӣ ҳамчун такягоҳи асосии хилофат минтақаҳои сарҳадиро аз душманон ҳифз менамуд. Фазл бо баҳонаи ҳифзи сарҳадҳои шарқии хилофат қисми зиёди сипоҳро ба Хуросону Мовароуннаҳр интиқол дод, ки боиси ҳароси халифа ва даъвату халъи ӯ дар Бағдод гардид [21, с. 592].

Тадбири хирадмандонаи дигари Фазли Бармакӣ ба андешаи аксар муаррихон, танзими низоми андозситонӣ маҳсуб меёфт. Ӯ дар муддати ду соли раёсаташ дар Хуросон тартиби хироҷситониро дар вилоятҳо ба андозаи даҳ як ҳиссаи маҳсул муайяну танзим кард. Дар ин радиф Фазли Бармакӣ дар рушду густариши илму фарҳанг низ нақши бориз гузошт. Махсусан, бо ҷалби ҳунармандони Чин усули коғазсозиро дар Самарқанд рушд бахшид ва баъди чанде ин ҳунар то Андалусия ва Аврупо паҳн гардид [220, с. 187-189].

Эмомалӣ Раҳмон дар осори худ нақши намояндагони сулолаи Бармакиёнро дар рушди илму маърифат бориз медонад. Ба таъкиди ӯ, дар замони вазорати Яҳёи Бармакӣ ва пирсаронаш Фазлу Ҷаъфар илму фарҳанг ва маърифат ба василаи тарҷума ва таҳияи осори таърихию илмӣ аз забонҳои форсӣ ва юнонӣ ба забони арабӣ хеле рушд кард [21, с. 592].

Дар воқеъ, сулолаи ашрофзодаҳои эронитабори Хуросону Мовароуннаҳр аксаран илму фарҳангу маърифатро асоси рушди ҷоема мешумурданд. Бармакиён аз ҷумлаи чунин хонадонҳои соҳибмаърифату иззатманд маҳсуб меёфтанд, ки бо донишу маърифати хеш шуҳратёр гардиданд. Маҳз ҳамон касби суннати неки мардумони ориёӣ дар ботини ин хонадон нуҳуфта буд. Ҳамин дарку фаҳмиш ва ҷаҳонбинии солими намояндагони сулола буд, ки манофеи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр то ҷое дар руёрӯӣ бо сиёсати қавмии арабҳо ҳифз шуд. Тавассути дарки маърифати инсонӣ намояндагони ин сулола то ҷое шуълаи оташи таассуби

қавмии маъмурини арабро дар муносибат ба мардумони минтақа хомӯш намуданд. Албатта, Бармакиён тамоми фаъолияту муносибати худро дар ҷомеа бар асоси таълимоти исломӣ тарҳрезӣ карда ва ба ҳадди имкон аз он ба нафъи мардумони минтақа суд бурданд. Зеро онҳо ҳоло чунин қудрате надоштанд, ки якбора даъвои истиқлол намоянд. Ба ақидаи мо, наметавон гуфт, ки Бармакиён барои касби истиқлол кӯшиш доштанд, зеро фазои ҳоким дар ҷомеа ва таълимоти нави идеологии исломӣ барои ин амр иҷозат намедод.

Дар робита ба хираду фазилати намояндагони ин сулолаи тоҷик, махсусан Ҷаъфари Бармакӣ Эмомалӣ Раҳмон ва муаррихини дигари ватанию хориҷӣ андешаҳои ҷолиб ироа менамоянд. Эмомалӣ Раҳмон менависад, ки Ҷаъфари Бармакӣ бо халифа Ҳорунаррашид бисёр наздик буд ва ҳамчун шахси зираку дурандеш, соҳибмаърифат, суханвар, толеъбину ахтаршинос ва хаттот дар дарбори халифа мақому мартабаи махсусро соҳиб буд. Ӯ барои тақвияти андешаҳояш ба навиштаи Табарӣ истинод меорад, ки халифа Ҳорунаррашид хоҳари зебои хушсуҳбату маҳфилорое бо номи Аббоса бинти Маҳдӣ дошт, ки рози хешро аз ӯ пинҳон намекард. Ӯ дар тамоми маҷлисҳои маҳрамона ва нишастҳои хоссаи халифа ҳузур меёфт. Дар чунин маҳфилҳои базму шароби халифа Ҷаъфари Бармакӣ ҳам ширкат менамуд. Халифа Ҳорунаррашид бо мақсади шинухез ва гуфтугузори озод онҳоро тибқи шариат никоҳ кард, вале иҷозаи заношӯӣ надод. Вале Ҷаъфар бо ҷасорату хирад ва сухандонӣ оқибат қалби Аббосаро тасхир карда, онҳо аз халифа пинҳонӣ ба ҳам омаданд ва соҳиби писаре шуданд. Ба ақидаи Табарӣ, писарро пинҳонӣ «ба дасти ду канизак ба хостаи бисёр ба Макка фиристод, то ӯро он ҷо бидоранд. Ва чун соле бибуд, Аббоса бо яке канизаки хеш ҷанг афтод. Ва Аббоса ӯро бизад ва савганд хӯрд, ки бикушамаш. Ва канизак бирафт ва Рашидро аз он кӯдак, ки Аббоса оварда буд аз Ҷаъфар, хабар кард» [42, с. 1538].

Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус иброз медорад, ки халифа Ҳорунаррашид аз тарси қудрати рӯзафзуни сулолаи Бармакиён канизакро ба ифшо

накардани ин қазия водошт ва ӯро дар зери ҳимояти худ гирифт. Ҷаъфари Бармакӣ муддати ҳабдаҳ соли вазораташ дар аҳди Ҳорунаррашид зимоми хилофат ва идораи онро ба даст дошт. Маҳз хирадмандӣ, ҳусни тадбир ва дурнедшию адолатпешагиаш боис гардид, ки баъзан халифа дар назди ҷомеа назарнорас бошад [21, с. 593]. Низоми ҳисобу китоби хизонадорӣ то ҷое танзим шуд, ки ба андешаи Ибни Халдун, халифа Ҳорунаррашид бе иҷозаи Ҷаъфари Бармакӣ аз хазина хатто маблағи ночизе гирифта наметавонист. Мувофиқи маълумоти Ибни Халдун, сулолаи Бармакиён то дараҷае нуфуз пайдо намуданд, ки «дар фармонравоӣ бар вай тасаллут ёфтанд ва дар қудрату салтанати ӯ ширкат ҷустанд ва чунон зимоми ҳамаи умурро ба даст гирифтанд, ки дар ҷанбаи қудрати онон Рашид кучактарин дахолате дар умури кишвар надошт, аз ин рӯ осори баланде аз онон боқӣ монд. Ва овозаи онон саросари кишварро фаро гирифт. Онҳо куллияи маносибу дараҷоти давлатӣ ва умури девонию кишвариро ба дасти аъзои хонадон ва парваришёфтагони худ супурданд ва ҳамаи машоғилро аз вазорату дабирӣ гирифта, то фармондеҳии сипоҳу ҳоҷибӣ ва куллияи умур марбут ба шамшеру қалами худ қабза карданд ва дигаронро канор заданд. Чунон ки мегӯянд, аз фарзандони Яҳё ибни Холид бисту панҷ тан дар даргоҳи Рашид раёсат доштанд ва маносиби кишварию лашкариро идора мекарданд» [32, с. 26-28].

Бармакиён дар танзими низоми идорӣ на танҳо ба шариати исломӣ, балки ба таҷрибаи ниёкони худ, махсусан Сосониён такя менамуданд. Чи хеле, ки дар боло зикр гардид, онҳо ҳамчун элита дар ҷомеа то вуруди арабҳо дар минтақа шуҳрат доштанд. Яъне, чун дар сиёсат таҷрибаи кофӣ доштанд, аз он барои пешрафти кори вазорат ва раёсати Хуросон ҳар кадом самаранок истифода бурданд.

Ҳақ бар ҷониби Эмомалӣ Раҳмон аст, ки онҳоро дар бахши танзими низоми идории хилофати Аббосиён афроди калидӣ медонад. Ӯ менависад, ки Бармакиён чунин сохтори муназзамеро бо истифода аз таҷрибаи умури идории Сосониён рушд бахшиданд. Дар ин раванди бисёр муҳимми

давлатдорӣ намояндагони ин сулола умури идораи ҳарбӣ, молиявӣ, назорати вилоятҳои хилофат, танзими иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва фарҳангро ба ихтиёр доштанд [21, с. 594].

Маҳз шукуҳу шаҳомати рӯзафзун ва хадамоти шоистаи намояндагони ин сулола саркардаҳои қавмгарои арабро дар ҳоли ташвишу изтироб овард ва онҳо роҳи маҳви Бармакиёнро пеш гирифтанд. Махсусан, худи халифа Ҳорунаррашид аз қудрати ин хонадони тоҷик ба ҳарос афтода, ба василаи арабгароён дар муқобили онҳо ҳар гуна баҳона эҷод мекард. Акнун бо гумону баҳонаҳои мухталиф намояндагони шуҳратманди сулола ба ҳабс кашида мешуданд.

Эмомалӣ Раҳмон бар он ақида аст, ки ҳамин қудрати рӯзафзуни сулола боис шуд, ки халифа Ҳорунаррашид дар ҳоли изтироб қатли Ҷаъфари Бармакиро бо баҳонаи фарзанддоршавияш аз Аббоса ва озодсозии яке аз мухолифини Аббосиён – Яҳё ибни Абдуллоҳ Алҳасанайн ва соҳиб гардиданаш таъҷилан ба миён гузошт [21, с. 594]. Фоҷеаи мазкур дар таърих бо унвони «накбати Бармакиён» зикр мешавад.

Ба ақидаи Н. Ҳакимов, мақому эътибори хонадони Бармакиён дар Бағдод ва умуман дар хилофат то ҷое баланд шуда буд, ки халифа Ҳорунаррашид аз ин сулола ба ҳарос омад. Қаробати зоҳирии Ҷаъфар бини Яҳёи Бармак бо Ҳорунаррашид чунон зиёд буд, ки меҳмонони дарбор онҳоро аз ҳамдигар фарқ намекарданд. Ин қаробат баҳонаи аз ҳокимият дур шудани сулолаи Бармакиён гардид. Ҳорунаррашид Ҷаъфарро ба хиёнати он ки гӯё ӯ баъзан худро ҳамчун халифа Ҳорунаррашид муаррифӣ мекардаст, 29-уми январи соли 803 ба қатл расонид ва падару се бародараш – Фазл, Муҳаммад ва Мусоро дар Раққа зиндонӣ намуд [238, с. 278].

Бояд гуфт, ки халифа Ҳорунаррашид бо сабаби зуҳури шӯру исёни ҷонибдорони Бармакиён таъҷилан ба дастгир намудани Яҳёи Бармакӣ ва се писараш – Фазл, Муҳаммад ва Мусо амр дод. Пас аз ин аъзои сулолаи Бармакиён мавриди таъқибу куштор қарор гирифтанд ва молу амволашон

мусодира шуд. Ҳатто нафарони зиёде бо гуноҳи робита ба ин сулола зиндонӣ ва қатл шуданд.

Мутаассифона, зери таъсири сиёсати қавмии халифаҳои аббосӣ таърих такрор шуд ва «накбати Бармакиён» ҳамчун дуюмин фоҷеаи нангин баъди қатли Абумуслими Хуросонӣ барои мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар як муддати кӯтоҳ ба амал омад. Хиёнат дар муқобили хидматҳои шоёну мондагори намояндагони ин сулола барои маъмурони хилофат, махсусан худи халифа дар охир бо фоҷеа анҷом ёфт. Ин зарбаи шадиде ба рӯҳу равони мардумони на танҳо Хуросону Мовароуннаҳр, балки тамоми хилофат буд.

Муаррихи тоҷик Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ ба маврид зикр менамояд, ки «Дар замони Ҳорунаррашид – халифаи панҷуми Аббосӣ (786–809) қариб тамоми корҳои идории давлатӣ ба дасти Бармакиён – ашрофони тоҷики балхӣ гузашт ва аъробро хавфи он буд, ки хилофат аз дасташон биравад, бад-ин сабаб бо фармони Ҳорунаррашид аҳли хонадони Бармакиён ба қатл расонида шуданд. Аммо ба ин васила ҳам пеши роҳи бедоршавии тоҷикон ва азми давлатсозии гирифтан мумкин нашуд, баръакс он шиддат ёфт. Акнун ин кор на аз тариқи шӯру ошӯб, балки аз роҳи ворид шудан ба дарбори Аббосиён ва ба даст овардани мансабҳои бузурги давлатӣ амалӣ мегардид» [197, с. 7]. Кинаву адовати қавмии аҷнабиён сабаби чунин бадбахтӣ гардид, ки барои насли имрӯз ва фардои ин мардум бояд дарси ибрат бошад. Ҳеҷ аҷнабие бе мароми хос вориди зиндагии мо намешавад, ҳатман дар пушти он ғариза ва ё дигар мақсади номатлубе нуҳуфта аст. Ин таҷрибаи таърихи ниёкон моро ҳушдор месозад, ки ба ҳеҷ як қудрату қувваи хориҷӣ умед набандем ва баҳри хидмат ба мардум ва Ватани хеш содиқ бошем. Ҳадафи омӯзиши чунин саҳифаҳои сиёҳу нангини таърих ҳам таҳрики мардум ба варшикастагии рӯҳӣ нест, балки талқини таҷриба ба хотири шинохти роҳи дуруст аст. Маҳви Абумуслими Хуросонӣ ва сулолаи Бармакиён албатта, ба маънои он нест, ки намояндагони сулолаҳои маҳаллӣ дигар аз умури идорӣ дур мешаванд ва арабҳо дар идораи хилофат якатоз мемонанд.

Ҳамин тавр, Эмомалӣ Раҳмон хадамоти ин сулолаи тоҷикро бар асоси манобеъи таърихӣ ва таҳлили осори муаррихон дар пайвастагӣ ба решаёбии манфиатҳои миллӣ таҳлилу баррасӣ менамояд. Албатта, дар ҷомеаи муосир омӯзиши чунин масъалаҳо барои рушди бедории миллӣ ва тақвияти худшиносӣ муҳим арзёбӣ мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон хадамоти Саҳлиёнро низ бо таваҷҷуҳ ба нуфузи сулолаҳои тоҷик дар низоми идории хилофати Аббосиён ва рушди тамаддуни исломӣ муҳим медонад. Дар ин хусус ӯ менависад, ки пас аз фоҷеаи Бармакиён халифаҳои аббосӣ зери таъсири ҳаракатҳои мардумӣ дарк карданд, ки бе ширкат ва ҷалби намояндагони соҳибнуфузи маҳаллӣ наметавонанд дар низоми идорӣ муваффақ бошанд. Ба таъкиди ӯ, Аббосиён пай бурданд, ки бе ҳусни тадбир ва таҷрибаи давлатдории эрониён, махсусан чеҳраҳои бонуфузу иродатманди Хуросону Мовароуннаҳр ҳатман беназмӣ, норомӣ, ва мунокишаҳои мазҳабию қавмӣ афзун мегардад. Эмомалӣ Раҳмон барои тақвияти андешаҳояш аз чанд даргирии дохилӣ ва шӯру исён ёдовар мешавад, ки ҳамагӣ баъди барканории Бармакиён ба амал омада буданд. Масалан, ӯ аз нокомии вазири дарбори халифа Фазл ибни Рабеъ ва волии Хуросон Алӣ ибни Исои Араб ёдовар мешавад, ки дар натиҷаи зулму ситами онҳо мулкҳои шарқии хилофатро шӯру исён фаро гирифт. Ин шӯру исёнҳо дар хилофат бештар ба амал меомад. Аз ҷумла, шӯру исёнҳо дар Ҳироту Сиистон бо роҳбарии Ҳазин ва Ҳамза ба миён омаданд, ки сипоҳи Алӣ ибни Исо дар саркӯби онҳо ноком шуд [21, с. 594]. Дар ин шароит халифа Ҳорунаррашид ба сулолаҳои маҳаллии Тоҳириёну Саҳлиён рӯ овард, то ба василаи нуфузашон вазъро ором созанд

Яке аз намояндагони барҷастаи сулолаи маҳаллии Хуросон, ки дар осори Эмомалӣ Раҳмон аз хадамоти ӯ дар умури идории хилофат ва густариши ислом ёд мешавад, Фазл ибни Саҳл мебошад. Ӯ як тан эронитабори зардуштӣ буд, ки ба хонадони дигари тоҷик – Бармакиён наздикӣ дошт. Ҳанӯз дар аҳди хилофати Ҳорунаррашид писараш Маъмун аз ӯ хоҳиш намуд, ки дар сафари Хуросон ӯро Фазл ибни Саҳл ҳамроҳӣ намояд,

зеро вай марди зираку хирадманде аст. Яъне, пас аз сари Ҷаъфар намояндаи дигари мардуми тоҷик ба хидмати халифа ва писараш ҷалб шуд [21, с. 595].

Ба эҳтимоли зиёд Ҳорунаррашид баҳри танзими вазъ дар Хуросон ва таҳкими нуфузи писараш Маъмун хост нафареро волӣ таъйин намояд, ки аз ҷониби модараш набераи Устоди Сис буд ва хуни тоҷикӣ дошт. Албатта, ин усул дар таҷрибаи давлатдори ниёкони тоҷикон аз аҳди бостон истифода мешуд. Мардум нисбат ба дигар саркардаҳои араб то ҷое ба волии нав – Маъмун муносибати нарме доштанд. Махсусан, аёну ашрофи маҳаллӣ бо ӯ ҳамчун шахси худӣ муносибат мекарданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз як ҷониб, рафтани Маъмун ба Хуросон паёмади хуб надошт, зеро муносибати ӯ бо бародараш Амин баҳри тахти хилофат маҳз дар ин минтақа мураккаб шуд. Яъне, баробари фавти халифа Ҳорунаррашид акнун баъзе дарбориён ва ашрофи араб писари дигари ӯ – Аминро ҷойгузини падар ва халифа пазируфтанд. Бояд гуфт, ки ашрофу давлатмардони араб ҳавасманд буданд, ки бояд ҳатман Амин ҳамчун араби асил ба маснади хилофат расад. Эмомалӣ Раҳмон ин амрро як навъ амали худсаронаи Амин медонад, бародараш Маъмунро хеле нороҳат сохта ва боиси даргирии байни онҳо гардид. Амин ҳатто писари хурдсоли худ – Мусоро бо маслиҳати вазираш Фазл ибни Рофеъ меросбари тахти хилофат эълон кард [21, с. 595]. Албатта, инро Маъмун нақзи ҳаку ҳуқуқи бародари калон ва бар хилофи васъияти падараш медонист. Дар ин миён ҷонибдорони Маъмун, ки аслан хуросонӣ буданд, сар бардоштанд.

Бояд гуфт, ки халифа Амин дар вазъи мураккаби Хуросону Мовароуннаҳр бародараш Маъмунро бо маслиҳати Фазл ибни Рабеъ ба Бағдод давъат намуд. Маъмун дар навбати худ ин даъватро напазируфт. Дар ҷавоб ба ин густохӣ халифа Амин соли 810 тамоми роҳҳои иртиботиро ба самти Марв баст. Эмомалӣ Раҳмон зикр менамояд, ки халифа Амин дастаи яккачинеро мувазааф намуд, ки пас аз забти Бағдод ба дасту пои бародараш Маъмун занҷиру завлона баста, ӯро ба Бағдод биёранд. Шумораи сипоҳиёни халифа Амин дар муқобили Маъмун ба 60 ҳазор мерасид ва сарварии онҳоро

душмани сарсахти хурсониён Алӣ ибни Исо ба уҳда дошт. Дар муқобили ин сипоҳ фармондеҳии лашкари Хуросон ба ихтиёри Тоҳир ибни Ҳусайн вогузор шуд. Пас аз ғалабаи пайдарпай тамоми шаҳри Бағдод ба ихтиёри Тоҳир ибни Ҳусайн гузашт ва тахти хилофат насиби Маъмун гардид [152, с. 704-707].

Маъмун баъди ғалабаи артиши Хуросон Марвро муддати 5 сол ба қароргоҳи худ табдил дод ва ба Бағдод нарафт. Тамоми девону ниҳодҳои давлатӣ аз Бағдод ба Марв интиқол ёфтанд. Эмомалӣ Раҳмон дар такя ба манбаъҳои таърихӣ сабаби ба Бағдод нарафтани Маъмунро ба ҳароси ӯ аз бародараш Амин ва модараш Зубайда нисбат медиҳад [21, с. 596].

Тӯли муддате, ки шаҳри бостонии Марв ба маркази хилофати Аббосиён табдил ёфт, сулолаи Саҳлиён, махсусан Фазл ибни Саҳл дар пешрафти ҳукумати Маъмун нақши хеле барҷаста бозиданд. Фазл вазир ва мушовири халифа буд. Бо тавсияи Фазл бародараш Ҳасани Саҳл волии Ироқ, Сурия ва Ҳиҷоз таъйин гардид. Ҳамчунин, ӯ барои таҳкими вазъи сиёсӣ ба Бағдод фиристода шуд. Ҳарчанд, Ҳорунаррашид хонадони Бармакиёнро аз миён бардошт, вале писараш Маъмун натавонист бидуни пуштибонии ашрофзодаҳои тоҷик ба тахти хилофат расад ва нуфузашро дар миёни ақвоми дигар тақвият бахшад. Акнун идораи мулкҳои хилофат дар ғарб то нимҷазираи Пириней ва дар шарқ то Чин ба кирдору иродаи тоҷикон вобастагӣ дошт. Баъди барканории Бармакиён ба ҷойи онҳо на арабу ақвоми дигар, балки Саҳлиёну Тоҳириён ва Сомониён ба майдони сиёсат омаданд. Нуфузи хонадони Саҳлиён тадриҷан бо хираду кордониашон тақвият меёфт. Эмомалӣ Раҳмон зикр менамояд, ки халифа Маъмун баъди ақд бо духтари Фазл ибни Саҳл – Пирондухт ба падарарӯсаш лақаби Зӯрраёсатайн дод ва идораи тамоми хилофатро ба ихтиёри ӯ вогузор кард [21, с. 596].

Ба қавли баъзе муаррихон, Фазл ибни Саҳл дар муддате кӯтоҳе бо кору пайкори хеш миёни мардум ва дарбориён нуфузи зиёд ба даст овард. Махсусан, ӯ дар миёни ашрофу олимон ва мардуми Хуросон мақоми хеле шоиста дошт. Ҳатто, дар ҳузури халифа Маъмун бо ӯ баробар сухан мегуфт

ва бо иродаи худ корҳои идории хилофатро пеш мебурд. Халифа Маъмун бештар ба айшу ишрат майл дошт ва тамоми умури идории хилофат ба василаи Фазл ибни Саҳл ва бародараш Ҳасани Саҳл сурат мегирифт. Аз ҷониби дигар, дар шароити тақвияти нуфузи ашрофи маҳаллии Хуросон, баъзе аз намояндагони Аббосиён барои барканории Саҳлиён иқдом мекарданд. Ин дар ҳоле буд, ки нуфузи сипаҳсолори дигари тоҷик Тоҳир ибни Ҳусайн низ дар назди халифа Маъмун рӯз то рӯз меафзуд. Дар ин ҳол пеш аз ҳама рашку ҳасади сипаҳсолори араб Ҳарсама боло гирифт ва ӯ дар миёни низомиёни араб тухми кинаву адоват мепошид. Фазл ибни Саҳл низ аз нороҳатӣ ва кинаву душмании ӯ пай бурда, аксуламали лозима анҷом медод. Мутаассифона, кӯтоҳназарӣ ва баъзе хатоҳои бародараш Ҳасани Саҳл сабаб шуд, ки душман дар татбиқи ҳадафҳояш дастболо гардад.

Эмомалӣ Раҳмон менависад, ки Фазл ба хотири дур намудани Ҳарсама аз корҳои идорӣ бо фармони халифа ӯро ба самти Марв равон мекунад. Дар ин раванд ба муқаррабонаш ба таври пинҳонӣ фармони куштанашро медиҳад. Вале хабари фавти нобаҳангоми Ҳарсама боиси шаку шубҳаи Маъмун нисбат ба Фазл ибни Саҳл гардид ва дарк кард, ки ҳамакнун мақому мартабааш нисбат ба хонадони Саҳлиён хеле коҳидааст [21, с. 596-597].

Аз таҳлилу омӯзиши осори Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, ки сабаби дигари сард шудани муносибати Саҳлиён бо ашрофу сипаҳсолорони араб ба исрори Фазл ибни Саҳл дар хусуси издивоҷи Алӣ Мӯсо ар-Ризо бо духтари халифа ва табдили рамзи сиёҳи Аббосиён ба ранги сабзи Алавиён бастагӣ дошт. Ҳамчунин, ин боиси ҷунбишу норзигиҳои шадид дар Бағдод ҳам гашт. Дар радифи ин ҷунбишҳо, ҳамчунин бар асари ҳирсу зиёдаравӣ ва зулму ситами Ҳасани Саҳл вазъият боз ҳам мураккаб шуд. Дар ин ҳол мухолифони халифа Маъмун ва душманони ашрофи маҳаллӣ, махсусан Саҳлиён дар соли 817 амаки халифа Маъмун – Иброҳим ибн ал-Маҳдиро ба ҷои Маъмун ба маснади хилофат баргузиданд. Халифа Маъмун чун дар Марв ин хабарро шунид, роҳи Бағдодро пеш гирифт. Ба гуфти Эмомалӣ Раҳмон, ӯ аз хидмати хирсонаи хонадони Саҳлиён пай бурда, хост аввал Фазл ибни Саҳлро аз миён

бардорад, то бо бародараш Ҳасани Саҳл, ки аксари сипоҳ дар зери фармони ӯ қарор дошт, муттаҳид нашаванд. Тибқи маълумоти манобеъи таърихӣ, халифа Маъмун ба чор нафар ҷаллоди зархарид супориш дод, ки Фазлро ҳангоми оббозӣ нобуд созанд, то аз нуфузи ин хонандон раҳо шавад. Қотилон Фазлро дар гармобаи Сарахс кушта, ҷасадашро пора намуданд. Ҳамин тавр, Эмомалӣ Раҳмон ба таври дуруст арзёбӣ менамояд, ки сарнавишти Абумуслими Хуросонӣ ва Ҷаъфари Бармакӣ дар симои Фазл ибни Саҳл боз такрор шуд. Маъмун ба хотири ҳифзи сири ин сӯиқасд фармон дод, ки қотилон дастгир ва кушта шаванд, вале ҷаллодон исрор доштанд, ки халифа дар куштори Фазл даст дорад. Ба қавли Табарӣ, Маъмун дар ҷавоб ба эътирози онҳо чунин ҷавоб дод: «Фазл дасту пойи ман буд ва кас нафармояд дасту пойи худ буридан... Агар ба куштани ӯ шуморо накушам, бад-ин дурӯғ бикушаматон. Ва бифармуд то ҳар чорро бикушанд» [42, с. 1158].

Эмомалӣ Раҳмон бо такя ба ахбори Табарӣ менависад, ки Маъмун ангуштарини вазортаро тавассути сафире ба Ҳасан ибни Саҳл фиристод ва узр овард, ки дар мотами Фазл нишастааст. Халифа бо ин ҳама на танҳо аз Фазл ба қавле халос шуд, балки бо бародари ӯ Ҳасан тавассути ақди хонаводагӣ бо духтараш наздиктар гардид. Ин ҳама ба хотири сипоҳиёни Хуросон буд, ки ҳамагӣ зери фармондеҳии Ҳасан қарор доштанд [21, с. 597].

Бояд гуфт, ки сарвари кулли сипоҳиёни Хуросон саркардаи дигари тоҷик Тоҳир ибни Ҳусайн буд. Мувофиқи маълумоти Мирхонд, маҳз Фазл ибни Саҳл сабабгори наздикшавии Тоҳир ибни Ҳусайн бо Маъмун гардид. «Ва чун Фазл ибни Саҳл кордонии ӯ бидид, ӯро аз наздикони Маъмун кард...» [197, с. 134]. Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси сарнавишти намояндагони дигари хонадони Саҳлиён баъди куштори Фазл чандон таваҷҷуҳ наменамояд. Ӯ дар навиштаҳояш бародари Фазл – Ҳасанро ном мебарад, ки пас аз куштори ӯ ин хонадон комилан аз арсаи сиёсат ва давлатдорӣ дур мешавад.

Бо вуҷуди ин, Эмомалӣ Раҳмон дар миёни таърихнигорони тоҷик аз ҷумлаи аввалин ашхосе мебошад, ки хадамоти ин сулолаи тоҷикро дар пешрафти умури идории хилофати Аббосиён муаррифӣ сохт. Албатта, дар

таърихнигории тоҷик ошкор намудани ҳар саҳифаи норӯшани таърихи ниёкон хидмати бузург аст. Саҳлиён ба унвони сулолаи маҳаллии тоҷик тавонистанд шиддати сиёсати қавмагароӣ ва зулму ситези аъробро дар сарамини Хуросон бо тадбири дурандешона паст намоянд. Маҳз қудрату тавоноӣ ва маърифату заковат ба намояндагони ин сулола имкон дод, ки тавассути расидан ба мансаби идории хилофат дар ободии сарзамини ниёкон корҳои мондагор анҷом диҳанд. Ва имрӯз хонандаи тоҷик бояд аз чунин таҷрибаи ниёкон суд баранд.

Сулолаи дигари тоҷик Ковусиён низ дар аҳди хилофати Аббосиён нуфузи бештар доштанд, вале корномаи онҳо дар осори муҳаққиқони ватанӣ, аз madди назар ғоиб мондааст. Аммо Эмомалӣ Раҳмон дар осори хеш баъди барканории Саҳлиён аз хонадонҳои Ковусиёни истаравшанӣ ёдовар мешавад, ки дар манотиқи Мовароуннаҳр аз нуфузи зиёд бархурдор буданд. Мувофиқи маълумоти манбаъҳо, насаби ин хонадон ба афшинҳои Устурушана мерасид, ки онҳо дар арафа ва баъди воруди арабҳо ҳокимият доштанд. Ба қавли Эмомалӣ Раҳмон, саравлоди ин сулола Ковуси истаравшанӣ то забткории арабҳо афшин буд ва сипаҳсолорӣ ва пешвоии зардуштиёнро дар ҳудуди Истаравшан бар дӯш дошт [21, с. 597-598].

Аз ахбори Табарӣ ва таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон рӯшан мегардад, ки сулолаи Ковусиён аз ҷумлаи хонадонҳои хеле камнуфуси Мовароуннаҳр буданд, ки дини зардуштӣ ва озодии нисбии худро ҳатто то охири асри VIII нигоҳ доштанд. Тибқи баъзе фарзияҳо, пешвои ин сулола Ковус дар интиҳои асри VIII тавассути Фазли Бармакӣ ҳукумати Аббосиёнро эътироф намуда буд. Ӯ ду писар дошт: Ҳайдар ва Фадл. Тибқи маълумоти муаррихи тоҷик Н. Ҳакимов, Фадл бо духтари сардори хизматгорони хонаводаи афшин - Тарадис хонадор мешавад. Тарадис бо мақсади он, ки домодаш вориси тахт шавад, ҳамеша дар назди Ковус аз Ҳайдар бадгӯӣ мекард. Ин бадгӯӣ ба Ҳайдар таъсири манфӣ расонид ва ӯ пас аз қатли Тарадис ба ҳокими Хатлон Ҳошим бини Муҳоввири Баниҷӯрӣ паноҳ бурд. Ӯ баъди навиштани нома ба номи падараш ва дарёфт накардани ҷавоби мусбат ба Бағдод рафт ва бо

қабули ислом ба хидмати халифа Маъмун ҷалб шуд. Маҳз Ҳайдар ба забти Истаравшан дар соли 822 мусоидат кард. Ӯ нақшаи роҳи кӯтоҳтарини Истаравшанро ба сипоҳи хилофат пешниҳод ва сарфармондеҳи лашкар Аҳмад бини Абихолид онро қабул кард. Сипоҳи араб ба маркази Истаравшан расид ва Ковусро асир гирифтанд. Фадл ҳарчанд бо қувваи зиёди туркҳо ба ёрӣ омад, вале бо дарёфти хабари шикасти падараш аз туркҳо ҷудо шуда, ба назди падараш омад [238, с. 274-275]. Балозурӣ менависад, ки дар ин миён туркҳо дар биёбони Мовароуннаҳр аз беобӣ ҳама ҳалок шуданд. Баъди мухолифат ва низоъҳои дохилӣ яке аз писарони Ҳайдар ба маснади афшинӣ расид. Мутобиқи ахбори Табарӣ, Ҳайдар пас аз кушишҳои зиёду бебарори касби маснади афшин, ба назди волии вақти Хуросон Маъмун рафта, садоқати худро нисбат ба ӯ изҳор дошт [42, с. 1158].

Ҳамин тавр, Ковус ва Фадл баъди асорат ба Бағдод фиристода шуданд ва тавассути Маъмун ислом оварданд. Ҳамчунин, Ковус бо дарёфти маншури идораи Истаравшан ба ватан баргашт.

Маҳз ҳамин амали Ҳайдар боис гардид, ки хонадони Ковусиён бо пазириши ислом ба хилофати Аббосиён вобаста шаванд. Аз омӯзиши осори таърихӣ маълум мегардад, ки Ҳайдар Афшин низ ба мисли намояндагони сулолаи Тоҳириён ва Сомониён бо пазириши хидмати Аббосиён барои таҳкими нуфузи хилофат ва пахши шӯру исёнҳои озодихоҳии мардумони Фарғона ва Суғд иқдом карданд. Маҳз ин амр сабаб шуд, ки Ҳайдар Афшин чун силаҳшӯри боистеъдод ба сафи сарлашкарони Маъмун ворид шавад. Аз рӯи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва осори Эмомалӣ Раҳмон маълум мегардад, ки минбаъд Ҳайдар Афшин дар чанд муҳориба ширкати фаъол дошт. Махсусан, дар муҳорибаҳои Ироқ, Алҷазира ва Миср корномаи шоистае нишон дод. Ӯ дар пахши исёнҳои Барқа (832), Миср (832) ва Бобак (835–837) нақш дошт. Халифа ба хотири саркӯби шӯриши Бобак ба ӯ 20 млн дирҳам (10 млн ба сарбозон ва 10 млн инъоми шахсӣ) пешкаш дод. Дар дарбор афшин Ҳайдар эътибори калон дошт. Солҳои 827–828 Ҳайдар дар юриши Муътасим ба Византия (Рум) ӯро ҳамроҳӣ намуд. Ҳангоми ин юриш

як гурӯҳ ҳарбиён хостанд табаддулот анҷом диҳанд, вале корашон барор нагирифт. Баъди ифшои сири сӯиқасд ҳамаи иштирокчиёни он ба қатл маҳкум шуданд. Ҳайдар барои бахшиши ҷони яке аз онҳо – Надри Ҳуттали̅ ва волии Мароға дар назди халифа зомин шуд. Муътасим ҷони Надри Ҳутталиро ба Ҳайдар «пешкаш» кард. Ҳатто бо хоҳиши Ҳайдар халифа Надрро волии Диновар таъйин сохт. Ҳайдар дар давраи Маъмун волии Синд ва баъди вафоти падараш Ковус афшини Истаравшан шуд. Агарчи̅ худ дар Бағдод истиқомат мекард, вале ҳамаи даромадашро ба Истаравшан мефиристод ва орзуи ба ватан баргаштан ҳеҷ аз сараш дур набуд. Ӯ истиқлол мехост: истиклоли на танҳо Истаравшан, балки тамоми Мовароуннаҳру Хуросонро. Вале халифа ӯро аз наздаш дур намекард [238, с. 275].

Хидматҳои Ҳайдар буд, ки баъди барканори хонадони Саҳлиён аз умури давлатдори̅ ва волии Хуросон таъйин шудани Тоҳир ибни Ҳусайн халифа Маъмун дар идораи сипоҳ ба ӯ такя менамуд. Дар ин радиф Ҳайдар дар Ҷибол ноиби халифа таъйи шуд [21, с. 598].

Аз маълумоти манобеъи таърихи̅ ва осори Эмомали̅ Раҳмон бармеояд, ки Ҳайдар дар замони хилофати Муътасим (833–842) низ нуфузи бештар касб кард ва бо ташаббуси ӯ хонадони Ковусиён соҳиби сарвату мулки зиёде шуданд. Яке аз корномаҳои Ҳайдар дар хилофат пахши ошӯби Бобак маҳсуб меёфт. Бояд гуфт, ки акнун барои халифаҳои араб саркӯби шӯру исёнҳо тавассути ашрофони маҳалли̅ анъана шуда буд. Таҳрики Абумуслими Хуросони̅, Бармакиён, Саҳлиён ва акнун Ковусиён ва минбаъд Тоҳриёну Сомониён барои пахши шӯру ошӯбҳо далели ин гуфтаҳост. Албатта, халифаҳои араб ва волиёни арабтабор дар манотиқи Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр дар танҳои̅ аз уҳдаи пахши комили ҳаракатҳои мардуми̅ баромада наметавонистанд. На танҳо дар манотиқи фавқулзикр, балки хориҷ аз он сипаҳсолорони тоҷик дар таҳкими суботи сиёсии хилофат нақши бориз доштанд. Аз ҷониби дигар, набояд ин хидмати онҳо дар хилофат ба маънои хиёнати сулолаҳои тоҷик арзёби̅ шавад. Яъне, тавассути чунин роҳ ҳам Бармакиён ва ҳам Саҳлиёну Ковусиён ва минбаъд Тоҳириёну Сомониён

мехостанд барои касби истиқлол заминагузорӣ намоянд. Ин кӯшишҳоро дар фаъолияти минбаъдаи Ҳайдар ҳам мушоҳида кардан мумкин аст. Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки Ҳайдар пас аз пахши ошӯби Бобак ба маркази хилофат баргашт ва мақсад дошт, ки тавассути писараш Ҳасан ва дигар ҷонибдоронаш мустақил шавад. Мувофиқи навиштаи Табарӣ, чун Ҳайдар ба Истаравшан молу сарвати зиёде мефиристод, ин хабар боиси шаку шубҳаи халифа Муътасим гардид. Дар миёни молу сарвати фиристодаи Ҳайдар ба писараш Ҳасан номаи ошӯбгароёнае буд, ки дар он асос Ҳасан ба ҳабс кашида шуд. Баъди чанде халифа Муътасим пурра аз барномаи ошӯби Ҳайдар огаҳ шуда, ба василаи намояндаи дигари тоҷик Абдуллоҳ ибни Тоҳир ӯро дастгир ва ҳамчун хоини ислом ба марг маҳкум кард. Н. Ҳакимов бар асоси маълумоти Балозурӣ ва Табарӣ тазаккур медиҳад, ки «Соли 840 овозаи мурофиаи судии афшин Ҳайдар дар тамоми Хилофат паҳн мегардад. Суд ӯро на танҳо дар хиёнат, балки дар бидъат ҳам муттаҳам кард. Чунки аз хонаи ӯ бутҳо ва китоби динии истаравшаниҳо «Зурава»-ро ёфта буданд. Мурофиа ҳамчунин, ба гардани ӯ аз рӯи маълумотҳои ҳокими Озарбойҷон ба пинҳон кардани маблағи калоне дар анбори собиқ шӯришгар Бобак муттаҳам намуд. Соли 841 Ҳайдар дар зиндони Бағдод аз олам гузашт. Ҷасади ӯро ба кӯча баровварда пора-пора карда, оташ заданд ва хокистарашро ба дарёи Даҷла партофтанд» [238, с. 275].

Эмомалӣ Раҳмон иброз медорад, ки Ҳайдари Афшин соли 841 дар шаҳри Самарои Ироқ кушта шуд ва талошҳои озодихоҳии сулолаи Ковусиён ба нокомӣ анҷом ёфт [21, с. 598].

Ҳамин тавр, талоши як сулолаи дигари тоҷиктабор дар роҳи касби истиқлол бе натиҷа ба анҷом расид. Аз ахбори Табарӣ маълум мегардад, агар дар шикасти ошӯби Бобак Ҳайдар даст дошт, пас барои шикаст додани Ковусиён сулолаи дигари маҳаллӣ, яъне Тоҳириён таҳрик дода шуданд. Халифаҳои аббосӣ дар барканорӣ ва маҳви намояндагони озодихоҳи ин минтақа аз қударти ҳамқавмони онҳо самаранок истифода мекарданд. Ин макру фиреби сиёсии халифа ҳамагӣ ба сулолаҳои тоҷик маълум буд, вале аз

сӯи дигар онҳо наметавонистанд, ки аз баъзе суннатҳои кишвардории мамолики шарқ канора гиранд. Ҳамагӣ намояндагони сулолаҳои маҳаллӣ тавонманду кордон буданд, вале мутаассифона дар миёни онҳо ваҳдат ва ягонагӣ набуд. Аз Абумуслим то Абдуллоҳ ибни Тоҳир хидмат ба халифаро хидмат ба ислом медонистанд. Ҳар сулола баҳри ҳифзи манфиати қавмӣ ба хидмати халифа камар мебаст. Халифа ҳам дар навбати худ аз сулолаҳои тоҷик самаранок истифода мекард. Фоҷеаи Абумуслим бояд барои Бармакиён, Саҳлиён ва Ковусиён таҷриба мешуд ва онҳо набояд ба дасти якдигар аз сиёсат барканор мегардиданд. Бозтоби чунин саҳифаҳои таърих дар осори Эмомалӣ Раҳмон ҳам тасодуфӣ нест, зеро шинохти бурду бохти таҷрибаи кишвардории ниёкон барои насли имрӯз бо таваҷҷуҳ ба интихоби роҳи дурусти давлатсозӣ ва ҳифзи истиқлолу озодӣ муҳим аст. Дар робита ба ин метавон гуфт, ки таърих ягона илми ҳувиятсоз аст. Аз ин саҳифаи таърих мебояд дарси хубу ибратбахш гирифт ва ба миллату ватан арҷ гузошт. Ҳама он талошҳои ниёкон дар муқобили сиёсатҳои аҷнабиён бесамару беасар намонд. Ҳамон талошҳо ва корномаи Бармакиёну Саҳлиён ва Ковусиён буд, ки минбаъд Тоҳириён ва Сафориён ба василаи интихоби роҳи дурусти кишвардорӣ барои таъсиси нахустин давлати миллии тоҷикон – Сомониён замина гузоштанд. Ҳадафи Эмомалӣ Раҳмон ҳам аз талқини баъзе таҳаввулоти сарнавиштсози ниёкон арҷ гузоштан ба арзишҳои меҳварии миллӣ ва давлатӣ чун истиқлолу ваҳдат мебошад. Бо инъикоси хадамоти сулолаҳои маҳаллии тоҷик чун Бармакиён, Саҳлиён ва Ковусиён метавон гуфт, ки дар меҳвари консепсияи таърихнависии Эмомалӣ Раҳмон ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва гирромидошти корномаи чеҳраҳои мондагори миллат қарор дорад. Новобаста аз бурду бохт тоҷикон дар ҷаҳони ислом ва берун аз он собит намуданд, ки дар сиёсат ва илму фарҳанг қударти бартар доранд ва бидуни ширкати онҳо Аббосиён наметавонистанд хилофати оламшумуле ташкил диҳанд. Дар радифи густариши ислом, рушду улуми исломӣ, ҳамчунин дар умури кишвардорӣ ва ҳарбу зарб тоҷикон тавонистанд қудрату тавони хешро дар олами Шарқ собит намоянд ва дар ҳоле буд, ки на ҳама

халқҳои ҳамҷавор ба марҳалаи ташаккул расида буданд. Бо омӯзиши осори Эмомалӣ Раҳмон ва манбаъҳои муътамади таърихӣ фарзияи онҳое ки тоҷиконро танҳо ба унвони аҳли қалам мешинохтанд ва шамшерр ба дасти дигарон медоданд, инкор мешавад. Албатта, тоҷикон бо нақше, ки дар рушди улуми исломӣ гузоштаанд дар ҷаҳони ислом бартарӣ доранд ва ин ба ҳамагон маълум аст. Аммо шамшери ислом тӯли зиёда аз дусад сол дар дасти тоҷикон буд. Ин дусад сол барои ислом ва тамадунни он калидӣ ва тақдирсоз арзёбӣ мешавад. Хадамоти давлатмардони тоҷик аз Абумуслим то Исмоили Сомонӣ ба марҳалаи густариши ислом рост меояд, ки аксар халқҳои ҳамҷавори тоҷикон дар ҳудуди имрӯзи Осиёи Марказӣ ва хориҷ аз он маҳз дар ҳамин замон ислом оварданд. Тамоми набарди намояндагони сулолаҳои фавқулзикр, ки дар боло шарҳу тавзеҳ дода шуд, зери шиори мубориза дар роҳи ислом, густариши ҷуғрофияи он ва пешрафти улуми исломӣ барои ҳамбастагии қавмии ниёкони мо муассир буд.

# БОБИ V. САТҲИ ОМӮЗИШИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҲИРИЁНУ САФФОРИЁН ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

## 5.1. Бозтоби нуфуз ва ҷойгоҳи таърихии Тоҳириён дар осори Эмомалӣ Раҳмон

Масъалаи зуҳур ва таҳкими ҳукумати сулолаҳои маҳаллӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр баъд аз истилои араб ва густариши ислом, аз ҷумлаи мавзуъҳои меҳварии осори таърихии Эмомалӣ Раҳмон аст, ки бо таваҷҷуҳ ба истифодаи васеи манбаъҳои муътамади таърихӣ ва пажуҳиши муаррихони ватанию хориҷӣ онро метавон дар таърихнигории тоҷик як амри муҳим арзёбӣ кард. Зеро ба ақидаи ин ҷониб, ин марҳала дар таърихи мардуми тоҷик бисёр сарнавиштсоз буд. Маҳз дар заминаи таҳаввулотҳои идеологӣ (густариши дини ислом) ва иҷтимоии (рушди муносибатҳои феодалӣ) ин давра сулолаҳои маҳаллӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр ба сари қудрат омаданд ва ин амр ба ташаккули халқи тоҷик таъсири муассир гузошт. Дар умум ин таҳаввулот барои мардумони манотиқи Мовароуннаҳру Хуросон як марҳалаи нав ва тақдирсоз буд. Аз ҳама муҳим касби қудрати Тоҳириён ва Сафориён барои истиқлоли сиёсии тоҷикон заминаи устувор гузошт. Дар ин марҳалаи тилоии таърихи тоҷикон чандин давлатмард ва донишманде дар арсаи сиёсат ва илму фарҳанг ба камол расиданд, ки омӯзиши корномаи онҳо дар таърихнигорӣ бисёр муҳим аст.

Эмомалӣ Раҳмон оид ба ин марҳалаи таърихӣ чунин менависад: «Фоҷиаҳои кушта шудани Ҷаъфари Бармакӣ ва хонадони Бармакиён, ҳамчунин барканор сохтани Фазл ибни Саҳл ва ҳангомаҳои атрофи хонадони Саҳлиён, ба арсаи сиёсату лашкардорӣ ворид шудани Тоҳир ибни Ҳусайн, Ҳайдари Афшин ва дигар шахсиятҳои бузург, фидокорию ҳусни тадбир, ватанхоҳиву ҳифзи ҳувияти миллӣ ва бурду бохти бардавоми онҳо, ки аз чандин таҳқиқоти илмиву таърихномаҳо хондаам, беихтиёр ба ёдам мерасанд» [21, с. 607]. Эмомалӣ Раҳмон барои омӯзиши саҳифаҳои норӯшани ин марҳалаи тақдирсози ниёкони тоҷикон аз сарчашмаҳои муътамаде чун «Таърихи Табарӣ», «Таърихи Сиистон», «Таърихи Байҳақӣ», «Равзату-с-сафо» ва ғайра истифода мебарад.

Дар осори Эмомалӣ Раҳмон корномаи сулолаҳои маҳаллии ҳукумрон, аз ҷумла Тоҳириён ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор мегирад. Бо таваҷҷуҳ ба маълумоти манбаъҳои таърихӣ хонадони Тоҳириён дар пешрафати ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии сарзамини Хуросон нақши муҳимму заминасоз доштанд. Тавре, ки муҳаққиқи тоҷик Н. Сафаров дар мақолаи худ зикр менамояд: «Давлати Тоҳириён нахустин давлати тоҷикон пас истилои араб аст. Дар истиқрори давлатҳои минбаъдии тоҷикон (эрониён) замони ҳукумати Тоҳириён нақш ва ҷойгоҳи асосӣ доштааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи замони давлатдории Тоҳириён бисёр муҳим ва мубрам дониста мешавад» [413, с. 154].

Баъзе ҷанбаҳои таърихи давлатдории Тоҳириён тақрибан дар ҳама осори муҳаққиқони таърихи халқи тоҷик инъикос мешавад. Дар ин миён осори Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти истифодаи матолиби ин таҳқиқот ва усулу методҳои таҳқиқоти таърихӣ нисбатан бартарӣ дорад. Эмомалӣ Раҳмон дар таърихнигории давлатдории Тоҳириён ба муаррифии корномаи Тоҳир ибни Ҳусайн бештар таваҷҷуҳ менамояд.

Нахустин сарчашмаи муътамади таърихӣ дар мавриди корномаи Тоҳир ибни Ҳусайн асари «Таърихи Яъқубӣ»-и муаррихи барҷаста Аҳмад ибни Исҳоқи Яъқубӣ мебошад. Ӯ дар ин китоб доир ба баъзе ҷанбаҳои корномаи Тоҳир ибни Ҳусайн, аз ҷумла ширкаташ дар муҳорибаҳо, дарёфти подош ва касби қудраташ ба унвони волии мулкҳои Алҷазира, Сурия, Ироқ ва Хуросон маълумоти муфассал медиҳад [258, с. 452-472]. Аз маълумоти манбаъҳои таърихӣ ва осори муаррихон бармеояд, ки Тоҳир ҳамчун ашрофзодаи тоҷики муқими шаҳри Пушанги Ҳирот (имрӯза Зиндаҷон) дар замони Аббосиён ба мансабҳои бузурги давлатӣ расид [197, с. 130].

Дар хусуси шаҷараи хонадони Тоҳириён андешаҳо мухталифанд. Муаллифи «Табақоти Носирӣ» насаби онҳоро бо фосилаи бисту ду насл ба Манучеҳр мерасонад: Тоҳир ибни Мусайиб ибни Зариқ ибни Асъад ибни Асад ибни Рашид ибни Балад ибни Бодон [61, с. 190].

Дар баъзе сарчашмаҳо шаҷараи Тоҳириён чунин сабт шудааст: Тоҳир ибни Ҳусейн ибни Мусъаб ибни Зариқ ибни Асъад ибни Зодон [285, с. 216] ва ё Разиқ ибни Моҳон [286, с. 83].

Донишманди эронӣ Саид Нафисӣ дар рисолаи худ «Таърихи хонадони Тоҳирӣ» чунин менависад, ки: «Хонадони Тоҳириён аз нажоди эронӣ ва аз падару модарони эронӣ дар хоки Эрон зодаанд... Ҳусайн падари Тоҳир дар замони Ҳорунаррашид ҳукмрони Пушанг буд ва дар Хуросон мезист. Тоҳир низ дар оғози кори худ дар Хуросон буд ва аз он ҷо ба хидмати Маъмун даромадаст» [310, с. 27].

Бино ба маълумоти муаррихи тоҷик Н. Ҳакимов шаҷараи Тоҳириён ба Розиқ ном хидматгори дарбори волиёни Сиҷистон (охири асри VII) мерасид. Аз ворисони Розиқ Мусайаб ба ҳукумати шаҳри Бушанг расид. Вориси Мусайаб Ҳусейн аз солҳои 90 асри VII то соли 815, на танҳо ҳукумати шаҳри Бушанг, балки атрофи шаҳрро ҳам дар ихтиёр дошт. Фарзандони Ҳусайн аз ибтидо дар хидмати Фазли Бармакӣ буданд. Ин хонадон баъди фоҷеаи Бармакиён дар пахши исёни Рофеъ ибн Лайс (806–810) нақши муассир гузошт [238, с. 278]. Академик Бартолд таъкид менамояд, ки баъд аз Мусайаб шаҳри Бушангро бо навбат писараш Ҳусайн (814–815) ва наберааш Тоҳир идора мекарданд [387, с. 506].

Академик Б. Ғафуров дар асараш «Тоҷикон» ишора менамояд, ки ниёкони Тоҳириҳо шаҳри Фушанҷи вилояти Ҳиротро дар дасти худ нигоҳ медоштанд. Сарсилсилаи ин хонадон ҳокими Фушанҷ Тоҳир ибни Ҳусайн буд. Дар вақти қоиммақоми Хуросон будани Маъмун, ки баъдтар ба маснади хилофат расид, Тоҳир дар дарбори ӯ нуфуз ва эътибори калон пайдо намуд. Соли 811, дар ҷанги байни ду бародар, яъне ворисони Ҳорунаррашид - Амин ва Маъмун, дар талоши ҳокимият Тоҳир лашкари Маъмунро сардорӣ кард. Ӯ дар соли 813 Бағдодро забт ва барои касби қудрат ба Маъмун ба таври ҷиддӣ кумак расонд. Пас аз чанд вақт дар Бағдод сардори тамоми қувваи ҳарбии халифа ва баъдан соли 821 ҳокими Хуросон таъйин гардид [205, с. 373].

Маҳз тавассути ин хидмат роҳи Тоҳир ибни Ҳусайн барои касби қудрат дар низоми идории хилофат ҳамвор шуд. Пас аз ин Тоҳир сарлашкари волии Хуросон – Маъмун таъйин гардид.

Эмомалӣ Раҳмон корномаи ин чеҳраи мондагори таърихро ба монанди Абумуслими Хуросонӣ аз замони фатҳи шаҳри Бағдод дар соли 813 баррасӣ менамояд, ки дар натиҷаи он Амин сарнагун ва ба ҷои ӯ бародараш Маъмун ба тахти хилофат расид. Ба андешаи ӯ, ҳарчанд Тоҳир тақрибан баъди панҷоҳу панҷ соли маҳви Абумуслими Хуросонӣ ба саҳнаи бузурги сиёсат, лашкардорӣ ва кишваркӯшоӣ роҳ ёфт, вале рӯҳи саркаш, ҷасорату заракӣ ва орзуву ормонҳои истиқлолхоҳии ӯро ҳамеша дар замир мепарварид [21, с. 612].

Тоҳир ибни Ҳусайн бо корномаи худ бори дигар ба арабҳо собит кард, ки тоҷикон чи қудрате доранд. Чи тавре дар боло зикр шуд, ҳузури Тоҳир дар арсаи сиёсат тасодуфӣ набуд ва ин ба зиндагӣ ва камолоти маънавии ӯ дар фазои хонаводаи ашроф бастагӣ дошт. Ӯ бори дигар собит намуд, ки хулафои араб на танҳо дар идораи Хурсону Мовароуннаҳр, балки дар сарзаминҳои хориҷ аз он (қисмҳои дигари хилофат) бидуни ширкати тоҷикон муваффақ шуда наметавонанд. Аз ҳама далели рӯшан дар ин робита он аст, ки аз назари замонӣ ҳузури Бармакиёну Саҳлиён ва Ковусиёну Тоҳириён дар низоми идории хилофат аз ҳамдигар фосилае чандоне надоранд. Ҳатто, намояндагони Ковусиён ва Тоҳир ибни Ҳусайн дар хидмати халифа Маъмун ҳамзамон ҳузур доштанд. Ҳамчунин, дар радифи Тоҳир намояндагони сулоли дигари тоҷик – Сомониён ҳам ба низоми идорӣ ҷалб шуданд. Вале бе шубҳа Тоҳир ибни Ҳусайн нисбат ба дигарон дар сатҳи хилофат нуфузи бештар дошт.

Эмомалӣ Раҳмон ба асоси таҳлилу омӯзиши манбаъҳо аз Тоҳир ба унвони ҷавонмарди далеру сипоҳипеша, соҳибтадбиру боғайрат ва таҳсилдидаву бомаърифат ёд мекунад, ки бори нахуст дар низоми ҳарбӣ ва сиёсати халифа Маъмун рамзи сиёҳи Абумуслимро ба нишони рӯҳи саркашу пирӯзовари хуросониён ба намоиш гузошт [21, с. 612].

Муаррих Ҳамза Камол дар ин маврид ишора дорад, ки бунёдгузори давлати Тоҳириён – Тоҳир ибни Ҳусайн дар муборизаҳои халифаи Аббосӣ ал-Амин бо бародараш Маъмун, ки дар Марв менишаст, ба ҷонибдории Маъмун бархост ва 25 муҳаррами соли 198 ҳ.қ./25 сентябри соли 813 баъд аз ишғоли Бағдод ба дастури Тоҳир ибни Ҳусайн халифаи Аббосӣ ал-Амин ба қатл мерасад. Дар намози рӯзи ҷумъаи 29 муҳаррами соли 198 ҳ.қ./29 сентябри соли 813 мардуми Бағдод пушти сари Тоҳир ибни Ҳусайн намоз гузориданд, ки ӯ ба номи Маъмун хутба хонд ва Аминро накӯҳиш кард [211, с. 10].

Дар воқеъ, Тоҳирро халифа Маъмун аз хушҳолӣ ба дарбор даъват накарда буд, балки кордонӣ ва ҷасорату маърифати ӯ ба эътимоду ҳузураш сабаб гардид. Махсусан, Тоҳир нисбат ба дигар намояндагони мардуми тоҷик дар хилофат эҳсоси миллии бештар дошт. Ҳамин эҳсоси миллӣ буд, ки рамзи сиёҳи Абумуслими Хуросониро ҳамчун нишон зулмситезӣ пазируфт.

Дар ин хусус Табарӣ хабар медиҳад: «Ва чун Маъмун ба Бағдод омад, ҷомаву кулоҳ ва аламҳо ҳама сабз дошт ва бо ҳама сипоҳ ва ҳар рӯзе Тоҳир аз Маъмун ҳоҷате хостӣ ва раво будӣ. Ва ин рӯз андар рафт ва ин ҳоҷат бардошт, ки ҷомаҳои ҳама сиёҳ кунад. Маъмун иҷобат карда ва бифармуд, то қабоҳои сиёҳ ва кулоҳҳои сиёҳ ва аламҳои сиёҳ бидӯхтанд бисёр. Ва рӯзи одина ба сарои хеш андар бинишаст ва ҳама халқро бор дод. Пас бифармуд то дурроъаи сиёҳ биёварданд ва ба сари ӯ фуруд афканданд. Ва Тоҳирро қабое сиёҳ андар пӯшониданд ва кулоҳи сиёҳ ва ҳама сарҳангон ҳамчунин. Он рӯз сипоҳ ба мазгит (масҷид) шуд ва хутба кард ва ба ҳама шаҳрҳо ҳамчунон нома кард. Ва Маъмун мар Тоҳирро амри Бағдод дод ва Аҳмад ибни Абихолидро вазирӣ дод ва корҳо ба эшон – ду тан мерафт» [42, с. 1579-1580].

Муаррихи тоҷик Н. Амиршоҳӣ зикр менамояд, ки Маъмун бо кӯмаки Тоҳир ибни Ҳусайн ба тахти хилофат нишаст ва ба ивази ин кӯмак хонадони Тоҳириён дар хилофат ба мансабҳои бузурги давлатӣ соҳиб шуданд: Тоҳир сарфармондеҳи қувваҳои низомии хилофати Бағдод, Мансур ибни Талҳа

волии Марву Хоразм, Абдуллоҳ ибни Тоҳир волии Табаристону навоҳии он [197, с. 130].

Воқеан, таҳкими нуфузи хилофати Аббосиён дар ғарб то уқёнуси Атлантика ва дар шарқ то Чину Ҳинд ба ирода ва ҷасорати фарзанди тоҷик – Тоҳир бастагии амиқ дошт. Ӯ ҳам аҳли шамшер ва ҳам мушовири асосии халифаи замони худ Маъмун буд. Корномаи Тоҳирро ҳамчун фарди соҳибмаърифату ботадбир ва ҳам сипаҳсолори варзида дар таърихи таҳаввулоти замон метавон муҳим арзёбӣ кард. Зеро ӯ дар муддати кӯтоҳ дар миёни ақвоми араб ва мардумони маҳаллии Хуросони бузург нуфузи зиёд касб намуд.

Ба назари Эмомалӣ Раҳмон, Тоҳир ибни Ҳусайн вориси воқеии Абумуслими Хуросонӣ буд, зеро ӯ бо шикасти сипоҳи сершумори халифа Аминро дар Рай ва фатҳи шаҳрҳои Мадоин, Басра, Куфаро рӯҳи пешвои «сиёҳҷомагон» ва нуфузу эътибори хонадони Бармакиёнро дигарбора зинда намуд. Баробари ҳузури чунин абармарди тезҳушу қавиирода дар арсаи сиёсат нерӯи парокандаи сипоҳиёни Хуросону Мовароуннаҳр зери парчами ӯ муттаҳид шуда ва пайкори майдондориву фатҳкории Абумуслимро такрор карданд [21, с. 613].

Бояд гуфт, ки бо нуфузи қудрату тавони фарзандони диёри Хуросон ва эътимоди халифаи нав Маъмун, дар шароити вазъи мураккаби хилофат ва авҷи даргирии дохилӣ дар миёни намояндагони хонадони Аббосиён муддати муайяне маркази хилофат аз Бағдод ба Марв интиқол дода шуд. Ҳамакнун, тамоми дафтари идорӣ наздик ба панҷ дар Марв амал мекарданд. Аббосиён аввал яке аз шаҳрҳои бостонии тоҷикон Бағдод (Тайсафун) ва баъдан Марвро муддате ҳамчун маркази идории хилофат интихоб намуданд. Чи хеле, ки дар боло ишора шуд, дар ибтидои замони хилофати Маъмун мансаби вазирӣ ба Фазл ибни Саҳл тааллуқ гирифт. Ба хотири таъмини суботу оромӣ бо маслиҳати Фазл ибни Саҳл сипаҳсолори қавиирода Тоҳир ибни Ҳусайн соли 813 ҳокими Байнаннаҳрайн ва сардори девони лашкари Бағдод таъйин гардид.

Эмомалӣ Раҳмон бар асоси маълумоти Мирхонд менависад, ки Тоҳир ибни Ҳусайн ҳамчун сипаҳсолори кордону зираке аз аҳли Хуросон дар замони ҳукумати халифа Маъмун қисми шарқии хилофатро то сарзамини Хуросон идора мекард [21, с. 613].

Яке аз сабабҳои мураккаб шудани вазъ дар хилофат ба куштори халифа Амин бастагӣ дошт, ки мухолифони ҳукумати Маъмун мехостанд аз он барои касби қудрат истифода намоянд. Ҳамчунин, дар ин вазъ мухолифони дигари хонадони Аббосиён низ сар бароварданд. Махсусан, ҷонибдорони мазҳаби шиа, ки дер боз орзуи касби қудрат доштанд, аз муборизаҳои дохилии хонадони Аббосиён суд мебурданд. Аз маълумоти муаррихон бармеояд, ки ҳамзамон дар Хуросону Сиистон шӯриши ҳаруриёну хавориҷ авҷ гирифт. Дар Руққа Наср ибни Шабаси Уқайлӣ низ ба муқобили халифа исён бардошт. Ҳамчунин, метавон аз ошӯби алавиён дар Яман ва ошӯбҳои дигар дар Миср ва исёни Бобаки Хуррамдин дар шимоли Эрон ёд кард, ки ҳамагӣ дар солҳои аввали ҳукумати Маъмун ба зуҳур омаданд.

Ин ҳама шӯру исён халифаро водор месохт, ки барои тақвияти нуфузаш ба Тоҳир ибни Ҳусайн таваҷҷуҳ намояд. Дар чунин вазъи сиёсӣ рӯз то рӯз мақому қудрати Тоҳир ба таври ошкор устувор мешуд. Эмомалӣ Раҳмон дар асоси маълумоти «Равзату-с-сафо» ва «Таърихи Байҳақӣ» менигорад, ки дар ин раванд ба нуфузи Тоҳир ибни Ҳусайн на танҳо халифаҳои Аббосӣ, балки бузургвазири ҳамтабори дарбор Фазл ибни Саҳл ва бародараш Ҳасани Саҳл рашк мебурданд [21, с. 613].

Н. Амиршоҳӣ дар шарҳи ин масъала аз навиштаи Байҳақӣ дар мавриди гилаи Фазл ибни Саҳл дар назди падари Тоҳир – Ҳусайни Мусъабо аз дигаргуншавӣ ва худписандии Тоҳир мисоле меорад. Падари Тоҳир низ дар ҷавоб иброз медорад, ки халифа Маъмун бо амри хеш «синаи ӯ бишикофт ва дили заъиф аз он ҷо берун гирифт ва диле он ҷо ниҳод, ки бад-он дил бародараш халифае чун Муҳаммади Аминро бикушт. Ва ба он дил, ки олату қувват ва лашкар дод. Имрӯз чун кораш ба ин дараҷа расид... мехоҳӣ, ки туро

гардан ниҳад ва ҳамчунон бошад, ки аввал буд? Ба ҳеҷ ҳол ин рост наояд, магар ӯро бад-он дараҷа барӣ, ки аз аввал буд...» [197, с. 134-135].

Албатта, Тоҳир ибни Ҳусайн бо Фазл ибни Саҳл ҳеҷ рақобат ва душмание надошт. Танҳо масъулияти бузург ва мақоми рӯзафзуни Тоҳир ибни Ҳусайн боис гардид, ки Фазл муносибати худро нисбат ба ӯ каме тағйир диҳад. Тоҳир муддати 7 сол дар Бағдод таҷрибаи бисёр хубе гирифт. Махсусан, ӯ шоҳиди зиндаи мухолифати дарборӣ, рақобати сулолавӣ ва хусумати шахсии намояндагони хонадони Аббосиён буд.

Ҳарчанд, Тоҳир бо хонадони Саҳлиён адовате надошт, вале шоҳиди таҷрибаи талхе буд, ки чи гуна дар пеши чашми ӯ ҳомияш Фазл ибни Саҳл ва дигарон бо вуҷуди хидматҳои шоён аз миён бардошта шуданд. Аз маълумоти манбаъҳо ва осори муаррихон бармеояд, ки ӯ баъди анҷоми хидмати зиёде барои халифа ба хулоса омад, ки бояд барои истиқлоли Хуросон иқдом намояд. Албатта, бо назардошти қудрату тавонмандӣ, ақлу тадбир ва ҷасорат ҳеҷ саркардаи арабе ба Тоҳир баробар шуда наметавонист. Зеро Тоҳир дар радифи маснади волии Алҷазира, ҳоҷиби шаҳри Бағдод ва сарвари молиёти Саводи Ироқ ба унвони «Зуляминайн» (дудасткор) даст ёфта буд.

Дар боби нуфузи Тоҳир маълумоти Табарӣ низ ҷолиб, ки мувофиқи он идораи низоми хилофат ва умури ҳарбӣ комилан ба ихтиёри Тоҳир ибни Ҳусайн ва Фазл ибни Саҳл гузашт ва бо ин сабаб нигаронию ҳароси халифа Маъмун аз нуфузи шуҳрати тоҷикон (эрониён) зиёд мегардид [21, с. 614-615].

Ҳамакнун, Тоҳир ибни Ҳусайн пас аз шикаст додани Наср ибни Шабаси Уқайлӣ ва таъмини суботи сиёсӣ дар Шом дар садади касби аморати Хуросон шуд, ки инро метавон муқаддимаи ҷунбиши истиқлолхоҳии ӯ шумурд. Мутобиқи маълумоти Байҳақӣ, дар яке аз шабнишиниҳо баробари дидани Тоҳир халифа Маъмун ба нола даромад. Тоҳир сабаби ин эҳсосро аз халифа пурсон шуд ва Маъмун дар ҷавоб гуфт: «Аз барои амре мегирям, ки изҳори он мусталзими мазаллату хорист ва ихфои он муқорини ғаму беморӣ. Ва ҳеҷ кас бе андӯҳ нест». Тоҳир маънои ин суханҳоро аз ходими хоссаи Маъмун пурсон мешавад. Ходими маъмун дар нишасти дигаре бо ширкати Тоҳир

ибни Ҳусайн сабаби гиряи ӯро мепурсад. Халифа ӯро ба ифшо накардани ин роз аввал савганд дода, баъдан дар ҷавоб мегӯяд: «Ҳамин, ки чашми ман ба Тоҳир меафтад, аҳволи бародарам – Муҳаммад Амин ва кушта шудани ӯ бад-он зуллу ҳавон ба хотирам мерасад, худро нигоҳ натвонам дошт» [197, с. 136].

Муҳаққиқони эронӣ А. Акбарӣ ва С. Нафисӣ омили касби қудрати Тоҳир ибни Ҳусайнро дар Хуросон дар он мебинанд, ки халифаи Бағдод Маъмун ҳаргоҳ ҳангоми дидори Тоҳир ҳодисаи қатли бародараш Аминро ба дасти ӯ ба хотир меовард [254, с. 135-136].

Шоёни зикр аст, ки Тоҳир ибни Ҳусайн низ чун дар ин фурсат ҳузури худро дар Хуросон авлотар медонист, аз Абихолиди вазир хоҳиш намуд, ки ӯро ба мулки дигар фиристад, то аз кинаи Маъмун дур шавад. Абихолиди вазир низ дар фурсати муносиб ба халифа аз ноамнии вазъи Хуросон ва вуруди сипоҳи турк ёдовар шуд, ки шояд волии он Ғассон аз уҳдаи бартараф сохтани душман набарояд. Халифа аз Абихолид маслиҳат пурсид ва ӯ дар ҷавоб гуфт: «Тоҳир ибни Ҳусайнро иёлати он мамлакат бояд фиристод». Маъмун фармуд, ки бар ӯ эътимоди он нест, ки мухолифат накунад? Аҳмад гуфт: «Ҳар чи аз ӯ содир шавад, ман зоминам». Маъмун ризо дода... ӯро маъмури вилоёти шарқии хилофат аз ақсои Хуросон то Бағдод кард ва даҳ милюн дирҳам барои махориҷи ӯ дод ва ӯ дар бисту нуҳуми зулқаъдаи соли 205 (7 майи 821) ба сӯйи Хуросон ҳаракат кард» [197, с. 136].

Ҳамзаи Исфаҳонӣ (884–971) дар «Синий мулуку-л-арз ва-л-анбиё»-и худ василаи касби қудрати Тоҳирро дар Хуросон чунин тасвир месозад: «Чун Маъмун ба соли 204 (819–820) ба Бағдод расид, ба ислоҳи умур ҳиммат гумошт. Дар соли 205 (820–821), ки маблағи бештаре аз сол гузашта буд, Маъмун ба кори Хуросон пардохт ва Тоҳир ибни Ҳусайнро, ки шуртагии Бағдодро ба уҳда дошт, ба ҳамаи навоҳии воқеъ дар миёнаи Бағдод то дуртарин ноҳияи шарқ, ки иборат аз Хуросон, Систон, Кирмон, Қумис, Табаристон, Рӯён, Данбованд ва Рай буд, аморат дод...» [197, с. 137].

Хулоса яке аз фарзандони нерӯманду ботадбири хонадони тоҷик – Тоҳир ибни Ҳусайн соли 821 ба маснади волии Хуросону Мовароуннаҳр расид, ки баҳри татбиқи ҳадафҳои минбаъдаи ӯ иқдоми ҷиддӣ буд. Тоҳир ба поси хидмати зиёда аз даҳсолааш дар халофати Аббосиён ва ҷониби халифаи вақт – Маъмун дар сарзамини аҷдодӣ ба мансаби волӣ расид. Акнун ин аввалин қадами ҷиддӣ ва устувор дар роҳи эҳёи оини давлатдории тоҷикон баъд аз ҳуҷуму забткории аъроб маҳсуб меёфт. Ин фурсате буд, ки Деваштичу Муқаннаъ ва хонадонҳои Бармакиён, Саҳлиён ва Ковусиён 100 сол баҳри он мубориза бурданд. Яъне, ин паёмади корномаи онҳо буд, ки ниёкони мо дар роҳи озодӣ ва истиқлол боз ҳам наздиктар шуданд. Имрӯз ҳам мо ба ҳеҷ ваҷҳ ҳақ надорем, ки аз ҳаракату талошҳои озодихоҳии хонадонҳои маҳаллӣ дар Хуросон бидуни шинохти воқеияти замон интиқод намоем. Иқдоми Тоҳир ибни Ҳусайнро метавон қадами дуюм дар роҳи озодӣ номид, ки аз назари замон як диловарӣ ва қаҳрамонӣ буд.

Бино ба ақидаи Эмомалӣ Раҳмон, Тоҳир ибни Ҳусайн баҳри таҳкими ҳукумати хеш дар муддати хеле кӯтоҳ пайравони Абумуслими Хуросонӣ ва ҷонибдорони хонадони Бармакиён ва Саҳлиёнро дар атрофаш муттаҳиду сарҷамъ ва дар амал Хуросонро ба роҳу равиши давлати мустақил идора мекард [21, с. 615-616].

Бояд гуфт, ки Тоҳир ибни Ҳусайн қабл аз касби истиқлол розигии қишрҳои гуногуни ҷомеаро гирифт ва соли 822 фармон дод, ки ҳангоми қироати хутбаи намозҳои панҷвақта дигар аз халифа ном бурда нашавад. Фармони мазкур маънои аз Бағдод кандани тамоми муносибатҳоро дошт. Тоҳир ибни Ҳусайн аввалин шахс аз сулолаи Тоҳириён буд, ки ба мақсади мустақилона идора намудани Хуросону Мовароуннаҳр талоши зиёде анҷом дод [238, с. 278-279].

Ин амали Тоҳир ибни Ҳусайн аз касби истиқлоли Хуросон ва бунёди давлати мустқил дар ин минтақа гувоҳӣ медиҳад, ки дигар ба халифа ҳеҷ вобаста набуд. Эмомалӣ Раҳмон дар ростои ин амали ҷасурона ба маврид таъкид менамояд, ки «... тақрибан баъди дусад соли ҳиҷрати расули акрам ба

Мадина ва зуҳури дини ислом, пас аз шасту панҷ соли ноҷавонмардона кушта шудани Абумуслими Хуросонӣ, ду даҳсолаи нопурраи саркӯб шудани хонадони Бармакиён ва якчанд соли барканор сохтани Саҳлиён дар Хуросону Мовароуннаҳр бо ҳидояти Тоҳир ибни Ҳусайн давлатдории ба истилоҳ мустақили эрониёну тоҷикон эҳё гардид ва хиштҳои нахустини ин давлатдорӣ гузошта шуд» [21, с. 616].

Муҳаққиқи эронӣ С. Нафисӣ дар мавриди корномаи Тоҳир ибни Ҳусайн ва касби истиқлоли Хуросон чунин менависад: «Тоҳир дар поёни зиндагии хеш бар Маъмун берун омад ва ин воқеъа дар таърихи Эрон оғози давраи навине аст, зеро ки ҳамаи амирон ва подшоҳони дигар, ки аз ин пас бар халифаи Бағдод берун омаданд ва гарданфарозӣ карданд ва диёри хешро истиқлол бахшиданд ва бунёди тамаддуни Эронро ниҳоданд, ҳама аз Тоҳир пайравӣ карданд ва ҷойи он дорад, ки Тоҳирро пешвои он дигарон бидонем» [310, с. 166].

Муаррихи тоҷик Ҳамза Камол дар мақолааш аз ду иқдоми истиқлолхоҳии Тоҳир ёдовар мешавад: аввалан дар хутбаи намози масҷиди ҷомеи Марв зикр накардани номи халифаи аббосӣ, дувум ҳангоми ҳукумати кӯтоҳмуддаташ дар Хуросон зарб кардани лақаби худ «Зуляминайн» дар сиккаҳо ва наовардани номи халифа [394, с. 11].

Дар воқеъ, расидан ба озодӣ ва бунёди давлати мустақил ормони аслии мардумони Хуросону Мовароуннаҳр буд. Дар пайи амалӣ намудани ин ормони муқаддас садҳо фарзандони ин диёр ҷон бохтанд, вале ворисони онҳо дар ин роҳ ҳеҷ гоҳ ноумед нашуданд. Ҳарчанд, Тоҳир аз корномаву сарнавишти Деваштич, Муқаннаъ ва Бармакиёни шуҳратманд огоҳ буд, вале таҷрибаи онҳоро бидуни тарсу ҳарос идома бахшид. Ӯ пас аз истилои арабҳо бори аввал барои истиқлоли мардумони Хуросону Мовароуннаҳр иқдом кард ва дар ин самт ба бурдбории нисбӣ даст ёфт. Бояд гуфт, ки аксар муаррихон раёсати Тоҳир ибни Ҳусайнро дар Хуросон ибтидои эҳёи оини давлатдории тоҷикон ва истиқлоли онҳо медонанд, ки аз соли 821 оғоз шуд. Тибқи маълумоти маррихон, махсусан Табарӣ ва Мирхонд Тоҳир баъд аз чанд

муддати эъломи истиқлол дар соли 822 бар асари беморӣ ва дар айни камолот фавтид. То имрӯз дар миёни муҳаққиқон роҷе ба фавти Тоҳир андешаи гуногун вуҷуд дорад. Аксар муаррихон бар он назаранд, ки ҷосусони халифа баъди густохона барангехтани номи Маъмун аз хутба ба ӯ заҳр доданд [238, с. 279].

Эмомалӣ Раҳмон ва дигар муаррихон барои ташхиси дурусти ҳодисаи фавти Тоҳир ибни Ҳусайн ба навишати муаррихи барҷаста Мирхонд рӯ меоранд, ки «Кулсум ибни Собит гӯяд, ки ман дар аёми хилофати Маъмун соҳиббариди Хуросон будам. Дар ҷумъае аз ҷумаъот Тоҳир ба минбар рафта хутба хонд ва ба ивази дуои халифа ин калимот бар забон ронд: Худоё ба ислоҳ ор уммати Муҳаммадро, ба он чи ки ба ислоҳ овардӣ дӯстони худро, нигоҳ дор ӯро аз душманӣ, ҳасад ва хунрезие, ки ба ӯ фуруд омад, ба ислоҳе, ки мобайн аст. Ба худ гуфтам, ки аввал касе, ки дар ин қазия кушта шавад, ман хоҳам буд, чи ин хабар ниҳон натвонам дошт. ... Рӯзи дигар, қабл аз тулӯи офтоб ба сарои аморат касе ба талаби ман омада. Ман калимаи шаҳодат бар забон гузаронида, равон шудам. Чун бад-он ҷо расидам, Талҳа ибни Тоҳир аз доруламорат берун омада гуфт: Воқеаи дирӯзро навиштӣ? Гуфтам: Бале. Гуфт: Имрӯз хабари марги Тоҳирро бинавис. Ман бозгашта ва сурати қазияро қаламӣ карда, ба Бағдод фиристодам» [197, с. 151].

Табарӣ дар ин хусус менависад: «Мутаҳҳар ибни Тоҳир гӯяд: Вафоти Зуляминайн аз таб ва ҳарорате буд, ки дучори он шуд ва ӯро дар бистараш мурда ёфтанд» [52, 5706].

Баъзе аз муҳаққиқон бар он назаранд, ки Абухолид аз тарси замонаташ дар мавриди садоқати Тоҳир ибни Ҳусайн ба халифа тавассути ҷосусон ба ӯ заҳр дод, то гирифтори хашму ғазаби Маъмун қарор нагирад [126, с. 148].

Дар ин бобат муаррих Ҷузҷонӣ дар «Табақоти Носирӣ» чунин зикр менамояд: «Дар рӯзи ҷумъа худ хутба кард ва номи Маъмун дар хутба фаромӯш кард ё баъдан гузоштанд. Чун шаб ба хона боз омад, бомдоди шанбе ӯро дар марқад ёфтанд вафот шуда буд. Маълум нашуд, ки чи гуна буд» [61, с. 192].

Муаррихи дигар Иззуддин ибни Асир дар хусуси вафоти Тоҳир чунин тазаккур медиҳад: «Дар ҷимодии авоили ин сол Тоҳир ибни Ҳусайн аз таббе, ки гиребони ӯро гирифта буд, даргузашт ва ӯро дар бистари худ мурда ёфтанд» [284, с. 3].

Ҳамин тавр, то имрӯз муаррихон дар хусуси марги Тоҳир ибни Ҳусайн ба ҳамон ахбори Табарӣ ва Мирхонд таваҷҷуҳ менамоянд. Мо ҳам дар такя ба муаррихон ва пажуҳиши осори Эмомалӣ Раҳмон бар он назарем, ки марги ин шахсияти озодманиш ва истиқлолхоҳ дар қиболи сиёсати золимонаи халифаи араб тасодуфӣ набуд. Ин гуна сарнавишти талхро мо дар мисоли корномаи давлатмардони дигари барҷастаи тоҷик шоҳид ҳастем. Тоҳир дар қиёс бо онҳо ҳадафи худро дар амал пиёда сохт. Маҳз ҷасорату дурандешӣ ва иродаи қавии сиёсӣ ба ӯ имкон дод, ки дар масъалаи истиқлоли мулки аҷдодияш мусаммам бошад. Ба таври умум, Тоҳир дар муддати як солу шаш моҳи раёсаташ дар Хуросон ҷиҳати ташаккули оини давлатдории миллии тоҷикон заминаи мусоид фароҳам овард. Мустақилияти Тоҳириёнро муаррихи тоҷик Ҳайдаршо Пирумшо дар чанд омил асоснок менамояд: 1) дар хутбаи намоз ёд накардани номи халифа; 2) на волии халифа балки ҳоким ё подшоҳ эътироф шудани онҳо; 3) пешбурди мустақилонаи сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ. Муаррих дуруст таъкид месозад, ки Тоҳириён тавонистанд ба мутамарказшавии сиёсии сарзамини тоҷикон ибтидо гузошта, бо ин васила ба рушди кишоварзӣ, ҳунармандӣ, тиҷорат, танзими андоз ва ғайра мусоидат намоянд [404, с. 25].

Бояд гуфт, ки аз ин давлатмард осоре барҷастае роҷеъ ба оини кишвардорӣ боқи мондааст, ки омӯзиши он то имрӯз идома дорад. Махсусан, метавон аз дастуру санад ва номаи машҳури ӯ ба писараш Абдуллоҳ ибни Тоҳир ёд кард, ки дар мавриди иттихози дурусти адлу адолат, оини хосси давлатдорӣ ва таҳкими равобит бо мардум арзиши муҳим дорад.

Бояд гуфт, ки матни комили номаи Тоҳир ибни Ҳусайн ба писараш Абдуллоҳ дар осори Табарӣ, Ибни Асир ва Ибни Халдун сабт шудааст [52, с. 4973-4982].

Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди «Насиҳатнома»-и Тоҳир ба писараш зикр менамояд, ки ин дастури бесобиқаи давлатдорӣ ва умури идории кишварро Тоҳир дар вақти волии Алҷазира, Савод ва Миср таъйин гардидани Абдуллоҳи ҷавон фиристод, ки баъдан бар асоси мазмуну муҳтаво, усули сиёсатдорӣ ва рисолати давлатдории он «Сиёсатнома»-и Низомулмулк навишта шуд [21, с. 617].

Дар ин номаи таърихии худ Тоҳир ибни Ҳусайн ба писараш таъкид мекунад, ки «Силоҳ қавӣ дор ва амниятро ҳифз кун. Бо мардум ба адолат ва оромӣ рафтору ҳавоиҷу зарурати онҳоро фароҳам намо ва бар оёту покӣ худро дар назари раъият ошкоро кун ва барои беморон шифохонаҳо соз» [238, с. 279].

Дар номаи Тоҳир пеш аз ҳама масоили адлу инсоф дар муносибат бо мардум, таҳкими суботу ваҳдат ва дигар унсурҳои оини давлатдорӣ баррасӣ мешавад. Эмомалӣ Раҳмон бар асоси маълумоти Табарӣ менависад, ки вақте хабари номаи Тоҳир ба писараш Абдуллоҳ ба дарбориён ва вазирон расид, ҳамагӣ ба заковату фаросат ва ҳусни тадбиру дурандешии ӯ қоил шуданд ва аҳсан гуфтанд. Ҳамчунин, вақте халифа Маъмун аз мазмуну муҳтавои он огоҳ шуд, дар ҳоли шигифт амр дод, ки рӯйнависи номаро ба ҳама маъмурони вилоёт ва дигар ниҳодҳои давлатӣ фиристанд, то чун дастури комили идорӣ истифода шавад.

Тоҳир ибни Ҳусайн дар номаи худ ба писараш Абдуллоҳ маслиҳат медиҳад, ки дар масъалаи андозситонӣ бо эҳтиёт аз адлу инсоф ва адолат кор гирад ва ба дороёну нодорон як хел муносибат намояд. Ӯ таъкид менамояд, ки агар молу сарват зиёд гардад ва онро дар хазинаҳо захира намоӣ, он ягон фоида ва самара намеорад, вале агар аз он барои рушду нумуъ, салоҳи кори раият ва рафъи ҳоҷати мардум, аз қабили беҳбудии кишт ва ободии кишвар истифода гардад, дар он ҳол мояи фаровонии неъмату даромад ва осоиши моддиву маънавии мардум хоҳад гашт [412, с. 44].

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвар арзиши сиёсӣ ва маънавии номаи мазкурро то андозае муҳим медонад, ки имрӯз низ метавонанд чун дастури

мушаххасу беқаринаи давлатдорӣ барои давлатмардону сиёсатмадорони замони мо хидмат намояд [21, с. 617]. Маҳз бо назардошти ин арзиш Эмомалӣ Раҳмон матни комили ин номаро ба унвони нахустин дастури оини давлатдории тоҷикон дар осораш ҷой медиҳад, то аҳли назар ва ходимони сиёсӣ аз муҳтавои он суд баранд [21, с. 617-626].

Бояд гуфт, ки Тоҳир ибни Ҳусайн ҳамчун сиёсатмадори оқилу дурандеш дар номаи хеш кишвардориро оине медонад, ки ҳамеша ҳоли такомул қарор дорад ва дар ҳама давру замон шоҳону ҳокмони оқил оини наверо бар асоси таҷрибаи ҳаррӯзаашон бар он зам менамоянд. Тоҳир ибни Ҳусайн ба оини кишвардорӣ ва сиёсати давлатии замон муносибати халифа бо волиён, волиён бо зердастон ва дар маҷмуъ муносибати амалдорони давлатиро бо мардум дар доираи принсипи адолату инсоф муҳим арзёбӣ менамояд. Ба назари Тоҳир, халифа вориси асосии расули Худост ва мардум дар паноҳи ӯ ва сояи адолати ворисонаш ба зиндагии шоиста мерасад. Ба ақидаи ӯ, агар халифа ва зердастону ӯ боақлуботадбир, борикбину дурандеш соҳибмаърифату бофарҳанг, адолатпарвару бошараф ва хайрхоҳ бошанд, тамоми мулки мусулмонон рушду нумуъ мекунад [21, с. 623-624].

Ба ақидаи мо, маҳз ҳамин маърифату тадбирҳои судманд боис шуд, ки Тоҳир ибни Ҳусайн дар иҷрои рисолаташ муваффақу сарбаланд гардад. Махсусан, ӯ ба василаи ҳамин тадбири дурандешона дар замони раёсаташ дар Хуросон ва дигар мулкҳои хилофат, ба монанди Ироқу Шом ва Миср на танҳо шӯру исён ва зидиятҳоро баратарф намуд, балки як фазои сиёсии нисбатан орому осудае низ фароҳам овард. Тадбири муҳимми ӯ албатта танзими низоми иқтисод ва шеваи андозситонӣ буд, ин амр дар таҳкими қудрати хилофати Аббосиён нақши муассир гузошт.

Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон, Тоҳир ибни Ҳусайн баръакси Абумуслим, хонадони Бармакиён, Саҳлиён ва афшинҳои Истаравшан бо амали худ, махсусан бардоштани номи халифа аз хутба ва эломи истиқлолу озодии Хуросон дар масири давлату давлатдории мустақил ҷасурона қадам бардошт [21, с. 624]. Дар замони раёсати Тоҳир дар Хуросон ҳамагӣ

писаронаш мансабу нуфузи шоиста доштанд. Чунончӣ Талҳа ибни Тоҳир ҳокими вилояти Марв ва Хоразм, Абдуллоҳ ибни Тоҳир волии Бағдод, Алҷазира, Миср ва Искандария ва Сулаймон ибни Тоҳир ҳокими вилояти Табаристон буданд.

Дар осори Эмомалӣ Раҳмон масъалаи тахтнишинии писари Тоҳир – Талҳа ибни Тоҳир дар Хуросон низ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар ин хусус ӯ ба маълумоти манбаъҳои таърихӣ руҷуъ менамояд.

Дар ин бобат Ҷузҷонӣ менависад: «Чун амиралмуъминин Маъмунро аз ҳоли Тоҳир хабар шуд, дар шуҳури санаи [сабъа] ва миатайн (сентябр-октябри 822) ҷиҳати Талҳа мисолу ташриф фиристода, ҳукумати Хуросон ба вай арзонӣ дошт. Баъзе гуфтаанд, ки Абдуллоҳ ибни Тоҳир дар ҳини вафоти падараш дар Raққа буд ва ба ҳарби Наср ибни Шабаси хориҷӣ қиём менамуд. Ва Маъмун ӯро бар маҷмуи аъмоли Тоҳир волӣ гардонид. Ва Абдуллоҳ ҳукумати Хуросонро аз ниёбат ба бародари худ – Талҳа тафвиз намуд. Ва халифа дар ин боб мазоиқа нафармуд» [61, с. 192].

Эмомалӣ Раҳмон санаи ба тахт нишастани Талҳа ибни Тоҳирро ба 27-уми сентябр – октябри соли 822 марбут медонад [21, с. 625].

Мувофиқи маълумоти баъзе муаррихон писари дигари Тоҳир – Абдуллоҳ ибни Тоҳир ҳангоми вафоти падараш дар Руққа қарор дошт ва ҷиҳати мубориза бо Наср ибни Шабасӣ омодагӣ медид. Маъмун ӯро ба ҷойи падараш волӣ гардонид. Абдуллоҳ бошад, ҳукумати Хуросонро аз ниёбат ба бародари худ – Талҳа ҳифз намуд [197, с. 153].

Ҳамин тавр, тахт ба Талҳа ибни Тоҳир расид ва Тоҳириён дар ин сарзамини аҷдодӣ ҳукуматро идома доданд. Ба қавли Н. Ҳакимов, халифа Маъмун ҷуръат накард, ки Хуросону Мовароуннаҳрро аз ихтиёри ин хонадон баркашад. Чун намояндагони ин хонадон дар вазифаҳои гуногуни Хилофат адои вазифа мекарданд, аз эътибори калон бархӯрдор буданд. Аз ин рӯ, Маъмун идораи Хуросону Мовароуннаҳрро ба дасти писари Тоҳир – Талҳа ибни Тоҳир (822–828) супурд. Халифа Маъмун гумон мекард, ки шояд Талҳа

аз дасти ӯ ҳокимият гирад, ӯ ҳокими итоаткор бароянд. Талҳа бошад, ҳокими ниммустақил ва нимтобеъ гардид [238, с. 279].

Фредерик Старр таъкид менамояд, ки «дар андешаи қудрате, ки Хуросон метавонист ба муқобили хилофат истифода барад, Маъмун дарк кард, ки ӯ бояд аҳдномае бандад, ки бо он ба ин минтақа дараҷаи баланди худидоракунӣ, дар ивази пардохти боҷу хироҷ ба Бағдод диҳад», зеро «чизе камтар аз худмухторият кунад, тамоми Осиёи Марказӣ бори дигар ба шӯриш хоҳад бархест» [232, с. 235-236].

Мувофиқи маълумоти Табарӣ, «Маъмун Аҳмад ибни Абихолидро ба Хуросон фиристод, ки кори Талҳаро сомон диҳад. ... Талҳа се ҳазор (се миллион) дирам ба Аҳмад ибни Холид бахшид бо лавозиме ба баҳои ду ҳазор (ду миллион) дирам. Ба Иброҳим ибни Аббос – дабири Аҳмад ибни Абихолид низ понсад ҳазор дирам бахшид» [197, с. 153].

Бояд гуфт, ки Талҳа ба мисли падараш мустақилияти Хуросонро ҳифз карда натавонист. Ба қавле ӯ, аз сарнавишти падараш воқиф буд. Халифа ҳам бо мақсади таҳкими нуфузаш дар ин минтақа ва пешгирӣ аз шӯру исён Талҳа ибни Тоҳирро волии Хуросон таъйин кард. Ба ақидаи Н. Амиршоҳӣ, акнун ин давлат монанди замони Тоҳир на аз Бағдод, балки аз пойтахти мустақили худ шаҳри Нишопур идора мешуд. Ӯ таъкид менамояд, ки кулли корҳои давлатӣ ба хоҳиши оли Тоҳир сурат мегирифт ва ӯ танҳо ҳамасола андозу хироҷи мамлакатро ба хазинаи халифа мефиристод ва гоҳ-гоҳе дар лашкаркашиҳои халифа бо сипоҳиёни худ ҷиҳати кӯмак ширкат менамуд [197, с. 130].

Аз маълумот ва андешаҳои Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, ки ҳарчанд Талҳа ба ҷойи падараш волии Хуросон таъйин гардид, вале аксар вақти ӯ ба пахши шӯру ошӯбҳо сипарӣ шуд. Махсусан, ҳаракатҳои мардумӣ дар Сиистон ӯро бисёр нигарон месохт, ки калонтарини онҳо ошӯби Ҳамзаи Сиистонӣ дар соли 823 рух дод. Эмомалӣ Раҳмон сабаби асосии шӯришро ба норозигии сарбозони Тоҳир ибни Ҳусайн нисбат медиҳад, ки пас аз марги нобаҳангоми пешвояшон  дигар майли итоат ба халифа надоштанд ва роҳҳои наздикшавӣ ба ошӯбгарони хавориҷро меҷустанд. Талҳа аз халифа ҷиҳати

пахши ошӯб ёрӣ хост. Халифа таҳти сарварии писари бузургвазираш Аҳмад ибни Абухолид сипоҳи зиёде фиристод ва ошӯби хориҷиён оқибат дар давоми солҳои 823–824 пахш гардид [21, с. 625].

Аз истиноди манбаъҳои таърихӣ бармеояд, ки худи Талҳа низ дар пахши ошӯб ширкат дошт: «Ва Талҳа бад-он ҷониб лашкар кашида, баъд аз муҳорибот бар вай зафар ёфт ва Сиистонро мазбут сохта, ба Хуросон бозгашт» [197, с. 153].

Н. Амиршоҳӣ низ тазаккур медиҳад, ки Талҳа ибни Тоҳир Ҳамзаи хориҷиро, ки дар Сиистон ошӯб бардошта буд ва мардумонро аз мазҳаби суннӣ ба пайравӣ аз мазоҳиби шиъа мегаравонид, саркуб сохт ва Сиистонро ба ҳудуди ҳукуматаш ҳамроҳ намуд [197, с. 130].

Баъди саркӯби ошӯб Талҳа ибни Тоҳир бо мақсади тақвияти нуфузаш чанд чора андешид. Ҷиҳати танзими тартибот дар Сиистон ва кулли Хуросон намояндаи хонадони Сомониён, ҳокими Ҳирот Илёс ибни Асадр ба Сиистон фиристод. Аз омӯзиши таърихи таҳаввулоти замони ҳукумати Талҳа бармояд, ки бо вуҷуди ин талошҳо ошӯбагрон ҳанӯз ҳам аз пардохти андзоҳо саркашӣ менамуданд.

Эмомалӣ Раҳмон менависад, ки Ҳамзаи Сиистонӣ дар шароити норозигии хориҷиён бо ошӯбгарону атрофиёнаш дубора аз манотиқи кӯҳистон фуруд омад, музофоти Алиобод ва Шашмадро забт ва маъмурону омилони андозро барканор сохт [21, с. 626]. Бояд гуфт, ки ӯ дар ривоёти мардумӣ бо номи Амир Ҳамза ёд мешавад, зеро вай ҳамеша ба василаи як гурӯҳ айёрону ҷавонмардони хуросонӣ аз манфиати заифону фақирон ва мардуми оддӣ пуштибонӣ мекард. Ин айёрон ба муқобили деҳқонону заминдорони сарватманд баромада, мардумро бо шиори коҳиши андозҳои гарон ва мусодираи заминҳои ашрофи маҳалливу хориҷӣ дар атрофашон муттаҳид менамуданд. Сарвари ошӯбгарон Ҳамзаи Сиистонӣ ҳангоми ҳаракат ба самти Сабзавор, Байҳақ ва Бодғис соли 828 дар як муҳориба кушта шуд.

Замони ҳукумати Талҳа ибни Тоҳир ҳам ба пахши шӯру ошӯбҳо сипарӣ шуд. Ба ақидаи ин ҷониб, Талҳа аз падар чанд тафовут дошт, ки онро метавон ба заъфи истиқлолхоҳии ӯ нисбат дод. Ҳамчунин, ӯ мисли падараш аз манфиати мардуми маҳаллӣ, махсусан аҳли заҳмат ҳимоят намекард, ки зуҳури шӯру исён низ гувоҳи ин андеша аст. Ҷонибдорони Тоҳир ибни Ҳусайн чун дар симои Талҳа ворис вокеӣ ва роҳбари қудратманди Хуросонро надиданд, ба муқобили ӯ иҷдом карданд. Акнун барои мардумони Хуросон давлатмарде ҷасуру одил чун Тоҳир лозим буд, ки бо амалкарди созандааш истиқлоли минтақаро таҳким бахшад. Аммо Талҳа чунин сиёсатмадори кордону корозмуда набуд, ки мисли падараш рӯҳияи озодихоҳии мардумро таҳким бахшад. Бо вуҷуди ин дар замони Талҳа истиқлоли нисбии Хуросон ҳифз шуд ва вобастагии Тоҳириён танҳо дар пардохти андози солона ва ширкат дар лашкаркашиҳо ифода меёфт.

Бино ба ақидаи муаллифи номаълуми «Таърихи Сиистон»: «Ва дар санаи сулоса ашара ва миатайн (213–828) Талҳа бемор шуда, рахт ба сарои дигар кашид. Ва писараш Алӣ ибни Талҳа қоимақоми падар шуда, ҷамъе бар вай хурӯҷ карданд ва ӯ дар навоҳии Нишопур ба мухолифон муҳораба намуда, кушта шуд» [197, с. 154].

Эмомалӣ Раҳмон баъди вафоти Талҳа ибни Тоҳир аз бародари хурдии ӯ бо номи Алӣ ибни Тоҳир ном мебарад, ки қоимақоми Хуросон шуд. Дар замони ӯ низ муборизаи ҷонибдорони хориҷии Ҳамзаи Сиистонӣ бо сарварии Абуисҳоқи Иброҳим идома ёфт. Аз ҷониби дигар, шиддати исёни Бобак дар қисми шимолии Эрон ва Озарбойҷон ба вазъи Хуросон ҳам таъсир расонид. Алӣ баъди чанде аз ҷониби хориҷиён (мунозеъон) кушта шуд. Бояд гуфт, ки дар аксар манбаъҳои таърихӣ аз Алӣ ҳамчун писари Талҳа ёд мешавад, вале Эмомалӣ Раҳмон ва баъзе муаррихони тоҷик ӯро бародари хурдии Талҳа медонад. Масалан, Н. Ҳакимов менавсиад, ки пас аз Алӣ бародари калонии хонавода Абдуллоҳ ба сари қудрати подшоҳии Хуросону Мовароуннаҳр расид [238, с. 279].

Марҳалаи шукӯҳу пешрафти давлатдории Тоҳириён ба замони ҳукумати Абдуллоҳ ибни Тоҳир рост меояд. Бояд гуфт, ки Абдуллоҳ ибни Тоҳир қабл аз замони ҳукуматаш дар Хуросон бо фармони халифа Маъмун исёни шаҳри Руққаро пахш намуд ва чанд муддат волии Руққа, Алҷазира, Миср, Искандария ва Шом буд. Ӯ баъзе хислатҳои неки падарашро ба ирс гирифта буд. Махсусан, кордонӣ, дурандешӣ ва маърифати накӯи Абдуллоҳ ба касби нуфузаш дар хилофат таъсир гузошт.

Тибқи маълумоти Табарӣ ва Гардезӣ, Абдуллоҳ ибни Тоҳир ҳангоми раёсаташ дар мансаби қоимақоми мулкҳои ғарбии хилофат вилоятҳои Ҷабал, Табаристон Мисру Шомро ба воситаи ҳокимону волиёни дастнишондаи худ идора менамуд. Халифа Маъмун ҳам дар аксар ҳолати мураккабу ҳассос ба Абдуллоҳ ибни Тоҳир такя менамуд. Аз таҷрибаи ҳукуматдории ӯ дар манотиқи мухталифи хилофат бармеояд, ки чун падар дар ҳама кор тавоно ва уҳдабаро буд. Ӯ бо ҳамин хислаташ дар миёни дигар намояндагони хонадон маҳбубу машҳур гардид. Ӯ қабл аз Хуросон дар соли 829 волии Ҷабал, Озарбойҷон ва Арманистон таъйин шуд ва ошӯби бобакиёни хуррамдинро пахш кард. Эмомалӣ Раҳмон бар асоси сарчашмаҳои таърихӣ тамоми музаффарияти Абдуллоҳ ибни Тоҳирро то замони раёсаташ дар Хуросон, аз ҷумла аз омодагии ҳарбии ӯ дар Динавар ба муқобили Бобак ёд мекунад. Дар ин миён ӯ бо фармони халифа барои таҳкими вазъ ба Хуросон равона шуд. Ӯ соли 830 аз музофоти Динавар ба самти Нишопур шитофт ва ноором‌ии вазъ дар Хуросон ва зуҳури ошӯби хориҷиён дар Сиистон пешгирӣ намуд [21, с. 626].

Мувофиқи маълумоти Ибни Асир, Маъмун қабл аз судури маншур Абдуллоҳ ибни Тоҳирро ба наздаш даъват намуд ва гуфт, ки «Эй Абдуллоҳ, ман аз як моҳ пеш, балки бештар истихора мекардам, ки касеро амири он диёр кунам. Акнун худованд туро барои ин кор ихтиёр фармуда, ки ман умедвор ҳастам, ки чунин бошад. Ман салоҳ дар ин дидам, ки туро амири Миср кунам ва ҷанги Ибни Шабасро ба уҳдаи ту вогузорам» [284, с. 306].

Мавриди зикр аст, ки Абдуллоҳ ибни Тоҳир бо саркуб ва пахши шӯру ошӯбҳо алаккай дар ғарби хилофат таҷрибаи ғанӣ гирифта буд. Бинобар ин, барои ӯ дафъи ошӯбагрони хориҷӣ дар Сиистон мушкил наафтод. Мутобиқи маълумоти «Таърихи Сиистон», Абдуллоҳ соли 830 Азиз ибни Нуҳро, ки ба эҳтимоли Эмомалӣ Раҳмон узви хонадони Сомониён аст, бо сипоҳи зиёде ба Сиистон ҷиҳати саркуби хориҷиён фиристод. Дар муҳориба аз ҳар ду ҷониб хеле ҷанговарон кушта шуд. Дар миёни кушташудагон Азиз ибни Нӯҳ низ буд [197, с. 160].

Пас аз ин Абдуллоҳ ибни Тоҳир барои саркӯби минбаъдаи ошӯбгарон, махсусан дастаҳои Боъуфи хориҷӣ Илёс ибни Асад ва Аббос ибни Ҳишомро фиристода ва онҳо соли 832 қисман ошӯбро шикаст доданд.

Ошӯбагрони хориҷӣ дар Сиистон ҳам барои Талҳа ибни Тоҳир ва ҳам ворисони ӯ мушкилоти зиёде эҷод карданд. Абдуллоҳ ибни Тоҳир бо пахши ин ҳаракати зиддиҳукуматӣ амнияту суботро дар Хуросон таъмин намуд. Аз таҳлили корномаи минбаъдаи Абдуллоҳ ибни Тоҳир бармеояд, ки ӯ ҳамчун сарвари дурандеш ба оромии иҷтимоӣ ва рушди ҷомеа таваҷҷуҳ дошт. Абдуллоҳ дар натиҷаи андешидани тадбироти дурандешона тавонист нуфузи худ ва соҳибихтиёрии мулки Хуросонро таъмин намояд.

Эмомалӣ Раҳмон дар ростои қудрати рӯзафзуни Абдуллоҳ ибни Тоҳир таъкид менамояд, ки ӯ дар Хуросон пойдевори давлати мустақилро гузошта, нуфузу мартабааш дар назди халифа то ҷое расида буд, ки ӯро «ҳоҷиби бузурги халифа, бародар ва мавлои ӯ» номида, мартабаашро дар хутбаҳои масҷиди ҷомеи Бағдод зикр менамуданд. Хонадони Тоҳириён, махсусан дар аҳди давлатдории Абдуллоҳ ибни Тоҳир нуфузу мартабаи баландро касб карда, тамоми сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр дар доираи як марказ ва аморати муттаҳида гирд омада, ҳаракатҳои хусусияти сеператистӣ (марказгурезӣ) дошта саркӯб карда шуд [21, с. 628].

Муаррихи тоҷик Ҳайдаршо Пирумшо дар хусуси қудрати писарони Тоҳир, махсусан Абдуллоҳ ибни Тоҳир ба маврид менависад: «Ин бародарон ба сиёсати маҳкумкунандаи халифаҳо Маъмун ва сипас Муътасим (833–842)

нигоҳ накарда, амалан идораи мустақили давлатро ба даст гирифтанд. Чунин мустақилияти сиёсӣ дар давраи ҳокимияти писари Абдуллоҳ Тоҳири II (844–862), ки бо лақаби Абутайиб маъруф буд ва охирин намояндаи ин сулола – волии Хуросон Муҳаммад ибни Тоҳир (862–872–873) бараъло ба назар мерасид» [404, с. 23].

10-уми августи соли 833 халифа Маъмун вафот кард ва ба ҷойи ӯ бародараш Муътасим (833–842) ба тахти хилофат нишаст. Бинобар маълумоти «Таърихи Сиистон» Маъмун тобистони соли 833 сахт бемор шуд ва бародараш Абӯисҳоқро пеш хонд ... бад-ӯ гуфт: «... Бингар, ҳар касро шунидаӣ, ки ман ба забони хеш тақдим медиҳам, тақдими вайро ду баробар кун, Абдуллоҳ ибни Тоҳирро ба кораш вогузор ва таҳрикаш макун. Медонӣ, дар айёми зиндагии ман ва ба ҳузури ман миёни шумо чӣ рафта, бо вай ба дил меҳрубонӣ кун ва ӯро хоси некии хеш кун, ки талошу корсозии вайро дар бораи бародарат донистаӣ» [57, с. 5774].

Халифа Маъмун дар ҳоле вафот кард, ки алаккай ҳукумати Абдуллоҳ ибни Тоҳир дар Хуросон хеле таҳким ёфта буд. Бо бо пайгирӣ аз насиҳат ва таҷрибаи идории падараш тавонист суботу рушди минтақаро таъмин намояд. Халифаи нави аббосӣ – Муътасим (833–842) аз қудрату тавони рӯзафзуни Абдуллоҳ ибни Тоҳир ба ҳарос омада, бо ирсоли чандин нома ба Хуросон аз тадбиру худсарии ӯ гилла кард. Абдуллоҳ ба номаҳои халифа эътибор надод, ҳатто ба ҳама ҳокимони зердасташ дар ҳудуди Хуросону Мовароуннаҳр дастур дод, ки аз ин ба баъд тамоми корҳои маъмуриву идории мулкро аз рӯи супоришу амрҳои ӯ бидуни мувофиқа бо Бағдод амалӣ намоянд. Дар ин хусус дар «Таърихи Табарӣ» ҳам ишора шудааст, ки мазмуни онро Эмомалӣ Раҳмон дар осораш ин гуна тавзеҳ медиҳад, ки Абдуллоҳ ибни Тоҳир ба хотири муайян намудани муносибати Сомониён бо халифа Муътасим ба Асад ибни Нуҳ нома фиристод ва дар хусуси равиши сиёсати пешгирифтааш бо дарбори халифа маслиҳат пурсид. Нуҳ ибни Асад ҳам дар навбати худ дар посух таъкид намуд, ки аз ин амр ҷойи тарс нест ва дар сурати лашкаркашии

халифа ба самти Хуросон сипоҳи Сомониён ба кумаки Абдуллоҳ ибни Тоҳир мерасанд [21, с. 628].

Муаррихи тоҷик А. Саидов дар мақолаи худ зикр менамояд, ки ҳарчанд Абдуллоҳ ҳам мисли падару бародараш расман ноиби халифа буд ва қисман аз даромади андозҳо ба онҳо пешкаш мефиристод, вале вилоятҳои зертобеи худро мустақилона идора мекард ва аз вазъи мамлакат ба ҳокимияти марказӣ ҳисобот намедод [412, с. 49].

Абусаиди Гардезӣ хабар медиҳад, ки Муътасим нисбат ба Абдуллоҳ ибни Тоҳир хусумат дошт ва сабаб он буд, ки ҳангоми ҳоҷиби Маъмун будани Абдуллоҳ Муътасим бо чанде аз ғуломони худ дар бевақтӣ ба дари Маъмун омад. Абдуллоҳ ба ӯ гуфт, ки дар ин бевақтӣ бо чандин ғулом вақти салом нест ва хоҳиши ӯро рад кард. Муътасим аз ин амал нисбати ӯ ба ғазаб омад. Вақте, ки Маъмун аз ин воқеа хабардор гашт, ҳардуро ба назди худ даъват намуда, онҳоро оштӣ дод.

Ҳатто кор то ҷое расид, ки халифа Муътасим хост ба ҷони Абдуллоҳ ибни Тоҳир суйиқасд анҷом диҳад. Халифа ба назди Абдуллоҳ канизе фиристода, ба ӯ дасторчаи заҳролудеро дод ва таъкид намуд, ки ҳангоми бо Абдуллоҳ мулоқот намудан ин дасторчаро ба ӯ диҳад, то танаи худро бо он пок намояд. Каниз ҳангоми ҳузураш дар хонаи Абдуллоҳ бо ӯ дӯст гардид ва он розро ифшо намуд. Абдуллоҳ аз ин баъд дар муносибат бо Муътасим аз эҳтиёт кор мегирифт [412, с. 49].

Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ошкору рӯшан намудани сиёсати риёкоронаи халифаҳои Аббосӣ – Маъмун ва Муътасим баъзе паҳлуҳои исёни Бобаки Хуррамдинро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳад. Аз манбаъҳои таърихӣ ва осори муаррихон бармеояд, ки исёни Бобак аз соли 816 то соли 837 идома кард. Дар мубориза бар зидди Бобаки Хуррамдин халифаҳои аббосӣ Маъмун ва Муътасим аввал аз Тоҳир ибни Ҳусайн ва баъдан аз Абдуллоҳ ибни Тоҳир истифода намуданд. Ҳамчунин, халифа Муътасим ба хотири коҳиш додани нуфузи Тоҳириён аз афшинҳои Истаравшан, махсусан

Ҳайдар Афшин ёрӣ гирифт, ки ин як навъ ба даргирии сулолаҳои маҳаллӣ ва шикасти қудрати онҳо хотима меёфт.

Ҳамчунин, халифа Муътасим барои саркӯби исёни волии Табаристон Мозёр аз нирӯи Абдуллоҳ ибни Тоҳир истифода бурд. Муътасим дар номааш ба Абдуллоҳ дастур дод, ки бар зидди Мозёр мубориза барад. Аз ҷониби дигар, Ҳайдар Афшин Мозёрро ба муборизаи зидди Абдуллоҳ таҳрик медод. Мозёр соли 839 шӯриш бардошт. Ин шӯриш пеш аз ҳама ба муқобили Абдуллоҳ равона шуда буд. Эмомалӣ Раҳмон зикр менамояд, ки Абдуллоҳ бо фавҷи бағдодӣ ба сарҳади Ҷурҷон омад ва соли 839 ба муҳориба пардохт [21, с. 632].

Дар натиҷаи муҳорибаи шадид Сарҳастон ва чанд саркардаи ошӯб, махсусан бародари Мозёр кушта шуд ва худи ӯ ба асорат афтод [156, с. 175-178].

Ба Абдуллоҳ ибни Тоҳир дар муддати кӯтоҳ муяссар гардид, ки дар шароити мураккаби сиёсӣ ҳама рақибони тавонои худ, махсусан Мозёри Қорин ва Ҳайдар Афшинро бо писараш аз миён бардорад ва мақоми ҳукуматашро тақвият бахшад. Бояд гуфт, ки дар ин раванд баъзе намояндагони хонандони сомонӣ дар ин фурсати муносиб нуфузи худро таҳким бахшиданд. Маҳз бо ҳамин васила ба Сомониён имкон фароҳам омад, ки минбаъд роҳи худро дар сиёсат ҳамвор намоянд. Аз ин бармеояд, ки хидмати Тоҳириён, махсусан Абдуллоҳ ибни Тоҳир дар таҳкими қудрати Сомониён барҷаста аст.

Дар ин давра фишори қабоили турк барои ҳузур дар сарзамини Мовароуннаҳр бори дигар авҷ гирифт. Бинобар ин, Абдуллоҳ ибни Тоҳир мунтазам ба муқобили туркҳои оғуз ҳуҷум менамуд [12, с. 333]. Бо назардошти ҳамин хатари ақвоми турк дар минтақаҳои наздисарҳадии Хуросону Мовароуннаҳр деворҳои дифоӣ ва истеҳкомӣ сохта шуданд.

Абдуллоҳ ибни Тоҳир дар замони ҳукуматаш барои танзими умури идории Хуросон корҳои зиёде сомон дод. Дар ин давра ҳамаи ҳокимони билоди Хуросон зери итоати ӯ даромада, ҳукми ӯро беихтилоф иҷро

менамуданд. Абдуллоҳ барои танзими соҳаи кишоварзӣ чораҳои зиёдро дар амал татбиқ намуд. Махсусан, ҷиҳати ба таври дуруст истифода намудани об ва корезҳо дар зироаткорӣ тадбирҳои хубе пешниҳод намуд. Абдуллоҳ маъмултарин фақеҳони Хуросон ва Ироқро ҷамъ намуда, супориш дод, ки дар бораи тарзи истифодаи дурусти корезҳо китобе таълиф кунанд. Онҳо дар ин соҳа китобе навишта, дар он мизони истифодабарии обро дар зироаткорӣ муайян намуданд. Баъдан китоби мазкур барои обёрии соҳаи зироаткорӣ ҳамчун дастурамали барзгарон хизмат мекард [412, с. 49].

Мувофиқи маълумоти манобеъи таърихӣ Абдуллоҳ ибни Тоҳир ба барзгарон диққати махсус медод. Ӯ ҳамаи масъулону кордононро уҳдадор кард, ки бо кишоварзон мудоро ва онҳоро дастгирӣ намоянд, то кори онҳо рушд кунад, зеро ризқу рӯзӣ ва таоми мардум бо дасти кори барзгарон алоқаманд аст ва бедодӣ кардан ба онҳо ҳаром аст.

Бояд зикр намуд, ки Абдуллоҳ ибни Тоҳир ҳамчун сарвари ҷасуру маърифатпеша дар аҳди се халифаи аббосӣ фаъолият кард. Ҳама талошу кӯшишҳои ӯ баҳри он нигаронида шуда буд, ки дар равобит бо халифаҳои аббосӣ мувозинат нигоҳ дошта шавад. Аз ин хотир, ӯ дар замони ҳукуматаш дар Хуросон бо супориши халифаҳо ҳамчун сипаҳсолор дар саркӯби мухолифон ширкат меварзид.

Абдуллоҳ ибни Тоҳир 27 ноябри соли 844 дар синни 47-солагӣ, пас аз 14 соли ҳукуматдорӣ дар Нишопур вафот кард.

Ҳамин тавр, аз таҳлили ахбори манбаъҳои таърихӣ бармеояд, ки Тоҳириён аз давраи ҳукумати Тоҳир ибни Ҳусайн дар Хуросон то замони Абдуллоҳ ибни Тоҳир ҳудуди густардаеро аз марзҳои Ҷибол (Ироқи Аҷам) дар ғарб то соҳилҳои рӯди Ҳилманд дар шарқ ва аз соҳилҳои рӯди Сир дар шимол то марзҳои ҷанубии Сиистону Кирмон дар ҷануб таҳти фармонравоӣ доштаанд. Яъне вилоятҳои тобеи давлати Тоҳириёнро аз ғарб ба шарқ дар ин давра чунин баршумурдан мумкин аст: Ҷибол, Кирмон, Хуросон, Табаристон, Гургон, Хоразм, Мовароуннаҳр, Сиистон [413, с. 164].

Эмомалӣ Раҳмон ба маврид тазаккур медиҳад, ки авҷи қудрат ва азамати давлатдории Тоҳириён ба аҳди ҳукуматдории Абдуллоҳ ибни Тоҳир рост меояд. Маҳз дар ҳамин давра Хуросон амалан ба истиқлол расид ва шуҳрати хилофати аббосӣ дар ҳудуди онҳо коҳиш ёфт. Ӯ таъкид менамояд, ки зимоми давлатдории қаламрави шарқии хилофат аз қабзаи халифаҳои ботадбир – Маъмун ва Муътасим раҳо гардид ва номи онҳо зоҳиран дар хутбаҳо баробари номи Абдуллоҳ ибни Тоҳир ёд мешуд [21, с. 633].

Баъди ифшои хабари фавти Абдуллоҳ ибни Тоҳир халифа Восиқ писараш Тоҳир ибни Абдуллоҳро волии Хуросон таъйин кард. Тоҳир ибни Аблуллоҳ, ки бо лақаби Абутайиб маъруф буд, соли 844 ба маснади Хуросон расид. Ҳамакнун, бародари ӯ Муҳаммад ибни Тоҳир низ сардари сипоҳи Бағдод ва ноиби халифа гардид. Аз манбаъҳои таърихӣ бармеояд, ки дар аҳди ҳукумати Тоҳири II бо авҷи ҳаракати хориҷиён вазъи сиёсӣ мураккаб мегардад. Эмомалӣ Раҳмон дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ сабаби асосии ошӯби хориҷиёнро дар барқарор намудани андози бекоркардаи Абдуллоҳ ибни Тоҳир нисбат ба хориҷиён арзёбӣ намудааст. Дар ин раванд пешвои хориҷиёни музофоти Буст Бишр ибни Сулаймон муқовимат намуда, мардумро ба ошӯб даъват карданд. Дар атрофи ӯ айёрони Сиистон таҳти роҳбарии Яъқуб ибни Лайс ҳам муттаҳид шуда, соли 848 бо мадади Яъқуб ҳукумати Сиистон ба дасти Солеҳ ибни Наср гузашт. Бо вуҷуди ҷаҳду талошҳо ба Тоҳири II муяссар нашуд, ки суботу амниятро дар Хуросон таъмин намояд [21, с. 643].

Аз таҳлили осори таърихӣ бармеояд, ки Тоҳири II нисбат ба падар дар умури идорӣ заифтар буд. Ҳамин буд, ки зиддияту ошӯбҳо дар замони ӯ дубора авҷ гирифтанд. Ҳамчунин, Тоҳири II дар саркӯби шӯру ошӯбҳо аз ҷониби халифа ҳам дастгирӣ намеёфт. Ӯ баъди талошу нокомӣ сентябри соли 862 фавтид ва халифа «Мустаъин Биллоҳ Хуросон Муҳаммад ибни Тоҳир инби Абдуллоҳро дод ва аҳднома фиристод» [197, с. 177].

Эмомалӣ Раҳмон дурусту ба маврид зикр менамояд, ки муборизаҳои дохилӣ ва кашмакашиҳо дар аҳди ҳукумати Тоҳири II ибни Абдуллоҳ ба

нуфузи давлати тозаистиқлол таъсири манфӣ мерасонид ва ин дар умум ба таъби дили халифаҳои аббосӣ буд [21, с. 634].

Воқеан ҳам, намояндагони Тоҳириён аз Тоҳир ибни Ҳусайн то Абдуллоҳ ибни Тоҳир дар таъмини суботи сиёсии сарзаминҳои хилофат нақши бориз доштанд. Ҳатто Тоҳири II низ дар хидмати халифа буд. Хатои ин намояндаи Тоҳириён дар он зоҳир мешуд, ки ӯ ба умури дохилии Хуросон камтаваҷҷуҳ буд. Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид менависад, ки Тоҳириён чун маркази идориро ба Нишопур интиқол доданд, барои таъмини суботи сиёсии Табаристон, музофотҳои шимолии Эрон ва манотиқи Форс саргарм ва аз аҳволи Сиистон ва ошӯбҳои айёрони он ғофил шуданд. Пиндори кӯтоҳандешӣ ва боварӣ ба қудрати хеш дар ниҳояти кор боиси таназзули ҳукумати Тоҳириён ва шикасти нахустин давлати мустақили тоҷикон дар аҳди хилофати Аббосиён шуд [21, с. 634].

Аз «Таърихи Табарӣ» бармеояд, ки мо набояд сабаби таназзули давлати Тоҳириёнро дар зиддият бо таҳкими қудрати намояндагони Саффориён, махсусан Яъқуб ибни Лайс дар Сиистон рабт диҳем, балки зиддияти дохилии хонадон низ ба ин раванд таъсири зиёд гузошт [404, с. 23].

Ҳамин тавр, соли 862 намояндаи дигари сулола Муҳаммад ибни Тоҳир (862–873) ба тахти Нишопур нишаст. Эмомалӣ Раҳмон дар асоси маълумоти манбаъҳои таърихӣ, махсусан ахбори Табарӣ ва Гардезӣ ба хулоса меояд, ки замони ҳукумати ӯ давраи авҷи зиддиятҳо буд. Мувофиқи маълумоти Гардезӣ Муҳаммад ибни Тоҳир маъмулан сустирода ва заифмиҷоз буд, ба амалияи сиёсати давлатӣ ва бурду бохти кишвар диққат намедод, балки ба айшу нуш ва дилхушӣ шуғл дошт [21, с. 634].

Ҳамин буд, ки ҳаракати хориҷиён дар Хуросон рӯз то рӯз доман паҳн мекард. Дар ҳамин давра тибқи маълумоти Табарӣ, Яъқуб ибни Лайс баъд аз забти Сиистон баъзе вилоёти Хуросонро тасарруф намуд. Баъди он ба самти Ҳирот лашкар кашид [197, с. 178].

Агар ба ҳаракати мардуми Сиистон бо сарварии Яъқуб ибни Лайс таваҷҷуҳ намоем, пас пай мебарем, ки он бештар хусусияти иҷтимоӣ дошт.

Эмомалӣ Раҳмон иброз медорад, ки ин ҳаракат баъдтар хусусияти сиёсӣ гирифт. Ин ҳаракат ба муқобили истилогарони араб ва ҳокимони маҳаллӣ нагаронида шуда буд, ки онҳо бештар дар фикри гирдоварии сарват рӯз мебурданд. Дар аҳди ҳукумати Муҳаммад ибни Тоҳир ҷонибдорони Яъқуб дар миёни мардумони Сиистон, Гургон, Табаристон ва Кирмон зиёд мешуданд.

Бояд гуфт, ки Яъқуб ибни Лайс ҳамчун ҳомии ҳаку ҳуқуқи мардуми одии маҳаллӣ ва пешвои миллӣ сипоҳи зиёдеро дар атрофаш гирд овард ва солҳои 862–867 ба муқобили Муҳаммад ибни Тоҳир ҳуҷум кард. Дар ин ҳуҷум Яъқуб бо забти чанде аз музофоти Хуросон – Буст, Пушанг, Ҳирот, Кобул ва Кирмон амирони тоҳирӣ ва халифаҳои аббосиро ба даҳшат овард. Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус бо истинод аз «Таърихи Сиистон» менависад, ки вақте хабари забткориҳои Яъқуб ибни Лайс ба дарбори Муҳаммад ибни Тоҳир расид, вай ба василаи қосиде ӯро огоҳ намуд, ки ҳадди инсофу адолатро риоя намояд.

Муаллифи номаълуми «Таърихи Сиистон» менависад, ки «Ва чун хабари таваҷҷуҳи Яъқуб назди Муҳаммад ибни Тоҳир муҳаққақ гашт, элчие пеши ӯ фиристода, пайғом дод, ки бе фармони амир ба куҷо меоӣ? Агар маншуре дорӣ, бинмой, то имтисол намоям. Яъқуб мазмуни рисола маълум карда, шамшер аз зери мусалло берун овард ва ба элчӣ гуфт, ки маншури ман ин аст. Чун расул бозгашта ба Нишопур расид, ҳавосси Муҳаммад Тоҳир ва аъёни он вилоят қосидон пеши Яъқуб фиристода, изҳори инқиёд карданд» [197, с. 179-180].

Ҳарчанд, Муҳаммад ибни Тоҳир бар муқобили Яъқуб ибни Лайс сипоҳеро бо сарварии Иброҳим ибни Илёс ибни Асад фиристод, вале шикаст хӯрд. Бинобар ин, ба ивази созиши сулҳ музофоти Кирмон, Форс, Сиистон ва Кобулро ба ихтиёри ӯ дод. Акнун Яъқуб ибни Лайс ҳамчун дастнишондаи Тоҳириён баъзе дастаҳои ошӯбгари хориҷиён ва алавиёнро саркӯб ва музофоти Кирмон ва Форсро дубора тасхир намуд. Ҳамчунин, Яъқуб ибни

Лайс соли 872 зери парчами Тоҳириён шӯриши Абдурраҳмони хориҷиро дар Сабзавор ба муқобили Муҳаммад ибни Тоҳир пахш кард [21, с. 635-636].

Ин ҳама аз вобастагии рӯзафзуни Муҳаммад ибни Тоҳир ва зуҳури ошӯбу даргириҳо дар Хуросон гувоҳӣ медиҳад. Халифа ал-Мансур низ дар чунин вазъ аз заъфи иқтидори сиёсии Тоҳириён ва нуфузи иқдидори қудратманде ҳавасманд буд. Баъдан зери фишори ҳарбии Саффориён давлатдории Тоҳириён рӯ ба таназзул овард.

Ҳамин тавр, Яъқуб ибни Лайс соли 873 Фушанҷ – зодгоҳи Тоҳириёнро забт намуд. Соли 873 Яъқуб ибни Лайс пас аз забти маркази давлати Тоҳириён – шаҳри Нишопур Муҳаммад ибни Тоҳирро бо аҳли наздиконаш ба зиндон афканд. Дар ин хусус Эмомалӣ Раҳмон изҳор медорад, ки бо ин сарнавишти хонадони Тоҳириён, ки истиқлоли миллии Хуросонро эълон дошта буданд, баъди панҷоҳ соли давлатдорӣ аз ҷониби Яъқуб ибни Лайс амалан хотима ёфта, аз саҳнаи сиёсат барканор гаштанд [21, с. 636].

Ҳамчунин, дар асари мазкур сарнавишти минбаъдаи Муҳаммад ибни Тоҳир чунин рақам зада мешавад, ки Яъқуб ӯро бо надимону наздиконаш «ба Сиистон фиристод ба зиндони бузург ба дари масҷиди одина маҳбус карданд. Ва гӯри Муҳаммад ибни Тоҳир андар он зиндон аст, ки беш ба чандин сол он ҷо фармон ёфт. Ва Яъқуб фармон дод, ки ҳам андар он ҳуҷра, ки фармон [ёфт], ӯро дафн кунанд, ки он рӯз мурд, ки он ҷо маҳбас гашт» [56, с. 173].

Эмомалӣ Раҳмон бо иснод ба маълумоти Табарӣ менависад, ки пас аз шикасти Муҳаммад ибни Тоҳир мақоми хонандони Тоҳириён коҳиш ёфт ва халифаҳои Аббосӣ аз пайи созиш бо хонадони Сафориён шуданд. Баъдан онҳо маншури идораи аморати Хуросонро бо хилъати муносибу ливои давлат ба ҳузури Яъқуби Лайс равон карданд, то ки аз хатари ин ҷавонмарди силаҳшӯру далер эмин монанд. Ҳамин тавр, баъди ҳукумати наздик ба 50 солаи давлатдории Тоҳириён дар ҳудуди Хуросон низоми давлату давлатдории қудратманде бо унвони Саффориён ба вуҷуд омад, ки аз ҷониби табақаи заҳматкашу силаҳшӯри сиистонӣ идора мешуд [21, с. 636].

Ҳамакнун ҳукумати яке аз хонадонҳои бонуфузи тоҷик дар Хуросон бар дигаре иваз мешуд. Воқеан, ба Тоҳириён муяссар гардид, ки дар доираи имконоти замон барои эҳё ва рушди арзишҳои фарҳангӣ ва кишвардории ниёкон икдомҳои муассир анҷом диҳанд. Баъзе ин икдомот барои таҳкими истиқлоли Хуросон ва зиндагии шоистаи мардум муҳим арзёбӣ мешавад. Эмомалӣ Раҳмон низ нақш ва ҷойгоҳи Тоҳириёнро дар радифи Бармакиён ва Саҳлиён дар таҳкими афкори истиқлолҷӯӣ муҳим медонад. Ба назарии ӯ, дар миёни намояндагони ин хонадон Тоҳир ибни Ҳусайн ва Абдуллоҳ ибни Тоҳир бо хираду дурандешӣ на танҳо дар Хуросон, балки дар тамоми қаламрави хилофат нуфузу мартабаи хос пайдо карданд. Ҳамчунин, онҳо ба унвони афроди таҳсилдида ва соҳибмаърифат забону фарҳанги ниёкон ва арзишҳои исломӣ арҷ мегузоштанд. Намояндагони сулолаи Тоҳириён дар радифи ҳимоя аз дини ислом барои рушди ҳувияти миллӣ ва забонҳои маҳаллӣ талоши зиёде намудаанд [21, с. 636-637].

Дар ин маврид муаррихи тоҷик Ҳ. Пирумшо барҳақ менависад: «... намояндагони ин хонадон фазои васеи тоҷикнишин – Хуросонро аз номи халифаҳои Аббосӣ идора кунанд ҳам, тобеияти онҳо бештар рамзӣ (номиналӣ) буда, фақат ҳамасола ба хазинаи хилофат интиқол додани маблағи муайян ва дар лаҳзаи зарурӣ ёрии ҳарбӣ расондан маҳдуд мешуд. Амалан Тоҳириён сиёсати мустақилонаи худро пеш мебурданд» [404, с. 25].

Бояд гуфт, ки сиёсати иҷтимоӣ ва ибтикороти намояндагони ин сулола дар сарчашмаву адабиёт ҳар гуна тасвир мешавад. Дар китоби «Давлатдории тоҷикон» аз Тоҳириён бо номи подшоҳони некэътиқоди ҳунарпарвар ёд мешавад, ки Хуросон дар айёми ҳукумати он табақа дар ниҳояти маъмурӣ ва ободонӣ буд [197, с. 183].

Маҳз ҳамин сиёсати хирадмандонаи намояндагони Тоҳириён буд, ки шоироне чун Абулянбағӣ, Маҳмуди Варроқ, Ҳанзалаи Бодғисӣ, Аббоси Марвазӣ, Абуҳафси Суғдӣ, Муҳаммад ибни Васиф, Бассоми Гурд ба забони тоҷикӣ аввалин маротиба шеър эҷод намуданд.

Академик Б. Ғафуров таъкид менамояд, ки «Тоҳириён ҳамаи инро ба эътибор нагирифта наметавонистанд, хусусан, ки аз ҷиҳати сиёсат душмани асосиашон хилофати Аббосӣ буд ва худи онҳо ба ҳамон вилоятҳое такя мекарданд, ки аксари аҳолиашон эронизабон буданд. Маҳз аз ҳамин сабаб Тоҳириён ба шоирон, алалхусус, муътақидони шуубия иҷозат медоданд, ки онҳоро бо подшоҳону қаҳрамонони Эрони пеш аз ислом қиёс карда, ситоиш намоянд. Дар дарбори Тоҳириён дар қатори забони арабӣ забони форсӣ ҳам мустаъмал буд. Дар Марв китобхонае вуҷуд дошт, ки асарҳои ба забони паҳлавӣ навишташуда нигоҳ дошта мешуд» [204, с. 446-447].

Муаррихи дигари тоҷик Н. Турсунов дар тақвияти ин андешаҳо менависад, ки дар пойтахти Тоҳириён Нишопур қасрҳо, китобхонаҳо, таълимгоҳҳо, корвонсаройҳо сохта шуданд, олимону адибон ҷамъ омаданд. Худи Тоҳириён шеърҳо эҷод карданд, асарҳои илмӣ навиштанд [234, с. 232].

Эмомалӣ Раҳмон яке аз хидматҳои мондагори намояндагони сулолаи Тоҳириёнро эҳёи суннатҳои неки ниёкон медонад. Маҳз ҳамин иқдом сабаб шуд, ки нахустин давлати мустақили миллии тоҷикон рӯи кор биёяд.

Ҳамин тавр, Эмомалӣ Раҳмон таърихи Тоҳириёнро бо таваҷҷуҳ ба нақши созандаи онҳо дар таҳкими оини давлатдории ниёкон ва рушди илму фарҳанг мавриди омӯзиш қарор дод, то насли имрӯз барои таҳкими ҳувияти миллӣ ва ташкили ҷомеаи мутамаддин аз таҷрибаи онҳо баҳра бигиранд. Махсусан, баъзе андешаҳои ӯ роҷеъ ба таърихи давлатдории Тоҳириён барои имрӯз ҷиҳати решаёбии манфиатҳои миллӣ муҳим мебошанд. Дар айни замон, хонандаи тоҷик маҳз тавассути мутолиаи чунин осори бунёдӣ метавонад дар мавриди шинохти Тоҳириён ва мақоми онҳо дар таърихи ниёкон ба як бардошти амиқ бирасад.

## 5.2. Нақши Саффориён дар эҳёи давлатдорӣ ва фарҳанги миллии тоҷикон аз нигоҳи Эмомалӣ Раҳмон

Аз манбаъҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ бармеояд, ки замони ҳукумати Саффориён як марҳалаи авҷи эъмори давлатдории миллӣ ва эҳёи фарҳанги ниёкони тоҷик ба шумор мерафт. Дар ин марҳала раванди ташаккули халқи тоҷик дар ҳоли анҷомёбӣ қарор дошт. Агар заминагузори ин раванд намояндагони хонадони Тоҳириён бошанд, пас хонадони Саффориён онро ба суннате равнақ бахшиданд, ки минбаъд ба ташкили аввалин давлати мустақили миллӣ (Сомониён) анҷом ёфт.

Бояд гуфт, ки бо вуҷуди нақши созандаи Саффориён дар таърихи таҳаввулоти Хуросону Мовароуннаҳр, ин марҳалаи таърихи давлатдории тоҷикон то ҳол ба таври комил мавриди паҳуҳиши муҳаққиқони ватанӣ қарор нагирифтааст. Ин дар ҳолест, ки Эмомалӣ Раҳмон боби алоҳидаеро дар осори худ ба пажуҳиши таърихи ҳукумати Саффориён бахшидааст. Ӯ дар пажуҳиши худ ба масъалаи зуҳури айёрон дар Сиистон таваҷҷуҳ менамояд, ки чигуна ба ташкили давлати Саффориён замина гузоштаанд. Ӯ дар заминаи омӯзиши осори таърихӣ ва пажуҳиши муҳаққиқон ба хулоса меояд, ки ҷунбиши айёрону ҷавонмардон ҳанӯз аз аҳди Абумуслими Хуросонӣ шакл гирифта буд [21, с. 639].

Ба қавли муҳаққиқи эронӣ Забеҳуллоҳи Сафо, қиёми айёрон барои бедор намудани эрониён «аз хоби яксадсола ва омода карданашон барои барандохтани сиёдати нажодии араб ва бозпас гирифтани истиқлоли аздастрафта буд. Рафтори нобаҳинҷори бани Аббос ва ҳақношиносиву носипосии онон бо бунёдгузорони воқеии хилофат ва ҳукуматашон, яъне Абусалами Ҳалол ва Абумуслими Хуросонӣ ва хиёнатҳову ғадраҳое, ки андаке баъд аз бими ҷони худ бо хонадони Бармакӣ дар аҳди Ҳорун ва хонадони Саҳлӣ Хуросонӣ дар аҳди Маъмун ва Афшини Усрушанӣ дар аҳди Муътасим анҷом гирифт, ин андешаи истиқлолталабиро дар эрониён беш аз пеш тақвият кард, то саранҷом ба қиёми Яъқуб ибни Лайси Саффор аз

эълони ҳукумати мустақили ӯ дар Сиистон ба соли 248 ҳиҷрӣ анҷомид» [231, с. 10].

Агар, ки айёрони ҷасури хуросонӣ аз аҳди Абумуслим ба ҳаракати худ шуруъ намуда бошанд, пас онҳо аз хидмати Абумуслими Хуросонӣ, Бармакиён, Саҳлиён, Тоҳириён ва дигар намояндагони маҳаллӣ барои хилофат хуб огоҳ буданд. Ҳамин донистанҳо ва огоҳӣ аз таҷрибаи онҳо буд, ки мавқеи худро иваз карданд. Тафовути айёрони хуросонӣ аз дигар намояндагони маҳаллӣ пеш аз ҳам дар муборизаи ошкори онҳо дар муқобили хилофат ва дастнишондаҳои эшон зоҳир мегардид. Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус иброз менамояд, ки иттиҳоди айёрону ҷавонмардони Сиистон аввал бо тақозои касбу кор ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои доираи муайяни деҳқонон ва ҳунармандон падид омаданд. Дар натиҷаи қувват гирифтан ва зиёд шудани шумораи ҷонибдоронашон ба як ҷунбиши тавонои сиёсиву иҷтимоӣ табдил ёфтанд. Дар меҳвари ҳадафи онҳо ҳимояи мазлумон, ҷабрдидагон ва табақаҳои поёнии ҷомеа қарор дошт [21, с. 639].

Ба қавли муаррих Н. Ҳакимов, дар солҳои 40-50-и асри IX дар Сиистон чандин ҷунбиши мардумӣ бо сарварии хориҷиён, аҳли футувват, айёрон ва ҷавонмардон ба амал омад. Ҳаракати хориҷия, аҳли футувват, ҷавонмардон ва айёрон аз як тараф, ҳаракати зидди истибдоди Хилофати Бағдод аз тарафи дигар, ҳар кадом қувваи возеъ бар зидди ҳамагуна ҳокимият буданд. Таъсиси ҳамаи ин ташкилоту ҷамъиятҳо аз авзои вазнини сиёсию иқтисодии кишвар шаҳодат медод [238, с. 293-294].

Айёрони Сиистон дар асл бар муқобили сиёсати золимонаи халифаҳо ва пуштибонони маҳалии онҳо бархостанд ва ҳадафи асосиашон истиқлоли минтақа буд.

Аъзои гурӯҳи айёрон аксар бенаво буданд. Айёрон худро дӯстони наздики худиҳо номида, аспсаворӣ, шиноварӣ, роҳгардӣ, шабгардӣ, кордзанӣ, камонкашӣ, дурпарӣ, баландпарӣ, кӯҳнавардӣ ва хулоса тарбияи ҷисмониро моҳирона аз худ менамуданд. Онҳо роҳҳои обӣ, корвонгузар, хушкигард, бозорҳо, корвонсаройҳо, хиёбону мавзеъҳоро зери назорат

гирифта, аз роҳгузару корвонҳо барои ҳимояи молу амволашон ва ҳатто ҷонашон ҳақ меситонданд. Ин гурӯҳ ба ташкилоти сиёсӣ мубаддал гардида буд [238, с. 294].

Аз тавсифи хислату рафтори айёрон бармеояд, ки онҳо на бар муқобили ислом, балки баҳри риояи принсипҳои он мубориза мебурданд. Таъмини адолати исломӣ ва инсонӣ барнома ва ҳадафи асосии онҳо буд. Халифаҳои аббосӣ ва ҳомиёни онҳоро ба ҷурми истисмори мардуми заҳматкаш ҳушдор медоданд, ки амали онҳо муқобили аҳкоми исломӣ мебошад. Дар радифи риояи принсипҳои исломӣ онҳо ба таври нисбӣ манфиатҳои мардуми маҳалиро ҳимоя менамуданд. Яъне, аз дидгоҳи имрӯз он дар муқобили ҳукумати арабҳо як навъ ҳаракати иҷтимоӣ буд.

Аз осори таърихӣ бармеояд, ки дар солҳои 40-50-уми асри IX баъзе ҳокимон аз айёрон ба манфиати ғаразҳои сиёсии худ ҳам истифода мебурданд. Маркази асосии айёрони Сиистон шаҳри Зеранҷ ба шумор мерафт.

Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди раванди ташаккул ва тавсеи ҳаракати айёрони Сиистон менависад, ки ҷунбиши ғозиёни Сиистон бо номи «ал-мутаввия», яъне «ихтиёриён», ҳанӯз дар аҳди ҳукумати Абдуллоҳ ибни Тоҳир (828–844) падид омада, ба як ҳаракати иҷтимоие табдил ёфт, ки ҳайати он аксар аз табақаҳои поёнии ҷомеа – кишоварзони хонахароб, ҳунармандон, тоҷирону ҷавонони ҳангомаҷӯй, камбизоатону дарвешон ва дигар тоифаи аҳолӣ иборат буд. Айёрон дар атрофи пир, устод, нақиб ва ё сарҳанг муттаҳид мешуданд. Дар раванди фаъолият ҳам сарварон ва ҳам фидоиёни қаторӣ се рисолат доштанд: сахо, сафо ва вафо [21, с. 640].

Бояд гуфт, ки дар аввал айёрон ба хидмати деҳқонони бонуфуз, соҳибдавлатон ва заминдорони калон ҷалб мешуданд, то ҳангоми ҳуҷуми душман хатарҳоро бартараф созанд. Агар ба осори муаррихон назар афканем, аксари онҳо аз хислати дигари айёрон дар бораи роҳзанӣ ва ғорати молу мулки ҳақимардумхӯрон ёдовар мешаванд. Албатта, ҳадафи асосии онҳо дар ростои роҳзанӣ ва ғоратгарӣ таъмини адолати иҷтимоӣ буд, ки он ҳам бошад

нисбати моликияти ҳокимони золими замон амалӣ мешуд. Яке аз пешвои айёрону ҷавонмардони Сиистон, ки бо тафаккуру ҳисёташ аз дигар саркардаҳои ин ҷунбиш тафовут дошт, Яъқуб ибни Лайси саффорӣ буд.

Аз омӯзиши манбаъҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқон маълум мегардад, ки маъмулан аз Яъқуб ибни Лайс ба некӣ ёд мешавад. Эмомалӣ Раҳмон зимни тавсифи корномаи Яъқуб ибни Лайси саффорӣ зикр мекунад, ки ӯ дар муҳити ҷавонмардони Сиистон ба камол расида, аз онҳо сабақи эҳсонкориву вафо омӯхт. Аз рӯзҳои аввали зухураш дар сиёсат ҳамчун ҷавонмарди қавиирода, ҷасур ва ҷонибдори адлу адолат ва ниёзмандон шуҳратёр гашт [21, с. 640].

Академик Бобоҷон Ғафуров тазаккур медиҳад, ки Яъқуб ибни Лайс марди ҷангии оддӣ ва шикатанафс буд, либоси миёна мепӯшид ва ҳама меъёрҳои муқаррашудаи айёронро риоя менамуд [204, с. 448].

Бояд иброз дошт, ки дар осори муаррихон насаб ва ибтидои кори Яқуб ибни Лайс чандон инъикос намешавад. Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус маълумоти «Таърихи Сиистон»-ро нисбатан комилу муфассал медонад. Мувофиқи маълумоти ин асари таърихӣ, шаҷараи Яъқуб ба сулолаҳои Сосониёну Каёниён мерасад. Тибқи маълумоти муаллифони «Таърихи Сиистон» ва «Ҳабибу-с-сияр», Яъқуб ибни Лайс ибни Муаддал дар деҳаи Карнини музофоти Заранҷи вилояти Сиистон дар оилаи рӯйгаре ба дунё омад. Падараш мисгар ва соҳиби чор писар – Яъқуб, Амр, Тоҳир ва Алӣ буд. Онҳо низ ҳунари мисгарӣ доштанд. Баъди вафоти падар, писари калонии хонадон Яъқуб касбашро дар доираи косибону ҳунармандон ва аҳли бозор такмил дод [21, с. 641].

Ба қавли Н. Ҳакимов, Яъқуб ибни Лайс дар ибтидо шогирди мисгаре буд. Касби мисгари (саффори)-ро омӯхт ва бародараш Амрӯро низ ба Заранҷ овард ва дар назди устои дуредгаре ба шогирдӣ гузошт. Дар охири солҳои 40-ум бародарон ба дастаи айёрони Заранҷ ҷалб шуданд. Яъқуб ибни Лайс муддате ба роҳзанӣ машғул шуд ва бо тақсими моли ғанимат дар миёни рафиқон чун айёри номӣ машҳур гардид [238, с. 294].

Тибқи ахбори муаррихон, Яъқуб бо бародаронаш – Амр, Алӣ ва Тоҳир чун аз мис ҳар гуна ашёи рӯзгор сохта, онро ба қалъагӣ сафед мекарданд, минбаъд онҳо ҳамчун саффор машҳур шуданд. Вақте Яъқуб ибни Лайс ба мансаби роҳбарӣ расид, ба унвони саффорӣ шуҳратёр гардид.

Дар замони камолоти Яъқуб шуҳарти айёрон боз ҳам афзуд. Маҳз хислати зиракӣ, ҷавонмардӣ ва саховатпешагӣ Яъқубро ба айёрон пайваст. Аз мазмуни маълумоти ин муаррихи асримиёнагӣ бармеояд, ки Яъқуб ибни Лайс бо бародаронаш дар миёни мардони далер, шуҷоъ, тавонманд ба камол расидаанд ва хислати онҳоро ба худ касб намуданд. Дар ҳошияи маълумоти Табарӣ Эмомалӣ Раҳмон меафзояд, ки Яъқуб ва бародаронаш ҳамчун намояндагони касби саффорӣ дар назди худ вазифа гузоштанд, ки зулму золимиро аз байн бурда, аз мазлумону меҳнаткашон ҳимоят менамоянд ва минбаъд бо дарназардошти баромади иҷтимоиашон бо унвонии Саффориён маъмул гардиданд [21, с. 641].

Маҳз ҳамин баромади иҷтимоӣ буд, ки баъзе муаррихони дарборӣ аз онҳо ба хубӣ ёд намекарданд. Саффориён дар воқеъ ашрофзода набуданд ва онҳо ба воситаи талошу заҳмати хеш ба арсаи сиёсат расиданд. Тафовути сулолаи Саффориён аз Бармакиёну Тоҳириён дар баромади иҷтимоиашон зоҳир мегардид. Ба қавле, онҳо қолаби таърихи табақотиро шикастанд ва собит намуданд, ки вобаста ба замон баъзе ашхоси ҷасуру кордони аҳли заҳмат низ ба ҳокимияти олӣ мерасанд.

Бино ба маълумоти манбаъҳои таърихӣ Яъқуб ва бародаронаш таҳти сарварии амакаш Касир ибни Раҳҳок ҷонибдорони худро муттаҳид ва бо гурӯҳи ошӯбгарони Солеҳ ибни Наср робита барқарор намуданд. Ҳокими Сиистон Солеҳ чун бо айёрон робита ва ҳамкории наздик дошт, тавассути онҳо Бӯстро ба Сиистон ҳамроҳ кард. Маҳз ҳамин хизмати Яъқуб ибни Лайс сабаб шуд, ки ӯ аз ҷониби Солеҳ сардори айёрони Бӯст таъйин шавад [238, с. 295].

Муаллифи номаълуми «Таърихи Сиистон» чунин менависад: «Ва кори Солеҳ ибни Наср ба Бӯст бузург шуд, ба силоҳу сипоҳ ва хазинаву мардон.

Ва ҳамаи қуввати сипоҳи ӯ аз Яъқуб ибни Лайс ва айёрони Сиистон буд. Ва ин андар кори Яъқуб буд» [197, с. 190].

Ба таъкиди Эмомалӣ Раҳмон, Яъқуб ба ҳайси сарвари айёрон ба муқобили зулму ситам ва ноадолатиҳои замон бархоста, ба корвонҳои халифа ва истисморгарони мардуми заҳматкаш (маъмурони хилофат) ҳуҷум намуда, ғанимати ба дастовардаро ба муҳтоҷону бенавоён тақсим мекард. Яъқуб ибни Лайс бо амалҳои ҷавонмардона ва хайр дар муддати кӯтоҳ дар Сиистон ва берун аз он ҳаводорони зиёд пайдо кард. Эътимоди мардуми заҳматкаш ба Яъқуб рӯз то рӯз зиёд мешуд [21, с. 642].

Солеҳ аз қудрату нуфузи Яъқуб дар муқобили ҳокимони арабтабор ва ҳатто намояндагони тоҳирӣ истифода мебурд. Кор то ҷое расид, ки соли 845 Солеҳ тавассути айёрон ҳокими дастнишондаи Тоҳириён дар музофоти Бӯст Аҳмадро барканор сохт, ки ӯ бо амри халифа Маъмун ба муқобили як гурӯҳи айёрон мубориза мебурд. Маҳз тавассути коргузории созандаи Яъқуб Солеҳ ба ҳокимияти Бӯст расид. Ҳамчунин, Солеҳ намояндагони сулолаи Саффориёнро ба муқобили хориҷиён таҳрик дода, ба ин васила мақомашро дар Сиистон таҳким бахшид.

Мутобиқи маълумоти муаллифи «Таърихи Сиистон», Яъқуб бо яке аз рақибони сарсахти Солеҳ – Аммор ибни Ясири Хориҷӣ, ки дар Кеш шӯб бардошта буд, мубориза бурд ва ӯро шикаст дод. «Аммори хориҷӣ ба ноҳияти Кеш берун омад, бо гурӯҳе аз хавориҷ. Солеҳ ибни Наср ибни Руқодро ва Яъқуб ибни Лайсро ва Дирҳам ибни Насрро аз ҷумлаи сакзиён бифиристод ба ҳарби Аммор. Аммор ба ҳазимат бирафт аз пеши эшон» [197, с. 642].

Эмомалӣ Раҳмон дар асоси таҳлили манобеъи таърихӣ менависад, ки баъди шикасти лашкари муттаҳидаи Аммор ибни Ясири Хориҷӣ ва Иброҳим ибни Ҳусайн музфоти Буст ва Заранҷ дубора аз ҷониби Яъқуб ибни Лайс тасхир шуд. Ҳамчунин, миёни Солеҳ ибни Наср ва Яъқуб барои тақсими ғанимати ҷангӣ нофаҳмӣ ба вуҷуд омад. Солеҳ ғанимати ҷангиро нахост аз рӯи адолат ба дигар айёрони сиистонӣ тақсим намояд ва дар натиҷа миёни

онҳо низоъ бархост. Дар ин раванд соли 858 миёни Солеҳ ва Яъқуб дар музофоти Анҷара ва Буст чандин муҳориба ба амал омад, ки он бо ғалабаи Яъқуб ва фирори Солеҳ анҷом ёфт [21, с. 643].

Ҳамин тавр, мутобиқи маълумоти «Таърихи Сиистон» айёрони сиистонӣ зимни байат ба сарлашкар Дирам ибни Наср соли 858 ӯро ба ҷойи бародараш ҳокими Сиистон ва Яъқуб ибни Лайсро амири лашкар интихоб намуданд. Баробари ин тағйирот амалиёт ба муқобили тарафдорони Тоҳириён ва Аббосиён оғоз гардид. Ба ақидаи академик Б. Ғафуров, истеъдоди ҷанговарӣ ва диловарӣ ба Яъқуб имкон дод, ки дар муддати кӯтоҳ роҳбарии фавҷро ба даст гирад. Ин фавҷ ба ҳаёти сиёсии вилоят таъсир гузошт ва дар шароити зуҳури шӯриши мардумони воҳаҳои зироатӣ соли 861 дастнишондаҳои тоҳириҳоро ронд ва маркази Сиистон шаҳри Заранҷро забт кард [202, с. 336].

Бо тақвияти нуфузи Яъқуб Дирҳам ибни Наср ба ҷони ӯ сӯиқасд ташкил намуд. Яъқуб баъди огоҳӣ ва пешгирӣ аз ин амал, Дирҳамро ба зиндон афканд. Айёрони Сиистон соли 861 Яъқуб ибни Лайсро бо таваҷҷуҳ ба шуҷоату далерӣ ва риояи адолат пешвои худ интихоб намуданд.

Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди тақвияти қудрати Яъқуб ибни Лайс менависад, ки ӯ барои татбиқи ин ҳадаф ва созиш бо хориҷиён ба назди роҳбари онҳо Азҳар ибни Яҳё сафир фиристод ва ӯро ба ҳамкорӣ даъват намуд [21, с. 644].

Бино ба маълумоти «Таърихи Сиистон», роҳбари хориҷиён Азҳар ибни Яҳё даъвати Яъқубро пазируфт ва соли 862 бо ҳазор пайраваш ба сипоҳи ӯ пайваст. «Ва Яъқуб меҳтарони эшонро хилъат дод ва некӯӣ гуфт, ки аз шумо ҳар ки сарҳанг аст, амир кунам ва ҳар ки яксавора аст, сарҳанг кунам ва ҳар ки пиёда аст, шуморо савор кунам ва ҳар чи пас аз он ҳунар бинам, ҷоҳу қадр афзоям» [197, с. 197].

Бояд гуфт, ки маҳз шуҷоату зиракӣ, дурандешию муросои Яъқуб буд, ки ҳатто душманонаш бо ӯ пайвастанд. Адолату таҳаммули Яъқуб барои ҳамагӣ мардуми Хуросон ошкору маълум буд. Яъқуб дар ибтидои кор

намехост якбора бо тамоми рақибонаш душманӣ ҷӯяд. Ин дар ҳоле буд, ки аёну ашрофи маҳаллӣ ба ҷои пуштибонии ӯ аз сиёсати Тоҳириён ва халифа дифоъ менамуданд. Чун Яъқуб аз табақаи поин, яъне аҳли заҳмат баромада буд, ӯро ашрофу заминдорони калон эътироф надоштанд. Бо назардошти ин, Яъқуб то замони таҳкими ҳукуматаш бо баъзе рақибону душманон муросо мекард.

Эмомалӣ Раҳмон зимни тавсифи таркиби сипоҳи Яъқуб ибни Лайс дар радифи айёрон ва ҷавонмардони сиистонӣ, ҳамчунин аз ҳазорҳо ҳангомаҷӯёни мазҳабҳои дигар, махсусан хориҷиёну алавиён, ҷавонони силаҳшӯри шаҳрӣ, косибону ҳунармандон, дарвешону қаландарон, фақирону бенавоён ёд мекунад, ҳамагӣ тибқи низоми роиҷ зери раҳбарии сарҳангону нақибон ва сарлашкарони ботаҷриба хидамт менамуданд [21, с. 644].

Дар маҷмуъ, ин дастаҳо таҳти роҳбарии Яъқуб ибни Лайс зери шиори озодихоҳӣ бар зидди ҳукумати арабҳо дар сарзамини Хуросон ва Эрон меҷангиданд. Аксари онҳо аз таълимоти иҷтимоии ислом бохабар буданд ва ҳеҷ гоҳ ин дин арабҳоро аз мардумони дигар боло намегузорад. Яъне, мардуми Хуросон дар минтақаи сукунаташон аз ҳама гуна ҳуқуқу имтиёзи сиёсӣ бархӯрдоранд. Маҳз ин огоҳӣ онҳоро бештар ба дифоъ аз ҳақу ҳуқуқи хеш таҳрик медод. Аз ин назар, ҳадафи асосии сипоҳиёни Сиистон ва Яъқуб ибни Лайс таъмини истиқлоли комили Эрону Хуросон буд. Бо ин ҳадаф Яъқуб ба таври рӯзафзун шумораи сипоҳиёнашро боз ҳам зиёд менамуд.

Эмомалӣ Раҳмон менависад, ки сипоҳиёни Яъқуб табиатан аз дигар корҳо озод шуда, қавлу аҳд мебастанд ва дар радифи айёрону ҷавонмардон камарбанд ва шалвори махсус мепӯшиданд. Онҳо аз дурӯғу хиёнат ва адои расму русуми сахо, сафо ва вафоро ба зимаашон мегузоштанд [21, с. 644].

Яъқуб ибни Лайс ҷавонони матинийродаву ҷасури хориҷӣ ва алавиро ҳам ба сафи сипоҳаш ҷалб менамуд. Барои онҳо дар баробари маоши доимӣ эҳтиром қоил буд. Маҳз ба ҳамин хотир хориҷиён ба сипоҳи Яъқуб пайваста, бар зидди Солеҳ ибни Наср ва подшоҳи Кобул Ратбил мубориза мебурданд.

Солеҳ ибни Насри дар ҳоли шикаст рӯ ба самти Кобул овард ва аз Ратбил кӯмаку паноҳгоҳ хост. Соли 862 дар наздикии музофоти Рухди назди Қандаҳор миёни сипоҳиёни Яъқуб ва лашкари муттаҳидаи Солеҳу Ратбил набарде ба амал омад, ки дар он Яъқуб ғалаба кард. Дастаи фидоиёни Яъқуб Солеҳро дастгир ва ба наздаш оварданд. Бо амри Яъқуб сардори мутаввиён Солеҳ ибни Наср дар Сиистон зиндонӣ ва баъди чанде вафот кард [21, с. 645].

Пас аз ин Яъқуб ибни Лайс яке аз сарварони хатарноки хориҷиён Аморро дастгир ва ба дор овехт. Акнун ғалабаҳои пайдарпай ӯро насиб мешуд. Соли 867 Яъқуб музофоти Пушанг ва Ҳиротро тасхир ва волии Тоҳириён Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳирро асир гирифт. Эмомалӣ Раҳмон Ҳиротро яке аз муҳимтарин марказҳои идории Тоҳириён меномад, ки дар минтақа аҳаммияти стратегӣ дошт. Мувофиқи маълумоти «Таърихи Сиистон», Яъқуб «қасди Ҳарӣ кард – рӯзи шанбе, ёздаҳ рӯз гузашта аз шаъбон ба соли дувисту панҷоҳу севвум (16 августи соли 867) ... Ва Яъқуб он ҷо фурӯд омад ва дергоҳ ҳарб карданд. Охир Ҳисор бисита д» [197, с. 178].

Эмомалӣ Раҳмон дар такя ба ду сарчашмаи муътамади таърихӣ, монанди «Таърихи Сиистон» ва «Равзату-с-сафо» тазаккур медиҳад, ки забти Ҳирот боиси таназзули давлатдории Тоҳириён гардид. Ин зафар руҳияи Яъқубро баланд бардошта, роҳи ӯро ҷиҳати пурра шикаст додани Тоҳириён ҳамвор сохт. Охирин амири Тоҳириён Муҳаммад ибни Тоҳир бо мақсади шикаст додани Яъқуб сарлашкари ботаҷрибаи худ Илёс ибни Асадро бо сипоҳи зиёде фиристод. Муҳориба соли 867 дар назди Пушанг ба амал омад ва бо шикасти Тоҳириён анҷом ёфт. Мирхонд дар ин хусус менависад, ки Яъқуб Пушангро, ки «доруссалтанати Тоҳирия буд, низ бигрифт. Ва ба қавле Муҳаммад ибни Тоҳир гурехта ба Нишопур рафт» [197, с. 178].

Вақте Иброҳим ибни Илёс дар ҳоли шикаст ба назди Муҳаммад ибни Тоҳир баргашт, амири тоҳирӣ қазияи муҳорибаро пурсон шуд. Ӯ дар ҷавоб гуфт, ки «Бо ин мард ба ҳарб ҳеҷ наояд, ки сипоҳе ҳавлнок дорад ва аз куштан ҳеҷ бок намедоранд ва бетакаллуфу бенигариш ҳама ҳарб кунанд ва бидуни шамшер задан ҳеҷ коре надоранд, гӯйи, ки аз модар ҳарбро зодаанд.

Ва хаворич бо ӯ ҳама яке шудаанд ва ба фармони ӯянд. Савоб он аст, ки ӯро истимолат карда ояд, то шарри ӯ ва они хаворич бад-ӯ дафъ бошад ва марде чид аст ва шоҳфунун ва ғозитабъ» [57, с. 5823].

Ҳамин тавр, ғалабаҳои пайдарпайи Яъқуб аз таназзули ҳукумати Тоҳириён ва нотавонии Муҳаммад ибни Тоҳир дар муқобили Саффориён гувоҳӣ медод. Дар ин ҳол «Муҳаммад ибни Тоҳир заъиф шуд, чи аксари билоди Хуросонро Яъқуб ибни Лайс гирифта буд. Ва вилояти Ҷурҷонро тозӣ – Ҳасан ибни Зайд мутассариф гашта» [197, с. 179].

Эмомалӣ Раҳмон менависад, ки Муҳаммад ибни Тоҳир чун аз ҷасорату нуфузи қудрати Яъқуб ба ҳарос омад, ночор фармони ҳукумати Сиистон, Кобул, Кирмон ва Форсро бо хилъати муносибе ба ҳузури Яъқуби Лайс фиристод ва ба ин восита мақсад дошт роҳи созиш пеш гирад. Яъқуб ҳам дар навбати худ аз гирифтани маншури аморат қаноатманд шуда, ба Сиистон баргашт ва тариқи нома ба Усмон ибни Аффо супориш дод, ки номи ӯро дар хутба зикр намоянд [21, с. 646].

Ҳамчунин, Яъқуб солҳои 868–869 пас аз Кобул музофоти Бомиён ва Зобулистонро низ забт кард. Пас аз ишғоли Балх ба ҳукумати хонадони маҳаллӣ – Довудиён хотима бахшид. Ниҳоят Яъқуб бо сипоҳаш роҳи Кирмонро пеш гирифт. Раванди тасхири Кирмон ҳам дар «Таърихи Сиистон» ва ҳам дар «Таърихи Табарӣ» зикр шудааст. Мувофиқи маълумоти Табарӣ, музаффарияти Яъқуб халифа Муътамидро ба ташвиш овард ва ӯ зимистони соли 868 яке аз сарлашкарони корозмуда Тавқ ибни Муғаллисро бо сипоҳи зиёде ба ёрии Алӣ ибни Ҳусайн ибни Қурайш, ки талабгори ҳукумати Кирмон буд, фиристод. Алӣ ибни Ҳусайнро халифа барои пешгирӣ аз кишваркушоии Яъқуб ибни Лайс ба самти маркази хилофат равона месозад. Ин сарлашкари араб халифаро ҳушдор месозад, ки Тоҳириён дар ҳоли коҳиши нуфузашон дигар аз уҳдаи ҷамъоварӣ ва пардохти хироҷи вилояти Форс намебароянд ва минтақа дар зери таъсири Яъқуб ибни Лайс қарор гирифтааст. Ба қавли Табарӣ халифа «вилоятдории Кирмонро барои ӯ навишт ва ҳам вилоятдории он ҷоро барои Яъқуб навишт. Мехост бо ин кор

ҳар як аз онҳоро бар зидди якдигар барангезад, ки ҳар ки талаф шавад, заҳматаш аз султон бархезад ва танҳо дигаре пардозад, ки ҳар кадомашон душману исёнгари вай буданд» [40, с. 1211].

Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба ин менигорад, ки Яъқуб аз худсарии Алӣ ибни Ҳасан барошуфт ва бо лашкари зиёде азми Кирмон намуд, дар манзиле пойгоҳашро ташкил кард. Ҳамчунин, Тавқ ибни Муғаллис соли 869 бо сипоҳи муттаҳидаи Алӣ ибни Ҳусайн дар қалъаи Кирмон мавқеъ гирифт ва ба набард омода гашт [21, с. 646]. Тибқи маълумоти Табарӣ, Яъқуб дар чор самт масири ҳисори Кирмонро муҳосира намуд ва аз аз мақому ҳолати сипоҳи Тавқ бохабар мешуд. Баъди ду моҳ Яъқуб дар ҳоли ақибнишинии сипоҳаш чунон вонамуд кард, ки аз муҳосира ноумед шуда, ба Сиистон ҳаракат менамояд. Аз ин бозии Яъқуб Алӣ ибни Ҳусайн пай набурд ва бо сипоҳи хеш ба айшу ишрат машғул шуд. Яъқуб дар ин ваъзи муносиб ба шаҳр ҳуҷум кард ва ба осонӣ душманро шикаст дод. Алӣ ибни Ҳусайн баъди фирор соли 870 дар Шероз аз тарафи Яъқуб дастгир шуд.

Бояд гуфт, ки дар ин давраи ҳасос рақиби асосии Тоҳириён, яъне дастаҳои хавориҷ дар ҳар лаҳза ба онҳо мушкилӣ эҷод менамуд. Махсусан, дастаҳои хавориҷи Сабзавор, ки иборат аз ду ҳазор буданд, таҳти роҳбарии Абдурраҳмони Хориҷӣ дар таҳаввулоти минтақа таъсири зиёд доштанд. Эмомалӣ Раҳмон муборизаи Тоҳириёнро бо дастаҳои хавориҷи Сабзавор дар асоси манобеъи таърихӣ шарҳу тавзеҳ дода, менависад, ки соли 872 Абдураҳмони Хориҷӣ сар бардошт ва молу сармояи заминдорони калон, ашроф ва ҳокимони тоҳириро мерабуд. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо Абдурраҳмони Хориҷӣ ҳатто даъвои тахти хилофат дошт ва худро «Мутаваккил» меномид. Ӯ сулолаи Аббосиёнро ба адами риояи шариати исломӣ айбдор мекард. Дар «Таърихи Сиистон» зикр мешавад, ки «Абдурраҳими хориҷӣ, ки бархоста буд аз кӯҳи Карух ва хешро амиралмуъминин ном ниҳода ва лақаб карда «Мутаваккил ъалаллоҳ» ва даҳ ҳазор мард бар хештан ҷамъ карда аз хавориҷ ва кӯҳҳои Ҳариву Исфизор ва

навоҳии Хуросон фурӯ гирифта ва тохтанҳо ҳамекард ва сипаҳсолорони Хуросон ва бузургон аз ӯ оҷиз шуда буданд, Яъқуб қасди ӯ кард» [56, с. 832].

Охирин намояндаи тоҳирӣ Муҳаммад ибни Тоҳир чун дар мубориза бар муқобили хориҷиён ночор монд, Яъқуб ибни Лайсро ҳамчун волии қонунии Сиистон, Форс ва Кирмон барои саркӯбии онҳо равона кард. Соли 872 зимни ҳуҷуми Яъқуб ба самти Сабзавор аҳволи хавориҷ вазнин гардид ва онҳо ба таслим водор шуданд. Ҳамин тавр, сарвари хориҷиён Абдурраҳмон бо Яъқуб созиш кард. Аз ин амали Абдурраҳмон хориҷиён норозӣ шуда, ӯро ба қатл расониданд ва ба ҳайси пешвои худ Иброҳим ибни Азҳарро интихоб карданд [21, с. 647].

Ҳамин тавр, Яъқуб ибни Лайс Иброҳим ибни Азҳарро низ ҳокими Сабзавор таъйин карда, ба ӯ амр дод, ки ҳама дастаҳои хориҷиро ба сипоҳи саффориён ҷалб созад. Ҳақ бар ҷониби Эмомалӣ Раҳмон аст, ки ин амали Яъқубро ҷавонмардию олиҳимматӣ меномад. Бо ҷалби хориҷиён сипоҳи Яъқуб шаклу низоми тоза гирифт.

Яъқуб ибни Лайс бо ташкили сипоҳи муназзам соли 873 ба ҷониби маркази Тоҳириён шаҳри Нишопур ҳаракат намуд. Ӯ ҳангоми убур аз музофоти Довудобод дар фосилаи семанзилии Нишопур пайғом фиристод, ки Муҳаммад ибни Тоҳир бояд бо аҳли хонадону дарбориёнаш ба саломи ӯ ҳозир шавад. Муҳаммад, ки аз қудрати Яъқуб воқиф буд, бо аҳли хонадон ба пешвози Яъқуб баромад. Яъқуб бузургону ашрофи Хуросонро пазируфт. Тибқи маълумоти Табарӣ, амр дод, ки Муҳаммад ибни Тоҳирро «бо ақорибу аъён, ки маҷмуъ 150 нафар буданд, банд карда ба Сиистон фиристонанд».

Эмомалӣ Раҳмон ба лаҳзае аз маросими тахтнишинии Яъқуб ибни Лайс ишора менамояд, ки баъзе аз аҳли уламо ва бузургон бо сababи адами маншури халифа ба ӯ эътироз намуданд. Яъқуб дар миёни ду ҳазор сипоҳӣ ба уламо ва бузургони Нишопур хитоб кард, ки «Теғ на аз баҳри он овардам, ки ба ҷони касе қасде дорам, аммо шумо шикоят кардед, ки Яъқуб аҳди амирулмуъминин надорад, хостам бидонед, ки дорам!.. Амирулмуъмининро

на ин теғ нашондааст?» Гуфтанд: «Бале». Гуфт: «Маро ба ин ҷойгоҳ низ ҳамин теғ нишонад. Аҳди ман ва они амирулмуъминин якест!» [21, с. 648].

Доир ба сарнавишти минбаъдаи охирин намояндаи тоҳирӣ Муҳаммад ибни Тоҳир баъзе муаррихон бар ин назаранд, ки ӯ дар музофоти Сиистон баъди чанд соли ҳабс дар зиндони Ҷанаб фавтид ва ҷасадашро дар ҳамон зиндон дафн кардаанд. Эмомалӣ Раҳмон бар асоси таҳлили маълумоти Табарӣ ва Гардезӣ менависад, ки Яъқуб ибни Лайс ҳангоми тасхири музофоти Аҳвоз ва Форс Муҳаммадро дар рикоби худ ҳамроҳ мебурд. Чун Яъқуб дар муҳорибаи Дайрулуқул аз тарафи сипоҳи халифа шикаст хурд, Муҳаммад ибни Тоҳир дарбори хилофат паноҳ овард. Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди дурустии ин ақида чизе намегӯяд, аммо дар соли 874 аз ҳуҷуми Яъқуб ибни Лайс ба самти вилоёти Деҳистон, Табаристон, Мозандарон, Омул ва Рай ёд менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин ба тақвияти нуфузи Яъқуб ибни Лайс ва густариши қаламрави ҳукумати ӯ дар Хуросон низ таваҷҷуҳ менамояд. Яъқуб ибни Лайс аввалан дар Форс Муҳаммад ибни Василро шикаст дода, Истахрро забт менамояд. Мувофиқи маълумоти «Таърихи Сиистон», Яъқуб ибни Лайс ҳангоми тасхири шаҳри Истахр ва вилояти Форс, чунон ғанимати зиёд ба даст овард, ки дар давоми сӣ рӯз панҷсад хачир ва панҷсад уштур аз қалъаи он аз субҳ то шом дирҳаму динор, фаршу қолин, матоъву либос, силоҳҳои зарандуд, тиллову танга ва зарфҳои гаронбаҳоро мебурданд [197, с. 215].

Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки бо ғалаба ва пирӯзиҳои пайдарпайи Яъқуб ибни Лайс халифа Муътамид ба ҳарос омад ва хост, ки нисбат ба ӯ низ аз таҷриба ва найранг кор гирад. Бинобар ин, бо мақсади пешгирӣ аз ҳуҷуми нобаҳангоми Яъқуб ибни Лайс ба самти Бағдод соли 874 чанд муқаррабашро бо сарварии қозии вақт Исмоил ибни Исҳоқ бо пешкаши гарон, парчами давлат ва маншури аморати мулкҳои Хуросон, Табаристон, Ҷурҷон, Рай, Форс ва шаҳрбони Бағдод фиристод [21, с. 648]. Яъқуб, ки сиёсатмадори фавқулодда дурандеш ва ҷасур буд, аз макру найранги халифа огоҳ шуд. Забеуллоҳи Сафо дар ин мавид барҳақ менависад, ки Яъқуб ибни

Лайс «итоатеро аз Бағдод ё судури фармонеро аз он ҷо барои худ лозим намешумурд» [231, с. 12].

Ба андешаи академик Б. Ғафуров, ҳарчанд ҳукумати Бағдод аз ин муваффақияти Яъқуб хеле ба изтироб афтода, барои бештар паҳн нагардидани нуфузи ӯ баъзе чораҳо пешбинӣ карда бошад ҳам, натиҷае набахшид. Аз ин сабаб халифа дар соли 874 ин амри воқеиро эътироф намуда, маҷбур гардид, ки идора кардани тамоми хоки Хуросонро ба Яъқуб супорад [202, с. 336].

Яъқуб ибни Лайс чун дипломати моҳир дар навбати худ он туҳфа ва фармони халифаро дар Ромҳурмузд пазируфт ва ба фиристодаҳо муомилаи хуб ҳам намуд. Яъқуб баъди пахши ҳаракати Муҳаммад ибни Васил ва Муҳаммад ибни Зайдуя соли 875 ба Аҳвоз ҳаракат менамояд. Аз манобеи таърихӣ бармеояд, ки акнун ҳадафи ниҳоии Яъқуб ибни Лайс ҳуҷум ба Бағдод ва ба ин васила сарнагун намудани ҳукумати халифаҳои араб дар сарзаминҳои ниёкон маҳсуб меёфт. Тибқи маълумоти «Таърихи Сиистон», дар солҳои 876–877 сафирону намояндаҳои зиёде аз Туркистон, Ҳинд, Синд, Чин, Рум ва Шому Яман ба назди Яъқуб омада, ӯро бо унвони «малику-д-дунё» васф мекарданд [21, с. 649].

Бо вуҷуди он ки халифа маншури идораи Хуросонро ба Яъқуб дод, вале ӯ бо мақсади дарёфти истиқлоли комил хост хилофатро дар Бағдод сарнагун созад. Дар китоби «Давлатдории тоҷикон ...» омадааст, ки «Яъқуб чун дар он вилоят мустақил гашт, азимати Бағдод намуд. Халифа маншури ҳукумати Хуросон ва Табаристону Форс пеши ӯ фиристод, то бозгардад. Ва чун расули дорулхилофат ба Яъқуб расид, гуфт: «Ман ба амсоли инҳо розӣ намешавам ва албатта ба Бағдод хоҳам омад». Муътамиди халифа ин хабар истимоъ намуда, бародари худ – Муваффақро бо лашкаре ба истиқболи Яъқуб равон фармуд» [197, с. 218-219].

Вақте хабари ҳуҷуми Яъқуб ба Бағдод фош шуд, фақирону бенавоён ва мазлумон дар маркази хилофат хостанд ба нишони исён дар муқобили халифа Муътамид ва бародараш Муваффақ ба сипоҳи Яъқуб бипайванданд.

Халифа зери фишори овозаи ҳаракати сипоҳи Яъқуб ба бародараш Муваффақ нома навишт ва ӯро ба Ҷунди Шопур фиристод. Эмомалӣ Раҳмон дар такя ба маълумоти муаррихон менигорад, ки Муваффақ Яъқуб ибни Лайсро ба пойтахт даъват намуд ва хост дар ивази таслими сарварии тамоми хилофат ба вай, номаш танҳо ҳамчун ҳомии дин дар хутбаҳои намоз ёд шавад.

Ба назари инҷониб халифа дар қиболи Яъқуб шикасти комили хешро тасаввур карда буд, зеро мардуми Бағдод дигар ба пуштибонӣ аз хилофат майл надоштанд. Аз тавсифи муаррихон чунин маълум мешавад, ки аксар мардуми норозӣ дар хилофат исёни пешвои ҷасуру кордидаеро интизор буданд. Новобаста аз асли баромади Яъқуб ҳама ба адолату раъиятпарварии ӯ эътимод доштанд. Бинобар ин, лаҳзаи пайвастани онҳо ба сипоҳ фаро расида буд.

Яқъуб ба ваъдаҳои халифа эътимоду боварӣ ҳам надошт. Мувофиқи маълумоти «Сиёсатнома», Яъқуб фармон набурда гуфт: «Маро орзу чунон аст, ки лобудд ба даргоҳ оям ва шарти хидмат ба ҷой орам ва аҳд тоза гардонам, то ин накунам, бознагардам» [197, с. 219].

Аз маълумоти «Таърихи Сиистон» бармеояд, ки Яъқуб аз найранги халифаҳои пешин дар баробари ниёконаш огоҳии комил дошт. «Ва бисёр гуфти, ки давлати Аббосиён бар ғадру макр бино кардаанд. Набинӣ, ки бо Бусалама ва Бумуслим ва оли Баромика ва Фазли Саҳл бо чандон некӯие, ки эшонро андар он далват буд, чӣ карданд? Касе мабод, ки бар эшон эътимод кунад» [21, с. 649]. Аз сӯи дигар, Яъқуб ибни Лайс дарк намуда буд, ки халифа дар муқобилаш ночору нотавон мондааст ва ин фурсат барои таҳкими истиқлол бисёр муносиб мебошад.

Ба назари Эмомалӣ Раҳмон, Яъқуб дар роҳи мубориза барои озодӣ хуб медонист, ки ин лаҳза барои барандохтани хилофати Аббосиён ва ташкили давлати мустақили миллӣ тақдирсоз аст. Халифаҳои аббосӣ дар муқобили ӯ ҳама тадбирҳоро андешиданд. Махсусан, истифодаи ашхоси худӣ ва бегона дар муқобили Яъқуб самарае надод. Бинобар ин, дар ҳудуди шашяки хилофат онҳо рӯзҳои вопасини худро мешумурданд [21, с. 650].

Халифа Муътамид ва бародараш пай бурданд, ки дигар барои баргардондани Яъқуб имкон нест, бинобар ин, роҳи дигарро пеша карданд. Ба ақидаи Эмомалӣ Раҳмон, онҳо ночор бо кушодани дари хазина ва зарпошӣ сипоҳи зиёде ҷамъ намуданд.

Ин маънои ҳалли низомии масъаларо дошт. Халифа дарк карда буд, ки барои Аббосиён хатари ҳуҷуми Яъқуб бисёр хатарзо аст. То ин лаҳза зуҳури шӯру исёнҳои маҳаллӣ аз назари ҷуғрофӣ дар ин ё он ҳудуд маҳдуд мешуданд. Агар талошҳо баҳри истиқлол ҳам сурат мегирифт, то ин сатҳ ошкор набуд. Акнун сарнавишти хилофат аз лашкаркашии Яъқуб бастагии зиёд дошт. Халифа бо сипоҳи хеле зиёд аз Бағдод берун шуда, дар қисми шимолу шарқии дарёи Даҷла, дар маҳали Дайрулуқул, яъне дар байни музофоти Восит ва Бағдод мавқеъ гирифт. Эмомалӣ Раҳмон дар шарҳи ин масъала менависад, ки Яъқуб соли 877 бо сипоҳи зиёд ба ҳадафи забти Бағдод ба ҷониби Дайрулуқул ҳаракат кард ва мехост хонадони Аббосиёнро сарнагун созад. Мақсади ниҳоии Яъқуб ташкили давлати муқтадире дар пояи истиқлоли миллӣ бо фарогирӣ аз манотиқи Хуросону Мовароуннаҳр ва Ироқу Аҷам маҳсуб меёфт [21, с. 650].

Дар «Сиёсатнома» зикр мешавад, ки «чун Яъқуби Лайс даррасид, баробари лашкаргоҳи халифа фурӯд омад ва ҳар ду лашкар дар ҳам омехтанд. Яъқуби Лайс ҳам дар рӯз иён зоҳир кард ва кас ба халифа фиристод, ки Бағдодро бипардоз ва ҳар куҷо мехоҳӣ, мерав! Халифа ду моҳ замон хост» [197, с. 219]. Ин ҳама найранги халифа танҳо барои вақткашӣ ва омодагӣ бар зидди Якуб  равона шуда буд. Халифаи маккор хатогии Яъқубро интизор буд ва ба ин васила мехост ӯро ҳамчун душмани ислом ва мусулмонон нишон диҳад. Аммо барои ҷомеа амалу рафтор ва сиёсати Яъқуб ошкор буд. Ҳатто мардуми Шому Ироқ мехостанд дар мубориза ба муқобили халифа бо Яъқуб муттаҳид шаванд.

Бояд гуфт, ки дар раванди муҳорибаи шадиди соли 877 Муваффақ ба сарлашкараш Иброҳим ибни Симо либоси ҷангии худро пушонид ва бо ин васила мехост Яъқуб аз ҳузури халифа дар лашкар ба ҳарос биафтад. Вале ба

ақидаи ин ҷониб, агар Яъқуб ба ҳарос дода мешуд, ҳеҷ гоҳ ба маркази хилофат ҳуҷум намекард. Ҳамин тавр, Яъқуб дар набард аз худ шуҷоату корнамоии зиёде нишон дод, аз ҷумла сипоҳи якачини халифаро ба шикаст мувоҷеҳ сохт ва Иброҳим ибни Симоро ба қатл расонд. Дар натиҷаи ин муҳорибаи шадид халифа аз тарси шикасту нокомӣ фармон дод, ки сади дарёи Даҷларо кушоянд. Дар натиҷаи шикасти дарғот ва сарозер шудани оби дарё ба майдони муҳориба дастаҳои пешсафи Яъқуб ва дастаҳои фирории халифа қисман нобуд ва қисман пароканда шуданд [21, с. 650].

Дар радифи талафоти бузурги халифа, ҳамчунин Яъқуб ҳам дар набарди мазкур талафоти зиёд дид. Махсусан, ӯ сарлашкарони хеш Ҳасани Дирҳамӣ ва Муҳаммади Касирро аз даст дод. Пас аз муҳориба Яъқуб ба Шуш ақибнишинӣ намуд, то дигарбора барои сарнагун кардани хилофат сипоҳ, силоҳ ва хироҷ гирдоварӣ намояд. Халифа баъди огоҳӣ аз мақсади Яъқуб ба назди ӯ сафир фиристод. Ӯ сафири халифаро дар назди Ҷунди Шопур пазируфт, вале аз амали худ ҳеҷ пушаймоние изҳор накард. Ин дар ҳоле буд, ки халифа дар номааш аз шоистагӣ ва хидмати шоистаи Яъқуб дар Хуросону Ироқ ёд мекард.

Аз маълумоти манбаҳои таърихӣ бармеояд, ки Яъқуб ба тасмими худ дар мавриди касби озодӣ ва истиқлоли Хуросон устувор буд. Ӯ барои зиндагии шоистаи мардуми заҳматкаш мубориза мебурд, ки умрашон зери зулму истимори маъмурони халифа сипарӣ мешуд. Чун хулафои араб дар сиёсати қавмии худ нисбат ба мардумони Хуросону Мовароуннаҳр зулму ситамро пеш гирифтанд, зуҳури чунин ҳаркатҳои озодихоҳӣ қатъӣ буд. Яъқуб ҳам дар ин масъала ҳеҷ мудоро намекард, зеро барои ӯ таҷрибаи талхи Абумуслим, Бармакиён ва Тоҳир бисёр ошкору рӯшан буд.

Эмомалӣ Раҳмон дар асоси таҳлили манобеи таърихӣ ба хулоса меояд, ки хадамоти ӯ дар масири расидан ба истиқлоли миллӣ бо назардошти вазъи мураккаби давр беназир буд.

Ҳамакнун, Яъқуб моҳи июли соли 879 бори дуюм ба самти Бағдод азми ҳаракат намуд. Ба ақидаи муаллифи «Таърихи Сиистон», чун се манзил

бирафт ва ӯро иллати куланҷ буд, куланҷаш бигрифт ва ҳолаш ба ҷое расид, ки донист, ки аз он дард нараҳад, бародари хеш Амри Лайсро валиаҳд кард ва ганҷномаҳо ба вай дод ва бимурд [197, с. 223-224].

Аксар муаррихон санаи марги Яъқубро ба 9-уми июли соли 879 марбут медонанд. Дар хусуси Яъқуб ва корномаи беназири ӯ баҳри истиқлоли Хуросон ҳаминро бояд зикр кард, ки ӯ ҳеҷ вақт бо дастури аҷнабие ба зарари мардум тасмим намегирифт. Зеро таҷрибаи талхи абармардони озодихоҳ Абумуслим, Тоҳир ибни Ҳусайн ва дигарон барои Яъқуб рӯшану возеҳ буд. Бинобар ин, ӯ ҳеҷ вақт ба амри хулафои араб дар манотиқи аҷдодӣ сар фурд наовард ва бо тамоми ҳастӣ баҳри бартараф кардани истисмор мубориза бурд. Ҳарчанд, халифаи аббосӣ ин муборизаҳоро як навъ илҳод ва сарпечӣ аз аҳкоми динӣ медонистанд, вале дар талошҳои Яъқуб ҳеҷ гуна ихтилофе аз аҳкоми исломӣ мушоҳида намешуд. Муборизаҳои Яъқуб сирф муқобили хилофати Аббосиён ва сиёсати қавмии онҳо равона шуда буд.

Эмомалӣ Раҳмон бар асоси таҳлили осори таърихӣ хадамоти Яъқуб ибни Лайсро тақрибан дар ҳабдаҳ соли амораташ дар Хуросон, Сиистон, Кобул, Синд, ҳинд, Форс ва Кирмон тавсиф менамояд, зеро дар Макка ва Мадина номаш дар хутба баробари халифа чун «малику-д-дунё» зикр мешуд. Ӯ менависад, ки Яъқуб ҷасуру шуҷоъ ва қавиирода буда, дар ҳама мушкилоти набарду муборизаҳо ҳамчун сарбози қатори шикастанафс рафтор менамуд. Яъқуб аз айшу ишрат дур буда, кораш ба тадбири низоми силоҳ ва умури лашкардорӣ бештар рабт дошт [21, с. 651].

Дар сарчашмаҳои таърихӣ Яъқуб ибни Лайс ҳамчун абармарди шуҷоъ, кордону зирак тавсиф мешавад. Махсусан, дар «Таърихи Сиистон», ки ягона асари мукаммале доир ба оини кишвардории Саффаориён аст, аз хислатҳои неки ӯ, ба мисли ҷавонмардӣ, ҷасурӣ, таваккул, силаҳшурӣ, сидқу вафо, адлу инсоф ва ғ. ёд мешавад.

Муаррихи тоҷик Н. Ҳакимов зикр менамояд, ки Яъқуб марди сипоҳӣ ва сиёсӣ буд. Ӯ аз ҳолати оммаи меҳнаткаш ва амалдорон огоҳии хуб дошт. Нисбат ба ҳамнишинонаш бо самимият рафтор мекард. Зиндагии содда ва

сипоҳиёна ихтиёр карда буд. Ҷои нишасташ замин, либосаш пахтагин, ҷои хобаш замину таги сараш сипар ва ё қабзаи (дастаи) шамшераш буд. Хӯрокаш аз он чӣ ки аскаронаш тановвул мекарданд, зиёд набуд. Яъқуб аз аҳолие, ки аз 500 дирҳам мол камтар доштанд, ҳеҷ чиз намеситонд. Ӯ шахсияте буд, ки ба мардуми оддӣ такя мекард ва онҳо низ ба боварӣ аз қафояш рафтанд [238, с. 295].

Мувофиқи маълумоти Ҳусайн Воизи Кошифӣ, рӯзе ҷавонмардони Сиистон дар мавриди бартарӣ ва зебоии аҷнос тавсиф менамуданд. Яке аз матъоҳои атласи чинӣ тавсиф мекард, дигаре аз тоҷи румӣ ва севумӣ аз шароби арғувонӣ. Вақте навбат ба Яъқуб расид, ӯ гуфт: «Хубтарини либосҳо рағза аст ва беҳтарини тоҷҳо хирад ва хуштарини манзилҳо маъракаи ҳарб ва зеботарини шаробҳо хуни душманон ва рехтан ва латифтарини сояҳо сояи найза ва зарифтарини овозҳо шиҳаи аспон ва гиромитарини инсонҳо мардони корзори ҷанг мебошанд» [197, с. 228].

Ба қавли академик Б. Ғафуров, Яъқуб то интиҳои ҳаёташ ҳамчун марди ҷангии сода ва шикастанафс боқӣ монд, либоси оддии ресмонӣ мепӯшид, ба палос ва қолин аҳаммият надода, ба замин менишаст ва дар вақти истироҳат сарашро ба ҷои болишт ба рӯи сипари худ гузошта мехобид. Дар айни ҳол ӯ бо мароми ҷунбишҳои халқии Осиёи Марказӣ ягон қадар наздикие надошт [202, с. 336].

Яъқуб аз рӯзҳои нахуст чун марди ҳарбӣ бештар ба низоми лашкардорӣ такя менамуд. Ӯ медонист, ки бе сипоҳи муназзам ҳадафи хешро амалӣ карда наметавонад. Ҳамин буд, ки ӯ барои таҳкими низоми лашкардорӣ ва танзими кори сипоҳиён тасмими судманде андешид. Ӯ ба тартиби либосу силоҳ, лавозими ҷангӣ, тамрину машқ, интихоби фавҷи сарбозон диққати махсус зоҳир менамуд. Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди низоми лашкардории Яъқуб менависад, ки ӯ дар радифи дастаи ҷанговарони савора, ҳамчунин панҷ ҳазор сарбози уштурсавор ва дастаи филҳои ҷангиро созмон дода буд, ки ҳамлаи нобаҳангоми онҳо боиси ҳаросу парокандагии сафи душман мегардид. Ҳамчунин, Яъқуб қабл аз набард аз вазъи омодагии ҷангӣ, аҳволи маишӣ ва

таъмини хӯрду хӯроки сарбозонаш ҳамеша бохабар буд ва худ низ бо тушаи сарбозӣ қаноат мекард [21, с. 652].

Тафовути Яъқуб аз дигар саркарда ва муборизони роҳи озодӣ дар баромади иҷтимоиш зоҳир мегардид. Ӯ ки аз миёни оммаи заҳматкаш баромада буд, ҳамеша ба хоксорӣ ва адлу инсоф таваҷҷуҳ менамуд, вале дар муносибат бо душман раҳм надошт. Маҳз чунин хислати ӯ сабаби тарсу ҳароси халифаи аббосӣ шуда буд. Тибқи маълумоти Эмомалӣ Раҳмон ва дигар таърихнигорон, қабри Яъқуб ибни Лайс дар музофоти Ҷунди Шопур, дар ҷанубу шарқии Дизфул, дар рустои Шаҳобод воқеъ аст. Дар сари қабри ӯ ду байте бо забони арабӣ ҳаккокӣ шудааст, ки аз ҷасорату кишваркушоӣ ва адлу инсофи ин давлатмард гувоҳӣ медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон дар қиёс бо дигар муаррихон корномаи Яъқуб ибни Лайсро дар бастагӣ ба манофеи миллии мардумони Хуросону Мовароуннаҳр баҳогузорӣ менамояд. Аз ҷониби дигар, ӯ зимни омӯзиши оини кишвардории Яъқуб ибни Лайс бештар маълумоти манбаъҳои таърихиро мавриди итминон медонад.

Чунонки маълум аст, баъди Яъқуб бародараш Амр ибни Лайс бо хоҳиши худи ӯ зимоми ҳукумати Хуросонро ба даст гирифт. Дар «Таърихи Сиистон» зикр мешавад, ки «Чун Яъқуб андар гузашт, Амр ва Алӣ – ҳар ду бародар ҳозир буданд. Аҳди Алӣ ва фармони ӯ равотар буд бар сипоҳ, аз он чи Амр ба хашм ба Сиистон омада буд ва он ҷо нав фаро расид. ... Пас ҳамаи сипоҳ Амрро байъат карданд» [56, с. 120-121].

Эмомалӣ Раҳмон таҳаввулоти замони ҳукумати Амр ибни Лайсро низ дар осораш бар асоси маълумоти манбаъҳои таърихӣ шарҳу тавзеҳи мушаххас медиҳад. Ба қавли ӯ, бо марги Яъқуб халифа Муътамид аз рақиби тавонои худ раҳид, вале тибқи васияташ сафир Аҳмад ибни Абиасбаъро тобистони соли 879 ба хотири созиш ба ҳузури Амри Лайс фиристонд. Халифа бо ин Амрро ҳамчун амири Хуросон шинохта, вилоятҳои Форс, Кирмон, Исфаҳон, Ҳамадон, Рай, Қум, Гургон, Табаристон, Занҷ, Сиистон, Кобул ва Синдро бо шарти пардохти андози ҳарсола дар ҳаҷми 20 миллион

дирҳам ба ихтиёраш месупорад. Ҳамчунин, дар навбати худ Амри Лайс ҳуқуқ пайдо мекунад, ки дар маркази хилофат шаҳри Бағдод ҳоҷиби худ Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳи Тоҳириро аз хонадони Тоҳириён таъйин карда, аз болои фаъолияти ҳоҷибони шаҳрҳои Макка ва Мадина назорат барад [21, с. 653].

Ҳамин тавр, халифаи аббосӣ баъди он ҳама зиддияту муборизаи оштинопазири Яъқуб ибни Лайс бо ворисаш Амри Лайс муросо менамояд. Муҳаққиқ Н. Ҳакимов муносибати Амрро бо хилофат дар маҷмуъ ба се давра ҷудо менамояд: вобастагӣ, муқобилият ва озодшавӣ аз Бағдод. Аз соли 878 то соли 885 Амр бо халифаҳои Бағдод роҳи муросоро пеш гирифта, рақибони дохилии худро дар ин роҳ маҳв сохт ва ба ивази ин сиёсаташ аз дасти халифа маншури вилояти Кобулу Ҳинд, шаҳнаи Бағдоду мулкҳои дигари Эрони Ғарбиро гирифт. Ҳатто уҳдадор шуд, ки соле ба хазинаи Хилофат 20 милён дирҳам андоз диҳад ва онро адо мекард. Дар солҳои 889- 895 вай ба Бағдод дар рақобат буд ва чанд бор ба мулкҳои Бағдод ҳуҷум ва нақшаҳои Хилофатро дар Шому Миср халалдор намуд. Ин зиддият ба ҷое расид, ки халифа андозҳои Саффориёнро аз 20 то 10 милён дирҳам кам намояд. Дар давраи сеюм, Амри Лайс сипоҳи Бағдодро дар Истахр шикаст дод ва тамоман аз хилофат рӯ гардонд [238, с. 296-297].

Бояд гуфт, ки баробари ба тахти аморат нишастани Амр парчами Саффориён дар радифи парчами Аббосиён дар шаҳрҳои Бағдод, Макка ва Мадина барафрошта шуд. Номи Амр баробари номи халифа дар хутбаҳо зикр мегардид. Амри Лайс низ бар хилофи бародараш сиёсати осоишта ва ҳамгироиро пеша кард. Вале аз ин сиёсат баъзе сарлашкарони бонуфузи Яъқуб дар солҳои 880–882 изҳори норозигӣ доштанд ва мехостанд аз халифа вобаста набошанд. Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба ин масъала менависад, ки бинобар сабаби сиёсати созишкоронаи Амр бо халифа баъзе аз пешвои айёрон кӯшиши саркашӣ ва барои сарвари нав мушкилот эҷод менамуданд. Бинобар ин, Амр шавҳари духтараш Фотима – Ҳасани Дирҳамиро волии

Сиистон таъйин карда, ҷиҳати саркӯб намудани сарварони ошӯбҳо ва сарлашкарони гарданкаш фиристод [21, с. 653].

Амри Лайс дар радифи ишғоли ҷойи бародараш фавран ба халифа изҳори итоат кард. Бино ба маълумоти муаррихон ва Эмомалӣ Раҳмон, Амр бо ҳамроҳии писараш Муҳаммад ибни Амр ва бародараш Алӣ ибни Лайс соли 880 ба Хуросон раҳсипор гаштанд. Ҳадафи онҳо вуруд ба маркази аморат шаҳри Нишопур буд, вале яке аз сарлашкарони собиқа Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷастонӣ роҳро ба марказ баст ва бо Амр мухолифати ошкоро пеш гирифт. Бо дасисаи бародараш Алӣ ибни Лайс Амр дар муҳориба бар зидди Аҳмад шикаст хӯрд. Баъди ошкор шудани амали мухолифат Алиро ба зиндон партофт. Амр Абуталҳа Мансур ибни Муслимро сипаҳсолори Хуросон таъйин карда, соли 881 ба Сиистон баргашт. Дар тӯли солҳои 882-886 Амр бо шикаст додани Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷастонӣ Марв ва Нишопурро бо музофоти атрофаш тасхир намуд [21, с. 654].

Мутобиқи маълумоти «Таърихи Сиистон» Амр писараш Муҳаммадро бар Сиистон хилофат кард ва сӯи Порс рафт [197, с. 235].

Бояд гуфт, ки Амр ба хотири ҳифзи нуфузаш дар Мовароуннаҳр бо ҳокимони вилоёти он, яъне намояндагони хонадони Сомониён аз созиш кор гирифт. Ҳамчунин, Амр аз қудрати Сомониён дар устувор намудани ҳукуматаш истифода менамуд. Махсусан, ӯ соли 883 Наср ибни Аҳмади Сомониро барои пахши исёни курдҳои билоди Форс фиристонд. Аз ҷумла Наср ибни Аҳмади Сомонӣ дар соли 883 ошӯбгарони курдро шикаст дод ва роҳбари онҳо Аҳмади Курдро асир гирифт. Тамоми молу хазинашро ба даст оварда, ба Амр супурд. Амри Лайс барои ин хидматаш «Наср ибни Аҳмадро халифат кард бар Порсу Кирмон ва ба Сиистон омад» [21, с. 654].

Баъди ғалаба Амр ба Насри Сомонӣ супориш дод, ки чаҳор миллион дирҳам аз номи Саффориён ба хазинаи хилофат супорад ва ба ҳукуматаш дар вилояти Форсу Кирмон идома диҳад [197, с. 187].

Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки халифа Муътамид бо баҳонаи насупоридани бист миллион дирҳам ба хазинаи хилофат соли 887 бе

мувофиқаи Амр яке аз сарлашкарони собиқ Аҳмад ибни Абдулазизро, ки дар Бағдод буд, волии Форс таъйин менамояд. Ҳамчунин, халифа Амрро ба гарданкашиву нофармонӣ гунаҳгор месозад. Бо ин баҳона номи Амр аз хутбаи намоз ва парчами Саффориён барафканда мешавад. Амри Лайс низ дар муқобили ин амали халифа супориш дод, ки дар ҳудуди Хуросон номи халифа аз намози хутба бардошта шавад ва дигар ба ӯ итоат накунанд. Дар натиҷаи ин зиддиятҳо халифа таҳти роҳбарии Аҳмад ибни Абдулазиз ба самти Форс сипоҳи садҳазора фиристонд. Амр писараш Муҳаммадро бо лашкари зиёд бар зидди сипоҳи халифа равона сохт ва худ низ омодагии ҷиддӣ гирифт [21, с. 655].

Соли 887 сипоҳи Саффориён таҳти роҳбарии Алӣ ибни Ҳасани Дирҳамӣ ва Муҳаммад ибни Амр лашкари халифаро шикаст доданд. Баъди ин шикаст мутобиқи маълумоти муаррихон, халифа Муътамид бо омодагӣ соли 888 ҳамроҳи 150 ҳазор сипоҳӣ ба муқобили Саффориён ҳаракат намуд. Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон, Амр дар вазъи мураккаб қарор гирифт, зеро баъзе сарлашкарони озордидаи хуросонӣ бо сипоҳи халифа ҳамроҳ шуданд. Амр дар ин муҳориба ақибнишинӣ намуд, вале писараш Муҳаммадро бо сабаби бемории кулинҷ аз даст дод [21, с. 655].

Амри Лайс баъди марги писараш барои гирдоварии сипоҳ ва таҳкими амнияти кишвар талоши зиёд кард, то ба набарди навбатӣ омодагии кофӣ гирад. Ҳамчунин, соли 892 бар муқобили халифа дар маркази хилофат шаҳри Бағдод исён сар зад ва шӯриши тулуниҳо дар Миср авҷ гирифт. Халифаи аббосӣ пай бурд, ки дар шароти исёни Шому Миср ва Бағдод мухолифат бо Амри Лайс чандон созгор нест, зеро тамоми ошӯбгарон мехостанд хулафои аббосиро бо нерӯи Саффориён барҳам зананд. Аз ин лиҳоз халифа Муътамид муносибаташро бо Амри Лайс муътадил намуд ва ҳаҷми хироҷи солонаро ба даҳ миллион дирҳам коҳиш дод [122, с. 331].

Шоёни зикр аст, ки дар аҳди халифаи дигари аббосӣ Муваффақ номи Амри Лайс дар хутбаҳои масҷиди ҷомеи Бағдод ва Маккаву Мадина дигарбора зикр мешуд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо халифа «фармон

дод, то номи Амр бар ҳамаи аломатҳо ва митрадҳову сипарҳо ва дар хонаҳову дӯконҳо барнабиштанд» [197, с. 242].

Дар замони халифаи дигар Муътазид (892–902) нуфузи Амр дар хилофат боз ҳам устувор гардид. Мутобиқи маълумоти «Таърихи Сиистон», халифа Муътазид баробари аз зиндон раҳидан ва ба тахти хилофат нишастан, баъзе мухолифонашро аз миён бардошт, ки дар байни онҳо рақиби Амри Лайс – Исмоил ибни Булбулӣ ҳам буд. Дар сарчашмаи мазкур зикр мешавад, ки халифа «Исмоил ибни Исҳоқи қозиро ба расулӣ фиристод сӯйи Амр ва сулҳ кард бо ӯ ва ҳамаи муродҳои Амр ба ҳосил овард ва фармон дод, то номи ӯ бар ҳамон ҷойҳо, ки буд, набиштанд ва ба Ҳарамайн хутба карданд ӯро бори нав ва хилаъту ҳадяҳои бисёр ва ливо фиристод ба вилояти Порсу Кирмон ва Хуросону Зобулистон ва Сиистону Кобул ва шурати Бағдод» [197, с. 244].

Эмомалӣ Раҳмон бо истинод ба «Таърихи Сиистон» менависад, ки Амр чун ба Нишопур баргашт, барои таҳкими мақомаш дар Хуросон ва саркӯби Рофеъ ибни Ҳарсама ва Алӣ ибни Ҳусайн сипоҳ ҷамъ намуд. Баъди муҳорибаи соли 896 ҳар ду рақибон дар ҳоли нокомӣ ва шикаст фирор намуданд. Бо ин мақоми Амр дар Хурсону Мовароуннаҳр дубора барқарор гардид. Ҳамчунин, Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки маҳз дар ҳамин давра Исмоили Сомонӣ баъди марги бародараш Наср ибни Аҳмад моҳи августи соли 892 ба маснади аморати Мовароуннаҳр менишинад ва моҳи марти соли 893 маншури амoратро аз халифа Муътамид ба даст меорад [21, с. 656].

Дар ҳамин давра Амри Лайс ба тасхири мулкҳои наздики Хоразм таваҷҷуҳ намуд. Исмоили Сомонӣ низ баъди шикаст додани туркони бодиянишин то ҷое амнияти Хоразмро таъмин сохта буд. Ба ақидаи Эмомалӣ Раҳмон, Исмоил дарк намуда буд, ки қасди Амри Лайс мулкҳои атрофи Хоразм мебошад. Бинобар ин, то омадани ӯ ин мулкҳоро ба ҳайати ҳукуматаш тобеъ кард. Ӯ таъкид менамояд, ки аввалин ихтилофҳо байни ду

хонадони тоҷик – Саффориён ва Сомониён аз ихтиёрдорӣ дар масъалаи мулкҳои Хоразм оғоз шуд [21, с. 657].

Бояд гуфт, ки дар ин давра қаламрави нуфузи Амри Лайс дар марзҳои шарқии хилофат то Ироқ, дар ғарб то халиҷи Форс ва дар шимол то канораҳои баҳри Хазар устувор шуда буд. Таҳкими рӯзафзуни нуфузи Саффориён чун пештара ба халифаи аббосӣ Муътазид хуш намоемад, бинобар ин, барои заъфи қудрату мақоми Амри Лайс чора меандешид. Халифа дар аввалин фурсат аз ихтилофи миёни Амр ва Исмоил дар масъалаи Хоразм истифода намуд.

Эмомалӣ Раҳмон бо истинод ба маълумоти «Таърихи Сиистон», менависад, сарлашкари Амри Лайс – Алӣ ибни Шервон бо сипоҳи хеш аз самти шарқии Бухоро ба ҷониби Хоразм рафт. Дар ин раванд амири Бухоро Исмоил ибни Аҳмад ба пешвози онҳо омада, фармуд, ки бозпас гарданд, дар акси ҳол миёнашон муҳориба ба амал хоҳад омад. Алӣ қафо баргашт, вале Амр ба ёрии ӯ дигар сарлашкараш Муҳаммад ибни Бишрро равон сохт, то дар муқобили Исмоил пирӯз шаванд [21, с. 657].

Амр баъди шикасти сипоҳаш ба халифа нома навишт ва маншури Мовароуннаҳро аз ӯ талаб кард: «Агар ин шуғл маро диҳад ва ба ин ризо дорад, ман Алавиро аз Табаристон барканам ва агар надиҳад, ночор ман Исмоил Аҳмадро барканам.

Бояд гуфт, ки номаи Амр ба халифа ба ҷангу даргирии ду сарлашкари тоҷик ва заъфи қудрати ин хонадонҳо оварда расонид. Эмомалӣ Раҳмон ба маврид таъкид менамояд, ки халифа Муътазид ин дархости Амрро баҳонаи муносиб дарёфта, дар байни сулолаҳои Саффориёну Сомониён низоъ андохт ва бо дархости Амр маншури идораи Мовароуннаҳрро ба ӯ супурд. Ҳамзамон, халифа ба Исмоил ибни Аҳмад низ мактуб навишт, ки «мо дасти ту кӯтоҳ накардаем» ва кишвари Мовароуннаҳр аз туст ва бояд муҳофизи он бошӣ [21, с. 657].

Амри Лайс бо мақсади тақвияти доираи нуфузаш дар Мовароуннаҳр бо сипоҳи зиёд ба самти Балх ҳаракат кард, то бо Исмоил ибни Аҳмад дар

набард шавад. Исмоил низ барои шикаст додани Амри Лайс мардумро бар зидди онҳо таҳрик дод, ки «Мовароуннаҳр бигирад ва мардумон бикушад ва молҳо ғанимат кунад ва занону фарзандон барда кунад. Чун ... андар Мовароуннаҳр кас буд мардони корӣ, ҳама бо ӯ бархостанд ва ба ҳарби Амр омаданд. Гуфтанд: «Ба мардӣ кушта шавем, беҳ аз он ки асир гардем!» [197, с. 248].

Дар ин ҷо бо такя ба осори Эмомалӣ Раҳмон ва манобеъи таърихӣ метавон гуфт, ки халифа аз қудратхоҳии Амр ва Исмоил истифода намуд. Онҳо дар навбати аввал ба доми бозии халифа гирифтор шуданд. Аз зиддияти ду сарлашкари тавонои тоҷик халифа баҳри бақои ҳукуматаш моҷаро халқ кард. Ин зиддият нишоне аз заъфии ваҳдату иттиҳоди давлатмардони Мовароуннаҳру Хуросон буд. Ҳам Амри Лайс ва ҳам Исмоил дар ҳоле даъвои озодӣ ва касби соҳибихтиёр доштанд, ки халифа бо макру ҳила намегузошт онҳо дар пешбурди сиёсат бо ҳам созиш намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми таҳлили таҳаввулоти тақдирсози Хуросону Мовароуннаҳр тазаккур медиҳад, ки чун қудрати рӯзафзуни Саффориён ба халифаи аббосӣ Муътазид хатар дошт, ӯ талош варзид, ки бо кадом роҳе набошад, ин қудратро аз байн барад. Бинобар ин, ду амири тавонои қудратхоҳро хеле устокорона бар зидди ҳамдигар бархезонд, то яке аз рақибони тавонояшро бе заҳмату талош ба дасти дигаре саркӯб ва ҷониби дигари заифро ба итоати худ водор намояд [21, с. 658]. Воқеан, ҳам Амр дар Хуросону Эрон ва Исмоил дар Мовароуннаҳр барои халифа дарди сар маҳсуб меёфтанд. Онҳо ҳарду ҳеҷ нияти эътирофу итоаткорӣ нисбат ба халифаро надоштанд. Барои ҳарду таҷрибаи собиқ сарлашкарони тоҷик ва муносибати хулафо ба онҳо ошкору рӯшан буд. Вале бо вуҷуди бозӣ ва фиреби сиёсии халифаи аббосӣ тобистони соли 899 сипоҳи Амри Лайс бо мақсади забти Бухоро ва шикаст додани Исмоил ба самти Балх ҳаракат намуд. Дар «Таърихи Сиистон» ҳодисаи лашкаркашии Амр ба самти Мовароуннаҳр бо тафсил инъикос шудааст. Мувофиқи маълумоти ин асари таърихӣ, Исмоил дар мактубаш ба Амр таъкид дошт, ки Худои таъоло мамлакати васеъ бароят

арзонӣ доштааст ва ман тамаъ ба мулки ту намекунам ва бо ин кишвари худ қаноат кардаам. Салоҳи кор ин аст, ки ин гуша ба ман гузорӣ ва дасти тамаъ аз он кӯтоҳ намоӣ ва миёни мо сулҳу офият пойдор монад [197, с. 249].

Аз манобеъи таърихӣ бармеояд, ки пешниҳоди Исмоил аз ҷониби Амри Лайс пазируфта нашуд. Исмоил бошад, бо убур аз Омӯ мавқеи хуби стратегӣ гирифт. Эмомалӣ Раҳмон дар такя ба маълумоти таърихнигорон менависад, ки саворагҳои даҳҳазораи Исмоили Сомонӣ бо омодагии қаблӣ дар натаиҷаи ҳуҷум дастаҳои пешсафи саворагҳои Амри Лайсро ба ақибнишинӣ маҷбур карданд. Новобаста аз нобаробарии қуввахо сипоҳи Исмоил ғалаба кард. Исмоили Сомонӣ бо тадбиру зиракӣ ва фаросати хуби лашкаркашӣ дар ибтидои соли 900 Амри Лайсро асир гирифт [21, с. 658].

Халифаи аббосӣ Муътазид баъди огаҳӣ аз ғалабаи Исмоил тариқи нома аз ӯ хоҳиш намуд, ки ҳарчи зудтар Амрро ба назди ӯ фиристад. Тибқи маълумоти «Таърихи Сиистон», Исмоил аз фиристодани Амр ночор монд ва гуфт, ки набояд ба дасти ман асир меафтодӣ. Акнун чорае нест. Тадбир он аст, ки туро аз тариқи роҳи Сиистон таҳти ҳимояи сӣ савор ба самти дарбори хилофат фиристам. Ҳангоми сафар талош намо, то нафарони силаҳшӯрат туро наҷот диҳанд ва маро дар ҳузури халифа узр бошад ва туро низ зиёне нарасад [21, с. 252].

Аз ахбори муаррихон ва осори Эмомалӣ Раҳмон маълум мегардад, ки Амр дар дарбори халифа баъди чанде ба ҳабс маҳкум шуд. Халифа Муътазид баъди бемории начандон тӯлонӣ вафот кард ва сарнавишти Амр номаълум боқӣ монд. Дар ин миён саркардаи араб Бадри Кабир, ки нисбат ба Амри Лайс хусумат дошт, барои куштори ӯ ҷидду ҷаҳд намуд.

Тибқи назари дигар, халифа Муътазид дар ҳоли назъ аз ворис ва халифаи баъди Муктафӣ (902–908) дар мавриди аҳволи Амри Лайс пурсид. Халифаи нав, ки аз Амр некии зиёд дида буд, хост ба ивазаш ӯро озод намояд. Дар ин миён «Қосими вазир чун донист, ки Муктафӣ нисбат ба Амри Лайс дар мақоми иноят аст, бинобар адовате, ки бо ӯ дошт, касон фиристод то Амрро куштанд». Дар робита ба сарнавишти ин намояндаи Саффориён

Эмомалӣ Раҳмон дуруст иброз медорад, ки хулафои аббосӣ бо истифода аз мақому қудрати мазҳабии хеш ва дар ҳоли муносиб ду сулолаи соҳибдавлат – Саффориён ва Сомониёнро бар муқобили ҳамдигар барангехтанд [21, с. 659].

Ҳамин тавр, сарнавишти хонадони Саффориён, ки баҳри эҳёи арзишҳои фарҳангӣ, махсусан оини кишвардорӣ замина гузоштанд, бо дасисаи халифаи аббосӣ анҷом ёфт. Бо назардошти маълумоти манобеъи таърихӣ, бояд гуфт, ки дар муддати кӯтоҳ ду намояндаи сулола Яъқуб ва Амр ибни Лайс тавонистанд қудрату тавони давлатмардони Хуросону Мовароуннаҳро дар дарбори хулафои араб ба намоиш бигзоранд. Яъқуб ва Амри Лайс аз ҷумлаи сиёсатмадорони силаҳшӯру кордоне буданд, ки ба хотири пешрафти тафаккури озодихоҳии мардум ва касби истиқлол корҳои муҳим анҷом доданд. Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун воқеанигор Амрро вориси сазовори Яъқуб ибни Лайс меномад, нисбат ба аҳли заҳмат аз адолату хайр кор мегирифт. Ӯ маълумоти «Таърихи Сиистон» дар мавриди корномаи Амри Лайс бисёр созанда медонад, ки «... ҳазор работ кард ва понсад масҷиди одина ва манора кард дуни пулҳо ва милҳои биёбон» [21, с. 659].

Одату хислати озодихоҳӣ ба рафтору кирдори хонадони саффорӣ табдил ёфта буд. Маҳз ҳамин хислат буд, ки баъди Амри Лайс наберааш Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Амр (902–909) ба маснади Сиистон нишаст. Ӯ бо мақсади ситонидани қасди бобояш зимни ҳуҷум ба Форс намояндаи халифаро сарнагун кард. Тибқи маълумоти «Таърихи Сиистон», халифаи аббосӣ аз Исмоил дархост кард, ки дар ростои Тоҳир ибни Муҳаммад тадбире андешад. Исмоил тариқи нома Тоҳирро барои баргашт ба Сиистон даъват менамояд [197, с. 257]. Тоҳир бо вуҷуди талошҳо дигар натавонист қудрати собиқаи Саффориёнро барқарор намояд. Махсусан, бар асари зуҳури ихтилофи мазҳабӣ ва таассуб пояҳои ҳукумати ӯ заиф шуд. Соли 908 Тоҳир ҳангоми даргирӣ бо сипоҳи халифа ба асорат афтод. Мулкҳои Саффориён ба давлати Сомониён ҳамроҳ шуданд. Вале ҳукумати Саффориён дар Сиистон то асри XV идома ёфт.

Ҳамин тавр, Эмомалӣ Раҳмон накши Сaффориёнро бо вуҷуди чиҳил соли ҳукуматашон дар таърихи давлатдории мардумони тоҷикон муҳим арзёбӣ менамояд, зеро онҳо пас аз Тоҳириён оину суннати давлатдорӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва тафаккури озодихоҳиро дар Хуросон чанд зина пеш бурданд. Саффориён бо касбияти қудраташон дар Хуросон нишон доданд, ки намояндагони мардуми поини ҷомеа низ дар ҳоли буҳрон ва тасаллути қудратҳои бегона метавонанд ҷомеаро дар атрофи як давлати мутамарказ муттаҳид созанд. Албатта, ин корномаи онҳо барои таъсиси нахустин давлати миллии тоҷикон – Сомониён таҷриба ва бистари муносиб шуд.

Ҳамин тавр, Эмомалӣ Раҳмон дар асоси таҳлили манобеъи таърихӣ ва пажуҳиши муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ замони давлатдории Тоҳириёну Саффориёнро дар Хуросони бузург як марҳалаи муҳимму сарнавиштсози халқи тоҷик медонад, ки таҷрибаи онҳо барои пешрафти тафаккури миллӣ бисёр созанда аст. Махсусан, сиёсати мудорои Тоҳириён дар қиболи мардум барои пешрафти оини давлатдории тоҷикон таъсир гузошт. Онҳо дар таърихи давлатдориашон собит намуданд, ки миллатҳои дигар низ метавонанд дар сарзамини ислом давлати миллӣ дошта бошанд. Хадамоти Саффориён низ барои эҳёи арзишҳои фарҳангии ниёкон ва густариши забони тоҷикӣ бисёр муҳим буд. Маҳз бори нахуст аҳли илму адаби дарбори Саффориён собит сохтанд, ки забони форсӣ барои сурудани тамоми анвои шеърӣ дар баробари забони арабӣ бисёр мувофиқ аст. Онҳо бо эҳёи забон ва русуму одати қадими мардумони ориёӣ, онро бар аъроб тафзил доданд. Дар умум, ҳамаи ин тадбирҳо барои ташкили аввалин давлати миллии тоҷикон – Сомониён таъсири муҳим гузошт.

## ХУЛОСА

## ТАВСИЯҲО ДОИР БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар рисолаи мазкур яке аз марҳалаҳои мубрами таърихи халқи тоҷик – таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёна бар асоси қиёси осори Эмомалӣ Раҳмон ва манбаъҳои таърихӣ таҳқиқ мешавад. Эмомалӣ Раҳмон дар осори худ бо таваҷҷуҳ ба таҳаввулоти сарнавиштсози давраи мазкур бештар ба маълумоти манбаъҳои таърихӣ ва пажуҳиши муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ муроҷиат менамояд.

Осори Эмомалӣ Раҳмон дар доираи консепсияи нави омӯзишу баррасии таърихи халқи тоҷик нигошта шуда, дар он манфиатҳои таърихан миллӣ ба таври воқеӣ решаёбӣ мешавад. Дар осори ӯ масоиле мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегиранд, ки омӯзиши онҳо дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон барои шинохти оини давлатдории миллии мо бисёр муҳим аст.

Бояд гуфт, ки омӯзиши таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик бидуни таҳлилу баррасии сарчашмаҳои таърихӣ ғайримкон мебошад. Дар осори Эмомалӣ Раҳмон бо таваҷҷуҳ ба ин масъала манбаъҳои зиёде мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар маҷмуъ, мо бар асоси таҳлилу қиёси сарчашмаҳои таърихӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба чунин натиҷа расидем, ки Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба баъзе масоили мубрами таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик дидгоҳи мушаххас дорад:

1. Эмомалӣ Раҳмон доир ба масъалаи омӯзиши ақвоми ориёӣ дар Осиёи Марказӣ ба чунин натиҷа мерасад, ки:

- зуҳури номи этникӣ ва тамаддуни ориёӣ ба таҳаввулоти асри биринҷ дар Осиёи Марказӣ мутааллиқ аст;
- минтақаи Осиёи Марказӣ хостгоҳи ориёиҳо мебошад;
- бо сукунати доимии ориёиҳо дар соҳили Сайҳуну Ҷайҳун унсурҳои хосси тамаддун (кишти рустанӣ, фарҳанги шаҳрсозӣ ва ҳунармандӣ) ба миён омаданд;

- бошандагони бошишгоҳи бостонии маданияти Ҳисор (Саразм, Тутқавул, Сойи Сайёд, Дараи Шӯр, Кангурт, Булиёни Поён, Кӯлоб ва ғ.) дар бисёр ноҳияҳои Осиёи Марказӣ, махсусан дар Тоҷикистон ориёӣ буданд;

- дар заминаи омӯзиши маданияти Ҷайтун, Ҳисор ва Калтаманор таъсири унсурҳои хосси тамаддуни ориёиро дар рушди тамаддуни инсонӣ (махсусан, дар соҳаҳои кишоварзӣ, чорводорӣ, шикор, моҳидорӣ, ром кардани ҳайвонот, парвариши наботот заминаҳои ба вуҷудоӣ ва рушди ҳунармандӣ) дақиқ сохт [5-М].

2. Дар асоси омӯзиши осори Эмомалӣ Раҳмон ва маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ метавон замони шоҳаншоҳии Ҳахоманишиёнро ҳамчун давраи рушди воқеии тамаддуни ориёӣ ном бурд. Маҳз дар ҳамин давра ориёиҳо давлати қудратманди худро дар Шарқ ташкил намуданд, ки тамоми ақвоми ориёӣ аз лиҳози сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба ҳайати он дохил мешуданд. Дар қаламрави империя зиёда аз 70 ақвом ба ҳам омад. Марказҳои тамаддуни ҷаҳон – Эрон, Варорӯд, Бобул, Миср зери таъсири тамаддуни ориёӣ қарор гирифтанд. Бо ташаббуси шоҳаншоҳони муқтадир – Куруши Кабир ва Дороюши Кабир қудрати ориёиҳо бори аввал дар Шарқи бостон тақвият ёфт. Забону хатти ниёкони мо дар шарқ то сарҳади Чин ва дар Ғарб то Миср мақоми расмӣ гирифт [3-М].

3. Таҳлилу омӯзиши осори Эмомалӣ Раҳмон нишон дод, ки:

– портҳо ҳамчун аҷдоди бевоситаи тоҷикон бо ташкили империяи дувуми ориёиҳо ба ҳукумати юнону мақдуниҳо дар сарзамини Ориёно хотима бахшиданд;

– портҳо бори нахуст баъди заволи ҳокимияти юнону мақдуниҳо ба истиқлол расиданд. Тавассути тадбирҳои созандаи онҳо дигар халқҳои ориёӣ дар Осиёи Марказӣ ва тамоми Эрон тадриҷан дар атрофи ин хонадон муттаҳид шуданд;

– портҳо бо эҳёи баъзе арзишҳои бостонии ориёӣ тадриҷан тамаддунеро ба вуҷуд оварданд, ки он ба рушди асабияти қавмии ниёкони мо

таъсири мусбӣ гузошт. Ҳамчунин, ба ҷои забони юнонӣ забони портӣ ҳамчун шохае аз оилаи забонҳои ҳиндуориёӣ мақоми расмӣ ёфт;

– дар оини лашкардорӣ портҳо ба муваффақияти калон даст ёфтанд. Таъсиси горди савораи сангинаслиҳа ва ҷавшанпӯш навгонии муҳим дар оини лашкардорӣ маҳсуб мееёфт. Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи шоҳони Порт дигар тохтутози румиҳо дар сарзамини Эрон қатъ шуд. Шоҳони Порт наздик ба 500 сол истиқлоли мардумони ориёиро дар Эрон ва Осиёи Марказӣ таъмин намуданд;

– портҳо таҷриба ва нотавонии шоҳони вопасини ҳахоманиширо дар баробари юнониёну мақдуниҳо дар муносибат бо Рум дигар такрор накарданд;

– Ашкониён таъсири унсурҳои фарҳанги юнониро дар пешрафти тамаддуни ориёӣ каму беш коҳиш доданд.

4. Дар асоси таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон ва натиҷаи таҳқиқоти навтарини муҳаққиқон метавон Кушониёнро ба унвони яке аз посдорони оини давлатдории ақвоми ориёӣ дар Осиёи Марказӣ ва Хуросони бузург муаррифӣ кард. Эмомалӣ Раҳмон бар асоси маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, махсусан маводи бостоншиносӣ ва фарзияи олимони дохилию хориҷӣ фарзияи наверо барои таҳқиқи солшумории аҳди шоҳони кушонӣ пешниҳод менамояд. Махсусан, ӯ бо таваҷҷуҳ ба густариши қаламрави давлати Кушониён саҳми онҳоро дар густариши тамаддуни ориёиҳо ва ташаккули ҳомилони он муҳим медонад. Ӯ бо далелҳои муътамад, даъвои баъзе олимони ҳамсоякишвар - Чинро дар хусуси чинитабор будани Кушониён беасос мешуморад. Дар зимн омӯзиши баъзе масоили давлатдории Кушониёнро дар замони муосир, аз қабили бароmadи этникӣ, хронология ва доираи нуфузи онҳо асоснок менамояд [10-М].

5. Дар осори Эмомалӣ Раҳмон ба баъзе вижагиҳои таърихи давлатдории Сосониён ишора мешавад:

– Сосониён ҳамчун табақаи олӣ мувофиқи анъанаи ориёӣ шаҷараи худро ба худои зардуштӣ Аҳурамаздо пайваст менамуданд;

– Дар замони Сосониён дастгоҳи идории махсуси соҳавӣ ба вуҷуд омад, ки онҳоро девон меномиданд. Дар ин миён номи девони дабирони шоҳ, боҷу хироҷ ёд мешавад;

– мавҷудияти низоми табақавӣ. Табақаҳои ҷамъиятии руҳониён, артишдорон, дабирон, кишоварзон ва ҳунармандону тоҷирон;

– мақоми расмӣ гирифтани дини зардуштӣ ва тақвияти нуфузи муъбадон дар ҷомеа;

– густариши корбурди забони паҳлавӣ;

– ташаккули шаклҳои заминдории феодалӣ ва намудҳои нави андоз;

– рушди ҳунари шаҳрсозӣ

– фаъолияти академия ва рушди тамаддуни ориёӣ [14-М].

6. Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои мубраму норӯшани таърихи давлатдории Ҳайтолиёнро, ки як марҳалаи рушди тамаддуни ориёӣ маҳсуб меёбад, дар асоси таҳлили маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқон баррасӣ менамояд. Ӯ саҳми Ҳайтолиёнро дар иттиҳоди сарзаминҳои Бохтар ва мулкҳои дигари Осиёи Марказӣ дар ҳайати як давлат муҳим медонад, ки дар заминаи он иқтисоду фарҳанг рушду такомул ёфт. Махсусан, ӯ дар асоси омӯзиши низоми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии замони Ҳайтолиён исбот менамояд, ки ватани аслии ин қавмҳои ориёӣ сарзамини имрӯзаи Осиёи Марказӣ аст [13-М].

7. Эмомалӣ Раҳмон барои таснифи дурусти марҳалаҳои рушду такомули забонҳои бостони қавмҳои ориёитабори Эрону Осиёи Марказӣ аз натиҷаи охирин таҳқиқоти муҳаққиқон, махсусан донишмандони аврупоӣ суд бурда, дар инъикоси ин масъала пеш аз ҳама ба қонуниятҳои илми забоншиносии муқоисавӣ ва хронологияи таърихӣ таваҷҷуҳ менамояд. Аз ин лиҳоз, дар осори ӯ масъалаи даврабандӣ ва дастабандии хонаводаи забонҳои ҳиндуэронӣ аз дигарон фарқ мекунад. Дар замони истиқлоли Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон яке аз ҳаводорони таъриху тамаддуни ориёӣ мебошад, ки

дар бобати унсури марказии он – забон китоби махсуси илмӣ рӯи чоп овард. Китоби мазкур дар рӯшан намудани баъзе масъалаҳои мубрами таърихи рушду такомули забонҳои бостонии ниёкони мо ҳамто надорад. Ӯ нақши ҳар як забонро вобаста ба вижагиҳои овоӣ, тасрифотӣ ва корбурди онҳо дар умури идории давлатҳои ориёӣ бар асоси маъхазҳои забоншиносӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Махсусан, ӯ омилҳои зуҳури гурӯҳу шохаи забонҳои ақвоми ориёиро дар таърихи тамаддуни башарӣ хуб баррасӣ менамояд. Эмомалӣ Раҳмон мекӯшад дар асоси шинохти дурусти пайвандҳои хонаводагии забонҳои модӣ, форсии бостон, форсии миёна, портӣ, бохтарӣ, суғдӣ ва намунаи осори бозмондаи онҳо марҳалаҳои такомули забони имрӯзаи тоҷикиро амиқтар муаррифӣ намояд [7-М].

8. Таҳлили андешаҳои олимон ва осори Эмомалӣ Раҳмон нишон медиҳад, ки Осиёи Марказӣ маҳалли зуҳури меҳрпарастӣ буд ва баробари кӯчиши ориёиҳо ба сарзамини имрӯзаи Эрон ва Осиёи Хурд минбаъд доираи паҳншавии он то ба Юнону Рум васеъ гардид. Дар ин хусус метавон гуфт, ки маҳз оини мазкур тавассути баҳри Миёназамин ба Аврупо роҳ ёфт. Нуфузи ин оини бостонии ориёиҳо дар замони худ ҳамчун таълимоти созанда аз сарҳади Осиёи Марказӣ хориҷ шуд ва дар шарқ то Ҳинд ва дар ғарб то Аврупо густариш пайдо кард. Ҳатто як муддат ба дини давлатии императории Рум табдил ёфт. Чун асоси ин таълимотро ормонҳои дӯстӣ, бародарӣ, дурустӣ ва ростӣ ташкил медод, ин он босуръат дар гӯшаву канори Аврупо бо номи митроизм паҳн гардид [17-М; 19-М].

9. Эмомалӣ Раҳмон новобаста ба баъзе паҳлуҳои торики масъала, таълимоти динӣ-фалсафии зурвонияро бо таваҷҷуҳ ба омили замону макон ва таъсири минбаъдаи он дар пешрафти тафаккури мардумони Шарқ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Аз ин нигоҳ, шеваи таҳқиқи масъала имкон медиҳад, ки таърихи пайдоиши боварҳои бостонӣ дар тамаддуни ориёӣ мушаххас шавад. Омӯзиши таъсири оини зурвония бар кеши зардуштия ва монавия нишон медиҳад, ки афкору биниши ақвоми ориёӣ дар бораи офариниш ба пешрафти таърихи афкори ҷомеа таъсири зиёд дошт. Эмомалӣ Раҳмон

ақидаҳои бостонии фалсафӣ ва динии ориёиҳоро бо таваҷҷуҳ ба макону замони пайдоиш ва ҳудудҳои паҳншавӣ ба таври барҷаста инъикос менамояд. Ӯ бо назардошти истифодаи васеи мадракҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқони хориҷӣ дар таърихнигории тоҷик ба омӯзиши ҷомеи афкори динии ориёиҳо даст зад.

10. Дар осори Эмомалӣ Раҳмон сиёсати забткоронаи арабҳо дар сарзаминҳои тоҷикнишин бо тафсил баррасӣ гардидааст. Ин сиёсат дар манотиқи тоҷикнишин бо вижагиҳои хос дар ду давра амалӣ гардид. Дар марҳалаи аввал арабҳо шоҳаншоҳии Сосониёнро шикаст дода, Эрону Хуросонро тасхир намуданд. То соли 705 ислом дар ҳудуди мулкҳои забтшуда ба таври маъмул интишор ёфт ва низоми аморат шакл гирифт. Дар марҳалаи дувум бошад, бо ишғоли сарзамини Варорӯд ислом то ибтидои асри IX дар ин минтақа паҳн шуд. Дар марҳалаи якум ин сиёсат пурра хусусияти истисморӣ дошт ва дар марҳалаи дувум бошад, акнун дастаҳо ва саркардаҳои маҳаллӣ дар интишори ислом саҳм гузоштанд [18-М].

11. Эмомалӣ Раҳмон дар асоси манобеъи таърихӣ ҳаракатҳои озодихоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳад. Бартарии фарзияи Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба шӯру ошубҳо дар он аст, ки ин зуҳурот дар қаламрави хилофат на аз нигоҳи синфӣ, балки аз лиҳози иҷтимоӣ ва объективӣ баҳогузорӣ ва таҳлил шудааст. Ҳамчунин, дар меҳвари назари ӯ манфиатҳои мардумони маҳаллӣ ва қишрҳои меҳнаткаш қарор мегирад. Дар шароити имрӯз хонанда аз омӯзиши чунин матлаб метавонад дарси ибрат гирад. Аз ҷониби дигар, дар ин марҳалаи бунёди давлатдории миллӣ омӯзиши чунин осори таҳлилӣ ва фарогир аз мавзуҳои мубрам барои ҳар миллат муҳимму зарур мебошад. Бинобар ин, омӯзиши муборизаи ҷасуронаи фарзандони фарзонаи миллат дар муқобили сиёсатҳои аҷнабиён имкон медиҳад, ки насли имрӯз дар пайравӣ аз чунин иқдоми ниёкон ба таври худогоҳ аз манофеи миллӣ ҳимоят намоянд. Маҳз ҳамин хусусиятҳо омӯзишу таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмонро дар шароити феълӣ боз ҳам мубрамтар мегардонад [18-М].

12. Дар осори Эмомалӣ Раҳмон доир ба ҳаракатҳои фикрии аҷдоди тоҷикон дар қиболи Хилофати Араб таҳлилу фарзияҳои мукаммалу ҷадид ба назар мерасад. Махсусан, мавзуи ҳаракати шуубиҳо ба таври шоиста баррасӣ мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки талошу пайкори шуубиён пеш аз ҳама дар он ифода меёфт, ки онҳо нигоҳи маъмурони хилофатро нисбат ба мардумони ориёӣ тағйир доданд. Шуубиён дар аввал бо таҳрики бедории миллӣ арабҳоро водор карданд, ки дар муносибат ба мардуми Хуросону Моваруннаҳр боэҳтиёт бошанд. Дар натиҷаи ин таҳрикоти иҷтимоӣ арабҳо ногузир намояндаҳои муътабари сулолаҳои тоҷикро ба низоми идорӣ ҷалб намуданд. Таҷрибаи минбаъдаи Хилофати Аббосиён нишон дод, ки дар танзими низоми идории он тоҷикон нақши барҷаста доштанд. Аз Абумуслим то Бармакиёну Тоҳириён ва Сомониён дар таҳкими низоми идории хилофат ва густариши тамаддуни ислом нақши бағоят бузург гузоштанд.

Омӯзиши таърихи неҳзати фикрии шуубия аз нигоҳи консепсияи пешниҳодкардаи Эмомалӣ Раҳмон, ки дар асоси ҳифзи манфиатҳои миллӣ мавриди пажуҳиш қарор мегирад, барои рушди тафаккури миллӣ аҳаммияти муҳим дорад. Маҳз чунин консепсияи фарогири омӯзиши таърих имкон медиҳад, ки насли наврасу ҷавон дар руҳияи арҷгузорӣ ба хидматҳои ниёкони хеш ба камол расад. Ҳаракати фикрии шуубия ва талошҳои минбаъдаи пайравони он аз нақши созандаи тоҷикон дар густариши тамаддуни исломӣ ҳикоят мекунад, ки имрӯз барои мо таҷрибаи нодир аст [20-М].

13. Бо инъикоси хадамоти сулолаҳои маҳаллии тоҷиктабор чун Бармакиён, Саҳлиён ва Ковусиён метавон гуфт, ки қисми меҳварии консепсияи пешниҳоднамудаи Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба омӯзиши таърихи халқи тоҷик, пеш аз ҳама ба решаёбии манфиатҳои миллӣ ва гиромидошти корномаи чеҳраҳои мондагори миллат равона шудааст. Новобаста аз бурду бохт тоҷикон дар ҷаҳони ислом ва берун аз он собит намуданд, ки дар сиёсат ва илму фарҳанг бартарӣ доранд ва бе ширкати онҳо хилофати оламшумуле чун Аббосиён наметавонанд арзи вуҷуд дошта бошад. Дар радифи густариши

ислом ва рушду улуми исломӣ, ҳамчунин дар олами сиёсат ва ҳарбу муборизa тоҷикон тавонистанд бартарии хешро собит намоянд. Бо омӯзиши осори Эмомалӣ Раҳмон, ки дар асоси манбаъҳои муътамади таърихӣ рӯи нашр омадааст, фарзияи онҳое, ки тоҷикон танҳо қалам доштанду баҳри рушди улуми исломӣ хидмат кардаанд ва шамшери ислом дар дасти дигарон буд, инкор мешавад. Албатта, тоҷикон бо нақше, ки дар рушди улуми исломӣ гузоштаанд дар ҷаҳони ислом бартарӣ доранд ва ин ба ҳамагон маълум аст, аммо ҳамзамон шамшери ислом муддати зиёде дар дасти тоҷикон буд. Ин марҳала дар таърихи тамаддуни исломӣ ва сарнавишти мардуми тоҷик бисёр созанда маҳсуб меёфт. Зеро аз давраи қударти Абумуслими Хуросонӣ то Исмоили Сомонӣ марҳалаи густариши ислом буд, ки аксар халқҳои ҳамҷавори тоҷикон дар ҳудуди имрӯзи Осиёи Марказӣ ва хориҷ аз он маҳз дар ҳамин марҳала ислом оварданд. Маҳз дар ҳамин давра заминаи устувори тамаддуни исломӣ гузошта шуд.

14. Эмомалӣ Раҳмон бо омӯзиши хидматҳои мондагори намояндагони сулолаи Тоҳириён, аз онҳо ба унвони посдори суннатҳои неки ниёкон ёд мекунад. Маҳз ҳамон хираду арҷгузорӣ бар арзишҳои миллӣ сабаб шуд, ки минбаъд дар заминаи ин хидматҳо нахустин давлати мустақили миллии тоҷикон таъсис ёфт. Эмомалӣ Раҳмон дар боби давлати Тоҳириён ва нақши онҳо дар таърихи тоҷикон ба сарчашмаҳои муътамади таърихӣ муроҷиат менамояд. Ба назари инҷониб меарзад, ки имрӯз баҳри баланд бардоштани сатҳи ҳувияти миллӣ ва дарки дурусти роҳи давлатсозӣ бар асоси навиштаҳои Эмомалӣ Раҳмон ба таърихии давлатдории Тоҳириён руҷуъ намоем. Эмомалӣ Раҳмон аввалин шуда таърихи давлатдории Тоҳириёнро дар доираи меъёри манфиатҳои миллӣ мавриди омӯзиш ва пажуҳиш қарор медиҳад. Дар айни замон хонандаи имрӯз маҳз тавассути мутолиаи чунин осор метавонад дар шинохти Тоҳириён ва мақоми онҳо дар таърихи ниёкон хулосаи амиқ барорад.

15. Эмомалӣ Раҳмон нақши Саффориёнро бо вуҷуди чиҳил соли ҳукуматашон дар таърихи давлатдории мардумони тоҷикон муҳим арзёбӣ

менамояд, зеро онҳо пас аз Тоҳириён оину суннати давлатдорӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва тафаккури озодихоҳиро дар Хуросон чанд зина пеш бурданд. Ба таъкиди ӯ, Саффориён бо касбияти қудраташон дар Хуросон нишон доданд, ки намояндагони мардуми поини ҷомеа низ дар ҳоли буҳрон ва тасаллути қудратҳои бегона метавонанд ҷомеаро дар атрофи як давлати мутамарказ муттаҳид созанд. Албатта, ин корномаи онҳо барои таъсиси нахустин давлати миллии тоҷикон – Сомониён таҷриба ва бистари муносиб шуд [21-М].

## ТАВСИЯҲО ДОИР БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО:

1. Бо тақозои замон зарур аст, ки тамоми васоити таълимии тадрисшаванда аз фанни таърихи халқи тоҷик бознигарӣ шуда, дар доираи манфиатҳои миллӣ таҳия гардад. Ҳамчунин, китобҳои таърихи халқи тоҷик барои макотиби миёнаи таҳсилот, ки таърихи аҳди бостон ва асримиёнагиро инъикос менамоянд, барои хонанда содда ва фаҳмо пешниҳод шавад (яъне бо забони ноби тоҷикӣ ва фаҳмо барои насли наврас);

2. Имрӯз бояд ҷиҳати дарки дурусту амиқи таърихи аҳди бостон ва асримиёнагии аҷдоди тоҷикон ва шинохти воқеии онҳо аз ҷониби насли наврасси кишвар «Консепсияи омӯзиши таърихи халқи тоҷик» таҳия гардад, ки он фарогири манфиатҳои миллӣ бошад. Чун таърих фанни мафкурасоз аст, ба тафаккури насли миллат таъсири амиқ мерасонад;

3. Асарҳои ҳолномавӣ ва инъкосгари қаҳрамониҳои чеҳраҳои мондагори миллии аҳди бостон ва асрмиёнагӣ барои хонандагони макотиби миёнаи таҳсилот дар шакли романҳо аз ҷониби муҳаққиқон рӯи нашр ояд. Имрӯз бояд насли наврасси мо шахсияти Зардушт, Куруши Кабир, Дороюш, Спитамен, Меҳрдод, Канишкаи Кабир, Ардашери Бобакон, Хусрави Анушервон, Деваштиҷ, Муқаннаъ, намояндагони хонадони Бармакиён, Тоҳир ибни Ҳусайн ва Яъқуб ибни Лайсро донад ва аз корномаи онҳо ибрат гирад;

4. Дар сатҳи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар соатҳои тадрисшаванда аз фанни таърихи халқи тоҷик зиёд карда шавад. Махсусан, таърихи аҳди бостон ва асрҳои миёна, ки омӯзиши он барои мо тоҷикон муҳим ва зарур асту, баъзе аз муамоҳои имрӯзро рӯшану возеҳ менамояд. Бе донистани таърихи аҳди бостон насли миллат равандҳои муосирро дарк карда наметавонад;

5. Омӯзиш ва таҳқиқи рисолаҳои илмиро марбут ба мавзуҳои таърихи аҳди бостон ва асрҳои миёна ба таври системанок роҳандозӣ намудан зарур аст. Хусусан, роҷеъ ба таърихи замони хонадонҳои Бармакиён, Тоҳириён ва Саффориён бояд рисолаҳои илмӣ дифоъ карда шавад;

6. Дар макотиби олӣ, махсусан дар самти ихтисосҳои ҷомеашиносӣ фанни махсусе бо унвони «Саҳми тоҷикон дар тамаддуни ҷаҳонӣ» дарс гуфта шавад. Маълум аст, ки имрӯз аксар намояндагони илму ирфон, арзишҳои миллӣ ва фарҳангии тоҷиконро халқҳои дигар ба номи худ сабт намудаистодаанд, ки паёмади хуб надорад. Таърихсозиҳои баъзе халқҳо ва аз худ намудани арзишҳо ва чеҳраҳои мондагори мо тоҷикон аз ҷониби онҳо паёмади бисёр ногувор дорад;

7. Ҷиҳати шарҳу тавзеҳи осори ба таърихи миллат бахшидаи Эмомалӣ Раҳмон ва дарки дурусти он аз ҷониби ҷавонон дар макотиби таҳсилоти олӣ фанне бо унвони «Эмомалӣ Раҳмон ва эҳёи таърихи миллат» дарс гуфта шавад. Осори Эмомалӣ Раҳмон сирф фарогири манфиатҳои миллӣ буда, дар таҳкими руҳияи миллии наслҳои ҷавон муосидат менамояд;

8. Маркази махсуси илмӣ-пажуҳишии дифоъ аз манфиатҳои миллӣ дар ҳайати муаррихони донишманду таҷрибадори АМИТ ва муассисаҳои олии таълимӣ ташкил карда шавад. Аз ҳайати марказ, ки забонҳои англисӣ, чинӣ, русӣ ва ҳуруфи форсию алифбоҳои бостониро медонанд донишмандон интихоб шуда, ба хориҷи кишвар, махсусан ба бойгониҳои Федератсияи Русия, Ҷумҳурии мардумии Чин, Ҳиндустон, Арманистон ва Эрон барои омӯзиши манбаъҳои таърихӣ сафарбар карда шаванд;

9. Манбаъҳои таърихӣ, ки тарҷума ва баргардон шудаанду масъалаҳои мубрами таърихи халқи тоҷикро инъикос менамоянд, аз ҷониби ҳайати Марказ тариқи васоити ахбори омма шарҳу тавзеҳ дода шаванд, то ҷомеа аз воқеияти таърих огаҳии бештар дошта бошанд;

10. Бо дарназардошти он ки муътамадтарин далелҳо дар самти омӯзиши таърихи аҳди бостон маводи бостоншиносӣ аст, бояд дар факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷиҳати омода намудани мутахассисони бостоншинос кафедраи соҳавӣ (бостоншиносӣ) ташкил ва силсилаи экспедитсияҳои бостоншиносӣ ба роҳ монда шавад.

# РӮЙХАТИ САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## I. Осори Эмомалӣ Раҳмон


[1]. Рахмонов, Э. Золотой век таджиков [Текст]: Таджики в зеркале истории. Книга первая. От арийцев до Саманидов. – Лондон, 2000. – 240 с.

[2]. Рахмонов, Э. Родина Зарадуштры и явления пророка [Текст]: Зороастризм и его значение в развитии цивлизации народов Ближнего и Среднего Востока. – Душанбе, 2003. – С. 11-28.

[3]. Рахмонов, Э. Таджики вчера и сегодния [Текст]: Статья Президента Таджикистана Эмомали Рахмона посвящена 5-ой годовщине приобретение Независимости Республики Таджикистан. – Душанбе, 1997. – С. 13-19.

[4]. Раҳмон, Э. Дин ва ҷомеа [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – 672 с.

[5]. Раҳмон, Э. Забони миллат – ҳастии миллат [Матн]: Китоби 1 /Э. Раҳмон. – Душанбе: Андалеб, 2015. – 490 с.

[6]. Раҳмон, Э. Забони миллат – ҳастии миллат [Матн]: Китоби 2 /Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2020 – 432 с.

[7]. Раҳмон, Э. Имоми Аъзам [Матн]: рӯзгор, осор ва афкор / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2009. – 419 с.

[8]. Раҳмон, Э. Имоми Аъзам ва фарҳанги миллӣ [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2009. – 35 с.

[9]. Раҳмон, Э. Мероси Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 320 с.

[10]. Раҳмон, Э. Муҳити зиндагӣ ва олами андешаҳои Имоми Аъзам [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 368 с.

[11]. Раҳмон, Э. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Шарқи озод, 2007. – 144 с.

[12]. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр–Граф, 2016. – 364 с.

[13]. Раҳмонов, Э. Арзишҳои ориёӣ дар тамаддуни ҷаҳонӣ [Матн] // Ҷумҳурият. – 2006, август. – С. 2-3.

[14]. Раҳмонов, Э. Арзишҳои ориёӣ дар тамаддуни ҷаҳонӣ [Матн]: //Ориёнома. Ҷилди 2. – Душанбе: ООО «Рафи Граф», 2006. – С. 75-85.

[15]. Раҳмонов, Э. Ватани Задушт ва зуҳури паямбари оини ростин [Матн] // Фарҳанг. 2003, № 5 – 6. – С. 3-12.

[16]. Раҳмонов, Э. Нақши Авесто дар тамаддуни миллӣ ва ҷаҳонӣ [Матн]. – Душанбе, 2001. – С. 21-38.

[17]. Раҳмонов, Э. Нақши ориёиҳо дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ [Матн]. – Душанбе, 2006. – С. 11-23.

[18]. Раҳмонов, Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёиҳо [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 372 с.

[19]. Раҳмонов, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 1997. – 136 с.

[20]. Раҳмонов, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён [Матн]: Китоби I / Э. Раҳмонов. – Лондон, 1999. – 240 с.

[21]. Раҳмонов, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён [Матн]: Иборат аз чаҳор китоб / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 704 с.

[22]. Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён [Матн]: Китоби 3 / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 228 с.

[23]. Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён [Матн]: Китоби 3 / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 259 с.

**Б) Суханронии Эмомалӣ Раҳмон**

[24]. Рахмонов, Э. В культуре бытие нации [Текст]: Выступление на встречес представителями интелегенции страны. 20 марта 2001 г. // Независимост Таджикистана и возрождение нации. – Душанбе, 2006. – Т.4. – С 18-39.

[25]. Раҳмон, Э. «Пажуҳиш дар фарҳанги бостон: аз дирӯз то имрӯз»: Баромад дар симпозиуми байналмилалӣ - илмӣ. 22-юми октябри соли 2019. // Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]: Манбаъи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/21673 (санаи муроҷиат 27.12.2022).

[26]. Раҳмон, Э. Бахшида ба 25 –умин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Баромад дар назди намояндаҳои илму маориф ва хизматчиёни давлатӣ (дар бораи омӯзиши таърихи тамаддуни ниёгони тоҷикон). 4-уми ноябри соли 2019. // Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]: Манбаъи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/21672 (санаи муроҷиат 7.11.2022).

[27]. Раҳмон, Э. Бахшида ба Рӯзи дониш. Баромад дар назди намояндаҳои илму маориф (дар хусуси мубрамияти омӯзиши таъриху фарҳанги аҳди қадими тоҷикон). 1-уми сентябри соли 2019. // Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]: Манбаъи дастрасӣ: http: // www.president.tj/node/21670 (санаи муроҷиат 8.09.2023).

[28]. Раҳмон, Э. Забони давлатӣ арзиши волои миллӣ [Матн]: (ба муносибати Рӯзи забон) // Тоҷикистон, 2012, № 9-10.

[29]. Раҳмон, Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар (дар бораи зарурати аз таърихи миллат бохабар гардидан). 28-уми декабри соли 2019. // Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]: Манбаъи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/21673 (санаи муроҷиат 30.12.2022).

[30]. Раҳмон, Э. Паёми табрикотӣ ба муносибати Рӯзи забон [Матн] // Ҷумҳурият, 2011 – 5 октябр. – С. 1-2.

[31]. Раҳмон, Э. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Анҷумани XV-уми Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (дар бораи таъриху фарҳанги пурғановат доштани ниёкони тоҷикон). 18-уми декабри соли 2024. // Эмомалӣ Раҳмон. [Захираи электронӣ]: Манбаъи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/21674 (санаи муроҷиат 15.12.2024).

## II. САРЧАШМАҲО

[32]. Абдурраҳмон ибни Халдун. Муқаддимаи ибни Халдун [Матн] / А. Халдун; тарҷумаи Муҳаммад Парвини Гунободӣ. – Теҳрон, 1366 ҳ.қ. – Ҷ.1. – 988 с.

[33]. Абдурраҳмон ибни Халдун. Муқаддимаи Ибни Халдун [Матн] / А. Халдун. – Нашри Миср, 1993. – 943 с.

[34]. Абуисҳоқ Иброҳим Истахрӣ. Масолику-л-мамолик [Матн] / И. Истахрӣ; Таҳияи Эраҷи Афшор. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1367 ҳ. – 356 с.

[35]. Авесто [Матн] / Гузориш ва пажуҳиши Ҷ. Дӯстхоҳ. – Душанбе, 2001. – 792 с.

[36]. Авесто-кӯҳантарин ганҷинаи мактуби Эрони Бостон [Матн] / Тарҷума ва пажуҳиши Ҳошими Разӣ. – Теҳрон, 1379. – 658 с.

[37]. Адабиёти паҳлавӣ [Матн] / Пажуҳиш, тарҷума ва ташреҳи Д. Саймиддинов. – Душанбе, 2003. – 238 с.

[38]. Аҳмад ибни Абияъқуб ибни Возеҳ ал-Яъқубӣ. ал-Булдон [Матн] / А. Яъқубӣ; тарҷумаи доктор Муҳаммадиброҳими Оятӣ; баргардонкунанда аз хатти форсӣ ба кириллӣ Некрӯз Сафарзода. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии Тоҷик, 2022. – 220 с.

[39]. Балозурӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – 787 с.

[40]. Балъамӣ Абуалӣ. Таърихи Табарӣ [Матн] / А. Балъамӣ. – Теҳрон: Алҳудо, 2001. – Ҷ.I.II. – 1635 с.

[41]. Балъамӣ Абуалӣ. Таърихи Табарӣ [Матн]: иборат аз се ҷилд / А. Балъамӣ. – Душанбе: Ирфон, 1992. – Ҷ.1. – 655 с.

[42]. Балъамӣ, А. Таърихи Табарӣ [Матн] / А. Балъамӣ. Ҷилди 2. – Душанбе, 1992. – 782 с.

[43]. Берунӣ, А. Осор-ул-боқия [Матн] / А. Берунӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с.

[44]. Геродот. История в девяти книгах [Текст] / Гередот. – Л.: Наука, 1972. – 599 с.

[45]. Геродот. История в девяти книгах [Текст] / Гередот. – М.: Нучно-издательский центр «Ладомир» «Аст», 1999. – 739 с.

[46]. Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷаму-л-булдон [Матн] / Ё. Ҳамавӣ; Тарҷумаи Алӣ Сақии Разавӣ. – Теҳрон, 1380. – 1211 с.

[47]. Ибни Аъсами Куфӣ. Ал-Футуҳ [Матн] / А. Куфӣ; тарҷумаи Муҳаммад ибни Аҳмад Муставфии Ҳиравӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1386. – 1086 с.

[48]. Ибни Хурдодбеҳ Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ. Масолик ва мамолик [Матн] / Х. Абдуллоҳ; тарҷумаи Саиди Хорканд; баргардонкунанда аз хатти форсӣ ба кириллӣ Некрӯз Сафарзода. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2022. – 232 с.

[49]. Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз [Матн] / Ҳавқал; тарҷумаи Ҷаъфари Шуъор. – Теҳрон: Интишороти Бунѐди фарҳангии Эрон, 1345 ҳ. – 370 с.

[50]. Мирхонд. Равзату-с-сафо фи сирати-л-анбиёи ва-л-мулуки ва-л-хулафо [Матн] / Мирхонд; бо пешгуфтор ва таъliқоту ҳавошии Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2004. – Ҷ.1. – 337 с.

[51]. Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Мақдисӣ й. Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим [Матн] / М.А. ал- Мақдисӣ; тарҷумаи Алинақии Мунзавӣ. – Теҳрон, 1361. – 679 с.

[52]. Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 16 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.1-14. – 6366 с.

[53]. Наршахӣ Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро [Матн] / М.Ҷ. Наршахӣ; бо кӯшиши Муҳаммадтақии Муддариси Разавӣ. – Теҳрон, 1363. – 443 с.

[54]. Наршахӣ, А. Таърихи Бухоро [Матн] / А. Наршахӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. – 118 с.

[55]. Страбон. География [Текст] / Страбон. – М., 1994. – 940 с.

[56]. Таърихи Сиистон [Матн] / таҳияи А. Абдусаттор, М. Имомов. – Душанбе: Деваштич, 2012. – 662 с.

[57]. Та´рих-и Систан (История Систана) [Текст] / перевод, введение и комментарий Л.М. Смирнова. – М.: Наука, 1974. – 573 с.

[58]. Фирдавсӣ. Шоҳнома [Матн]: иборат аз 4 ҷилд / Фирдавсӣ; таҳияи Парвизи Атобакӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1386. – 2671 с.

[59]. Ҳудуду-л-олам мина-л-машриқ ила-л-мағриб [Матн] / бо муқаддимаи В. Бартольд; тарҷумаи Мирҳусайн Шоҳ. – Кобул, 1342. – 319 с.

[60]. Ҳудуду-л-олам мина-л-машриқ-ила-л-мағриб [Матн] / тарҷумаи Манучеҳри Сутуда. – Теҳрон: Китобхонаи Туҳурӣ, 1983 м. – 319 с.

[61]. Ҷузҷонӣ Минҳоҷ Сироҷ. Табақоти Носирӣ. Иборат аз 2 ҷ. Ҷ.1// Ба чоп омодакунанда Абдулҳай Ҳабибӣ [Матн] /Ҷузҷонӣ Минҳоҷ Сироҷ. – Кобул, 1363 ҳ. (1984). – 289 с.

[62]. Шиҳобуддин Абдуллоҳи Хофӣ. (Ҳофизи Абрӯ) Ҷуғрофиё [Матн] / Ҳ. Абрӯ; бо тасҳеҳи Ғуломризо Вараҳром. – Теҳрон: Иттилоот, 1370 ҳ. – 166 с.

## III. АДАБИЁТ

### а) бо забони русӣ

[63]. Абаев, В.И. Грамматический очерк осетинского языка [Текст] /В.И. Абаев. – Орджонкидзе: Сев.-Осет. кн. изд-во, 1959. – 168 с.

[64]. Абаев, В.И. Историко-этимологический словарь осетинского языка [Текст]: Т. III / В.И. Абаев. – М., 1979. – 981 с.

[65]. Авдиев, В.И. История древного Востока [Текст] / В.И. Авдиев. – М., 1970. – 608 с.

[66]. Аскаров, А., Буряков Ю.Ф., и др. Теоретические и методические проблемы исследования [Текст] / А. Аскаров, Ю.Ф. Буряков. – Ташкент, 1988. – 220 с.

[67]. Ахмад ибн Йахйа ибн Джабир Ал-Балазури. Завоевание Хорасана [Текст] / А. Ал-Балазури; пер. с араб., передисл., комм. и указ. Г. Гоибов; Отв. ред. Ю.С. Мальцев. – Душанбе: Дониш, 1987. – 120 с.

[68]. Барроу, Т. Санскрит [Текст] /Т. Барроу. – М., 1976. – 411 с.

[69]. Бартольд, В.В. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1963. – Т.II. – Ч.I. – 1020 с.

[70]. Бартольд, В.В. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1963. – Т.I. – 759 с.

[71]. Бартольд, В.В. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1966. – Т.VI. – 785 с.

[72]. Беков, Д.Г. Иронский диалект осетинского языка [Текст] / Д.Г. Беков. – Цхинвали: Ирыстон, 1985. – 386 с.

[73]. Беляев, Е.А. Арабы, ислам и арабский халифат в раннее средневекове [Текст] / А. Беляев. – М., 1966. – 279 с.

[74]. Бичурин, Н.Я. Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена [Матн] /Н.Я. Бичурин. Т.1-3, 2 изд. – М.- Л., 1950-1953. Т.II. – 1181 с.

[75]. Бойс, М. Зароастрийцы [Текст] / М. Бойс. – СП. 2003. – 342 с.

[76]. Бойс, М. Зороастрийцы. Верование и обычаи [Текст] / М. Бойс. – М., 1988. – 303 с.

[77]. Большаков, О.Г. История Халифата. Ислам в Аравии (570-633 гг.) [Текст]: в 4 томах / О. Большаков. – М.: Восточная литература, 2002. – Т.2. – 226 с.

[78]. Большаков, О.Г. История Халифата. Ислам в Аравии [Текст]: в 4 томах / О. Большаков. – М.: Наука, 1989. – Т.I. – 312 с.

[79]. Большаков, О.Г. История Халифата. Эпоха великих завоеваний [Текст]: в 4 томах / О. Большаков. – М.: Наука, 1993. – Т.II. – 294 с.

[80]. Бонгард-Левин, Г.М. Грантовский, Э.А. От Скифии до Индии [Текст] / Г.М. Бонгард-Левин, Э.А. Грантовский. М., 1983. – 212 с.

[81]. Брагинский, И.С. Из истории таджикской и персидской литератур. Древние автори о Средней Азии [Текст] / И.С. Брагинский. – М.: Наука, 1972. – 524 с.

[82]. Вайнберг, Б.И., Ставиский, Б.Я. История и культура Средней Азии в древности [Текст]. – М., 1994. – 206 с.

[83]. Васильев, Л.С. История Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: История, 1998. – Т.I. – 495 с.

[84]. Васильев, Л.С. История религии древного Востока [Текст] / Л.С. Васильев. – М., 1983. – 368 с.

[85]. Васильев, Л.С. История религии Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: Высшая школа, 1988. – 413 с.

[86]. Виноградова, Н., Кузьмина, Е.Е. Контакты степных и земледельческих племен Средней Азии в эпоху бронзы [Текст]: Восточный Туркестан и Средняя Азия в системе культур древнего и средневекового Востока / Н. Виноградова, Е.Е. Кузьмина. – М., 1986. – 253 с.

[87]. Виноградова, Н.М. Юго - Западный Таджикистан в эпоху поздней Бронзы [Текст] / Н.М. Виноградова. – М., 1904. – С. 43.

[88]. Гамкрелидзе, Т.В., Иванов, В. Индоевропейский язык и индоевропейцы [Текст] /Т.В. Гамкрелидзе, В. Иванов. Том 1-2. – Тиблиси, 1984. – 1409 с.

[89]. Гамкрелидзе, Т.В., Иванов, В.В. Индоевропейский язык и индоевропейцы [Текст]: Т. II /Т. В. Гамкрелидзе, В.В., Иванов. – Тиблиси, 1984. – 1328 с.

[90]. Гафуров, Б. Кушанская эпоха и миравая цивилизация [Текст] /Б. Гафуров. – М., 1968. – 20 с.

[91]. Гафуров, Б.Г. Таджики. Древнейшая, древная и средневековая история [Текст] / Б.Г. Гафуров. – М.: Издастельство «Наука», 1972. – 657 с.

[92]. Герце Берг, Л.Г. Краткое введение в индоевропеистику [Текст] /Л.Г. Герценберг. – М.: Спб, 2010. – 316 с.

[93]. Гинзбург, В.В. Антропологические данные к вопросу об этногенезе населения среднеазиатского междуречья в кушанскую эпоху. – Центральная Азия в кушанскую эпоху [Текст] /В.В. Гинзбург. Т.1. – М., 1974. – 355 с.

[94]. Гиршман, Р. Кушаны и Иран – Центральная Азия в кушанскую эпоху [Текст] /Р. Гиршман. Т.2. – М., 1975. – 429 с.

[95]. Гоибов, Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию [Текст] / Г. Гоибов. – Душанбе: Дониш, 1989. – 143 с.

[96]. Грантовский, Э.А. Ранняя история иранских племен Передней Азии [Текст] /Э.А. Грантовский. – М.: Институт Востоковедения, 2007. – 513 с.

[97]. Грюнебаум, Г.Э. Классический ислам. Очерки истории (600-1258) [Текст] / Э.Г. фон Грюнебаум; пер. с анг. И.М. Дижура; предис. В.В. Наумкина. – М.: Наука, 1988. – 216 с.

[98]. Гухман. Готский язык [Текст] / Гухман. – М., 1958. – 287 с.

[99]. Давидович, Е.А. Клады древних и средневековых монет Таджикистана [Текст] / Е.А. Давидович. – М., 1979. – 464 с.

[100]. Дандамаев, М.А. Политическая история Ахеманидской державы [Текст] / М.А. Дандамаев. – М., 1985. – 319 с.

[101]. Дандамаев, М.А., Луконин, В.Г. Культура и экономика древного Ирана [Текст] / М.А. Дандамаев. – М., 1980. – 418 с.

[102]. Дашков, С.Б. Цари царей – Сасаниды [Текст] / С.Б. Дашков. – М.: СМИ-АЗИЯ, 2008. – 352 с.

[103]. Джалилов, А. Из истории культурной жизни предков таджикского народа и таджиков в раннем средневековье [Текст] / А. Джалилов. – Душанбе, 1973. – 286 с.

[104]. Джалилов, А. Из истории культурной жизни предков таджикского народа и таджиков в раннем средневековье [Текст] / А. Джалилов. – Душанбе, 1973. – 286 с.

[105]. Джалилов, А. Согд накануне арабского нашествия и борьба согдийцев против арабских завоевателей в первой половине VIII в. [Текст] / А. Джалилов. – Сталинабад, 1961. – 165 с.

[106]. Джалилов, А. Согд накануне арабского нашествия и борьба согдийцев против арабских завоевателей в первой половине VIII в. [Текст] / А. Джалилов. – Сталинабад, 1961. – 167 с.

[107]. Дибвойз, Н.К. Политическая история Парфии [Текст] / Н.К. Дибвойз. – СПбГУ, 2008. – 816 с.

[108]. Дьяконов, И.М, Лившиц, В.А. Документы аз Нисы I в до. н.э. [Тест] / И.М. Дьяконов, В.А. Лившиц. – М., 1960. – 151 с.

[109]. Дьяконов, И.М. История Мидии от древнейших времен до конца IV в. до н.э [Текст] / М.И. Дьяконов. – М.: – Л., 1956. – 488 с.

[110]. Дьяконов, М.М. Очерки истории древнего Ирана [Текст] / М.М. Дьяконов. – М., 1961. – 444 с.

[111]. Дюмезил, Ж., Верховные боги индоевропейцев [Текст] / Ж. Дюземил. – М., 1986. – 236 с.

[112]. Зеймаль, Е.В. Древние монеты Таджикистана [Текст] /Е.В. Зеймаль. – Душанбе: Дониш, 1983. – 338 с.

[113]. Исаков, А. Саразм [Текст] / А. Исаков. – Душанбе, 1991. – 315 с.

[114]. Исоматов, М. Эфталитское государство и его роль в истории Центральной Азии [Текст] / М.М. Исоматов. – Душанбе: ТНУ, 2012. – 316 с.

[115]. История древнего мира [Текст]. – М., 1981. – 304 с.

[116]. История Ирана [Текст] / М.М. Дьяконов. – М., 1961. – 452 с.

[117]. История Ирана [Текст]. Под ред. Ивоново. – М., 1977. – 497 с.

[118]. История Казахской ССР [Текст] / под ред. И.О. Омарова. – Алма-Ата, 1949. – Т.I. – 510 с.

[119]. История Самарканда [Текст]: (с древних времен до середины XIV в.) Том 1. – Ташкент: Парадигма, 2017. – С. 90. – 336 с.

[120]. История таджикского народа [Текст]. Т.I. – М., 1963. – 596 с.

[121]. История таджикского народа [Текст]. Т.II. – Душанбе, 1999. – 790 с.

[122]. История таджикского народа [Текст]: Т. 2. – Москва: Изд-во вост. лит., 1963-1965. – 356 с.

[123]. История таджикского народа. Т. I [Текст]. – Душанбе: Дониш, 1978. – 364 с.

[124]. История Узбекской ССР [Текст] / Ю.А.Якубовский. – Ташкент: УзССР, 1955. – 276 с.

[125]. История Узбекской ССР [Текст]. – Ташкент: Фан, 1967. – Т.I. – 769 с.

[126]. Кодырова, Т. Из истории крестьянских движений в Мавераннахре и Хорасане [Текст] / Т. Кодырова. – Ташкент: Наука, 1965. – 240 с.

[127]. Колесников, А.И. Завоевание Ирана арабами [Текст] / И.А. Колесников. – М.: Мысл, 1982. – 111 с.

[128]. Колесников, А.И. Иран в начале VII века (Источники внутренняя и внешняя политика, вопросы административного деления) [Текст] /А.И. Колесников. – Л., 1970. – 145 с.

[129]. Колледж, М. Парфяне [Текст] / М. Колледж. – М., 2004. – 342 с.

[130]. Коломийцев, И. Тайны великой Скифии [Текст] /И. Коломийцев. – М., 2005. – 396 с.

[131]. Космина, В.Г. Проблемы методологии цивилизационного анализу историчного процесссу [Текст] /В.Г. Космина. – Запорижжя: ЗНУ, 2011. – 309 с.

[132]. Кошеленко, Г.А. Культура Парфии [Текст] /Г.А. Кошеленко. – М., 1966. – 220 с.

[133]. Красухин, К.Г. Введение в индоевропейское языкознание [Текст] /К.Г. Карасухин. – М.: Академия, 2004. – 320 с.

[134]. Кристенсен, А. Эрон дар замони Сосониён [Матн] / А. Кристесен / Тарҷумаи Рашид Ёсамӣ. –Теҳрон: Садои муосир, 1385. – 440 с.

[135]. Кузнецов, В.С. Последний правитель Ираншахра [Текст] /В.С. Кузнецов. – Новосибирск, 1991. – 220 с.

[136]. Кузьмина, Е.Е. Откуда пришли индоарии? [Текст] /Е.Е. Кузьмина. – М., 1994. – 464 с.

[137]. Куликан, У. Персы и мидяне. Подданные империи Ахеменидов [Текст] /У. Куликан. – М.: Центрполиграф, 2002. – 1448 с.

[138]. Лившиц, В.А. Иранские языки народов Средней Азии – Народы Средней Азии и Казахстана [Текст] / В.А. Лившиц. Т.I. – М., 1962. – 777 с.

[139]. Луконин, В.Г. Древний и раннесредневековый Иран [Текст] / В.Г. Луконин. – М., 1987. – 348 с.

[140]. Луконин, В.Г. Иран в эпоху первых Сасанидов [Текст] / В.Г. Луконин. – Л., 1961. – 347 с.

[141]. Луконин, В.Г. Культура сасанидского Ирана [Текст]: Иран в III-V вв.: Очерк по истории культуры / В.Г. Луконин. – М., 1969. – 262 с.

[142]. Мандельштам, А.М. Памятники кочевников кушанского времени в Северной Бактрии [Текст] /А.М. Мандельштам. – Л., 1975. – 228 с.

[143]. Масон, В.М. Средняя Азия и Древний Восток [Текст] /В.М. Масон. – М.: -Л.: 1964. – 474 с.

[144]. Массон, В.М. Первые цивилизации [Текст] / В.М. Массон. – М., 1989. – 274 с.

[145]. Массон, В.М. Сарианиди, В. И. Среднеазиатская терракота эпохи бронзы [Текст] / В.М. Массон, В.И. Сарианиди. – М., 1973. – 209 с.

[146]. Массон, В.М., Ромодин В.А. История Афганистана [Текст]. Т. I. – М., 1964. – 465 с.

[147]. Махсутов, В.П. История древного Вастока [Текст] /В.П. Махсутов. – Санкт-Петербург: Бережливость, 1905. – 453 с.

[148]. Мейе, А. Введение в сравнительное изучение индоевропейских языков [Текст] /А. Мейе. – М. - Л., 1938. – 510 с.

[149]. Мец, А. Мусульманский Ренессанс [Текст] / А. Мец; пер. с нем., пред., библиог. и указ. Д.Б. Бертеса. – М.: ВиМ, 1996. – 536 с.

[150]. Муминджонов, Х.Х. Философские проблемы зороастризма [Текст] / Х.Х. Муминджанов. – Душанбе, 2000. – 243 с.

[151]. Мутаххари Муртазо. Знакомство с исламской наукой [Текст] / М. Мутаххари. – Душанбе, 1974. – 246 с.

[152]. Мюллер, А. История ислама [Текст]: от доисламской истории арабов до падения династии Аббасидов / А. Мюллер. – М.: Астрель, 2004. – Т.1-2. – 911 с.

[153]. Мюллер, А. История ислама [Текст]: от мусулманской Персии до подения мусулманской Испании / А. Мюллер. – М.: Астрель, 2004. – Т.3-4. – 893 с.

[154]. Негматов, Н. Арианаведжо: ближняя и дальняя. Ариана и Арианаведжа [Текст] / Н. Негматов. – Худжанд, 2006. – 214 с.

[155]. Негматов, Н. Воднев Среднеазиатская автахтоность этногенеза и культурогенеза ариев. – Арийская цивилизация в контексте евроазиатских культур [Текст] / Н. Негматов. – Душанбе, 2006. – 744 с.

[156]. Негматов, Н. Прородина ариев [Текст] / Н. Негматов. – Душанбе, 2005. – 235 с.

[157]. Окладников, А.П. Исследования памятников каменного века Таджикистана [Текст] / А.П. Окладников. МИА, 66. – М-Л., 1958. – 241 с.

[158]. Оранский, И.М. Введение в иранскую филологию [Текст] /И.М. Оранский. – М.: Наука, 1960. – 490 с.

[159]. Оранский, И.М. Введение в иранскую филологию [Текст] /И.М. Оранский. Издание 2-е, дополненное. – М., 1988. – 393 с.

[160]. Оранский, И.М. Иранские языки в историческом освещении [Текст] / И.М. Оранский. – М., 1979. – 328 с.

[161]. Основы иранского языкознания [Текст]: Среднеиранские языки. – М., 1981. – 543 с.

[162]. Основы иранского языкознания [Текст]: Т. 1-6. – М., 1979-1987. – 544 с.

[163]. Периханян, А.И. Общество и право Ирана в Парфянской и Сасанидский периоды [Текст] /А.И. Периханян. – М.: Наука, 1983. – 383 с.

[164]. Пигулевская, Н.В. Арабы у границ Византии и Ирана в IV-VI вв. [Текст] / В.Н. Пигулевская. – М.: Наука, 1964. – 364 с.

[165]. Пигулевская, Н.В. Византия и Иран на рубеже VI и VII века [Текст] / В.Н. Пигулевская. – М.: АН СССР, 1946. – 289 с.

[166]. Пигулевская, Н.В. Города Ирана в раннем средневековые [Текст] / Н.В. Пигулевская. – М.- Л.: АН СССР, 1956. – 366 с.

[167]. Пигулевская, Н.В., Якубовский, А.Ю. Петрушевский И.П. История Ирана с древнейших времен до конца XVIII века [Текст] / Н.В. Пигулевская, А.Ю. Якубовский, И.П. Петрушевский. – Л., 1958. – 390 с.

[168]. Пугаченкова Г.А., Ртвеладзе, Э.В. Северная Бактрия–Тохаристан: Очерки истории и культуры. Ташкент, 1990. – 222 с.

[169]. Пьянков, И.В. Осиёи Миёна дар номаҳои бостон. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 64 с.

[170]. Рипка, Я. История персидско-таджикской литературы [Текст] /Я. Рипка. – М., 1970. – 440 с.

[171]. Ричард, Н.Ф. Наследие Ирана [Текст] / Ф.Н. Ричард. – М.: Наука, 1971. – 468 с.

[172]. Сарианиди, В.И. Древние земледельцы Афганистана Текст] / В.И. Сарианиди. – М., 1977. – 171 с.

[173]. Ставиский, Б.Я. Кушанская Бактрия: проблемы истории и культуры. – М., 1977. – 296 с.

[174]. Старр, Ф. Утраченное Просвещение: Золотой век Центральной Азии от арабского завоевания до времен Тамерлана [Текст] /Ф. Старр. - Пер. с англ. – М.: Алпина Паблишер, 2017. – 574 с.

[175]. Стеблин – Каменский, И.М. Авеста [Текст] / И.М. Стеблин - Каменский. – М., 1992. – 207 с.

[176]. Струве, В.В. История Ирана с древнейших времён до конца XVIII века. – Л.: Изд-во ЛГУ, 1958. – 390 с.

[177]. Сурдел, Д., Сурдел, Ж. Цивилизация классического ислама [Текст] / Д. Сурдел, Ж. Сурдел. – Екатеринбург: УФактория, 2006. – 536 с.

[178]. Тойнбӣ, А. Исследование истории: Возникновение, рост и распад цивилизаций [Текст] / Д.А. Тойнби. – М., 2009. – Т.I. – 355 с.

[179]. Тримингэм, ДЖ.С. Суфийские ордены в исламе [Текст] / С.ДЖ. Тримингем. – М.: Наука, 1989. – 326 с.

[180]. Фрай, Р. Наследие Центральной Азии [Текст] / Р. Фрай. – Душанбе, 2000. – 291 с.

[181]. Уэллс Г. История цивилизации [Текст] /Г. Уеллс. Кнг 1-2. – М., 2009. – 224 с.

[182]. Хакназаров, А. Освободительная борьба таджикского народа против Арабского Халифата (633-961) [Текст] / А. Хакназаров. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 372 с.

[183]. Хангтинтон, С. Столкновение цивилизаций [Текст] / С. Хангтинтон. – М., 2003. – 603 с.

[184]. Ходжаева, Н.Дж. Историческая география Центарльной Азии в доисламский период [Текст] / Н.Дж. Ходжаева. – Душанбе: Дониш, 2017. – 383 с.

[185]. Ходжаева, Н.Дж. Локализация авестийских гор Хара Березаити, рек Вахви-Датия, Ранха и моря Ворушка [Текст] /Н.Дж. Ходжаева. – Душанбе: Дониш, 2003. – 135 с.

[186]. Шарифов, Р.Я. Традиционное образования народов Хорасана. – Душанбе, «Эр-граф», 2017. – 108 с.

[187]. Шендаков, Г.Н. Этногенез и пути миграций индоевропейцев. – Волгоград, 1999. – 202 с.

[188]. Шпенглер, О. Закат Европы [Текст]: образ и действительность / О. Шпенглер. – М.: Наука, 1993. – 382 с.

[189]. Языки Азии и Африки [Текст]. – М., 1978. – 439 с.

[190]. Якубовский, А.Ю. Завоевание арабами Средней Азии [Текст] / Ю.А. Якубовский // История Узбекской ССР. – Ташкент: УзССР, 1955. – Т.1. – Кн.1. – С.134-150.

[191]. Якубовский, А.Ю. Мавераннахр в борьбе против власти арабов в VIII-IX вв. [Текст] / Ю.А. Якубовский // История Узбекской ССР. – Ташкент: УзССР, 1955. – Т.1. – С.151-175.

[192]. Якубовский, А.Ю., Большаков, О.Г. Борьба народов Средней Азии против арабского завоевания [Текст] / Ю.А. Якубовский, Г.О. Большаков. – М.: АН СССР, 1958. – 348 с.

[193]. Якубовский, А.Ю., Большаков, О.Г. Народы Средней Азии под властью Халифата [Текст] / Ю.А. Якубовский, Г.О. Большаков // История Таджикской ССР. – 2-е изд., перераб. и доп. – Душанбе: Маориф, 1983. – С.44-52.

[194]. Яъқубов, Ю. Религия Древного Согда [Текст] / Ю. Якубов. – Душанбе: Дониш, 1996. – 360 с.

**б) бо забони тоҷикӣ**

[195]. Айнӣ, С. Исёни Муқаннаъ [Матн] /С. Айнӣ. – Душанбе, 1978. – 168 с.

[196]. Акрамӣ, З., Шарифов, Р.Я. Консепсияи омӯзиш ва таҳқиқи таърихи халқи тоҷик [Матн] /З. Акрамӣ, Р.Я. Шарифов. – Душанбе, 2020. – 23 с.

[197]. Амиршоҳӣ, Н. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV [Матн] / Н. Амиршоҳӣ. – Душанбе: Амри илм, 1999. – 1008 с.

[198]. Бобохонов, М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон [Матн] / М. Бобохонов. – Душанбе: Маориф, 2005. – 510 с.

[199]. Бойматов, Л. Абумуслими Хуросонӣ [Матн] / Л. Бойматов. – Душанбе, 2006. – 24 с.

[200]. Бойматов, Л. Муқаннаъ [Матн] / Л. Бойматов. – Душанбе, 2006. – 30 с.

[201]. Ғафуров, Б. Тоҷикон [Матн] / Б. Ғафуров. Китоби 1. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 704 с.

[202]. Ғафуров, Б. Тоҷикон [Матн]: Таърихи қадимтарин қадим, асрҳои миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Дониш, 2008. – 731 с.

[203]. Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав [Матн] /Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 868 с.

[204]. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – 700 с.

[205]. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. [Матн] /Б. Ғафуров. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 891 с.

[206]. Ғоибов, Г. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз [Матн] / Ғ. Ғоибов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 906 с.

[207]. Ғоибов, Г. Таърихи Ҳисори Шодмон, Чағониён ва Душанбе [Матн] / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 1999. – 221 с.

[208]. Диноршоев, М.Д. Аз таърихи фалсафаи тоҷик [Матн] / М.Д. Диноршоев. – Душанбе, 1988. – 224 с.

[209]. Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим [Матн] / И. Қурбон. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – 479 с.

[210]. Исоматов, М. «Таърихи Табарӣ»-и Абуалии Балъамӣ [Матн]: пажуҳише андар муносибатҳои Сосониён ва Ҳайтолиён / М. Исоматов. – Душанбе: Сино, 1996. – 136 с.

[211]. Камол, Ҳ. Авомили ба сари ҳокимият омадани Сомониён [Матн]: баррасиҳои ҳаводиси таърихии садаҳои VII-IX-и Хуросони Бузург дар асоси манобеи таърихӣ / Ҳ. Камол. – Душанбе, 2022. – 324 с.

[212]. Кристенсен, А. Эрон дар замони Сосониён [Матн] / А. Кристенсен. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 236 с.

[213]. Муминзода, Ҳ. Турон гаҳвораи тамаддуни ориёӣ [Матн] / Ҳ Муминзода. – Душанбе, 2004. – 297 с.

[214]. Муминҷонов, Ҳ. Зардушт ва оини ӯ [Матн] / Ҳ. Муминзода. – Душанбе, 1997. – 265 с.

[215]. Муминҷонов, Ҳ. Масъалаҳои фалсафии зардуштия [Матн] / Ҳ. Муминҷонов. – Душанбе, 2000. – 289 с.

[216]. Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе, 1999. – 550 с.

[217]. Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – 660 с.

[218]. Мухторов, А. Афшин Ҳайдари Истаравшанӣ бузургтарин лашкаркаши Араб (асри IX) [Матн] / А. Мухторов. – Истаравшан: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2005. – 101 с.

[219]. Назаров, Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 138 с.

[220]. Назаров, Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Пайванд, 2005. – 492 с.

[221]. Наршахӣ, А. Таърихи Бухоро [Матн] / А. Наршахӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. – 120 с.

[222]. Неъматов, Н.Н., Ф.Ю. Носирова, С. Бобомуллоев, Д. Довутов, М. Исоматов. Таърихи халқи тоҷик. Китоби якум (аз инсони оқил то тоҷики баркамол) [Матн] /Н.Н. Неъматов, Ф.Ю. Носирова, С. Бобомуллоев, Д. Довутов, М. Исоматов. – Душанбе: Сарпараст, 2003. – 461 с.

[223]. Нуъмонӣ Шиблӣ. Симои Имоми Аъзам Абуҳанифа [Матн] / Ш. Нуъмонӣ. – Хуҷанд, 2009. – 223 с.

[224]. Нуъмонӣ Шиблӣ. Туҳфату-л-амон фӣ сирати-н-Нуъмон [Матн] / Ш. Нуъмонӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2009. – 627 с.

[225]. Пирумшо, Ҳ. Консепсияи таҳқиқи таърихи халқи тоҷик [Матн] / Ҳ. Пирумшо. – Душанбе: «Ганҷи хирад», 2021. – 33 с.

[226]. Расулиён, Қ. Ориёиҳо кистанд ва ватани онҳо куҷост? [Матн] /Қ. Расулиён. – Душанбе, 2004. – 43 с.

[227]. Расулиён, Қ. Таърихи халқи тоҷик [Матн]: аҳди қадим ва ибтидои асрҳои миёна / Қ. Расулиён. – Душанбе, 2016. – 404 с.

[228]. Раҷабов, С.М. Мубоpизаи истиқлолиятхоҳонаи мардуми Хуросон ва Суғд бар зидди истилогарони араб [Матн] / С. Раҷабов. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 208 с.

[229]. Ричард, Н.Ф. Мероси Осиёи Марказӣ [Матн] / Н.Ф. Ричард. – Душанбе: Сурушан, 2000. – 373 с.

[230]. Саймиддинов, Д. Вожашиносии забони форсии миёна [Матн] / Д. Самиддинов. – Душанбе, 2001. – 310 с.

[231]. Сафо, З. Таърихи адабиёти Эрон [Матн] / З. Сафо. – Душанбе, 2003. – 318 с.

[232]. Старр Фредерик. Маърифати гумшуда [Матн]: асри тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг / Ф. Старр. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016. – 692 с.

[233]. Тартуси Абӯтоҳир. Абумуслимнома [Матн]: роман / Т. Абӯтоҳир. – Душанбе: Адиб, 1994. – 287 с.

[234]. Турсунов Н. Куллиёти осор [Матн]: Ҷилди I. Таърихи халқи тоҷик. Аз аҳди бостон то инқилоби соли 1917. Нашри дувуми такмилёфта /Н. Турсунов. – Хуҷанд: «Ношир», 2017. – 656 с.

[235]. Улуғзода, С. Ривояти суғдӣ [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Адиб, 2002. – 220 с.

[236]. Ҳазраткулов, М. Эътиқодоту анъанаҳои бостонии Аҷам [Матн] / М. Ҳазраткулов. – Душанбе: Дониш, 1986. – 286 с.

[237]. Ҳазратқулов, М. Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ [Матн] / М. Ҳазратқулов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 578 с.

[238]. Ҳакимов, Н. Таърихи халқи тоҷик. [Матн] / Н. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 484 с.

[239]. Ҳақназаров, А. Таърихи баҳамоӣӣ ва ташаккули халқи тоҷик [Матн] / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2013. – 338 с.

[240]. Ҳақназаров, А. Ҷунбишҳои инқилобии мардумони эронитабор бар зидди хулафои араб [Матн] / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2005. – 141 с.

[241]. Ҳақназаров, А. Шукуфтаҳои иқтисод ва фарҳанги халқи тоҷик [Матн]: аз оғоз то асри XV мелодӣ / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2021. – 404 с.

[242]. Ҳотамӣ, М. Гуфтугӯи тамаддунҳо ва фарҳанги эрон [Матн] /М. Ҳотамӣ. – Душанбе: Институти Рӯдакӣ, 2002. – 256 с.

[243]. Шарипов, А. Эмомалӣ Раҳмонов: Соли тамаддуни ориёӣ [Матн] /А. Шарипов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 442 с.

[244]. Шарифов, Р.Я. Забони дуҳазорсолаи қабли Афғонистон ё модарзабони дарӣ [Матн]: Таҳлили катибаи Сурхкутали Бағлон / баргардони ва таҳияи Р.Я. Шарифов. – Душанбе: Меҳрона-2017, 2019. – 152 с.

[245]. Этногенез ва таърихи этникии халқи тоҷик [Матн] / Зери назари академик Ф. Раҳимӣ. Ҷилди 1. – Душанбе: Дониш, 2021. – 845 с.

[246]. Яъқубов, Ю. Давлати Каёниён [Матн] /Ю. Яъқубов. – Душанбе: Эр-граф, 2012. – 495 с.

**в) бо забони форсӣ**

[247]. Compendiun Linquarum Iranicarum. Edited by Rudiqer Schmitt Wiesbaden, 1989 [Тарҷумаи форсӣ: «Роҳнамои забонҳои эронӣ» (дар ду ҷилд). – Теҳрон, 1382 / 2003. – 356 с.

[248]. Аббоси Қадёнӣ. Таърихи адён ва мазоҳиб дар Эрон [Матн] / А. Қадёнӣ. – Техрон: Фарҳанг, 1381. – 320 с.

[249]. Абдулғанӣ Ҳасан. Абумуслими Хуросонӣ [Матн] / А. Ҳасан. – Теҳрон: Сипеҳр, 1353. – 108 с.

[250]. Абдулҳай Ҳабибӣ. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.1. – 585 с.

[251]. Абдулҳай Ҳабибӣ. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.2. – 1020 с.

[252]. Абдулҳай Ҳабибӣ. Саҳми Афғонистон дар интиқоли фарҳанги Осиёи Миёна [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Маркази таҳқиқоти алломи Абдулҳай Ҳабибӣ, 1382 (2002). – 53 с.

[253]. Абдулҳай Ҳабибӣ. Таърихи Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1367. – 1087 с.

[254]. Акбарӣ, А. Таърихи ҳукумати Тоҳириён аз оғоз то анҷом [Матн] /А. Акбарӣ. – Теҳрон, 1384. – 400 с.

[255]. Акрам Баҳромӣ. Таърихи Эрон аз зуҳури ислом то суқути Бағдод [Матн] / А. Баҳромӣ. – Теҳрон: Донишсарой, 1350. – 675 с.

[256]. Алавӣ, А. Таърихи комили адён [Матн] / А. Алавӣ. – Теҳрон, 1342. – 544 с.

[257]. Аторӯдӣ Азизуллоҳ. Таърихи остони қудси разавӣ [Матн] / А. Аторудӣ. Ҷ.1. – Теҳрон: Аторӯд, 1371. – 534 с.

[258]. Аҳмад ибни Исҳоқи Яъқубӣ. Таърихи Яъқубӣ. Мутарҷим М. Оятӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1832. Ҷ. II. – 644 с.

[259]. Бағдодӣ, А. «ал-Фарқу байн-ал-фирақ» [Матн] / А. Бағдодӣ. – Коҳира, 1948. – 398 с.

[260]. Балъамӣ, А. Таърихи Табарӣ [Матн] /А. Балъамӣ. Ҷ. I. – Теҳрон, 2001. – 621 с.

[261]. Бартолд, В.В. Таърихи Эрон дар қуруни нахустини исломӣ [Матн] / В.В. Бартолд; тарҷумаи Абдулҷаводи Фалотурӣ. – Теҳрон, 1373 ш. – 458 с.

[262]. Бартолд, В.В. Туркистоннома [Матн] / В.В. Бартолд; тарҷумаи Карими Кишоварз. – Теҳрон, 1366 ш. – 346 с.

[263]. Баҳор, М. Аз устура то таърих [Матн] / М. Баҳор. – Теҳрон, 1381. – 497 с.

[264]. Баҳор, М. Пажуҳише дар асотири Эрон [Матн] / М. Баҳор. – Теҳрон, 1362. – 327 с.

[265]. Бенвинист Эмил. Дини эронӣ [Матн] / Э. Бенвенист; тарҷумаи Баҳман Саркорӣ. – Табрез, 1370. – 175 с.

[266]. Блойс, Л. Спек, Р. Дебочае бар ҷаҳони бостон [Текст] / Л. Блойс, Л. Спек. Тарҷимаи Муртазо Соқифар. – Теҳрон, 1379. – 346 с.

[267]. Бойс Мэри. Зардуштиён [Матн]: боварҳо ва одоби динии онҳо / М. Бойс; тарҷумаи Аскар Баҳромӣ. – Теҳрон: Қуқнус, 1381 ҳ.қ. – 278 с.

[268]. Донишномаи Эрони бостон [Матн]. Ҷ. IV. – Теҳрон, 1381. – 432 с.

[269]. Дунон, М. Таърихи ҷаҳони Лорус [Матн] /М. Дунон; тарҷумаи Ҷ. Аълам. – Теҳрон, 1378 (2000). – 435 с.

[270]. Дӯстхоҳ, Ҷ. Авесто [Матн] / Ҷ. Дӯстхоҳ. Ҷ. II. – Теҳрон, 1375. – 654 с.

[271]. Дюрант, В. Таърихи тамаддун [Матн] / В. Дюрант; тарҷумаи Алиасғари Суруш. – Теҳрон, 1376 ҳ.ш. – 467 с.

[272]. Дюрант, В. Таърихи тамаддун [Матн]: Китоби якум. Машриқзамин гаҳвораи тамаддун /В. Дюрант; тарҷумаи Аҳмад Ором. – Теҳрон, 1340. (1962). – 276 с.

[273]. Ёршотир, Э., Бикрмон, А.Д., Бейвор, Ҳ., Родитсо Л., Фрай, Р.Н… Таърихи Эрон. Аз Селевкиён то фурӯпошии давлати Сосониён [Матн]. Пажуҳиши донишгоҳи Кембриҷ. Тарҷумаи Ҳ. Ануша. Ҷ. 2. Б. 3. – Теҳрон, 1378. – 473 с.

[274]. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон [Матн] / З. Сафо. – Теҳрон: Фирдавс, 1371. – 748 с.

[275]. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон [Матн] / С. Забеҳулло. – Теҳрон, 1362 ш. – Ҷ.I. – 456 с.

[276]. Забеҳулло Сафо. Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ [Матн] / С. Забеҳулло. – Теҳрон: Амири Кабир, 2536 шоҳаншоҳӣ. – Ҷ.1. – 451 с.

[277]. Зайналобиддин Қурбонӣ. Таърихи фарҳанг ва тамаддуни исломӣ. [Матн] / Қ. Зайналобиддин. – Теҳрон: Дафтари нашри фарҳанги исломӣ, 1370. – 355 с.

[278]. Зайналобиддин Қурбонӣ. Таърихи фарҳанг ва тамаддуни исломӣ. [Матн] / Қ. Зайналобиддин. – Теҳрон: Дафтари нашри фарҳанги исломӣ, 1370. – 355 с.

[279]. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Ду қарни сукут (Саргузашти ҳаводис ва авзои таърихии ду қарни аввали ислом). [Матн] / Зарринкӯб Абдулҳусайн. – Теҳрон: Сухан, 1381. – 563 с.

[280]. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Таърихи тамаддуни Эрон [Матн] / А. Зарринкуб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1367. – 605 с.

[281]. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Таърихи Эрон баъд аз ислом [Матн] / А. Зарринкӯб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1363. – 685 с.

[282]. Зарринкӯб, А. Таърихи мардуми Эрон пеш аз ислом [Матн] /А. Зарринкӯб. – Теҳрон, 1999. – 614 с.

[283]. Зеҳнер. Зурвон – муаммои зартуштигарӣ [Матн] / Зеҳнер. – Теҳрон, 1375. – 432 с.

[284]. Ибни Асир Изуддин. Таърихи комил //Баргардони Саид Муҳаммад Ҳусайни Руҳонӣ//Изуддин ибни Асир.Ҷ. IX. [Матн] / Ибни Асир Изуддин –Теҳрон, 1383 ҳ.қ. (2004). – 354 с.

[285]. Ибни Асокир. Таърихи мадинаи Димишқ Матн]. – Бейрут: Дорулфикр, 1415 ҳиҷрӣ/1995. – 432 с.

[286]. Ибни Халикон. Вафиёт-ул-аъён ва анбоъ ибноҳу-ул-замон, ал муҷаллад солис [Матн]: Таҳияи доктор Эҳсон Аббос. – Бейрут: Дори Содир, 1398 ҳ. /1978. – 654 с.

[287]. Иброҳим ибни Синон. Ҳунайн ибни Исҳоқ. Зиндагиномаи донишмандони исломӣ [Матн] / С. Иброҳим, И. Ҳунайн. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387. – 443 с.

[288]. Иноятуллоҳ Ризо. Эрон ва Туркон дар рӯзгори Сосониён [Матн] / И. Ризо. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1384. – 231 с.

[289]. Искандарӣ, Э. Дар торикаи қарнҳо [Матн] / Э. Искандарӣ. – Теҳрон, 1372 (1994). – 532 с.

[290]. Климо Утокар. Таърихчаи мактаби Маздак [Матн] / У. Клим; тарҷумаи Ҷаҳонгир Фикрӣ. – Теҳрон: Ҳайдарӣ, 1371. – 364 с.

[291]. Конпурӣ, М.А. Бармакиён Яҳё, Фазл, Ҷаъфар ё дурнамое аз асри тиллоии Ислом ва дастгоҳи хулафои Аббосӣ. – Теҳрон, 1330. – 342 с.

[292]. Кристенсен, Артур. Каёниён [Матн] / А. Кристенсен. – Теҳрон, 1381. – 543 с.

[293]. Кристенсен Артур. Эрон дар замони Сосониён [Матн] / А. Кристинсен; тарҷумаи Рашид Ёсамӣ. – Теҳрон: Интишороти донишгоҳ, 1332. – 577 с.

[294]. Қадиёнӣ, А. Таърихи адён ва мазоҳиб дар Эрон [Матн] / А. Қадиёнӣ. – Теҳрон, 1352. – 342 с.

[295]. Линтон, Р. Сайри тамаддун [Матн] /Р. Линтон. – Теҳрон, 1374 (1996). – 321.

[296]. Маздопарастӣ дар Эрони бостон. Тарҷумаи З. Сафо. – Теҳрон, 1345. – 325 с.

[297]. Малика Аббос. Салмони Форсӣ [Матн] / М. Аббос. – Теҳрон, 1996. – 162 с.

[298]. Малоирӣ, М. Таърихи фарҳанги Эрон [Матн]: Ҷ. 2. Дили Эроншаҳр /М. Малоирӣ. – Теҳрон, 1378 (2000). – 354 с.

[299]. Метз Адам. Тамаддуни исломӣ дар қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ [Матн] / А. Метс; тарҷумаи Алиризо Заковатӣ Қарогузлу. – Теҳрон, 1362 ҳ. – Ҷ.I. – 456 с.

[300]. Меҳрдоди Меҳрин. Дини маздоӣ [Матн] / М. Меҳрин. – Теҳрон: Чопхоҷа, 1364. – 172 с.

[301]. Мирғулом Муҳаммади Ғубор. Афғонистон дар масири таърих [Матн] / М. Ғубор. – Кобул, 1978. – 864 с.

[302]. Муин, М. Маздаясно ва таъсири он дар адабиёти порсӣ [Матн] / М. Муин. – Теҳрон, 1326. – 247 с.

[303]. Муҳаммад Ҷаводи Машкур. Эрон дар аҳди бостон. Таърихи ақвом ва подшоҳони пеш аз ислом [Матн] / М.Ҷ. Машкур. – Теҳрон, 1367 ҳ.қ. – 648 с.

[304]. Муҳаммадӣ, М. Фарҳанги Эрони пеш аз ислом ва осори он дар тамаддуни исломӣ ва адабиёти арабӣ [Матн] /М. Муҳаммадӣ. – Теҳрон, 1374 (1996). – 342 с.

[305]. Найир Нурӣ А. Саҳми арзишманди Эрон дар фарҳанги ҷаҳон. Ҷ. 2. [Матн] / А. Найир Нурӣ. – Теҳрон, 1998. – 1031 с.

[306]. Нафисӣ Саъид. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рудакӣ [Матн] / С. Нафисӣ. – Теҳрон, 1336 ш. – 185 с.

[307]. Нафисӣ Саъид. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн]: аз инқирози Сосониён то инқирози Умавиён / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1342. – Ҷ.2. – 276 с.

[308]. Нафисӣ Саъид. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн]: даврони пеш аз таърих ва оғози таърих / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1342. – Ҷ.1. – 291 с.

[309]. Нафисӣ Саъид. Таърихи тамаддуни Эрони Сосонӣ [Матн] /С. Нафисӣ. – Теҳрон, 2004. – 433 с.

[310]. Нафисӣ Саъид. Таърихи хонадони Тоҳирӣ [Матн] /Саид Нафисӣ. – Теҳрон, 1335 ш. (1956). – 420 с.

[311]. Нюберг, С. Динҳои Эрони бостон [Матн] / С. Нюберг; тарҷумаи Сайфуддини Наҷмободӣ. – Теҳрон, 1359. – 162 с.

[312]. Нёлдеке, Т. Таърихи эрониён ва арабҳо дар замони Сосониён [Матн] / Т. Нёлдеке; тарҷумаи Аббос Зарёб. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1375. – 777 с.

[313]. Нос, Ҷ. Таърихи ҷомеи адён [Матн] / Ҷ. Нос. – Теҳрон, 1344. – 432 с.

[314]. Омулӣ Ҷаъфари Муртазо. Салмони Форсӣ [Матн] / М.Ҷ. Омулӣ. – Теҳрон: Таблиғоти исломӣ, 1370. – 162 с.

[315]. Осимов, И., Франк, В. Таърихи тамаддун [Матн] / И. Осимов, В. Франк. – Теҳрон, 1378. – 324 с.

[316]. Оштиёнӣ, Ҷ. Зардушт. Маздоясно ва ҳукумат [Матн] /Ҷ. Оштиёнӣ. – Теҳрон, 1374. (1996). – 308 с.

[317]. Перси Сайкс. Таърихи Эрон [Матн] / П. Сайк; тарҷумаи Саидмуҳаммад Фахрдоии Гелонӣ. – Теҳрон: Фарҳанг, 1336. – 380 с.

[318]. Пирниё Ҳасан. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Қоҷория [Матн] / Ҳ. Пирниё, А. Иқбол. – Теҳрон: Хайём, 1370. – 864 с.

[319]. Пирниё Ҳасан. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Сосониён [Матн] / Ҳ. Пирниё. – Теҳрон: Хайём, 1370. – 237 с.

[320]. Пирниё Ҳасан. Таърихи Эрони бостон [Матн] /П. Ҳасан. – Теҳрон, 1362 (1984). – 391 с.

[321]. Пурдовуд, И. Мақолоти эроншиносӣ [Матн] /И. Пурдовуд. – Теҳрон, 1378. – 379 с.

[322]. Пурдовуд. Яштҳо [Матн] / Пурдовуд. Ҷ.1. – Теҳрон, 1377. – 281 с.

[323]. Разӣ, Ҳ. Донишномаи Эрони бостон [Матн] / Ҳ. Разӣ. Ҷ. 2. – Теҳрон, 1381.– 291 с.

[324]. Разӣ, Ҳ. Оини Меҳр [Матн] / Ҳ. Разӣ. Ҷ.1. Теҳрон, 1381. – 287 с.

[325]. Разӣ, Ҳ. Оини муғон [Матн] / Ҳ. Разӣ. – Теҳрон, 1382 (2004). – 324 с.

[326]. Ризоӣ Абдулазим. Аслу насаб ва динҳои эрониёни бостон [Матн] / А. Ризоӣ. – Теҳрон: Нашри мавҷ, 1372. – 527 с.

[327]. Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон. Ҷилди дувум. Аз Сосониён то инқирози Оли Зиёр [Матн] /А. Ризоӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1373. – 360 с.

[328]. Ричард, Н.Ф. Бухоро дастоварди қуруни вусто [Матн] / Фрай Ричард; тарҷумаи Маҳмуд Маҳмудӣ. – Теҳрон: Улум ва фарҳанг, 1365. – 458 с.

[329]. Ровандӣ Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн] / С.М. Ровандӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1354 ш. – Ҷ.1. – 756 с.

[330]. Ровандӣ Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн] / С.М. Ровандӣ. – Теҳрон, 1376 (1998). – 354 с.

[331]. Розӣ Абдуллоҳ. Таърихи комили Эрон [Матн] / А. Розӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1373. – 583 с.

[332]. Сиистонӣ Муҳаммадазим. Моликияти арзӣ ва ҷунбишҳои деҳқонӣ дар Хуросони қуруни вусто [Матн] / М. Сиистонӣ. – Кобул, 1362. – 669 с.

[333]. Сомӣ, А. Аслу насаб [Матн] / А. Сомӣ. – Теҳрон, 1372. – 359 с.

[334]. Сомӣ, А. Тамаддуни сосонӣ [Матн] /А. Сомӣ. – Теҳрон, 1342. – 342 с.

[335]. Табарӣ Э. Бархе баррасиҳо дар бораи ҷаҳонбиниҳо ва ҷунбишҳои иҷтимоӣ дар Эрон [Матн] /Э. Табарӣ. – Теҳрон, 1378 (2000). – 367 с.

[336]. Тафаззулӣ, А. Таърихи адабиёти Эрони пеш аз ислом [Матн] / А. Тафаззулӣ. – Теҳрон, 1376. – 321 с.

[337]. Таърихи ислом [Матн]: пажуҳиши донишгоҳи Кембриҷ / А. Ором; тарҷумаи Аҳмади Ором. – Теҳрон: Амири Кабир, 1377. – 950 с.

[338]. Таърихи Эрон [Матн]: аз Селевкиён то фурупошии давлати Сосониён. – Теҳрон: Амири Кабир, 1370. – Ҷ.3. – 848 с.

[339]. Тоийнбӣ, А. Таърихи тамаддун [Матн] / А. Тоийнбӣ. – Теҳрон, 1476. – 644 с.

[340]. Тойнбӣ, А. Хулосаи давраи дувоздаҳҷилдаи баррасии таърихи тамаддун [Матн] /А. Тоийнбӣ; тарҷумаи Ҳусейни Ориё. – Теҳрон, 1376. (1998). – 453 с.

[341]. Халилӣ Аббос. Эрон баъд аз ислом [Матн] / А. Халилӣ. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1335 ҳ. – 320 с.

[342]. Ҳақиқат Абдуррафеъ. Таърихи неҳзатҳои фарҳангии Эрониён [Матн] / А. Ҳақиқат. – Теҳрон: Ширкати муаллифон ва мутарҷимони Эрон, 1347. – 497 с.

[343]. Ҳинаяна. Таърихи ойини Буддо [Матн] / Ҳинаяна; тарҷумаи А. Пошоӣ. – Теҳрон: Нақши ҷаҳон, 1329. – Ҷ.1. – 357 с.

[344]. Ҳиннелз, Ҷ. Шинохти асотири Эрон [Матн] / Ҷ. Ҳиннелз. – Теҳрон, 1383. – 432 с.

[345]. Ҳордӣ, Ф. Адёни Осиё [Матн] /Ф. Ҳордӣ; тарҷумаи А. Гвоҳӣ. – Теҳрон, 1377.

[346]. Ҳуор, К. Эрон ва тамаддуни эронӣ [Матн] / К. Ҳовер; тарҷумаи Ҳ. Ануша. – Теҳрон, 1380 (2002). – 589 с.

[347]. Ҷаводӣ, Ғ. Маъмурияти Ирони бостон [Матн] / Ғ. Ҷаводӣ. – Теҳрон, 2001. – 298 с.

[348]. Шаҳрзод, Р. Ҷаҳонбинии зардуштӣ [Матн] /Р. Шаҳрзод. –Теҳрон, 1375 (1997). – 394 с.

**г) бо забони англисӣ**

[349]. Alteheim, F. Geschichte der Hunnen [Text] / F. Alteheim. Bd. II. – 1960. – p. 269.

[350]. Altheim F. Awestische Textgeschichte [Text] / F. Alteheim. – Halle, 1949. – P.66.

[351]. Boyce, M. Middle Persian Literature [Text] // HOr. – Abt. 1. Bd 4.2. Iranistik Literatur [Text]. – Leiden – Koln. 1968. – P. 31-66.

[352]. Chavanes, E. Dokuments sur les Ton- Kien (Turcs) occidentaux [Тект] / E. Chavanes. – St. Petersbourgs, 1903. – P. 38.

[353]. Emmerick Ronald E. Buddism among Iranian Peoples [Text] / E. Emmerick Ronald // The Cambiredge Hustary of Iran. – 1983. – P.949-964.

[354]. Haussig Hans Wilhelm. Die Geschich Zentralasiens und der Seidenstrabe in vorislamischer Zeit [Text] / Haussig Hans Wilhelm. – Darmstadt, 1992. – 237 p.

[355]. Jackson, A.V. Resiarches Manichaeism [Тект] / A.V. Jackson. – New York. 1965.

[356]. Kent, R.G. Old Persian [Text]: Grammar, texts, lexion. – New Haven, 1953. – P.130-132.

[357]. Madelung Wilferd. Religious Trends in Early Islamic Iran [Text] / Madelung Wilferd. – Albany, 1988. – 128 p.

[358]. Madelung Wilferd. The Early Murji'a in Khurasan and Teansoxania and the Apread of Hanafism [Text] / Madelung Wilferd // Der islam. – 1982. – Vol.59. – P.32.

[359]. Nyberg, H.S. Die Religion des alten Iran [Text] / H.S. Nyberg. – Lpz., 1938. – 506 p.

[360]. Rosenthal, J. Hiwi al-Balkhi [Text]: a Comparative Study / J. Rosenthal. – Philadelphia, 1949. – 59 p.

[361]. Samuel, N.C. Lieu. Manichaeism in the Later Roman Empire and Medieval China [Text]: a Historical Survey / Samuel N.C. Lieu. – Manchester, 1985. – 360 p.

[362]. Schacht Joseph. The Origins of Muhammadan Jurisprudenc [Text] / Schacht Joseph. – Oxford, 1950. – 348 p.

[363]. Tedesco, P. Dialektologie der westiranischen Turfantexte [Text]/ P. Tedesco. MO, 1925, V.15. – P. 255.

[364]. The Cambridge History of Iran [Text]. – Cambridge, 1986. – Vol.3(1). – 624 p.

[365]. Zaehner, R.S. The dawn and twillight of Zoroastrianism [Text] / R.S. Zaehner. – New-York, 1961. – 371 p.

[366]. Zaehner, R.S. Zurvan. A Zoroastrian Dilemma [Техт] / R.S. Zaehner. 1972.

## IV. ДИССЕРТАТСИЯ ВА АВТОРЕФЕРАТҲО

[367]. Алиев, А.Х. Траддиции обучения и воспитания предков – таджиков в контексте современных проблем образования: на материалах арийкской цивлизации [Текст]: дис. канд. ... педагог. наук / А.Х. Алиев. – Душанбе, 2012. – 159 с.

[368]. Вейнберг, И.П. Гражданско-храмовая община в западных провинциях Ахеменидской державы [Текст]: дисс... д-ра истор. наук / И.В. Вейнбег. – Тбилиси, 1973. – С. 31.

[369]. Ғуломов, Т.М. Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X [Матн]: дисс... док. илм. таърих: 07.00.09 / Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич. – Душанбе, 2023. – 345 с.

[370]. Давлатов, М.И. Особенности модернизации политического и этического учения ислама: на материалах стран арабского Востока [Текст]: дисс... канд. филос. наук: 09.00.06 / Давлатов Муродулло Исматович. – Ташкент, 1987. – 190 с.

[371]. Исмонов, К.Б. Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар таҳаввул ва ташаккули забоншиносии араб [Матн]: дисс... док. илм. филол.: 10.02.01 / Исмонов Кароматулло Бадриддинович. – Душанбе, 2023. – 339 с.

[372]. Исоматов, М.М. Эфталитское государство и его роль в истории Центральной Азии [Текст]: дисс... д-ра истор. наук: 07.00.02 / Исоматов Маъруф Мараджабович. – Душанбе, 2009. – 375 с.

[373]. Каланадарова, О.И. Семантика сюжетов ювелирных украшений Бактрии-Тохаристана и Согда [Текст]: автореф. дис. канд. ... ист. наук: 07.00.06, 07.00.09 / О.И. Каланадарова. – Душанбе, 2021. – 66 с.

[374]. Каримов, О.К. Вкалад академика Б.Г. Гафурова в создание истории таджикского народа [Текст]: дис. канд. ... ист. наук / О.К. Каримов. – Хуҷанд, 1999. – 165 с.

[375]. Майтдинова, Г. Генезис костюма таджиков древность и раннее средневековье [Текст]: автореф. дис. д-ра ист. наук / Г. Майтдинова. – Душанбе, 1997. – 50 с.

[376]. Малекиан, М.М. Культурные связи Республики Таджикистан с Исламской Республикой Иран: 1991 – 2011 гг. [Текст]: дис. канд. ... ист. наук/ М.М. Малекиан. – Душанбе, 2012. – 174 с.

[377]. Мирбабаев, А. Дахмаки Курката и проблема зороастрийской идеологии в Северной Средней Азии [Текст]: автореф. дис... д-ра ист. наук / А. Мирбабаев. – Душанбе, 1994. – 45 с.

[378]. Муллоджонов, С.К. Влияние религиозного фактора на политическую и социально-экономическую жизн Хорасана и Мавераннахра (IX-XI вв.) [Текст]: дисс... д-ра истор. наук: 07.00.02 / Муллоджонов Сайфулло Кучакович. – Душанбе, 2015. – 353 с.

[379]. Муминов, А.К. Роль и место ханафитских улама в жизни городов Центрального Меваранхра (VIII-XIII вв.) [Текст]: автореф. дисс... д-ра истор. наук: 24.00.02 / Муминов Аширбек Курбанович. – Ташкент, 2003. – 46 с.

[380]. Муродов, Н.С. Освещение актуальных вопросов древней истории таджикского народа в трудах исследователей Таджикистана: вторая половина XX – начало XXI вв. [Текст]: дисс... кандидата исторических наук: 5.6.5; 5.6.1/ Муродов Назримат Сафарович. – Душанбе, 2022. – 175 с.

[381]. Пулатов, У.П. Чильхуджра: (К истории культуры Уструшаны) [Текст]: дис.. канд. ист. наук / У.П. Пулатов. – Душанбе, 1968. – 317 с.

[382]. Рахимов, С.Х. Философско-эстетические идеи зороастризма [Текст]: дисс... д-ра филос. наук: 09.00.03 / Рахимов Садулло Хайруллоевич. – Душанбе, 2007. – 320 с.

[383]. Ходжаев, М. Вкалад академика Н.Н. Негматова в изучение древний и средневековой истории таджикского народа [Текст]: дис. канд. ... ист. наук: 07.00.02 / М. Ходжаев. – Душанбе, 2017. – 182 с.

[384]. Ходжаева, Н.Дж. Динамика развития географических представлений о Центральной Азии в древней и раннесредневековой иранской традиции [Текст]: автореферат дис. ... д-ра ист. наук: 07.00.09 / Н.Дж. Ходжаева. – Душанбе, 2016. – 50 с.

[385]. Ходжаева, Н.Дж. Историческая география Центральной Азии по данным «Авесты» и пехлевийских источников Текст]: автореф. дис. канд. ... ист. наук: 07.00.09 / Н.Дж. Ходжаева. – Душанбе, 2000. – 22 с.

## V. МАҚОЛАҲО

[386]. Асрориён, Ҷ. Лашкардорӣ ва марзбонӣ дар аҳди Сосониён [Матн] // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҷойгоҳи Сосониён дар таърих ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ» бахшида ба 1800 - солагии таъсисёбии давлати Сосониён. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 26 апрели соли 2024. – С. 78-84.

[387]. Бартольд, В.В. Тахир ибн Хусейн [Текст]/ В.В. Бартольд //Сочинения. Том 6. – Москва, 1967. – С. 506-507.

[388]. Дандамаев, М.А. Ахаменидское государство и его значение в истории древнего Востока [Текст] // История Иранского государства и

культуры. К 2500-летию Иранского государства /А.М. Дандамаев. – М., 1971. – С. 94.

[389]. Дзаттиаты, Р.Г. Предметы Сасанидской глиптики из Сел Сба и Едыс [Текст] // Избранное. Археология, этнография, история Осетии. Сборник научных трудов – Владикавказ: СОИГСИ ВНЦ РАН, 2018. – С. 108-114.

[390]. Довудӣ, Д. Зардуштия ва ислом баъди истилои араб дар замони Сомониён [Матн] // Тамаддуни бостон ва фарҳанги замони Сомониён: маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: Маздоясно, 1999. – С.69-77.

[391]. Довуди, Д. Тайна Газималикского клада [Текст]. //Мероси ниёгон, 2001, №5. – С. 91.

[392]. Довуди, Д. Этапы развития зороастризма в качестве государственной религии [Текст] // Маводи конфронси байналмилалии Зороастризм и его значение в развитии цивилизации народов Ближнего и Среднего Востока. – Душанбе, 2003. – С.48-66.

[393]. Довутов, Д. Каким богам поклонялись кушанские цари? [Текст] // Мероси Ниёгон, 1995, №2. – С. 30-32.

[394]. Камол, Ҳ. Авомили ба сари ҳокимият омадани Сомониён дар Мовароуннаҳр ва Хуросон [Матн] /Камол Ҳамза //Муаррих (маҷаллаи илмӣ-назариявӣ). №3 (19). – Душанбе, 2019. – С. 10.

[395]. Камол, Ҳ. Ҳокимони Хуросон дар аҳди охирон шоҳони Сосонӣ ва замони Хулафои рошидин [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – №3/3 (170). – С.3-7.

[396]. Камол, Ҳ. Ҷуғрофиёи таърихии Хуросони Бузург [Матн] // Муаррих. Маҷаллаи илмӣ-назариявӣ. – Душанбе: Ганҷи хирад, 2022. – №4 (32). – С. 5-16.

[397]. Муллоҷонов, С. Таърихи Сиистон ва авзои сиёсиву мазҳабии асрҳои IX-XI милодӣ [Матн] / С. Муллоҷонов // Паёми ДМТ. – Нашри махсус. – Душанбе, 2010. – С. 197-201.

[398]. Муллоҷонов, С., Шарифова, М. Ҷунбиши шуубия ва худшиносии тоҷикон дар асрҳои миёна [Матн] / С. Муллоҷонов, М. Шарифова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – №3/7 (158). – С. 6-10.

[399]. Муминзода, Ҳ. Таърихи Сиистон ва авзои сиёсиву мазҳабии асрҳои IX-XI милодӣ [Матн] / С. Муллоҷонов // Паёми ДМТ. – Нашри махсус. – Душанбе, 2010. – С. 197-201.

[400]. Муродов, Н.С. Зарурати омӯзиши таърихи аҳди бостони халқи тоҷик дар даврони соҳибистиқлолӣ [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои таъриху бостоншиносӣ, фалсафа ва педагогика. – Душанбе, 2019. №4. – С. 54-60.

[401]. Муродов, Н.С. Такомули санъати тасвирӣ ва меъмории аҷдоди тоҷикон дар замони Кушониён [Матн] // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Осиёи Марказӣ (30-юми октябри соли 2018)». – Душанбе: Матбаии ДМТ, 2018. – С. 128-133.

[402]. Назаров, Ҳ., Амиршоҳӣ, Н. Нақши тоҷикон (эрониён) дар таърихи ҷаҳон [Матн]. Маҷаллаи «Фарҳанг», №3-4, 2003. – С. 9.

[403]. Нодирпур, Н. Эрониён: яккасаворони дугонагӣ [Матн] / Н. Нодирпур. Ҳафтавораи «Омӯзгор», 5 марти соли 1998.

[404]. Пирумшо, Ҳ. Таърихнигории давлати Тоҳириён [Матн]: Тоҳириён ва истиқлоли Хуросони бузург. – Душанбе: Ганҷи хирад, 2022. – С. 17-30.

[405]. Расулиён, К. Взгляд на историю доисломского верования таджиков [Текст] // Вестник ТНУ. – 2016. –№3/3(202). – С. 30-33.

[406]. Расулиён, Қ. Адёни бостонии тоҷик [Матн] // Рӯдакӣ. – 2008. – №19. – С.23.

[407]. Расулиён, Қ. Ду ҳазор соли таърихнигории тоҷикон (эрониён) [Матн] / Қ. Расулиён // Осори мунтахаб. – Душанбе: Дақиқӣ, 2014. – Ҷ.1. – С.83-162.

[408]. Расулиён, Қ. Инъикоси ваҳдати ориёиҳои қадим дар осори таърихии Эмомалӣ Раҳмон [Матн] //Осори мунтахаб. Ҷилди 2. – Душанбе, 2017. – С. 399-402.

[409]. Расулиён, Қ.Р., Умаров, А.Қ. Сабабҳои шикасти Сосониён аз ҷониби арабҳо [Матн] // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҷойгоҳи Сосониён дар таърих ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ» бахшида ба 1800 - солагии таъсисёбии давлати Сосониён. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 26 апрели соли 2024. – С. 28-33.

[410]. Расулиён, Қ. Тӯронзамин куҷост ва тӯрониён кистанд? [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе, 2015. № 3 (10) 186. – С. 3-8.

[411]. Расулиён, Қ. Ҳаракати шуубия ва ҳадафҳои он [Матн] // Осори мунтахаб. Ҷилди IV /Қ. Расулиён. – Душанбе: «Нашри мубориз», 2022. – С. 319-320.

[412]. Саидов, А. Абдуллоҳ ибни Тоҳир ҳокими муқтадири давлати Тоҳириён [Матн]: Тоҳириён ва истиқлоли Хуросони бузург. – Душанбе: Ганҷи хирад, 2022. – С. 43-54.

[413]. Сафаров, Н. Қаламрави давлати Тоҳириён аз замони Тоҳир ибни Ҳусайн то поёни ҳукумати Абдуллоҳ ибни Тоҳир [Матн]: Тоҳириён ва истиқлоли Хуросони бузург. – Душанбе: Ганҷи хирад, 2022. – С. 154-164.

[414]. Симс-Вильямс, Н. Новые бактрийские документы [Текст] // ВДИ, 1997, №3. – С. 3-10.

[415]. Убайдулло, Н. Консепсияи таърихии халқи тоҷик дар асарҳои Пешвои миллат [Матн] // Мероси ниёгон, 2019. №21. – С. 12-17.

[416]. Ходжаева, Н.Дж. Авестийская «Арианам-Вайджа» по данным Видевдата и Михр-яшта (к вопросу локализации) [Текст] // Вестник ТНУ. Серия гуманитарных наук. – 2009. – №6 (54). – С. 30-37.

[417]. Ходжаева, Н.Дж. Памир в географических представлениях древних иранцев [Текст] // Вопросы Помироведения. – 2013. – №1. – С. 188-212.

[418]. Шарифов, Р.Я. Нигоҳе ба таърихи марказҳои омӯзишӣ дар Ориёно аз оғоз то асри VI мелодӣ [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2014. –№3/8(150). – С. 26-30.

[419]. Шарифов, Р.Я. Сасаниды-наследники Ахеменидов (сравнительный анализ) [Текст] // Материалы международной научно-теоретической конференции по теме «Место Сасанидов в мировой истории и цивилизации», посвященное 1800-летию со дня основания государства Сасанидов. – Душанбе: ТГПУ имени С. Айни, 26 апреля 2024 г.

[420]. Шарифов, Р.Я., Инъикоси вижагиҳои муносиботи дуҷонибаи Парфия бо Рум дар осори Эмомалӣ Раҳмон [Матн] // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои таъриху бостоншиносӣ, фалсафа ва педагогика. – Душанбе: Сино, 2019. – №8. – С. 21-26.

[421]. Шарифов, Р.Я., Шарипов, Ҷ.С. Инъикоси омӯзиши тамаддуни ҳиндуориёиҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон [Матн] // Паёми ДМТ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе: Сино, 2018. – №7. – С. 77-81.

[422]. Шарифов, Р.Я., Шарипов, Ҷ.С. Таҳлил ва омӯзиши масъалаи давлатдории Модҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон [Матн] // Паёми ДМТ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе: Сино, 2019. – №5. – С. 24-29.

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Монографияҳо:

[1-М]. Шарипов, Ҷ.С. Саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар омӯзиши таърихи тамаддун ва давлатдории ориёиҳо [Матн] /Ҷ.С. Шарипов. – Душанбе, 2020. – 224 с.

[2-М]. Шарипов, Дж.С. Освещение древней истории таджикского народа в трудах Эмомали Рахмона. – Душанбе: ТНУ, 2022. – 228 с.

### II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[3-М]. Шарипов, Ҷ.С. Саҳми Пешвои миллат дар омӯзиши таъриху тамаддуни ориёӣ [Матн] /Ҷ.С. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – № 4. – С. 56-61.

[4-М]. Шарипов, Ҷ.С. Инъикоси таҳқиқи масоили ҳиндуаврупоиҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон [Матн] /Ҷ.С. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – № 5. – С. 108-113.

[5-М]. Шарипов, Ҷ.С. Масъалаи омӯзиши таъриху тамаддуни ориёиҳои Осиёи Марказӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон [Матн] /Ҷ.С. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – № 6. – С. 71-76.

[6-М]. Шарифов, Р.Я., Шарипов, Ҷ.С. Инъикоси омӯзиши тамаддуни ҳиндуориёиҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон / Р.Я. Шарифов, Ҷ.С. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – № 7. – С. 77-81.

[7-М]. Шарипов, Ҷ.С. Инъикоси дараҷаи таҳқиқи забони мардуми ориёӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон [Матн] /Ҷ.С. Шарипов // Паёми Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2019. – № 2. – С. 61-65.

[8-М]. Шарипов, Ҷ.С. Масъалаи омӯзиши нахустдавлатҳои ориёӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / Ҷ.С. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2019. – № 3. – С. 24-29.

[9-М]. Шарифов, Р.Я., Шарипов, Ҷ.С. Таҳлил ва омӯзиши масъалаи давлатдории Модҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / Р.Я. Шарифов, Ҷ.С. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2019. – № 5. Қисми 2. – С. 11-17.

[10-М]. Шарипов, Ҷ.С. Масоили мубрами давлатдории Кушониён ва ҷойгоҳи он дар таърихи тоҷикон аз нигоҳи Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / Ҷ.С. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2020. – № 6. – С. 32-36.

[11-М]. Шарипов, Ҷ.С., Муродов, Н.С. Вижагии муборизаи истиқлолхоҳонаи аҷдоди тоҷикон ба муқобили истилогарони юнону мақдунӣ [Матн] / Ҷ.С. Шарипов, Н.С. Муродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2022. – № 12. – С. 117-124.

[12-М]. Шарипов, Ҷ.С., Солеҳҷони, М. Саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва рушди фаъолияти Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон - «Пайванд» [Текст] / Ҷ.С. Шарипов, М. Солеҳҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2023. – № 1. – С. 37-44.

[13-М]. Шарипов, Ҷ.С. Масъалаи баромади этникии Ҳайтолиён [Матн] / Ҷ.С. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2023. – № 11. – С. 123-130.

[14-М]. Шарипов, Ҷ.С. Махсусияти низоми идории Шоҳаншоҳии Сосониён дар осори Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / Ҷ.С. Шарипов // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2023. – № 12. Қисми 1. – С. 87-94.

[15-М]. Шарипов, Ҷ.С. Паёмадҳои сиёсати забткоронаи арабҳо барои забон ва фарҳанги тоҷикон аз нигоҳи Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / Ҷ.С. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2024. – № 1. – С. 37-44.

[16-М]. Шарипов, Ҷ.С. Махсусияти забони тоҷикӣ дар аҳди Сомониён аз нигоҳи Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / Ҷ.С. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2024. – № 3. – С. 41-47.

[17-М]. Шарипов, Ҷ.С. Нуфузи оини меҳрпарастӣ дар Аврупои бостон [Матн] / Ҷ.С. Шарипов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе: Рӯдакӣ, 121, 2024. – № 3. – С. 214-218.

[18-М]. Шарифов, Р.Я., Шарипов, Ҷ.С. Хусусияти сиёсати забткоронаи хилофати араб дар сарзамини Мовароуннаҳр [Матн] /Р.Я. Шарифов, Ҷ.С. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2024. – № 6. Қисми 2. – С. 151-157.

[19-М]. Шарифов, Р.Я., Шарипов, Ҷ.С. Махсусияти оини меҳрпарастӣ дар пажуҳиши муҳаққиқон [Матн] /Р.Я. Шарифов, Ҷ.С. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2024. – № 9. – С. 63-69.

[20-М]. Шарипов, Ҷ.С. Ҷунбиши шуубия ва махсусияти маърифату ҷаҳоншиносии тоҷикон [Матн] / Ҷ.С. Шарипов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе: Рӯдакӣ, 121, 2025. – № 1. – С. 268-272.

[21-М]. Шарипов, Ҷ.С. Бозтоби корномаи Яъқуб ибни Лайс дар осори Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / Ҷ.С. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2025. – № 1. – С. 87-92.

**III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои дигар чоп шудаанд:**

[22-М]. Шарипов, Ҷ.С. Инъикоси анъанаҳои мардумӣ-фарҳангии аҳди Ҳахоманишиҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон [Матн] /Ҷ.С. Шарипов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ доир ба «Эҳёи анъанаҳои мардумӣ» (30 окт. 2018) / Дар зери таҳрири д.и.т. Б. Қурбонов, к.и.н. Ю. Шодипур и И. Бозорзода. – Душанбе: Типог. ДМТ, 2018. – С. 27-35.

[23-М]. Шарипов, Ҷ.С. Инъикоси таърихи тамаддуни тоҷикон дар осори Пешвои миллат [Матн] /Ҷ.С. Шарипов // Маорифи Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ, маърифатӣ ва таълимию методии Вазорати маориф ва илми ҶТ). – Душанбе, 2018. – №3. – С. 11-13.

[24-М]. Шарипов, Ҷ.С. Саҳми Пешвои миллат дар омӯзиши таъриху тамаддуни халқи тоҷик [Матн] /Ҷ.С. Шарипов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, 2018. – С. 307.

[25-М]. Шарипов, Ҷ.С. Инъикоси шахсияти Садриддин Айнӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон [Матн] /Ҷ.С. Шарипов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар эҳёи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик». – Душанбе, 2018. – С. 197-203.

[26-М]. Шарипов, Ҷ.С. Эмомалӣ Раҳмон: Бобоҷон Ғафуров поягузори таърихи миллат [Матн] /Ҷ.С. Шарипов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Саҳми Бобоҷон Ғафуров дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик» (11-октябри соли 2019). – Душанбе, 2019. – С. 14-19.

[27-М]. Шарипов, Ҷ.С. Вижагиҳои таърихии забони тоҷикӣ [Матн] /Ҷ.С. Шарипов // «Ба қуллаҳои дониш (Нашрияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон). – Душанбе, 2019. – №19. – С. 8.

[28-М]. Шарипов, Ҷ.С. Нақши Пешвои миллат дар омӯзиш ва инъикоси таърихи тамаддун ва давлатдории ориёиҳо [Матн] /Ҷ.С. Шарипов //

«Моҳтоб» (Маҷаллаи оммавӣ-фарҳангии Вазорати фарҳанги ҶТ). – Душанбе, 2021. – С. 11-12.

[29-М]. Шарипов, Ҷ.С. Бозтоби низоми идории шоҳаншоҳии Сосониён дар осори Эмомалӣ Раҳмон [Матн] /Ҷ.С. Шарипов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҷойгоҳи Сосониён дар таърих ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ» бахшида ба 1800 - солагии таъсисёбии давлати Сосониён. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 26 апрели соли 2024. – С. 139-145.

[30-М]. Шарифзода, Ҷ.С. Пешвои миллат ва бунёди давлати мутамаддин [Матн] /Ҷ.С. Шарифзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Аҳаммияти байналмилалии пешниҳоди Пешвои миллат роҷеъ ба «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда». – Душанбе: ДМТ, 6 марти соли 2025. – С. 83-90.